БОБОМУРОДОВ Ш., МУХТОРОВ З.

ФАРҲАНГИ ИСТИЛОҲОТИ ЗАБОНШИНОСӢ

ДУШАНБЕ – 2016

УДК: 811.21/22(03)
ББК: 81
Б – 72
М – 92

Бобомуродов Ш., Мухторов З. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ. – Душанбе, 2016. - 428 с.

Мухаррир: доктори илмҳои филология, профессор Сабзаев С.
Муқарризон:
Камолиддинов Б. - доктори илмҳои филология, профессор
Хоҷаев Давлатбек – доктори илмҳои филология, профессор
Қосимов О.Ҳ. - доктори илмҳои филология

Фарҳанги мазкур аз аввалин манобеи нисбатан мукаммали истилоҳоти забоншиносии тоҷик буда, вожагони соҳавии муҳими забоншиносиро фаро мегирад, ки аз нигоҳи баромад ва ифодаи мафҳумҳои забоншиносӣ ба даврони гуногуни таърихӣ мансубанд. Ҳар як истилоҳи овардашуда бо назардошти мазмун ва хусусиятҳои корбурдиаш дар забоншиносии муосир ва бо такя ба манобеи илмиву амалӣ мавриди тавзеҳу тафсир қарор гирифтааст. Фарҳанги мазкур барои олимони риштаи забоншиносиву адабиётшиносӣ, омӯзгорон ва донишомӯзону ҳаводорони илми забон ва доираи васеи хонандагон пешбинӣ мешавад.

Бо қарори Шӯрои илмию методии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 14.03.2016 (№3) ба нашр тавсия шудааст.

ISBN 978-99947-845-1-6

© Бобомуродов Ш., Мухторов З.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Истилоҳоти забоншиносӣ дар даврони муосир

Дар даҳсолаҳои охир дар баробари густариши мактабҳои гуногуни забоншиносӣ, ташаккул ва таҳаввули риштаҳои нави илми забон теъдоди истилоҳоти илмии риштаҳои гуногуни забоншиносӣ бо шаклу мазмуни басо гуногун ба маротиб афзуд. Ҳамакнун мавридҳои гуногуни истифодаи ин гурӯҳи истилоҳот тавзеҳу тафсири онҳо дар сарчашмаҳои гуногун муаммоҳои зиёдеро пеш оварад. Баробари ин ҳама теъдоди луғатҳову замимаҳо доир ба истилоҳоти илми забоншиносӣ ва ҳамчунин истилоҳоти дигари илмӣ, ки гоҳо ғайриихтиёр баъзе истилоҳоти забоншиносиро фаро мегиранд ва ё ба ин гурӯҳи истилоҳоти илмӣ ишора мекунанд, бештар гардидааст. Албатта рушди рӯзафзуни илми забоншиносӣ ва ташаккули самтҳои муштараки илмӣ дар миёни илми забоншиносӣ ва улуми дигар низ ба он мусоидат менамояд, ки истилоҳоти илмӣ низ дар ин самтҳо ҳамарӯза дар ҳолати рушду таҳаввул бошад. Далели ин дар солҳои охир ба миён омадану инкишофу бесобиқа доштани риштаҳои муштараки илмии назири лингвофолклористика, лингвистикаи компютерӣ, лингвокултурология, этнолингвистика, юрислигнвистика, лингвистикаи корпускалӣ, барномарезии нейролингвистӣ мебошад.

Мавриди зикр аст, ки ҳанӯз дар забоншиносии тоҷик як луғати комилу ягонаи истилоҳоти забоншиносӣ, ки битавонад тамоми истилоҳу вожаҳои соҳавии ин илмро фаро гирифта тавзеҳу тафсири зарурии онро ба таври бояду шояд пешниҳод созад, интишор нагардидааст. Нашри чунин манбаи муҳими илмӣ барои илми забоншиносии тоҷик аз вазифаҳои муҳим ва басо арзишманд дар илми муосири забоншиносии тоҷик ба шумор хоҳад рафт. Равшан аст, ки дар мубоҳисоту гузоришоти илмии забоншиносӣ то ҳанӯз мушкилоти истилоҳот ва мавридҳо гуногуни истифодаи онҳо зиёд ба мушоҳида мегардад. Чунин тарзи корбурди истилоҳоти илмӣ метавонад дар оянда боиси нобасомониҳои зиёд, духӯрагии маъно, мубоҳисоти берун аз моҳияти илмӣ ва заҳматҳои бесамар гардад.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Бинобар ин таҳияи як луғати комил ва ё номгӯи муфассали истилоҳоти илмӣ дар забоншиносии тоҷик зарурати замон, тақозои густариши илм ва равандҳои навин аст. Албатта, таҳияи чунин луғат аз вазифаҳои андаку саҳл набуда, он басо муносибати ҷиддӣ, дақиққорӣ ва азхудгузаштанҳо меҳнати зеҳнфишор ва масъулияти баландро тақозо менамояд. Ҷиҳати дигари муҳими масъалаи мазкур он аст, ки маҷмӯи истилоҳоти илми забоншиносӣ на аз он мафҳумҳо, ашёҳои воқеӣ ва раванду ҳодисоти гуногун аст, ки тавассути забон шарҳу тавзеҳ меёбанд, балки ин гурӯҳи истилоҳот дар бораи ҳодисаҳо ва воҳидҳои гуногуни забон буда, дар маҷмӯъ як тарҳи умумии илми забонро мисоли як шабаҳ ва акси забон (метазабон) нишон медиҳанд ва назири як забоне дар бораи худи забонанд. Яъне ба таври дигар гуфтан мумкин аст, ки ин намуди «метазабон» дар навбати худ забони дараҷаи забарзабонӣ аст ва онро чун як низоми семиологии инъикоси объективии забон метавон шуморид. Бинобар ин, забони воқеӣ тавассути акси забон ва ё худ метазабон омӯхта мешавад, ки дар ин бора муҳаққиқони варзидаи риштаи забоншиносӣ ба монанди А.И. Смирнитский, В.В. Иванов, О.С. Ахманова ва чанде дигарон андешаҳои ҷолиби диққат доранд.[1] Солҳои минбаъда чи дар забоншиносии чаҳон, чи дар забоншиносии собиқ шӯравиву тоҷик дар ин самт корҳои муайяне анҷом дода шудааст, вале то ба имрӯз ҳамоно тарҳи комилу пурраи метазабон дар шакли феҳристи истилоҳоти илми забоншиносӣ ва луғоти соҳавӣ матраҳ нест. Дар баробари ин ҳама илм дар бораи забони инсон агар инъикоси забони воқеӣ бошад, пас вожашиносӣ ва луғатнигорӣ дараҷаи дуввуми инъикоси забон буда, дар илми муосир бо унвони металингвистика муаррифӣ мешавад, ки онро ҳамчун «илм дар бораи илми забоншиносӣ» донистан мумкин аст.

Предмети омӯзиши илми металингвистика мафҳумҳои мансуб ба илми забоншиносӣ мебошад, ки тавассути онҳо забони воқеии инсон, тафсиру тавзеҳи он омӯхта мешавад. Зикр кардан бамаврид аст, ки

[1] Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов. – М.: Советская энциклопедия, 1966. С. 3 – 8; Иванов В.В. О построении информационного языка для текстов по дескриптивной лингвистике //Доклады на конференции по обработке информации, машинному переводу и автоматическому чтению текста. Вып. 7. – М., 1961. – С. 65 – 74.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

металингвистика на танҳо истилоҳоти илмии забоншиносиро меомӯзад, балки он масъалаҳои фарохтареро дар бар гирифта, маъмулан, тамоми мафҳумҳо, услубиёти илмӣ ва масъалаҳои дигари назарии илми забоншиносиро низ инъикос намуда, дар баробари ин фарзия ва хулосаҳои истидлолии мушаххасро доир ба масъалаҳои баҳси худ баён менамояд. Дар мавриди металингвистика, ки қисмати асосии онро таҳия, таҳқиқ ва тафсиру тавзеҳи истилоҳоти илми забоншиносӣ ташкил медиҳад, метавон ба таври ҷудогона ҳарф зад, зеро дарҳақиқат ин риштаи илми забоншиносӣ яке аз бахшҳои муҳиму айнизамонӣ буда он тафсилоти бештару мушаххастареро тақозо менамояд. Ҳоло мо кӯшиш мекунем, ки назари худро доир ба истилоҳоти илми забоншиносӣ баён намоем. Истилоҳот маъмулан як низоми мафҳумҳои марбут ба илми ҷудогона аст, ки мафҳумҳои мушаххасро бо тафсилоту тавзеҳоти махсус ифода менамояд ва хусусиятҳои корбурди онҳоро дақиқан нишон медиҳад.

Аз нигоҳи илмӣ метавон муътақид буд, ки истилоҳ худ дар марҳилаи ниҳоии пажӯҳиш ташаккул меёбад ва барои ифодаи мафҳуми нави илмӣ дар кори таҳқиқии минбаъда роиҷ мегардад. Аз ин нигоҳ ташаккулу таҳаввули истилоҳ дар ҳар як соҳаи илм як далолате ба пешрафти он соҳа, ба кӯшиш ва кушоишҳои нави илмӣ ишорат мекунад, зеро чун кушоиш ҳамоно номи он навоварӣ ва номи он мафҳуми нави илмӣ тавассути истилоҳи муайяне ифода мегардад. Аммо ҳолатҳое низ мешавад, ки муҳаққиқ бо маҷмӯи истилоҳоте кори илмии худро пеш мебарад, ки дар бораи баъзе аз ин истилоҳот ба таври зарурӣ иттилоот надорад ва дар масъалаи ҷудогона доир ба ин ё он истилоҳи корбурдааш ихтилофу мавҳумоте дида мешавад. Ин тарзи корбурди истилоҳоти илмӣ маъмул аст ва яқин аст, ки бештари муҳаққиқон ҳангоми пажӯҳишҳои минбаъда харҷи бештару беҳтар ба низоми истилоҳоти илмӣ балад мешаванд ва гоҳо метавонанд, ки ба пахлӯҳои гуногуни номакшуфи истилоҳоти муайян рӯшанӣ андозанд ва мазмуну мундариҷаи он мафҳумро низ такмил диханд. Маҳз дар ҳамин маворид истифодаи луғатҳои истилоҳоти илмӣ барои пажӯҳишгар басо муҳиму зарурӣ буда, як заминаи асосии

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

комёбиҳои илмӣ хоҳанд шуд. Бо ҳамин роҳ низоми истилоҳоти илмӣ дар ҳар самт барои рушд ва густариши худ мусоидат менамояд ва муҳаққиқон бо истифода аз низоми истилоҳоти илмӣ онро боз ҳам такмил ва пурра мекунанд, ки чунин тарзи кор бо низоми истилоҳоти илмӣ барои рушди соҳаи муайяни илм бештару беҳтар мусоидат хоҳад кард.

Аз нимаи дуюми садаи бистум дар илми забоншиносӣ истилоҳу мафҳумҳои таксономияи лингвистӣ ва метатаксономияи лингвистӣ роиҷ гардид, ки тибқи он таснифоти муайяни низоми забон чи дар сатҳи лингвистика ва чи дар сатҳи металингвистика, аз ҷумла дар низоми истилохоти илмӣ ба назар гирифта мешавад. Бинобар ин таҳия ва тафсиру тавзеҳоти истилоҳоти илмӣ низ дар илми забоншиносӣ бояд тибқи таксономияи (таснифот, зинабандӣ) махсус ба роҳ монда шавад. Чунон ки луғатшинос ва забоншиносӣ маъруфи собиқ шӯравӣ О.С. Ахманова қайд мекунад, дар бораи чунин таснифоти истилоҳоти илмии забоншиносӣ дар анҷумани 9-уми ҷаҳонии забоншиносон андешаҳои ҷолиб ва арзишманд баён гардида буд.[2] Чунин тарзи пешбурди кор барои пажӯҳишгарони илми забоншиносӣ кори таҳқиқу омӯзишро боз ҳам мураттабу муназзам хоҳад кард ва барои онҳо имконоти беҳтар азхуд намудану истифода кардани забони илмӣ ва ё худ метазабонро фароҳам меорад. Барои беҳтару комилтар намудани низоми истилоҳоти забоншиносӣ мутахассисони соҳа дар мавридҳои ҷудогона истилоҳоти муайянро аз соҳаҳои дигар аз қабили риёзиёт, физика ва мисоли ин иқтибос намуда, ба низоми истилоҳоти илмии забоншиносӣ мутобиқ менамоянд. Ин, албатта як раванди воқеии даврони муосир аст, ки махсусан илми забоншиносӣ дар ҳамбастагӣ бо улуми иҷтимоӣ ва дақиқ ба риштаҳо ва самтҳои нави илм заминаҳои устувор гузошта истодааст. Масъалаи дигар ин аст, ки ҳамакнун баъзе аз ин гурӯҳи истилоҳот хусусияти байнисоҳавӣ касб карда бошанд ҳам, ба таври басо мувофиқ мафҳумҳо ва равандҳои ҷудогонаи илмиро хеле хуб инъикос намудаанд. Масъалаи дигари муҳим ифодаи онҳо дар луғатҳо ва фарҳангҳои истилоҳоти соҳавӣ аст, ки ин имкони

[2] Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов. – М.: Советская энциклопедия, 1966. С. 7.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

истифодаи дурусти ин гурӯҳи истилоҳотро беҳтар менамояд. Дар ин миён, ба назар равшан менамояд аст, ки нақши луғатҳои истилоҳоти илмӣ ва махсусан тавзеҳу ташреҳи дурусти илмии онҳо аз вазифаҳои муҳиму саривақтии мутахассисони соҳа ба шумор меравад. Илова бар ин таснифоти самт ба самти истилохот тибқи низоми метатаксономия ва бо нишон додани робитахои маъноиву мантиқӣ ва системавию корбурдии истилоҳоти илмӣ сифати корро боз ҳам болотар мебарад ва барои рушди ҳам илми забоншиносӣ ва ҳам низоми истилохот мусоидат менамояд.

Дар забоншиносии тоҷик нахустин «Луғати терминҳои забоншиносӣ» ба қалами шодравон Худойдод Ҳусейнов ва Кимиё Шукурова тааллуқ дошта, соли 1983 дар нашриёти «Маориф» чоп шудааст. Ҳамон тавре ки мураттибон нигоштаанд, «ин таҷрибаи аввалин буд». Аз замони таълифи ин луғат 30 сол сипарӣ шуд. Дар ин муддат забоншиносии тоҷик бо асарҳои тозанашр, тадқиқотҳои монографии масоили гуногуни забоншиносӣ, аз ҷумла вожашиносӣ, овошиносӣ, морфология, синтаксис, услубшиносӣ, таърихи забони адабии тоҷик пурғановат шуд. Дар шӯроҳои илмии муассисаҳои олии илмиву таълимии кишвар, дар кафедраҳои гуногуни мактабҳои олӣ шумори зиёди рисолаҳои номзадию докторӣ оид ба масъалаҳои гуногуни забони адабии муосири тоҷикӣ ва шеваю лаҳҷаҳои он, таърихи забони тоҷикӣ бо фарогири масоили овошиносӣ, вожашиносӣ, морфология, синтаксис, таърихи забон, услубшиносӣ аз ҷониби забоншиносони тоҷик ва эроншиносони хориҷӣ дифоъ гардида, маҳсули онҳо дар шакли монографияҳо ва китобҳои дарсию дастурҳои таълимӣ ба табъ расиданд.

Дар «Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ» истилоҳҳое, ки серистеъмол буда, зарурату шарҳу тафсири онҳо бештар эҳсос карда мешавад, тафсир ёфтаанд. Ҳамон тавре ки зикр намудем, бештарини истилоҳҳои забоншиносӣ истилоҳҳое мебошанд, ки дар китобҳои дарсии мактабҳои миёнаю олӣ ва асарҳои илмӣ (монографияҳои ҷудогона), маҷмӯаи мақолаҳо ва матбуоти даврӣ (дар рӯзномаю маҷаллаҳо) истифода шудаанд. Теъдоди муайяни истилоҳоти забоншиносӣ марбут

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

забоншиносии умумӣ буда, масъалаҳои гуногун: равияҳо, мактабҳо, ҷараёнҳо ва усулҳои забоншиносии муосирро инъикос намудаанд.

Ҳамаи истилоҳҳо дар фарҳанг мувофиқи тартиби алифбои имрӯза оварда шудаанд. Истилоҳҳое, ки аз истилоҳи асосӣ дар қолаби ибора сохта шудаанд, дар қиёси истилоҳ маънои маҳдуду мушаххасро ифода мекунанд, зери истилоҳи асосӣ дода мешаванд.

Табиист, ки барои аз нав тартиб додани барномаҳои таълимии макотиби миёнаю олӣ ва китобҳои дарсии устувору бардавом, инчунин дар мавриди муайян ва муқаррар намудани худи истилоҳ ё маънои истилоҳҳои ҷудогонаи забоншиносӣ, инчунин дар бобати амиқтару дақиқтар кушодани моҳияти масъалаҳои таълимӣ муҳаққиқон ва омӯзгорон ба мушкилиҳои зиёде дучор меоянд. Бар замми ин, барои дарёфти маълумоти саҳеҳи илмию таълимӣ роҷеъ ба ҳар як масъалаи забоншиносӣ ҳам муаллимони мактабҳои миёнаву олӣ ва ҳам кормандони институтҳои тадқиқотӣ маҷбур мешаванд, ки ба соҳаҳои ҷудогонаи илми забоншиносӣ, аз ҷумла савтиёт (овошиносӣ), вожашиносӣ, морфологияву синтаксис, имлою орфоэпия, калимасозӣ, услубшиносӣ, таърихи забони адабӣ, шевашиносӣ, луғатшиносӣ ва забоншиносии умумӣ ба чандин сарчашмаҳою маъхазҳо муроҷиат кунанд.

Таркиби фарҳанг

Дар ин фарҳанг ҳамаи истилоҳҳои забоншиносӣ мувофиқи тартиби алифбо тафсиру шарҳ дода шудаанд. Истилоҳҳое, ки аз истилоҳҳои асосӣ дар қолаби ибора сохта шуда, назар ба истилоҳи асосӣ маънои маҳдудро ифода мекунанд, зери истилоҳи асосӣ оварда мешаванд: «**Луғат**… Луғатҳои энсиклопедӣ, луғатҳои филологӣ, луғати тафсирӣ, луғати тарҷумавӣ, луғатҳои этимологӣ, луғати шева, луғати осори адибон, луғати калимасозӣ, луғати имло, луғати орфоэпӣ, луғати паронимҳо, луғати омонимҳо, луғати антонимҳо, луғати синонимҳо, луғатҳои соҳавӣ, луғати чаппа, луғати калимаҳои ихтисоршуда, луғати басомад (чандомад), луғати дузабона, луғати калимаҳои хориҷӣ».

Тарзи тафсир дар фарҳанг

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Агар истилоҳҳо аз ҷиҳати баромад ба яке аз забонҳои хориҷӣ мансуб бошад, дар кавсайн бо ҳуруфоти хоси он забон (бештар бо ҳуруфоти забони лотинӣ) навишта шуда, маънои истилоҳ ба забони тоҷикӣ ифода карда мешавад ва тафсир берун аз қафс бо мисолҳо дарҷ меёбад: лаконизм (юн. lakonizmos) маҳорати мухтасар баён карда тавонистани фикр, (ғоя, амал); рехтагӯӣ, мӯҷазбаёнӣ.

Моддаи асосии луғат, ки мавриди тавзеҳ ва тафсир қарор мегирад дар авали матн дар шакли серранг оварда мешавад ва баъдан тавзеҳу тафсири он ҷой дода мешавад. Чунончи: **Алоқаи бепешоянд**. Алоқаи луғавию наҳвии байни калимаҳо, ки бе пешоянд ифода меёбад: хона рафтан – ба хона рафтан.

Ҳангоми тавзеҳи истилоҳоти ҷудогона калимаҳое, ки чун далел ва ё мисоли собиткунанда бошанд дар мавридҳои ҷудогона вобаста ба контекст дар қавсайн, серранг ва ё дар зерашон хат кашида мешавад. Чунончи: **Аъзоҳои морфологии ҷумла -** аъзоҳои ҷумла, ки бо ин ё он ҳиссаи нутқ ифода ёфтаанд: 1. **Мубтадои морфологӣ**.

Мисолҳо мавриди муқоиса ба таври зайл тавзеҳ меёбанд: дар қавсайн ихтисораи ифодаи «муқоиса кунед» дар шакли «муқ.:» ва баъдан маводи мавриди муқоиса оварда мешавад. Чунончи: «Дуои ин кас ҳеҷ мустаҷоб намешавад (муқ.: Хоҳиши ин кас ҳеҷ амалӣ намегардад)».

Истинод ба манбаъ ва ё моддаи дигар дар ду шакл, дар қавсайн бо ихтисораи калимаи «нигаред» дар шакли «ниг.:» ва баъдан номи мода ва ё сарчашма оварда мешавад. Чунончи: 1. Дар дохили матн: «Дар заминаи аломатҳои хоси морфологӣ забонҳои агглютинативиро ҷудо мекунанд. (ниг.: **забонҳои агглютинативӣ**)». 2. Доир ба моддаи луғат: «**Акустика.** Ниг.: **ҷиҳати акустикии воҳидҳои фонетика».**

Номҳои адибони муосир дар шакли ихтисора бо ифодаи сарҳарфи ному насаб дар қавсайн оварда шуда, ному насаб ва ё тахаллуси адибони аҳди классикӣ ба таври пурра оварда мешавад. Рӯихати ихтисораҳо дар саҳифаи охири луғати мазкур дода шудааст.

Муаллифон ба ҳамаи онҳое, ки қайду эродҳои худро барои сифатан беҳтар шудани фарҳанг фиристодаанд ва махсусан, ба устодони кафедраҳои забони адабии муосири тоҷик, таърихи забон ва типология, услубшиносӣ ва таҳрири адабии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ба кормандони Институти забон ва адабиёт, мероси хаттии ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори сипос менамоянд.

Зикри ин нукта муҳим аст, ки таҳияи чунин фарҳанги соҳавӣ маъмулан саҳму талоши ҳамагониву ҳамдастиро тақозо менамояд. Ҳамакнун матни нашрии фарҳанги мазкур аз норасоӣ ва нақсу камбуд шояд орӣ набошад ва аз ин лиҳоз ҳар гуна таъкиду интиқод аз тарафи мутахассисону ҳаводорон ва донишмандону ихлосмандон барои беҳтар намудани нашрҳои миинбаъдаи вожанома бо дилу дида қабул хоҳад шуд.

Суроға барои мукотибот: mukhtorov67@gmail.com

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

А

Аббревиатура – ихтисораҳо (аз итал. Abbreviatura, аз лотинии abbrevio – ихтисор – кӯтоҳ мекунам) – исмҳое, ки аз калимаҳои кӯтоҳу ихтисоршуда, ибораю калимаҳои мураккаб сохта шудаанд. Ташаккули ихтисораҳо ҳамчун тарзи махсуси калимасозӣ як навъи зуҳуроти кӯтоҳбаёнию сарфаҷӯиянд. Исмҳое, ки бо роҳи ихтисору кӯтоҳ кардани калимаҳо дар забони тоҷикӣ сохта шудаанд, баъд аз Инқилоби Октябр бо таъсири забони русӣ ба вуҷуд омадаанд. Чунин исмҳо бо роҳҳои зерин сохта шудаанд: 1. Ҳарфҳои аввали ибораҳои калимаҳои кӯтоҳшуда: а) КМ, ҶТ, ВАБК, ҶИД, ДМТ. 2. Аз ҳиҷои аввали калимаҳои ибораҳо ихтисораҳо пайдо шудаанд: Нашрдавтоҷ. Калимаҳои русии бо ин роҳ сохташуда дар забони тоҷикӣ ҳамчун калимаҳои рехта иқтибос шудаанд: колхоз, совхоз. 3. Ҳиҷои калимаи аввал ва калимаи дуюми ибора ба он пайваст шудааст: Комиҷроия. Чунин тарзи калимасозӣ дар таҳияю таълифи осори илмию дастуру китобҳои дарсӣ ва махсусан дар луғатҳои гуногуни филологию қомуснигорӣ (энсиклопедӣ) зиёд истифода мешаванд. Бештар ному насаби аҳли илму адаб ихтисор мешаванд: Садриддин Айнӣ – С.А., Файзулло Ансорӣ – Ф.А., Абулқосим Лоҳутӣ, А.Л., Сотим Улуғзода – С.У. Ихтисори ному насаби адибону шоирони классик (А.Фирдавсӣ, А.Ҷомӣ) он қадар роиҷ ва раво нест.

Абзатс (сарсатр) аз забони олмонии Abzatz аз феъли absetzen – тела додан, ақиб кашидан, канор гирифтан. 1. Фосилаи ҷониби рости авали сарсатр. 2. Як қисми матни чопӣ, ки аз як сарсатр то сарсатри дигар маъмулан чанд ҷумлаҳои ба итмомрасида ва баъзан як ҷумлаи сода ё мураккабро дарбар гирифта як воҳиди наҳвию услубиро ташкил медиҳад.

Аблаут (олм. ablaut) – як навъи бадалшавии садонокҳои аз нигоҳи фонетикӣ ғайриҳатмист. Бадалшавии морфонологие, ки вазифаи флексияи дохилиро иҷро мекунад. а-у (паз - пухт), а-у (бар - бурд), о-у (супор - супурд), у-ӯ (гуфт - гӯй). Ин падидаи морфонологӣ бештар дар

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

забонҳои арабӣ, русӣ мушоҳида мешавад: а-о (тараф - атроф), мавҷ - амвоҷ, хабар - ахбор.

Агглютинатсия (аз лотинии agglutinare – ширеш кардан, часпондан). Тарзи ба вуҷуд омадани шаклҳои калима ва калимаҳои сохта бо роҳи ба таври механикӣ ҳамроҳ кардани вандҳои (аффиксҳои) қолабӣ ба асосҳою шаклҳои тағйирёбандае, ки аз флексияи дохилӣ маҳруманд. Ҳар як ванд танҳо дорои як маънои дастурист ва ҳар як маънои дастурӣ танҳо бо як ванд ифода меёбад. Масалан, дар забони туркӣ ода «хона», лар- пасванди шумораи ҷамъ, да- пасванди ҳолати маконӣ буда, ин калима (одаларда) маънои «дар хонаҳо»-ро дорад. Сохтори калима возеҳу фаҳмост, зеро марзҳои морфемаҳо равшану аниқ буда, маъмулан дар васлгоҳи морфемаҳо тағйиротҳои овозӣ ба вуҷуд намеоянд. Дар заминаи аломати хоси морфологӣ забонҳои агглютинативиро ҷудо мекунанд.Ниг.: Забонҳои агглютинативӣ.

Адвербиализатсия (аз лот. adverbinm – зарф. Ба зарф гузаштани ҳиссаҳои дигари нутқ. Гурӯҳи муайяни калимаҳо бо мурури замон ба категорияи зарф гузаштаанд. Масалан, вожаҳои зимистон, баҳор, тобистон, тирамоҳ ҳамчун номи фаслҳои сол исманд. Аммо ҳамзамон замони воқеъ шудани амалро ифода намуда, дар ҷумла ба вазифаи ҳоли замон меояд: Тобистон назди падарам меравам. Баъзе сифатҳои аслӣ низ ба зарф гузаштаанд. Муқоиса кунед: корди тез (одами тез) – тез омад; Писарам, либоси наватро пӯш. Аз мактаб нав омадам. Иддае аз сифатҳои нисбӣ низ ба категорияи зарф гузашта, замони воқеъ шудани амалро мефаҳмонанд. Муқоиса кунед: Шуъбаи рӯзона – рӯзона мехонаду шабона кор мекунад. Бо роҳи калимасозӣ низ теъдоди муайяни исмҳо (мӯрчавор, пуштнокӣ), сифатҳо (оромона, кӯр-кӯрона), шумора (ду-ду), шумораю исм (дузону, чорзону) ба категорияи зарф гузаштаанд: Дузону менишаст. Табиист, ки калимаҳои аз ҳиссаҳои дигари нутқ ба зарф гузашта вазифаи синтаксисии зарф – ҳоли замон, макон, тарзи амалро адо менамоянд. Интиқоли калимаҳо аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи дигари нутқ низ бо адвербиализатсия (зарфшавии ҳиссаҳои дигари нутқ) маҳдуд нашуда,

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

исмшавӣ (субстантиватсия), адъективатсия (сифатшавӣ) ва прономинализатсия ҷонишиншавии ҳиссаҳои дигари нутқро низ фаро мегирад.

Адот - пешоянду пасояндҳо, пайвандакҳо, ҳиссачаву нидо, бандакҳо, пешвандҳои калимасозро дар қадим ба адот дохил кардаанд. Дар дастурҳои арабӣ онро ҳарф низ гуфтаанд: Адоди ҷамъ пасвандҳои ҷамъбандӣ. Адоти нидо – калимаҳои мансуби нидо, амсоли аё, ало, алғиёс. Адоти нисбат: пасвандҳои ҷамъбандии -ҳо, -он, -ён, -вон, -гон. Адоти таъриф артикли «ал»-и забони арабӣ, ки дар авали исмҳои арабӣ меояд: алғараз, алқазо, алҳамд, алҳақ. Адоти ташбеҳ: - пасвандҳои қиёсии -осо, -сон, -ваш, -фаш, -вар…

Адстрат (аз лот. ad – назди stratum – қабат, қишр) – маҷмӯи хусусиятҳои низоми забонӣ, ки натиҷаи таъсири як забон ба забони дигар дар шароити ҳамзистии дурудароз ва тамосу халқҳои ба ин забонҳо такаллумкунанда мебошад. Адстрат бар хилофи субстрат ва суперстрат типи нейтралии таъсири мутақобили забонист, ки дар он асимилятсияи этникӣ ва омезиши як забон ба забони дигар ба вуҷуд намеояд. Падидаи адстратӣ дар байни ду забони мустақил қабату қишреро ба вуҷуд меоварад. Баъзан истилоҳи адстратро барои ифодаи билингвизми омехта истифода мебаранд.

Адъективатсия (аз лот. adjectivum – сифат) сифатшавии ҳиссаҳои дигари нутқ (ё ба сифат гузаштани ҳиссаҳои дигари нутқ). Дар забони тоҷикӣ бештар сифатҳои феълии замони ҳозира ва гузашта ва асосҳои феъл ба сифат мегузаранд: моҳи тобон, реги равон, гули хандон, гови зананда, саги газанда, гули шукуфта, меҳмони нохонда; офтобаи мис, соати тилло, деги мис, хонаи нишаст, дари кушод, теғи бурранда. Ба сифат гузаштани ҳиссаҳои дигари нутқро тарзи морфологии синтаксисӣ ё адъективатсия меноманд.

Азбука - аз номи ду нахустҳарфи алифбои славянии қадим азъ ва боукы. Ниг.: алифбо.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Аккомодатсия – мутобиқшавӣ (аз лот. accommodation - мутобиқшавӣ). Мутобиқати ҷузъии талаффузи ҳамсадоҳо ва садонокҳои ҳамҷавор. Оғози талаффузи овози баъдина ба интиҳои талаффузи овози қаблӣ (аккомодатсияи пешрав) ва баръакс интиҳои талаффузи овози қаблӣ ба оғози талаффузи овози баъдина мутобиқ мешавад (аккамодатсияи пасрав). Тағйирёбии овозҳо дар ҷараёни нутқ дар асоси ду қонуни фонетика – мутобиқат ва бадалшавӣ сурат мегирад. Тобишҳои ҳамнишинӣ ва мавқеие, ки дар натиҷаи мутобиқати тавлиди як овоз ба овози дигар пайдо мешаванд, байни худ муносибати тазодӣ надоранд ва бо ҳамин хусусияташон аз бадалшавӣ (табдили фонемаҳо) фарқ мекунанд. (ниг.: **мувофиқати овозҳо**).

Аксент (лот. accentus – зада). 1. Зада. 2. Тарзи талаффузи махсусе, ки дар мавриди ба забони дигар сухан кардан ба мушоҳида мерасад: талаффузи овозҳои забони бегона бо овозҳои забони худ. Яъне аксент такя, таъкид ва фишори изофӣ, ки рӯи яке аз ҳиҷоҳои як калима мегузоранд, то барҷастагии онро нисбат ба ҳиҷоҳои дигари он калима нишон диҳанд. Масалан, дар англисӣ, дар ҳолати исми рӯйи ҳиҷои аввали калимаи import такя (зада) мегузоранд ва дар ҳолати феълӣ рӯйи ҳиҷои дуюм: (impórt).

Аксент² – лаҳҷа – усули хоси талаффузи ҳар фард, ки ба шунаванда иттилооте дар мавриди вазъияти иҷтимоии гӯянда медиҳад. 1. Нишон медиҳад, ки гӯянда аҳли кадом шаҳр ё кишвар аст: масалан лаҳҷаи шимолӣ, лаҳҷаи амрикоӣ. 2. Нишон медиҳад, ки гӯянда ҷузъи кадом табақаи иҷтимоӣ аст: масалан лаҳҷаи афроди пойин ва табақаи мутавасит (миёна). 3. Нишон медиҳад, ки гӯянда сухангӯи бумӣ аст ё нест. Масалан мегӯяд: фалонӣ инглисиро бо лаҳҷа (ё бо лаҳҷаи олмонӣ) сӯҳбат мекунад.

Аксентология (аз лот. accentus зада ва юнони logos – калима, таълимот) – як бахши забоншиносӣ, ки табиату моҳияту функсияи зада ва падидаҳои марбути задаро меомӯзад. Ниг.: **зада**.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Аксентуатсия. 1. Тавассути зада ҷудо кардани унсурҳои ҷудогонаи калимаю фраза – ҷумла. 2. Системаи (низоми) зада дар забонҳои ҷудогона ё гурӯҳи забонҳои хеш). 3. Ифодаи зада дар матни хаттӣ.

Актуализатсия (аз лот. actualis - фаъол). Амалӣ сохтани хусусиятҳои имконпазири унсурҳои забонӣ дар нутқ, мутобиқату мувофиқати онҳо ба талаботи вазъи мушаххаси нутқ.

Акустика (ниг.: **ҷиҳати акустикии воҳидҳои фонетика).**

Алифбо (аз номи авали ду ҳарфи арабии алиф (ا) ва бо (ب) гирифта шудааст). Системаи аломатҳои хаттие, ки тавасути рамзҳои ифодакунандаи унсурҳои ҷудогонаи овозӣ симои овозии алимаҳои забонро ифода мекунанд. Алифбо ҳамчун маҷмӯи аломатҳои графикӣ (ҳарфҳо) бо тартиби муайяни ба ин ё он забон хос қабул гардидааст. (Алифбоҳои арабӣ, лотинӣ, русӣ, тоҷикӣ, юнонӣ). Ҳамаи алифбоҳои маълум бо мавҷудияти қоидаҳои синтагмантикии ифодаи фонемаҳо дар калимаҳо ва маҷмӯи аломатҳои ба ҳама истифодабарандагонашон маълум ба як шароити муайян тавсиф мешаванд. Асоси бештарини системаи миллии хатро алифбоҳои лотинию славянию кириллӣ, арабӣ, ҳиндӣ ташкил медиҳанд. Мафҳуми алифбо ҳамчун маҷмӯи парадигматикии унсурҳое, ки аз онҳо ифода – матнҳо сохта мешаванд, барои тасвири забонҳои мантиқию сунъӣ, аз ҷумла дар математика, мантиқи математикӣ, семиотика истифода мешавад.

Алифбои арабӣ, алифбои муосири араб, ки дар асоси алифбои арабӣ пайдо шудааст; сарчашмаи алифбои оромӣ алифбои финикист. Ин алифбо 28 ҳарф дорад, ки 18-тои он шакли мустақили графикӣ дорад. Ҳарфҳои дигар танҳо бо нуқтаҳо фарқ мекунанд. Ҳарфҳои алифбои арабӣ бештар ҳамсадоҳоро ифода мекунанд. Аз садонокҳо танҳо се садоноки дароз: алиф (ا), вов (و) ва йо (ى) ифодаи графикии худро доранд. Садонокҳои кӯтоҳ тавассути ҳаракатҳо: фатҳа («а»-и кӯтоҳ), касра («и»-и кӯтоҳ) ва замма («у»-и кӯтоҳ) ифода мешаванд. Ҳарфҳои арабӣ ба ду гурӯҳ: муттасила (пайваст) ва мунфасила ҷудо мешаванд. Интишори алифбои арабӣ ба истилои араб ва ҳудуди интишори дини ислом

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

алоқаманд аст. Дар асоси алифбои арабӣ алифбоҳои зиёде сохта шудаанд, ҳоло дар кишварҳои исломӣ: Алҷазоир, Арабистони Саудӣ, Афғонистон, Ироқ, Лубнон, Либия, Марокаш, Покистон, Судон ва ғ. истифода мешаванд.

Алифбои лотинӣ яке аз алифбоҳои хеле интишорёфтаи дунёст, ки дар Рими қадим дар заминаи алифбои Юнони ғарбӣ ташаккул ёфтааст. Қадимтарин осори хаттии А.л. ба асрҳои 6–4 то милод тааллуқ дорад. Ин алифбо шаклҳои гуногуни навишт дорад. Дар давраи феодализм тарзҳои гуногуни навишти маҳаллӣ: меровингӣ (дар Галелия ва қисман Германия), лангбардӣ (дар Италия), вестготӣ (дар Испания), англосаксонӣ, ирландӣ мавҷуд буданд. Дар давраи инкишофи империяи Рим бо интишори дини христианӣ алифбои лотинӣ дар тамоми қаламрави Аврупои Ғарбӣ паҳн мегардад. Дар заминаи алифбои лотинӣ бештар аз 100 алифбоҳои миллатҳои гуногун ташаккул ёфтааст.

Алифбои русӣ (азбука) маҷмӯи аломатҳои графикӣ – ҳарфҳое, ки ба як тартиби муқарраршудае, ки шаклҳои хаттию чопии забони миллии русиро ба вуҷуд меовард, 33 ҳарфро дарбар мегирад: а, б, в, г, д, е, ё, ж, з, и, й, к, л, м, н, о, п, р, с, т, у, ф, х, ц, ч, ш, щ, ъ, ы, ь, э, ю, я. Ба истиснои ъ, ы, ь ҳарфҳои дигар душаклаанд. Алифбои русӣ таркиби фонемагию овозии гуфтори русиро ифода менамояд: 20 ҳарф ҳамсадоҳоро ва 10 ҳарф садонокҳоро ифода мекунанд, аз ҷумла ҳарфҳои а, э, о, ы, и, у танҳо садонокҳоро, ҳарфҳои я, е, ё, ю нармталаффуз шудани ҳамсадоҳои пеш аз онҳо омадаро ифода мекунанд. Алифбои русӣ дар хориҷа асоси алифбоҳои булғорӣ, сербӣ, хорватӣ, македонӣ ва муғулиро ташкил медиҳад.

Алифбои тоҷикӣ, алифбои консонантию вокалӣ, ки дар асоси алифбои русӣ тартиб ёфта, аз соли 1940 ба расмият даромадааст. Чун халқиятҳои дигари эронӣ тоҷикон дар давраҳои мухталифи таърихӣ аз алифбо ва хатҳои гуногун (мехӣ, оромӣ, авестоӣ, паҳлавию форси миёна) истифода кардаанд. Аз замони истилои араб (асри VII) то соли 1990 аз алифбои консонантию ҳиҷоии арабӣ, аз соли 1930 то соли 1940 аз алифбои

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

лотинӣ истифода мекарданд. Алифбои тоҷикӣ 35 ҳарф дорад, ки тартиби он ба тариқи зайл аст: зикри ҳарфҳо ҳатмист.

Алифи мамдуда - муаллифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», дар бораи алифи мамдуда чунин нигоштааст: «алифи мамдуда (о)-ро ду алиф эътибор кунанд ва дар чунин калимае мисли **осиёб (ос-об)** як алифро ба «ё» табдил дода, алифи дигарро нигоҳ доштаанд ва калимаи мураккаб ба вуҷуд овардаанд». Дар тасрифи феълҳои алифи мамдуда дошта низ ин қоида риоя карда мешавад. Масалан, **оростан**: **биёрост - биёро - маёро - наёро.** Дар чунин ҳолат таъсири изофа (масалан, дар **оси-об-осиёб**) ҷо дошта, аз тарафи дигар, душвории талаффузи ду садоноки дар як ҷо омада чунин як тағйиротро талаб намудааст.

Аллегория (юн. Allegoria – киноя, истиора). Санъати суханварист, ки гӯянда маъноро тамоман ба тарзи дигар, маънои дигар, ки мантиқан ба ҳам наздиканд, ифода мекунад: Дуои ин кас ҳеҷ мустаҷоб намешавад (муқ. Хоҳиши ин кас ҳеҷ амалӣ намегардад). Ин кас тухми мор хӯрдагӣ (муқ. Ин кас ниҳоят фиребгар).Ниг.: истиора, маҷоз.

Аллитератсия (аз лот. ad ба назди + litera – ҳарф). Такрори ҳамсадоҳои якхела ё пайвасти овозҳо ҳамчун воситаи услубӣ. Дар адабиёти бадеӣ барои тақвияти ҷанбаи муассирии савтиёти нутқ усулҳои гуногун истифода мешавад. Аҳли адаб бо истифода аз усули такрори овозҳо кӯшиш мекунанд монандии таркиби овозии луғавиро таъмин намоянд. Такрори ҳамсадоҳо. Такрори ҳамсадоҳо яке аз навъҳои услубии овозҳо буда, тавассути такрори ҳамсадоҳои якхела дар чанд калимаи матни муайяни манзуму мансур сурат мегирад. Адибон бо истифода аз ин воситаи услубӣ барои гӯшнавозу форам ва муассир ифода намудани матлаб муваффақ гаштаанд. Дар мисраи дуюми байти зерини Ҳофиз се калима (кай, кӣ, кунӣ) пай дар пай бо ҳамсадои к ибтидо гирифтааст. Чунин такрор бо калимаҳои мазкур гӯшнавозию форамии мисраъро афзуда, ба хонанда ҳаяҷони хосаи бадеӣ бахшидааст:

Корвон рафту ту дар хобу биёбон дар пеш,
Кай равӣ? Раҳ зи кӣ пурсӣ. Чӣ кунӣ? Чун бошӣ.

Алломорф (алломорфа) (аз юнонии allos – дигар ва morphe – шакл). Анвои гуногуни морфемаҳо, ки аз ҷиҳати ифодаи маъно ва пайдоиши худ яксон буда, аз ҷиҳати таркиби овозӣ фарқ мекунанд. Чунончи, пасванди ҷамъбандии -он гунаҳои -гон, -ён, -вон дорад. Пасванди -он пас аз ҳамсадоҳо (ғуломон, мардон, кабӯтарон); -ён пас аз исмҳое, ки бо садонокҳои о, у, и тамом мешаванд (ҳиндуён, бобоён, Сомониён) ва пасванди -вон пас аз исмҳое, ки бо садоноки у тамом мешавад (бозувон, абрӯвон, оҳувон, гесӯвон) ҷамъ баста мешавад. Баъзе асосҳои замони ҳозираи феъл низ хусусияти гунанокӣ зоҳир намуда, аз оғози пайдоиши худ ба шахсҳо вобаста шудаанд: додан: дех-дод (ман медиҳам, ту дех; ман ниҳодам, ту нех).

Аллоним (юн. Allos – дигар + onyma – ном). Аз ҷиҳати фонетикӣ ё лексикӣ дар заминаи воқеаҳои таърихӣ шаклҳои гуногун пайдо кардани исмҳои хос а) Аллонимҳои фонетикӣ: Ош-Ӯш, Панҷакент-Панҷекат-Панҷканд; Хуқанд-Қӯқанд, Самарканд-Самарқанд, Андигон-Андиҷон, Муғон-Моғиён; б) Аллонимҳои лексикӣ: Хутталон-Хатлон-Кӯлоб, Янгибозор-Кофарниҳон-Орҷоникидзеобод-Ваҳдат, Лениобод-Суғд, Истаравшан-Уротеппа, Насаф-Қаршӣ, Сайҳун-Сар; в) Аллонимҳои морфологӣ: Қалъа-Қалъача, Ҳисор-Ҳисорак.

Аллофон (аллофона) (аз юнонии allos – дигар + phōne – овоз). Гуна ё тобишҳои фонемаҳо. Овозҳои нутқ вазифаи калимасозию калимашиносӣ доранд. Овозҳое, ки қобилияти калимафарққунӣ надоранд ва бе тағйири маънои калима якдигарро иваз карда метавонанд, тобишҳои як фонема ҳисоб мешаванд. Масалан, фонемаи (садоноки) а дар таркиби калимаҳои банд, қанд, сафед, коса тобишҳои гуногун дорад. Фонемаи а дар калимаи банд тобиши моил ба пеш, дар калимаи қанд тобиши моил ба қафо дорад. Дар калимаи сафед садоноки а андаке кӯтоҳтар ва дар калимаи коса андаке дарозтар талаффуз мешавад, ки ба мавқеи ин садонок вобаста аст.

Алоқаи артиклӣ. Дар ин навъи алоқа артикли -е бо калимаи асосӣ омада, ҷузъи тобеъ пас аз он ҷой мегирад: марде бузург, соате чанд.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Алоқаи артиклу пешояндӣ. Дар ин навъи алоқа ду воситаи дастурӣ – артикли -е ва пешоянд иштирок мекунад. Ин навъи ибораи исмӣ бештар аз исму исм сохта мешавад: порае аз шиша, дастае аз сарбозони тоҷик.

Алоқаи атрибутӣ. Алоқаи ҷузъҳои ибора – байни калимаҳои маънои предмети (муайяншаванда) ва маънои аломатӣ дошта (муайянкунанда): гули хушбӯй, меҳри модар.

Алоқаи бепасоянд. Алоқаи байни калимаҳо, ки бе пасоянд ифода меёбад: мактуб навиштан, хӯрок хӯрдан.

Алоқаи бепешоянд. Алоқаи луғавию наҳвии байни калимаҳо, ки бе пешоянд ифода меёбад: хона рафтан – ба хона рафтан.

Алоқаи вобастагӣ. Як навъи алоқаи тобеи ибораю ҷумла буда, дар он калимаи тобеъкунанда – хабари бо феълу исму сифат ифодаёфта талаб мекунад, ки пуркунанда ё ҳол (ҷузъи тобеъ) бо пешоянду пасоянд тобеъ шуда ояд: китобро хондан, меҳмонро пешвоз гирифтан, шикоят аз пирӣ.

Алоқаи изофию пасояндӣ, ки дар байни ҷузъҳои ибора мушоҳида мешавад: мӯҳри даҳони пиёла барин, зулфи сиёҳи пари зоғ барин. Асли ин ибораҳо чуни наст: мӯҳри даҳони пиёла барин калон, зулфи пари зоғ барин сиёҳ.

Алоқаи изофию пешояндӣ, ки ду ҷузъи баробарарзиш: пешоянд ба вуҷуд меоянд: сӯҳбати бо донишҷӯён – сӯҳбат бо донишҷӯён. Ӯ барои то охир ниқоргирӣ аз душманони синфӣ миён бастааст (С.А.).

Алоқаи изофӣ. Тавассути бандаки изофии -и ибораҳои изофие сохта мешаванд, ки маъноҳои гуногунро ифода мекунанд: гули сари сабад (ибораи рехта), гули тоҷи хурӯс, қуллаи баланди кӯҳ, дӯсти дерина.

Алоқаи мувофиқат. Чунин алоқа хоси ҷумла аст, зеро ин навъи алоқа дар байни хабару мубтадо мушоҳида мешавад. Аз рӯи қоида хабари ҷумла аз рӯи шахсу шумора ба мубтадо мувофиқат мекунад. Бандакҳои феълию хабарӣ воситаи алоқаи дастурии мувофиқатанд. Агар мубтадо бо исмҳои шахс ифода ёбад, алоқаи пурра ба амал меояд: Муаллим омад. Муаллимон омаданд. Баъзан ҳангоми бо исми ғайришахс ифода

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

гардидани мубтадо хабар аз рӯи шумора ба мубтадо мувофиқат намекунад: Дарҳо кушода шуд. Хона ва чизу чора бесоҳиб монд.

Алоқаи ҳамроҳӣ. Воситаи маъмули алоқаи байни калимаҳои ибораю ҷумла, ки тавассути тартиби калима, муайянкунандаҳо ва баёнияҳои беизофа ба муайяншаванда, аъзоҳои истисноӣ ба аъзои асосӣ, ҳолу пуркунандаҳои бевоситаи суратнаёфта ба эзоҳшаванда тобеъ мешаванд: ин одам, ду нафар шогирд, шоир Турсунзода, андак дертар, хона рӯфтан, чил духтарон, се бародарон.

Алоқаи пайваст. Калимаҳо бо ҳам бо ду навъи алоқа: пайваст ва тобеъ алоқаманд мешаванд. Бо алоқаи пайваст, ки воситааш пайвандакҳои пайвасткунанда ва интонатсияи пайваст аст, аъзоҳои чидаи ҷумла бо ҳам муносибати синтаксисӣ пайдо мекунанд: Не, лозим шавад, аз чӯпонҳо, подабонҳо ё дигар одамони раҳакӣ мепурсам (С.У.)

Алоқаи пешояндию пасояндӣ. Баъзан дар алоқаманд кардани як калима бо калимаи дигар ҳам пешоянд ва ҳам пасоянд иштирок мекунад. дар чунин мавридҳо саҳми пешоянд бештар аст. Ба вазифаи пасоянд калимаҳое меоянд, ки маънои луғавии худро батамом гум накардаанд, аз ҷумла вожаҳои инҷониб, интараф, боз, дида, шуда, гирифта: Ман аз ҳафтсолагиам боз кор карда омадам (С.А.). Дар назари одами пир аз ҷавонон дида пул ширинтар аст. Ин тарзи ифода то андозае оҳанги гуфтугӯӣ дорад.

Алоқаи синтаксисӣ. Алоқае, ки барои ифодаи робитаи дуҷонибаи унсурҳои ибораю ҷумла хизмат мекунад. Ниг.: **алоқаи тобеъ, алоқаи пайваст**.

Алоқаи тобеъ. Муносибати байни калимаҳои ибора ва ҷумла, инчунин байни қисмати предикативии ҷумлаи мураккаб, ки дар нобаробарии синтаксисии унсурҳои ҳамнисбат ифода меёбад. Намудҳои асосии тобеият дар ибораю ҷумла мувофиқат, вобастагӣ ва ҳамроҳист: навиштани мактуб, талабаи боистеъдод, ба хона бозгаштан (баргаштан). Дар ин навъи алоқа як калима асосӣ буда, калимаи дигар ба он аз ҷиҳати дастурӣ тобеъ буда, онро аз ягон ҷиҳат шарҳу эзоҳ медиҳад.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Аломат (аз арабии علامة – нишона, тамға) - предмети моддӣ (зуҳурот, воқеа), ки ба сифати ифодаи предмети дигар, хосият ё таносуби он хизмат намуда, барои пайдо кардан, маҳфуз доштан, такмил ва интиқоли маълумот (ахборот, дониш) ба кор бурда мешавад. Аломатҳо маъмулан ба аломатҳои забонию аломатҳои ғайризабонӣ ҷудо мешаванд. **Аломати** забонӣ **х**усусияти муҳиму асосии калима, принсипи дусатҳии созмони ифодашавандаи он аст: шакли ифодаи ҳама гуна аломати калимагӣ аз фонемаҳо иборат аст. Забон ҳамчун системаи мураккаби аломатҳо бо дукаратии ифодаи маънои воҳидҳояш фарқ мекунад, ки аввал дар системаи воситаҳои муҳиму фарққунанда-аломатҳои предметҳою падидаҳо ва дубора дар нутқ ташаккул меёбад. Ҳамагуна аломати забонӣ ба ду аломати сохтории забони инсонӣ – парадигматикӣ ва синтагматикӣ тобеъ аст.

Аломати забонӣ – эҷоди моддию идеалии воҳиди дуҷонибаи забон аст, ки предмет, хосият, муносибати воқеиятро ифода менамояд. Дар маҷмӯъ аломати забонӣ системаи махсуси аломат – забонро ба вуҷуд меорад. Аломати забонӣ ваҳдати ифодашаванда ва ифодакунанда мебошад. Хусусияти дуҷонибаи аломати забонӣ ягонагии устувореро ташкил медиҳад, ки тавассути шакли дарки эҳсосот, яъне ҷиҳати моддии он арзиши иҷтимоӣ пайдо менамояд. Ду ҷиҳати аломати забонӣ вобастагии ногусастанӣ дошта бошанд ҳам, тобеи қонуни номутаносубӣ ва ё ассиметрия дар забонанд. **Калима** намунаи маъмулу барҷастаи аломати забонист, зеро дарки инсонӣ ва образи шинохти ашё (предмет) бо амалия ва натоиҷи тафаккури наслҳои гузашта дар калимаҳо инъикос ёфтаанд. Хусусияти муҳими аломати калимагӣ принсипи дусатҳии сохтмони ифодакунандаи он аст: шакли ифодаи ҳама гуна аломати калимагӣ аз фонемаҳо иборат аст, ки воҳиди якҷонибаи ифода буда, дар ҳар забон теъдоди маҳдуде дорад. Аломати забонӣ аз сигналу рамз фарқ мекунад. Он намуди асосии мувосилот ва иттилоот мебошад. Аломати забонӣ, аз ҷумла калимаю ҷумла ҳам дарк карда мешаванд ва ҳам ахбореро ифода мекунанд. Аломат 1. Нишон; предметест, ки тавассути он

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ягон чиз ифода карда мешавад. Масалан, аломатҳои китобат чун графикаю имло воситаи асосии забонӣ овозианд ва вазифаи онҳо таҷзия ва созмони графики матни хаттист. Аломатҳои забонӣ аз системаи аломатҳои дигар фарқ мекунанд: 1. Системаи аломатҳои дигар иттилооти маҳдуд ва ахбори маълумро ифода мекунанд. Аломатҳои забон умумӣ буда, на танҳо воситаи хабаррасон ва хабарнигаҳдоранда, балки воситаи ба вуҷудоранда ва башакл дарорандаи фикру андеша ва муносибатҳои эҳсосию рӯҳиявӣ мебошанд. 2. Аломатҳои забон умумиистеъмолианд, доираи истифодаи аломатҳои дигар маҳдуд аст. 3. Аломатҳои дигар сунъию сохтаанд. Аломатҳои забон чунин хусусият надоранд.

Аломати диактрикӣ (юн. diakritikos - тафовуткунанда) – нишон – аломати ҳарфе, ки ба тариқи дигар хондани онро нишон медиҳад. Ду нуқтае, ки дар болои ҳарфи «е» гузошта мешавад, аломати тафовуткунанда (диакритикӣ) аст.

Аломати номуайянӣ (ё артикли -е). Номуайянӣ яке аз аломатҳои морфологии исм аст, ки бештар ба воситаи артикли -е ифода меёбад. 1. Артикли -е ин ё он калимаро аз байни анбӯҳи ҳамҷинсонаш ҷудо менамояд: Аз ин кӯча одаме гузаштааст. 2. Ин артикл аломати дастурии номуайянии исмҳо мебошад: Ман ҳам он вақтҳо кам-кам шеър мегуфтам, аммо шеъри худро ба касе нишон намедодам (С.А.). 3. Илова бар ин ягонагии предметро ҳам далолат мекунад:

Дӯст медорад ӯ чавонеро,

Писари хубу қаҳрамонеро. (М.Т.).

4. Дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ ба пайрави муайянкунанда аз ҷиҳати дастурӣ вазифаи ишораҷонишинҳоро иҷро мекунад: Одаме, ки дирӯз бо мо сӯҳбат карда буд, Қодир ном доштааст. 5. Артикли -е хусусияти таъкидӣ низ дорад: Дар ҳавлии Арбоб тӯи калоне барпо шуд… (С.А.).

Аломати савол. Аломати савол дар охири ҷумлаи саволӣ гузошта мешавад: – Барои чӣ росту дурӯғ будааст? Ба фоли ҷӯгӣ бовар мекунеду гапи мо дурӯғ шуд? (Ф.М.). Пурсиш дар қолаби ҷумлаи мураккаб низ

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ифода меёбад: – Ту чӣ ҳақ дорӣ, ки дар хусуси оилаи ман, писари ман ҳар чӣ ба даҳанат ояд, гӯӣ? (Р.Ҷ.). Савол тавассути ҷонишинҳои саволии кӣ (киҳо), чӣ (чиҳо), кадом, чӣ гуна, чӣ хел, чӣ навъ, чанд, чӣ қадар низ ифода меёбад: Ӯ аз кӣ чӣ харидааст ва ба кӣ чӣ фурӯхтааст дар ин дафтар буд (С.А.).

Аломати сакта «ъ». Ин аломат дар забони тоҷикӣ ду вазифа дорад: 1. Ҳамсадои ҳалқиро ифода намуда (аъзо, баъд), сактадор шудани садонок ё ҳамсадои пешомадаро мефаҳмонад; 2. Барои ҷудо кардани ҳиҷо хизмат мекунад. Маҳз дар ҳамин вазифа аломат аст: анъана, масъала, машъал.

Аломати хитоб. Аломати хитоб дар охири ҷумлаи хитобӣ гузошта мешавад. Тӯра дар ҳолати завқу ханда фармони худро такрор кард: – Гапа дароз накун, бефаҳм, тезтар бедона шуда ба ҷанг даро, набошад саратро мегирам! (С.У.). Баъзан ҷумла бо оҳанги саволу хитоб (саволи хитобомез ё хитоби саволомез) ба поён мерасад:

Пас чаро пурсанд баъзе дӯстон:
«Чандрӯза омадӣ ту меҳмон?
Пас чаро гӯянд, ёрон Марҳабо!
Меҳмони Тоҷикистон, марҳабо!?» (М.Т.).

Аломатҳои китобат. Аломатҳое, ки қисми махсуси низоми графикӣ-хаттии забони муайяне буда, бо графика ва имло воситаи асосии забони хаттианд. Вазифаи асосии онҳо таҷзия ва созмони графикии матни хаттӣ мебошад. Аломатҳои китобатро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: а) аломатҳое, ки дар дохили ҷумла меоянд: вергул (,), баён (:), нохунак (“”), тире (–), қавс (); б) аломатҳое, ки дар охири ҷумла гузошта мешаванд: нуқта (.), сенуқта (…), савол (?), хитоб (!), нуқтавергул (;). Аз рӯйи вазифаашон низ аломатҳои китобатро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: а) аломатҳои ҷудокунанда. Ин гуна аломатҳо марза ва ҳудуди сохтмон ва тарҳи синтаксисӣ буда, барои такмили муҳтавою мундариҷа, тафсири аъзоҳои ҷудогонаи ҷумла ва барои ифодаи муносибатҳои субъективонаи (зеҳнии) муаллиф ва ё барои ҷудо кардани нутқи ашхоси дигар ба матн илова карда мешаванд: ду тире (– –), қавсҳо (), нохунакҳо (“”); б) аломатҳои

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

фарқкунанда. Аломатҳое, ки барои фарқ кардани ҷумлаҳои баробарҳуқуқ, қисмҳои онҳо (мас., аз ҷумлаи мураккаби тобеъ ҷудо кардани сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, аъзоҳои чидаи ҷумла, нишон додани фосилаҳои нутқ, хизмат мекунанд: нуқта, вергул, нуқтавергул, аломатҳои пурсиш, хитоб, дунуқта, сенуқта).

Аломатҳои фарқкунанда. Фонема дар системаи (низоми) забон дар муносибатҳои тазодии байни ҳамдигар қарор дорад. Асосу бунёди тазодро аломатҳои фарқкунанда ташкил медиҳанд, ки умумияти хосиятҳои талаффузӣ (артикулятсионӣ) ё акустикии (шунавоии) овозҳои нутқанд.

Аломатҳои фарқкунандаи ҳамсадоҳои тоҷикӣ. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик 24 фонемаи ҳамсадо мавҷуд аст: б, п, м, в, ф, д, т, з, с, н, л, р, ж, ш, ҷ, ч, й, г, к, ғ, х, қ, ҳ, ъ. Ин фонемаҳо байни худ алоқаю робитаи муайян доранд ва аз рӯи низоми муайян амал мекунанд. Муносибати байни фонемаҳоро шабоҳат ва тафовути онҳо муайян менамояд. Шабоҳату тафовути фонемаҳоро аломатҳои фарқкунандаи (нишонаҳои тафриқии) онҳо дар тазодҳои фонологӣ ошкор месозанд. Нишонаҳои махраҷи тавлид, тарзи тавлид, иштироки резонаторҳо, иштироки лаҳн ва шавшув барои ошкор намудани системаи ҳамсадоҳои забони адабии тоҷикӣ муҳим аст.

Аломатҳои фарқкунандаи садонокҳои тоҷикӣ - фонемаҳои садоноки забони тоҷикӣ дар сатҳи фонетикӣ аз ҳамдигар бо хусусиятҳои қатор, бардошт, кори лабҳо ва тамдид фарқ мекунанд, аммо дар сатҳи фонологӣ барои аз якдигар фарқ кардани садонокҳо ду хусусият – аломати аввал: қатор ва бардошт аҳамияти аввалдараҷа дорад. Ин ду аломат ҳамаи шаш фонемаи садонокро аз якдигар ҷудо карда, яклухтию бутунии садонокҳоро таъмин менамоянд. Садонокҳои забони адабии тоҷикиро дар системаи фонологӣ ду аломат – нишонаи тафриқӣ: бардошт ва қатор муттаҳид менамояд. Хусусиятҳои дигари онҳо: устуворию ноустуворӣ ва иштироки лабҳо нишонаҳои иловагианд, ки ҳангоми тавсифу тасвири

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

фонетикии садонокҳо истифода мешаванд. Нишонаҳо – аломатҳои фарқкунандаи садонокҳои тоҷикӣ дар ҷадвали зер:

қатор / бардошт	пеш	омехта	қафо
боло	и		у
миёна	э	ӯ	о
поён		а	

Алфози мутародифа – калимаҳои гуногуни ҳаммаъно: гаҳвора – маҳд, ахтар – ситора.

Алфози ширкат: пешванди ҳам-: ҳамдард, ҳамхона, -дош (-тан): хоҷа – хоҷатон (ҳамхоҷа), ҳамсоҳиб.

Аҷдид - калимаҳои якхелаи зидмаъно. Чунончи: бохтар – шарқ <> бохтар – ғарб; бебаҳо – беарзиш <> бебаҳо – арзишнок.

Амали гуфтор – амали мақсадноки (ҳадафманди) гуфтор, ки мутобиқи принсипҳо ва қоидаҳои рафтори нутқии ин ё он ҷамъият анҷом дода мешавад; воҳиди рафтори меъёрии нутқию иҷтимоӣ дар доираи ҳолати прагматикӣ (асолати амал). Хусусияти асосии амали гуфтор тасмимгирӣ ва ҳадафмандист. Муҳаққиқон амали гуфторро бо ҳамбастагии ҳаёт ва фаъолияти ҳаётии инсон баррасӣ намудаанд, ки аз таълимоти Гегел бармеояд: «нутқ (гуфтор) моҳиятан амалест, ки дар байни инсонҳо ба амал меояд».

Аморфӣ (юн. amorphous аз a- - бе-+morphē-шакл). Забонҳои бешакл ҷудокунанда, решагӣ. Забонҳое, ки пешванду пасванд надоранд ва маънои дастурӣ (ҳолат, шумора, шахс, замон…) ё бо роҳи ҳамроҳшавии (пайвастшавӣ) калимаҳо ё тавассути калимаҳои ёридиҳанда ифода меёбад. Забони хитоӣ (чинӣ) намунаи забони бешакл аст.

Амфиболия (юн. Amphiholia – духӯра; думаъноӣ). Ифодае, ки онро ду хел маънидод кардан мумкин аст: Мурда дар дарё, шал ғам мехӯрад;

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Мурда дар дарё шалғам мехӯрад. Дар нутқи шифоҳӣ дар заминаи тартиби калимаҳо амфиболияи синтасисӣ ба вуҷуд меояд:

Ман чой намехӯрам, маёред (май ored),

Ман чанг намезанам, наёред (най ored). (М.Ҳ).

Ифодаи духӯрагии маъно ҳангоми ба ҳиҷоҳо тақсим намудани ҳиҷоҳои калимаҳои сохтаю мураккаб ба вуҷуд меояд:

Се бор бигуфтамат, ки себ ор ба ман,

Аз боғи латофат ду себор ба ман,

Себ ор бигуфтамат, наовардӣ себ,

Эй ваъда хилоф карда се бор ба ман.

Анаграмма (юн. ana+gramma - ба воситаи ҳарф). Калима ва иборае, ки тавассути ҷойивазкунии ҳарфҳои ба таркиби калимаи дигар дохилшуда ба вуҷуд меояд: дуғуд, ҳарғраҳ, атоғота, нок-кон, зоғ-ғоз, рон-нор; - Ту ба ин чӣ мегӯӣ, Ноҷқидос (Содиқҷон). – Боз номамро чапа гуфтӣ (А.Б.). Дар қироати матн вобаста ба оҳанг низ хусусияти чунин тарзи ифода ба вуҷуд меояд. Нависанда Раҳим Ҷалил Омаданд. – Нависанда, Раҳим Ҷалил омаданд.

Анализ (юн. analysis - ҷудокунӣ). ҲамчунинНиг.: **Таҳлил.** Аз ҷиҳати хусусиятҳои услубӣ мувофиқат накардани алоқаю робитаи грамматикии аъзоҳои ҷумла: Китобҳо дар ҷояш (дурусташ: дар ҷояшон), чойнику пиёлаҳо аз чирк тоза шудаанд, гарду чанги рӯйи ин гилеми кӯҳна камтар нест шуда, гулҳояш аён гаштааст. (Ҷ.И.). – Агар нависанда ба ҷойи гулҳояш аён гаштааст «аён гаштаанд» менавишт, хабар аз рӯйи шумора бо мубтадо мувофиқат мекард.

Аналогия (юн. Analogia - шабоҳат). Бо таъсири унсурҳою қолабҳои сермаҳсулу интишорёфта ба унсурҳои каммаҳсул пайдо шудани қолабҳои нодиру камшумор. Истифодаи а. маънои дар фаъолияти нутқӣ ба кор бурдани намунаи сохторӣ ва дар заминаи он ба вуҷуд овардани воҳидҳои навро дорад. Аналогия бешар дар нутқи гуфтугӯӣ (хусусан гуфтугӯи бачагон) мушоҳида мешавад: бендам (ба ҷои дидам), навистам (ба ҷои навиштам), чиндам (ба ҷои чидам). Чунончи, шакли савол (ба ҷои суол) аз

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

рӯи аналогия калимаи ҷавоб, шумораи миқдории шонздаҳ аз рӯйи аналогияи понздаҳ пайдо шудааст. Баъзан аз рӯйи аналогияи номҳои занонаи таърихии Манижа, Рудоба, Таҳмина солҳои охир як силсила номҳои занонаи сунъӣ сохтаанд, ки хилофи меъёри номсозии забони тоҷикист: Анор(а), Баҳор(а), Гулнор(а), Маҳин(а), Наргиса, Нигора, Шаҳноза, Парвона.

Анафора (юн. Anaphora – ба боло баровардан) такрори айни як калима ё таркиб дар авали байт, қитъа ё порчаи насрӣ. Шоир барои пуртаъсир баён намудани ҳаяҷону ҳиссиёти худ ибораҳои баргузида ё калимаҳои ҷудогонаро такрор мекунад:

Нагӯям ман на аз ҷодугаронаш,
На аз чашмони тарсодухтаронаш.
На аз осорҳои мармаринаш,
На аз мумтозҳои нозанинаш.
На аз раққосаи товусхиромаш,
На аз овозхони хушкаломаш… (М.Т.).

Анвои ҷумлаҳои пайрав. Ҷумлаҳои пайрав мутобиқан бо аъзои ҷумла ба хелҳои мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда, ҳол гурӯҳбандӣ мешавад. Ҷумлаи пайрави ҳол дорои хелҳои тарз, монандӣ, миқдору дараҷа, замону макон, сабабу мақсад, шарту хилоф ва мутобиқат аст. Ҷумлаҳои пайрав аз лиҳози саҳмашон дар сохтори грамматикии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва дараҷаи истеъмолашон дар якпоя қарор нагирифтаанд. Ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда, ҳоли тарз, миқдору дараҷа дар шарҳу тафсири сарҷумла саҳми бештар доранд. Хелҳои дигари ҷумлаҳои пайрав дар сохтори синтаксисии ҷумлаи мураккаби тобеъ нақшу саҳми муҳимтару бештаре доранд.

Аннотатсия (лот. annotation - қайд). Як навъи тақриз ва китобиёт буда, шарҳи мухтасари мазмуни асари бадеӣ, таҳқиқотӣ, рисола, мақола, дастнависро дар бар мегирад. Дар А. тавсифи мухтасари асар аз ҷиҳати ғоявӣ, мундариҷа, мавзӯъ дида мешавад. А., одатан. Хусусияти интиқодӣ дорад. А. навъҳои гуногунро дорад: тавсиявӣ ё тавсифӣ; умумӣ ё махсус.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

А. маъмулан барои бо мазмуну мундариҷаи асари чопшуда шинос намудани хонандагон ва ё бо мақсади ба муҳокима пешниҳод намудани асари ба чоп тавсияшаванда навишта мешавад.

Антитеза (юн. antithesis – зиддият, муқобилгузорӣ). Як тарзи услубӣ, ки дар он мафҳумҳо, фикрҳо ва ё образҳои зид бо ҳам муқоиса карда мешаванд. А. таъсири эҳсосию эмотсионалии нутқро пурзӯр намуда, андешаю фикри муайянро махсус таъкид менамояд. Ҳамчунин **А. т**арзи ифодаи услубие, ки бо роҳи муқобилгузории мафҳумҳо, андешаҳо, образҳо мақсади аввал пуркувват карда мешавад: Буда доно – нобуда нодон. Чунин тарзи ифода бештар дар заминаи ифодаҳои антоналӣ ба вуҷуд меояд: Падар ба ин дараҷа разил, духтар ба ин дараҷа поквичдон ва ҳалим; падар ба ин дараҷа бераҳм, духтар ба ин дараҷа ғамхор ва раҳмдил?! (Ҷ.И.).

Антифразис (юн. anti – зид, муқобил ва frazis – ибора). Хилофу зидди ибора, калима. Истифодаи калима, ибора дар маънои муқобил ва маҷозиаш. А. одатан дар нутқу суханрониҳои киноявӣ ва рамзӣ зоҳир мегардад.

Антонимия. Навъи муносибатҳои маъноии воҳидҳои луғавӣ, ки дорои маъноҳои муқобилу гуногунанд. Антонимия ҳамчун категорияи луғавию маъноии низоми забон яке аз хусусиятҳои ҷомеъи забон мебошад. Вай ба ҳамаи забонҳо хос буда, воҳидҳои он дорои хосияти сохтори умумии муқобилмаъно дар таснифоти семантикии калимаҳои зидмаъно – антонимҳо мебошад.

Антонимияи воҳидҳои фразеологӣ. Боҳамзидшавии маъноҳои ҷудогонаи як воҳиди фразеологӣ, ё ду ва зиёда ифодаҳои рехтаи гуногун падидаи антонимияи фразеологиро ба вуҷуд меорад. Хусусияти ин навъ фразеологизмҳо ифодаи маъноҳои ҳамдигар мебошад. Масалан, ибораи «баҳо доштан» ду маънои ба ҳам зидро ифода мекунад: 1) бебаҳо будан; ивазнашаванда, аълодараҷа будан ва 2) арзише надоштан, беҳудаю нолозим будан. Ибораҳои «ҷон бахшидан» ва «аз худ рафтан» маъноҳои пурраи антонимиро ифода накунанд ҳам, зиддияти маъноҳои гуногуни

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

онҳоро мушоҳида кардан мумкин аст: «ҷон бахшидан» бо маъноҳои 1) ба касе (ба чизе) ҷон даровардан, касе ё чизеро бақувват кардан ва 2) мурдан, вафот кардан дар истеъмол аст. Дар таркиби воҳидҳои фразеологии гуногуни антонимӣ калимаҳои зидмаъно ва воситаҳои грамматикии антонимиро мушоҳида мекунем. Чунончи, ифодаи «дили васеъ» ва «дили танг», «аз по афтодан» ва «ба по хестан» маҳз дар заминаи антонимҳои лексикӣ муқобилмаъно шудаанд. Воҳидҳои фразеологии сермаъно, одатан, бо ҳар як маънои ҷудогонаи худ бо фразеологизмҳои дигар муносибати антонимӣ пайдо карда метавонанд. Масалан, ибораи «аз даст додан», ки бо маъноҳои: 1) гум кардан (вақтро аз даст додан), 2) бой додан, бохтан, 3) талаф додан, 4) гурезондан дар истеъмол аст, бо семантикаи якуми худ бо ибораи «ба даст овардан», бо маънои дуюм бо «ба даст даровардан», бо маънои сеюмаш бо «ба даст гирифтан» ва бо маънои чорумаш бо «ба даст афтидан» муносибати антонимӣ дошта метавонад.

Антонимҳо (аз юн. anti – зид + onyna – ном). Калимаҳое, ки маъноҳои ба ҳам зид доранд. Бунёди антонимҳоро мавҷудияти аломати сифатие ташкил мекунад, ки каму зиёд буда метавонад: хурд – калон, наздик – дур, гарм – хунук, дӯст – душман. Антонимия чун падидаи сермаъноӣ (полисемия) ва синонимия тамоми сатҳҳои забонро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, ба ҷуз антонимияи луғавӣ ё худ антонимҳо боз антонимҳои фразеологӣ, морфологӣ, синтаксисиро ҷудо кардаанд. Ҷиҳати муҳими калимаҳои зидмаъно сохтори онҳост. Калимаҳои антонимӣ дар доираи як гурӯҳи луғавию дастурии калимаҳо вуҷуд доранд, яъне мансуби як ҳиссаи нутқанд: сифат бо сифат: дароз – кӯтоҳ, гарм – хунук; феъл бо феъл: рафтан – омадан, гирифтан – додан. Калимаҳои зидмаъно бо сохтори сарфии худ низ дар бисёр мавридҳо бо ҳам мувофиқанд: шаб – рӯз, мард – зан (калимаҳои сода); шабона – рӯзона, тобистон – зимистон (калимаҳои сохта); хурдсол – калонсол, пирамард – пиразан (калимаҳои мураккаб). Гурӯҳи муайяни антонимҳо ҷуфтистеъмоланд: зеру забар, обу оташ, буду набуд, доду гирифт. Вожашиносон (аз ҷумла профессор Ҳ.Маҷидов)

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

антонимҳоро аз ҷиҳати ифодаи маънои луғавиашон ба гурӯҳҳои: а) антонимҳои сирф луғавӣ ва б) антонимҳои маъноӣ ҷудо карданд. Антонимҳои луғавӣ бо маънои асосии луғавӣ ва бо бештарини маъноҳои иловагиашон бо ҳам антоним мешаванд. Масалан, гурӯҳҳои ифодагари ҳаҷм: хурд – калон, дароз – кӯтоҳ; масоҳат: дур – наздик, васеъ – танг; хосиятҳои ҳодисаҳои табиат: гармӣ – сардӣ, хушкӣ – тарӣ. Дар антонимҳои маъноӣ маъмулан маъноҳои ҷудогонаи ҳамон як калимаи алоҳида ба ҳам зид ҳастанд: қашанг – дағал, заҳмат – меҳнат.

Антрононимика (аз юн. anthropos ва onyma – ном) – бахши ономастика, ки антропоним – номҳои хоси одамон, патронимҳо (номи падар), номи хонаводагӣ, тахаллусу лақаб, кринтонимҳо – номҳои пинҳонӣ. Инчунин номҳои асарҳои адабӣ, номҳои қаҳрамононро дар эҷодиёти шифоҳии халқ – фолклор, асотиру афсонаҳо меомӯзад.

Аорист (юн. aóristos) – категорияи дастурии феъли ҳиндуаврупоии бостон, ки дар якчанд парадигмаҳои шаклҳои шахсии аз ҷиҳати сохтору пайдоиш гуногун ифода меёфт. Дар забони тоҷикӣ аорист яке аз шаклҳои асосӣ ва аломати сиғавии феълҳои шартӣ-хоҳишмандӣ мебошад, ки вобаста ба он ва сохти ҷузъи асосии феълҳои таркибӣ тобишҳои замонӣ ва маъноӣ ифода меёбанд. Дар феълҳои таркибии сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ феъли ёвари <u>будан</u> ҳамеша ба шакли аорист меояд: Бо вуҷуди он, олими ҷавон то ҳоло навозандаеро надидааст, ки як оҳанги одиро бо изтироб ва ҳарорати дили худ ба ин дараҷа <u>гарм ва рангин карда бошад</u> (Ф.М.). Шакли аористи <u>бошад</u> (аз <u>будан</u>) дар ҷумла ба вазифаи пайвандаки хилофӣ низ кор фармуда мешавад: Баққол <u>бошад</u>, ба ин суханҳо гӯш намедод (С.А.).

Апостроф (англ. apostrophe, нем. apostrophe – ба канор ё ақиб нигаронидашуда) – аломати болои сатр дар шакли вергул (’), ки дар бораи набудани ҳарф ё овози садонок гувоҳӣ медиҳад: Мас.: Д’Арк (ба ҷойи де Арк).

Апостроф (юн. Apostropos – ба ҷонибе ё ба ақиб нигаристан. Аломати болоисатрии шабеҳи аломати вергул, ки дар ду маврид истифода

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

мешавад: а) барои ҷудо кардани калимаҳои ёридиҳанда (ҳиссача) дар номҳои хориҷӣ: О’Брайен; б) дар овонависии фонетикӣ барои ишораи комишавии овози ҳамсадо. Апостроф дар алифбои лотинии тоҷикӣ (1929–30) ба аломати сакта (ъ) истеъмол меёфт: ja’ne – яъне, Sa’di – Саъдӣ, ba’d – баъд. **Апостроф** ҳамчунин пасванди ‘s, ки дар англисӣ барои нишон додани моликият ба исм мепайвандад. Мисол: Michael’s son.

Аппозития (лот. apposition – баёния.Ниг.: **баёния)**.

Арабшиносӣ (Арабистика) – соҳаи семитология, маҷмӯи фанҳои филологие, ки тамаддуни моддию маънавии халқҳои арабро дар алоқамандӣ бо забон меомӯзад; ба маънои маҳдуд – як соҳаи забоншиносие, ки сохтор, корбаст – функсия ва инкишофу рушди забони адабии арабӣ ва шеваю лаҳҷаҳои онро меомӯзад.

Арго (франс. argot). Забони махсуси баъзе гурӯҳҳои иҷтимоию касбӣ, ки аз таҳрифи унсурҳои як ё якчанд забонҳои табиӣ иборат аст. Аргоро бештар бо мақсади пардапӯшию пинҳон нигоҳ доштани предмети иртиботот ва чун воситаи канорагирии гурӯҳе аз табақаҳои дигари мардум истифода мекунанд. Истилоҳи арго-ро бештар ҳамчун як тарзи муомилоти унсурҳои вобастагии табақотӣ низ ба кор мебаранд. Мас., дар байни дуздони русизабон. Асоси аргоро луғати махсусе ташкил медиҳад, ки дорои унсурҳои забонҳои хориҷӣ амсоли сиганӣ, олмонӣ мебошанд. Арго тобеи қонуниятҳои умумии нутқи гуфтугӯӣ буда, грамматикаи худро надорад. Арго аз жаргон бо он хусусияташ фарқ мекунад, ки оҳанги таҳқиркунанда надорад. Навъҳои гуногуни аргоро зикр менамоянд: аргои мактабӣ, аргои донишҷӯён, аргои варзишгарон, аргои ҳунармандон, аргои дуздон, аргои киморбозон.

Арготизмҳо. Калимаю ибораҳое, ки хоси ин ё он арго буда, дар забони адабӣ бо мақсади услубӣ истифода бурда мешаванд.

Ареал (лот. arealis аз area – майдон, ҷо, фазо). Ҳудуди интишори ин ё он падидаҳои фонетикӣ (савтӣ), луғавӣ, дастурӣ. Ниг.: **изоглосса.**

Артикл (франс. Article аз лот. articulus – узв (аъзо) унсури грамматикие, ки дар забон бо ифодаи калимаҳои ёридиҳанда ё ванд

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

(аффикс) барои ифодаи муайянию номуайянӣ хизмат мекунанд. Чунин унсурҳо ва калимаҳои ёрирасон дар гурӯҳи забонҳои германӣ ва романӣ кор фармуда мешаванд. Дар забони олмонӣ артикл тағйир ёфта меистад: der Genosse, des Genossen, dem Genossen, den Genossen, die Genossen. Дар забони англисӣ артикл тағйир намеёбад. Дар забони тоҷикӣ категорияи номуайянӣ ва ишоратии исм ба воситаи артикли -е ифода меёбад:

Чу дидам дар диёри ту хазони бӯстонеро,

Намудам ҷустуҷӯ аз Комде он нишонеро (М.Т.).

Артикулятсия (аз лот. Articulatiolarticulare – сареҳу бурро талаффуз кардан) – маҷмӯи ҳаракатҳои узвҳои талаффуз ҳангоми тавлиди (ба вуҷуд омадани) овозҳои нутқ. Марҳалаҳои артикулятсия – талаффузи овоз инҳоянд: а) омодагии узвҳои нутқ барои талаффузи ин ё он овоз (экскурсия); б) талаффузи овоз; в) ба ҳолати аввалиашон баргаштани узвҳои нутқ (рекурсия). Дар фонетика артикулятсияро ҳамчун аломатҳои фонетикии овозҳо меомӯзанд. Артикулятсия гуногун мешавад: А.-и овозҳои димоғӣ, ҳалқӣ, лабӣ ва ғ. Овозҳое, ки мо талаффуз мекунему мешунавем дар натиҷаи кору ҳаракати узвҳои овозсози инсон ҳосил мешаванд. Узвҳои инсон, пеш аз ҳама, вазифаи физиологӣ доранд. Масалан, лабҳо барои ҳимояи дандонҳо аз таъсири муҳити беруна, пӯшонидани сӯрохии даҳон, дандонҳо барои шикастан ва нарм кардани хӯрока, милкҳо барои нигоҳ доштани дандонҳо ва аз ғизо таъмин намудани онҳо офарида шудаанд. Ин узвҳо вазифаи овозсозро низ адо мекунанд. Овозсозӣ вазифаи дуюмдараҷаи узвҳои нутқ аст, ки инсон дар рушду такомули таърихии худ ба даст овардааст. Методу усулҳои муосири таҳқиқи артикулятсияи овозҳои нутқ инҳоянд: электромиография (андозагирии қудрати (қувваи) барқии мушакҳо), рентгенография, палатография (коми сунъӣ), глатография (таҳқиқи паҳнои роғи садоӣ).

Архаизмҳо (аз юн. archaios – қадима (бостонӣ) – унсурҳои забонии (калимаҳо, ифодаҳо) кӯҳнашудае, ки аз истеъмол баромадаанд.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Архаизмҳои луғавию калимасозӣ. Калимаҳое, ки маъноашон маҳфуз мондааст, аммо қолаби калимасозиашон тағйир ёфтааст: падандар (падарандар), падид (падидор).

Архаизмҳои луғавию савтӣ. Калимаҳое, ки маънои пешинаашон маҳфуз мондааст, қолаби овозиашон тағйир ёфтааст: Урупо, Аврупо (Европа), Амрико (Америка), Ёқутистон (Якутия).

Архаизмҳои луғавӣ. Калимаҳои кӯҳнашуда – аз истеъмол баромадае, ки дар забони муосир муродифҳои худро доранд: абӯ – падар, сулук – роҳ, равиш, тааб – ранҷ, падруд – видоъ, ангубин – асал, гӯлахӣ – алавмон, шигифт – ҳайрат, тааҷҷуб.

Архаизмҳои семантикӣ (маъноӣ). Калимаҳое, ки дар забони муосир маҳфуз мондаанду маънои аввала-пешинаашон аз истифода мондааст. Коргар – муассир, асаркунанда; ҷома – ҳама гуна матои нодӯхта. Ҳоло коргар ба маънои коркун ва ҷома ба маънои либоси пахтагини рӯйпӯш истифода мешавад. Теъдоди муайяни калимаҳои аслан тоҷикӣ бо калимаҳои иқтибосии арабӣ ҳаммаъною муродиф шуда кӯҳна шудаанд: падруд-видоъ, пайк-қосид, пизишк-табиб. Ситабр – ғафс, дағал, висоқ – банд, қайд; вир – ёд, ҳофиза, дасам – равған, чарбу.

Асос. Қисми асосии калима, ки бо он маънои луғавии моддӣ алоқаманд буда, пеш аз морфемаҳои шаклсоз (анҷомаҳо) қарор дорад; воҳиди сатҳи дуюми морфологӣ, ки ҳангоми таҳлили сохтори калима зарур аст. Бандак ва вандҳои шаклсоз фурӯгузор шаванд ҳам, маънои луғавии калима тағйир намеёбад: падари ман, падарам, падарон, мехон-ам, ме-хон-ӣ, ме-хон-ад. Дар забони тоҷикӣ ин гуна асосҳо мавҷуданд: 1) Асосҳои содаю рехта. Асосҳое, ки ба реша баробар буда, аз онҳо вандҳои мустаъмали имрӯзаро ҷудо кардан мумкин нест: кӯча, даст, сафед, сурх, ду, чор; хокистар, гиребон, мусича, душман, шӯрбо, меҳмон… 2) Асосҳои сохта, ки бо пешванду пасвандҳо сохта шудаанд: нохост, нодон, ҳамзабон, даста, кӯза, хонагӣ, хонадон, даҳум, бистум. А.-и сохта аз реша ва суффиксу префикс ташкил ёфта (панҷ-а, хирад-манд, но-дон, ҳам-шир-а)

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ба таркиби луғавӣ дохил мешавад ва дар калимасозии исмҳои мураккаб А.-и рехта нисбат ба А.-и сохта мустаъмалтар аст.

Асосҳои феъл. Феъл ду асос дорад: асоси замони ҳозира ва асоси замони гузашта. Ҳамаи шаклҳои феълии забони тоҷикӣ аз ҳамин ду асос сохта мешаванд. Асоси замони ҳозира бо шахси дуюми танҳои феъли фармоиш (сиғаи амрӣ) баробар буда, амалеро мефаҳмонад, ки ба замони ҳозира ва ё бештар ба замони оянда далолат мекунад: рав, бин, соз, хон, гӯй. Шаклҳои замони ҳозира-ояндаи сиғаи хабарӣ (меравам, мехонам), аорист (равам, хонам), феъли фармоиш (хон, гир), сифати феълии замони ҳозира: раванда, шунаванда ва феъли ҳол (дав-давон) аз ҳамин асос сохта мешаванд. Асоси замони гузашта амали дар гузашта воқеъшударо мефаҳмонад ва бо шахси сеюми танҳои замони гузаштаи феъл баробар аст: гуфт, рафт, хонд. Шаклҳои гуногуни замони гузашта, гузаштаи нақлӣ, сифати феълии замони гузашта ва оянда аз асоси замони гузашта сохта мешаванд: рафтам, мерафтам, хоҳам рафт, омадааст.

Аспектология (аз лот. Aspectus – намуди зоҳирӣ, симо ва аз юн. Lagos – калима, таълимот) – як фасли грамматика, ки намуди феъл (аспект) ва ҳамаи хусусиятҳои аспектуалӣ, яъне соҳаҳои аспектология: намудҳо ва маъниҳои ба он алоқамандро, ки дар забон бо роҳҳои гуногун ифода меёбанд, меомӯзад.

Ассимилятсия (аз лотинии assimilation – шабоҳат, монанд) – яке аз намудҳои интишорёфтаи тағйироти мувофиқати (комбинатории) овозҳои нутқ: монандшавии овозҳо дар ҷараёни нутқ. Монандшавии овозҳои нутқ баръакси падидаи мувофиқати ҳамтавлидӣ дар байни як категорияи овозҳо мушоҳида мешавад. Ҳодисаи аз ягон ҷиҳат ё комилан ба ҳамдигар монанд шудани овозҳои нутқро монандшавии фонемаҳо мегӯянд. Масалан, дар калимаҳои шанбе, занбӯр, занбар дар таркиби овозии [нб] ҳамсадои лаҳнии [б] аз ҷиҳати махраҷи кори узви овозсоз ба ҳамсадои [б] монанд мешавад. Ин ду ҳамсадо бо узвҳои гуногун – аввалӣ ба воситаи лабҳо ва дуюмӣ ба воситаи нӯги забон сохта мешаванд. Аммо дар ҳамнишинӣ ҳамсадои [б] ҳамсадои [н]-ро аз ҷиҳати кори узви овозсоз

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

(лабҳо) монанд мекунад. Калимаҳои боло ба шакли [шамбе], [замбӯр], [замбар] талаффуз мешаванд. Монандшавии овозҳои нутқ ду навъ мешавад: комил ва ноқис. Мисолҳои боло намунаи монандшавии ноқисанд, зеро ин овозҳо танҳо аз як ҷиҳат: кори узви овозсоз монанд шудаанд. Дар монандшавии комил овозҳои нутқ ба ҳамдигар монанд мешаванд: бадтар [баттар], садто [сатто]. Аз рӯи самташ ду навъи монандшавиро фарқ мекунанд: пешрав (прогрессивӣ) ва пасрав (регрессивӣ). Дар мавриди аввал овози баъдина ба овози пешина монанд мешавад. Дар монандшавии пасрав овози баъдина овози пешинаро ба худ монанд мекунад. Ҳамин тавр, дар ҳамнишинии ҳамсадо бо ҳамсадо фонемаҳои ҳамнишин аз рӯйи кори садопардаҳо, кори узви фаъол (махраҷ), тарзи тавлид ва иштироки резонаторҳо ба ҳамдигар монанд шуда метавонанд. Дар таълифоти донишмандони пешин монандшавиро идғом гуфтаанд.

Ассонанс (аз франсавии assonance – ҳамоҳангӣ) - такрори садонокҳо дар як порча (байт ё ҷумла) истифода шудани айни як садонок ё ҳамҷинси он такрори садонокҳо ном дорад, ки ин падидаи услубиро дар забоншиносӣ ассонанс мегӯянд. Чунончи, истифодаи садоноки э дар байти поён танҳо барои таъкиди номуайянии предмет нест, балки чунин имконият низ ба вуҷуд овардааст, ки калимаҳо дар натиҷаи такрори садои якнавохт оҳанги гӯшнавозу тарабангез касб менамоянд:

Дилу ҷонро фидо кард ӯ,
Барои чашми ҷодуйе,
Ба зулфони суманбӯйе,
Ба холу хатти ҳиндуйе.

Ҳамчунин дар назм ҳамоҳанг шудани овозҳо ё такрори якхелаи саонокҳо ҳамчун тарзи ифодаи услубӣ:

Доманаи кӯҳ, лолаи анбӯҳ,
Дар сари ман ҳавои ту зиёда карда.
Роҳ пур аз санг, маркаби ман ланг,
Шавқи ту дар роҳи туам пиёда карда. (С.А.).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Атласи диалектологӣ (атласи лингвистӣ) – маҷмӯи муназзаму мураттаби харитаи диалектологии (шевашиносии) минтақаи муайяне, ки интишори хосиятҳои (хусусиятҳои) диалектологии як ё якчанд забонҳои ҳамҷаворро нишон медиҳад. Бештарини атласҳои диалектологии минтақавию миллӣ таҳқиқи масъалаҳои ҳамзамонӣ, таснифоти шеваю лаҳҷаҳо, равандҳои муосир ё дарзамонии (дихронии) ин ё он минтақаи забониро инъикос менамоянд. Чигунагии барномаҳо (саволнома, пурсишнома), ки мутобиқи он мавод ба даст оварда мешавад, принсипҳои нақшбардорӣ, масъалагузорӣ, ҳаҷму андоза ва имкониятҳои амалӣ муайян карда мешаванд. Барнома ҳама ё яке аз қабатҳои забон (луғатшиносӣ; фонетика)-ро дар бар гирифта метавонад. Ба вуҷуд овардани атласи диалектологӣ марҳалаи муҳими инкишофи шевашиносии ҳар як забони миллӣ буда, барои таҳқиқу омӯзиши ҷиҳатҳои гуногуни забон тавассути методҳои забоншиносии ҷуғрофӣ замина фароҳам меоварад.

Атласи забоншиносӣ – 1) ниг.: **атласи диалектологӣ**; 2) атласи овозҳои нутқ – албоми нақшаҳое, ки иштироки узвҳои овозсозро ҳангоми тавлиду талаффузи овозҳои нутқи ин ё он забон тасвир мекунад.

Атрибут (аз лот. Attributum – изофа кардан, нисбат додан). Ҳамчунин Ниг.: **Муайянкунанда.**

Афазия (юн. aphasia, аз а. пешванди инкорӣ ва phasis – гуфтор) – ихтилоли нутқие, ки бо иллати нимкураи чапи майнаи сар ба вуҷуд меояд. Яъне **А.** яке аз намудҳои ихтилоли нутқ аст, ки дар набудани алоқа (ассосиятсия) дар байни ифода ва мазмуни воҳидҳои забонӣ зоҳир мешавад.

Аффикс (аз лот. affixus – бастан, насб кардан) – морфемаи ёрирасон, унсури хурдтарини сохтумонии забон, ки ба решаи калима ҳамроҳ шуда, ё шакли онро тағйир медиҳад, ё калимаҳои нав месозад. Аффиксҳо воситаи муҳимтарини ифодаи маъноҳои дастурию калимасозианд. Аффиксҳо нисбат ба реша – дар аввал, мобайн ва охири калима омада, номҳои гуногун мегиранд: префикс (пешванд), суффикс (пасванд), инфикс

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

(миёнванд). Аз рӯйи вазифаашон аффиксҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: 1. Аффиксҳои калимасоз низ, ки ба реша ё асос ҳамроҳ шуда, калимаҳои нав месозанд: подабон, омӯзгор, парастор, дастӣ, падарона, оромона, бародарвор. 2. Аффиксҳои шаклсоз, ки барои сохтани шаклҳои калима иштирок мекунанд: хона-хонаҳо, хона-хонае, зебо-зеботар-зеботарин, мерав-ам. Аффиксҳоро вобаста ба дараҷа, мавқеи истеъмолашон ба сермаҳсулу каммаҳсулу бемаҳсул ҷудо мекунанд. Масалан, дар калимасозии исмҳои шахс пасвандҳои -чӣ (хизматчӣ, маърӯзачӣ), -гар (ҳалвогар, савдогар, даъвогар) сермаҳсуланд. Пасвандҳои -бон (подабон, боғбон) каммаҳсул ва пасвандҳои -ор (куштор, гуфтор), -андар (падарандар), -ур (муздур, ранҷур), -вар (сарвар, шиновар) каммаҳсуланд.

Аффиксатсия – калимасозии вандӣ, ки вобаста ба мавқеи истеъмолаш ду навъ мешавад: 1. Префиксатсия – бо ёрии пешвандҳо сохта шудани калимаҳо: ҳамроҳ, ҳамсоя; бачаи бамаънӣ, ҷавони бофаросат. 2. Суффиксатсия – бо ёрии пасвандҳо сохта шудани калимаҳо: омӯзгор, подабон, гандумгун, хоксор, тавонгар.

Аффриката (лот. affricate – молишёфта) - ҳамсадои мураккаб, ки аз ду ҷузъ (ибтидои зич ва интиҳои роғ)-и дар як мисраъ ҳосилшуда таркиб ёфтааст. Масалан, дар забони русӣ «ц» (аз **т** ва **с**), дар забони тоҷикӣ «ҷ» (аз **д** ва **ж**) ва «ч» (аз **т** ва **ш**) А. мебошанд, ки аз ду ҷузъ иборат буда, дар як махраҷ (дар қисми пеши забон дар натиҷаи ба бехи дандонҳои боло расидани нӯги забон) ба амал омадаанд А.-ҳо аз таркиби овозҳои дигар (мас., кш, пж ва ғ.) бо он фарқ мекунанд, ки: 1) алоқаи ҷузъҳои онҳо ниҳоят зич аст ва ҳамчун як овоз дарк мешаванд; 2) ҷузъи дуюм (роғ)-и онҳо кори иловагии узвҳои нутқро талаб намекунад. Барои ҳосил шудани А. фақат давомнокии вазъияти узвҳои нутқ зарур аст. Аффрикатаҳо ҳамсадоҳои зичи рахнадоранд. Фонемаҳои ҷ ва ч-ро гарчи ҳамсадоҳои мураккаб меноманд, онҳо ду овози мустақил нестанд, зеро: а) аз ин овозҳо таърихан аз як ҳамсадои зич пайдо шудаанд, б) ҳар ду ҷузъи онҳо ба воситаи як узви фаъол – пеши забон сохта мешаванд, в) ду марҳилаи тавлиди онҳо (ҳамоиш ва раҳоиши онҳо) ду марҳилаи як ҷараён аст, г) тамдид ё дарозии

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ин ҳамсадоҳо аз тамдиди ду овози мустақил камтар аст ва аз ҳамин сабаб д) соҳибони забон онҳоро ҳамчун як фонема дарк мекунанд.

Аъзои аниққунандаи ҷумла - аъзои ҷумла, ки ҳаҷми маънои дар аввал ифодаёфтаи калима, ибора ё ҷумларо маҳдуд менамояд: – Чаро лозим нест? – гуфт Мулло Хокироҳ, – Фоида, яъне рибо аст, рибо дар шариат бешак ҳаром аст… Имсол, ки соли қарздории туст, аз ғайри тани пул (сармояи аслӣ) ба ҳисоби фоидаи он аз Арбоб шаст танга қарздор шудаст! (С.А.). Дар ҷумла бештар ҳолҳои замон, макон, ибораҳои нав (наввожаҳо) аъзоҳои аниққунанда, талаб мекунанд: Одина як соли дигар дар ин зиндони бало, яъне хизмати Арбоб Камол, дандон ба дандон монда истодагӣ кард (С.А.).

Аъзоҳои истисноии ҷумла - калима ва ибораҳое мебошанд, ки бо оҳанги махсус ба аъзоҳои ҷумла алоқаманд шуда, маънои онҳоро равшан мекунанд. Ин гуна калимаю ибораҳо ягон аъзои ҷумларо тавассути маълумоти иловагӣ эзоҳ медиҳанд: Дам ба дам боди сард мевазид ва барфтӯдаҳои нишебӣ ва қуллаи кӯҳро монанди хасу хасрӯби парронида ба поён, сӯйи ҷарӣ, канори рӯд мебурд (Ҳ.К.). ҳамчунин ниг.: **Баёнияи истисноӣ.**

Аъзоҳои ҷумла - калимаҳои мустақилмаъно ё ибораҳое, ки муносибатҳои муайяни синтаксисиро ифода намуда, дар алоқаи муайяни синтаксисӣ низ қарор доранд. Ҳамчунин ниг.: **Сараъзоҳои ҷумла**. **Аъзоҳои пайрави ҷумла**.

Аъзоҳои морфологии ҷумла - аъзоҳои ҷумла, ки бо ин ё он ҳиссаи нутқ ифода ёфтаанд: 1. **Мубтадои морфологӣ**. Мубтадое, ки бо исм дар ифодаи шахс ё предмете ифода ёфтааст. 2. **Хабари морфологӣ**. Хабаре, ки бо шаклҳои шахсии феъл ифода шудааст. 3. **Пуркунандаи морфологӣ**. Пуркунандае, ки боисмҳо ифода ёфтааст. 4. **Муайянкунандаи морфологӣ**. Муайянкунандае, ки бо сифатҳо ифода ёфтааст. 5. **Ҳоли морфологӣ**. Ҳолҳое, ки бо зарфҳо ифода шудаанд.

Аъзоҳои пайрави ҷумла - аъзоҳои пайрави ҷумла: муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол аз ҷиҳати маъно, вазифа, тарзи ифода ва воситаи

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

алоқаашон бо аъзоҳои дигари ҷумла аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Онҳо муносибатҳои гуногун: аломат, соҳибият, мафъули амал, замон, макон, сабаб, шартро ифода намуда, барои пурратар баён кардани фикр ёрӣ мерасонанд. Аъзоҳои пайрав дар ташаккули ҷумла ва сохтори наҳвии он саҳму нақши зиёд доранд. Агар муайянкунанда бар эзоҳи аъзоҳои ҷудогона ояд, пуркунандаҳои бавосита ва баъзе хелҳои ҳол бо мундариҷаи тамоми ҷумла робита пайдо намуда, ҷузъи муҳими сохтории ҷумла ҳисоб мешаванд. Муайянкунанда бештар дар таркиби ибора ҳамчун ҷузъи эзоҳдиҳанда хизмат мекунад ва бо ибора алоқаманд аст. Пуркунанда ва ҳол ҷузъи сохтории ҷумла буда, маъною вазифаҳои наҳвии онҳо бештар дар ҷумла зоҳир мегардад. Аъзоҳои пайрав муносибатҳои муайянкунандагӣ, мафъулӣ ва ҳолиро ифода намуда, аз рӯйи маъною вазифаашон бо сараъзоҳо (мубтадою хабар) муносибати наздик пайдо мекунанд. Муайянкунанда бештар бо мубтадо, пуркунанда ва ҳол мафъули (объекти) амал ва аломат, замону макон, сабабу мақсадро мефаҳмонад ва бо хабар алоқаи маъноию грамматикии қавӣ дорад.

Аъзоҳои тафсилии ҷумла - аъзоҳое, ки дар таркиби ибораҳо бо калимаҳои эзоҳдиҳанда омадаанд: Суханҳои қабеҳтарини кӯчагӣ бе ҳеҷ гуна андешае (ҳоли тарзи амали тафсилӣ) ба унвони Саодат (пуркунандаи тафсилӣ) гуфта мешуданд (Ҳ.К.).

Аъзоҳои чидаи ҷумла - ҷумлае, ки дар он аз ду зиёда мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда ё ҳол ба алоқаи пайваст омада, бо аъзоҳои дигар муносибати якхелаи маъноию грамматикӣ пайдо мекунанд. Дар байни аъзоҳои чида алоқаи пайваст вуҷуд дорад, ки он бо ёрии оҳанги пайваст ва ё оҳангу пайвандакҳои пайвасткунандаи пайиҳам, хилофӣ ва ҷудоӣ ифода меёбад. Дар ифодаи аъзоҳои чида таносуби сухан, алоқаи маъноии калимаҳо аҳамияти калон пайдо мекунад. Аъзоҳои чида инчунин аз ҷиҳати оҳанг, вазну қофия ҳам бо якдигар таносуб пайдо мекунанд: Қади навраста, рӯйи хуҷаста, зулфи шикаста, ҳама бо якдигар шинам, ҳама бо якдигар зебанда афтида буданд (С.А.). Воҳиди хулосакунанда пеш аз аъзоҳои чида омада бошад, пас аз он аломати баён (:), баъди аъзоҳои

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

чида омада бошад, пеш аз он аломати тире (–) гузошта мешавад. Аз сӯйи қишлоқ овози ҳайвонот: бузу гӯсфанду гову хару асп шунида мешуд; Шариф, маҳмуд ва Муқим – ҳар се аз маҷлиси ҷавонҳо баромада, ба идораи шӯрои ҷамоа равон шуданд (Ҷ.И.).

Аъзоҳои эзоҳдиҳандаи ҷумла - аъзоҳои ҷумла, ки маънои номуайянии калимаҳои эзоҳшавандаро эзоҳ медиҳанд: **яъне, масалан, чунончи, монанди**: Баъзан дар бораи сагҳои газандае, ки ба ҳардуяшон, яъне ба падарам ва бародарам ҳамла карда, онҳоро аз ким-кадом дару дарвозаҳо рондаанд, гап мезад (С.У.).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Б

Бадалшавӣ - ҳодисаи ба ҳамдигар табдил шудани овозҳои нутқ дар таркиби як калима дар мавридҳои истеъмоли он. Ҳамаи бадалшавиҳо ба шароитҳои гуногуни фонетикӣ алоқаманданд, аммо вобаста ба гузашти замон вобастагии онҳо ба ҳолатҳои фонетикӣ аз байн меравад ва бадалшавӣ аз рӯйи анъана сурат мегирад. Ду навъи бадалшавиро фарқ мекунанд: аз бадалшавии анъанавӣ ё таърихӣ ва б) бадалшавии зинда. Дар бадалшавии таърихӣ садонокҳою ҳамсадоҳо иштирок мекунанд: 1. Бадалшавии садонокҳо: у//а: бурд-бар, пухт-паз; у//о: супурд-супор, буд-бош, намуд//намо; ӯ//у: шӯй-шуст, гӯй-гуфт. 2. Бадалшавии ҳамсадоҳо: з//хт: дӯз-дӯхт, сӯз-сӯхт, соз-сохт; в//ф: ков-кофт, рав-рафт; р/шт: дор-дошт, гузор-гузошт. Бадалшавии зинда ё фонетикӣ ду навъ дорад: а) бадалшавии ҳамнишинӣ дар натиҷаи мутобиқату мувофиқати фонемаҳои ҳамнишин ба вуҷуд меояд, ки он натиҷаи падидаи монандшавӣ мебошад: зудтар [зуттар], афғон [авғон], аз сар [ассар], аз худ [асхуд]; б) бадалшавии мавқеӣ ба мавқеи ҳамсадо дар калима ва омилҳои дигари талаффуз вобаста аст: кабуд [кабут], санҷид [санҷит].

Баён (ифода) – ин ё он тарзи ифодаи нутқ ба монанди ифодаи образнок.

Баёния чун аъзои пайрави ҷумла – муайянкунанда бо исмҳо ифода ёфта, предметро аз ягон ҷиҳат шарҳу эзоҳ медиҳад. Баёнияҳо сифат ё хусусият (Оймуллои Танбур, Муҳаррами Ғарч, Салими Садкора), машғулият ва касбу кор (Аҳмадҷони Машкоб, Ҳасани Аробакаш) вазифа, рутба, унвонҳои илмиро мефаҳмонанд (академик Мирзоев, нависанда Сотим Улуғзода). Баёния ва аъзои эзоҳшаванда тавассути алоқаи изофӣ ва ҳамроҳӣ сурат мегиранд: Амаки духтур дурӯғ гуфт, додо (Сорбон); Майор Давлатовро дидан замон шинохт ва пас аз саломи вай алек гирифтан аз пеши мизи кори худ ба нишастгоҳ ишора кард (Ф.Н.). Баёнияҳо аз ҷиҳати алоқаи худ бо муайяншаванда се хел мешаванд: а) баёнияҳои беизофа, ки маъмулан бо калимаҳои исмӣ дар як таркиб меоянд: ака-Шариф, Қорӣ-Нурулло, амир Темур; б) баёнияҳои изофӣ, ки

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ба воситаи бандаки изофӣ ба исмҳо алоқаманд мешаванд: Рустами достон, Сангини Гург; баёнияҳои истисноӣ, ки пас аз исмҳо бевосита: Ватанам – модарам, зодгоҳам – сарчашмаи илҳомам ё бо калимаҳои навъи яъне, масалан, чунончи меоянд: нури чашмонаш, яъне Гулбибиро; қуввати диламро, масалан фарзанди азизамро; вайд у побанди зӯр, яъне як писару як духтар дошт. Аксари баёнияҳо бо эзоҳшаванда ё муайяншавандаи худ як маъниро ифода мекунанд: Тарҷумони номӣ, нависанда ва киношинос Лев Қандиновро соли 1974 сармуҳаррири киностудияи «Тоҷикистон таъин карданд» (Ф.М.). Баёния бо баёншавандаи худ дар ифодаи шумора мувофиқат мекунад:

Ватанам – модарам барои ман,

Зиндагонии чун шакар додаст (Ф.А.).

Баёнияи истисноӣ чунин калима, ибора ё ҷумлаест, ки бо зикри номи дигар, мансаб, машғулият, аломатҳои зоҳирӣ ё сифатҳои маънавӣ аъзоҳои ҷумларо эзоҳ медиҳад: Назар ба қавли падарам – Сайидмуродхоҷа, падари ӯ – Сайид-умархоҷа одами хату саводнок буда, аз ҳунари дастӣ, дӯконбофӣ ва дуредгариро хуб медонистааст (С.А.). Калимаю ибораҳои эзоҳшаванда ба вазифаи аъзоҳои гуногуни ҷумла меоянд. Онҳо барои тавзеҳи сараъзоҳою аъзоҳои пайрави ҷумла хизмат мекунанд: 1. Бар эзоҳи мубтадо: Мо – одамон, навдаҳои як ток ва лолаҳои як хокем (Рӯзнома). 2. Бар эзоҳи хабар: Вале пирамард инро гуфта натавонист – забонаш нагашт (С.Т.). 3. Бар эзоҳи муайянкунандаи соҳибӣ: Салому эҳтироми ворисони худ – тоҷиконро қабул фармо! (М.Қ.). 4. Бар эзоҳи пуркунандаи бевосита ва бавосита: Мо – занонро асло писанд намекарданд (Ҳ.К.); Ман бо нигоҳи машварат ба «шарики худ» – ба бобоям нигаристам (С.А.). 5. Бар эзоҳи ҳол: Мошин оҳиста-оҳиста – гӯё хазида ба фарози Шерон мебаромад (С.Т.). Аъзоҳои истисноии ҷумла як василаи муҳими услубии таъкид низ ба шумор меравад:

Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст:

Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро (Ҳофиз).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Балоғат (ар. балоғат-балиғ, расо ва мукаммал будани сухан, суханварӣ, суханпардозӣ бо мазмунҳои дақиқу баланд ва писандида; камоли суханварӣ; зебу орои сухан) – яке аз ҷузъҳои назарияи адабиёти классикии форсу тоҷик, ки равонӣ, фасеҳӣ ва мувофиқи мақом ба кор бурдани калимаро меомӯзад. Суханҳоро бо фасоҳат мувофиқи мақом ва шароит кор фармудан, яъне агар лозим шавад, такрор намудан, ба мавқеъ кор фармудани санъатҳои бадеӣ, аз рӯйи зарурат кӯтоҳ ё бо тафсил баён кардани маънӣ. Шамси Қайси Розӣ балоғатро ин тавр шарҳ додаст: «Маънии балоғат он аст, ки дар он чӣ дар замир бошад, ба лафзе андак, бе он ки ба тамоми маънии он ихлоле роҳ ёбад, баён кунад ва дар он чи ба басти сухан эҳтиёҷ афтад аз қадри ҳоҷат дарнагузарад ва ба ҳадди малол нарасонад». Дар балоғат шарти асосӣ аз заъфи таълиф холӣ ва ба зеҳни шунаванда наздик будани сухан аст. Балоғат аз илмҳои маонӣ, баён ва бадеъ иборат буда, дар сурати риоя нашудани шарти яке аз ин илмҳо балоғати сухан нуқсон меёбад. Балоғат рукни услуб ва фасоҳат ҷузъи балоғат ба ҳисоб меравад.

Балоғати оҳанг (ниг.: **наво).**

Бандак. Морфемаи шаклсози ёрирасонест, ки пас аз реша ё асос омада, онҳоро аз ҷиҳати муносибатҳои гуногуни синтаксисӣ бо калимаҳои дигари ибора ё чумла алоқаманд мегардонад: муайянкунандаро бо муайяншаванда: дили беқарор, китоби дарсӣ, амалеро бо иҷрокунандааш, яъне фоил (субъект): ((мо хондем, шумо хонded, онҳо хонданд), пуркунандаро бо мубтадо (Салима китобашро хонд). Бандакҳо 4 навъанд: а) **бандаки изофӣ** воситаи муҳимтарини робитаи синтаксисии муайянкунандаю муайяншаванда аст: дили беқарор, падари меҳрубон, китоби Аҳмад; б) **бандакҳои феълӣ**, ки воситаи ифодаи шаклу шумораи феълҳоянд: ман мехонам, ту мехонӣ, ӯ (вай) мехонад; Мо мехонем. Шумо мехонед, онҳо мехонанд; в) **бандакҳои хабарӣ**, ки аз ҷиҳати вазифаи грамматикиашон аз бандакхои феълӣ фарқ надоранд. Аммо аз ҷиҳати ифода фарқ мекунанд. Бандакҳои шахсии феъл фақат бо феълҳо (замони гузаштаи наздик: рафтам, гузаштаи дур: рафта будам,

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

гузаштаи ҳикоягӣ: мерафтам, замони ҳозира-оянда: меравам меоянд. Аммо доираи вазифаи грамматики бандакҳои хабарӣ танҳо бо феъл маҳдуд намешавад: онҳо бо як гурӯҳ феълҳо омада, шакли тасрифии феълҳоро месозанд (ман хондаам, ту хондаӣ, вай хондаааст), ҳам бо ҳиссаҳои номии нутқ омада, хабарҳои номиро сурат медиҳанд: ман коргарам, ман хушбахтиам, ман ҳозирам. Феълҳои ҳаст ва будан низ вазифаи бандакҳои хабариро иҷро мекунанд; г) **бандакҷонишинҳо** ба интиҳои асосҳо ҳамроҳ шуда, ба кӣ тааллуқ доштани предметро мефаҳмонанд, яъне бандакҷонишинҳо бо номи ашё ва мафҳумҳо ва маъмулан бо исмҳо омада, маънии моликият ва соҳибиятро ифода мекунанд: китобам (китоби ман), китобат (китоби ту), китобаш (китоби ӯ), китобамон (китоби мо), китобатон (китоби шумо), китобашон (китоби онҳо).

Банди синтаксисӣ (воҳиди забарҷумлаӣ). Маҷмуи ҷумлаҳои аз нигоҳи мазмуну мундариҷа, услубу сабк, мантиқ ва сохтор бо ҳам алоқаманд, ки дар заминаи изҳори назари ягонаи муаллиф ва ё гӯянда сурат мегирад ва таҳия мешавад. Банди синтаксисӣ тавассути шинохти муносибатҳои устувори маъноиву сохторӣ, услубиву мантиқӣ ва хронологиву пайдарҳамӣ дар дохили матни умумии густарда ҳудудгузорӣ ва ҷудо карда мешавад. Муносибатҳои ягонаи маъноиву услубӣ ва сохтории устувори миёни ҷумлаҳо дар таркиби банди синтаксисӣ бо истиофдаи воситаҳои гуногуни забонӣ сурат мегирад, ки онҳорор ба таври зайл метавон тасниф намуд: воситаҳои луғавӣ (такрори воҳидҳои луғавӣ дар ҷумлаҳои пайдарҳам, истифодаи ҷонишинҳо ва вожаҳои зарфии амсоли баъдан, инак, ҳамин тавр, ки ба вазифаи пайвандакҳои миёни ҷумлаҳо истифода мешаванд), воситаҳои морофологӣ (таносуб ва мувофиқати замониву шаклии хабарҳо ва воситаҳои дигари мухобиротӣ, ки пайвандии ҷумлаҳоро таъмин мекунанд), синтаксисӣ (тартиби калимаҳои дохили ҳар як ҷумла таркиби банди синтаксисӣ ва дигар воситаҳои алоқаи синтаксисӣ ба монанди калимаҳои ҳамнисбат), воситаҳои ифодагари оҳангу зада (оҳанги қисматҳо ва ҷузъҳои ҷудогонаи

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ҷумла ва таносуби оҳангии он бо ҷумлаҳои дигар), услубӣ (анафора, эпифора ва дигар усул ва саноати бадеиву лафзӣ, ки робитаи услубии як ҷумларо бо ҷумлаи дигар таъмин менамояд. Банди синтаксисиро ҳамчун ҷузъи таркибии матн медонанд, ки аз нигоҳи ифода, изҳори назар ва баёни мақсад дар дохили матн қисматҳои ҷудогонаро муаррифӣ мекунад. Аз нигоҳи дигар банди синтаксисӣ гурӯҳи ҷумлаҳои ба ҳамдигар алоқаманди ба итмомрасидае, ки воҳиди махсусӣ-услубиро ташкил медиҳанд. Муносибати маъноии ҷумлаҳои мустақил дар банди синтаксисӣ бо ёрии воситаҳои гуногун ба ҳамдигар алоқаманд мешавад: воҳидҳои луғавӣ (такрори калимаҳои ҷудогонаи ҷумлаи аввал дар ҷумлаҳои минбаъда, корбурди ҷонишинҳои шахсӣ ё ишоратӣ, зарфҳои ҷонишинӣ: баъд аз он, он вақт, он ҷо, дар он ҷо, ҳамин тавр ва ғ., ки вазифаи алоқамандкуниро иҷро мекунанд), морфологӣ (муносибатҳои замонии шаклҳои феълӣ-хабарӣ дар ҷумлаҳои алоқамандшаванда), синтаксисӣ (тартиби калима ва ҷумла, пайвандакҳои хилофии **аммо, вале, лекин, балки** дар ифодаи пайваст, ҷумласозиҳои бо ҳам мувозӣ), воситаҳои мелодикӣ (интонатсияи унсурҳои ҷузъӣ ва яклухти ҷумла), услубӣ (такрорҳои якхела дар аввал, дар интиҳо ва ё доира – чанбараи луғавӣ). Ба банди синтаксисӣ инчунин гурӯҳи ҷумлаҳои ба шарҳу эзоҳи як амал ё ҳолат, ҳодисаю воқеаҳо нигаронидашуда дохил мешаванд.

Баробартобеъшавӣ (ниг.: **ҷумлаҳои пайрави чида ва ҷумлаҳои пайрави ғайричида**).

Беаффикс (ниг.: **тарзи калимасозии морфологӣ**).

Безада. Дар талаффузи алоҳида, берун аз бофтаҳои гуногун на танҳо калимаҳои мустақилмаъно, балки калимаҳои ёридиҳанда, морфемаҳо ва ҳатто фонемаҳо мисли калимаҳои мустақилмаъно дорои зада мебошанд, вале дар матн, дар таркиби воҳидҳои калонтар (фонемаҳо дар таркиби ҳиҷоҳо, морфемаҳо дар таркиби калимаҳо ва калимаҳо дар таркиби синтагмаҳо дорои мустақилияти фонетикии якхела нестанд ва бо зада талаффуз намешаванд). Вобаста ба ҷояшон нисбат ба калимаҳои мустақилмаъноанд, унсурҳои безадаро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: аз

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

калима морфемаҳое, ки пеш аз калимаҳои асосӣ меоянд (проклитикаҳо) ва б) калима ва морфемаҳое, ки пас аз калимаи заданок истифода мешаванд (энклитикаҳо).

Бечарангшавӣ. Ҳодисаи бечарангшавӣ дар монандшавии комил мушоҳида мешавад. Масалан, ҳамсадои д, ки аз т бо як аломат – бечарангӣ фарқ мекунад (аломатҳои дигар зичӣ, пешизабонӣ ва ғайридимоғӣ барои ҳар ду фонема умумӣ мебошанд) дар калимаҳои бадтар ва садто дар ҳамнишинии [дт] омада, ин аломатро аз даст додаст ва ба хамсадои бечаранги [т] комилан монанд шудааст: [баттар], [сатто].

Бемубтадо (ниг.: **ҷумлаи бешахс**).

Бепешоянд (ниг.: **алоқаи бепешоянд**).

Бесубъект (ниг.: **ҷумлаҳои бешахс**).

Бефоил (ниг.: **ҷумлаи бешахс**).

Бехат (ниг.: **забонҳои бехат**).

Бешахс (ниг.: **ҷумлаи бешахс**).

Билингизм (аз лот. bi-, дар калимаҳои мураккаб-дугона, дугуна ва lingua - забон) – истифодаи якчанд забон дар ҳудуди умумияти иҷтимоӣ (пеш аз ҳама давлат); истифодаи якчанд забон аз ҷониби фарде ё гурӯҳи одамон. Бисёрзабонии фардӣ ва «миллӣ»-ро фарқ мекунанд. Бисёрзабонӣ бештар хоси халқҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, Амрико, Ҳиндустон, Нигерия мебошад. Дар шароити Тоҷикистони имрӯза аксари ӯзбекзабонон ва сокинони Вилояти Бадахшони кӯҳи дузабонаанд. Теъдоди муайяни шаҳрвандон сезабонаанд ва забонхои тоҷикию русию ӯзбекиро хуб медонанд ва гурӯҳи маҳдуд ба ғайр аз забонҳои зикргардида боз яке аз забонҳои байналмилалӣ (бештар забони англисиро) низ медонанд. Адибони ба ду забон эҷодкунандаро «зуллисонайн» (донандаи ду забон) меномиданд. Масалан, Мир Алишери Навоӣ девони форсиашро бо тахаллуси Фонӣ ва девони туркӣ-ӯзбекиашро бо тахаллуси Навоӣ эҷод намудааст. Билингвизм дар адабиётшиносӣ: – нависандагоне, ки дар ду забон баробар (озод) асар эҷод мекунанд. Чунончи, Чингиз Айтматов (русӣ-қирғизӣ), В.Набоков (англисӣ-русӣ), Василий Быков (русӣ-

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

белорусӣ), Рустам Қутуй (русӣ-тоторӣ), С.Айнӣ (тоҷикӣ-ӯзбекӣ), С.Улуғзода (тоҷикӣ-русӣ).

Бинарӣ (лот. binarius). Дугона, иборат аз ду қисм. Дар забоншиносӣ принсипи бинарӣ – принсипи тасвири падидаҳои забонӣ, ки дар бештарини мавридҳо тазоди дугонаро ташкил медиҳанд: ҳамсадоҳои ҷарангдору бечаранг, ҳиҷоҳои кушодаю баста, ҳиссаҳои нутқи тағйирёбанда ва тағйирнаёбанда, исмҳои ҷондору бечон, танҳою ҷамъ, муайяну номуайян, феълҳои мондаю гузаранда. Дар натиҷаи муқобилгузории унсурҳои зиёд мумкин аст онҳо ба ҷуфтҳои минималӣ ҷудо шаванд: гелос пухт (феъли монда) – хӯрокро пухт (феъли гузаранда); номаро хонд (феъли бевосита) – номаро хононд (феъли бавосита).

Бисёркаратӣ. Амали бардавоме, ки дар забонҳои тоҷикию форсӣ дар натиҷаи ба асоси замони гузаштаи феълҳо ҳамроҳ шудани пешванди шаклсози ме- ба вуҷуд меояд: мерафт, меомад, мегуфт (замони гузаштаи ҳикоягии сиғаи хабарӣ). Ин шакл маънои давомнокии амалеро ҳам ифода мекунад. Барои ифодаи бисёркаратӣ баъзан калимаю таркибҳои матн, амсоли ҳар вақт, ҳар рӯз, ҳар ҳафта, ҳар сол низ кӯмак мерасонанд:

Одамон мебаромаданд тамом,
Шӯр бардошта ба рӯи бом.
Табақу дегу коса мекӯфтанд,
То набинанд маҳ, намекӯфтанд. (М.Т.)

Бисёрҳиҷо. Калимаҳое, ки бештар калимаҳои мураккаб аз ҳиҷоҳои зиёд иборатанд: зан-бӯ-ри-а-сал-пар-ва-рӣ, чархи-о-си-ё-та-ро-шӣ. Калимаҳои бисёрҳиҷо дар назм низ истифода мешаванд:

То тавонӣ дӯстонро гум макун,
Дӯстони беҳ зи ҷонро гум макун.
Дар ҷаҳон бе дӯст зистан мушки ласт,
Мушкилосонкункасонро гум макун. (М.Т.).

Бозсозӣ – реконструксия (аз лот. re – пешоянде, ки маънои таҷдид, аз нав барқарор карданро дорад ва construction – сохтумон, сохтан) – дар забоншиносии муқоисавию таърихӣ маҷмӯи тарзу усулҳои (методҳои)

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

барқарор намудани масоили гуногуни шаклу ҳолату падидаҳои забонии бешоҳиду далелҳо тавассути муқоисаи таърихии воҳидҳои алоҳидаи забонҳои ҷудогона, гурӯҳи забонҳо ё оилаи забонҳо.

Бори функционалӣ. 1. Дараҷаи (басомади) истифодаи ин ё он воситаи забонӣ барои фарқ кардани ифодае. 2. Дараҷаи истифодаи ин ё он тазоди фонологӣ барои фарқ гузоштани калимаҳо ва морфемаҳо. Тазоди [у]-[ӯ] дар забони тоҷикӣ дар қиёси тазоди [а]-[е] бори функционалии бештаре дорад (гул-гӯл, хуш-хӯш, бур-бӯр, мӯр-мур, буз-бӯз, куш-кӯш, руд-рӯд, хурд-хӯрд). 3. Басомади истифодаи фонемаҳо дар оғозу интиҳои калимаҳо.

В

Вазифа – функсия (аз лот. function – фаъолият, иҷро). 1. Нақшу саҳми воҳиди забонӣ (тавассути категорияи грамматикӣ, шакли грамматикӣ) дар мавриди бозтавлиди забон ба нутқ. Вазифаи хабар, ки бо феъл ифода меёбад. Вазифаи ҳол, ки бо зарф ифода меёбад. 2. Истифодаи ҷиҳатҳои гуногуни забон ва унсурҳои он.

Вазифаи (функсияи) забон – 1) вазифаи забон дар ҷомеашиносӣ; 2) вобастагии воҳидҳои як маҷмӯъ ба маҷмӯаҳои дигар; маънои дуюм бештар ба воҳидҳои забон иртибот дорад (масалан, таносуби вандҳо (аффиксхо) ва решаи калимаҳо). Ду вазифаи бунёдии забон инхоянд: вазифаи коммуникативӣ (иртиботӣ), яъне воситаи муҳими робитаи алоқаи байни одамон ва когнитивӣ (маърифатӣ ва таъсирбаёнӣ), яъне ифодаи фаъолияти шуур. Татбиқи вазифаи иртиботӣ дар соҳаҳои гуногуни инсонӣ вазифаи ҷамъиятии забонро муайян мекунад. Таҳқиқи вазифаи забон дар алоқамандӣ бо тавсиаи соҳаи омӯзиши забон дар амал, махсусиятҳои нутқи гуфтугӯӣ, услубҳои функционалӣ (ҷорӣ) ва лингвистикаи матн мавриди таваҷҷӯҳи зиёд қарор мегирад. Умумиятҳои забонҳои сершумори дунё, пеш аз ҳама, ҳар муштарак будани вазифаю функсияи онҳо зоҳир мешавад. Ҳамаи забонҳо: а) воситаи алоқаи байни одамон мебошанд; б) дар ташаккул ва ифодаи фикр хизмат мекунанд; в)

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

аз овозҳо (фонемаҳо), калимаҳо ва ибораю ҷумлаҳо иборатанд; г) шакли гуфтугӯӣ (шифоҳӣ) ва хаттӣ дошта метавонад; ғ) мувофиқи вазъ ва шароиту тақозои таърихӣ шакли адабӣ ва услуби хос дошта метавонанд. Ҳамин тавр, забон функсияҳои зеринро дорад: вазифаи муошират, вазифаи иттилоъ додан, вазифаи таъсиррасонӣ.

Вазифаи атрибутию предикатӣ. Дар як маврид ду вазифаро иҷро кардани ин ё он калимае, ки хусусияти муайянкунандагию хабарӣ дорад, (ҳаво – соф (Ҳ.К.); Ҳаво на хунуки хунук, на гармии гарм (Ҳ.К.).

Вазифаи наҳвӣ (синтаксисӣ) – ифодаи аъзоҳои ҷумла бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ. Масалан, дар забони тоҷикӣ мубтадо бо ҳиссаҳои зерини нутқ ифода меёбад:

1. Бо исм: Ҳамида ин касро шинохт (М.Х.); Дарди ҷароҳати зону ва кафи дасташ андак-андак хурӯҷ кард (Ф.М.).

2. Бо ҷонишин: Ман – меҳмон, ширмо – соҳиби хона (Ф.М.).

Ҳар кӣ далер аст, ватан ҷои ӯст,

Шаъну шараф ошиқи шайдои ӯст. (М.Т.).

3. Бо масдар: Бо мулоҳиза сухан гуфтан шарти одоб аст ва барои ҳама ҳатмист (Ф.М.); Шунидан кай бувад монанди дидан (зарбулмасал).

4. Бо сифат: Ҷавон ҳам ба хандаи вай ҳамроҳӣ кард (П.Т.). Дузд дуздро дар торикӣ мешиносад (Ҷ.И.). 5. Бо шумора: Нӯҳ адади тоқ аст; Сеюми он одамҳо Муроди пахтакаш ном як одами 70-солаи қоматхамидаи доғи кунҷиддор буд (С.А). 6. Бо сифати феълӣ: Оянда ба сарой наздик омада, якбора ҷо ба ҷо истод (Р.Ҷ.). 7. Бо таркибу ибораҳои устувор: Акнун аҳли қишлоқ ҳам ӯро писари Зайнаб меномиданд (Ф.М.).

Варваризм (аз юн. barbarismos) – калимаи ё ифодаи иқтибосие, ки бо сабабҳои мутобиқ нашудан дар забони иқтибосгиранда ба иллати мушкилоти дастурӣ ҳазм нашудаанд: маҷам, фрау, денди, хобби. Варваризмҳо, одатан, барои нишон додани хусусиятҳои нутқи ин ё он персонажи аҷнабӣ, урфу одат, хулқу хӯ ва амсоли инҳо кор фармуда мешаванд. Мисол аз забони японӣ: Ген баку ҳан тай! – Нест бод бомбаи атомӣ! Ҳой во бан зай! – Поянда бод сулҳ! (А.Д.).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Варианти калимаҳо – тағйироти зоҳирии калимаҳои таркиби морфологиашон устувор, ки аз ягон ҷиҳат (қолаби заданокӣ, ифодаи грамматикӣ, тарзи талаффузу тобишҳои маъно) фарқ мекунанд. Тағйиротҳои зоҳирии (шаклу) калимаҳост, ки таркибҳои морфемаҳояшон устувор бошад ҳам, аз ягон ҷиҳат (қолаби заданокӣ, ифодаи грамматикӣ, тарзи талаффуз, тобиши маъно) аз ҳамдигар фарқ мекунанд: рӯ-рӯй, дусад-дувист, назари**я**-наз**а**рия, сесáд//сéсад, чор//чаҳор, чил//чиҳил, истодан//ситодан, зиндагӣ//зиндагонӣ, гар//ар//агар, қуфл//қулф, сафҳа//саҳифа, бозигар//бозингар, кафтар//кабӯтар, гушна//гурусна.

Варианти калимасозӣ – тағйир додани калимаҳо бо дигар кардани морфемаҳои ҷудогона: созонд//созонид, баобрӯ//бообрӯ; ангабин//ангубин, мӯлкаратӣ//бисёркаратӣ, фуромад//фаромад.

Варианти морфологии калимаҳо – тағйирёбии намуди зоҳирии калима вобаста ба ифодаи ҷинсияти табиӣ, ки хоси забони тоҷикӣ нест. Аз забони арабӣ баъзе исмҳои шахс дар ду шакл: мардонаю занона иқтибос шудаанд: муаллим – муаллима, шоир – шоира, адиб – адиба; Шамсӣ – Шамсия. Аз рӯйи ҳамин қолаб солҳои охир як идда номҳои занона сохта шудаанд: Хуршед – Хуршеда, Парвин – Парвина, Баҳор – Баҳора.

Варианти фонемаҳо - овозҳои нутқ (фонемаҳо) дар таркиби воҳидҳои маънодор ду вазифаро адо мекунанд: калимасозӣ ва калимафарққунӣ. Вазифаи калимасозӣ дар он зоҳир мешавад, ки овозҳо барои сохтани калимаҳо ҳамчун масолеҳи бинокорӣ хидмат мекунанд. Вазифаи калимасозӣ (воҳидсозӣ) хоси ҳамаи овозҳои нутқанд. Аммо вазифаи калимафарққунӣ: а) овозҳое, ки қобилияти калимафарққунӣ доранд; б) овозҳое, ки қобилияти калимафарққунӣ надоранд ва ба тағйири маънои калима якдигарро иваз карда метавонанд, тобишҳои (гуна-вариантҳои) як фонемаанд. Масалан, садоноки а дар калимаҳои банд, қанд, сафед, коса тобишҳои гуногун дорад; дар калимаи банд тобиши моил ба пеш, дар қанд – тобиши моил ба қафо дорад, зеро дар калимаи якум бо ҳамсадои лабулабии б ва дар калимаи дуюм бо ҳамсадои забончагии қ омадааст.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Тобишҳои фонемаҳоро ба ҳатмию мавқеӣ ҷудо мекунанд. Мисолҳои дар фавқ оварда намунаи тобишҳои ҳатмӣ ё ҳамнишинианд. Тобишҳои мавқеӣ вобаста ба мавқеи фонема дар калима падид меоянд. Масалан, ҳамсадоҳои ҷарангдори забони тоҷикӣ дар интиҳои калима пеш аз танфис (пауза) ҷарангнокии худро аз даст медиҳад: калид (калит), сабад (сабат), санҷид (санҷит).

Вариантнокӣ (аз лот. variant, variantis - тағйирёбанда) – 1. Тасаввуру шинохт оид ба тарзҳои гуногуни ифодаи ин ё он моҳияти забонӣ ҳамчун роҷеъ ба дигаргунӣ ва анвоъ ё ҳамчун дур шудан аз ягон меъёр. 2. Истилоҳе, ки тарзи мавҷудият ва корбурди воҳидҳои забонӣ ва амалкарди воҳидҳои забон ва низоми забонӣ дар маҷмӯъро ифода мекунад. вариантнокӣ хосияти бунёдию асосии низоми забонӣ ва амалкарди ҳамаи воҳидҳои забонист, ки тавассути мафҳумҳои «вариант» ва «инвариант» шарҳ дода мешавад. Инвариант ифодаи муҷарради ин ё он он воҳиди забонӣ бе назардошти мавридҳои мушаххаси истифодаи онҳост. Фонема ва фон, морфема ва морф мутааллиқи сатҳҳои ҳуданд: фонема ба фонетика (ё фонология), морф ба морфология.

Вариантҳои воҳидҳои фразеологӣ - вариантҳои воҳиди фразеологӣ қолабҳои аркибан тағйирёфтаи ҳамон як фразеологизм мебошанд ва аз ҳамдигар, пеш аз ҳама, аз инвариант – асоси қолабии фразеологизм бо чанд ҷузъ, ё унсури грамматикии худ фарқ мекунанд. Масалан, агар фразеологизми «бо як тир ду нишон задан»-ро ҳамчун инвариант қабул кунем, пас ибораҳои «бо як тир ду сайд задан», «бо як тир ду фохта задан» вариантҳои онро ташкил медиҳанд. Вариантҳои воҳидҳои фразеологии забон бештар дар натиҷаи ивазшавӣ, иловашавӣ ва фурӯгузор шудани унсурҳои луғавию дастурии фразеологизм ба вуҷуд меоянд: а) ивази унсури таркибӣ. Дар натиҷаи ивази яке аз ҷузъҳои синонимӣ ва ё аз ҷиҳати маъно наздик варианти он пайдо мешавад: «пои касеро аз осмон овардан» // линги касеро аз осмон овардан, ба дил гирифтан // дар дил гирифтан; б) иловашавии унсурҳои нав. Ба таркиби воҳиди фразеологӣ калима ё унсури нави грамматикӣ дохил мегардад, ки боиси ба обуранги иловагӣ

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

соҳиб шудани фразеологизм мегардад: «лаб кушодан» – «лаб ба сухан кушодан», «оҳ кашидан» – оҳи чуқур кашидан; в) афтидани унсурҳои таркибӣ. Варианти дар натиҷаи фурӯгузор шудани ин ё он ҷузъ ба вуҷудомада обуранги тару тозаи ибтидоии худро ҳам гум мекунад. Масалан, ибораи «ба осмон бардоштан» аз «ба осмони ҳафтум бардоштан» ба вуҷуд омадааст. Вариантҳои фразеологиро ба ду хел ҷудо мекунанд: а) вариантҳои морфологӣ ва вариантҳои лексикӣ. Варианти морфологӣ дар натиҷаи тағйирёбии ин ё он унсури грамматикии воҳиди фразеологӣ пайдо мешавад. Чунин вариантҳо бештар дар натиҷаи афтидан ё илова шудани пешояндҳо, пасояндҳо ва пасвандҳои калимасоз ба вуҷуд меоянд: «афти кор», «аз афти кор», «хоб рафтан», «ба хоб рафтан»; б) вариантҳои лексики воҳидҳои фразеологӣ аз тағйири яке аз ҷузъҳои дохили он ба вуҷуд меоянд: «фикру хаёл» – «фикру андеша», «тобу тоқат» – «тобу тавон»; «орзую омол» – «орзую ҳавас».

Вариантҳои морфемаҳо (алломорфа). Анвои гуногуни морфема (пешванду пасвандҳо), ки аз ҷиҳати таркиби овозӣ фарқ мекунанд: -он (-ён, -вон, -гон): зан<u>он</u>, бобо<u>ён</u>, оҳу<u>вон</u>, бача<u>гон</u>; -ӣ//гӣ: зебо<u>ӣ</u>, мардона<u>гӣ</u>; -ча//-ича: суфа<u>ча</u>, бузи<u>ча</u>, дари<u>ча</u>; -ӣ (-гӣ, -вӣ): ҷомаи кор<u>ӣ</u>, вазифаи хона<u>гӣ</u>; -она (-гона, -вона, -ёна): саломи дӯст<u>она</u>, гиреҳҳои дувоздаҳ<u>гона</u>, -ин (-гин): дарвозаи оҳан<u>ин</u>, зарфи нуқра<u>гин</u>; -ум (-юм); синфи яку<u>м</u>, соли ду<u>юм</u>; на-//-ма-: <u>на</u>рав, <u>ма</u>рав.

Васеъшавии (инкишофи) маънои калима - маъноҳои ҷудогонаи луғавӣ бо усулҳои маҷоз, инкишофи тадриҷии ғайримаҷозӣ, таҷзияи маънои воҳиди фразеологӣ пайдо мешаванд. Маъноҳои ба тариқи маҷоз тавлидшуда дар натиҷаи ба ҳам алоқаманд шудани маъноҳои калимаҳои гуногун ва кӯчидани маънои яке аз онҳо ба дигаре сурат мегирад. Масалан, маънои «чашм», ки бо калимаи <u>наргис</u> нисбат дода мешавад, аз <u>кӯчиши</u> маънои асосии луғавии калимаи <u>чашм</u> ба вуҷуд омадааст, ки он ба шакли зоҳирӣ ва ранги вараққҳои гули наргис монандӣ дорад. Маҷозоти луғавии ба усули маҷоз тавлидёфта бештар тавасути санъатҳои бадеии ташбеҳ, истиора ва синекдоха ба вуҷуд меоянд. Маъноҳои луғавӣ ба

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

тариқи инкишофи тадричии ғайримаҷозӣ низ ба вуҷуд меоянд. Мафҳумҳои бо ин роҳ ба вуҷуд омада боиси пайдоиши маъноҳои наве мегарданд. Масалан, калимаи доман ба маънои либоси занонаи аз миён поён, юбка аз ҳамин қабил аст. Ин калима, ки ба маъноҳои «қисми поении атрофии либос»: домани курта, домани ҷома ва канори ҳар чизе: домани кӯҳ дар истеъмол буд, маънои нави иқтибосии «юбка»-ро ҳамчун давоми мантиқии маъноҳои худ қабул кард. Воситаҳои грамматики (синтаксисии) алоқаи калимаҳо дар ибора ва ҷумла инҳоянд: Пешояндҳо, пасояндҳо, пайвандакҳои пайвасткунанда, бандаки изофӣ, бандакҳои феълию хабарӣ, тартиби калима, оҳанг, артикл.

Васл (ар. васала) – пайвастан, пайванд кардани чизе ба чизе. Дар илми арӯз амалест, ки ба воситаи он шоир дар ашъори худ ба сакта роҳ намедиҳад. Васл дар мавриди ҳашв ба кор меравад. Шоир барои нигоҳ доштани вазни матлуб баъди ҳамсадои зоид ҳатман калимаеро меорад, ки бо ҳарфи садонок сар шавад. Бо ин роҳ шоир сактаи шеърро аз байн мебарад. Масалан:

Ихвон, ки зи роҳ оянд, оранд раҳоварда,

Ин қисса раҳовард аст аз баҳри дили ихвон.

Дар ин байт дар калимаи роҳ ҳарфи з зоид буда, шоир барои мавзунии вазн калимаи оянд-ро овардааст, ки он бо ҳарфи садоноки о сар мешавад. Дар мисраи дуюм низ ҳамсадои д дар калимаи раҳовард зоид буда, ба хотири равонии вазн бандаки аст ва баъд аз он пешоянди аз оварда шудааст.

Вензел (пол. wezel) – гиреҳ. Ҳарфҳои аввали номҳои одамон (исмҳои хос), ки ба шакли гиреҳҳои бо ҳам алоқаманд ба сурати гул дароварда мешаванд.

Вербализатсия (лот. verbum – феъл). Ба феъл гузаштани ҳиссаҳои дигари нутқ. Дар асоси вазифаи наҳвӣ ба вазифаи хабарҳои феълӣ кор фармуда шудани ҳиссаҳои дигари нутқ: Кор тамом, вассалом. Ҳамин кифоя.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Вергул (аз лотинии virgula) – аз ҷумлаи аломатҳои китобатест, ки дар дохили ҷумла гузошта мешаванд. Вергул (,) мавридҳои зерини истифода дорад:

1) аъзоҳои чидаи ҷумларо, ки дар байни онҳо пайвандакҳои **ва, -у, (-ю)** наомадаанд, ҷудо менамояд: Дар лаби ин ҷӯйча дарахтони себ, зардолу, гелос, олуболу, дӯлона, нок, мурӯд шинонида шудаанд (С.А.).

2) мухотабро ҷудо менамояд:

Вақти он аст,

Эй қалам,

Буррандатар гардӣ зи теғ! (Ҳ.Ю.).

3) воҳидҳои туфайлиро ҷудо менамояд:

Лекин, мутаасифона, Зариф гоҳе насиҳати падарро фаромӯш мекард (А.Ш.).

4) аъзоҳои истисноии ҷумларо ҷудо мекунад:

Мо, талабагон, дар шабҳои барф ҳам такрори рӯйисаҳнии худро тарк намекардем (С.А.).

5) нидоро ҷудо мекунад:

Эй кош, ба олам то чашм кор мекард,

Дил буду одам онро қурбони ёр мекард (А.Л.).

6) ҳиссачаҳоро ҷудо мекунад:

– Ҳа, чӣ? Фаромӯш кардӣ, дар бачагӣ ҳар рӯз гӯштӣ мегирифтем. Ба назарам, ду-се бор туро афтонда будам-ку! (Ф.М.).

7) ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандакро ҷудо мекунад:

Насими баҳор зулфони Гуландомро ба ҳар сӯ парешон месохт, овози шир-шири об бо савти мурғон аз дур шунида мешуд (П.С.).

8) дар ҷумлаи мураккаби тобеъ ҷумлаи пайрав ва сарҷумларо ҷудо менамояд:

Сухан, к-он аз сари андеша н-ояд,

Навиштанрову гуфтанро нашояд (Н.Г.).

9) дар нутқи айнан нақлшуда сухани гӯяндаро ҷудо менамояд:

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

а) агар сухани гӯянда баъд аз нутқи айнан нақлшуда ояд, пеш аз он вергул ва тире гузошта мешавад:

– Духтур, ба Шумо як-ду чиз бигӯям, – ба гап даромад мардак пеш аз он ки дақиқае ба нохунҳои дасташ чашм дӯхта нишаст (Ф.М.);

б) агар сухани гӯянда дар байни нутқи айнан нақлшуда ояд, аз ду тараф бо вергул ҷудо карда мешавад:

Ман, – гуфт Темурмалик, – аз он вақт боз, ки ҷанг сар шудааст, ҳеҷ гоҳ зану фарзанди худро аз аҳли хонаводаи дигарон фарқ кунонда, барои онҳо ғамхории ҷудогона накардаам (С.А.).

Вови маъдула – вовест, ки дар баъзе калимаҳои тоҷикӣ пас аз ҳамсадои х навишта мешавад, аммо хонда намешавад: خویش – хеш (хвеш), خواهر – хоҳар (хвоҳар), خوارزم – Хоразм (Хворазм), خواندن – хондан (хвондан), استخوان – устухон (устухвон), خواب – хоб (хвоб), خویش – хеш (хвеш).

Вожаҳои грамматикии (синтаксисии) алоқаи калимаҳо дар ибора ва ҷумла - ибораю ҷумла дар натиҷаи ба ҳам алоқаманд гардидани калимаҳои мустақилмаъно ба вуҷуд меоянд. Алоқаи байни калимаҳо бо ёрии воситаҳои гуногуни грамматикӣ сурат мегирад. Ибора хусусияти номинативӣ ва ҷумла хусусияти предикативӣ, яъне мухобиротӣ дорад. Байни калимаҳо дар ибораю ҷумла воситаҳои зерини грамматикии алоқа мушоҳида мешавад: 1. **Пешоянд**. Вазифаи пешоянд як калимаро ба калимаи дигар вобаста намудан аст. Калимае, ки пешоянд гирифтааст, эзоҳдиҳанда буда, калимаро шарҳу эзоҳ медиҳад. Пешояндҳо бо исмҳо, ҷонишинҳои предметӣ, масдар ва ҳиссаҳои дигари нутқ, ки хусусияти предметӣ гирифтаанд, меояд. Бо ёрии пешоянд бештар ибораҳои феълӣ, исмӣ ва сифати феълӣ сохта мешаванд: аз хона баромадан, ба кор рафтан, бо рафиқон сӯҳбат кардан, барои хондан омадан, ба меҳмони аз саёҳат баргашта, донишҷӯёни ба саёҳат рафта, аз таҳти дил хандакунон. Дар шаклгирии ибораҳои исмӣ низ пешонядҳо зиёд истифода мешаванд: мубориза барои сулҳ, ҷудоӣ аз ёру дӯстон, гуфтугӯ бо худ. Пешояндҳо дар ташаккули ибораҳои сифатӣ низ иштирок мекунанд: дӯстони ба ман наздик, дӯсти барои ман азиз. 2. **Пасоянд**. Пасояндҳо бештар дар

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ташаккули ибораҳои феълию сифатӣ иштирок мекунанд: китобро хондан, падарро пешвоз гирифтан, рӯз барин равшан, омадан замон пурсидан, як ҳафта инҷониб, ду сол боз интизор шудан. 3. **Пайвандакҳои пайвасткунанда**. Пайвандакҳо яке аз муҳимтарин воситаҳои грамматикии алоқаи калимаҳо ва ҷумлаҳоянд. Калимаҳо ба ҳамдигар ба воситаи пайвандакҳои пайвасткунанда алоқаманд мешаванд: Фирӯза бо овози паст, бо ҳаяҷон, **вале** аз дилу ҷон сухан мегуфт (Ҷ.И.). 4. **Пайвандакҳои тобеъкунанда. Бандаки изофӣ** воситаи алоқаи муайяншаванда ва муайянкунанда мебошад, ки бештар бо исм меояд: гули хушбӯй, орзуи падар, дили беқарор. 5. **Бандакҳои феълию хабарӣ** хоси ҷумлаанд: Ман омадам. Ту омадӣ. Бандакҳои хабарӣ хусусияти факултативӣ (ғайриҳатмӣ) доранд: Ман коргарам. Ман – коргар. 6. **Тартиби калима** чун воситаи грамматикии алоқа дар ибораю ҷумла зиёд истифода мешавад. Он воситаи ифодаи алоқаи ҳамроҳист: ҳамин бино, баландтарин қулла, чор дона тухм, хеле зебо, борони беист боранда. 7. **Оҳанг** (интонатсия) чун воситаи алоқаи грамматикӣ хоси ҷумла буда, калимаро бо калима ё ҷумларо бо ҷумла тобеъ ё пайваст менамояд: нависанда Айнӣ, чор китоб. Дар алоқаманд гардидани аъзоҳои чидаи ҷумла, ки пайвандак надоранд, нақши оҳанг зиёд аст: Дар ягон ҷойи кӯчаи шаҳр шамъе, чароғе, фонусе набуд (С.А.). 8. **Артикл**. Артикли -е баъзан чун воситаи номуайянӣ ва ягонагии предмет меояд: гуле сурх, табақе ҳалво.

Вокабула (аз лот. vocabulum - калима). Калимаи ҷудогонаи забони хориҷӣ бо тарҷумааш ба забони модарӣ: Ибораи **exemplum** curiosum (**тимсоли** аҷиб) ба ёдаш расид (Ф.М.). Калимаи эзоҳшавандаи сарлавҳа дар мақолаи илмӣ.

Вокализм (аз лот. vocalus – овози садонок) – системаи садонокҳои ин ё он забон, шева ё гурӯҳу оилаи забонҳо. Дар тавсифи вокализм – теъдоди садонокҳо, қоидаҳои ҳамнишинии онҳо дар мавқеъҳои гуногуни фонетикӣ (овозҳои ҳамҷавор, заданокию безадаги, оғозу байну интиҳои калима), имкониятҳои тобишҳои фонемаҳо, бори функсионалии онҳо дар нутқ ба эътибор гирифта мешавад. Барои тасвири системаи садонокҳо

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

инчунин бори функсионалии садонокҳо дар нутқ муҳим арзёбӣ мешавад. Чунин бори функсионалӣ ба таносуби миқдори садонокҳою ҳамсадоҳо вобастагӣ дорад: агар миқдори садонокҳо аз миқдори ҳамсадоҳо хеле кам бошад (мас. дар забони тоҷикӣ 6 садонок ва 24 ҳамсадо мавҷуд аст), бори иттилоотии садонокҳо зиёд нест.

Волапюк (аз vol – ҷаҳон ва puk – забон), яъне забони ҷаҳонӣ. Забони сунъии байналмилалие, ки соли 1880 аз ҷониби попи католики немис Шлейхер сохта шудааст. Ин забони сунъӣ муваффақият пайдо карда натавонист.

Воҳидҳои забон – унсурҳои низоми (системаи) забон, ки вазифа ва маъноҳои гуногун доранд. Маҷмӯи воҳидҳои асосии забон сатҳҳои муайяни системаи забонро ба вуҷуд меоваранд: фонемаҳо – сатҳи фонемагӣ, морфемаҳо – сатҳи морфемагӣ. Ба маънои васеаш истилоҳи воҳидҳои забон падидаҳои гуногунро ифода менамоянд, ки объекти омӯзиши забоншиносӣ мебошанд. Масалан, воҳидҳои моддӣ, ки қишру қолаби овозӣ доранд: фонема, морфема, калима, ҷумла, воҳидҳои «нисбатан модди»-е (Л.И.Смирнитский), ки қишри овозии тағйирёбанда доранд: қолабҳои таркибу сохтори калима, ибора, ҷумла ва воҳидҳои маънӣ (мас. имоҳо), ки ҷиҳати маъноии (идеалии) воҳидҳои моддӣ ё нисбатан моддии дар чунин воҳидҳо набударо ташкил медиҳанд. Воҳидҳои моддии забонро ба якҷониба, ки маънои хоси худро надоранд (фонемаҳо, ҳиҷоҳо) ва воҳидҳои дуҷониба, ки ҳам маъно ва ҳам қишри (қолаби) овозӣ доранд, ҷудо мекунанд (морфемаҳо, калимаҳо, ҷумлаҳо). Ҳамаи навъҳои воҳидҳои забон хосиятҳои зерини муштарак доранд: а) Воҳиди забон бояд шакли моддӣ (овозӣ) дошта, ба маънои муайяне далолат кунад ё дар ташаккули маъно иштирок кунад; б) Аз матнҳои бутун онро ҳамчун обйекти мустақил ҷудо кардан мумкин бошад; г) Ҳар як навъи воҳидҳои забон бо навъҳои дигари онҳо дар муносибати зинавӣ қарор доранд: аз воҳидҳои нисбатан хурди забон воҳидҳои нисбатан калони он ба вуҷуд меоянд ва ё баръакс таҷзияи воҳидҳои нисбатан калон воҳидҳои нисбатан хурдро медиҳад. Ба гурӯҳҳои ҷудогонаи воҳидҳои

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

забон фонемаҳо, морфемаҳо, лексемаҳо, фраземаҳо ва ба гурӯҳҳои воҳидҳои нутқ ибораҳо, ҷумлаҳо, бандҳои синтаксисӣ дохил мешаванд.

Воҳидҳои наҳвӣ - дар грамматикаҳои илмии имрӯза миқдори воҳидҳои наҳвиро иборат аз панҷ медонанд: калимашакл, ибора, ҷумлаи сода, ҷумлаи мураккаб ва матн. Мавзӯи баҳси наҳвро ҳам омӯзиши ҳамин панҷ воҳиди наҳвӣ аз лиҳози сохтори маъноӣ ва наҳвӣ, бо таъбири дигар, чӣ сохтан, аз чӣ сохтан ва чӣ тарз сохтан мешуморанд. Ба воҳидҳои калимашакл дар шакли тасрифӣ омадан феълро (мехонам, хонда будам, бихон, хоҳам хонд), бо пешоянду пасоянд омадани калимаҳоро (бо сарбаландӣ, барои хондан, роҷеъ ба мавзӯъ, гул барин, ду рӯз боз) нисбат медиҳанд. Калимашакл дар сохтани ибора ва ҷумлаи сода, ибора дар сохтани ҷумлаи сода чун масолеҳи тайёр ё камтайёр истифода мешавад.

Воҳидҳои фонетика – маҷмӯи воситаҳои овозие, ки ҷиҳати овозии воҳидҳои маънодори забонро меомӯзанд. Дар сатҳи калима се унсури асосии фонетика: овозҳо, ҳиҷо, зада амал мекунанд. Онҳо бо тарзу тартиби истеъмоли худ се унсури асосии калима буда, сохтмони фонемагӣ, ҳиҷоӣ ва заданокии онро ташкил медиҳанд ва тавассути онҳо як калима аз калимаҳои дигар фарқ карда мешавад. Дар ташкили фраза (ҷумла) воситаҳои дигар низ иштирок мекунанд. Воситаҳои ташкили оҳанги гуфтор суръати нутқ, тамдид, танин, танфис, задаҳои синтагмаю фраза, таъкид мебошанд, ки онҳо маънои ҷумларо тағйир дода метавонанд. Воҳидҳои фонетикаро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: а) воҳидҳои занҷирӣ ва б) воҳидҳои забарзанҷирӣ. Ба гурӯҳи воҳидҳои занҷирӣ ғайр аз овозҳои нутқ (фонемаҳо) ҳамаи воҳидҳои фонетикие, ки истеъмоли пайдарҳам доранд (ҳиҷо, калима, синтагма, фраза ва банди фонетикӣ) дохил мешаванд; б) воҳидҳои забарзанҷирӣ, ки ба воситаи ду воҳиди асосӣ – зада ва оҳанг шарҳу тафсир меёбанд. Тафовути ин унсурҳо аз воҳидҳои занҷирӣ дар истеъмоли онҳост. Ин унсурҳо гӯё хусусияти иловагӣ доранд, зеро онҳо воҳидҳои муташаккил: калима ва ҷумларо ҳамроҳӣ мекунанд ва ба онҳо зам мешаванд. Зада ва оҳанг воҳидҳои забарзанҷирии фонетикаанд. Унсурҳои забарзанҷирӣ бо воҳидҳои занҷирӣ талаффуз

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

шаванд ҳам, қобили тағрид мебошанд. Воҳидҳои забарзанҷириро просодия низ меноманд.

Воҳидҳои фразеологӣ - фразеология (аз юн. Phrásis – ифода ва logos – калима, таълимот) – 1) фасли забоншиносӣ, ки таркиби фразеологии забонро меомӯзад; 2) маҷмӯи фразеологияҳои ин ё он забон. Фразеология воҳидҳои забониеро фаро мегирад, ки аз пайвасти ду ва ё бештар аз ду калима иборат буда, таркибан устувор ва тағйирнопазиранд. Воҳидҳои фразеологӣ чун воситаи тайёри забонӣ дар қолаби рехта истифода мешаванд. Воҳидҳои фразеологӣ аксар муодили образноки калимаҳои ҷудогонаанд. Дар ифодаи: «Имрӯз нашавад, фардо амиру вазирро нест мекунанд» таркиби нест кардан маънои барҳам доданро ба тарзи муқаррарию одӣ ифода менамояд. Устод Айнӣ ба ҳамин маънӣ муодили фразеологии ин таркиб лингро аз осмон овардан-ро ба кор бурдааст: Имрӯз нашавад, фардо линги амиру вазирро аз осмон меоранд. Воҳидҳои фразеологӣ, мисли калимаҳо, услубан аз якдигар фарқ мекунанд. Онҳоро аз рӯйи соҳаи истеъмол ва хосияти таъсирбахшию эҳсосашон ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: а) Воҳидҳои фразеологие, ки тобиши муасир ва эҳсосӣ надоранд. Чунин воҳидҳо аз хосияти образнокӣ ва баҳодиҳӣ маҳруманд: даст мондан (имзо кардан), роҳи оҳан, қафаси сина, Дубби Асғар, Роҳи Каҳкашон, шуоъи кайҳонӣ; б) Воҳидҳои фразеологие, ки дорои хусусияти муассир ва эҳсосианд. Ин навъ фразеологизмҳо бо образнокиашон фарқ мекунанд ва аз муҳимтарин захираю имкониятҳои услубӣ ба шумор мераванд: гурехтан – думро хода кардан, хӯрдан – ба таги бинӣ задан, хушомад кардан – патаку пайтоба шудан, зарар расонидан – ба реша намак гӯр кардан. Воҳидҳои фразеологии муассир ба навъҳои омиёна (гуфтугӯӣ) ва китобӣ ҷудо мешаванд. Фразеологизмҳои омиёна хоси услуби гуфтугӯианд. Онҳо дар осори бадеӣ, дар суханҳои намояндаи мардуми омӣ зиёд истифода мешаванд: Бародар «об аз боло лой», ҳокимони мамлакат ҳам тарафи боёнро мегиранд. Мо, бечорагон, ба пеши онҳо даҳон кушода наметавонем, ҳоким ҳам тарафи онҳо, қозӣ ҳам тарафи онҳо, раис ҳам тарафи онҳо, ҳатто, амир ҳам тарафи онҳо (С.А.).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Воҳидҳои фразеологии китобӣ хоси нутқи китобӣ буда, дар сухани бошукӯҳ ва мутантан истифода мешаванд: даст гарав кардан (даст задан ба коре); дасти адаб ба сина ниҳодан (изҳори ҳурмат кардан), дида аз ғарқ шустан (раҳо шудан аз ғам). Балъамӣ: Коре бикун, эҳсосоти ватанхоҳии амир бичӯшад ва араш ҳавои Бухоро бигирад, охир ту шоирӣ, созанда ва сарояндаӣ, ту ба тори дили мардум нохун мезанӣ (С.У.)

Воситаҳои ғайризабонии алоқа. Воситаҳое, ки ба гуфтор дар ифодаи фикру андеша, эҳсосоту ҳаяҷон ёрӣ мерасонанд, амсоли: имою ишорат, ҳолату вазъияти нутқ, имою ишора (мимика).

Воситаҳои тасвирии забон. Воситаҳое, ки барои пуробурангу муассир ва образнок ифода намудани фикр ёрӣ мерасонанд ва маъноро дилкашу ҷаззоб мегардонанд санъатҳои маънавии ташбеҳ, маҷоз, истиора, киноя, муболиға, тавсиф, тазод, суолу ҷавоб ва м.и.

Вулгаризм (лот. vulgaris – авомона, омиёна). Калима ва ифодаҳои дағалу гӯшхароше, ки аз доираи лексикаи забони адабӣ берун меистанд: башара (ба ҷои рӯй); шах шуда мондан (ба ҷои мурдан), шикам нур кардан (ба ҷои сер шудан); гум шав (ба ҷои рав).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Г

Гаплология (аз юн. gaplos – одӣ (сода) ва logos – мафҳум, таълимот). Фурӯгузор шудани яке аз ҳиҷоҳои якхелаи ҳамҷавор, ки натиҷаи падидаи диссимилятсия мебошад: минерология (ба ҷойи минералогия), трагиколидия (ба ҷойи трагикоколидия). Ин падидаи фонологӣ дар забони тоҷик бештар дар номҳои мардонаю занона мушоҳида мешавад: Бомурод (ба ҷойи Бобомурод), Бираҷаб (ба ҷойи Бибираҷаб).

Генеалогӣ (аз юн. genealogia – шаҷарӣ, насиб).Ниг.: **таснифоти гениологии забонҳо**.

Географияи лингвистӣ – як бахши забоншиносист, ки интишори арзии падидаҳои забониро таҳқиқ менамояд. Ин соҳаи забоншиносӣ дар интиҳои асри XIX аз шевашиносӣ ҷудо шудааст. Тафовутҳои шевагии забонҳои гуногун проблемаи мувофиқат кардан ё мувофиқат накардани марзаи интишори чунин тафовутҳоро дар ҳудуди муайяни забонӣ ба вуҷуд овард. Географияи лингвистӣ бо лингвистикаи ареалӣ (минтавӣ) робитаю алоқаи зич дорад. Пайдоиш ва инкишофи географияи лингвистӣ бо нақшабардории тафовутҳои шевагии забонҳо ва таҳияи атласҳои шевагӣ иртибот дорад. Чунин атласҳо гуногунанд: атласҳои ҳудуди мухталифи ин ё он забон, атласи гурӯҳи забонҳои хеш. Географияи лингвистӣ имконе медиҳад, ки дар заминаи омӯзиши муқоисавии изоглосс – хате, ки дар харитаи шевашиносӣ маҳалҳои падидаҳои яксони забониро пайваст мекунад, барои омӯзиши таърихии забонҳо ва шеваҳо маълумоти муҳим медиҳад. Дар забоншиносии тоҷик аввалин донишманде, ки ба ин тарзи омӯзиши шеваҳои тоҷикӣ (харитабардорӣ) рӯ овардааст, зиндаёд Миср Эшниёзов мебошанд.

Германизм (аз лот. germanus – германӣ (олмонӣ). Калима ва ифодаҳое, ки аз забонҳои олмонӣ иқтибос шудаанд: гастрол, шифер, флот, камертон, штемпел, мисс, полисмен.

Гетерограмма (аз юн. héteros (дигар) ва grámma – нақшу нигор, аломат, ҳарф) – аломат ва пайвасти аломатҳое, ки калимаҳои як забонро ифода мекунанд, аммо барои қироати тарҷума ба дигар забонҳо.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Гетерография (аз юн. héteros – дигар ва grápho - менависам) – тарзи хате, ки як қисми калимаҳо (ё асосҳои онҳо) ва баъзан тамоми ифода ба ин ё он забон навишта мешаванд, аммо ҳангоми қироат ба дигар забон тарҷума карда мешаванд. Масалан, дар забони шумерӣ хати мехии асосҳои калима тавассути идеограммаҳо навишта мешуданд, аммо вандҳо ва калимаҳои ёридиҳанда бо аломатҳо ба ҳиҷо баробар.

Гидроним (аз юн. hydára – об + onyma – ном). Ифодаи номҳои дарёҳо, кӯлҳо, ҷазираҳо, уқёнусҳо, обанборҳо ва м.и.: дарёи Вахш (Зарафшон, Амид, Сир), Уқёнуси Ором, обанбори Норак.

Гипертеза (ниг.: **метатеза - ҷойивазкунӣ**).

Гипонимия (аз юн. hupo – зер ва onyma – ном) – яке аз муносибатҳои асосии парадигматикаи майдони семантикист, ки зинаҳои тобеияти унсурҳои онро муносибатҳои ҷинсу намуд ташкил медиҳанд.

Гипотаксис (муқ. паратаксис) (аз юн. Hupo – зер ва taxis – тартиб, вазъ, бо тартиб ҷобаҷокунӣ) ба маънии тобеъшавии ҷумла, муқ. Паратаксис.

Глаголитса (анг. glagólitsa). Яке аз ду ҳарфи азбукаи (алифбои) славянии қадима. Ин навъи хат аз кириллитса бо нақшу нигори худ фарқ мекард.

Глосса (юн. glossa – калимаи архаистӣ, нодиру камистеъмол). 1. Муродифи вожаи калима. 2. Калимаҳои ғайримуқаррарӣ ва ифодаҳое, ки дар ин ё матн истифода шуда, шарҳ дода мешаванд ё тафсир меёбанд: Тарзи маишати мо ба кадом исрофот мунҷар (анҷом ёфта, оид шуда) гардида буд? (С.А.). Дар ибтидо дар дунёни антиқа архаизмҳоро глосса мегуфтанд. Ҳанӯз дар асри V то милод дар Юнон маҷмӯа ва шарҳу тафсирҳои глосса вуҷуд доштанд. Омӯхтани глосса махсусан дар замони Александриён (искандариён) васеъ инкишоф меёбад. Яке аз аввалин тадқиқотчиёни глосса Филет (340–280) аз Кос, шогирди ӯ Зенодот (325–260) аз Эфос мебошанд. Онҳо глоссаҳои достонҳои Гомерро меомӯхтанд. Баъдтар шарҳи калимаҳои душворфаҳмро, ки одатан дар ҳошияи китобҳо ё дар байни сатрҳо оварда мешуд, глосса меномиданд. Ҳангоми

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

рӯйнавискунии китобҳо глоссаҳо бештар дар худи матн роҳ меёфтанд. Ин қабил глоссаҳоро интерполятсия меномиданд. 3. Ҳама гуна корбасти калима дар ин ё он гуна ва дар шакли муайяни грамматикӣ.

Глоссема́тика (аз юн. glōssēma, ҳолати мафъулии glōssēmatos – калима). Назарияи забоншиносии яке аз ҷараёнҳои структурализм, ки ба усулу методи соф дедуктивӣ (мантиқӣ) такя мекунад ва алгебраи забонро ифода мекунад. Дар ин назария забон ҳамчун системаи муносибатҳои ба мафҳуми воқеӣ (дар ифодаи маъно) ва овозҳои реалӣ вобаста набуда муаррифӣ мешавад.

Глотогоция (юн. glōtta – забон ва gonos – таваллуд). 1. Пайдоиши забон. 2. Таълимот дар бораи пайдоиш ва инкишофи забон.

Глоттохронология (англ. glottochronology). Фасли лексикологияи таърихӣ, ки суръати тағйиротҳои забониро бо мақсади муайян намудани «дараҷаи собиқа»-и пайдоиши системаҳои луғавии ҷудогона ва қолабҳои таносуби онҳоро дар доираи оилаи муайяни забонҳо меомӯзад. Глоттохронология ба методи лексикиомории таркиби луғавии забонҳои хеш такя менамояд, ки он имконият медиҳад боиси дарёфти таърихи гузаштаи ягонагии онҳо ва аз ҳамдигар дуршавии онҳо мегардад.

Градатсия (лот. gradation – тақвияти тадричӣ). Шакли услубие, ки дар чунин алоқаи гуфтор (калимаҳо, қисмҳои ҷумла) қарор дорад, ки ҳар як унсури баъдӣ дорои маънои тақвиятдиҳандаи маъноӣ ё эҳсосоию таъсирбахш мебошад. Градатсияи баландшаванда: бо тартиби муайян аз аввалӣ қувватноктар шудани калимаи дигар:

Зиндагӣ ҷои хомӯшӣ набувад,

Дил биё, ҷӯш зан, мубориз бош! (Ҳ.Ю.).

Градатсияи пастшаванда. Аз калимаи аввалӣ пештар шудани ифода калимаи минбаъда:

Шеъри ман!

Хуни ҷигар, ё пораи дил гӯямат,

Ё шитоби корвон дар роҳи манзил гӯямат. (М.Т.).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Грамматика (юн. grammatikē). Қисми забоншиносӣ, ки дар бораи тағйирёбии калима, сохту сохтори калима, анвои ибораю навъҳои ҷумлаҳо маълумот медиҳад. Истилоҳи грамматика дар забоншиносӣ ба ду маъно ба кор бурда мешавад: ба маънои сохти грамматикии забон ва ба маънои таълимот дар бораи сохти грамматикии забон. Грамматика ба ин маъно маҷмӯи қоидаҳо дар бораи тағйироти калимаҳо ва алоқаманд шудани онҳо дар ҷумла мебошад.

Грамматикаи таърихӣ. Грамматикае, ки сохти калима, ибора ва ҷумларо дар марҳалаҳои гуногуни инкишофи онҳо меомӯзад. Грамматикаи тасвирӣ. Грамматикае, ки сохти калимаҳо, ибора ва ҷумларо дар сатҳи синхронӣ (ҳамзамонӣ) таҳқиқ мекунад. Грамматикаи шаклӣ. Грамматикае, ки муносибатҳои шаклию зоҳирии вобаста ба сохти калимаю ибораю ҷумларо меомӯзад. Грамматикаи илмӣ. Грамматикае, ки соф назариявӣ буда, дар заминаи тадқиқотҳои илмии баанҷомрасида таҳия шудааст. Грамматикаи мантиқӣ. Грамматикае, ки дар заминаи категорияҳои мантиқӣ: мафҳум, муҳокима, хулосабарорӣ тартиб ёфтааст. Грамматикаи муқоисавӣ. Грамматикае, ки хусусиятҳои шаклию сохтории калимаҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳоро дар асоси муқоиса: умумияту тафовутҳои забонҳои хеш ё гуногунсохторро меомӯзад. Грамматикаи меъёрӣ. Грамматикае, ки меъёрҳои забониро муайян мекунад, яъне шаклҳои дурусти калимаҳо ва қолабҳои саҳеҳу дурусти ибораю ҷумлаҳоро муқаррар мекунад.

Грамматикализатсия (грамматикашавӣ). 1. Аз байн рафтани маънои мустақили луғавии калима дар натиҷаи ҳамчун вожаи ёридиҳанда истифода шудани он. Муқ. Акрам ба хона раваду наояд, чӣ мешавад? Раваду борон борад. 3. Дар шакли аналитикии калима ифода шудани ибора: ниҳоят хуб – хубтарин, аз ҳама хуб; аз ҳама калон – калонтарин.

Граммема (анг. grammeme). 1. Воҳиди хурдтарини сатҳи грамматикӣ. 2. Воҳиди хурдтарини маънои грамматикӣ.

Графема (анг. Grapheme). Воҳиди асосии сохтории забон, ки шомили системаи гуна-варианти хаттии ин ё он забон мебошад).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Графемика англ. Graphemics. Як бахши (фасли) забоншиносист, ки қонуниятҳо ва қоидаҳои ифодаи фонемаҳои забонро дар нутқи хаттӣ меомӯзад (муқ. Морфемика, фонемика).

Графика англ. Graphics. 1. Маҷмӯи ҳамаи воситаҳои хати ин ё он забон. Графикаи лотинӣ. Графикаи арабӣ. 2. Таносуби системаи аломатҳои хаттӣ бо системаи фонетикии забон.

Графикӣ англ. Graphic. Сифати графика. Монандшавии графикӣ Ниг.: **Монандшавӣ.** Варианти графикӣ ≈ алография. Аломатҳои графикӣ Ниг.: **аломат**.

Гуна (ниг.: **вариант**).

Гурӯҳи забонҳои эронӣ. Забонҳои эронӣ як гурӯҳи ҷудогонаи шохаи забонҳои ориёнӣ (ҳиндуориёӣ), оилаи забонҳои ҳиндуурупоӣ аст, ки онҳо аз ҷиҳати манотиқи густариш, хусусиятҳои сарфиву наҳвӣ ва таҳаввулоти таърихӣ ба ҳамдигар наздиканд. Асри XX дар таҳқиқу омӯзиши забонҳои эронӣ дастовардҳои бузургеро ба ҷаҳониён дастрас намуд. Ҳанӯз аз оғози қарни бистум (1895-1901) муҳимтарин тадқиқоти бунёдӣ, сарчашмаи муҳими илмиву назарӣ доир ба забонҳои эронӣ «Grandrish der iranischen philoloqie» интишор ёфт, ки он боиси ковишу кушоишҳои тоза ба тозае дар таҳқиқи забонҳои эронӣ гардид. Китоби мазкур дар он даврон тамоми дастовардҳои муҳими таърихи забонҳои эрониро фаро гирифта буд. Минбаъд мафҳуми «забонҳои эронӣ», «гурӯҳи забонҳои эронӣ» дар эроншиносӣ ва умуман забоншиносиву таърих беш аз пеш маъмулу мустаъмал гардид. Дар идомаи ин тадқиқоти бузург дастовардҳои назарраси илмӣ дар таҳқиқу баррасии хусусиятҳои сарфиву наҳвии забонҳои эронӣ рӯи кор омаданд. Гурӯҳи забонҳои эронӣ гуфта забонҳои зинда ва матруки (маҳвшудаи) аз ҷиҳати генетикӣ бо ҳам қаробатдоштаро мегӯянд, ки дар ибтидо аз як забон (модарзабон, забони мабдаъ) сарчашма гирифтаанд. Предмети омӯзиши забонҳои эронӣ бағоят мукаммалу васеъ аст ва онҳоро ҳамеша амиқ ва дақиқ бояд омӯхт. Ба гурӯҳи забонҳои эронӣ забонҳои тоҷикӣ, порсӣ, афғонӣ (пашту), осетинӣ, курдӣ, забонҳои помирӣ, яғнобӣ, балуҷӣ, тотӣ, толишӣ, гелонӣ, мозандаронӣ, ормурӣ, парочӣ ва як қатор забонҳои қадимаи эронӣ

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

(авестой, модӣ, скифии сарматӣ, паҳлавӣ, суғдӣ, хоразмӣ, бохтарӣ ва ғ.) дохиланд, ки онҳоро дар фаслҳои ҷудогона мавриди таҳлилу баррасӣ қарор хоҳем дод. Дар илми муосир гурӯҳи забонҳои эронӣ аз рӯи таҳаввули таърихӣ, минтақаи густариш ва хусусиятҳои сарфиву наҳвӣ то андозае таҳқиқу тасниф гардидаанд. Доир ба забонҳои эронӣ осори гуногуни илмиву таълимӣ, мақолоту дастуроти фаровон интишор ёфтаанд, ки ин ҳама дастоварди назарраси илми забоншиносӣ ва эроншиносии муосир аст. Забонҳои эронӣ аз нимаи дуввуми ҳазорсолаи 2-юми то милод дар Осиёи Марказӣ паҳн гардида, рушду нумӯъ карданд. Азбаски аз он даврон то ҳанӯз ягон осори хаттӣ аз забонҳои эронӣ дастрас нашудааст, доир ба дигар масоили забонии гурӯҳи мазкур муҳокимаронӣ мушкилтар аст. Таърихи забони тоҷикӣ имтидоди зиёда аз ҳазорсоларо дар бар гирифта радду бадал ва коҳишу афзоиш ҳои зиёдеро аз сар гузаронидааст ва умуман таърихи забонҳои эронӣ даврони басо тӯлонӣ ва пурпечутобро фаро мегирад.

Гурӯҳ. 1. Воҳиди таҷзияи фонетикӣ, синтаксисӣ ва семантикии (маъноии) нутқ. Гурӯҳи аксент. Гурӯҳи калимаҳое, ки як задаи муттаҳидкунанда доранд. Гурӯҳи нафасбарорӣ. Як ҷузъи (қисми) гуфтор, ки бе танфис (пауза) талаффуз карда мешавад; қисми нутқ, ки бо ду танфиси физиологӣ талаффуз карда мешавад. Гурӯҳи оҳангию маъноӣ. Гурӯҳе, ки дар сатҳи таҷзияи актуалии ҷумла ҷудо карда мешавад. Гурӯҳи мубтадо (таркиби мубтадо, ҳайати новобаста). Мубтадо ва аъзоҳои пайрав ба он вобаста; муқобили гурӯҳи хабар. Гурӯҳи хабар хабар ва аъзоҳои пайрави ҷумлаи аз он вобаст.

Гурӯҳи забонҳои анатолӣ. Гурӯҳи забонҳои оилаи ҳиндуаврупоӣ, ки ба онҳо танҳо забонҳои мурда тааллуқ доранд: хетӣ (хетӣ-несетӣ), кувӣ, палаӣ, медӣ ва ғ. Ин забонҳо то эраи мо дар ҳудуди Осиёи Сағир паҳн шуда буданд.

Гурӯҳи забонҳои балтикӣ. Аз оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ буда, ба гурӯҳи забонҳои славянӣ наздиканд: литвагӣ, латишӣ, латгалӣ. Ба ин гурӯҳ забонҳои мурдаи Прусияи қадим низ мансуб аст, ки забонҳои аҳолии Прусияи шарқӣ будааст.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Густариши маъноӣ. Зиёд шудани ҳаҷми маъноии калима дар ҷараёни инкишофи таърихӣ ё дар контексти истифодаи он дар нутқ. Бисёр маъноҳои ба ном иловагӣ, таърихан мақоми маънои асосиро доштанд. Калимаи ифлос, ки ҳоло ба маънои асосии «чиркин» дар истеъмол аст: либоси ифлос, табақи ифлос дар гузаштаи начандон дурр ба маънои «муфлис, камбағал» ба кор мерафт. Ин калима дар байти зерини Исо Махдум ба ҳамин маъно омадааст:

Зи умрам сӣ гузашту ман ҳамон дар қайди ифлосам,

Ба панҷоҳу чиҳил шояд раҳам аз шасти қашшоқӣ.

Калимаи гилем, ки ҳоло маънои «палоси пашмин»-ро дорад, дар гузашта ба маънои «чакман» низ ба кор мерафт:

Гилеми саодат яке бар сараш,

Гилеми шақоват яке дар бараш. (Саъдӣ).

Чунин тағйиротро дар низоми маъноии калимаҳои серистеъмолу фаъоли ҷалоҷин, кӯса, дӯл, масолеҳ, таклиф, савганд мушоҳида кардан мумкин аст.

Гуфтор ё сабки машвараткӣ. Истилоҳест, ки барои ишора ба сабки сухангӯӣ мавриди истифода дар гуфтугӯ бо афродидигар бакор меравад. Яъне афроде, ки таҷоруб ва иттилооти қаблии гӯяндаро надоранд ва ба ҳамин далел ба иттилоот ва савобиқе пеш аз он чи ки дар гуфтори муҳоравӣ мавриди истифода қарор мегирад ниёзманданд.

Гуфтор. Воҳиди иттилоот, ки дорои тамомияти маъноӣ мебошад. Гуфтор бо ҷумла баробар буда метавонад ва иттилооте буда метавонад, ки дар қолаби ҷумлаи сода (калима-ҷумла, луқмаи ҷавобӣ дар муколама намеғунҷад). Гуфтор ҳамчун истилоҳи адабиётшиносӣ номи бобҳои ҷудогонаи достонҳои ишқии романтикӣ ва ҳамосавии классикист.

Гуфтори пайваста: каломи пайваста. Забони гуфторӣ ба ҳангоме, ки ба сурати занҷираи пайваста мавриди таҷзия ва таҳлил қарор мегирад. Дар муқобили таҷзия ва таҳлили вожаҳо ва овозҳо ба сурати мунфарид ва ҷудо.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Гӯйиш, гӯйишӣ. Яке аз гунаҳои забон,кидар бахше аз кишвар роиҷ аст (гӯйиши минтақавӣ (гунаи регионӣ), ё афроди вобаста ба табақаи иҷтимоии хос бадон сӯҳбат мекунанд. (гӯйиши иҷтимоӣ. Ин гунаи забонӣ аз назари вожа, дастур ва ё талаффуз бодигар суратҳои ҳамон забон тафовут дорад. Ҳар гӯйиш маъмулан дорои лаҳҷаи (аксент) хоси худаст. Гоҳ як гӯйиш мавқеият пайдо мекунад ва ба сурати гунаи меъёри кишвар медарояд.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Д

Далолат, далолатӣ, маънои сареҳ. Бахше аз маънои калима ё гурӯҳ,ки онро ба падидаҳои дунёи воқеӣ, хаёлӣ ё дунёи محتمل рабт медиҳад. Масалан, маънои сареҳи калимаи bird ин аст: мавҷуди дупо, болдор, тухмгузор, хунгарм ва дорои нӯк. Дар як низоми маъноӣ маънои сареҳро метавон маънои марказӣ ё маънои ҳастаии як унсури вожагонӣ ба ҳисоб овард ва онро бо маънои ирҷоӣ ва маънои шинохтӣ ва маънои мафҳумӣ мусовӣ гирифт, агарчи баъзе аз забоншиносон ва файласуфон байни инмафҳумҳо тамоиз мегузоранд.

Дараҷаи қиёсии зарф. Гурӯҳи калони зарфҳо дараҷаи қиёсӣ доранд: Вай зудтар наздиктар рафта қарор гирифт. (С.У.) Фарқи дараҷаи қиёсии зарф аз дараҷаи қиёсии сифат он аст, ки вай ба феъл вобаста шуда, онро шарҳу эзоҳ медиҳад: Шомурод пас аз хӯрда шудани палав боз поёнтар нишаст. (С.А.) Баъзе зарфҳои миқдору дараҷа (камтар, бадтар), макон (поёнтар, болотар), замон (бегоҳитар, дертар, наздиктар) дараҷаи қиёсӣ доранд.

Дараҷаи қиёсии сифат. Сифат дар дараҷаи қиёсӣ мефаҳмонад, ки ба аломати мавҷудаи худи ҳамон предмет ба андозае зиёд ё кам аст. Дараҷаи қиёсӣ бо роҳи ба дараҷаи одӣ илова намудани пасванди шаклсози -тар сохта мешавад: бузургтар, ҳамортар, ширинтар. Маълум мешавад, ки пои ман аз пои шутур ҳам сахттар ва ба сармо тобовартар будааст (С.А.). Дараҷаи қиёсии сифат ду роҳи ифодашавӣ дорад: а) синтетикӣ (таркибӣ); б) аналитикӣ (таҳлилӣ). Навъи синтетикӣ бо роҳи ба сифати аслӣ ҳамроҳ намудани пасванди -тар сохта мешавад: хуб-хубтар, гарм-гармтар: Имрӯз офтоби ҷонбахш ба қишлоқ доман-доман нур пошида, гулу сабзаро зеботар, дарахтони нав баргкушодаро барнотар… карда буд. (Ҷ.И.). Дараҷаи қиёсӣ бо пешояндҳои номӣ-таркибии нисбат ба, назар ба ва таркиби «боз ҳам», ифода меёбанд: Оби шӯхи дарёчаи қишлоқ боз ҳам шӯхтар шудагӣ барин ба назар метофт. (Ҷ.И.).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Дараҷаи одии сифат. Дараҷаи одӣ асос ва нуқтаи баромади дараҷаҳои қиёсӣ ва олии сифат аст. Сифат дар дараҷаи одӣ аломат ва чигунагии предметро ба аломат ва чигунагии предмети дигар бидуни муқоиса мефаҳмонад: Ҳавои хуб, манзараи зебо, оби соф, бӯи хуш, ҷавони қадбаланд: Бар рӯи суфа як қолини дарози сербарг паҳн буд. (С.А.).

Дараҷаи олии сифат. Дараҷаи олии сифат ҳадди охирини аломат ва ё ба дараҷаи олии аломат соҳиб будани яке аз предметҳои ҳамҷинсро мефаҳмонад: Ҳабиба аз ҳамаи духтарони дигар ба ман меҳрубонтар буд. (С.А.); ман мехостам, ки ҷаҳида аз пешаш бароям, бо ҳар ду дастам дасташро фишорам ва суханҳои беҳтаринамро барояш гӯям. (С.У.).

Дарӣ (форсӣ-кобулӣ, кобулии-форсӣ) – яке аз забонҳои зергурӯҳи забонҳои эронии ҷанубӣ-ғарбӣ. Дар қатори пушту яке аз забонҳои Ҷумҳурии исломии Афғонистон. Шумораи умумии гӯяндагони ин забон тақрибан 4 миллион нафар аст. Ду гурӯҳи шеваҳои забони дариро ҷудо мекунанд: шеваҳои ноҳияҳои Ҳирот, Хазорачот, Лоғар ва Гардез, ки бо шеваҳои шимолу шарқии Эрон ва шеваҳои Бадахшон, Панҷшер, Кӯҳистон ва ноҳияи Кобул хусусиятҳои муштарак доранд ва шеваҳои гурӯҳи мардумони муғултабор – ҳазораҳо ва қавмҳои кӯчманчии аймоқҳо. Дариро бо забонҳои форсию тоҷикӣ пайдоиши умумӣ муттаҳид мекунад: ҳамаи ин забонҳо идомаи забони адабиёти классикии тоҷику форс мебошанд, ки дорои анъанаи бойи адабиёти хаттию адабианд (адабиёти классикии асрҳои IX–XVI: Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Умари Хайём, Ҷомӣ). Таърихан сарзамини Афғонистони ҳозира бо сарзамини Осиёи Миёна ва қисмати шимолӣ-ғарбии Ҳиндустон шимоли минтақаи шарқии интишори забони порсии нав буд. Аз ҳамин ҷост тафовути дарӣ аз форсии муосир ва қаробати наздик бо забони тоҷикӣ. Аз забони форсӣ бо мавҷудияти садонокҳои дарози **о, е,** шакли архаистии дифтонҳои (садонокҳои мураккаби ai, aw, бо системаи мураккаби шаклҳои замонии феъл ва таркиби луғавӣ фарқ мекунад). Забони адабии дарӣ дар шароити дузабонӣ (дарӣ ва пушту) қарор дорад. **Дарундоди қобили фаҳм - з**абони гуфторӣ, ки шунаванда метавонад онро дарк кунад, ҳатто агар баъзе

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

сохторҳо ва вожаҳои он ошно набошанд. Тибқи назарияи фарогири забони (Кращен) дарундоди қобили фаҳм шарти лозим барои фарогири забон дувум аст.

Дастнавис (мусаввада) - нутқи хаттӣ (китобатӣ), ки аз тарафи муаллиф ба коғаз сабт карда мешавад: дастнависи ҳикоя, қисса, роман, рисолаи илмӣ.

Дастури вобастагӣ. Назарияи дастурист, ки феълро воҳиди марказӣ ва муҳимтарин воҳид медонанд. Феълҳоро бар тибқи гурӯҳҳои исмӣ, ки барои такмил ё тамом кардани ҷумла лозим доранд, табақабандӣ мекунанд. Ин теъдодро зарфияти он феъл меноманд. Ин навъ дастур ба таври умда дар Фаронса ва Олмон тавсиа пайдо карда ва бо бисёре аз дастурҳои дигар ба хотири рӯйкарди феъл – меҳваре, ки дорад, мутафовут аст.

Дастури тавсифӣ. Дастуре, ки тавсиф мекунад як забон чӣ гуна гуфта мешавад ва чӣ гуна навишта мешавад ва ҳукм ё таҷвиз намекунад, ки чӣ гуна навишта шавад ё гуфта шавад. Масалан, барои яке аз гунаҳои ғайримӯътар забони инглисӣ дастури тавсифӣ бинависанд, чунин дастуре мумкин аст, нишон диҳад, ки гӯяндагони он чунин забонӣ гоҳ (баъзан) ба ҷойи он ки бигӯянд saw him мегӯянд seen ’im.

Дафтар (ар. – дастаи варақҳои пасиҳам дӯхташуда барои китобат). Дафтар дар адабиёт ба маънои китоб, маҷмӯа, асари навишташуда, қисм ё ҷузъи ҷудогонаи достон, маснавӣ ва ғайра истифода мешавад. Чунончи, Абдураҳмони Ҷомӣ қисмҳои маснавии «Силсилат-уз-заҳаб»-ро дафтари якум ва дафтари дуюм номидааст. Ҷалолиддини Румӣ низ ба ҳар 6 қисми асараш «Маснавӣ» дафтар ном мондааст.

Двандва (dvandva compound). Калимаи мураккабе, ки дар байни ҷузъҳояш алоқаю муносибати пайваст дида мешавад.

Дебевит (англ. debevite, фр. dibitif, олм. debitiv). Шакли категориявии сиға дар забонҳои балтикӣ, ки вазифаро ифода мекунад.

Девокализатсия. (ниг.: **беҷарангшавӣ**).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Девонагарӣ (англ. devonagari). Яке аз навъҳои хати ҳиҷогии ҳиндӣ. Дар Ҳиндустони қадим пайдо шудааст. Алифбою хатҳои санскрит, ҳиндӣ, маратхӣ, неварӣ, непалӣ аз ин хат истифода бурдаанд.

Деградатсия (англ. Degradation, Corrupcion). Тасаввурот роҷеъ ба тағйироти дар забон рӯй дода ҳамчун тахриби аломатҳои аслии он, пас бадтару хароб шудани он.

Декламатсия (англ. Declamaion). Истифодаи воситаҳои гуногуни таҷзияи нутқ (ва пайвастани қисмҳои таҷзияшуда) барои ифодаи мутантану муасири мазмуни матни бадеӣ.

Декоррелятсия (аз пешванди лотинии de- ба маънои ҷудо кардан + corret latio – бо ҳам алоқаманд, вобаста будан). Тағйироти хосият ё маънои морфемаҳо ва таносуби онҳо дар калима бо ҳифзи теъдоди онҳо. Масалан, ҳиссаи якуми калимаи корнома дар асл маънои «майдон, ҳарб, ҷанг, задухӯрд»-ро дошта ҳоло ба маънои амал, машғулият кор фармуда мешавад.

Делабиализатсия ((дислабиализатсия) англ. delabializotion). Белабишавии овозҳои садоноку ҳамсадои лабӣ. Дар баъзе шеваҳои забони тоҷикӣ баръакс пеш аз ҳамсадои пешизабонии димоғии **н** садоноки лабии **о** у талаффуз мешавад: хуна-хона, нун-нон.

Делатив (англ. delative). Дар забонҳои ҳиндуаврупоӣ шакли категориявии ҳолате, ки маънои ҳаракат ба самти поёнро ифода менамояд.

Демаркатсия (англ. delimition). Ифодаи фосилаи морфологӣ ё ҳиҷоҷудокунӣ тавасути воситаҳои фонетики хоси ин ё он забон.

Денотатсия (англ. denotation). Ифодаи мазмуни мундариҷаи хоси воҳидҳои забонӣ бар хилофи коннотасия, яъне тобишҳои маъноию услубии он.

Дериватсия ((калимасозии вандӣ) англ. derivation). Сохтани калимаҳои нав бо ёрии пешванду пасвандҳо мувофиқу мутобиқи қолабҳои таърихан ташаккулёфтаи калимасозии ин ё он забон.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Десемантизатсия ((аз лат. пешванди de- дар ифодаи ҷудокунию бекоркунӣ); юн. semantikas – ифодакунанда). Аз байн рафтан ё ниҳоят суст шудани маънои луғавии калима. Масалан, калимаи тантана, ки аслан ифодагари «овози танбӯр, нақора» буд, маънои аслиашро аз даст дода, дар забони ҳозираи тоҷикӣ ба маънои «шукӯҳ» маъруф шудааст:

Ҷашни даҳсолагият лоиқи фахри ватан аст.

Боиси тантанаву шодии ҳар марду зан аст. (Б.Раҳимзода).

Детерминант. Калимашакли озоде, ки маъмулан дар аввали ҷумла омада, бо ҳамаи аъзоҳои минбаъдаи (хабари) ҷумла робитаи грамматикӣ пайдо карда, тафсилдиҳандаи он ба ҳисоб меравад: Бегоҳиҳо дар дӯкон худаш танҳо мемонд (Р.Ҷ.). Дар ҷумлаи фавқ ҳоли озоди «бегоҳиҳо» ҳам ба мубтадо ва ҳам ба хабар муносибати муштарак дорад.

Дефис (-) (нимтире, лот. division – ҷудокунӣ). Аломати дефис (-) дар мавридҳои зерин гузошта мешавад: 1. Дар калимаҳои мураккаби навъи зерин, ки ҷузъи дуюмашон барои шарҳу эзоҳ ва пурра кардани ҷузъи якум омадааст: мактаб-интернат, хона-музей. 2. Дар илмҳои таркибии асарҳое, ки артикли арабии **ал** ва гунаҳои он **ус, ут** доранд: Бадоеъ-ул-вақоеъ, Мантиқ-ут-тайр. 3. Дар ҷузъҳои номҳои таркибии географии навъи зерин: Волга-Дон, Рио-де-Жанейро. 4. Дар сифатҳои таъкидӣ: суп-сурх, сап-сафед, сифатҳои аз такрори калима сохташуда: коғази рах-рах, риши тор-тор, сифатҳое, ки аз шумораи миқдорию исм сохта шудаанд: 125-сола, 10-ҳафтаина. 5. Дар феъли ҳоли такроршуда: хандида-хандида, лангида-лангида (лангон-лангон). 6. Дар зарфҳое, ки бо роҳи такрори калима сохта шудаанд: оҳиста-оҳиста, кам-кам. 7. Дар назм: пешоянд ва пайвандакҳои ихтисоршуда: з-ин (аз ин), з-он (аз он), к-аз (ки аз), бад-ӯ (ба ӯ). 8. Пеш аз ҳиссачаҳои **-чӣ, -ку, -а, -дия**: омадед-ку, омадед-дия.

Дефонологизатсия (англ. dephonoloqization). Аз байн рафтани тазоди (муқобилгузории) фонологӣ. Хусусияти устуворию ноустувории садонокҳо, ки дар даврaҳои пешинаи инкишофи забони тоҷикӣ ба сифати дигар дарозиҳо кӯтоҳии садонокҳо воқеъ гардида, барои фарқ кардани фонемаҳои дарози: **а-а, и-и, і-І** истифода мешуд, дар ҳолати имрӯзаи

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

забони тоҷикӣ ҳамчун воситаи фонемафарққунӣ истифода намешавад, зеро мо дар забони муосири тоҷикӣ як ҷуфт калимаеро пайдо карда наметавонем, ки онҳо ба воситаи дарозию кӯтоҳии ягон садоноки таркиби худ фарқ кунанд.

Деэтимологизатсия (анг. de-etymologization). Аз байн рафтани (гум шудани маънои калимаи мавҷуда аз маънои решагии аввалааш. англ. **lady** англисии қадими **hia-l-dige**). Сабаби деэтимологизатсияи калимаҳо таърихан аз байн рафтани алоқаи ҷузъҳои калимаҳо (дашном, душном-аз даш, душ-бад, ном-муқ. душман), тағйир ёфтани муносибати хешии калимаҳо дар калимасозӣ (элдор-эл-туркӣ; дӯст, халқ дар тоҷикӣ) буда метавонанд.

Диакритикӣ (юн. diakritikos – фарққунанда). Аломати фарққунанда. Ду нуқтаи болои ҳарфи **е**, яъне **ё**.

Диалект (аз юн. Dialektos – гуфтугӯ, шева, лаҳҷа). Як навъи забони умумихалқӣ, ки дар байни гурӯҳҳои ками мардум, дар ҳудуди ба ҳамдигар алоқаманд истифода бурда мешавад. Диалектҳои минтақавӣ (территориявӣ) ҳамеша ҷузъи куллии ин ё он забонанд ва муқобили ҳамдигар қарор дошта, бо як силсила хосиятҳои забониашон муттаҳид мешаванд. Тафовутҳои шевагӣ дар сохтори ововзӣ, грамматика, калимасозӣ ва лексика ба назар мерасанд. Диалект аз ҷиҳати ҳудуди паҳншавиаш ба шеваю лаҳҷаҳо ҷудо мешавад. Лаҳҷа метавонад чандин шеваҳоро дар бар гирад. Диалекти ҳунарманди як навъи диалекти сотсиалӣ-иҷтимоист, ки муносибатҳои мардумони як касбу ҳунар ё як навъи машғулиятро муттаҳид мекунад. Диалекти сотсиалӣ (иҷтимоӣ) диалекти як гурӯҳи сотсиалист. Диалекти минтақавӣ (диалекти маҳаллӣ, диалекти вилоятӣ) диалектест, ки хоси як маҳал аст.

Диалектизмҳо. 1. Калимае, ки аз шеваю лаҳҷаҳои гуногун дар забони адабиёти бадеӣ ҳамчун воситаҳои муайяни услубӣ: барои ба вуҷуд овардани обуранги хоси ин ё он маҳал, барои тавсифи нутқи персонажҳо истифода мешаванд. 2. Аломату хусусиятҳои фонетикӣ, морфологӣ, синтаксисӣ, фразеологӣ ва семантикӣ, ки хоси шеваҳои ҷудогона буда, аз

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

забони адабӣ фарқ мекунанд. Ҳамаи тафовутҳои луғавии шевагиро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст:

1. **Диалектизмҳои грамматикӣ**. Тарзҳою воситаҳои калимаю иборасозӣ ва ҷумлабандии хоси шеваю лаҳҷаҳо, ки ду навъанд: а) диалектизмҳои морфологӣ. Истифодаи шаклҳои дастурии хоси ҳиссаҳои ҷудогонаи нутқ. Масалан, ифодаи ҷамъу номуайянии исмҳо, дараҷаҳои сифат, шаклҳои замонии сиғаҳои феъл ва м.и.: Бобот садқа, номи ту Аноргул аст? (С.У.). Набиём нағз будааст (Ҷ.И.); б) диалектизмҳои синтаксисӣ: калимаҳои иборасозӣ ва воситаҳои алоқаю робита дар ҷумлаҳо: Собирбойба семириба канаф фурӯхтам (Р.Ҷ.).

2. **Диалектизмҳои калимасозӣ**. Калимаҳое, ки дар шеваю забони адабӣ ҳамреша буда, пешванду пасвандҳои дигар доранд, гурӯҳи диалектизмҳои калимасозро ташкил медиҳанд. Чунончи шабона-шабаконӣ, рӯзона-рӯзаконӣ (китоб), дъхтарвара; духтардор, падару модари духтар (Каратегин).

3. **Диалектизмҳои лексикӣ**. Калимаҳои хоси ин ё он шеваю лаҳҷа: Дидед, дадо, авӣ барои аз марг нигоҳ доштани ман худашро ба тир сипар кард (П.Т.); Духтари отаву очам (С.У.).

4. **Диалектизмҳои лексикию фонетикӣ**. Калимаҳое, ки қолабу таркиби овозиашон аз забони адабӣ фарқ мекунад: Ту духтари ки мешӣ? (С.У.).

5. **Диалектизмҳои селеантикӣ**. Калимаҳои бар замин маънои маъмули худ маънои иловагии ин ё он шеваро доранд ва ба забони адабӣ дохил нашудаанд: ғурбат (ҷанҷол, тӯпаланг), диёр (намоён).

6. **Диалектизмҳои фразеологӣ**. Ибораҳои рехтаю устуворе, ки хоси лаҳҷаҳои ҷудогонаанд: Дилам об шуд (ғаму андӯҳи аз ҳад зиёд).

7. **Диалектизмҳои этнографӣ**. Номи предметҳо, амалу ҳолатҳои хоси ин ё он маҳал: Йарч замини нокорам, яъне ҳеҷ шудгор нашудагӣ (Кӯлоб, Қаротегин); мурова // вирова – наздикони домод, ки шаби никоҳ ба ӯ ҳамроҳӣ мекунанд (Қаротегин), Гирдача, чигина, хамак, қинғола, чоқила, рошак, торун дар Қаротегин: Духтарат аз ту пинҳонӣ қинғолабозӣ карда гаштант-ку (С.У.).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Диалектология (юн. Dialektos – шева, лаҳҷа). Диалектология ё шевашиносӣ илмест, ки дар бораи диалектҳо (лаҳҷа, шева)-и забони алоҳида баҳс мекунад ва хусусиятҳои савтию дастурӣ ва луғавии шеваҳоро меомӯзад. Ба таъбири дигар, шевашиносӣ намудҳои маҳаллии забон ва гӯйишҳои маҳаллиро меомӯзад ва ҳолати кунунии онҳоро муайян мекунад. шевашиносиро аз рӯйи мабҳас (объекти тадқиқ) ва усули тадқиқот бо шевашиносии таърихӣ (диахронӣ) ва тасвирӣ (синхронӣ) тақсим менамоянд. Шеваю лаҳҷаҳои ҳар як забон дар замнаи маводи чунин манобеъ таҳқиқ мегарданд: 1. Рӯиши зиндаи мардуми маҳаллу мавзеъҳои муайян. 2. Намунаҳои осори қадима, ки пайдоиш ва асли онҳо бевосита ба ин ё он маҳал алоқамандand. 3. «Забони замин», ки дар топонимия – номҳои ҷуғрофии маҳалҳо интишор гардидааст.

Диалог (юн. dialogos – сӯҳбат). Як шакли нутқи шифоҳӣ, гуфтугӯӣ байни ду шахс, муколама – асари бадеие, ки дар шакли гуфтугӯи байни ду ва ё якчанд нафар одамон навишта шудааст. Асосгузори жанри диалог файласуфи Юнони қадим Суқрот (471–399) мебошад. Диалог дар асарҳои драмавӣ воситаи асосии инкишофи амал ва тасвири характерҳо мебошад. Дар адабиёти мансур диалог вобаста ба мақсади муаллиф вазифаҳои гуногуни бадеӣ ва ғоявиро адо намуда, як намуди тасвири воқеа аст. Дар адабиёти тоҷику дар диалог муколама аз қадим вуҷуд дорад: Муколамаи дарахти Асурик ва буз аз достони ҳамноми «Дарахти Асурик». Дар муколама ҳамчун яке аз намудҳои нутқ (гуфтор) хусусиятҳои хоси худро дорад: кӯтоҳию мухтасарии ифода, истифодаи воситаҳои ғайризабонӣ: имою ишора, нақши зиёди оҳанги гуфтор, ҷумлаю ифодаҳои кӯтоҳу гуногун, ташаккули нутқи китобии нисбатан озод, бартарию фузунии ҷумлаҳои сода, ки хоси нутқи гуфтугӯиянд.

Диапазон - интишори ин ё он падидаи забонӣ ва вазифаҳои он. Диапазони талаффуз. Маҷмӯи ҳамаи хусусиятҳое, ки хоси системаи муайяни артикулатсионист. Диапазони овозӣ. Маҷмӯи овозҳое, ки имконияти талаффуз шудан доранд. Диапазони семантикӣ (маъноӣ).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Вусъат ва печидагии маънои ин ё он воҳиди забонӣ, имконоти тобишҳои гуногуну нозуки иродаи маънои предмет, сифат, аломат, амал.

Диатеза (англ. diathesis.Ниг.: **категорияи тарз**).

Диафона (англ. diaphone). Абстраксияи (тақриди) дараҷаи сеюм, яъне овози абстрактие, ки ҳамаи фарқиятҳои гунаҳои талаффузро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, аз татбиқи мушаххаси овозӣ маҳрум аст.

Диафонема (англ. diaphoneme). Тақриди дараҷаи чорум, яъне тақриди воҳиди фонология мебошад, ки бо вуҷуди татбиқи мушаххаси овозӣ надоштанаш, бунёду асоси муомилат ва ҳамдигарфаҳмиро ташкил медиҳад.

Диахрония (аз юн. dia – тавассути, аз миёни ва chrokos – замон). Инкишофи таърихии системаи забон ҳамчун предмети (мавзӯи баҳси) тадқиқи забоншиносӣ; тадқиқи дарзамонии забон, дар ҷараёни инкишофи он дар меҳвари замонӣ. Дар таърихи забоншиносӣ мафҳуми дарзамонӣ (диахрония) бо мафҳуми синхрония (ҳамзамонӣ) робитаю алоқаи ногусастанӣ дорад ва бо муқобилгузории ду ҷиҳат ва ду бархурди таҳлили забон алоқаманд аст. Проблемаи дарзамониро забоншиносии дарзамонӣ меомӯзад. Тезиси ба Фердинанд де Соссюр тааллуқдоштаи муқобилгузории мутлақи ду усул ҳамзамонӣ ва дарзамонӣ, ки аз ҷониби Ш.Балли пазируфта шудааст, аз ҷиҳати аксарияти забоншиносон рад карда шуд (намояндагони мактаби забоншиносии Прага, ҳамчунин аз ҷониби А.Сеще, Э.Бейсенс, Э.Косерид ва дигарон). Ақидаи имкони тавсифи муодилу баробари системаи забон бидуни муроҷиат ба таърихи он ва ҳамчунин бартарию афзалияти таҳлили ҳамзамонӣ аз таҳлили дарзамонӣ зери танқид қарор гирифт (И.А.Бодуэн де Куртене, Н.С.Трубетской, Р.О.Якобсон). маҳз равиши дарзамонӣ барои фаҳмидани ташаккули системаи муайяни забонӣ мусоидат мекунад. аз ин рӯ, бо вуҷуди он ки баррасии ҳамзамонии забон аз дарзамонӣ муқаддастар аст; ҳар ду равишу бархурд ҳамдигарро такмил медиҳанд ва ғанӣ мегардонанд. Шарҳу тафсири дарзамонӣ ҳамчун дарку шинохти

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

хусусиятҳои амалкарди забон дар замон, ҳамчун назарияи муҳими забоншиносӣ фаҳмида мешавад.

Дивергенсия (англ. divergence). 1. Фонологишавии тобишҳо - гунаҳои фонема бо сабаби аз байн рафтани шароитҳои мавқеӣ. 2. Тағйиротҳои мавқеии овозҳои нутқ; тафовутҳои аллофонӣ дар ҳудуди як фонема. 3. Таҷзия шудани забон. Яке аз хусусиятҳои эвомотсияи забон, ки шеваҳои як забон аз ҳамдигар ҷудо гардида, забони мустақил мешаванд (бархилофи конвергенсия).

Диглоссия (аз юн. di – дубора ва glossa – забон). Мавҷудияти ҳамзамонии ду забон дар ҷамъият ё ду шакли як забон, ки дар соҳаҳои гуногун истифода мешаванд. Дар қиёси дузабонӣ ва бисёрзабонӣ диглоссия ҳамчун падидаи забоншиносии иҷтимоӣ (сотсиолингвистика) арзиши бошууронаи идиомаҳои миқёсии «баланд - паст» «мутантан - дилозор»-ро дар назар дорад.

Диереза (аз юн. Diairesis – қатъ кардан, ҷудокунӣ). Афтодани овоз ё ҳиҷо барои осон шудани талаффуз дар натиҷаи монандшавӣ ва диссимилятсия: корча-кордча, те-деҳ, бомурод-бобомурод, замбӯр-занбӯр, шамбе-шанбе, минералогия-минералология, трагикомедия-трагикокомедия.

Димоғишавӣ. Нишонаи фарқкунандаи тобиши димоғӣ яке аз унсурҳои системаи фонологии забони тоҷикист. Вобаста ба доро будан ё набуданашон бо ин нишона ҳамсадоҳои тоҷикӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: димоғӣ (м, н) ва ғайридимоғӣ (ҳамаи ҳамсадоҳои дигар). Бо тобиши димоғӣ доро ё аз он маҳрум будани ҳамсадоҳо бо иштироки резонаторҳои даҳону бинӣ вобаста аст. Тазоди димоғӣ-ғайридимоғӣ аз ҳамсадоҳои лабӣ дар байни фонемаҳои **м, б** (мум: бум) ва дар гурӯҳи пешизабониҳо дар байни **н, д** (нон-дон) мушоҳида мешавад.

Диссимилятсия (лат. dissimilation – аз ҳамдигар дур шудан). Аз ду овози якхела ё ба якдигар монанд ба овози дигар иваз шудани яке аз онҳост, ки бо овози талаффузаш дигар табдил меёбад: иҷтимоӣ-иштимоӣ,

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

вақт-вахт. Падидаи диссимилятсияро бештар дар гуфтори хурдсолон мушоҳида мекунем: хайбуза-харбуза, дайахт-дарахт.

Дистрибутсия (англ. distribution - тавзеъ). Маҷмӯи ҳамаи ҳолату мавқеъҳое, ки ин ё он воҳиди забонӣ (фонема, морфема, лексема…) мавриди истифода қарор мегирад, яъне ҷой, тартиб, пайвастшавии қисмҳои ҷудогонаи гуфтор.

Дифтонг (аз юн. diphthongos – дусадоӣ, дусадонокӣ). Садоноки мураккабе, ки аз ду унсур иборат буда, як ҳиҷоро ташкил медиҳад, ки он яклухтии фонетикиро таъмин мекунад. Хосияти фонологии дифтонг ба ду фонема тақсия нашудани он аст. Дифтонг дар забонҳои англисӣ, франсузӣ, чинӣ мавҷуд аст. Дифтонги болораванда. Дифтонге, ки садоноки дуюми он ҳиҷосоз мебошад. Дифтонги пастшаванда. Дифтонге, ки садоноки аввалаи он ҳиҷосоз аст. Маҷоми фонематикии дифтонг дар асоси меъёри забон, ки ба фонемаҳо тақсимпазирии дифтонгро муайян мекунад ва пеш аз ҳама, имконпазирӣ ва имконнопазирии марзаи морфологӣ дар таркиби дифтонг муайян карда мешавад. Вобаста ба ҳамин дар забонҳои гуногун бифонемӣ ё монофонемӣ буда метавонанд. Ҳоло дифтонгҳо ҳоли забони имрӯзаи тоҷикӣ нестанд. Аммо дар забони порсии қадим ба мушоҳида мерасад: rauca – рӯз, gausa – гӯш.

Дифференсиалӣ ((фарққунанда) англ. distinctive). 1. Тафовути хоси забоншиносӣ ва муқобилгузорӣ ҳамчун яке аз тарзҳои дар низоми умумии «рафтор»-и инсон. 2. Аломатест, ки тафовутро ба вуҷуд меорад.

Дифференсиатсия (англ. differentaton). 1. Диссимилятсияи овозҳои ҳамҷавор барои фарқ кардани омонимҳо. 2. Табақабандии маъноию услубии лексика (луғат) ва маъноҳои калимаҳои ҷудогона. 3. Яке аз хосиятҳои таҳаввули (эволютсия), ки бар асари он шеваҳои забон аз ҳамдигар ҷудо мешаванд ва ба забонҳои мустақил табдил меёбанд.

Дихотомӣ (ниг.: **бинарӣ**).

Доминант (лат. dominans, dominants). Ҳоким, ҳукмрон. Яке аз аъзоҳои силсилаи муродифҳои калимаҳо, ки чун ифодагари маъноҳои асосии ҳамаи муродифҳо муаррифӣ мешавад ва тобишҳои маънои ва

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

маъноҳои услубии бо дигар калимаҳо ифодаёфта низ тобеи он мегарданд. Масалан, дар силсилаи муродифҳои зерин нахуст калимаҳо доминант мебошанд: осмон, фалак, гардун, сипеҳр, симо; азиз, табаррук, муқаддас, арҷманд, маҳбуб, киромӣ, мӯҳтарам; касал, ранҷур, бетоб, мехонд, музд, ҳақ, подош.

Дублетҳо (англ. doublet – дугона, духела). Дунавъии тафовути воҳидҳои забонӣ. Дублетҳои аксентӣ (қолабҳои заданокӣ): сесад // сесад, Ленин // Ленин (дар назм), беихтиёр // беихтиёр. Дублетҳои лексикию семантикӣ: шавқангез – шавқовар, духтарак-духтарча. Дублетҳои синтаксисӣ: ба хона рафтан // рафтан ба хона. Дублетҳои калимасозӣ: тор // торик, гулзор // гулистон, донишкада // донишгоҳ, шодравон // равоншод. Дублетҳои услубӣ: гургзода-гургбача. Дублетҳои фразеологӣ: дил бохтан // дил бой додан, худро гум кардан // худро бой додан.

Дугӯишӣ, дузабонгунагӣ. Вақте дузабон ёду гуна аз як забон дар ҷомеаи паҳлӯ бапаҳлӯи ҳам вуҷуд доранд ва аз ҳар як барои манзурҳои хос истифода мешавад. Чунин вазъиятеро дугӯишӣ меноманд. Маъмулан яке аз ин ду гӯиш аз лиҳози истондорд (меъёр) дар сатҳи болотаре аства онро гунаи боло мегӯянд, ки дар макотиби давлатӣ, расонаҳо, омӯзиш ва ибодати мазҳабӣ бакор меравад. Гунаи дигар маъмулан эътибори камтар дорад ва гунаи пойин номида мешавад ва байни афроди хонавода, дӯстон, харидуфурӯш ва ғайра ба кор меравад.

Дузабонагии мураккаб, дузабонагии ноҳампоя. Назарияе, ки яке аз фарди дузабона ба яке аз ду равиши зер калимотро ба маъноҳояшон рабт медиҳад. Дузабонагии мураккаб ё ноҳампоя ба ин маъност, ки фарди дузабона дорои як низоми маънӣ аст, ки ҳам барои забони аввал ба кор меравад ва ҳам барои забони дувум. Масалан, барои як фарди дузабонаи фаронсавӣ // инглисӣ калимаи фаронсавии pain (ба маънои «нон») ва калимаи инглисии bread дорои маънои яксон ҳастанд, аммо дузабонагӣ ҳамоҳанг ё ноҳампоя ба ин маъност, ки фарди дузабона дорои ду низоми маънӣ барои калимот аст: як низом барои калимоте, ки шахс дар забони аввал медонад ва низоми дигар барои калимоте, ки дар забони дувум

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

медонад. Масалан барои як дузабонаи форонсавӣ/инглисӣ калимаи форонсавии Pain ва калимаи англисии bread дорои маънои дақиқан яксон нестанд. Ин назария кӯшише буд барои ин ки нишон диҳанд шароити мутафовити дузабонагии ноҳампоя ва ҳампоя дар мутолиоти марбут ба ёдгирии вожагон мавриди истифода қарор гирифта, аммо ба унвони مدلی ом барои дузабонагӣ муфид шинохта нашудааст.

Дузабонӣ (ниг.: **билингвизм**).

Дунуқта (аломати баён). Аломати китобатист, ки дар мавридҳои зерин гузошта мешавад: 1. Баъд аз калимаи хулосакунанда, пеш аз аъзоҳои чидаи ҷумла: Дар соли 1917 аз ҳамин болохона фарзандони арзандаи Хуҷанд: Кушкарев, Иванитский, Ҷӯра Зокиров, Абдулло раҳимбоев … муждаи Революцияи Кабири октябрро ба мардум расонда будан (Р.Ҷ.). 2. Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ агар қисми дуюм мундариҷаи қисми якумро шарҳ диҳад, пас аз қисми якум, пеш аз қисми дуюм ду нуқта гузошта мешавад. Баъд аз фоҷиаи Хуҷанд кори Темурмалик рӯз то рӯз душвор шудан гирифт: озуқа ва яроқу аслиҳа аз ҳеҷ ҷо ба ӯ намеомад (С.А.). 3. Агар нутқи айнаннақлшуда дар охир ояд, пеш аз он аломати баён мегузоранд: «Аз меҳнат натарсӣ, бузург мешавӣ».

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Ж

Жаргон (фр. jargon) - забоне, ки аз унсурҳои тағйири шаклкардаи як ё якчанд забонҳои табиӣ иборат буда, бештар дар муомилоту гуфтори шифоҳии гурӯҳҳои ҷудогонаи иҷтимоӣ кор фармуда мешавад. Жаргони ҳарбиён, жаргони дуздону авбошон, жаргони савдогарон. Чунин забон фақат ба доираи одамони манфиатҳои умумидошта фаҳмост. Жаргонро дар урфият забони заргарӣ ҳам мегӯянд, ки он гуфтугӯи махсуси аҳли бозор, дуздон, қиморбозон иборат аст. Жаргон дар осори бадеӣ фақат барои характеристикаи (тавсифи) нутқи персонажҳо истифода мешавад.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

З

Забар. Забар ё фатҳа аломатест аз аломатҳои ҳаракат, ки болои ҳарф гузошта мешавад ва шаклаш чунин аст: ـَ яъне як хатчаи рости уреб, ки онро **а** мехонанд. Болои ҳарфи аввали калима ё мобайни калима аломати забар гузоранд (бидуни ҳарфҳои алиф ва айн), ин чунин маъно дорад, ки пас аз ин ҳарфи ҳамсадо ифодакунандаро бо садоноки **а** хондан даркор аст: شَهر، دَست، نَـی، دَر، بَـر

Забон воситаи муҳимтарини муомилоти инсоният аст. Ҷамъият ва забон баробар пайдо шудаанд. Забон хоси инсон ва яке аз нишонаҳои асосии миллат мебошад. Забон бо тафаккур бевосита алоқаманд аст. Забонро восита ё ки аслиҳаи тафаккур низ меноманд. Инсон фикри худро бо роҳҳои гуногун (имову ишора, рафтор, ранг, садо, формулаҳо ва ғ.) ифода карда метавонад. Аммо воситаи умдаи ифодаи фикр забон аст. Тафаккур ва забонро бо ҳам омехта кардан ва зиёда аз он, якеро мазмуну дигарро шакл гумон бурдан мумкин нест; ҳар кадоми онҳо шаклу мазмуни хос дорад. Шакли дигари мавҷудияти забону тафаккур нутқи инсон аст. Забон ва нутқ ҷудонопазиранд. Вале ин ҳар дуро низ бо ҳам омехтан дуруст нест. Забон ба халқ тааллуқ дорад, на ба шахсони алоҳида. Дар ин маврид нутқ бояд гуфт, яъне забон умумист, нутқ фардист. Забон ҳамешагист, нутқ лаҳзагист. Ҳар як забони зинда соҳиб ва истифодабарандае дорад. Мабдаи ҳар як забон ба ташаккули халқият ва гузаштагони он – қабилаву авлод мансуб аст. Авлод коллективи нахустини инсонӣ мебошад, ки забони худро дошт. Инкишофи минбаъдаи гурӯҳҳои авлодӣ ба пайдоиши иттиҳодияҳои қабилавӣ оварда мерасонад, ки вобаста ба ин забони авлодӣ то ба дараҷаи забони қабилавӣ инкишоф меёбад. Тадриҷан забонҳои қабилавӣ ба забонҳои халқӣ ва забонҳои халқӣ ба дараҷаи забонҳои миллӣ мерасонад. Ҳамаи забонҳои ҷаҳон ин давраҳои инкишофро тай накардаанд. Ҳоло ки авлод вуҷуд надорад, забони авлодӣ ҳам нест, вале забонҳои қабилавӣ ва шеваҳо хеле зиёданд. Дар қитъаи Амрико, Африқо, осиё ва Доғистон қабилаҳое ҳастанд, ки забони алоҳида доранд (агулӣ, цахурӣ, рутулӣ, дидоӣ ва ғ. Забонҳои

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

қабилавии доғистонианд). Шаклҳои мавҷудияти забон – забони гуфтугӯӣ, забони адабӣ, забони миллӣ ва забони умумихалқӣ мебошад. Таркиби луғавӣ ва сохти грамматикӣ ҷузъҳои асосӣ ва ба якдигар алоқаманди забонанд. Системаи овозии забон – фонетика (савтиёт) ҳам дар луғат ва ҳам дар грамматика истифода мешавад, зеро воситаҳои овозии забон (фонема, ҳиҷо, зада, оҳанг) вазифаи воҳидсозию воҳидшиносӣ доранд. Забон – объекти асосии забоншиносист. Дар зери мафҳуми забон, пеш аз ҳама, забони табиии одамизодро мефаҳманд. Истилоҳи забон дорои ду маънои бо ҳам алоқаманд аст: 1. Забон ба таври куллӣ, забон ҳамчун гурӯҳи муайяни системаи аломатҳо. 2. Забони мушаххаси этникӣ, системаи аломатҳои ба таври воқеӣ вуҷуддошта, ки дар социуми муайян, замон ва макони муайян истифода мешавад. Ба маънои аввалаш забон тасаввуроти муҷаррад роҷеъ ба забони ягонаи одамист, ки марказ ва таҷассумгари хосиятҳои универсалии ҳамаи забонҳои мушаххас мебошад. Забонҳои мушаххас ба кор гирифтани (реализатсияи) умуман хосиятҳои забон аст. Забон дар марҳалаи муайяни инкишофи ҷомеаи инсонӣ системаи аломатҳои дорои хосияти иҷтимоист. Ин система барои фардҳои алоҳида не, балки барои социуми муайян муқаррар шудааст. Муҳим аст, ки забон дорои тамомияти дохилӣ ва ягона буда, системаи нимфункционалӣ мебошад. Функсияи асосии забон ба вуҷуд овардани ҳифозату нигаҳдорӣ ва интиқолу баёни иттилоот аст. Забон шакли асосии арзиши ҷамъиятӣ доштаи инъикоси воқеияти инсонро фарогиранда мебошад, яъне шакли ҳифозати дониш роҷеъ ба воқеият ва воситаи дарёфти дониши нав роҷеъ ба воқеият. Маводи субстансиалии забон (моҳияти ҳамаи предметҳою падидаҳо) – табиати овозию акустикист, ки яке аз хосиятҳои он мебошад. Аз ҷумла мавҷудияти воҳидҳои беаломат-фонемаҳо (овозҳо) ва ташкили воҳидҳои хаттӣ (морфемаҳо, калимаҳо, ибораҳо, ҷумлаҳо). Шаклҳои асосии иҷтимоии мавҷудияти забонҳои мушаххас инҳоянд: идиолект, диалект. Забон иборат аз маҷмӯи диалектҳо-шеваҳост.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Забони авастоӣ. Забони авастоӣ аз он забонҳои қадимаи эронист, ки аз он маводи фаровонтари хаттӣ то ба мо омада расидааст ва дар таҳлилу тасвири манзараи таърихии даврони қадимаи забонҳои эронӣ осори хаттии забони авастоӣ манбаи муҳимтарин дониста мешавад. Дар таҳқиқу баррасии забони порсии қадим низ осори хаттии забони авастоӣ мавқеъ ва нақши басо муҳим дорад. Дар мавриди муқоиса намудани осори хаттии забонҳои даврони қадимаи эронӣ зикри ҳамин нукта муҳим аст, ки матнҳои забони порсии қадим камтар бошанд ҳам арзиши онҳо дар он аст, ки онҳо ба даврони мустаъмал будани забони порсии қадим мансубанд, вале осори хаттии забони авастоӣ фаровонтар бошанд ҳам дар даврони баъдина таҷдид ва китобат шудаанд. Авасто – маҷмӯаи матнҳо, ситоиш ва сурудаҳо, русуму ибодати яке аз оинҳои муқаддам ва маъруфу мӯътабари ақвоми эронитабор – Маздоясно аст, ки тавасути Зардушти паёмбар густариш ёфта буд. Китоби Авасторо на фақат чун китоби динӣ бояд шинохт. Авасто китоби ахлоқ, фарҳанг, ҳуқуқ иҷтимоиёт аст ва ин китоб танзими кулли муносибати иҷтимоиро дар замони худ фаро мегирифт. Баъд аз густариши дини ислом дар сарзамини Эрони таърихӣ Авасто китоби ормонҳои абадии мардуми эронинажод гардид. Номи Авасто имрӯз ба забоне итлоқ мешавад, ки китоби муқаддаси Авасто бо он забон навишта шудааст. Авасто китоби мукаммалу ҳаҷман калон буда, то ба замони мо сеяки он омада расидаасту халос. Анъанаи дар ҳофизаи худ пос доштану идома додани арзишҳои волои маънавӣ ва фарҳангӣ дар мардуми ориёӣ (ҳиндуэронӣ) аз қадимулайём суннат будааст, ки дар ҳиндуён низ сурудаҳои ведоӣ аввалан ба таври шифоҳӣ ва баъдан ба таври хаттӣ пос дошта шудааст ва он бидуни тағйирот то ба имрӯз идома меёбад. Мо чунин ҳолатро дар барқарории ҷузҳои китоби муқаддаси Авасто низ дида метавонем. Авасто то ба имрӯз дар қисматҳои зер то ба мо омадааст: 1. Ясна –(Yasna, /ǰašna/ – муарраби он, дар забони тоҷикӣ - ҷашн) – мутуни марбут ба ибодат ва қурбонӣ. Ясна қисматҳои муҳимро фаро мегирад, ки Хом Яшт ва аз ҳама муҳим Готҳо ва «Яснои ҳафтбанд» (/Yasna – haptaŋhāti/) мебошад. 2. Виспарад /Visprat/ ва ё худ Виспарад - чун идомаи Ясна аст ва мазмуну мундариҷаи он низ мувофиқат дорад. 3. Видевдат /Videvdat/ ва ё худ Вандидат – қонунҳои зидди

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

девон, маҷмӯаи нишондодҳои суннатӣ, ки дар замонҳои баъдтар маҷмӯъ шудаанд. Дар баробари ин бояд гуфт, ки ҷузъҳои ин қисмат низ хеле дар замони қадимтар сабт шудааст. 4. Яштҳо - ин қисмат гимнҳо (сурудаҳо)-еро фаро мегирад, ки ба Худоён (фариштаҳо)-и ҷудогона бахшида шудааст. Яштҳо қисматҳои аз ҳама қадимтарини Авасторо фаро гирифтаанд. 5. Хуртак-Апастак - Хурд Авасто - маҷмӯи ҷузъҳои ҷудогона аз Авасто барои истифода дар тоату ибодати рӯзмарраи дастурон ва пайравони оини зардуштӣ. Ба он қисматҳои «Ашем ваҳу», «Ниранги кустик бастан», «Срош вач», «Нийайишн» - ниёйиш бар офтоб, моҳ, Митра –Худо, об ва оташ, «Гасанбар», «Сах рочак» - дуо бар рӯзҳои моҳ, «Афри накан» - сурудаҳо бар идҳои ҷудогона. Ба ғайр аз матнҳои авастоӣ навиштаҳо ва шарҳу тафсироти гуногун бо забони порсии миёна мураттаб шуда, қисме аз онҳо то ба мо омада расидаанд, ки «Нирангистан» - муншаоти динӣ, «Пурсишниҳа» ва «Африни даҳман» - муншаоти динӣ ва ахлоқӣ, «Хадохт наск» - муншаот дар бораи охират, «Фраҳанги оим» - луғати авастоӣ бар форсии миёна, «Африни Зардушт», «Виштасп Яшт», «Ниранги оташ» аз онҳост. Дастхатҳои авастоӣ дар Ҳинд ва Аврупо, дар осорхонаи шаҳри Санкт-Петербург нигоҳдорӣ мешаванд. Дастхатҳои беҳтарин дар Копенгаген, Лондон ва Оксфорд маҳфузанд. Яке аз қадимтарин дастхатҳои авастоӣ бо санаи 1278 сабти таърихӣ дорад.

Забони адабиёти бадеӣ – воситаи асосии тасвири ҳаёт аз тарафи нависанда. Чунончи, дар санъати мусиқӣ воситаи муҳимми тасвир оҳанг, садо, овоз аст; воситаи асосии санъати тасвирӣ ранг мебошад. Ба ҳамин қиёс дар адабиёти бадеӣ воситаи муҳимми тасвир забон аст, ки бо он нависанда образҳои бадеии худ, тасвири бадеии воқеаю ҳодисоти зиндагиро ба вуҷуд меорад, афкор ва эҳсосоти қалби худро баён менамояд. тамоми санъатҳои лафзию маънавӣ низ ба воситаи забон ифода мешаванд. Аз ин рӯ қимату арзиши асари бадеӣ ғайр аз воситаҳои дигари тасвир ба забон низ вобаста аст. Тамоми адибони бузурги ҷаҳон, адибони классики тоҷик низ ба забони асари бадеӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир менамуданд. Аҳмади Дониш (1827–1897) нигоштабуд,ки «сухан қолиби маънист, то лафз зебо набошад, маънӣ зебо намешавад». Нависанда асари

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

худро бо забони адабии умумихалқӣ менависад, ки тавассути он ҳар гуна осори илмию таърихӣ ҳам навишта мешавад. Вале фарқи забони адабиёти бадеӣ аз забони адабии умумихалқӣ дар он аст, ки нависанда дар он тамоми санъатҳои маънавию лафзӣ ва воситаҳои дигари бадеирокор мефармояд ва бо ин роҳ тобишҳои гуногуни калимаву ибораҳоро ба даст меорад. Зебоӣ ва таъсиргузории адабиёти бадеӣ низ дар ҳамин аст. Дар тадқиқи эҷодиёти ҳар як нависанда омӯхтани забони асарҳои вай аҳамият ва мақоми бузурге дорад. Аз ҳамин сабаб аст,ки ба забони ҳар нависанда тадқиқоти махсусе бахшида мешавад. Чунончи, Носирҷон Маъсумӣ забон ва услуби «Марги судхӯр»-и устод Айнӣ, Баҳриддин Камолиддинов забон ва услуби Ҳаким Карим ва Худойдод Ҳусейнов забон ва услуби «Одина»-и С. Айниро тадқиқ кардаанд. Чунин тадқиқот ҳам симои эҷодии нависандаро муайян мекунад, ҳам ҳисаву мақоми ӯро дар инкишоф ва бой гардонидани забони адабӣ таъин мекунад. **Забони адабиёти бадеӣ** воситаи асосии тасвири ҳаёт аз ҷониби нависанда. Дар санъати мусиқӣ воситаи муҳимми тасвир оҳанг, садо, овоз аст; воситаи асосии санъати тасвирӣ ранг мебошад. Ба ҳамин қиёс дар адабиёти бадеӣ воситаи муҳимми тасвир забон аст, ки тавассути он нависанда образҳои бадеии худ, тасвири бадеии воқеаҳои зиндагиро ба вуҷуд меорад, афкор ва эҳсосоти қалби худро баён менамояд. Ҳамаи санъатҳои лафзию маънавӣ низ ба воситаи забон ифода мешаванд. Аҳмади Дониш гуфтааст, ки «Сухан қолиби маънист. То лафз зебо набошад, маънӣ зебо намешавад». Забони асари бадеӣ бояд сода, тоза ва ба забони умумихалқӣ наздик бошад. Нависанда аз забон натанҳо барои тасвири бадеии воқеаҳо, балки барои баёни эҳсоси қалб, барои ба вуҷуд овардани симои қаҳрамонҳо, хислатҳои типии онҳо низ истифода мебарад.

Забони адабӣ. Забони адабӣ шакли мукаммали забони умумихалқист, ки дорои меъёрҳои таърихан ташаккулёфтаи муайянест. Забони адабӣ категорияи таърихист, ки пайдоиши он ба хат вобаста аст. Таърихи ташаккул ва инкишофи забони адабӣ ду давраро фаро мегирад: давраи миллат ва пеш аз миллат. Забони адабии ин давраҳо хусусиятҳои

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

умумӣ ва фарқкунанда доранд: тадриҷан шакли устувори меъёрӣ пайдо кардан, аз шеваҳо боло истодан умумияти забони адабии ин даврaҳост. Дар давраи миллат забони адабӣ хеле инкишоф ёфта, нишона ва вазифаҳои нав пайдо мекунад. гуногунсоҳавӣ, тақсимоти услубӣ, намудҳои хаттию гуфтугӯии забони адабӣ дар ин давра хеле барҷаста зоҳир мешавад. Хусусияти умумӣ пайдо карда, ба шеваҳо таъсир расондан ва доираи истифодаю интишори шеваҳоро маҳдуд намудани забони адабӣ маҳз дар давраи давлатдорию соҳибистиқлолӣ имконпазир мегардад. Маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ забони адабӣ дар системаи забони миллӣ ба пояҳои банди инкишоф мерасад ва мақому мавқеи асосӣ пайдо намуда, ба забони умумихалқӣ табдил меёбад.

Забони барномасозӣ, системаи аломатҳое, ки барои ифода ва навишти ҳалли масъалаҳо дар дастгоҳҳои ҳисобиэлектронӣ истифода мешавад. Аз рӯйи истифода ин гуна забонҳоро ба барномасозии дастӣ ва барномасозии автоматӣ ҷудо мекунанд. Мазмунан забонҳои барномасозиро ба се гурӯҳ ҷудо мекунанд: забонҳои алгоритмӣ, забонҳои ғайриалгоритмии формалӣ ва системаи аломатҳои пурра формалишуда.

Забони бехат. Забоне, ки дар мубодилаи афкор хати худро надорад. Ҳамаи забонҳои халқҳои шарқи дурр, Сибир; забонҳои помирӣ (шуғнонӣ, вахонӣ, рӯшонӣ), забони яғнобӣ, толишӣ, тотӣ, булуҷӣ низ забони бехат мебошанд.

Забони бохтарӣ. Бохтар яке аз навоҳии кадимтарини фарҳанги ориёӣ, қадимтарин кишваре буд, ки дар саргоҳи Амударё ва поёноби шохобҳои рости он – Вахш, Кофарниҳон ва Сурхандарё воқеъ гардида, аз шимол бо қаторкуҳҳои Боботог, аз ҷануб бо Ҳиндукуш ҷудо мешуд. Он дар ҳудудҳои имрӯзаи Афғонистони шимолӣ, Тоҷикистони ҷанубӣ ва Ӯзбакистони Ҷанубӣ рост меомад. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ (ибтидо ва миёнаи ҳазораи I п. аз м.) аҳолии он ориёизабон буд. Дар миёнаҳои ҳазораи I п. аз м., вақте ки Бохтар яке аз сатрапияҳои канории шарқии империяи Ҳахоманишиён буд, забони бохтарии қадим аз шеваҳои дигари шарқии эронии қадим фарқи ҷиддӣ надошт. Солҳои 329 – 327 Бохтар аз тарафи ҷангиёни Искандари

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Мақдунӣ забт карда шуда, пас аз шикасти ин империя як муддат ба ҳайати давлати Селевкидҳо дохил шуд. Сипас дар миёнаҳои асри II п. аз м. маркази шоҳигарии мустақили Юнону Бохтар буд. Дар остонаи эраи мо шоҳигарии Юнону Бохтар дар натиҷаи ҳуҷуми қабилаҳои гуногун, ки дар байнашон Тохариҳо (аз рӯи этимологияи тибетӣ «сари сафед») низ ном бурда мешаванд, шикаст хӯрд. Дар давраи асримиёнагии аввал Бохтар Тохаристон ном гирифту забони он тохарӣ ва дар баъзе манбаъҳо онро этеотохарӣ низ меноманд. Дар байни қабилаҳои дигари юэчжӣ оилае бо номи Кушон ҷудо гардида, ба давлати пуриқтидори Кушониён асос гузошт, ки дар итоати худ то қисме аз Ҳиндустонро низ дароварда буд. Давлати Кушон дар давраи анъанаҳои буддоии ҳукумати Канишка ва волиёни ӯ Хувишка ва Васудева ривоҷу равнақ ёфта, дар тангаҳои Канишка бори нахуст ба ҷои ривоятҳои юнонӣ навиштаҷоти забони бохтарӣ пайдо мешаванд. Ба ақидаи баъзе олимон, ба мисли В. Ҳеннинг забони бохтарӣ забони модарии Кушониён буд. Дар давраҳои минбаъда таърихи Бохтар чандон равшан набошад ҳам, маълум аст, ки он зери таъсири Сосониён мемонад. Ҷараёни аз баён рафтани забони бохтарӣ мисли шеваҳои дигари аксар забонҳои шарқии эронӣ аст. Пас аз забти арабҳо он танҳо дар ин гӯшаи дурдасти баландкӯҳи водии Мунҷон – қисмати шарқии Бохтари таърихӣ, боқӣ монд.

Забони гурӯҳи иҷтимоӣ, забони ҷамъият. Забоне, ки тавассути ҷомеаи хос мавриди истифода қарор мегирад. Аз ҷумла забонҳои ақалиятҳои нажодӣ. Масалан, Австралия ба ҷуз забони англисӣ забонҳои дигар назири итолиёӣ, юнонӣ, маҷористонӣ, арабӣ ва забонҳои бумии Австралия забонҳои гурӯҳи иҷтимоӣ ҳисоб меёбанд. Забонҳои гурӯҳи иҷтимоӣ ё ҷамъиятиро бо забономӯзии гурӯҳӣ, бо забономӯзӣ аз роҳи гурӯҳи иҷтимоӣ иштибоҳ кард.

Забони гуфтугӯӣ. Забони гуфтугӯӣ яке аз шаклҳои забон буда, дар байни забони адабӣ ва шева меистад. Ташаккули забони гуфтугӯӣ бар хилофи шева хусусияти маҳдуди маҳаллӣ надорад. Забони гуфтугӯӣ аз омезиши унурҳои забонии шеваҳои ҷудогона ё гурӯҳи муайяни шеваҳо ба вуҷуд меояд. Дар забони гуфтугӯӣ ҳам шаклҳои адабӣ ва ҳам шевагӣ дида

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

мешаванд. Ин ҳолат ноустувории ҳудуд ва набудани системаи муайяни меъёру қоидаҳои онро нишон медиҳад. Дар сӯҳбатҳои ғайрирасмии тоҷикӣ гоҳо ба ҷои пасоянди -ро-и адабӣ истифода бурдани «а» ва «я»-и шевагӣ (падарамро – падарама, хонаро – хоная) аз ҳамин қабил ноустувориҳост. То давраи ташаккули миллат, азбаски забони адабӣ асосан дар шакли хаттӣ истифода шуда, теъдоди ашхоси саводнок маҳдуд буд, забони гуфтугӯӣ нуфузи бештаре дошт. Дар давраи ташаккули миллат ин таносуб тадриҷан тағйир меёбад. Ҷараёни бештар интишор ёфтани забони адабӣ ва аз муомилоти табақаҳои маҳдуди ҷамъиятӣ ба муомилоти умумихалқӣ табдил ёфтани он доираи истифода ва корбурди забони гуфтугӯиро тадриҷан маҳдуд карда, нақшу мақоми забони адабиро баланд мебардорад. Воситаҳои ахбори умум: радио, телевизион, рӯзномаю маҷаллаҳо ба ин муосидат мекунанд.

Забони дарӣ (ниг.: **дарӣ**).

Забони занона номи шартии падидаи тафовути воҳидҳои забон вобаста ба ҷинсияти гӯянда, истифодаи интихобии ин ё он воҳиди забонӣ аз ҷониби занон. Мавҷудияти забони занона бо омилҳои иҷтимоӣ, динӣ ва ғайраҳо муайян карда мешавад. Аммо тафовути байни забони занона ва анвои дигари забон метавонад пас аз қатъ гардидани амали ин қонунҳо низ боқӣ монад. Дар забони японӣ тафовути забон ба мардонаю занона қонунист ва системаи ҷонишинҳо (мас., ҷонишини шахси якуми боку-ро бештар мардон истифода мекунанд). Занон онро истеъмол намекунанд. Маҷмӯи ҳиссачаҳои модалию экспрессивӣ муассир (бештар шаклҳои ифодаи эҳтиромро) маъмулан занҳо истифода мекунанд.

Забони зинда. Забони гуфтугӯӣ, ки дар айни замон барои мубодила ва муносибатҳои маданию маишии ин ё он халқ хизмат мекунад.

Забони имову ишорат, маҷмӯи воситаҳои муносибату робитаи ғайризабонӣ, ки ба ҳаракатҳои даст, бадан ва мушакҳои рӯй алоқаманд аст. Ин забонро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: шартӣ ва ғайришартӣ. Забони имову ишоратии шартӣ ишоратҳои башахсони ғайр бегонаанд, ки пешакӣ муайян гардидаанд ё баъзан аз рӯи қоидаҳои истифода рамзӣ кунонида

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

шудаанд. Онҳо байналхалқӣ, миллӣ, иҷтимоӣ, маҳдуд (мас., ишоратҳои ҳарбии низомиён ё забони ишоратии орденҳои монаххо) шуда метавонанд. Ишоратҳои ғайришартии табииро ба 4 гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: ишоратӣ, нишондиҳанда (тасвирӣ), инчунин зуҳуроти ҳиссӣ; таъкидӣ; мавзунӣ. Ишоратҳо умумӣ набуда, танҳо хоси ин ё он забонанд (мас., баровардани забон дар Аврупо тамасхурро ифода мекунад, дар Чин - таҳдид, дар Ҳиндустон - ғазаб, барои мардуми Майя маънои ҳикматро дорад). Забони ишоратии шартӣ бо забонҳои муқаррарӣ (табиӣ) низ ҳамроҳ омада метавонад.

Забони компутар. Низоме барои барномарезӣ, ки ҷиҳати (барои) навиштани барномаҳои компутарӣ мавриди истифода қарор мегирад. Ин барномаҳо барои мақсадҳои хоси назири GOBOL (номи яке аз забонҳои компутарӣ барои бозаргонӣ) ё FORTRAN (забони компутарӣ барои муҳандисӣ ва улум) ба кор мераванд. Забони компутар шомили аносири назири намодҳо, дастурҳо ва коркардҳо нест, ки тибқи қоидаҳои хос барои иҷрои амалиёти бар рӯйи анвои додаҳо бакор мераванд. Даҳҳо забони компутарӣ барои мақсадҳои мухталиф тарроҳӣ шудаанд. Забонҳои компутарӣ вижагиҳои صوری ҷолибе доранд, аммо вижагиҳои корбурди забонҳои табииро надоранд.

Забони кӯдак. Навъи забон, ки кӯдакони камсин (хурдсол) ва соле, ки ҳанӯз дар ҳоли ёдгирии забони модарӣ ҳастанд, ба кор мебаранд. Забони кӯдак дорои чунин гуна тафовут бо забони калонсол аст. Масалан: 1) сохтори мутафовути ҷумлаҳо. Масалан бақойи Why aren’t you coming? мегӯянд: Why not yoy coming? 2) Суратҳои мутафовути калима, монанди goed бақойи went, mouses бақойи mice. Ин гуна тафовутҳо нишон медиҳанд, ки кӯдакон дорои маҷмӯи қавонини хоси худ ҳастанд ва забонро фақат бо тақлид аз калонсолон намеомӯзанд.

Забони мабдаъ, нахустзабон, забони умумӣ (ҳақиқӣ ё фаразӣ)-е, ки дар натиҷаи барқарор кардани ҳолату хосиятҳои муқаддаму умумии ягон оила ё гурӯҳи муайяни забонҳои хеш дар асоси маҷмӯи айниятҳои фонетикӣ, грамматикӣ ва маъноӣ дар заминаи методи муқоисавию

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

таърихӣ ба вуҷуд оварда мешавад, мас., забони мабдаи (нахустзабони) ҳиндуаврпуоӣ, ҳинду ориёнӣ, ориёӣ (протоэронӣ). Мавҷудияти забони мабдаъ ҳамчун забони мукаммалу ягона дар давраи қабл аз таърих баҳснок аст. Шояд дар давраи қабл аз таърих забони мабдаъ гурӯҳ ё маҷмӯи шеваҳои ба ҳамдигар хеле наздик будааст, ки тадриҷан дар натиҷаи инкишофи мустақилона дар давраи муайяни таърихӣ ба забонҳои алоҳида ҷудо шудаанд. Забони мабдаъро комилан ва қатъӣ муқаррар кардан мумкин аст, ба шарте ки мавҷудияти он забон ба ягон давраи таърихӣ рост ояд (мас., забонҳои романӣ, ки нахустзабони онҳо забони лотинии халқӣ ҳисоб меёбад). Унсурҳо ва шаклҳои забони мабдаъро **архетин** ва айниятҳои архетинҳоро дар даврахои минбаъдаи инкишофи забон **рефлекс** меноманд.

Забони матбуот. Забони матбуот аз забони хаттӣ қариб фарқ намекунад. Фарқи он аз забони хаттӣ (китобатӣ) танҳо дар дараҷаи истеъмоли системаҳои забонӣ мебошад. Забони матбуот варианти пурқувват ва серистеъмоли забони хаттист, ки барои зудтар ва бе ҳеҷ мамоният фаҳмидани мақсад мусоидат мекунад.

Забони мидёнӣ. Дар ибтидои ҳазораи аввали то милод саросари ноҳияҳои ҳавзаи дарёҳои Ому ва Сир сарзамини ориёиён буд. Дар шимоли ин сарзамин, воҳаҳои баҳри Арал, ки макони зуҳури паёмбар Зардушт аст, маркази мазҳабиву сиёсии оини маздаясно аст. Дар ин даврон қавмҳои мод ва порс дар сарзамини ошуриён ҷойгир шуда буданд. Соли 615 то милод подшоҳи Мод Ҳувахшатр бо подшоҳи Бобул дар якҷоягӣ подшоҳии Ошурро шикаст медиҳад. Бегумон дар давлатдории Мод хазинаи ҳуҷҷатҳои расмию давлатӣ ва коргузорӣ мавҷуд будааст. Ҳатто Ҳеродот – муаррихи юнонӣ, менависад, ки аз оғози асри VIII-уми то милод дар давлатдории мидёниҳо шоҳони Мод амру фармон ва асноди мурофиотро менавистаанд. Шоҳи Мод навиштаҳоро қабул медошт ва худ амру фармон содир мекард. Дар робита бо ин ҳукм Парвиз Нотили Хонларӣ мегӯяд, ки дабирони бегона дар дарбори Шоҳи Мод мавзӯи шикоят ва дифоъро бо забони мутадовил менавиштанд ва назди шоҳ ба забони мидёнӣ тарҷума мекарданд. Ақидае низ роиҷ аст, ки хатти мехӣ аввалан ба

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

мидёниҳо мутааллиқ аст, вале ин саҳеҳ нест. Зеро Дорошоҳ мегӯяд, ки ӯ аввалин бор бо забони аждодони худ менависад. Ҳамчунин, муаррихон қайд кардаанд, ки дар аҳди шоҳони Мод достону ривоёти гуногун буда, ки онҳо навишта мешудаанд, аммо то ба имрӯз нишоне аз онҳо ба мо нарасидааст. Пойтахти давлати Мод Экбатанаи қадим (Ҳамадони имрӯза) будааст. Аз забони мидёнӣ то имрӯз номи ашхос, номи мавзеоти ҷуғрофӣ ва теъдоди маҳдуди калимот аз навиштаҳои юнониёни қадим, ошуриён ва катибаҳои порсии қадим омада расидааст.

Забони миллӣ (давлатӣ). Забоне, ки барои тамоми аъзоёни миллат умумист. Он чунин забони адабӣ буда, барои мубодилаи афкори тамоми миллат хизмат мекунад.

Забони модарӣ, забонест, ки инсон аз айёми кӯдакӣ аз атрофиёни калонсолаш тақлидан ёд мегирад. Забони модарӣ дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ яке аз фанҳои асосии таълим ба шумор меравад. Ҳарчанд ки таълифи китоб ба забони тоҷикӣ таърихи ҳазорсола дорад, аввалин китоби дарсии забони тоҷикӣ (грамматика) дар замони шӯравӣ (1928, таълифи Саидризо Ализода) ба вуҷуд омад. Минбаъд китобҳои дарсии забони модарӣ (тоҷикӣ), инчунин китобҳои дарсии фанҳои дигар ба забони модариамон чоп шуданд.

Забони парфиянӣ (портӣ). То солҳои наздик дар илми эроншиносӣ баъзан байни истилоҳҳои порсӣ ва паҳлавӣ ихтилофоте ҷой дошт ва онҳоро як забон ҳам мешумориданд. Аммо ҳар дуи инҳо ба этнотопонимҳои Parθava ва Parsa тааллуқ доранд. Азбаски дар асрҳои миёна ба ҷои «порсии миёна» «паҳлавӣ» истифода мекарданд, ин анъана то кунун давом кард. Дар асл бошад, «паҳлавӣ» < pahlavik < parθava ва пасванди –ik ва «порсии миёна» parsi < parsik ном доранд. Забони парфиянӣ ба гурӯҳи шимолию ғарбии эронӣ дохил шуда, чунонки дар боло зикр шуд, Parθava – Парфия ватани портҳо ва макони аввалини паҳншавии забони парфиянӣ буд. Он яке аз музофоти шарқии империяи Ҳахоманишиён (558-330 п. аз м.) ба шумор мерафт. Парфия дар қисмати ҷануби шарқии баҳри Каспий ҷойгир буда, дар ғарб бо давлати Мод, дар шимол бо Хоразм, дар шарқ бо Марғиён, боз шарқтар аз он бо Бохтар

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ҳамсарҳад буд. То ташаккули империяи Ҳахоманишиён Парфия яке аз музофоти дурдасти подшоҳии Мод ба шумор мерафт. Ҳудудҳои имрӯзаи он бо музофоти шимолию шарқии Эрон - Хуросону Мозандарон, инчунин як қисми ҷанубию ғарбии Туркманистон рост меояд. Пойтахти он Арсака (мавзеъҳои имрӯзаи шимоли Хуросон) буд, ки боқимондаҳояш аз шимоли Ашқобод пайдо шудаанд. Парфия ва парфияниҳо дар нигоштаҳои аввали Сосониён баробари Порсу порсиён ёд карда мешаванд. Дар бораи давраи қадимаи забони парфиянӣ маълумоте дар даст нест. Аз давраи салтанати Ҳахоманишиён осори хаттии парфиянӣ боқӣ намондааст. Пас аз забти Эрон аз ҷониби Искандари Мақдунӣ ва дар давраи Селевкидҳо забони расмӣ юнонӣ будааст. Ҳатто дар давраҳои аввали ҳукмронии Аршакиҳо низ ин мақоми забони юнонӣ нигоҳ дошта шудааст. Дар сангнавиштаҳои Бесутун бо тасвири шоҳони парфиянӣ низ забони юнонӣ дида мешавад. Ду катибае, ки дар Авроман (кӯҳҳои Загрос) ёфт шудаанд, яке ба соли 88 п. аз м., дигаре солҳои 22 – 21 п. аз м. тааллуқ доранд, низ бо забони юнонӣ навишта ҳатто, ба гуфтаи Плутарх дар давраи Ороди I фоҷеаҳои Эврипид ба забони юнонӣ ба саҳна гузошта мешудаст. Ин далели бартарияти забони юнонӣ дар Парфия аст. Ба ақидаи олимон давраҳои аввали ҳукмронии Сосониён забони парфиянӣ ҳанӯз васеъ истеъмол мегардид. Мавҷудияти матнҳо ба забони парфиянӣ (дар баробари порсии миёна ва юнонӣ) дар Нақши Рустам, Нақши Раҷаб (дар баробари порсии миёна), дар Хоҷиобод ва Нарс онҳоро ба чунин хулоса оварда буд. Пас аз омӯзиши ёдгориҳои номбурда (дар ох. а. XIX) забони ҷудогона будани парфиянӣ муқаррар шуд. То кунун олимон онро варианти навишти форсии миёна мепиндоштанд. Инчунин дар солҳои 1893 –1911 аз Туркистони Шарқӣ пораҳои матни Монавӣ ба забони порсии миёна, порфиянӣ ва суғдӣ аз ҷониби олимони рус В.И.Гоборовский ва П.К.Нозлов, Н.Н.Каков экспедитсияи археологҳои олмон, англис пайдо карда шуданд, ки аксарияташон дар Берлин, Лондон ва Санкт-Петербург маҳфузанд. Осори монавии порфиянӣ бори нахуст аз ҷониби Ф.Мюллер с. 1904 ва минбаъд Фонле Кок, К.Г.Залеман, В.Ҳеннинг дар байни солҳои 1909-1947 нашр карда

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

шудаанд. Дар ин ҷода, бахусус, заҳматҳои Ф.Мюллер, Ф.Андреас ва В.Ҳеннинг бузург аст.

Забони порсии бостон. Забони порсии қадим аз қадимтарин забони эронии соҳибхат ба шумор меравад. Забони порсии қадим забони давлатии салтанати Ҳохоманишиён буда баъд аз сукунати ин давлатдории бузург ба маҳдудиятҳо дучор гардида алифбои он аз байн рафт. Баръакси забони авастоӣ забони порсии қадим забони дину мазҳаб набуд. Ин забон дар аҳди Ҳохоманишиён дар қаламрави ин империяи бузург забони маъмулу мустаъмал ва мавриди коргузорӣ қарор гирифта буд. Манобеи хаттии забони авастоӣ ва забони порсии қадимро мавриди муқоиса кардан, ҳамоно хусусияти фарқкунандаи онҳо дар он зоҳир мегардад, ки катибаҳои хаттӣ дар нусхаи асл ба мо расидааст ва маҳз ҳамин хусусият арзишмандии онро нишон медиҳад. Бартарии осори авастоӣ нисбат ба катибаҳои забони порсии қадим дар он зоҳир мегардад, ки ҳаҷми он бештар аст. Аз оини мехнавишти забони порсии қадим ягон суннате намонда, ва баъди шикасти Ҳахоманишиҳо пурра аз байн рафт. Дар давраҳои минбаъда қариб ҳеҷ кас он матнҳоро хонда наметавонист. Хушбахтона, қисматҳои муҳиму арзишманди хаттии забони порсии қадим то ба мо омада расидаанд. Ба манбаъҳои хатии забони порсии қадим сарчашмаҳои зерин шомиланд: 1.Катибаи Дорошоҳ (Катибаи Бесутун) - ба се забон: порсии қадим, аккодӣ, эламӣ дар панҷ сутун нақшгузорӣ карда шудааст. 2. Катибаи Нақши Рустам аз ду сутун иборат аст. Сутуни якум аз 60 сатр ва сутуни дуюм низ аз 60 сатр иборатанд. 3. Катиба аз Шуш ёфт шудааст, ки мазмуни он дар бораи сохтмон аст ва аз 58 сатр иборат аст. 4. Катибаи Куруш аз Персиполис аст (навиштаҳо бар зидди девҳо), ки дар ду банд буда банди якум – 60 сатр, банди дуюм – 48 сатр мебошанд. Манбаъҳои хатии мутаалиқ ба забонҳои аккодӣ, эламӣ ва юнонии қадиму оромӣ низ дар бораи баъзе хусусиятҳои забони порсии қадим маълумоти нисбӣ дода метавонанд.

Забони порсии миёна. Забони порсии миёна забони адабиву хаттии даврони салтанати Сосониён мебошад. Даврони салтанати Сосониён замони рушд ва шукуфоии хат ва забони порсии миёна аст. Албатта, гуфтан зарур аст, ки даврони ташаккул ва инкишофи забони порсии миёна фарохтар аст ва қариб

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ҳазор солро дар бар мегирад ва имтидоди он аз қарни IV то милод то қарни VII милодӣ аст. Ҳатто пас аз маҳдуд шудани имконоти забони порсии миёна, махсусан, пас аз истилои араб ин забон чун забони дорои хат истифода мешуд. Беш аз ҳама ин забон аз тарафи дастурону пайравони оини Зардушт истифода мешуд. Чунонки инкишофи таърихии забонҳои эронӣ ба се давра тақсим мешавад, забони порсии миёна қисмати мобайнии инкишофи забонҳои муосири тоҷикӣ, форсӣ ва дарӣ мебошад. Дар манбаъҳои илмию таърихӣ ва адабӣ ин забон бономи «паҳлавӣ», «забони паҳлавӣ» низ зикр мешавад, ки ин аслан аз /pahlavi < pahlavik/ - мутаносибан аз Pahlav < Parθava (Парфия ё худ парфиёнӣ) аст. Аввалан «паҳлавӣ» як навъи хат буда, ки дар аҳди Сосониён мустаъмал буд, ки баъдан як забону адабиёти маъруф чунин номида шуд, ба монанди «забони паҳлавӣ» ва «адабиёти паҳлавӣ». Қайд кардан зарур аст, ки забони порсии миёна забони давлати Парфия набуда, аз забони парфиянӣ (портӣ) фарқ дорад. Забони порсии миёна ва парфиянӣ (портӣ) забонҳои ба ҳам наздик буда, аввалӣ ҷанубии ғарбӣ аст ва дуввумӣ шимолии ғарбист. Бинобар ин дар забоншиносии муосир мафҳумҳои забони порсии миёна, забони парфиянӣ (портӣ) ва хатти паҳлавӣ, алифбои паҳлавӣ мустаъмал аст.

Забони сакоии хутанӣ. Забони сакоии хутаниро муҳаққиқон дар асри XX кашф карданд. Осори хаттии ин забон аз Туркистони Шарқӣ пайдо карда шуда, дар омӯзиши он муҳаққиқон Э. Лейман, Н.Лейман, С.Камов, Г.В. Дейли, Р.Эмирк ҳиссаи арзанда гузоштанд. Дар омӯзиши ин забон, бахусус, дар солҳои 60-уми саддаи XX муваффақиятҳои назаррас ба даст омад. Ориёнажодони воҳаҳои Хутан, шояд боқимондаҳои қисми аз сакоиҳое буданд, ки ба ҷониби Ҳинд ҳаракат мекарданд. Сарчашмаҳои чинӣ бунёди Хутанро ба асри III пеш аз милод нисбат медиҳанд. Бар муқобили дахолату ҳуҷумҳои чиниён ва туркони бодиянишин, ҳайтолиён ва тибетиҳо мубориза бурда хони хутаниён дар давоми беш аз ҳазор сол мустақилияти худро нигоҳ дошт. Мувофиқи маълумоти муаррихи чинӣ Сюан Сзян хутаниён мардуми хушзавқ буда, ба санъат рағбати беандоза доштаанд. Забони сакоии хутанӣ ба гурӯҳи забони сакоӣ дохил мешавад. Аз рӯи сарчашмаҳои мавҷуда забонҳои зерин ба ин гурӯҳи забонҳои эронӣ дохил мешуданд: 1. Сакоии хутании давраи аввал –

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

дар ҳазораи I мелодӣ дар навоҳии Хутан дар ҷануби саҳрои Такла-Макан паҳн шуда аз осори ин забон компендиуми будоии «Китоби Замбаст», инчунин матнҳои дигар. 2. Сакоии хутании давраи баъд – шакли хеле суфта, такмилёфта ва дигаргуншудаи хутании давраи аввал аст, ки тақрибан дар навоҳии Турфон паҳн шуда буд. Осори боқимондаи он аз ҳуҷҷатҳои расмӣ матнҳои буддоӣ иборат аст. 3 Сакоии муртукӣ – дар шимоли шарқии Қошғар паҳн шуда осори зиёди осонфаҳм (ба туфайли матни забонҳои дигар) аз ин забон боқӣ мондааст. 4.Сакоии тумушкӣ – он низ дар шимоли шарқии Қошғар паҳн шуда, дар нимаи дуюми ҳазорсолаи I милодӣ истифода мешуд. Муносибати он бо забони сакоии муртукӣ хеле наздик аст ва идомаи он мебошад. 5. Сакоии ҳиндӣ – забони ғосибон – шакҳо, мебошад, ки ҳамагӣ бо чанд калима шинохта шудааст: horaka – тӯҳфакунанда, sāhānu sahi – шоҳи шоҳон. 6. Сакоии кирорайинӣ – дар шарқи Хутан паҳн шуда буд ва он аз рӯйи иқтибосоти зиёдаш аз забони крорайинӣ шинохта шуд. 7. Сакоии қошғарӣ забонест, ки танҳо аз рӯйи сарчашмаҳои бавосита шинохта шудааст. Он дар ғарбии Қошғар паҳн шуда буд. Ба забонҳои сакоӣ умумияти луғавӣ ва сохти грамматикӣ хос аст. Хусусияти фонетикии ин гурӯҳи забонҳо онҳоро аз гурӯҳи забонҳои ғарбии эронӣ ва ҳам шарқӣ ҷудо мекунад: гузариш байни – ft > -wδ – сакоии хутанӣ: hauda, сакоии тумушкӣ: hoda – ҳафт.

Забони скифии сарматӣ. Тоифаи скифии сарматӣ асосан дар шимоли Баҳри Сиёҳ ва резишгоҳҳои дарёҳои Дон, Дунай, Днепр ва Днестр сукунат мекарданд. Маводи дар ҷануби Руссия, соҳилҳои шимоли Баҳри Сиёҳ то баҳри Каспий ба даст омада дақиқ собит месозанд, ки элементҳои эронӣ дар сохтори забони скифии сарматӣ ҷой доранд. Мутаассифона, ин мавод хусусиятҳои забони скифии сарматиро (сакоиро) муккамал нишон дода наметавонад. Дорошоҳ сакоиҳоро ду тоифа медонад ва онҳоро «saka tigra xauda» - «сакоиҳои тезхӯд» ва «saka uparna draya» - «сакоиҳои он тарафи дарё» меномад. Дар манбаъҳои таърихии гузашта тоифаи скифии сарматӣ бо ду ном зикр мешавад: *Σkuϑai* – Scythae ва *Σαρμαται* – Sarmatae. Забони скифии сарматӣ аз шеваю гӯишҳои гуногун иборат будааст, аммо манбаи боэътимодеро, ки исботи чунин фикр бошад имрӯз дарёфт намудан мушкил ва ҳатто ғайриимкон аст.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Номҳои скифии сарматӣ дар сангнавиштаҳои юнониёни қадим дар шаҳрҳои Танаида, Горгиппия, Пантикапея ва Олвия, ки аз тарафи коргарони кироя, ғуломон ва асирон бунёд шудаанд, бештар вомехӯранд. Ақвоми эронии соҳилҳои шимолии Баҳри Сиёҳ бо шеваю лаҳҷаҳои гуногун сухан мекарданд, аммо дар баробари ин умумияти ягонаи шомили ин ё он забон дар он шеваҳо будааст. Ҳеродот скифҳо ва сарматҳоро ҷудо карда мегӯяд, ки дарёи Танаис (Дон) онҳоро аз ҳам ҷудо мекунад. Ҳамчунин Ҳеродот қайд мекунад, ки забони скифҳо тозатар ва бо забонҳои бегона омехта нашудааст, аммо забони сарматӣ бо унсурҳои забонҳои бегона олудатар аст. Ҳамчунин дар манбаъҳои таърихи гуногун қавмҳои язигҳо, аорсҳо, сиракҳо, аланҳо ва раксоланҳо зикр шудаанд, ки аз ақвоми эронии соҳилҳои шимолии Баҳри Сиёҳ Моварои Қафқоз дониста шудаанд. Аз тарафи муҳаққиқони аврупои Й. Харматта ва Л. Згуста доир ба хусусиятҳои забони скифҳо ва сарматҳо тадқиқоти мушаххас бурда шуд. Л. Згуста ба чунин хулоса меояд, ки ин забон асосан дорои ду гӯиш буда, яке қадимтарин ва дуввумиро сарчашмаи забон нав гуфтан мумкин аст. Ба ин андеша олимони дигар низ мӯътақиданд ва забони скифӣ дар ҳолати матрукшавӣ бо забони навташаккулёфтаистодаи сарматӣ дар як давраи муайян мустаъмал будааст. Дар бораи забони скифии сармати забоншиноси маъруфи собиқ Шӯравӣ – В. И. Абаев тадқиқоти нисбатан муккамал бурдааст. Ӯ дар ҳаҷми 40 саҳифа луғати калимоти скифии сарматиро мураттаб намуда, шарҳи онҳоро низ овардааст.

Забони сохта - мафҳумест, киаз ҷониби футуристон (ҷараёни адабӣ дар Италия, ки соли 1909 ба вуҷуд омада буд) пешниҳод шуда буд. Ҷонибдорони забони сохта талаб мекарданд, ки шоир бояд на фақат бо забони умумӣ, балки инчунин бо забони шахсан эҷодкардаи худ – «забони сохта» низ фикри худро баён намояд. Назариячиёни забони сохта аз моҳияти асосии калима даст кашида, забонро ба таркиби калимаҳои бо дигарон номафҳум, яъне ба забони «худ» табдил медоданд. Забони сохта забони назми футуристӣ буда, намояндагони он эҷоди адабиро ҳамчун протсеси забонихтироъкунӣ медонистанд.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Забони суғдӣ. Забони суғдӣ ба гурӯҳи забонҳои шарқии эронии давраи миёна мансуб аст. Ҳудуди паҳншавии ин забон водии Зарафшон буда, мавҷудияти давлати Суғд мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ аз асрҳои VI то мелод оғоз мегардад. Мувофиқи ақидаи муҳаққиқон паҳншавии суғдҳо дар соҳилҳои дарёи Зарафшон ба миёнаҳои ҳазораи II – ибтидои ҳазораи I то мелод рост меояд. Давлати Суғд аз ҷануб бо бохтариён, ҷанубу ғарб портиёну марғиёниҳо, дар шимол ва шимолу шарқ бо сакоиён, дар шимолу ғарб бо хоразмиён ҳамсоя буд. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо суғдҳо дар асрҳои III пеш аз милод бо чиниён дар робитаи тиҷоратию фарҳангӣ қарор мегиранд ва дар забону шеваҳои гуногуни чинӣ як қатор иқтибосоти суғдиро, ки ба асри I мелодӣ мансуб аст муқаррар кардаанд. Забони суғдӣ забони коргузорӣ ва муошарати мардумони ҳайати давлати Суғд ва ҳатто ҳудудҳои аз он ҳам фарохтар будааст. Минтақаи асосии густариши забони суғдӣ ба бартарии бештар ба дигар забону гӯишҳо водии Зарафшон, Фарғона, Кешрӯд (Қашқадарёи имрӯза дар Ӯзбакистон) ва Сурхондарё будааст. Мувофиқи навиштаҳои Сюан Сзян низ ҳудуди ниҳоят васеъ, ки аз Ҳафтрӯд то Кешрӯдро фаро мегирифт, Суғд меномидаанд. Муаррихони юнонӣ қайд мекунанд, ки сарҳади байни Суғду Бохтар дарёи Окс (Амударё) будааст. Дар сарчашмаҳои хаттии гузашта калимаи «суғд» дар шаклҳои зерин навишта шудааст: порсии қадим - suguda, sugda, авастоӣ - suγϑa, suxδa, дар навиштаҳои юнониён Σογδiανη. Маркази давлати Суғд шаҳри Самарқанд буд, ки он дар манобеи хаттӣ ба таври зайл сабт шудааст: Sm''rknϑ, Samārkanϑ, Samārakanϑā. Аз байн рафтани забони суғдӣ ва ҷойи онро пурра гирифтани забони дарии тоҷикӣ ба давраҳои пас аз асри XI рост меояд. Дар навоҳии болооби Зарафшон забони суғдӣ хеле дер боқӣ монд. Дар соҳилҳои дарёи Яғноб шеваи суғдӣ то кунун боқӣ мондааст, ки онро забони суғдии нав низ меноманд ва ин забони яғнобӣ аст. Дар ҳудуди Ҳафтрӯд ҷои забони суғдиро забони туркӣ гирифт. Ба гуфтаи Маҳмуди Қошғарӣ аҳолии Суғди Балосоғун урфу одатҳои туркиро қабул намуданд ва дар дарврaҳои аввал дузабона буданд (ки ин равand бо забони хоразмӣ низ рӯй дода буд) ва баъдҳо аҳолии шаҳрҳои Ҳафтрӯд аз Балосоғун то Исфиҷоб бо забони туркӣ гап мезадагӣ шуданд. Забони суғдӣ – забони

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

шарқии эронии миёна буда, дар ташаккулёбии забони тоҷикӣ нақши муҳим дорад. Дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ луғоту истилоҳоти забони суғдӣ хеле фаровонанд ва то ба имрӯз истеъмол мешаванд. Сарчашмаҳои хаттии забони суғдиро чунин тасниф кардан мумкин аст: - маҷмӯи ҳуҷҷатҳои гуногуни кӯҳи Муғ; - матнҳои гуногун, ки дар танга, зарфҳои нуқра, хуму хумпора, пӯст ва матоъ навишта шудаанд ва аз мавзеъҳои гуногун ёфт шудаанд; - китобҳои гуногун бо матни дини буддоӣ /vessantara/ jataka, Сутраи нохунҳои дароз, Сутраи сабабу натиҷа, иқтибосҳои гуногун аз он китобҳо; - матнҳои иқтибосии гуногуни монавӣ (аз ҷумла матн бо номи афсонаҳои суғдӣ); - матнҳои насронӣ (ба монанди «Саргузашти Георгии Муқаддас»). Манбаъҳои хаттии мансуб ба забони суғдиро аз рӯи макони дарёфтшуданашон ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо кардан мумкин аст. Ба забони суғдӣ, ки забони муошарати халқиятҳои гуногун дар Шоҳроҳи Абрешим (lingua transa) буд, аз забонҳои чинӣ, санскрит, ошурӣ, порсии миёна ва юнонӣ адабиёти фаровон тарҷума шудааст. Мазмун ва мундариҷаи осори тарҷумашуда ба дину оинҳои гуногун ва асосан ба дини буддоӣ, насронӣ ва монавӣ мувофиқат мекард.

Забони табиӣ - забон ба маънои аслию ҳақиқиаш, забони инсон чун олоту воситаи муҳимтарини мубодила ва воситаи ташаккулёбии ифодаи фикр.

Забони таҳсил - гунаҳо ё намунаҳои хоси забон, ки дар ёдгирии мавзӯот ё матолиби дарсӣ дар ҳини таҳсилоти расмӣ бакор мераванд. Тасаллут бар забони таҳсил бо мизони савод ва мавқеиятҳои таҳсил марбут аст. Ёдгории истилоҳоти хос, анвои матнҳо, вижагиҳо ва гунаҳои гуфтории хос дар ҳавзаҳои гуногуни таҳсилӣ (назири таърих ва риёзиёт) аст.

Забони тоҷикӣ. Забони тоҷикӣ аз қадимулайём аз аъмоқи асрҳо мероси гаронбаҳоеро то ба имрӯз оварда расонидааст. Забони тоҷикӣ, порсии муосир ва дигар забонҳои эронӣ таърихи ягона дошта, дар ибтидо аз рӯи хусусиятҳои гуногуни грамматикӣ ба ҳам наздик буда дар тӯли асрҳои дурудароз ҳар яке аз он забонҳо хусусиятҳои ба худ хосро соҳиб шудаанд. Ин худ раванди ногузири таърихист, ки забонҳо инкишоф меёбанд, тавсиа меёбанд ва дар ин ҷои

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

таассуф нест, ки забони тоҷикӣ ва порсиву дарӣ баъди садсолаҳо ба самтҳои гуногуни рушду такомул ҳаракат карда, аз ҳамдигар фарқияти боз ҳам бештаре пайдо кунанд. Забони тоҷикӣ ба шохаи забонҳои эронии оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ марбут аст ва таърихи дуру дарозе дорад. Забони тоҷикӣ муштаракан бо забони порсии муосир чун идомаи забони порсии қадим ва забони порсии миёна буда, дар худ хусусиятҳои ҷузъии баъзе дигар забонҳои матрук ва то имрӯз зиндаи эрониро таҷассум кардааст. Дар тамоми ҳафриёту кофтукофҳои таърихӣ осори хаттии ин ё он халқияту миллат ба даст меояд. Навиштаҷоти гуногуни рӯи сафолпораву қоғазҳо, пуст, зарфҳоӣ филизӣ, сангҳо, тангаҳо сарчашмаҳои муҳимтарини таърихӣ ҳисоб мушаванд ва дар натиҷаи хонда шудан ва барқарор шудани матнҳо ҳодисаҳои гуногуни таърихӣ, забониву фарҳангӣ айёну рушан мегардад. Дар қисмати сикашиносӣ таърихи забон, системаи хат ва қонуниятҳои грамматикии забонро надониста ягон хел хулосаи илмӣ баровардан имкон надорад. Бинобар ин фанни таърихи забон ҷузъи ногусастании таърихи ин ё он халқ маҳсуб мегардад.

Забони умумихалқӣ, забоне, ки ҳамаи табақаҳои ҷамъиятии як халқ истифода мекунанд. Забони умумихалқӣ дараҷаи олии инкишофи забони адабии миллист. Ташаккули забони умумихалқӣ маҳз дар замони давлатдории тоҷикон (асрҳои IX–X) имконпазир гардид. Истилоҳи забони гуфтугӯии умумӣ, ки дар баъзе таълифоти забоншиносӣ дучор меояд бо истилоҳи забони умумихалқӣ ҳаммаъност.

Забони хоразмӣ. Забони хоразмӣ аз рӯи хусусиятҳои забониаш ба забони суғдӣ наздик аст ва минтақаи густаришаш поёноби Амударё будааст. Дар бораи забони хоразмӣ мавод ва манобеи хаттӣ он қадар фаровон нест. Дар минтақаи густариши забони хоразмӣ алифбои оромиасос бо идеограммаҳо истифода мешуд. Ба ин навиштаҷотҳои рӯи тангаҳо ва манобеи хаттии дар Тупроққалъа ёфтшуда, ки ба асри III милодӣ тааллуқ доранд, шаҳодат медиҳанд. Баъзе ҳуҷҷатҳои аз Тупроққалъа ёфтшуда дар маҷмӯаи тадқиқотии олими шӯравӣ С.Г. Толстов бо унвони «Труды Хорезмской археолого-этнографической экспедиции» соли 1958 чоп шудаанд. Ҳамчунин, аз тарафи ин муҳаққиқ навиштаи рӯи зарф аз ҳафриёти Қойқирилганқалъа ёфт шудааст,

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ки тибқи тадқиқотҳои археологӣ ба асрҳои IV – III то милод мансуб аст. Ин навишта аз як калима –«aspabarak» иборат буда, онро қадимтарин навиштаҷот дар Осиёи Миёна шуморидан мумкин аст. Илова бар ин муҳимтарин сарчашмаҳо дар бораи забони хоразмӣ навиштаҷотҳои ҳуқуқии бо забони арабӣ китобатшуда мебошанд, ки ба ҳуқуқшиноси хоразмӣ Мухтор Зоҳид ал-Ғазминӣ, дар асари ӯ «Кунйат-ал-Мунйа» мутааллиқ аст. Дар ин навиштаҷотҳо таъбироту истилоҳот, калимаҳои ҷудогона бо забони хоразмӣ оварда шудаанд, ки ба масоили никоҳ, талоқ, қасам мутааллиқ буда, теъдоди онҳо то ба се ҳазор мерасад. Замони навишта шудани манбаъҳои зикршуда ба асри XIII мансуб аст. Ҳамчунин, баъзе таъбироту истилоҳоти гуногуни мансуб ба забони хоразмӣ дар луғати арабию форсии Замахшарӣ (асрҳои XI – XII) «Муқаддимат-ул-адаб» дида мешавад. Тақвимҳо ва истилоҳоти улуми «нуҷум» бо забони хоразмӣ дар «Осор-ул-боқия»-и Абӯрайҳон Берунӣ оварда шудаанд. Дар ин китоб дар бораи идҳо ва баъзе расму оини хоразмиён сухан гуфта шудааст. Дар манбаъҳое, ки бо ҳуруфоти арабиасос навишта шудааст, зимни сабти калимоту истилоҳоти забони хоразмӣ аломатҳои ифодакунандаи овозҳои хоси хоразмӣ низ истифода шудаанд. Аз рӯи маълумоти Абӯрайҳон Берунӣ бармеояд, ки ҳанӯз дар асрҳои X-XI забони хоразмӣ матрук набуда, қисме аз мардуми Хоразм бо ин забон сухан мегуфтанд. Дар ин даврон эҳтимол хоразмиён дузабона буда, тадриҷан забони туркӣ ҷои забони хоразмиро гирифтааст. Соли 1927 муҳаққиқи турк Аҳмад Закӣ дар бораи мавҷуд будани матнҳо ва дастнависҳои забони хоразмӣ маълумот дод. Тадқиқотҳои муҳимтарин дар бораи забони хоразмӣ ба А.А.Фрейман «Хорезмийский язык» (1951) ва В. Ҳеннинг «Mitteliranisch» мутааллиқанд.

Забони шартӣ, тарзи махсуси суханронӣ, ки дар натиҷаи ба таври сунъӣ талаффуз кардани калимаҳои муқаррарӣ ҳосил мешавад. Чунин тарзи гуфтор дар байни бисёр халқҳои ҷаҳон васеъ паҳн шудааст. Забони «заргарӣ», ки дар он ҳар як ҳиҷои муқаррарӣ бо ҳиҷои «з»-дор талаффуз мешавад, то андозае машҳур аст. Мас., ифодаи тоҷикии «Рӯзи якшанбе ман ба музей рафтам» чунин ифода мешавад: «Рӯзӯизи язакшазанбезе мазан база музузезей разафтазам». Дар фарҳангҳои форсию тоҷикӣ

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

забони шартӣ бо номи **лутар, лутаре, лутаро** низ омадааст. Дар забонҳои тоҷикӣ, яғнобӣ, ӯзбекӣ бо истифодаи ҳиҷоҳои гуногун аз қабили **алдар, илдир, улдур** забони шартӣ сохта мешаванд: «**Илдираимрӯз ҳалдараҳаво галдарагарм шулдурашуд**» (Имрӯз ҳаво гарм шуд). Забони шартиро бештар кӯдакон ва ҷавонон (махсусан духтарон) истифода мебаранд. Онро ба қатори забонҳои махфӣ дохил кардан нашояд. Забони шартӣ танҳо як навъ бозии махсуси забонист.

Забонҳои агглютинативӣ, забонҳое, ки воситаи асосии калимасозии онҳо агглютинатсия мебошад. Базабонҳои агглютинативӣ забонҳои туркӣ, финӣ-угорӣ, тунгусӣ-манҷурӣ, кореӣ, японӣ, қисми забонҳои ҳиндуҳои Амрико ва баъзе забонҳои африкӣ мансубанд. Бар хилофи забонҳои флективӣ дар забонҳои агглютинативӣ агглютинатсия соф хуссуияти фонетикӣ дорад. Дар забонҳои агглютинативӣ пешванду пасвандҳо фақат як маънӣ доранд ва барои ифодаи ягон маънои грамматикӣ танҳо як пешванд ё пасванд хизмат мекунад; омезишу махлутшавии морфемаҳои калима имконпазир аст. Унсурҳои агглютинатсия дар забонҳои флективӣ низ мавҷуданд.

Забонҳои аналитикӣ, типи (навъи) забонҳое, ки дар онҳо муносибатҳои грамматикӣ на тавассути тағйири шакли калима (чунонки дар забонҳои синтетикӣ мушоҳида мешавад), балки бавоситаи калимаҳои ёридиҳанда, тартиби калимаҳои мустақилмаъно, оҳанги ҷумла ва ғайра ифода мегардад. Дар забонҳои аналитикӣ калима (ба истиснои феъл) тасриф намешавад, шаклан тағйир намеёбад. Аслан ва таърихан забонҳои соф аналитикӣ ва соф синтетикӣ вуҷуд надоранд. Масалан, дар забони тоҷикӣ, ки аз ҷумлаи забонҳои аналитикист, илова бар хусусиятҳои аналитикӣ баъзе унсурҳои синтетикӣ низ (махсусан дар феъл) мушоҳида мешаванд: Ман хондам – мо хондем, китобам-китобат-китобаш. Дар ҷараёни инкишофи таърихӣ дар забонҳои аналитикӣ унсурҳои синтетикӣ ва баръакс дар забонҳои синтетикӣ ба вуҷуд омада, доираи истифодаи унсурҳои синтетикиро тадриҷан маҳдуд мекунанд ва бо мурури замон бар онҳо ғолиб меоянд. Мисоли равшани ин забонҳои тоҷикию форсист, ки

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

дар ибтидо сохти синтетикӣ доштанд ва баъд дар ҷараёни инкишофи таърихӣ сохти аналитикӣ пайдо карданд. Дар таснифоти забонҳо ба аналитикиву синтетикӣ бартарию афзалияти тамоюлоти забоние, ки хоси сохти морфологии калима мебошад, ба инобат гирифта мешавад. Ба гурӯҳи забонҳои аналитикӣ забонҳои англисӣ, франсавӣ, тоҷикӣ, италиявӣ, испанӣ, даниягӣ, булғорӣ ва ғ. Дохил мешаванд.

Забонҳои байналхалқӣ – забонҳое, ки ба сифати воситаи муносибати халқҳои давлатҳои гуногун истифода мешаванд. Забонҳои байналхалқиро ба табиию сунъӣ ҷудо мекунанд. Забонҳои байналхалқии табиӣ дар замони бостонию асрҳо имиёна хусусияти минтақавӣ доштанд. Масалан, воситаи муомилоти халқҳои Шарқи Дур забони чинӣ (хитоӣ) буд. Дар давлатҳои қисми Осиёи Пеш дар замонҳои гуногун забонҳои шумерӣ, аккадӣ арамеӣ истифода мешуданд. Забони юнонии бостон забони умумии ҷаҳони эллинӣ буд; забони лотинӣ забони империяи Рим буд; дар асрҳои миёна ҳар ду забон (юнонии бостон ва лотинӣ) дар Аврупо вазифаи забони байналхалқиро адо менамуданд. Дар асрҳои миёна дар кишварҳои Шарқи наздик ин вазифаро забонҳои арабию форсӣ ичро менамуданд; дар кишварҳои славянӣ забони славянии бостон забони байналхалқӣ буд. Дар замони нав як гурӯҳи забонҳои ҷаҳонӣ ба вуҷуд омаданд. Пас аз асри XVIII (ки асри забони умумии франсузӣ ном гирифта буд) ба соҳаи истифодаи забонҳои глобалӣ (ҷаҳонӣ) тадриҷан забонҳои англисию олмонӣ ворид шуданд. Дар асри XX забони русӣ ва баъзе забонҳои дигар. Барои забонҳои ҷаҳонӣ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ҳамчун забонҳои созмонҳои байналхалқӣ (Созмони милали муттаҳид, Юнеско…) эътироф гардидан аҳамияте дошт. Масалан, забонҳои кории СММ забонҳои англисӣ, арабӣ, испанӣ, чинӣ, русӣ, франсузианд. Забонҳои сунъии байналхалқӣ системаҳои мухобиротие мебошанд, ки барои муомилоти байналхалқӣ тарҳрезӣ шудаанд. Забонҳои волопюк, эсперанто, интерлингва забонҳои сунъии байналхалқианд.

Забонҳои инкорпорӣ (лот. incorporation – дарбар мегирам, ҷамъ мекунам) ё полисинтетикӣ, забоне, ки воситаи асосии ифодаи онҳо

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

инкорпоратсия мебошад. Инкорпоратсия – дар як воҳиди бутуни морфемагӣ ҷамъ овардан ду ё зиёда семантема (унсурҳои маънодор) мебошад, ки дар алоҳидагӣ маънои яклухти луғавӣ доранд. Мавқеъ ва адади ин семантемаҳо ба мазмуну ифода сахталоқаманд аст; муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо соф синтаксисит. Дар забонҳои инкорпорӣ объекту ҳолати амал на ба воситаи аъзоҳои ҷумла, балки ба воситаи вандҳои таркибии феълӣ ифода мешаванд. Баъзан хабари феълӣ мубтадоро низ дарбар мегирад. Калима дар забонҳои инкорпорӣ ду шакл: алоҳида ва инкорпорӣ дорад. Морфемаҳо мувофиқи принсипи агглютинатсия меоянд. Забонҳои инкорпорӣ ҳамчун забонҳои флективӣ соҳиби флексияи дохилӣ низ мебошанд. Ба забонҳои инкорпорӣ баъзе забонҳои палеосиёӣ (чукотӣ, кореягӣ, алюторӣ, крекӣ, нивкӣ) ва забонҳои ҳиндиёни Амрикои Шимолӣ (дакота, кимшиан, пают ва ғ.) таалуқ доранд. Баъзан ба забонҳо инкорпорӣ забонҳои агглютинативии эскимоссӣ, алеутиро низ нисбат медиҳанд.

Забонҳои қадимаи эронӣ. Қавмҳои эронитабор дар интиҳои ҳазорсолаи III ва оғози ҳазорсолаи II ба манотиқи гуногуну паҳновари Осиёи Пеш ва Осиёи Марказӣ густариш ёфта, қисмати бештари он дар Осиёи Миёна мутамарказ гардид. Дар ин даврон нуқтаҳои канории густариши қавмҳои эронӣ соҳилҳои шимолу шарқи Баҳри Сиёҳ, соҳилҳои баҳри Азов (скифҳо), ҳудуди Чин (қавмҳои сакоӣ), халиҷи Порс ба шумор меравад. Дар ин сарзамин то даврaҳои густариши қавмҳои эронӣ ақвоми ғайриҳиндуурупоӣ, аниқтараш эламиҳо, кашмутҳо, бобулиён, луллубиён ва дигар қавму халқиятҳо сукунат доштанд. Аз забонҳои қавмҳои ғайриэронӣ, ки дар ин сарзамини сокинони таърихӣ буданд, эламиҳо то нимаи дуюми ҳазорсолаи то милод бо забонҳои худ коргузорӣ менамуданд ва баъд аз ин бо забонҳои эронӣ омезиш ёфт. Аз 1900 калимоти исмии эламӣ, ки аз ҳуҷҷатҳои коргузории эламӣ дар Персиполи қадим, мансуби солҳои 510-450 то милод ёфтшуда тахминан 200 ном пас аз асрҳои V то милод боқӣ монда, баъдҳо ҷои онро пурра муодилҳои забони порсии қадим гирифт.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Забонҳои нави эронӣ. Забонҳои эронӣ дар давоми қариб ду ҳазор сол, пас аз ҷудо шудан аз шохаи бузурги ориёӣ (ҳиндуэронӣ) то ба ибтидои давраи нав (асрҳои VIII-IX) зинаҳои гуногуни таҳавулоту инкишофро тай намуд. То ба ин даврон забонҳои эронӣ аз ҷиҳати сарфиву наҳвӣ ва дигар хусусиятҳтои забонӣ ва ҳамзамон аз ҷиҳати мақому манзаллат хеле пештар рафтанд. Ағлаби забонҳои даврони миёна забони давлативу расмӣ (порсии миёна, суғдӣ, бохтарӣ, пафиянӣ) буданд. Забони суғдӣ дар тамоми Осиёи Марказӣ густариш ёфта, дар қаламрави Роҳи Абрешим забони муошарати халқияту қавмҳои гуногун ва махсусан турку эронӣ буд. Мақоми забони суғдӣ дар густариши дину оинҳои насронӣ, буддоӣ низ намоён аст. Ҳатто хоқонҳои турк бар он мусоидат мекарданд ва ашрофону акобиронашон бо ин забон ҳарф мезаданду менавиштанд. Забонҳои эронии даврони миёна забони илму фарҳанг, дину мазҳаб ва савдову тиҷорат буд. Азбаски эронитаборон аксарият шаҳрнишин буданд, забонашон низ аз тарфи халқиятҳои гуногуни кӯчиву саҳронишин омӯхта мешуд. Истилои Араб самти инкишофу пешрафти ҳаёти сиёсиву фарҳангӣ ва иқтисодиву иҷтимоии мардуми эрониро тағйир дод. Арзишҳои гаронқадри маънавию фарҳангӣ, расму оин, мазҳабу суннати асили эрониён бо роҳи зӯриву зулм ҷои худро ба арзишҳои дигар дод. Навиштаҳои муқаддас, манобеи хаттӣ, осори гуногуни диниву дунявӣ ба куфру зиндиқа маҳкум шудаанд. Ҳар кас, ки бар дину мазҳаб ва эътиқодоту имони худ устувор буд аз ин сарзамин бадар рафт. Гурӯҳи дигаре зоҳиран дину мазҳаби навро қабул доштанду бо роҳи пинҳониву пардапӯшона ва мармуз сухан мекарданд. Хуллас, он ки бар дину имон, маънавиёту эътиқодоти худу гузаштагони худ қоим буд дар ин марз намонд. Мубориза бо арабҳо садсолаҳо давом кард, аммо рафта-рафта ихтилофоти диниву фарҳангӣ ба омезиши арзишҳои маънавӣ ва осоиши ин сарзамин оварда расонд. Забони порсии миёна мақоми худро чун забони давлати сосонӣ ва забони дини зардуштӣ аз даст дод. Дар як даврон муайян забони арабӣ ҷои забони порсии миёнаро гирифт. Мақоми сиёсиву давлатӣ пайдо кардани ашрофони маҳаллӣ дар хилофати Араб, ташаккул ёфтани минтақаҳои нави маъмуриву сиёсӣ, муносибати нави иҷтимоию тиҷоратӣ ва фарангӣ ба ташаккулёбии забонҳои нави эронӣ мусоидат кард.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

«Аз доираи истеъмол баромадани забони порсии миёна барои ривоҷу равнақи забони умумихалқии даврaи сосонӣ - дарӣ заминаи мусоиде тайёр кард. Забони дарӣ дар Хуросон дар натиҷаи омезиши лаҳҷаҳои ҷанубӣ-ғарбӣ, ки ба порсии миёна хеле наздик буданд ва забони парфиёнӣ (аз гурӯҳи лаҳҷаҳои шимолӣ-ғарбӣ) пайдо шудааст». Аввалин бор Саффориён (851 - 900) кӯшиш намуданд, ки забони дарӣ ба ҳукми забони расмӣ мақом пайдо намояд. Аҳди Сомониён даврони рушду нумӯъ ва ба мақоми забони расмии давлатӣ баромадани забони дарӣ гардид. Аз адабиёти даризабони ин даврон, ки баъд бо алифбои арабиасос китобат шудааст то ба имрӯз теъдоди фаровони осори хаттӣ омада расидааст. Алифбои арабӣ бо илова намудани чор ҳарф – p, **č, ž**, g барои навиштани осори хаттӣ ба забони дарӣ истифода мешавад. Дар таркиби луғавии забони дарӣ калимаҳои иқтибосӣ аз забони суғдӣ ва парфиёнӣ хеле фаровон буданд. Ҳамин тавр, давраи нави забонҳои эронӣ аз асрҳои VIII-IX оғоз мегардад. Теъдоди забонҳои нави эронӣ имрӯз ба 40 мерасад. Минтақаҳои паҳншавии онҳо имрӯз асосан Эрон, Осиёи Марказӣ, Моварои Қафқоз ва Чин мебошад. Забонҳои эронии нав имрӯз дар Тоҷикистон - тоҷикӣ, яғнобӣ, гурӯҳи забонҳои помирӣ (шуғнонӣ, рӯшонӣ, ишкошимӣ, язғуломӣ, сарикӯлӣ), дар Афғонистону Покистон - дарӣ, пашту, балуҷӣ, мунҷонӣ, парочӣ, ормурӣ, дар Эрон - форсӣ, гелонӣ, курдӣ, мозандаронӣ, гелонӣ, зазӣ, гӯронӣ, лурӣ, бахтиёрӣ, хунсарӣ, кошонӣ, габрӣ (йаздӣ ва кирмонӣ), севандӣ, қундузӣ, давонӣ, курдшулӣ, башқардӣ, қумзарӣ, дар Моварои Қафқоз - осетинӣ, тотӣ ва толишӣ мебошанд. Агар ҳамаи шеваю гӯишҳо дақиқан номбар шаванд, теъдоди онҳо зиёдтар мешавад.

Забонҳои матрук, забонҳое мебошанд, ки айни замон дар гуфтору навиштор истифода намешаванд ва маъмулан танҳо дар осори хаттӣ маълуманд. Ҳодисаи аз байн рафтани як забон ва ба ҷойи он пайдо шудани забони дигар дар таърихи инкишофи забонҳо бисёр рӯй додаст. Дар муддати ҳазорсолаҳои 5 ва 2 то милод дар Байнаннаҳрайн ва осиёи Хурд забонҳои шумерӣ, эломӣ, матанӣ, хаттӣ, бобулӣ-ошурӣ ҳукмрон буданд, ки баъдтар ҷойи онҳоро дигар забонҳо гирифтанд. Чунин ҳолат дар гӯшаю канорҳои дигари дунё (пайдоиши забонхои туркӣ дар қисмати

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ғарбии Осиё ва Европа, интишори забонҳои ҳиндуаврупоӣ дар Америка ва Австралия) низ маълум аст. Забонҳои матрукро ба ду гурӯх ҷудо мекунанд: 1) забонҳое, ки ба куллӣ аз байн рафтаанд (мас., шумерӣ, бобулӣ-ошурӣ, забони модӣ, портӣ ва ғ.); 2) забонҳое, ки дараҷаи аввали инкишофи забонҳои имрӯза (мас., забонҳои қадими англисӣ, юнонӣ, форси қадим – шакли қадими забонҳои ҳозираи англисӣ, юнонӣ ва форсию тоҷикӣ) буданд. Баъзе забонҳои матрук (хеттӣ, тахорӣ, авестоӣ, санскрит ва ғ.) бо осори хеттӣ, қисми дигар бо як микдор калима (модӣ, скифӣ) ва чанде танҳо бо ном маълуманд. Дар гӯшаву канорҳои гуногуни дунё осори зиёди хаттӣ кашф карда, бо кӯшиши донишмандон баъзе аз онҳо хонда ва маънидод карда шудаанд. Хондан ва муайян кардани забони чанде аз онҳо (матнҳои протоҳиндӣ, хати рӯи курси Фест, ёдгориҳои хаттии ҷазираи Пасха) то ҳол ба олимон муяссар нашудааст. Аз баъзе забонҳои матрук осори хаттӣ маҳфуз мондааст. Мас., забони лотинӣ ҳанӯз дар асри V аз истеъмол баромада буд, аммо дар асрҳои миёна ва ҳатто дар асри XX чун забони илм, фарҳанг ва дин истифода мешавад. Ҳамчунин забони авестоӣ (ҳангоми маросимҳои динӣ), забони суриёнӣ (чун забони дин) истифода мешаванд. Омӯхтани забонҳои матрук барои муайян кардани нуктаҳои таърих, тамаддун, урфу одат кӯмак мерасонад. Шиносоӣ бо забонҳои матрук (дар аввали асри XIX ба роҳи ба вуҷуд овардани забоншиносии муқоисавию таърихӣ нақши калон бозидааст.

Забонҳои оморфӣ (юн. a – «бе» ва morphe – «шакл»), забонҳое мебошанд, ки тағйири калима дар ҷумла имконпазир буда, муносибатҳои грамматикии калимаҳо ба воситаи тартиби онҳо дар ҷумла муқаррар мегардад. Калима дар забонҳои оморфӣ фақат аз реша ё асос (яъне реша бо вандҳои калимасоз) иборат буда, ҳамзамон ҳам предмет, ҳам аломат ва ҳам амалро ифода мекунад, ки он шаклҳо аз ҷиҳати сохт аз ҳамдигар фарқ надоранд. Дар забонҳои оморфӣ барои алоқамандии калимаҳо дар ҷумла инчунин калима-решаҳое, ки дар матн маънои худро гум карда, ба ҳиссаҳо (калимаҳо)-и ёридиҳанда пешоянд ва пасояндҳо табдил ёфтаанд,

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

истифода мешаванд. Дар чунин забонҳо ҳиссаҳои нутқ нестанд. Ба забонҳои оморфӣ забонҳои хитоӣ (хитоии қадим), ветнамӣ ва баъзе забонҳои аҳолии бумияи Африқои Ғарбӣ шомиланд. Забонҳои оморфиро забонҳои тасрифнашаванда низ меноманд. Дар баъзе забонҳои оморфӣ барои ифодаи муносибатҳои байниҳамдигарии калима-решаҳо бар замми тартиби калима вандҳои калимасоз ё ҳиссаҳои ёридиҳанда низ истифода мешаванд.

Забонҳои синтетикӣ, гурӯҳи забонҳое, ки дар онҳо муносибатҳои грамматикӣ асосан дар доираи худи калима ба воситаи пешванду пасвандҳо, флексияи дохилӣ, зада ва ғ. Мфода мегардад. Дар забонҳои синтетикӣ барои ифодаи муносибати байни калимаҳои ҷумла ба ғайр аз унсурҳои синтетикӣ, инчунин унсурҳои аналитикӣ низ истифода мешавад. Забонҳои синтетикӣ одатан ба забонҳои аналитикӣ, ки дар онҳо маънои грамматикии бештар ба воситаи калимаҳои ёридиҳанда ифода меёбад, муқобил гузошта мешаванд. Истилоҳан забонҳои синтетикӣ дар амал нисбат ба забонхое, ки дараҷаи баланди синтез доранд (мисли забонҳои туркӣ, аксари забонҳои финну угорӣ, сомӣ, қадимаи ҳиндуаврупоӣ, муғулӣ, тунгусу манҷурӣ, баъзе забонҳои Африка (банту), Кавказ, забонҳои палеосиёӣ, ҳиндиҳои Америка, русӣ, олмонӣ, лотини ва ғ. Кор фармуда мешавад.

Забонҳои сунъӣ. Забонҳое, ки аз унсурҳои забонҳои табиӣ сохта шуда, барои таъмини муносибатҳои байналхалқӣ ба сифати забони ёрирасон пешниҳод карда мешаванд. Забонҳои волюпюк, идо, интерлингва, эсперанто аз ҷумлаи забонҳои сунъианд.

Забонҳои флективӣ, забонҳое, ки дар онҳо маънои грамматикӣ бавоситаи тағйирот (флексия)-и дохилии овозҳои таркиби морфемаҳо ифода меёбад. Дар забонҳои флективӣ флексияи дохилӣ барои ба вуҷуд омадани шаклҳои гуногуни як калима, ки маъноҳои муайяни грамматикӣ доранд ва аз як реша сохтани калимаҳои нав имкон медиҳад: (мас., дар русӣ: избегать – намуди давомдор, избежать – намуди мутлақ); дар арабӣ كتب китоб, шакли танҳо, كتوب кутуб – шумури ҷамъ (китобҳо). Анҷомаҳои

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

дар забонҳои флективӣ сермаъноянд. Як маънои грамматикӣ ба воситаи чанд анҷома низ ифода меёбад. Чанд навъи тасриф дар забонҳои флективӣ (мас., забони лотинӣ – 5, русӣ – 3 тарзи тасриф доранд) низ ба ин асос ёфтааст. Бо ин хусусиятҳояшон забонҳои флективӣ аз забонҳои агглютинативӣ фарқ доранд. Дар баъзе забонҳои флективӣ (мас., арабӣ, англисӣ) флексияи дохили воситаи ягонаи ифодаи маънои грамматикӣ бошад, дар баъзеи дигарашон (мас., русӣ) вандҳо низ ҳамроҳ мешаванд. Қариб тамоми забонҳои ҳиндуаврупоӣ, семию ҳомӣ забонҳои флективианд. Забонҳои эронии қадим (форсии қадим, авестоӣ) низ флективӣ буданд. Забонҳои флективӣ ба синтетикию аналитикӣ тақсим мешаванд.

Забонҳои ҷудогона. Забонҳое, ки муносибатҳои хешутаборӣ онҳо бо забонҳои дигар то имрӯз ба таври илмӣ муқаррар карда нашудаанд. Чунин забонҳо ба ягон оила ва гурӯҳи забонҳо дохил намешаванд ва ҳар кадом хусусияти мустақил дорад. Ба забонҳои ҷудогона забонҳои баскӣ, кореявӣ, японӣ ва ғ. дохил мешаванд.

Забонҳои эронии давраи миёна. Ҳуҷуми юнониён (331 п.а.м.) ба Эрон империяи Ҳахоманишинҳоро шикасти тоқатнопазир дод, ки он то андозае боиси таназзул ёфтани анъанаву фарҳанги бостонии эрониён гардид. Ҳукмфармоии юнониён дар муддати муайян ба ташаккули арзишҳои навини фарҳангиву иҷтимоӣ мегардад. Ин ҳукмфармоӣ чандон тӯлонӣ набуд ва баробари суст гардидани таъсири ҳукуматдории юнониён тоифаҳои эронӣ батадриҷ аз тасарруфи онҳо озод мешуданд. Дар ин миён истеъмоли забонҳои гуногуни эронӣ аз нав авҷ мегирад. Дар давраҳои охири давлатдории Ҳахоманишҳо, чунон ки ба назар мерасад, забони хаттии расмии порсии қадим аз шакли лаҳҷавиаш фарқ мекард ва навиштаҳои подшоҳони охирини ҳахоманишӣ аз ин хусус шаҳодат медиҳад. Дар интиҳои парокандашавии давлати Юнону Бохтар давлатҳои нави қабоили эронӣ дар минтақаҳои гуногуни Осиёи Марказӣ рӯ ба ташаккул ниҳод. Дар ин миён забонҳои гуногуни эронӣ чун забонҳои давлатӣ ва расимву коргузорӣ дар қаламрави давлатҳои мардуми эронитабор маъмулу мустаъмал гардиданд. То истилои

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

араб ин даврон низ барои мардуми эронӣ дастовардҳои бузурги таърихӣ ва сиёсиву фарҳангиро эҳдо намуд. Аз давраи миёнаи забонҳои эронӣ забонҳои зерин бо манбаъҳои хаттии худ то ба мо омада расидаанд: 1. порсии миёна; 2. портӣ; 3. суғдӣ; 4. хоразмӣ; 5. сакоии хутанӣ; 6. бохтарӣ; 7.аланӣ. Аз забонҳои мазкур забони порсии миёна ва забони портӣ ба гурӯҳи ғарбӣ ва боқимонда ба гурӯҳи шарқии эронӣ мансубанд.

Забонпарешӣ, забонпареш: Аз даст додани тавоноии корбурд ва фаҳми забон, ки маъмулан иллати он осеби мағзӣ аст. Ин гуна набуди тавоноӣ мумкин аст куллӣ бошад ё ҷузъӣ ва метавонад бар тавони забони гуфторӣ ё навишторӣ ё бар ҳарду асар бигзорад. Забонпарешӣ дорои анвои мухталиф аст: Нигоришпарешӣ (agraphia) душворе дар навиштан аст, хонданпарешӣ (abxia)душворӣ дар хондан (қироат кардан) аст. Забонпарешӣ номҳо (anomia) душворӣ дар корбурди исмҳои хос аст ва нодастурӣ (дастурпарешӣ) (agrammatism) –душвории корбурди вожаҳои дастурии нозири ҳуруф (ҳарфҳо), изофа(-и), хуруфи таъриф ва ғайра аст. Метавон забони пурсишро барои пай бурдан ба чигунагии пардозиши забон дар мағз мутолиа намуд.

Забонча шакли конусӣ (махрут) доштаи давоми коми нарм, ки дар байни коми нарм воқеъ буда, баробари ба паст ҳаракат кардани он роҳи ҷараёни ҳаво ба сӯи холигии димоғ кушода мешавад ва ҳаво аз холигии димоғ берун мебарояд. Ҳамсадоҳои қ, ғ, х-и тоҷикиро ҳамсадоҳои забончагӣ мегӯянд. Дар тавлиду сохта шудани ин ҳамсадоҳо забонча узви фаъол ва бехи забон узви ғайрифаъол мебошад.

Забоншиносии амалӣ. Соҳаи забоншиносист, ки масъалаҳои назарияи забониро вобаста ба имкониятҳои истифодаи онҳо дар ҳаллу фасли вазифаҳои амалии забон, аз ҷумла системаи кумпутарӣ ва тарҷумаи мошинӣ меомӯзад.

Забоншиносии анъанавӣ. Равияе, ки забоншиносии структуралиро эътироф накарда, дар асоси анъанаҳои муқарраршуда барои муайян кардани сохтори забон, муносибатҳои дохилии он, алоқаи забон ва тафаккур, забон ва ҷамъият, таъсири ҷамъият ба забон тадқиқот мебарад.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Забоншиносии дарзамонӣ (диахронӣ). Рӯйкарде дар забоншиносӣ, кичигунагии тағйири забон дар як давраи забониро мутолиа мекунад. Монанди тағйир дар низоми автии забонҳои романс аз риштаи лотинӣ (ва соири забонҳо) ба забонҳои навин ва ё мутолиаи тағйироти ҳосила дар низоми савтии инглисӣ, аз инглисии қадим баинглисии британиёии навин. Забоншиносии дарзамонӣ бо забоншиносии ҳамзамонӣ, ки низоми забонро даряк нуқтаи замонии хос, масалан низоми савтии инглисии британиёии навин мутолиа ва баррасӣ менамояд дар (تقابل) тақобил аст. Зарурати ҷудо кардани тавсифҳои ҳамзамонӣ аз тавсифҳои дарзамонӣ ба тавасути Сосюра забоншинос мавриди таъйид қарор гирифт. Чунинест, ки ҳамаи рӯйкардҳои таҷзия ва таҳлили забон ин тамоизро риоят мекунанд.

Забоншиносии зистӣ. Аз шохаҳои забоншиносӣ аст, ки забонро дар робита бо вижагиҳои зистшиносии инсон ба хусус вижагиҳои колбадшиносӣ ва ҷисмӣ мутолиа менамояд.

Забоншиносии корбурдӣ (амалӣ), забоншиносии корбаст: 1. Мутолиаи ёдгорӣ ва тадриси забони дуюм ва забони хориҷӣ. 2. Мутолиаи забон ва забоншиносӣ дар иртибот бо масоили амалии назири фарҳангнависӣ (лексикография), тарҷума, осебшиносии гуфтор ва ғайра. Забоншиносии корбурдӣ аз улуми ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ, мардумшиносӣ ва назарияи иттилоот ва забоншиносӣ низ истифода мекунад, то мудалҳои назарии забон ва корбурди забонро барои худ таҳия кунад ва сипас аз ин назария ва иттилоот дар ҳавзаҳои амалӣ, назири тарроҳии барномаҳои дарсӣ, гуфтори дармонӣ, барномарезии забон, сабкшиносӣ истифода менамояд.

Забоншиносии мардумшиносӣ (этнолингвистика). Аз шохаҳои забоншиносӣ, ки робитаи байни забон ва фарҳанг дар як ҷомеа, мисли суннатҳо, боварҳо ва сохтори кишварҳоро мавриди мутолиа қарор медиҳад. Ба унвони мисол, забоншиносони мардумшиносҳо роҳҳои баёни равобити даруни хонавода дар фарҳангҳои мухталифро мавриди мутолиа қарор додаанд: яъне истилоҳҳои хешовандиро онон чӣ гуна гуфтугӯи

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

афрод бо якдигар дар бархе мавқеиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ монанди ҷашнҳо, маросимҳои мазҳабӣ ва ҷаласотро мавриди мутолиа қарор додаанд ва сипас ин мутолиотро ба сохтори умумии ҷомеаи хос рабт додаанд. Бархе шохаҳои забоншиносии мардумшинохтӣ иртиботе танготанг бо ҷомеаи хос рабт додаанд. Бархе шохаҳои забоншиносии мардумшинохтӣ иртиботи танготанг бо забоншиносии иҷтимоӣ (сотсиолингвистика) ва қавмнигорӣ иртибот доранд (коммуникатсион).

Забоншиносии математикӣ, фанни математикӣ, ки барои тасвири сохти забонҳои табиӣ ва баъзе забонҳои сунъӣ воситаҳои шаклӣ (формалӣ) таҳия мекунад. дар солҳои 50-уми асри XX зарурати аниқ кардани мафҳумҳои асосии забоншиносӣ забоншиносии математикиро ба вуҷуд овард. Дар забоншиносии математикӣ бештар идея ва методу усулҳои алгебра, **назарияи алгоритмҳо** ва **назарияи автоматҳо** истифода мешавад. Дар заминаи тасвири математики забон ақидаҳои Ф. де Соссюр (1897–1913) меистад, ки ӯ забонро ҳамчун як механизм тасаввур мекард. Амали ин механизм дар фаъолияти нутқи инсон зоҳир мегардад, ки натиҷаи он «матнҳои дуруст», яъне пайдарҳамии воҳидҳои нутқанд. Омӯзиши усулҳои тасвири математикии матнҳои дуруст (пеш аз ҳама **ҷумлаҳо**) яке аз вазифаҳои забоншиносии математикӣ мебошад ва **назарияи усулҳои тасвири структураҳои** (сохторҳои) **синтаксисӣ** ном дорад. Назарияи грамматикаҳои шаклӣ (формалӣ) проблемаи дигари забоншиносии математикист, ки бештар тавассути асарҳои Н.Хамский ба вуҷуд омада буд. Қонуниятҳо бо роҳи сохтани «грамматикаи формалӣ» тасвир карда мешаванд. Намуди грамматикаи формалии маъмул **грамматикаи тавлидкунанда** ном дорад. Грамматикаи формалӣ барои тасвиру таҳқиқи забонҳои сунъӣ, хусусан забонҳои барномарезӣ истифода бурда мешавад.

Забоншиносии минтақавӣ (ареалӣ). Мутолиаи забонҳо ё гӯйишҳое, ки дар як минтақаи хос ба онҳо гуфтугӯ мекунанд. Намунаи он мутолиаи ду забони ҳамсоя барои пай бурдан ба чигунагии нуфузи онҳо ба якдигар

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

аз назари дастур (грамматика), вожагон (вожашиносӣ), талаффуз ва ғайра аст.

Забоншиносии пайкаравӣ. Рӯйкардест дар заминаи баррасии сохтор ва корбурди забон аз тариқи таҷзия ва таҳлили пойгоҳҳои додаҳо, ки намунаҳои забони воқеиро дар компутар захира менамоянд. Баъзе масоили забоншиносии пайкаравӣ иборатанд аз: маъноҳои вожаҳо, тавзеъ ва амалкарди صور ва табақоти дастурӣ ва баррасии тадоиҳои дастурии вожагонӣ, яъне тадоӣ ё ҳамроҳи вожаҳои хос бо сохторҳои дастурии хос, мутолиаи вижагиҳои калом, тағйирот, гунаҳои корбурдӣ, ва ба ҳангоме ки пайкараҳои ёдгирандагон дар дастрас бошанд масоили фарогирӣ ва тавсиаи забон.

Забоншиносии тасвирӣ. Як қисм ва навъи забоншиносист, ки ҳолати мавҷудаи забонро аз дидгоҳи ҳамзамонӣ (синхронӣ) меомӯзад.

Забоншиносии татбиқӣ. Яке аз шохаҳои забоншиносӣ, ки ду ё чанд забонро ба манзури муқоисаи сохторҳои онҳо барои нишон додани шабоҳатҳо ё тафовутҳои онҳо мутолиа менамояд. Забоншиносии татбиқӣ дар мутолиаи анвои забонҳо ва дар забоншиносии таърихӣ-татбиқӣ низ корбурд дорад. Баъзе забоншиносон корбурде аз ёфтаҳои забоншиносии татбиқӣ таъини тафовутҳои байни забони модарии ёдгиранда ва забони ҳадаф дар ҳавзаҳои наҳв, вожагон ва низоми савтӣ истифода менамоянд.

Забоншиносии таърихии татбиқӣ. Аз шохаҳои забоншиносӣ, ки тағйири забон ва робитаҳои забонҳоро мутолиа мекунад. муқоисаи суратҳои (шаклҳои) қадим ва ҷадиди як забон ва муқоисаи забонҳо бо якдигар ин имконро ба вуҷуд овардааст, ки нишондиҳандаи баъзе забонҳо бо ҳам хешованданд, мисли забонҳои ҳиндуаврупоӣ низ ин имкон ба вуҷуд омадааст, ки суратҳоеро бозсозӣ (реконструксия) кунанд, ки тасаввур меравад пеш аз пайдоиши мадорики мактуб (хат) вуҷуд доштаанд. Ба унвони мисол мегӯянд савти P (п) дар як забон, ки ниёи муштараки ҳамаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ будааст, бо сурати /P/ дар забони санскрит масалан дар калимаи «pita» ба маънии падар ва сурати /f/ дар инглисӣ, масалан дар калимаи father мебошад.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Забоншиносии тоҷик таърихи хеле қадим дорад. Таълиму тарғиби Авесто ва дигар осори қадим бидуни асарҳои тасрифию тафсирӣ мумкин набуд. Забоншиносони тоҷик аз комёбиҳои забоншиносии Ҳиндустон ва Юнони Қадим хабар доштанд, вагарна дар забоншиносии араб он қадар саҳми калон намегузоштанд (таълифоти забоншиносии Сибавейҳ, Ахфати Акбар ва диг.). аз асри X сар карда дар шароити дузабонӣ ва сезабонӣ забоншиносони тоҷику форс бештар ба фарҳангу луғатсозӣ машғул шудаанд. Дар ин давра як силсила луғатҳои арабӣ-тоҷикӣ, тоҷикӣ-туркӣ, луғатҳои тафсирӣ ва тафсирии соҳавӣ ба вуҷуд омаданд. Дар муқаддимаи чанде аз луғатҳо («Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Фарҳанги Рашидӣ», «Бурҳони қотеъ» ва диг.) баъзе масъалаҳои грамматикӣ шарҳ ёфтаанд. Аз ҷумла пешгуфтори «Фарҳанги Рашидӣ» ҳамчун очерки грамматикии забони тоҷикӣ соли 1846 ба забони лотинӣ тарҷума шудааст. Забоншиносии тоҷик ҳамчун илм ба маънии ҳозирааш баъд аз Инқилоби Октябр ба вуҷуд омад. Фонетика (И.Н.Зарубин, Л.Бузургзода, В.С.Расторгуева, М.Файзов, Т.Хаскашев) морфология ва синтаксис (С.Ализода, М.Исматуллоев, Б.Ниёзмуҳаммадов, Ш.Ниёзӣ, Д.Тоҷиев, Ш.Рустамов, М.Қосимова ва диг.), услубиёти забони тоҷикӣ (Н.Маъсумӣ, Р.Ғаффоров, Х.Ҳусейнов, Б.Камолиддинов ва диг.), лексикология (М.Муҳаммадиев, Ҳ.Маҷидов ва диг.) тадқиқ карда шуданд. Доир ба таърихи забони тоҷикӣ, лаҳҷа ва шеваҳои он асарҳои зиёде ба вуҷуд омаданд (асарҳои А.А.Фрейман, М.Н.Боголюбов, В.А.Лившитс, И.М.Оранский, В.С. Расторгуева, А.З.Розенфелд, А.Каримова, А.А.Семёнов, М.С.Андреев, А.Л.Хромов, Б.Сиёев, М.Эшниёзов ва диг.). Помиршиносӣ ва топонимика ҳамчун як соҳаи нави забоншиносии тоҷик ба вуҷуд омада инкишоф ёфт.

Забоншиносии умумӣ ҳамчун як қисми таркибии лингвистика сохтори забон, низоми забон, равияю ҷараёнҳо ва мактабҳои забоншиносӣ, умумият ва тафовути забонҳо, сатҳҳои сохтори забон: фонология, грамматика, калимасозӣ, лексика, типологияи лингвистӣ,

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

проблемаҳои универсалии забон, яъне умумиятҳои забонҳои оламро меомӯзад.

Забоншиносӣ, илм дар бораи забони инсон буда, қонунҳои пайдоишу мавҷудият ва инкишофи таърихии онро меомӯзад. Забоншиносии умумӣ умдатарин қонуниятҳои инкишоф, ташаккул ва мавҷудияти забонҳоро таҳқиқ мекунад. забоншиносии хусусӣ бошад – забонҳои алоҳида ё гурӯҳи забонҳоро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. З. аз рӯи усули тадқиқ ба муқоисавию таърихӣ, типологӣ, структурӣ, забоншиносии математикӣ, забоншиносии психологӣ тақсим мешавад. Ба таърихию тасвирӣ ҷудо кардани З. вобаста аст ба маводе, ки таҳқиқ карда мешавад. Усулбшиносӣ, сотсиолингвистика, таърихи забони адабӣ низ аз соҳаҳои мустақили забоншиносии имрӯзаанд. Забоншиносӣ соҳаҳоеро низ дарбар мегирад, ки ҷиҳат ва қабатҳои гуногуни забонро таҳқиқ мекунад: фонетика ва фонология – восита ва системаи ҷиҳати овозии забонро, грамматика (морфология ва синтаксис сохти калимаю ҷумларо, лексикология ва лексикография – таркиби луғавии забонро, фразеология – ибораю ифодаҳои рехтаро, этимология (решашиносӣ) – баромад ва инкишофи таърихии калимаҳоро, ономастика (антропонимика ва топонимика) – исмҳои хосро, палеография таърихи хатро таҳқиқ мекунад. З. бо семиотика – илм дар бораи системаи аломатҳо, ки забон ҳам ба он шомил аст, инчунин бо адабиётшиносӣ, равоншиносӣ, таърих, мантиқ, фалсафа, география алоқаманд буда, дастовардҳою комёбиҳои математика, кибернетика, физика ва соҳаҳои дигари илм баҳра мегирад. З. дар Шарқи Қадим, баъди ба вуҷуд омадани хат пайдо шудааст. Барои таълими хат ва забони хаттӣ (хусусан ба забони матруки шумерӣ) дар Байнаннаҳрайни Қадим ва баъдтар дар дигар кишварҳои Осиёи Пеш (дар ҳазорсолаи 2-юми то м.) рӯйхати рамзҳои ҳиҷоӣ, шаклҳои грамматикӣ ва луғатҳо тартиб медоданд, вале он вақт назарияи забон ба вуҷуд наомада буд. З. дар Ҳиндустони қадим ба дараҷаи фавқулода баланди инкишоф расида буд. Грамматикае, ки Панини (тақр. а. V то м.) тартиб додаст, тасвири пурра ва хеле мӯҷази забон буд. Дар Юнони Қадим ва Рим З.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

бештар дар шакли ба истилоҳ грамматикаи мантиқӣ ҷараён дошт, ки намояндаи барҷастаи ин равия Арасту буд. Аз асри XIX, аз замоне ки забоншиносии умумӣ ва муқоисавию таърихӣ (В.Гумболт, Ф.Бопп, Я.Гримм ва диг.) ва мактаби ҷавонграмматикҳо (К.Бругман, Б.Делбрюк ва диг.) ба вуҷуд омаданд, давраи муҳимтарини тараққиёти З. сар мешавад. А.Шлейхер забонро ба исмҳои табиӣ ва қонунҳои дохилии онро ба қонунҳои табиат нисбат медод, вале Штейнтал қонунҳои дохилии забонро «коллективӣ – психологӣ» медонист. И.А.Бодуэн де Куртенэ таълимоти Гумбалдтро дар бораи «шакли забонӣ» инкишоф дод, ки баъдтар асоси бештари равияҳои структурализм қарор гирифт. Дар ибтидои асри XX равияҳои гуногун, амсоли географияи лингвистӣ, баъдтар неолингвистика, мактаби эстетикӣ, назарияҳои атомистӣ, мактаби формалӣ (Ф.Ф.Фортунантов ва диг.), равияи сотсиологӣ (А.Мейе ва диг.) нақши намоён бозидаанд. Баъди таълифи «Курси забоншиносии умумӣ»-и Ф. де Соссюр (1916) дар забоншиносӣ равияҳои гуногуни структурализм, амсоли мактаби забоншиносии Прага, ки назарияи фонологиро ба вуҷуд овардааст, мактаби копенгагенӣ, забоншиносии дескриптивии америкоӣ, фалсафаи забон, забоншиносии математикӣ ва ғ. Ба вуҷуд омаданд. Дар забоншиносии шӯравӣ равияи ҷавонграмматикҳо (А.А.Шахматов ва диг.) ва мактаби И.А.Бодуэн де Куртенэ (Л.В.Щерба, Е.Д.Поливанов ва диг.) нақши асосӣ бозидаанд.

Зада. Дар зери мафҳуми зада тавассути воситаҳои фонетикӣ (тавлидию акустикӣ) фарқ карда шудани яке аз ҳиҷоҳои калимаро мефаҳманд. Ин воситаҳо инҳоянд: а) вақте, ки дар тавлиди овозҳои ҳиҷо сарф мешавад (тамдиди овозҳо); б) суръати ҳаракати узвҳои овозсоз (ё лаҳннокӣ); в) қувваи ҳаракати узвҳои овозсоз (ё интенсивӣ); г) шаклу ҳаҷми резонаторҳо ҳангоми овозсозӣ (ё танин). Мавҷудияти ин ё он навъи зада дар забонҳо низ тавассути ҳамин воситаҳо муайян карда мешавад. Ҳамин тавр, 4 хели задаи калимаро фарқ мекунанд: миқдорӣ, лаҳнӣ, қуввагӣ ва сифатӣ. Воситаи асосии ташаккулу ҷудо кардани ҳиҷои заданоки забони тоҷикӣ лаҳн аст, зеро ҳиҷои заданок нисбат ба ҳиҷоҳои

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

безада бо лаҳннокии бештар гуфта мешавад. Бо лаҳни зиёд фарқ карда шудани ҳиҷои заданок хусусияти асосии задаи забони адабии тоҷикист. Қолабҳои заданокии калимаҳои тоҷикию иқтибосиро вобаста ба ду меҳвари истеъмолашон: а) дар алоҳидагӣ, яъне дар шакле, ки дар фарҳангҳо оварда мешавад (хона, ҷавон, дусад, хондем); б) дар алоқамандӣ бо калимаҳои дигар меҳвари ҳамнишинӣ ё шакли грамматикӣ (хонаҳо, хонае, хонаро, хондам, мехонам) муайян мекунанд. Маъмултарин қолаби задаи забони тоҷикӣ қолаби - - - -‘ мебошад: мардýм, донишҷу, қадбалáнд, сесáд, ҳамдигáр, омадáн, шунавандá, роҳравóн, оҳистá. Дар феълҳои таркибӣ танҳо як ҷузъашон мустақилияти маъноӣ дорад. Ҳамин ҷузъи маънодор заданок талаффуз мешавад: Хондá истода буд, тайёр карда шуд. Қолабҳои заданокии калимаҳои иқтибосӣ аз калимаҳои аслан тоҷикӣ фарқ мекунанд. Масалан, ҳамаи калимаҳои иқтибосии арабӣ қолаби заданокии миллии худро гум карда, мувофиқи меъёри талаффузи тоҷикӣ талаффуз мешаванд: олим, қодир, соҳиб; муаллим, садоқáт, маърифáт. Ин қонуният дар мавриди калимаҳои юнонии «қафáс, тарёк, қонýн…», ҳиндии «товýс, шатрáнҷ» низ риоя мешавад. Вобаста ба ҷояшон нисбат ба калимаҳои мустақилмаъно унсурҳои безадаро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: а) калима ва морфемаҳое, ки пеш аз калимаи асосӣ меояд (проклитикаҳо): аз, бар, бо, то, бар; на…на, чи…чи, ё…ё; б) калима ва морфемаҳое, ки пас аз калимаи асосӣ меоянд (энклитикаҳо): -е (марде, шáхсе), о-и нидо (шóиро, ýстодо), бандаки изофӣ (мáрди оқил), бандакҷонишинҳо (китóбаш), бандакҳои феълӣ (хóндам, хóндӣ), бандакҳои хабарӣ (хондáам), пасояндҳои -ро, барин, боз (бáрф барин, дéр боз, хонáро). Хелҳои зерини задаро фарқ мекунанд: 1. **Задаи асосӣ**. Задае, ки дар калима вазифаи бевоситаи худро иҷро карда, яке аз ҳиҷоҳои калимаро ба таври махсус ҷудо мекунад. 2. **Задаи динамикӣ (қуввагӣ)**, ки хоси забони русист; задаи доимӣ (устувор) дар забонҳои чехӣ, венгерӣ, финӣ, эстонӣ дар ҳиҷои авали калима; дар забонҳои франсузӣ ва бисёр забонҳои туркӣ дар ҳиҷои аввали калима; дар забони полякӣ пеш аз ҳиҷои охирин меафтад. 3. **Задаи дуюмдараҷа**. Задаи

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

нисбат ба задаи асосӣ суст дар калимаҳои мураккаби аз ду ё зиёда реша сохташуда мушоҳида мешавад: кинокартина, áвтовéломотогóнка. 4. **Задаи мантиқӣ**. Бо мақсади пурзӯр кардани ифодаи маъно ва таъкид махсус баландтар талаффуз кардани ин ё он калимаи ҷумла: Ман китобро мехонам (на каси дигар). Ман китобро мехонам (маҳз китобро мехонам). 5. **Задаи мелодикӣ (оҳангӣ)**. Вобаста ба оҳанг, лаҳн, ки хоси мусиқист. 6. **Задаи ноустувор**. Дар як калима метавонад аз як ҳиҷо ба ҳиҷои дигар гузарад. Чунин зада бештар дар забони русӣ мушоҳида мешавад. 7. **Задаи озод**. Задае, ки ҷои доимӣ ва муқаррарӣ надорад, ки хоси забони русист.

Задаи эмфатикӣ (таъкидӣ). Фраза дар гуфтори маъмулӣ (ғайриэмотсионалӣ) дорои задаи худ мебошад, ки он вобаста ба навъи мухобиротии ҷумла ва маркази маъноию оҳангӣ дар сохтмони фраза (ҷумла) ҷой мегирад. Масалан, дар ҷумлаи Намоишнома ба мо писанд омад задаи фраза дар ҳиҷои заданоки калимаи писанд омадааст, ки он ҳамзамон маркази маъноию оҳангии ин фраза мебошад. Гоҳо вобаста ба муҳити нутқ ва контекст гӯянда мехоҳад таваҷҷӯҳи шунавандаро ба яке аз калимаҳои аз ҷиҳати муҳити нутқ муҳим ҷалб намояд. Вай бо ин мақсад ин ё он калимаро нисбат ба калимаҳои дигари ҳамин фраза барҷастатару равшантар талаффуз мекунад. масалан, ҳамаи калимаҳои мустақил маънои ҷумлаи зер метавонад бо чунин зада, яъне задаи таъкид ё эмфатикӣ талаффуз шаванд: Маърӯзаи ӯро мешунавем. Маърӯзаи ӯро мешунавем. Маърӯзаи ӯро мешунавем. Задаи таъкид задае мебошад, ки тавасути он калимаи барои ин ё он лаҳзаи нутқ аз ҷиҳати маъно муҳим аз калимаҳои дигар ҷудо карда мешавад.

Замир а. грам. ҷонишин.

Замма а. дар алифбои арабии тоҷикӣ аломати ҳаракати болоист ـُـ, ки садоноки у-ро ифода меунад.

Замма а. ضمه дар алифбои арабии тоҷикӣ аломати ҳаракати болоист ـُـ, ки садоноки **у**-ро ифода мекунад.

Замматайн а. ду замма, ки ду ҳарфи авали калимаро бо садоноки у мехонанд, мас., дуруст.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Замон. Категорияи грамматикие, ки аслан дар заабоншиносӣ хоси феъл аст (ниг.: **замонҳои феъл**). Замон маъмулан дар забони башар далолат аст бар вақти баргузории амал ва ё ҳолат, ки метавонад басо гуногун бошад. Дар забон аслан кулли замонҳои гуногуни гузориши раванду ҳолат ва мухобиротро бар се замони кули мансуб медонанд, ки он замони гузашта, замони ҳозир ва замони оянда муаррифӣ мешавад. Чунин дар се замони фарогир сурат гирифтани амалу ҳолат ва мухобирот дар андешаву афкори забошиносони пешин низ гуфта шудааст. Дар самтҳои забоншиносии муосир, аз қабили забоншиносии маърифатӣ (cognitive) ифодаи замонро тавассути вожаҳои ҷудогона ҳамчун мафҳуми кулл (консепт) мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додаанд (қадим, шаб), ки онҳо хоси фъл набуда, мансуб ба дигар ҳиссаҳои нутқанд.

Зарф. Ҳиссаи мустақили нутқест, ки аломати амал (оҳиста хонд, дер омад) ва аломати аломат (ниҳоят зебо, басо шавқовар)-ро ифода мекунад. Аломатҳои муҳими морфологии зарф инҳоянд: Зарф тағйир намеёбад, яъне категорияи ҷамъ надорад. Гурӯҳи муайяни зарфҳо дараҷаи қиёсӣ доранд: зудтар, камтар, поёнтар, оҳистатар, андактар. Зарф пешванду пасвандҳои махсуси калимасозӣ дорад: барвақт, нохост, ночор, даррав, биист, барзиёд; пагогоҳӣ, дилпурона, оромона, пуштнокӣ, пӯлодвор, тӯтивор, тирвор, аспакӣ. Зарфҳо аз ҷиҳати ифодаи маъно ва вазифаи грамматикии худ ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: зарфҳои хоссаю ҳолат ва зарфҳои ифодакунандаи муҳиту шароити амал. Зарфҳои хоссаю ҳолат дар навбати худ ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд:

1. Зарфҳое, ки ҳолат ва хоссаи амалро ифода мекунанд: хушҳолона, қашшоқона, мағрурона, дилпурона, далерона, бераҳмона, чолокона, эҳтиёткорона: Дар давродаври меҳмонхона бойҳо ва бойбачаҳо бо либосҳои пурқимат ба худ зинат дода мағрурона менишастанд (С.А.).

2. Зарфҳое, ки чӣ тарз ва чӣ тариқ иҷро шудани амалро ифода мекунанд: Қорӣ-Усмон ба Мулло Амон зуд як пиёла чойи гарм кашида дод (С.А.).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

3. Зарфҳои тарзи амал: зуд, якзайл, оҳиста, диккак, савора, пиёда, аспакӣ, пуштнокӣ, ёдакӣ, ҷо ба ҷо, даррав, беист, пинҳонӣ, беихтиёр, барқвор, тасодуфан, нохост, фавран, ногаҳон, якбора:

Мичуринвор бояд ҳар ҷавоне,
Намояд кашф сирри боғбонӣ (М.Т.).

4. Зарфҳои миқдору дараҷа, ки ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд: а) зарфҳои тарзи амале, ки аз такрор омадани шумораҳо ташкил меёбанд: як-як, ду-ду, ягон-ягон: Ёдгор шунидаҳояшро ягон-ягон ба Гулнор нақл кард (С.А.). б) зарфҳои миқдору дараҷаи гуногун: кам, кам-кам, ин қадар, он қадар, чӣ қадар, қариб, андак: Чеҳраи ба назар андак кушоди рафиқаш Гулбонуро анча хурсанд кард (Ҳ.К.). Ба зарфҳои ифодакунандаи муҳиту шароити амал зарфҳои макон, замон, сабаб ва мақсад дохил мешаванд. 1. **Зарфи макон** макону маҳалли воқеъ шудани амалро шарҳу эзоҳ медиҳад: ин ҷо, он ҷо, поён, боло, берун, дарун, қафо, пеш, дурр, наздик, ин сӯ, он сӯ. Зарфҳои макон мувофиқи маъно ва вазифаашон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд: а) зарфҳои маконе, ки маҳалҳои наздику дур ва масофаҳои гуногунро ифода мекунанд: берун, қафо, поён, пеш, дур, наздик, ин сӯ, он сӯ: Писарам, ман дар ҳамин ҷо! Натарс, ту аз Амон зӯртарӣ (С.У.). а) зарфҳои маконе, ки маҳалро ба таври умумӣ ифода мекунанд: ҳама ҷо, ҳар ҷо, ҷо-ҷо, берун, поён, пеш: Гандум ҳама ҷо, пазанда ҷо-ҷо (зарбулмасал). 2. **Зарфи замон** вақту ҳангоми воқеъ шудани амалро шарҳ медиҳад: имрӯз, дирӯз, дина, бегоҳӣ, шабона, фардо, пагоҳӣ, саҳарӣ, саҳаргоҳон, имсол, сипас, ҳоло, ҳанӯз, ҳозир, акнун, ҳамеша, фардо… Акнун хайрухуш кунем ҳам, мешавад (Р.Ҷ). Мисоли дигар:

Саҳаргаҳе шудам аз хона ҷониби гулзор,
Даме ки шамси ҷаҳонтоб сар зад аз кӯҳсор (П.С.).

3. **Зарфи сабаб**, ки бо калимаҳои ночор, ноилоҷ ифода меёбад: Ночор то манзили навамон, ки дар доманаи кӯҳ воқеъ гашта буд, хомӯш омадем (Ф.М.). Ноилоҷ ба усто Боқӣ ном ҳамсояам муроҷиат карда, тадбир пурсидам (А.Л.). Аз зарфи ноилоҷ бо пасванди **-ӣ** исми ноилоҷӣ сохтанд, ки дар шакли ҷамъ низ истифода мешавад: Аз ноумедиҳо басе

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

уме даст, поении шаби сияҳ сапе даст (зарбулмасал). 4. **Зарфи мақсад** ба воситаи калимаи қасдан ифода меёбад: Медонӣ, лекин қасдан худро ба нодонӣ мезанӣ! (С.А.). Зарфҳоро аз ҷиҳати сохт ба содаю (дӯш, дуд, пиёда, кам, зуд, берун, боло, пеш, ҳанӯз, баъд, фардо) сохтаю (барвақт, нохост, базӯр, озодона, бародарвор) мураккабу (якпаҳлӯ, чорзону, пагоҳирӯз, пасфардо) таркибӣ (ҷо баҷо, дар бадар, худ ба худ, сар то по, ин ҷо, дам ба дам, рӯз ба рӯз) ҷудо мекунанд. Яке аз ҷузъҳои баъзе зарфҳо дар алоҳидагӣ истифода намешаванд ё каму беш тағйири шакл кардаанд, ки ба калимаҳои рехта шабоҳат доранд: ночор, дина, имрӯз (Lima rauča-и порсии қадим), имсол, имшаб.

Зарфҳои ҷонишинӣ. Зарфҳое, ки мисли ҷонишинҳо хусусияти амалу ҳолатро айнан ифода накарда, ба онҳо танҳо ишорат мекунанд: ба маънои замон: баъзан (ба маънои баъзе вақт), ҳаргиз (ҳеҷ вақт), ҳамеша (ҳама вақт); ба маънои миқдору андоза: якчанд, чандин, ин қадар; тарзи амал: ин (он)тавр, ҳамин тариқ. Чунин зарфҳоро аз ҷонишинҳо аз рӯйи иҷрои вазифаи синтаксисиашон ва ифодаи маъно фарқ кардан мумкин аст.

Заъфи таълиф ба қоида ва ба сохти грамматикии забон риоя накардан аст:

Олло, олло, зи гардиши гардун,
Нолад аълост, гар касу гардун.

Дар ин байт мубтадо нест. Дар асл чунин бояд шавад: ҳар кас нолад аълост.

Замон дар грамматика, яке аз категорияҳои грамматикии тағйири калима, ки муносибати амалро ба замони зоҳир шудани он нишон дода, бо роҳи муқобилгузории замони ҳозира, замони гузашта ва замони оянда ошкор мегардад. Забон дар забонҳои алоҳидаи ба таври махсус сурат мегирад. Забони тоҷикӣ се замон (гузашта, ҳозира ва оянда) дорад, ки он беш аз 20 шакли замонӣ месозанд. Замон нисбат ба лаҳзаи нутқ муқаррар мешавад. Замони ҳозира амали ба ҳангоми нутқ рост меомада («Ту чӣ кор карда истодаӣ? – Ман? Ман китоб мехонам»), замони гузашта амали пеш аз лаҳзаи нутқ ба вуқӯъ пайваста («Ин мактубро Ҷамшед навишта буд»),

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

замони оянда бошад, амали пас аз лаҳзаи нутқ ба амал меомадаро («Баъд аз хатми мактаби олӣ Санавбар ба сохтмони Норак меравад») ифода мекунад, ки бавоситаи хабари ҷумла ифода меёбанд. Шаклҳои замонӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: шаклҳои замони ҳозира ва шаклҳои замони гузашта. Шаклҳои замони ҳозира аз асоси замони ҳозира ва шаклҳои замони гузашта аз асоси замони гузашта сохта мешаванд. Шаклҳои замон ҳам бо роҳи синтетикӣ ва ҳам бо роҳи аналитикӣ сурат меёбанд. Баъзан вобаста ба матн як шакли замонӣ метавонад тобишҳои гуногуни маъноӣ-замонӣ пайдо кунад. Замон бо категорияи сиға сахт алоқаманд аст ва ифодаи он танҳо дар доираи сиға амалӣ мегардад. Шаклҳои замон вобаста ба мавриди лаҳзаи нутқ мутлақу давомдор мешаванд. Замони феъл муносибати амалро ба ҳангоми нутқ ва ё ба лаҳзаи дигари дар нутқ зоҳиршуда нишон медиҳад. Феъл се замон дорад, ки бо шаклҳои гуногуни замонӣ тасриф меёбад: замони гузашта, замони ҳозира, замони оянда.

Замони гузаштаи феъл сарфи назар аз ҳамаи шаклу тобишҳои грамматикиаш амали пеш аз лаҳзаи нутқ воқеъшударо мефаҳмонад, яъне гӯянда дар бораи замони қатъшудаи амал ва протсесҳои дигар сухан меронад: навиштам, навиштаам, менавиштам, навишта будам, навишта истода будам. Ҳамаи феълҳои замони гузашта шакли нақлӣ доранд.

Замони ҳозираи феъл амали ҳангоми нутқ давомдоштаро ифода мекунад: Додари ман дар омӯзишгоҳи тиббӣ мехонад. Вай кӯшиш карда истодааст, ки имтиҳонҳоро бо муваффақият супорад.

Замони ояндаи феъл амалеро мефаҳмонад, ки он баъд аз лаҳзаи сухани гӯянда содир мешавад: Аз гунҷиш тарсӣ – арзан накор (Зарб.). расул ба Норак меравад. Ман низ хоҳам рафт. Замонҳои феъл дорои лаҳзаҳо ва тобишҳои зиёди дастурие мебошанд, ки ба воситаи шаклҳо ва таркибҳои муайяни феълӣ дар нутқ ифода меёбанд. Бештарини шаклҳои замонии феълҳо сермаъно ва сервазифа буда, ба ғайр аз вазифаи асосии худ маъною вазифаҳои иловагиро низ дар бар мегиранд.

Замони гузаштаи наздик. Феъли замони гузаштаи наздик аз асоси замони гузашта ва бандакҳои феълӣ сохта мешавад. Шахси сеюми ин феъл

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

боа соси замони гузашта баробар аст (рафт, хонд, гуфт, дид) ва батарзи зер тасриф мешавад:

	Танҳо	**Ҷамъ**
1	Ман хондам	Мо хондем
2	Ту хондӣ	Шумо хондед
3	Ӯ (вай) хонд	Онҳо онданд

Замони гузаштаи нақлӣ аз шакли феъли ҳоли (сифати феълии) феъли асосӣ ва бандакҳои хабарӣ сохта шуда, ба тариқи зайл тасриф мешавад:

	Танҳо	**Ҷамъ**
1	Ман хондаам	Мо хондаем
2	Ту хондаӣ	Шумо хондаед
3	Вай хондааст	Онҳо хондаанд

Замони гузаштаи ҳикоягӣ аз асоси замони гузашта бо иловаи пешванди **ме-** ва бандакҳои феълӣ сохта мешавад ва тасрифи он ба тариқи зайл аст:

	Танҳо	**Ҷамъ**
1	Ман мехондаам.	Мо мехондаем.
2	Ту мехондаӣ.	Шумо мехондаед.
3	Ӯ мехондааст.	Онҳо мехондаанд.

Замони гузаштаи ҳикоягии нақлӣ аз замони гузаштаи нақлӣ бо иловаи пешванди **ме-** сохта мешавад. Тасрифаш чунин аст:

	Танҳо	**Ҷамъ**
1	Ман мехондаам.	Мо мехондаем.
2	Ту мехондаӣ.	Шумо мехондаед.
3	Вай мехондааст.	Онҳо мехондаанд.

Ҷузъи якум (феъли ёридиҳанда) доимист, бандакҳои феълӣ қабул карда, шахсу шумораро мефаҳмонад. Пешванди инкории **на-** низ бо ҳамин ҷузъ меояд (хоҳам рафт, нахоҳам рафт). Ҷузъи дуюм (феъли асосӣ) вобаста ба ифодаи маънои луғавӣ иваз шуда меистад ва тасриф мешавад:

Танҳо	**Ҷамъ**

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

1	Ман хоҳам гуфт.	Мо хоҳем гуфт.
2	Ту хоҳӣ гуфт.	Шумо хоҳед гуфт.
3	Вай хоҳад гуфт.	Онҳо хоҳанд гуфт.

Замони ояндаи эҳтимолӣ. Ин шакли феъл аз сифати феълии замони ҳозира-оянда бо пасванди **-гӣ** ва шакли пурра ё кӯтоҳи бандакҳои хабарӣ сохта мешавад. Замони ҳозира-ояндаи эҳтимолӣ ду тарзи ифода дорад: **тарзи якум**: мерафтагиям, мерафтагиӣ, мерафтагист…; **тарзи дуюм**: мерафтагистам, мерафтагист.

Танҳо	**Ҷамъ**
Ман хонда истода будаам.	Мо хонда истода будаем.
Ту хонда истода будаӣ.	Шумо хонда истода будаед.
Вай хонда истода будааст.	Онҳо хонда истода будаанд.

Замони гузаштаи эҳтимолӣ амали воқеъ шудаеро мефаҳмонад, ки гӯянда дар бораи он бо шубҳаю тахмин, гумону эҳтимол сухан меронад (ниг.: **сиғаи эҳтимолӣ**). Гузаштаи эҳтимолӣ аз сифати феълии замони гузашта бо пасванди **-гӣ** ва иловаи бандакҳо сохта мешавад. Ин шакли феълӣ ду тарзи ифода дорад: тарзи якум: ман хондагиям, ту хондагиӣ, вай хондаст; мо хондагием, шумо хондагиед, онҳо хондагиянд; тарзи дуюм азшахси сеюми танҳо бо иловаи бандакҳо сохта мешавад: ман хондагистам, ту хондагистӣ, вай хондагист; мо хондагистем, шумо хондагистед, онҳо хондагистанд.

Замони ҳозираи давомдор (муайян) аз шакли феъли ҳоли (сифати феълии) феъли асосӣ ва шакли гузаштаи нақлии феъли ёридиҳандаи истодан сохта мешавад. Тасрифаш чунин аст:

	Танҳо	**Ҷамъ**
1	Ман хонда истодам.	Мо хонда истодаем.
2	Ту хонда истодаӣ.	Шумо хонда истодаед.
3	Вай хонда стодааст	Онҳо хонда истодаанд

Замони ҳозира-оянда аз асоси замони ҳозираи феъл (хон) бо иловаи пешванди **ме-** сохта шуда, бо бандакҳои феълӣ тасриф мешавад:

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

	Танҳо	Ҷамъ
1	Ман мехонам.	Мо мехонем.
2	Ту мехонӣ.	Шумо мехонед.
3	Вай мехонад.	Онҳо мехонанд.

Замони ояндаи феъл. Дар забони тоҷикӣ чанд шакли феълие мавҷуд аст, ки бевосита ё вобаста ба матн замони ояндаро ифода мекунад, аз ҷумла: **Феъли фармоиш**, ки фақат шахси дуюми танҳову ҷамъ дорад. Шахси танҳои он асоси замони ҳозира ҳисоб меёбад: **хон-хонед, гӯй-гӯед, паз-пазед**. Ин шакли феъл бо пешванди **би-** низ омада (бирав, бихон), шакли танҳои он гоҳо дар назм бо пешванди ме- меояд (мерав, мехон, мебош).

Мебош табиби Исавивуш,
Аммо на табиби одамикуш (Низомӣ).

Феъли фармоиш низ замони ояндаро ифода мекунад ва фақат шахси дуюми танҳою ҷамъ дорад. Шахси танҳои феъли фармоиш асоси замони ҳозира ҳисоб меёбад: хон-хонед, рав-равед.

Замони ояндаи дур аз асоси замони ҳозираи феъли ёридиҳандаи хостан (хоҳ) ва шакли масдари мухтасари феъли асосӣ, ки ба асоси замони гузашта баробар аст.

Замони гузаштаи дур аз шакли феъли ҳоли (сифати феълии) феъли асосӣ бо иловаи шакли замони гузаштаи феъли ёридиҳандаи будан сохта шуда, тасрифи он ба тариқи зайл аст:

	Танҳо	Ҷамъ
1	Ман хонда будам.	Мо хонда будем.
2	Ту хонда будӣ.	Шумо хонда будед.
3	Вай хонда буд.	Онҳо хонда буданд.

Замони гузаштаи дури нақлӣ аз феъли ҳол (сифати феълии замони гузашта) бо пасванди **-а** (хонда) ва шакли феъли будан сохта мешавад:

Танҳо	Ҷамъ
Ман хонда будаам.	Мо хонда будаем.
Ту хонда будаӣ.	Шумо хонда будаед.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Вай хонда будааст. Онҳо хонда будаанд.

Замони гузаштаи дури давомдор (муайян) аз шакли феъли ҳоли (сифати феълии) феъли асосӣ ва шакли гузаштаи дури феъли ёридиҳандаи истодан сохта мешавад. Тасрифаш чунин аст:

Танҳо	**Ҷамъ**
Ман хонда истода будам.	Мо хонда истода будем.
Ту хонда истода будӣ.	Шумо хонда истода будед.
Вай хонда истода буд.	Онҳо хонда истода буданд.

Замони гузаштаи дури давомдори (муайяни) нақлӣ аз шакли феъли ҳоли (сифати феълии) феъли асосӣ ва феъли ёридиҳандаи истодан дар шакли гузаштаи дури нақлӣ сохта мешавад.

Зооним – навъи топонимҳо. Номи ҳайвон, аз ҷумла ҳайвоноти хонагӣ ва машқӣ (саг – Мухтор, Хайбар, Алопар, Жулбарс; асп – Рахш, Мушкинамӯй; гов – Говмеш, Мишка, Гови Ало ва монанди инҳоро ифода мекунад. Ин истилоҳ юнонӣ буда, аз ҷузъҳои zoo – ҳайвон ва onim – ном таркиб ёфтааст.

Зулмаънийин. Калимае, ки ду маънии мухталиф дорад. Мисол, калимаи бут дар байти зерини Саъдӣ:

Талаб карда хубони Чину Чигил,
Чу Саъдӣ вафо аз бути сангдил.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

И

Ибдол (ниг.: **метатеза**).

Ибора. Ибора воҳиди номинатвии забон буда, аз калимаю таркибҳои маънодор бо алоқаҳои тобеии изофӣ, вобастагӣ ва ҳамроҳӣ сохта мешавад ва нисбат ба калима маънои мукаммалтарро ифода мекунад. Ибора аз калимаю таркиб ва ибора ба тарзи мустақим ё озодона сохта мешавад. Дар байни ҷузъҳои ибора алоқаи воқеии маъноӣ ва грамматикӣ вуҷуд дорад, бинобар ин таркиби ибораро ба ҷузъҳо ҷудо карда, ба тариқи саволгузорӣ муносибати маъноию грамматикии байни онҳоро муқаррар намудан, яъне таҳлил кардан мумкин аст: Бинои таълимии донишгоҳ, панҷ сол таҳсил кардан, дар таҳсил пешқадам. Чӣ гуна бино? – Бинои таълимӣ, Бинои таълимии чӣ? – Бинои таълимии донишгоҳ. Чанд сол таҳсил кардан? – Панҷ сол таҳсил кардан. Дар чӣ пешқадам? – Дар таҳсил пешқадам. Дар онҳо исми <u>бино</u> масдари <u>таҳсил кардан</u>, сифати <u>пешқадам</u> ҷузъи асосии ибора буда, ҷузъҳои дигар ба онҳо тобеанд ва ба саволи онҳо ҷавоб медиҳанд. Дар ибора ҷузъи асосӣ ва тобеъ вуҷуд дорад. Ҷузъи тобеъ ҳамеша барои шарҳ додан ва пурра кардани маънои ҷузъи асосӣ хизмат мекунад: Дили нохоҳам, узри бисёр дорад. Ин ҷумла аз ибораҳои <u>дили нохоҳам</u>, <u>узри бисёр</u> ва калимаи <u>дорад</u> сохта шудааст. Дар он ибораҳо калимаҳои <u>дил</u>, <u>узр</u> ҷузъи асосӣ, калимаҳои <u>нохоҳам</u> ва <u>бисёр</u> ҷузъи тобеанд ва басаволи ҷузъи асосӣ ҷавоб мешаванд: Дили чӣ гуна? – Нохоҳам; Чӣ қадар узр? – Бисёр. Ибораи сода ва тафсилӣ. Ибора аз ду ҷузъи маънодор иборат бошад, сода, аз се зиёда ҷузъи маънодорро дар бар гирифта бошад, тафсилӣ мешавад: <u>Гули лола</u> – <u>гули нилуфари ман</u>. <u>Гули даштӣ</u> – <u>ба дасти дилбари ман</u>. <u>Гули лола</u> бикандам, бӯй кашидам, <u>Гули лола</u> надорад <u>бӯйи дилбари ман</u>. Дар ин матн <u>гули лола</u>, <u>гули даштӣ</u> – ибораҳои сода, <u>гули нилуфари ман</u>, <u>дасти дилбари ман</u>, <u>бӯйи дилбари ман</u> – ибораҳои тафсилианд. Вобаста ба ифодаи ҷузъи асосӣ ибораҳоро ба се гурӯҳ ҷудо мекунанд: <u>номӣ</u>, <u>феълӣ</u> ва <u>зарфӣ</u>. Ибораҳои номӣ дар навбати худ ба чор гурӯҳ – исмӣ, сифатӣ, шуморагӣ ва ҷонишинӣ ҷудо мешавад.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Ибораи зарфӣ. Зарф низ чун ҳиссаи мустақили нутқ калимаҳои дигарро ба худ тобеъ намуда, ибора месозад. Ибораҳои зарфӣ бо ёрии ду навъи алоқаи грамматикӣ – вобастагӣ ва ҳамроҳӣ сохта мешаванд. Ба вазифаи ҷузъи асосӣ бештар зарфҳои миқдору дараҷа, андоза, замону макон омада, ба сифати ҷузъи тобеъ исм, ҷонишин, шумора, зарф меояд. Ҷузъи тобеъ ҳам пеш аз ҷузъи асосӣ ва ҳам баъди он меояд: Рафиқи ҳамхонаи ӯ аз Сафар барвақттар омада хобида буд (Ф.Н.). Аз вай поёнтар кӯталҳои пасту баланд аз дур сабзагул метофтанд (Ҷ.И.).

Ибораи исмӣ бо исм. Ин гуна ибораҳо дар забони тоҷикӣ хеле зиёданд. Ҷузъи тобеъ бо алоқаҳои изофӣ, ҳамроҳӣ, вобастагӣ ба калимаи асосӣ тобеъ мегардад. Ин гуна ибораҳо соҳибият (китоби омӯзгор, хонаи Алӣ), муносибати касбу ҳунар ва унвон (Раҳими зинсоз, Аҳмадҷони машкоб, профессор Воҳид Асрорӣ); муносибати замону макон (фасли баҳор, себи Ғарм); муносибати субъект (хониши булбул, гуфтугӯи дӯстон); муносибати ҳолиро (сатили об дар даст, фаранҷи барсар) ифода мекунанд.

Ибораи исмӣ бо сифат. Сифат бо ду навъи алоқа – изофӣ ва ҳамроҳӣ ба исм тобеъ мегардад. Сифатҳои аслӣ исмро аз ҷиҳати ранг, бӯй, маза, ҳаҷму шакл, андоза эзоҳ медиҳанд: гули сурх, себи ширин, кӯчаи танг, иморати баланд, баландтарин қулла, бечора Одина. Сифатҳои нисбӣ аломати предметро бо роҳи нисбат додан ба предмети дигар нишон медиҳанд: марди бистсола, шӯъбаи рӯзона, гандуми тирамоҳӣ, асари бадеӣ, китоби дарсӣ.

Ибораи исмӣ бо шумора (даҳ китоб, чор соат, соати даҳ, соли сиюм), бо ҷонишин (хонаи ман, ҷудоӣ аз ӯ), бо сифати феълӣ (гули бишкуфта), бо масдар (вақти рафтан, орзуи хондан), бо зарф (хеле солҳо) низ омада метавонанд.

Ибораи исмӣ. Дар ибораҳои исмӣ калимаи асосӣ исм буда, онро калимаҳои дигар бо ёрии алоқаҳои гуногуни грамматикӣ шарҳу эзоҳ медиҳанд. Исм пеш аз ҳама сифатро ба худ тобеъ намуда, ибора месозад.

Ибораи ҷонишинӣ. Дар ибораҳои ҷонишинӣ калимаи асосӣ ҷонишин буда, онро калимаҳои дигар шарҳу эзоҳ медиҳанд. Ба сифати ҷузъи тобеъ

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

исм, сифат, худи ҷонишин, сифати феълӣ ва зарф меояд. Ба вазифаи ҷузъи асосӣ бештар ҷонишинҳои предметӣ меоянд. Ҷонишинҳои предметии шахсӣ, таъинӣ, номуайянӣ, ишоратӣ, саволӣ, манфӣ бо ёрии бандаки изофӣ калимаҳои дигарро ба худ тобеъ мекунанд: Ман кадоми бачаҳоро ёфта гап занам (Ҳ.И.). Аммо ҳеҷ кадоми ин бозорҳо дили маро хуш намекард (С.У.). Сифату ҷонишин ҳам ба вазифаи ҷузъи тобеъ меоянд: Мани нодон, ҳамаи мо, ба ҳеҷ кадоми онон: Охир ба ҳеҷ кадоми онон ҷавоб нашуд (А.Д.). Баъзан дар алоқаманд кардани ҷузъҳои ибора ду воситаи грамматикӣ баробар саҳм доранд: Дигари аз инҳо писари Муллорӯзии араб буд (С.А.).

Ибораи масдарӣ. Дар чунин ибораҳо ҷузъи асосӣ масдар буда, онро калимаҳои мустақил шарҳу эзоҳ медиҳанд. Доираи алоқамандшавии масдар хеле васеъ буда, ибораҳои зиёди гуногунмаъноро ба вуҷуд меорад. Ибораҳои масдарӣ бо алоқаҳои изофӣ, вобастагӣ ва ҳамроҳӣ сохта мешаванд. Бо ёрии бандаки изофӣ сохтани ибораҳои масдарӣ дар забони тоҷикӣ маъмул аст. Ин яке аз аломатҳои номии ибораи масдарӣ буда, онро бо исм наздик мекунад. Яке аз тафовутҳои ибораи изофии масдарӣ аз исмӣ он аст, ки бо ин алоқа ба масдар танҳо муайянкунандаҳои изофии ифодакунандаи маъниҳои субъект, объект ва ҳол тобеъ мешавад. Ба вазифаи ҷузъи тобеъ исм ва ҷонишинҳои шахсию нафсӣ-таъкидӣ меоянд: рафтани падарам, хондани бачаҳо, омадани табиби нав, гирифтани ӯ, додани хироҷ, хӯрдани шӯрбо, тамошо кардани шаҳр: Гулизор бо шунидани овози амакаш гурехта аз боғ бадар рафт (С.У.). Бо ёрии алоқаи вобастагӣ сохта шудани ибораҳои масдарӣ маъмул аст. Бо чунин алоқа ҳолу пуркунандаҳои гуногун ба масдар тобеъ мешаванд: Мингбоши вақти ба Чорбоғ баргаштанаш аз он деҳа мегузарад (С.У.). Шаклгирии ибораи масдарӣ бо алоқаи ҳамроҳӣ низ маъмул аст. Ҳолҳои гуногун ва пуркунандаи бевоситаи суратнаёфта бо ин алоқа ба масдар тобеъ гардида, ибораи масдарӣ месозанд: Байти як бор хондашударо дубора хондан дуруст нест (С.А.). Ибораи сифати феълӣ. Сифати феълӣ калимаҳои дигарро ба худ тобеъ намуда, ибора месозад. Калимаҳо бо ду навъи алоқа

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

–вобастагӣ ва ҳамроҳӣ ба сифати феълӣ тобеъ мешаванд: а) алоқаи вобастагӣ: Регҳои ба боми хона ғуншударо бо бел рӯфта истодаем (С.А.); б) алоқаи ҳамроҳӣ: Ана, имрӯз дидам, ки одамҳои нағз кор намекардагӣ ҳам будаанд (Р.Ҷ.). Ҳамаи шаклу замонҳои сифати феълӣ ҳолу пуркунандаҳои гуногунро ба худ тобеъ намуда, ибора месозанд: Ҳикояҳои аз Тӯтапошшо шунидаам бисёранд (С.А.). Тамоми воқеаҳои ҳозир дар рӯи олам шунидаистодагиро як ба як гуфта додан гирифт (Ҳ.К.).

Ибораи сифатӣ. Дар ибораҳои сифатӣ ҷузъи асосӣ сифат буда, ҳиссаҳои дигари нутқ ба воситаи алоқаи вобастагӣ, ҳамроҳӣ ва мураккаб ба сифат тобеъ мешаванд: шахси барои модар меҳрубон, барои хонанда фаҳмо. Ибораҳои сифатӣ вобаста ба маънои ҷузъҳои асосию тобеъ маъноҳои басо гуногун, аз қабили объектӣ, замону макон, масоҳат, хилофу қиёс, дараҷаро ифода мекунанд: дарбони ба мо шинос, дугонаҳои барои Гулрӯ меҳрубон, деҳаҳои аз марказ дур, чашмони пур аз ашк: Дардасташ як варақ коғази ба монанди шир сафед меистод (Ф.М.). ибораи сифатӣ ба воситаи алоқаи ҳамроҳӣ низ сохта мешавад. Ба сифати ҷузъи тобеъ дар ин гуна ибораҳо зарф ва исм меояд. Ибораҳои мазкур муносибатҳои замонию маконӣ, миқдору дараҷа ва монандиро ифода мекунанд: дарахтони ҳанӯз сабз, кӯли доимо сероб, боғи ҳамеша обод, писараки ниҳоят зебо.

Ибораи устувор. Иборае, ки ҷузъҳои он ба якдигар вобастагии ҷудонашаванда дошта, як маъноро ифода мекунанд.Ниг.: **ибораи фразеологӣ**.

Ибораи феъли ҳол. Феъли ҳол маъмулан чун аломати феъли асосӣ ба он вобаста мешавад ва бо ёрии алоқаҳои вобастагию ҳамроҳӣ, ҳолу пуркунандаҳоро ба худ тобеъ намуда, ибора месозад: Ин ду одами машҳури завод бо мо сӯҳбаткунон дар завод гашта хеле ҳикояҳо кардаанд (Ҷ.И.). Аммо аз пайраҳаи асфалтпӯш оҳиста роҳравон аз фикр мегузаронад (Ф.М.).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Ибораи феълӣ. Дар ибораҳои феълӣ ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои ғайритасрифӣ меоянд. Ибораҳои феълиро ба масдарӣ, сифати феълӣ ва феълиҳолӣ ҷудо мекунанд.

Ибораи фразеологӣ. Ибораҳои фразеологӣ аз рӯйи сохти худ ба ибораи озоди синтаксисӣ монандӣ доранд. Онҳо ҳам аз ду ва зиёда калимаҳои мустақилмаъно ташкил ёфтаанд, чун дар ибораҳои озод дар ин гуна ибораҳои устувор низ яке аз ҷузъҳои таркибӣ калимаи дигарро ба худ тобеъ кардааст. Аммо ҳамаи ин аломатҳо ҷиҳати зоҳирии ибораи фразеологиро, ки дар замина ва қолаби ибораҳои озоди синтаксисӣ ба вуҷуд омадааст, ташкил медиҳанд. Муносибати тобеи байни ҷузъҳо барои ибораи фразеологӣ дар аксари мавридҳо ягон мақоме намебозанд. Ҷиҳати муҳими ибораҳои фразеологӣ дар устувории таркиби луғавӣ ва ифодаи яклухти онҳо зоҳир мешавад. Ибораҳои фразеологӣ дар қолаби воҳидҳои рехтаи забон як мафҳуми бутунро ифода мекунанд: «нуқтаи назар» - ақида, назария; «қути лоямут» - кам; «бедарди миён» - муфт. Навъҳои ибораҳои фразеологӣ аз ҷиҳати сохт хеле зиёданд. Хели аз ҳама серистеъмолро ибораҳои изофии фразеологӣ ташкил медиҳанд: «хандаи субҳ», «хаёли хом», «фикри пухта», «гурги боронди да», «мурғи посӯхта». Гурӯҳи дигари ибораҳои фразеологӣ аз рӯи қолабҳои пешояндиву пасояндӣ ба вуҷуд омадаанд: «ба чашм намоён», «мӯру малах барин», «ба дил гирифтан». Дар гурӯҳи дигар фақат тартиби муайяни ҷузъҳоро метавон мушоҳида кард: «забон баровардан», «даст задан», «ягон вақт». Гурӯҳи муайяни ибораҳои фразеологӣ дар заминаи ибораҳои синтаксисии бо воситаҳои гуногуни грамматикӣ сохташуда ташкил ёфтаанд: «ба ибораи дигар», «аз сари нав», «як сари қадам».

Ибораи шуморагӣ. Дар ин гуна ибораҳо ҷузъи асосӣ шумора буда, калимаҳои дигар бар эзоҳи он меоянд. Ибораи шуморагӣ бо алоқаҳои изофӣ, ҳамроҳӣ ва вобастагӣ сохта мешавад. Ба вазифаи ҷузъи асосӣ шумораҳои аслӣ, тахминӣ, касрӣ ва тартибӣ омада метавонад: Дар дасти ман ду дона тир мондааст, ки барои дуи шумо басанда аст (С.А.). Якто-дутои дар Бухоро мондагинашон ҳам руст шуданд (Ҷ.И.). Ибораҳои

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

шуморагӣ бештар бо ёрии алоқаи вобастагӣ сохта мешаванд. Ба сифати ҷузъи асосӣ ҳамаи хелҳои шумора ва ба сифати ҷузъи тобеъ исм, ҷонишин ва шумораи асосӣ меоянд. Робитаю алоқаи наҳвӣ бештар бо ёрии пешояндҳои аслии аз, ба, дар сурат мегирад: Дониш … гоҳо якто-дуто аз онҳо канда бо худ мебурд (Р.Ҳодизода); Дар натиҷаи вайронкориҳои босмачиёни торочгар киштукори мамлакатамон аз сад шаст монда буд (С.А.).

Идғом – мубаддалшавии овози ҳамсадо (дар хат ҳарф) ба овози ҳамсадои ҳамҷинс – ҳаммахраҷи худ, ки бештар боиси ҳазфи ҳамсадои аввал мегардад (бадтар-батар) ё ки дар калимаҳои сохтаю мураккаб яке аз ҳамсадоҳои якхелаи паиҳамомадаро наменависанд, ки сабаби ташдид гирифтани ҳамсадо мегардад. Масалан, калимаи фаррух аз калимаҳои фар, рух сохта шудааст, лекин дар имлои арабӣ як овози р фурӯгузор мешавад:

Шаби тирагун батар з-ин кунад,

Базери сар аз мушк болин кунад (Фирдавсӣ).

Идеограмма (аз юн. idea – идея –фикр, андеша, мафҳум ва gramma – хат, ҳарф, навишт) – аломати хаттие, ки дар қиёси ҳарф, овоз ё ҳиҷои ин ё он забонро ифода накарда, калимаи яклухт ё решаро ифода мекунад. Истилоҳи «логограмма» низ ҳамин маъниро дорост. Идеограмма дар системаи хати идеографӣ истифода мешавад ва нақшу тасвирҳоест, ки мафҳумҳои мушаххасу предметҳо ва мафҳумҳои феълиро баён мекунад.

Идеоним – гурӯҳи онимҳо буда, бо ин истилоҳ шартан гурӯҳе аз исмҳои хос, аз ҷумла артионим, библионим, гемероним, геортоним, документоним, поэтоним, хроконим ифода меёбанд.

Идиомаҳо (юн. Idioma – ифода, ибора). Аз рӯи ифодаи маъно идиомаҳо, ё худ ифодаҳои идиоматикӣ чунин воҳидҳои фразеологии махсуси забонамонро ташкил медиҳанд, ки бо мазмуну маънои яклухту пуробуранг ва сохтори ба қисмҳо ҷудонопазири худ ба калимаҳо шабоҳат доранд. Чунончи, ифодаи «гули сари сабад» (азиз, сара), «ҳарчи бодо бод» (таваккал), нури дида (фарзанд), бачашм расидан (намудор шудан)

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ифодаҳои идиоматикианд. Ифодаҳои идиоматикӣ дар заминаи образҳои гуногун ба вуҷуд омада, воҳидҳои фардии забонро ташкил медиҳанд. Ифодаҳои идиоматикии фақат ба тоҷикон хос ба забонҳои дигар айнан тарҷума намешаванд. Мутарҷим бояд ифодаҳои ҳамвазну ҳаммаънои онҳоро дар забонҳои тарҷумашаванда пайдо кунад.

Идиоматика. 1. Маҷмӯи идиомаҳои забони тадқиқшаванда. 2. Қисми забоншиносӣ, ки ифодаҳои идиоматикиро меомӯзад.

Идо (анг. ido). Забони сохтаи байналхалқӣ, ки соли 1907 аз тарафи франсуз Лун де Бофрон чун варианти мантиқан комили эсперанто пешниҳод шуда буд.

Иероглиф (англ. hieroglyph – хат, навиштаҷоти муқаддас). Аломатҳои шаклӣ, хаттӣ, ки аз ҳазорсолаи чоруми то эраи мо дар хати Юнони қадим вуҷуд дошт. Ин аломатҳо баъдтар барои ифодаи маъноҳои яклухти калима ё ҳиҷоҳои ҷудогона (мас., дар хатҳои хитоӣ, хетӣ, юнонӣ) истифода мешуданд. Ҳоло иероглифҳо ҳамчун аломатҳои хати идеографаи хитоӣ (чинӣ) маъмуланд.

Изоглосса (англ. isoglottic). Хате, ки дар харитаҳои лингвистӣ ҳудуд ва марзаи интишори ин ё он падидаи забониро нишон медиҳад.

Изофат (ар. اضافه) – иловакардашуда), бандаки изофӣ, яке аз воситаҳои асосии грамматикии алоқаи калимаҳо – ҷузъҳои ибора (махсусан ибораи изофӣ). Бандаки изофии **-и** таърихан аз ҷонишини ишоратию нисбии -hya пайдо шудааст. Изофат садонокест, ки ба калима якҷоя омада, маънои луғавӣ надорад ва задаи калимагӣ ҳам қабул намекунанд. Изофат ду ва зиёда калимаҳоро ба ҳам алоқаманд карда, ибораи изофиро ташкил медиҳад, ки хусусияти атрибутивӣ (муайянкунандагӣ) дорад. Дар таркиби ибораҳои озод вазифаи асосии изофат алоқаманд кардани калимаҳо ва ифодаи муносибати грамматикие мебошад, ки дар натиҷаи алоқаи синтаксисии ин калимаҳо пайдо шудааст: гули сурх, ҷавони сергайрат, дили бекарор. Ибора инчунин пешоянди муштакро бо ҳиссаи номии нутқ мебандад, дар ташкили воҳидҳои фразеологӣ, дар сохтани калимаҳои мураккабу таркибӣ ва барои

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

алоқаманд кардани ҳоли назди хабар бо ҷузъи номии он истифода мешавад. Дар ибораҳои изофӣ калимаи изофадор қариб ҳамааш ҷузъи асосӣ буда, бештар дар аввали ибора меояд. Аломати графикии изофат ба сифати бандаки воқеии синтаксисӣ садоноки **и** мебошад.

Иқтибос (ар. – нур гирифтан; аз сухани касе дар сухани худ овардан) – порча ё фикрае, ки муаллиф барои тасдиқ ё эзоҳу тақвияти фикри худ аз асар ё гуфтаҳои дигар кас айнан овардааст. Иқтибос ба мақсадҳои зерин кор фармуда мешавад:

1. Барои далел матлаберо аз Қуръон ё Ҳадис гирифта, дар гуфтор ва матни худ дохил кардан ишорат ба сарчашма:

Он ду рухро ҷомаи оёти зебоӣ шинос,

Хубрӯён карда з-он ҷо ояти ин иқтибос. (Ҷомӣ).

2. Гирифтани дониш аз касе ё китобе:

Кай ба ҳар чашме назарбозон тамошояш кунанд,

Ҳам магар нур иқтибос аз рӯи зебояш кунанд (Соиб).

3. Барои исботи фикр ва ё шарҳи он аз суханҳои шахси мӯътабар ё китобе овардани порчае. Иқтибос ду навъ мешавад: айнан ва мазмунан. Иқтибоси айнан дар нохунак гирифта шуда, сарчашмаҳои он, яъне номи муаллиф, номи асар, соли нашр ва саҳифаи он нишон дода мешавад. Дар сурати мазмунан истифода шудани ин ё он фикр номи муаллиф ва асари ӯ ба тариқи зайл оварда мешавад: ҳамон навъе ки фалонӣ дар асараш (…) таъкид мекунад… Дар ин маврид далел бе нохунак оварда мешавад.

Имло (ар. – «пур кардан ва аз ёд чизе навиштан ва оғоз кардан ва аз худ чизе гуфтан) ва дар Ғиёс-ул-луғот чун истилоҳ ба маънии расмулхат, яъне навиштани таркиби ҳуруф мувофиқи қоида» аст. Имло системаи ягонаю умумии таърихан ташаккулёфтаи тарзи навишт аст, ки дар шакли хаттии забони адабӣ истифода мешавад. Имло аз рукнҳои асосии хат аст ва ҳамчун як соҳаи забоншиносӣ падидаи махсуси лингвистию иҷтимоӣ буда, барои кули ҷомеа яксон хизмат мекунад. Мафҳуми «имло» бо саводу саводнокӣ, ки яке аз маъноҳои машҳури он «хонда ва навишта тавонистан» аст, алоқаю робитаи ногусастанӣ дорад. Ҳамин тавр, имло

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

маҷмӯи қоидаҳоест, ки ягонагии тарзи сабти нутқро муайян мекунад. Вазифаи ҷамъиятии имло дар он зоҳир мегардад, ки навишти ягонаи калимаҳо (бидуни хусусиятҳои фардиву лаҳҷавии талаффуз) истифодаи нутқи хаттиро осон мегардонад. Қоидаҳои имло тариқи ифодаи ҳарфии фонема ва калимаҳо, инчунин истеъмоли ҳарфи калон, аз сатр басатр кӯчонидани калимаҳо, якҷоя, ҷудо ё бо дефис навиштани онҳоро дарбар мегирад. Қоидаҳои имло дорои 3 принсипи асосианд: 1) принсипи фонетикӣ, ки навишти калима бо талаффузаш мувофиқат мекунад (хона, мардум, гуфтан, дусад); 2) принсипи морфологӣ, ки калима, таркиб ва ибораҳо мувофиқи шаклу сохти морфологиашон навишта мешаванд: сахттар, гул-гулшукуфон, пари қу, суп-сурх, ба инобат гирифтан; 3) принсипи таърихию анъанавӣ, ки калима, таркиб ва ибораро аз рӯйи баромаду пайдоишашон менависанд: анбӯр [амбӯр], нардбон, ташаккул, Носири Хисрав. Мутобиқи принсипи таърихию анъанавӣ дар имлои баъзе вожаҳо тағдиди назар ба вуҷуд омадааст. Шаҳритус < Шаҳритуз, Тус < Тӯс, Қубодиён < Қабодиён. Дар ҳар забон яке аз ин принсипҳо асоси имло ба шумор меравад. Масалан, дар забони русию тоҷикӣ принсипи морфологӣ дар забони англисӣ принсипи анъанавӣ асосист. Таърихи имло ба таърихи хат алоқаи зич дорад. Дар таърихи имлои забони тоҷикӣ се марҳаларо зикр менамоянд: а) давраи алифбои арабӣ; б) давраи алифбои лотинӣ (1928–1940), ки соли 1930 бори аввал қоидаҳои асосии имлои забони адабии тоҷикӣ муқаррар гардид; в) давраи алифбои русӣ. Соли 1941 дар асоси алифбои русӣ қоидаҳои мураттаб гардиданд, ки баъд ду маротиба (1953 ва 1972) ба таври ҷиддӣ таҳрир ёфтанд.

Имола. Падидаи табдили садоноки **о** басадоноки **э(е)**. Дар баъзе калимаҳои арабии бештар духиҷоӣ ба ҷои садоноки **о** садоноки **э(е)** ё **и** менависанду мехонанд. Ҳиҷои пеш аз ҳиҷои имолашуда дорои чунин хусусиятҳост:

1. Ҳиҷои интиҳои калима кушод буда, бо садоноки о тамом мешавад: фидо-фиде-фидӣ; ғизо-ғизе-ғизӣ.

Одамиро шавад тамом ғизӣ,

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Балки ӯро шавад тамом фидӣ (Ҷомӣ).

2. Ҳиҷои охири калима баста буда, садоноки **о** дорад:

Хоҷа, к-аз меҳр ношикеб омад,

Бо сиҳисарв дар итеб омад.

3. Ҳиҷои пешаз имола ва ҳиҷои имоладор баста аст, дар ҳиҷои пеш аз имола омадани садоноки и ҳатмист: идбар – идбер:

Иқболи ҷаҳон бигзарад, идбор намонад,

Охир аламу айши гулу хор намонад (Бедил).

Не падар аз нусҳи Канъон сер шуд,

Не даме дар гӯши он идбер шуд (Румӣ).

Имола бештар барои қофия корбаст шудааст: ғизӣ-фидӣ-ғизе-баде, маснаде-ниде, ношикеб-итеб.

Имперфект (англ. imperfect tense, лот. imperfectum – ба охир норасида, қатъ нагардида, номукаммал, нотамом). Шакли феълие, ки амали замони гузаштаро дар давомдорӣ ё такрор будан, новобаста аз тамомшуда ё тамомнашуда будани он нишон медиҳад. Ин шакли феълӣ дар шакли замони гузаштаи ҳикоягии сиғаи хабарии забони тоҷикӣ ба назар мерасад: мерафтам, мехондам, мебурдам.

Инвариант (лот. invarians - тағйирнаёбанда). Инвариант ифодаи муҷарради воҳиди сохтории забон (фонема, морфема, лексема ва ғ.) бидуни зуҳуроти мушаххаси он. Фаҳмиши дуюми мафҳуми инвариант инкишофу амиқрафти маънои якум буда, дар забоншиносӣ принсипҳои умумии назарияи вариантнокӣ – инвариантиро муаррифӣ мекунад. Ин назария дар тадқиқотҳои фонологии мактаби забоншиносии Прага ба вуҷуд омад. Дар зери мафҳуми вариант зуҳуроти гуногуни овозии айни як воҳид – фонемаро мефаҳмиданд. Аз ду қатори истилоҳҳо эмӣ ва этикӣ якумӣ барои воҳидҳои инвариантҳо (фонема, морфема, лексема…) ва дуюмӣ барои воҳидҳои вариантҳо ҷиҳати зуҳуроти мушаххаси воҳидҳои инвариантҳо (фон//аллофон, морф//алломорф, лекса//аллолексо) истифода мешуданд.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Инверсия (лот. inversion – ҷойивазкунӣ). Бо мақсади пурқувват кардани фасоҳат ва мутаассирии нутқ тағйир додани ҷойи муқаррарии аъзоҳои ҷумла: Хулласи калом, назорат мекарданд ба ҳама кор (Р.Ҷ.). Асли ин ҷумла: Хулласи калом ба ҳама кор назорат мекарданд. Инверсия дар асарҳои бадеӣ чун воситаи услубӣ бо мақсади пуробуранг кардани тасвир зиёд истифода мешавад.

Индикатив (лот. indicatives – изҳор кардан, хабар додан). Ба маънии сиғаи хабарӣ.

Инкишофи забон. Истилоҳи «инкишофи забон» дар таълифоти забоншиносони маъруф ба маъноҳои зерин истифода мешавад: тағйироти дарзамонии сохтори забон, унсурҳо ва алоқаю робитаи онҳо, тағйироти дарзамонии функсияҳои сохтори забонӣ, «ҷузҳо»-и он ва унсурҳои он. Мутобиқи ин гуфтаҳо тафовут гузоштани: а) инкишофи забон ба пуррагӣ; б) инкишофи шаклҳо ва вариантҳои он; в) инкишофи сатҳҳои сохтории он; г) инкишофи категорияҳои фонетикӣ; д) инкишофи унсурҳои ҷудогонаи забон (шаклҳои грамматикӣ, морфемаҳо, калимаҳо, фонемаҳо, маъноҳо ва м.и.); ж) инкишофи функсияҳои шаклҳои таърихии забон ва вариантҳои он; з) инкишофи функсияҳои категорияҳои грамматикӣ; и) инкишофи функияҳои унсурҳои ҷудогонаи забон ҳатмист. Чунончи, забони римиҳои бостон (лотинӣ) ба шарофати империяи Рим дар қаламрави Аврупои Ғарбӣ бо забонҳои қавмҳою халқиятҳои аз ҷониби римиҳо забтшуда ва равобиту таъсири тарафайн дар равобити мутақобил қарор дошт. Дар натиҷа ҳамаи сохтори забон тағйир ёфт ва тадриҷан забонҳои гуногуни романӣ (испанӣ, португалӣ, франсузӣ, руминӣ, молдавӣ) ба вуҷуд омаданд. Гурӯҳе аз забоншиносон (А.Мартине, Ю.Куриловић) танҳо сабабҳои дар дохили сохтори забон бударо эътироф мекунанд. Гурӯҳи дигар (А.Мейе, А.Соммерфелд) фақат падидаҳои экстралингвистӣ-берунаро эътироф намудаанд, аз ҷумла: а) сохтори иҷтимоии ҷамъиятӣ; б) ҳайати этникии аҳолии як кишвар; в) шакли умумияти таърихии инсонҳо: қабила, халқият, миллат; г) истеҳсолот,

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

техника, таъсири инсон ба табиат, ки боиси гуногунии таркиби луғавии забон мегардад.

Инкор. Ифодаи манфии фикр тавассути воҳидҳои луғавӣ, грамматикӣ, синтаксисӣ, фразеологӣ; ба таври воқеӣ вуҷуд надоштани ин ё он чизро ифода кардан; мункар будан. Инкор бо роҳҳои зерин ифода мешавад: 1. Бо ёрии ҳиссачаҳои инкории **не, на**: Не хабар намедиҳам! (С.А.). 2. Бо ёрии пешвандҳои шаклсози **на-, ма-**.

Ба мардум хидмат афзунтар кун, ин ранҷ
На<u>На</u>меорад пушаймонӣ, падарҷон (А.Л.).

3. Ба воситаи вожаи **ҳаргиз**: Магар ту ҳамроҳи онҳо меравӣ? – <u>Ҳаргиз</u>! (Ҷ.И.). 4. Бавоситаи ҷонишини инкории **ҳеҷ**: – Ягон касро дидӣ? – <u>Ҳеҷ</u> касро! (Р.Ҷ.). 5. Ба воситаи оҳанг (дар ҷумлаҳои тасдиқӣ): Ба гумонат, ман ҳамроҳат меравам! (П.С.).

Интегратсия (анг. Integration. Омезиши забонҳо). Ба ҳамдигар наздикшавии забонҳо, баробарӣ, тафовуту фарқи муайян намондан ҳангоми ба як забон муттаҳид шудани забонҳои дигар.

Интерлингва (лот. – inter – байн, мобайн, дар байни + lingua - забон). Забони ёрирасони байналхалқӣ, ки соли 1903 аз ҷониби Цузеппе Пеано пешниҳод шуда буд. Сохти грамматикии ин забон дар заминаи забони лотинӣ буда, таркиби луғавиаш калимаҳои решагии забонҳои гуногуни аврупоиро дарбар мегирифт.

Интерференсия (аз лот. inter – байни ҳам ва ferio – маҳв мекунам). Интерференсия дар забоншиносӣ пайваста ба вусъати дузабонӣ (билингвизм) тағйир ёфтани ҳудуди меъёри забонҳои мутаассирро гӯянд, ки бештар дар ҷараёни табодули забонҳо ба амал меояд. Инчунин аз нав ба гурӯҳҳо тақсим шудани қолабҳои забонро низ бо ҳамин истилоҳ ифода менамоянд, ки дар натиҷаи ба соҳаҳои гуногуни як забон дохил шудани унсурҳои забони дигар сурат мегирад. Интерференсия ба услуб, вазифаи иҷтимоӣ ва дараҷаи тақоруби шаклии забонҳои мутаасир вобаста аст. И. се навъ мешавад: фонетикӣ, луғавӣ ва грамматикӣ. Дар низоми луғавӣ аз ҳама беш интерференсия ба амал меояд, ки гуногуннавъ аст: 1) аз як забон

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

базабони дигар дохил шудани воҳидҳои луғавӣ (калима, ибора ва вандҳо); 2) васеъ ё танг шудани доираи истеъмоли воҳидҳои луғавии як забон дар натиҷаи тақлид ба воҳидҳои луғавии забони дигар; 3) калкасозии луғавӣ; 4) тағйир ёфтани маънои калимаҳои як забон аз таъсири (шабоҳати маъноии) калимаҳои ҳамшаклу ҳаммазмуни забони дигар. Падидаи интерференсия ҷиҳати сирф амалӣ низ дорад. Чунончи, забони модарӣ ба ҷараёни омӯзиши забони хориҷӣ таъсири ҳам мусбат ва ҳам манфӣ мерасонад; аз як тараф, ёрӣ диҳад, аз тарафи дигар, халал мерасонад, зеро омӯзандагон овозҳо, калимаҳо ва категорияҳои грамматикии забони хориҷиро шабеҳан ба унсурҳои мувофиқи забони модарӣ аз худ мекунанд ва ё тақлидан ба забони модарӣ дар забони хориҷӣ ҷумлаю ибора месозанд. Таъсири интерференсионии забони модарӣ ҷараёни инкишофи тафакурро не, балки иқтибосу идрок, воситаҳои нави ифодаи фикрро суст мекунад. аз ин рӯ, баробари кам кардан ё умуман барҳам додани таъсири интерференсионии забони модарӣ онро аз ҷараёни таълими забони хориҷӣ ҳаргиз дур кардан лозим нест, балки дар зимни машқҳои махсус ҷараёни мазкурро идора кардан мувофиқи матлаб аст.

Интерфикс (лот. interfixus –вобаста, пайвастшуда, дар байн). Ҷузъи калима,ки маъное надорад, воситаи калимасоз ҳам нест, байни решаҳо (асосу) пасванде,ки аз назари морфологӣ ба ҳам васл ёфтани онҳо мушкил аст, ҳамчун унсури васлкунанда гузошта мешавад: оҳу(в)он, гесӯ(в)он, абру(в)он, бача(г)он, моҳи(й)он, сабза(в)от, навишта(ч)от.Илова бар ин дар ифодаи интерфикс ҳолатҳои пеш аз пасванди охирин ва реша ҷойгир шудани пасвандҳои дигар низ ба ҳисоб гирифта мешавад: хона-чаяк-ҳо, пахтачинакон, беҳтарин – беҳ-тар-ин.

Интеръективатсия (лот. interjection – нидо, нидошавии калимаҳои дигар). Ба категорияи нидоҳо гузаштани калимаҳои мустақилмаъно. Дар забони тоҷикӣ нидоҳои бисёре аз ҳиссаҳои дигари нутқ ба вуҷуд омадаанд ва ё дар ҷараёни гузариш мебошанд. Аксари чунин нидоҳо, амсоли **ку, мана, ана, не, ин, на, офарин, аҳсан (аҳсант), ҳайф, ҳайҳот, аҷаб (аҷабо), лабай** аз ҳамин қабиланд. Дар мавриди гузариш тағйири лаҳни гуфтор

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

(оҳанг),ки маънои нидоро тағйир медиҳад, аҳамиятеро дорост: Хомӯш! Ором! Ҷим! Диққат! Лаббай! Ташаккур! Раҳмат!

Интиқоқ (ар. – аз калима калимаи дигар сохтан) – аз санъатҳои шеъриест, ки шоир дар як мисраъ, байт ё калимаҳоеро, ки аз як реша сохта шудаанд ва ё шаклан ба якдигар наздиканд, бо маъноҳои гуногун кор мефармояд:

Ҳаким он касс, ки ҳикмат нек донад,

Сухан маҳкам ба ҳукми хеш ронад.

Дар ин байт калимаҳои ҳаким, ҳикмат; маҳкам, ҳукм аз як реша сохта шудаанд.

Интонатсия (ниг.: **оҳанг).**

Инфикс (миёнванд) воситаи алоқа ва ё худ ванде, ки дар калимасозӣ байни ду реша ё ду асос гузошта мешавад: гулҳои ранг-о-ранг (рангоранг), камари пурпеч-у-хам (пурпечухам),куртаи хел-ма-хел (хелмахел); ҷуст-у-ҷӯ (ҷустуҷӯ), гуфт-у-гӯ (гуфтугӯ), девор-дар-миён (ҳавлии девордармиён).

Инфинитив. (ниг.: **масдар**).

Информатсия (лот. informare – акс кардан, тасвир кардан, тартиб додан, хабар расондан). Маълумотест, ки объекти суханро вобаста ба амале, ҳолате, воқеа, ҳодисаю падидае ифода мекунад.

Исм - исм ҳиссаи мустақили нутқ аст, ки маънои предметро бо категорияҳои шумора ва номуайянӣ ифода намуда, дар ҷумла бештар ба вазифаи мубтадою пуркунанда меояд. Маънои предметии исм маҳз дар он ифода меёбад, ки танҳо исм предметҳои конкретро мефаҳмонад. Дар ин гуна мавридҳо маънои луғавии грамматикии исм ба ҳам мувофиқат мекунад,предметро мефаҳмонад. Исм дар ҷумла пеш аз ҳама, мубтадо ва пуркунанда шуда меояд: Дар берун шаббодаи формае мевазид, хурӯсҳо ба ҷеғ задан сар карда буданд (Ҷ.И.); Сартароши солхӯрда деҳқони ҷавонеро рӯйи санг шинонда, мӯйи сарашро метарошид (С.У.). Исм ба вазифаи хабар зиёд истифода мешавад: Афғонистон мамлакати кӯҳсор аст (А.Д.); Қизилтеппа деҳаи хурдакаки камбағал аст (С.У.). Исм ба вазифаҳои хабар зиёд истифода мешавад: деҳаи хурдакаки камбағал аст (С.У.). Исмро

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

сифат, шумора, ҷонишин ва сифати феълӣ низ муайян мекунанд: дарахти баланд, ошёнаи панҷум, гули шукуфта, писари ман. Исмҳо ба вазифаи ҳамаи навъҳои ҳол низ меоянд. Исм ягона ҳиссаи нутқест, ки ба вазифаи ҳамаи аъзоҳои ҷумла омада метавонад. Исм дорои ду категорияи грамматикист: категорияи номуайянӣ ва категорияи шумора.

Исмҳои зот (конкрет) ва маънӣ (абстракт). Исмҳои конкрет (зот) одамону предметҳои олами воқеиро мефаҳмонанд. Онҳо аз нусхаҳои алоҳида иборатанд, шумурда мешаванд, вазну шаклу ҳаҷму маза доранд. Чунин исмҳо бо шумораҳо меоянд ва дар ин маврид дар шакли танҳо истеъмол мешаванд: 5 дафтар, даҳ донишҷӯ, бист адад китоб. Исмҳои конкрет (зот) дар ду шакл – танҳову ҷомеъ кор фармуда мешаванд: донишҷӯ-донишҷӯён.

Исмҳои маънӣ (абстракт) мафҳумҳои маънӣ, сифату хислат ва амалу ҳолат мебошанд. Ин гуна исмҳо номи ҳодисаҳои табиат (сармо, торикӣ), истилоҳоти илмӣ (моҳият, ҳастӣ), мафҳумҳои гуногун (зиндагӣ,марг, ҳақиқат), номҳои сифату хислати предметонидашуда (баландӣ, паҳно, зебоӣ, шуҷоат) ва амалу ҳолат (мубориза, талош, шӯҳрат)-ро ифода мекунанд.

Исмҳои миқдорӣ (шуморавӣ). Исмҳое, ки аз шумора сохта шуда, миқдори муайянро ифода мекунанд: панҷа, ҳафта, даҳа, сада, ҳазора, чилла. Исмҳои танҳо. Исмҳое, ки аз рӯи шакл ва маънои луғавиашон якто будани предметро мефаҳмонанд: нон, коса, гул, шаҳр. Исмҳои ҷамъ. Исмҳое, ки бо ёрии пасвандҳои ҷамъбандии -он (-ён, -вон, -гон), -ҳо бисёрии шумораи предметро ифода мекунанд: хонаҳо, китобҳо, меҳмонон, паррандагон, оҳувон. Исмҳои ҷуфт. Исмҳое, ки шаклан танҳо буда, аслану табиатан дуто (ҷуфт) мебошанд: мӯза, маҳсӣ, кафш, туфлӣ, айнак. Чунин исмҳо пасвандҳои ҷамъбандӣ гиранд ҳам, дуто будани предметро ифода намекунанд: чашмонам дард мекунанд, дастонаш пурқувватанд; Гӯшҳояш сих мезананд. Исми феълӣ. Исмҳое, ки аз асосҳои замони ҳозира ва гузаштаи феъл бо пешванду пасвандҳо сохта шудаанд: пурсиш, хониш, дониш, кӯшиш; рафтор, гуфтор, гуфтугӯ.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Исмҳои моддӣ ва ҷомеъ. Аз ҷиҳати маъно исмҳоро ба моддию ҷомеъ ҷудо мекунанд. Исмҳои моддӣ аз ҷиҳати таркиб чизу ашёҳои яклухт мебошанд. Онҳо вазн доранд ва баркашида мешаванд, вале шумурда намешаванд. Ин гуна исмҳо номи канданиҳои фоиданок (нефт, ангишт, тилло), унсурҳои кимиёӣ (оксиген, ҳидроген), номгӯи рустанӣ, зироат ва ғалладона (гандум, ҷав, зағир), газворҳо (шоҳӣ, атлас), хӯрокворихо (нок, шир), доруворӣ (пирамидон) ва ғайраро ифода мекунанд. Ингуна исмҳо бештар дар шакли танҳо истифода мешаванд.

Исмҳои хос. Исмҳои хос номҳое мебошанд, ки ба предметҳо барои фарқ кардан аз предметҳои ҳамҷинси худ дода шудааст. Исмҳои хос номи одамон, номи падар, насаб, лақабу тахаллус (Садриддин Саидмуродзода Айнӣ, Абдусалом Деҳотӣ), номҳои мифологӣ (Рустам, Фаридун), номҳои ҷуғрофӣ (Осиё, дарвоз, хатлон, Баҳри Тоҷик), номҳои ситорашиносӣ (Замин, Моҳ, Зӯҳра), номи давлату созмонҳо (Маҷористон-Венгрия, Созмони Милали Муттаҳид), номи рӯзномаю маҷаллаю китобанд («Садои Шарқ», «Ғуломон»).

Исмҳои шахс ва ғайришахс. Исмҳои шахс ба инсон (шахс) далолат мекунанд ва ба саволи кӣ? Ҷавоб мешаванд: омӯзгор, коргар, инсон, зан, мард, бародар, шиновар. Исмҳои ғайришахс ба саволи чӣ? Чиҳо? Ҷавоб мешаванд: себ,анор, хона, шаҳр, дарё. Ин ду гурӯҳи исмҳо бо вуҷуди он ки бо баъзе хусусиятҳояшон (аз ҷиҳати маъно, аз ҷиҳати тамоилашон ба қабул кардан ва қабул накардани шаклҳои грамматикӣ, мувофиқати хабар) аз ҳамдигар камубеш фарқ мекунанд ҳам ба ҳамдигар муқобил нестанд. Аз ин рӯ, исмҳои шахсу ғайришахсро ҳамчун категорияи грамматикӣ муаррифӣ намудан дуруст нест. Зеро танҳо маъноҳои грамматикие, ки воситаи ифодаи грамматикӣ доранд, категория мебошанд.

Исмҳои ҷинс. Исмҳои ҷинс номи умумишудаи предметҳои якхелаи ҳамҷинс мебошанд. Номи предметҳои ҳамҷинс номи гурӯҳи мардумон (донишҷӯ, кишоварз, зан, мард), номи ҳайвоноту паррандагон (асп, мурғ, кабк), ҳодисаҳои табиат ва ҷамъият (дарё, кӯл, шаҳр) номгӯи предметҳо

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

(киштӣ, дег, бел), номи мафҳумҳо (ҷасурӣ, некӣ, шуҷоат) мебошанд. Исмҳои ҷинс агар бо пасванди -он шакли ҷамъ гирифта, номи маҳал, ё деҳа шуда бошанд, ба исми хос мегузаранд: Муллоён, Чӯянгарон, Камонгарон (дар Ваҳдат), Заргарон, Говкушон (дар Бухоро), Колхозчиён (дар Панҷакент). Тафовути луғавию дастурии исмҳои хосу ҷинс дар графика (хат) инъикос ёфтааст: исмҳои ҷинс бо ҳарфи хурд ва исмҳои хос бо ҳарфи калон навишта мешаванд (дарё, Душанбе).

Исмҳои ҷомеъ калимаҳое мебошанд,ки маҷмӯи (гурӯҳи) предметҳои ҳамҷинси якхеларо ҳамчун воҳиди тақсимнопазир мефаҳмонанд: башарият, халқ, қавм, мардум, гала, рама, села. Ингуна исмҳо дар шакли танҳо предметҳои ҳамҷинси якхеларо далолат мекунанд: а) исмҳои ҷомеъ ба гурӯҳи одамон далолат мекунанд: аҳолӣ, мардум,лашкар, сипоҳ,қавм, қавм, гурӯҳ; б) маҷмӯи ҳайвоноту паррандагони ҳамҷинси якхеларо мефаҳмонанд: пода, рама, гала, села (селаи кабӯтарон). Агар исмҳои ҷомеъ ҷамъ баста шаванд, ҷамъи гурӯҳҳои алоҳидаи предметҳои ҳамҷинсро мефаҳмонанд: рама-рамаҳо, гала-галаҳо, мардум-мардумон:

Мардумони бохирад андар замон,

Роҳи донишро ба ҳаргуна забон (Рӯдакӣ).

Исмшавии ҳиссаҳои дигари нутқ. Калимаҳои ба исм гузаштаро ба таърихию матнӣ ҷудо мекунанд. Бисёр калимаҳои мансуби ҳиссаҳои дигари нутқ дар тӯли дурударози инкишофи забон ба исм гузаштаанд ва ҳоло дар забони тоҷикӣ ҳамчун исм истеъмол меёбанд. Чунин исмҳо ба исмшавии (субстантиватсияи) таърихӣ дохил мешаванд. Иддае аз калимаҳо ҳастанд, ки дар забонамон ҳамчун сифат, сифати феълӣ, феъл ва ғ. истифода шаванд ҳам, гоҳо дар матн ҳамчун исм категорияҳои морфологии хоси исмро (номуайянӣ, шумора) қабул мекунанд. Дар забони тоҷикӣ бештар сифатҳо ба исм гузаштаанд. Калимаи беқасаб, ки аслан аз исми касаб (матои нафис) бо пешванди бе- сохта шуда ба сифат гузашта буд. Ин калима амсоли вожаи шоҳӣ танҳо ҳамчун исми ифодакунандаи як навъи газвор истифода мешавад. Калимаҳои чавон, пир, ки аслан сифатанд, дар ҷумла бештар ҳамчун исм истифода

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

мешаванд: Бинобар он Мулло Вафо ғазалҳои худро ба он чавонон ёд кунонд… (С.А.). Калимаҳои амсоли соҳибҷамол, хуб, некӯ, хирадманд, содалавҳ, калон, нокас ҳамчун исм воқеъ шуда, пасванди ҷамъбандӣ қабул мекунанд:

Чунон тасвири ҳуснатро кашидам,

Ки дида мот гардад шоҳи хубон! (А.Д.).

Ҳамин тавр, сифатҳои феълии шабеҳи нависанда, хонанда, парранда, хазанда, бофанда, феълҳои амсоли дарёфт, ноомад, баромад, даромад (фоида), банд, буду нобуд, шумораи як (яке), шумораҳои касрии ҳафтяк, даҳяк, чоряк маънои нав пайдо карда, ҳамчун исм истифода мешаванд.

Ист (ниг.: **танфис**).

Истилоҳ (ар.). калима ё ибораест,ки мафҳумҳои ба илм, техника ё санъат вобастаро ифода мекунад. тафовути истилоҳ аз калимаҳои умумиистеъмолӣ, ки маъмулан сермаъно мешаванд ин аст, ки он чун қоида марбути як маъност ва хусусияти эҳсосотию экспрессивӣ надорад. Истилоҳ маъмулан шомили ин ё он соҳаи мушаххас аст; истилоҳоти адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, математика, физика, таърих. Гурӯҳи муайяни истилоҳҳо мансуби чанд соҳа буда метавонанд. Масалан, вожаи реша дар соҳаҳои забоншиносӣ (решаи калима, калимаҳои ҳамреша), математика (решаи квадратӣ), рустанишиносӣ (решаи дарахт), тиб (решаи дандон) истифода мешавад. Аммо бештарини истилоҳҳо хусусияти маҳдуд – маънои ба ихтисос махсус доранд: истилоҳҳои аффриката, праклитика, калима, ибора, ҷумла, исм, сифат, мубтадо, ҳол танҳо дар соҳаи забоншиносӣ истифода мешаванд. Истилоҳоти алло-эмипикӣ: истилоҳоти ҳамаи қабатҳои забон: алло (аллофон, алломорф, аллолексика, аллограф), эм (фонема, морфема, графема, лексема, семема). Термин муродифи истилоҳ аст (аз terminus-и лотинӣ – ҳад, ҳудуд). Калимаҳое мавҷуданд,ки танҳо дар маънои ҷудогонаи соҳавии худ истилоҳанд ва дар маънои дигарашон амсоли калимаҳои маъмулу муқаррарии забон истеъмол мешаванд. Масалан: Зарф – 1. Ҳар чизе, ки

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

дар он чизҳои дигарро ҷо медиҳанд. 2. Фосилаи вақту замон. 3. Истилоҳоти грамматикӣ; Мафҳум – 1. Фаҳмо, равшан. 2. Донисташуда. 3. Маъно, мазмун. 4. Истилоҳи соҳаи мантиқ ва фалсафа.

Истиора (ар. – ба орият гирифтан) – яке аз санъатҳои асосии маънавӣ ва як намуди маҷоз аст. Бунёди истиора низ бар ин аст, ки калимаю ибора ба маънои аслӣ не, балки ба маънои дигаре кор фармуда мешавад. Истиора аслан аз инкишофи ташбеҳ ҳосил шудааст. Масалан, агар ташбеҳшаванда зикр наёфта, танҳо ташбеҳкунанда омада, вазифаи ташбеҳшавандаро низ адо кунад, ташбеҳ ба истиора табдил меёбад. Чунончи, агар гӯем, ки «фарзанд мисли нури чашм азиз аст», ин ҷумла ташбеҳ дорад, зеро фарзанд ба нури чашм монанд шудааст: фарзанд – ташбеҳшаванда, нури чашм – ташбеҳкунанда. Лекин чунонки дар байти зер омадааст:

То маро он нури чашму меҳрубон аз даст рафт,

Тоқати тан, сабри дил, ороми ҷон аз даст рафт.

Худи «нури чашм» бамаънии фарзанд омадааст. «Нури чашм» истиорашаванда ва «фарзанд»соҳиб истиора аст.

Историзмҳо (аз юнонии historia - таҳқиқот). Калимаю ифодаҳои таърихие, ки манбаи материалии онҳо кайҳо барҳам хӯрдааст. Чунин калимаҳо дар сурати ба миён омадани зарурати зикри воқеияти гузашта истифода мешаванд. Онҳо муродиф надоранд: додхоҳ, асас, миршаб, мулозим, амир, ҳоким, иноқ, парвоначӣ, амин, амлокдор, вақф, закот. Воҳидҳои таърихӣ аз ҷиҳати шакл ду хел мешаванд: калимаҳои таърихӣ ва ибораҳои таърихӣ. Ибораҳои таърихӣ дар қиёси калимаҳои таърихӣ миқдоран каманд: **хати барот, ясавули уламо, вақфи авлод, ҳуҷраи ориятӣ**. Калимаҳои таърихиро дар таркиби калимаҳои мураккаб ва ибораю зарбулмасалу мақолҳо низ дучор кардан мумкин аст: Шароби муфтро қозӣ ҳам мехӯрад; **шайхро** ҳунар нест, **хонақоҳ** танг аст.

Ифода. 1. Воҳиди сохтории нутқ, ки дорои хусусиятҳои хос мебошад: ифодаи рехта, ифодаи тақсимнопазир, ифодаи калимагӣ, ифодаҳои муродифӣ. 2. Ифодаи хуллас, ифодаи устувор, ки хусусиятҳои шевагию

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

услубиро зикр менамоянд: Ифодаи кӯдакона. Ифодаи дағал. Ифодаи китобӣ. Ифодаи шоирона.

Ифодаи предикативӣ. Ифодаи байни мубтадою хабар, ки унсури сохторию маркази ҷумлаҳои дутаркибаро ташкил медиҳанд. Чунин ифода танҳо ҷумла мебошад.

Ифодаи релятивӣ (лот. relation – муносибат, алоқа). Ифодаи муносибат, яъне маънои грамматикие, ки тавассути бандакҳо ифода меёбад: хондам, хондӣ, хонд<u>ед</u>; китоб<u>ам</u>, китоб<u>ат</u>, китоб<u>аш</u>.

Ифоданокӣ - бо ҳиссиёту эҳсосоти баланд баён кардани мақсад, ки тавассути воситаҳои тасвирии забон сурат мегиранд.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Й

Йот - ҳамсадои роғи миёнизабонӣ, ки ба садонокҳои минбаъда ҳамроҳ шуда, ҳарфҳои йотбарсари я, ё, ю-ро ба вуҷуд меорад: гиря, дарё, афюн.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

К

Калима ва мафҳум. Калимаҳо ба маънои луғавии худ аксар дар ифодаи мафҳумҳо ба кор бурда шуда, бо қиёфаи овозиашон ифодагари фақат номҳо мебошанд. Мафҳумҳо дар сурати калимаҳо ифодаи моддии худро пайдо мекунанд. Масалан, калимаи хона мафҳуми хонаро, калимаи дарё мафҳуми дарёро ифода мекунад. Калима ва мафҳум аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Калимаҳо аз ҷумлаи воҳидҳои асосии забон буда, мавзӯи баҳси забоншиносианд. Мафҳумҳо яке аз шаклҳои мавҷудияти тафаккур буда, мавзӯи баҳси мантиқианд. Як калима метавонад дар ифодаи якчанд мафҳум ба кор бурда шавад. Калимаҳо агар ба ҷумлаи калимаҳои ифодагари мафҳумҳо дохил шаванд, бо яке аз маъноҳои худ мафҳумро бевосита ифода мекунанд. Масалан, калимаи сурат, пеш аз ҳама, ифодагари маънои «портрет, тасвир, расм»: сурати девор, сурати китоб бошад ҳам, маъноҳои мафҳумии «намуди зоҳирӣ, рӯй»: сурати зебо, «кайфият, вазъият»: сурати ҳолро ифода карда метавонад. На ҳамаи калимаҳо ба мафҳумҳо далолат карда метавонанд ва на ҳамаи мафҳумҳоро бо калимаҳо ифода кардан мумкин аст. Масалан, калимаҳои ифодагари исмҳои хос (Ибод, Нодира; ҷонишинҳои ман, мо, ин, ҳамин), ҳиссачаҳо (илоҳӣ, кошкӣ); нидоҳо (уф, вой, дод) мафҳумҳоро ифода карда наметавонанд. Ба тариқи истисно як гурӯҳ исмҳои хосе, ки хусусияти фардӣ касб кардаанд, мафҳумҳоро ифода карда метавонанд (Турсунзода, Душанбе, Варзоб).

Калима ва ном. Калимаҳо дар ифодаи номҳо алоқамандие надоранд. Номи шайъ, ё ҳодисаҳои ҷудогонаро низ на ҳамавақт маънидод кардан мумкин аст. Номҳо бо соҳибони худ робитае надоранд, зеро онҳо фақат ҳамчун аломати рамзии фарқкунандаи одамон ва шайъҳо аз ҳамин гуна одамон ва шайъҳои дигар мебошанду бас. Масалан, камкасон огоҳанд,ки номи занонаи Ноҳид «наҳри осмонӣ» гуфтан аст: номҳои мардонаи Искандар бо маънои «ғолиб» ва Рустам бо «рустан» алоқаманданд. Ҳамин тавр, ном ва ифодаи маъноҳои мубрами луғавӣ маҳрум бошад ҳам, бо

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

бунёди тавлиди он маъноҳо, яъне маънои ибтидоии он робита дорад. Инро дар номҳои пойтахт, кисабур, кӯҳнадӯз муқаррар кардан мумкин аст. Масалан, калимаи пойтахт, ки имрӯз ҳамчун номи дигари марказ аст, дар гузашта бо мафҳуми тахти пойӣ, яъне тахти равон алоқамандие доштааст.

Калима, таркиб ва ибораҳои туфайлӣ. Дар дохили ҷумла ба ҷузъ саръазою аъзоҳои пайрав, калима, таркиб ва ибораҳое низ меоянд, ки бо аъзоҳои ҷумла робитаю алоқаи грамматикӣ надоранд, вале ба мундариҷаи тамоми ҷумла ё ба ягон ҳисса ва ё аъзои он муносибати маъноӣ пайдо мекунанд: Ростӣ, ҳамон вақтҳо ман ҳам дар андеша афтода будам. Агар ҳамон овозаҳо рост мебаромаданд, албатта ба кори мо ҳам халал мерасид (С.А.); Ман, писар, рости гап туро нашинохтам (Ҷ.А.); Хушбахтона, Зебӣ пас аз хеле муддат баргашт (С.У.). Воҳидҳои туфайлӣ бо исти кӯтоҳ ва оҳанги нисбат ба аъзоҳои ҷумла пасттар ва андаке суръатнок талаффуз мешаванд. Хулоса натиҷаҳои бадаст омада ва пешниҳодҳои муаллифро дар бар мегирад; Хулоса пешниҳодҳои муаллифро дар бар мегирад. Дар ҷумлаи аввал исми хулоса ба вазифаи мубтадо, вале дар ҷумлаи дуюм ба вазифаи воҳиди туфайлӣ омадааст. Ба сифати воҳидҳои туфайлӣ исм, таркибу ибораҳои исмӣ: **хулоса, хулласи калом, ба ростӣ, ба гумонам, ба қавли, бешубҳа, бе муболиға, сад афсӯс, ба таъбири дигар**, таркибҳои ҷонишинии **ҳамин тавр, инак, бар замми ин…, зарфҳои хусусан, ҳақиқатан, зоҳиран, хушбахтона…**, феълу таркибу ибораҳои феълии **фарз кардем, гумон мекунам, бовар кунед** ва ғайра истифода мешаванд. Калимаҳои туфайлӣ аъзои ҷумла нашаванд ҳам, бо аъзоҳои ҷудогона ва тамоми ҷумла муносибати ҷудонашаванда доранд. Онҳо бештар бо ҷумла ва ё аъзоҳои он алоқа алоқаи маъноӣ пайдо карда, хусусиятҳои услубӣ зоҳир менамоянд. Вале баъзе калимаҳои туфайлӣ (**афсӯс, ҳайф, хайрият**) ба сифати ҷумлаи мустақил омада, ҷумлаи дигарро ба худ тобеъ меагрдонанд: Афсӯс, ки инро ҳама монанди ту намефаҳмад (С.А.); Хайрият, ки дар сари вақт расида омадам (Ф.Т.). Баъзе калима, ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ барои васл намудани қисматҳои фикр,

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

сохтани матн хизмат мекунанд: **аввалан, сониян, аз як тараф, аз тарафи дигар, қисса кӯтоҳ, хуллсаи калом**. Воҳидҳои туфайлӣ дараҷаи воқеӣ будани фикри дар ҷумла ифодашударо мефаҳмонанд: **бе шубҳа, дар ҳақиқат, рост аст ки**: Дуруст аст ки, ҳар рӯзи баҳор аз сангу тарозу ду-се чоряк гӯшту равғани зиёдатӣ пайдо мекунам (С.А.). Воҳидҳои туфайлӣ эҳсосоти гуногуни гӯяндаро (қаноатмандӣ, хушнудӣ, норозигӣ ва ғайра) нисбат ба фикри дар ҷумла ифодаёфта мефаҳмонанд: Хайрият ки, бо шафоати ман ҳамон рӯз шумо дасти худро ба хуни бегуноҳе олуда накардед (Восифӣ).

Калима. Калимаҳо аз воҳидҳои асосию муҳимтарини забон буда, дар қиёси воҳидҳои дигари забон бо мустақилияти бештари худ фарқ карда, дар қолабҳои овозии устувор системаи маъноҳои гуногунро ифода мекунанд. Онҳо тавассути он маъноҳо бо мафҳумҳо ва ашёҳои ҳаёти воқеӣ, маданияти моддӣ, таърихи гузаштагон, ҷаҳонбинӣ ва олами маънавии одамон алоқаманд мешаванд. Дар калимаҳо таҷрибаю дониши ғункардаи инсон инъикос ёфтаанд. Раванди ташаккули калимаҳои забон аз падидаҳои дуру дароз ва мураккаби таърихи инсоният мебошад. Калимаҳо дар забоншиносӣ, пеш аз ҳама, аз бобати сохтору қолаби овозӣ, системаи маъноҳо ва вазифаҳои дар забон доштаашон омӯхта мешаванд. Ягонагии овозҳои ҷудогона ва ё таркибҳои овозӣ бо маъноҳо воҳидҳои забонро ба вуҷуд меоварад. Воҳиди забон ҳамчун падидаи яклухту мустақили забон ба воситаи маънои худ ба ҳаёти воқеӣ алоқаманд аст. Дар қиёси воҳидҳои дигари забон калимаҳо бо мустақилияти бештари худ фарқ мекунанд. Мустақилияти калимаҳоро дар ҷудошавии нисбатан осони онҳо аз матнҳои пурра мушоҳида кардан мумкин аст. Калима дар матн дар сурати шаклҳои гуногуни грамматикӣ зоҳир мешавад, ки маҷмӯи он шаклҳо парадигмаҳои мустаъмали калимаро ба вуҷуд меоваранд. Масалан, шаклҳои **даст, дастам, дастҳо, дасте** ҳар яке калимаи мустақил набуда, шаклҳои гуногуни грамматикии як калима – даст мебошанд. Калимаҳо на фақат дар луғатшиносӣ, балки мавзӯи баҳсу омӯзиши қисматҳои дигари забон: савтиёт, сарф низ мебошанд. Дар забоншиносии

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

муосир ба гурӯҳи нишонаҳои фарқкунандаи калимаҳо хосиятҳои муташаккилии овозӣ, аз матнҳои гуногунҳаҷм ҷудо шуда тавонистан, ба маъноҳои гуногун далолат кардан, бо калимаҳои дигар ҳамнишин шудан нисбат дода шудаанд. «Калима ҳамчун маҷмӯи системаи шаклҳо ва маъноҳо меҳвари робитаҳо ва муносибатҳои категорияҳои грамматикии забон аст!»[3] Дар забоншиносии муосир хосиятҳои зайл ҳамчун нишонаҳою аломатҳои фарқкунандаи калимаҳо зикр ёфтаанд: а) муташаккилии овозӣ; б) ифодаи маъноҳо; в) ҷудонопазирии таркиб; г) як зада доштан; ғ) доимӣ будани сохту маъно; д) масолеҳи тайёри забон будан; е) якҷоя шакл гирифтан; ё) ҳамнишинӣ бо калимаҳои дигар ва ж) ба вазифаи номинативӣ соҳиб будан.[4]

Калимаи вобастакунанда. Дар таркиби ибораи бо алоқаи вобастагӣ ташкилшуда калимаест, ки калимаи дигарро ба худ тобеъ мекунад.Ниг.: **Калимаи тобеъкунанда**. **Калимаи вобасташаванда**. Дар алоқаи синтаксисӣ (вобастагӣ) калимае, ки ба калимаи вобастакунанда тобеъ шуда меояд: китоб гирифтан, китобро гирифтан, ба мактаб рафтан, дар кӯча гаштан. Алоқаи вобастаи калимаҳо бо ёрии пасоянду пешвандҳо ифода меёбад.

Калима-ҷумлаҳо. Ҷумлаҳое, ки аз як калима ё таркиб иборат буда, фикреро ифода мекунанд. Чунин ҷумлаҳо бештар дар муколама (диалог) истифода мешаванд: 1. **Калима-ҷумлаҳои тасдиқӣ**: ҳа, бале, оре, хуб, маъқул, майлаш; Канӣ, гӯй, укаҷон корҳоят чӣ тавр? – Нағз, акаҷон (Р.Ҷ.); – Падарат зинда аст? – Ҳа (С.А.). 2. **Калима-ҷумлаҳои инкорӣ**: – Ту кистӣ, раис ҳастӣ? – Не (С.У.). – Ту ҳам ҳамроҳ рафтанӣ? – Ҳаргиз! (П.Т.). 3. **Калима-ҷумлаҳои инкорӣ**: – Ту кистӣ, раис ҳастӣ? – Не (С.У.). 4. **Калима-ҷумлаҳои хитобӣ**:

Аз боғи назм хирмани гул ҷамъ кардаӣ,
Худ ҳам шукуф мисли гулон! Қанд зан! Намир (А.Д.).

Калимаҳои адабии китобӣ маҷмӯи вожаҳои хоси забони адабиёти бадеиро ташкил медиҳанд: бадеъулҷамол «соҳибҷамол, зебо», вопасин «охирин», падруд «хайр, то абад», тараҳҳум «раҳм, шавқат». Аломатҳои

[3] Виноградов В.В. Русский язык (грамматическое учение ослове). – М.: Высшая школа, 1972. – С.18.
[4] Шанский М.Н. Лексикология современного русского языка. – М.: Просвешение, 1972. – С. 11.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

калимаҳои адабии китобӣ: а) онҳо рангубори хосаи бадеӣ доранд. Чунончи, калимаи дилангез дар муқоиса бо муродифҳои он: ҳузновар, ҳаяҷонбахш, пуртаъсир; б) оҳанги ифодаи чунин калимаҳо мутантан аст: ҳумоюн, муборак, хуҷаста, фархунда; бузургдошт-мӯътабар, вожгун-сарнагун, чаппа.

Калимаҳои аморфӣ (юн. amorphous – бешаклӣ). Калимаҳое, ки ягон категорияи морфологӣ надоранд. Аз ин рӯ, чунин калимаҳоро ба ин ё он ҳиссаи нутқ нисбат намедиҳанд. Масалан, дар забони русӣ калимаи есть, антонимаш нет. Дар забони тоҷикӣ калимаи боз чунин хусусият дорад: Чӣ, ин қадар менолӣ, боз мардак! Чаро ба дарс наомадӣ, боз аълочӣ! Баъзе калимаҳои ёридиҳанда ва ҳиссачаҳо низ шакли грамматикӣ надоранд: аз, ба, то, ки, -дия, -ку.

Калимаҳои аслии тоҷикӣ. Калимаҳои аслии тоҷикӣ аз гурӯҳҳои дигари вожаҳои таркиби луғавӣ бо қабатҳои таърихии худ, хосиятҳои фарқкунандаи лингвистӣ ва мансубияти лексикиву грамматикиашон фарқ карда, гурӯҳи махсуси калимаҳои забонро ташкил медиҳанд. Таркиби калимаҳои аслии тоҷикӣ таърихан гуногун буда, дар байни онҳо баробари вожаҳои мансуб ба қабати ҳиндуаврупоӣ, калимаҳои умумиэронӣ ва сирф тоҷикиро мушоҳида кардан мумкин аст. Калимаҳои амсоли зан, модар, абрӯ, занах, лаб, гесӯ; гург, гов, саг; ситора, замин, дарахт; рост, гарм, равшан; панҷ, даҳ,сад; паз – навис – аз ҳамин қабиланд. Бунёди лексикиву грамматикии забони муосири тоҷикиро лексикаи бостонии умумиэронӣ ташкил медиҳанд: асп, чашм, бӯй, душман; баланд, бузург, нек, бад; як, ду, се, даҳ,сад; бар-, пурс-, дар… Калимаҳои сирф тоҷикӣ ифодагари мафҳумҳои муҳими зиндагӣ,урфу одати мардуми тоҷик буда, дар забонҳои дигари эронӣ баназар намерасанд: хишт, рег, ангишт,курта, жола, тундар, хусур, ҷигар, мӯза, хурд, бехтан, гурехтан, ёристан ва м.ин. Муҳимтарин нишонаю аломатҳои забонии калимаҳои аслии тоҷикӣ инҳоянд: а) решагӣ ё якҳиҷойӣ будани решаи чунин калимаҳо: ӯ, о,; об, ош, мо, бо, бад, нон, асп, орд; б) устуворию пойдории чунин калимаҳо. Бештарини калимаҳои аслии тоҷикӣ мафҳумҳои ҳаётан муҳимро ифода

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

намуда, дар забонамон асрҳои аср вуҷуд доранд: об, кӯҳ, рӯд, шаб, сол, даст, роҳ; в) калимаҳои аслии тоҷикӣ дар бобасти калимасозӣ низ мавқею мақоми бузург доранд. Дар заминаи як реша ё асоси калима садҳо калимаҳои сохта ва мураккабу таркибӣ сохта мешаванд. Чунончи,аз калимаи решагии сар калимаҳои саргаҳ, сарак, сарабон, сарвар, ҳамсар, саросар, сардор, сарҳад, сархор, саркор, сарбаланд, саршор, сарнавишт, сарбоз… сохта шудаанд.

Калимаҳои гуфтугӯӣ. Вожаҳои гуфтугӯӣ дар муомилоти ҳаррӯза, мавриди сӯҳбатҳои муқаррарию одӣ ва муносибатҳои маҳрамонаи одамон ба кор бурда мешаванд. Калимаҳои гуфтугӯӣ низ дар доираи меъёрҳои муқарраршудаи забони адабӣ қарор доранд. Аз калимаҳои китобӣ онҳо бо ҳамин фарқ мекунанд, ки дар муносибатҳои расмӣ, осори илмӣ ва таълимӣ истифода намешаванд. Калимаҳои гуфтугӯие, ки ҳамеша аз забони зиндаи мардум ғизо мегиранд, аз манбаъҳои асосии бойшавии гурӯҳҳои дигари забони адабии тоҷик ба шумор мераванд. Нишонаҳои калимаҳои гуфтугӯӣ инҳоянд: а) калима бо тамоми хосиятҳои забониаш: бо сохтор, маъноҳо, оҳангҳои эҳсосӣ ва мавридҳои истеъмолаш гуфтугӯист: чавкӣ «гулхане,ки дар тӯйҳо афрӯзанд»; чакдон «навъе аз танӯрҳои нонпазӣ,ки дар замин кофта шудааст»; б) як ё якчанд вариантҳои мавҷудаи калимаи хоси забони гуфтугӯист. Калимаҳои занак, мардак ҳамчун вариантҳои морфологии калимаҳои умумиистеъмолии занак, мардак ҳамин хосиятро доранд; в) ин ё он муродифи калима низ гуфтугӯӣ шуда метавонад. Масалан, калимаи бӯзбала нисбат ба ҷавонмард ва паҳлавон, ё ки кӯрсавод дар муқоиса бо камсавод ва чаласавод дорои чунин хосиятанд; г) баъдан як ё якчанд маънои калима тобиши гуфтугӯӣ дорад. Калимаи поидан, ки дар забони адабӣ бо маъноҳои «таъқиб кардан касе»-ро, «нигоҳубин кардан ба касе» дар истеъмол аст, боз ба маъноҳои гуфтугӯии «интизор шудан касеро» ба кор бурда мешавад: Туро то бегоҳӣ поида нишастам. Калимаҳои гуфтугӯйиро ба гурӯҳҳои шевагӣ, калимаҳои махсуси гурӯҳҳои иҷтимоии одамон ва луғати касбӣ ҷудо мекунанд.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Калимаҳои ёридиҳанда. Калимаҳое, ки маънои луғавии худро гум карда, барои ифодаи тобишҳои гуногуни нутқ хизмат мекунанд. Яке аз гурӯҳи калони ин калимаҳорор ф**еълҳои ёридиҳанда ташкил медиҳанд**.

Калимаҳои ёридиҳанда. Калимаҳое, ки маънои луғавии худро гум карда, барои ифодаи тобишҳои гуногуни нутқ хизмат мекунанд.Ниг.: **феълҳои ёридиҳанда**.

Калимаҳои иқтибосии арабӣ. Калимаҳои иқтибосии арабӣ ба тавассути як идда нишонаҳои умумии савтӣ, сарфӣ ва маъноияшон фарқ мекунанд. 1. Нишонаҳои савтӣ: а) мавқудияти ҳамсадои зичи ҳалқии **ъ** дар калима: баъд, ҷамъ, мӯъмин, таърих; б) мавқудияти ҳамсадои зичи забончагии **қ**: қотил, қасам; в) пайиҳам омадани ду садонок: соат, оила, маош; г) такрори (ташдиди) ҳамсадоҳо дар қолабҳои муайян **муфаъъал**: мураккаб, мушавваш; **муфаъъил**: муассис, муаллим. 2. Нишонаҳои сарфӣ: а) шикаста решаи калима. Забоншиносони араб аз решаи ФЪЛ як идда қолабҳои ҳамвазнро ба вуҷуд овардаанд, ки барои муайян намудани анвои сохторҳо, маъноҳои луғавию грамматики калимаҳои ин забон ёрӣ мерасонанд. Масалан, аз решаи КТБ шаклҳои грамматики китоб, котиб, мактуб, мукотиба ва амсоли инҳо сохта шудаанд; б) калимаҳои иқтибосии арабӣ бештар ҳамчун исмҳо, сифатҳо ва баъзе зарфҳо дохил шудаанд. Аз сабаби зиёд будани исмҳо баъзе аломатҳои сарфии онҳо дар шакли устувор нигоҳ дошта шудаанд. Масалан, дар шакли суратёфтаи ҷинсияти грамматики муаннас, ки нишонҳои грамматики он пасвандҳои **-а, -ат (-ят)** мебошанд: **шоира, адиба, насиба; зарофат, латофат, тарбият**. Нишонаҳои маъноӣ: а) бештарини калимаҳои иқтибосии арабӣ мафҳумҳои муҷаррадро ифода мекунанд: **ақл, ваҳм, муҳаббат, нафрат, саодат, тафаккур, ирфон**; б) қисми зиёди чунин калимаҳо истилоҳоти динианд: **Қуръон, ҷиҳод, масҷид, дуо, суҷуд, набӣ, дуо, меъроҷ**; в) истилоҳоти илм, тамаддун ва санъат бештар аз ҳисоби ҳамин гуна калимаҳо ташаккул ёфтаанд: **қасида, шеър, тасвир, тавсиф, таҷаддуд, наср, назм**.

Калимаҳои иқтибосии русию аврупоӣ. Воридшавии калимаҳои русӣ ва аврупоии тавассути забони русӣ иқтибосшуда аз нимаҳои дуюми асри

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

XIX шурӯъ шудааст. калимаҳои аврупоӣ ба ҷуз аз забони русӣ ба воситаи забонҳои Шарқ низ ворид шудаанд. Чунончи, калимаҳои амсоли кумита, кунгура, обуна, парлумон, вергул пеш аз Инқилоби Октябр аз тариқи форсии Эрон омадаанд. Калимаҳои камзӯл, бут «пойафзол», гилос «финҷон», патлун «пойҷома» аз забони дарии Афғонистон қабул шудаанд. Нишонаҳои забонии калимаҳои русию аврупоӣ: 1. Нишонаҳои савтӣ: а) дар баъзе калимаҳои русию аврупоӣ овозҳои хоси забони русӣ Ц, Щ, Ы мавҷуданд, ки мувофиқи меъёрҳои имлои охирин бо овоз ва таркибҳои овозии тоҷикии **с, тс, ш, шч, и** ифода карда мешаванд: сирк, аксент «осори талаффузи як забон дар забони дигар», дотсент, шӯтка. Салтиков-Шедрин, пилесос; б) дар аввали калимаҳои русию аврупоӣ ду ё се ҳамсадо пасиҳам омада метавонанд: трактор, трамвай, квас «нӯшокӣ аз орди ҷав»; в) дар охири чунин калимаҳо се ҳамсадо пасиҳам меоянд: спектор «ҳафтранг», инфаркт «сактаи дил». 2. Нишонаҳои сарфӣ: а) калимаҳои русию аврупоӣ бештар дар шакли асосии грамматики худ (падежи (ҳолати) именительный) ба тоҷикӣ ворид шудаанд. Ба тариқи истисно танҳо баъзеи чунин калимаҳо дар шаклҳои ҷудогонаи мустаъмал истифода мешаванд: участка, посёлка, гербария, лаборатория; б) калимаҳои сохта, мураккаб ва таркибии ин гурӯҳ дар забони тоҷикӣ фақат ҳамчун калимаҳои рехта қабул шудаанд, ки онҳоро ба ҳиссаҳои маъноии хурдтар таҷзия намекунанд: водопровод, механизатсия, болшевик. 3. Нишонаҳои маъноӣ: а) аксари калимаҳои иқтибосии русию аврупоӣ ифодагари мафҳуму ашёҳои мушаххаси ҳаёти воқеӣ мебошанд: **радио, телефон, телевизор, оптика, призма**; б) гурӯҳи зиёди чунин калимаҳо ҳамчун истилоҳ дар ифодаи мафҳумҳои илмию фаннӣ ба кор бурда мешаванд: **диареза, ассонано, интонатсия «оҳанг»; азот, водород, фотосинтез, генетика**. Калимаҳои русию аврупоӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият ва ҳаёти ҳаррӯзаи мардум, аз ҷумла **саноат**: завод, фабрика, комбинат; **кишоварзӣ**: агроном, ферма, силос; **нақлиёт**: автобус, автомобил, вагон; **маориф**: университет, декан, ректор, колеҷ; **фарҳанг**:

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

клуб, театр, ария, опера; **варзиш**: футбол, бокс, теннис истифода мешаванд.

Калимаҳои иқтибосии тоисломӣ. Забони тоҷикӣ ва гузаштаҳои дури он дар алоқамандии бевосита аз забонҳои суғдӣ, ҳиндӣ, юнонӣ, арабӣ, туркию муғулӣ ва русӣ калима қабул кардаанд. Иқтибосҳои хеле қадим дар замони моқабли таърих аз забонҳои модӣ, бохтарӣ, портӣ, суғдӣ, ҳиндӣ, юнони ба вуқӯъ пайвастаанд. Ба ақидаи муҳаққиқон калимаҳои серистеъмоли зӯр, бузург аз забони қадимаи модӣ ва калимаҳои мул, май, шароб, аспист «юнучқа»аз бохтарӣ дохил шудаанд. Калимаҳое,ки бо таркибҳои овозии ҳр, рз, нҷ ба итмом мерасанд: шаҳр, маҳр, мӯҳр, заҳр; кишоварз, андарз; ранҷ, ганҷ, санҷ, биринҷ аз ин забон иқтибос шудаанд. Ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ дар замонҳои хеле қадим теъдоди зиёди калимаҳои суғдӣ низ ворид шуданд: канизак, воиш, ғирев, катак, рева, шах, зояк, «замини корам», роғ,варғ «даҳанаи ҷӯй»,палағда, нағз, оғоз. Калимаҳои сершумори аз забони ҳиндӣ воридшуда ифодагари мафҳумҳои барои мардуми мо бегона буданд: ҷҳап «чоп», чавкҳандӣ «шипанг», чатранг «шоҳмот». Калимаҳои дар гузаштаи бостон аз забони юнонӣ воридшуда зиёд нестанд: фонус, номус, обнус, «як навъ дарахти сиёҳранги сахтчӯб». Қисми зиёди чунин калимаҳо мафҳумҳои эҳтиётан муҳимро ифода мекунанд: арғунун, дафтар, кимиё, осиё, шоф, пиёла, лаган.

Калимаҳои иқтибосии туркиву муғулӣ. Аввалин калимаҳои туркиву муғулиро дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва «Луғати фурс»-и Асадии Тусӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Теъдоди умумии калимаҳои туркиву муғулии таркиби луғавии забони тоҷикӣ чандон зиёд нест, ки бештаринашон дар ифодаи шайъу мафҳумҳо ва аломату хосиятҳои онҳо ба кор бурда мешавад. Калимаҳои туркиву муғулӣ дар соҳаҳои давлатдорӣ, маъмурият, ҳарбӣ, чорводорӣ истифода мешаванд: а) истилоҳоти давлатдорию маъмурӣ: тӯқсабо «яке аз мансабҳои баланд дар хонагариҳои Осиёи Миёна», гумрук «боҷхона»; б) истилоҳоти ҳарбӣ: қӯшун «лашкар», юзбошӣ «саркардаи сад аскар», қаровул «посбон»,

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

қӯрхона «анбори аслиҳа»; в) номи хӯрданиҳо: дӯлла «кабоби токӣ», очор «хӯриш», қатлама «нони варақин ва равғанин, ки дар дег пухта шудааст»; г) истилоҳоти хешутаборӣ: ота «падар», оча «модар», таға «бародари модар», келин «арӯс», янга «зани бародар», ака «бародари калон»; ғ) калимаҳои ифодагари асбобу анҷоми рӯзгор: қумғон «чойҷӯш», ӯчоқ «танӯр», ути «дарзмол», чилим «қалён», қалпоқ «кулоҳ»; д) номи парандаҳо: чумчуқ «гунҷишк», қуш «боз», лочин «шоҳини шикорӣ»; е) номи наботот: юнучқа «алафи бисёрсолаи боғишуда», қаряғоч «чучум».

Калимаҳои касбӣ ифодагари мафҳумҳои косибӣ, ҳунарӣ, пешаварие, ки таърихи қадима доранд. Чунончи, калимаҳои ифодагари маснуоти кулолӣ ниҳоят гуногунанд: гилбута «лоикулолӣ», гӯлах «оташхонаи кулолӣ», кашан «асбоби рӯгардонкунӣ», каҷкорд «корди махсуси лойбурӣ», кӯба «балғаи чӯбин».

Калимаҳои китобӣ. Маҷмӯи калимаҳои дар осори гузаштагон ва забони хаттии муосир мустаъмал калимаҳои китобиро ташкил медиҳанд. Доираи истеъмоли чунин калимаҳо дар қиёси калимаҳои умумиистеъмол хеле маҳдуд буда, танҳо дар нигориши хаттӣ ба кор бурда мешаванд. Нишонаҳои лингвистии калимаҳои китобӣ инҳоянд: а) чунин калимаҳо бо қолаби овозӣ, маъноҳо ва мавридҳои истеъмоилашон хоси забони китобанд: гавз «чормағз», фағ «худо», азрақ «кабуд», бора «аст»; б) яке аз гунаҳои мавҷудаи калима китобӣ аст: маҳ-моҳ, шаҳ-шоҳ, баршумурдан-шумурдан, шуморидан, бардурӯғ-дурӯғ; в) калима бо як ё якчанд маъноҳои худ хоси услуби китобист: довар бо маъноҳои «худо» ва «ҳукуматдор», баёз «сафедӣ», ранги сафед ва «коғаз, дафтари мусаввада».

Калимаҳои кӯҳнашуда (ниг.: **архаизмҳо)**.

Калимаҳои лаҳҷавӣ (ниг.: **диалектизмҳо).**

Калимаҳои маънодор - калимаҳои мустақилмаъно (маънодор) калимаҳое мебошанд, ки ҳам маънои луғавӣ ва ҳам маънои грамматикӣ доранд. Онҳо дар ҷумла ба вазифаи ягон аъзои ҷумла (сараъзо ё аъзои пайрав) меоянд ва ба саволе ҷавоб мешаванд. Чунин калимаҳо (ҳиссаҳои мустақили нутқ) вазифаи номинативӣ-номгузориро иҷро мекунанд: номи

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

предмету ҳодисаҳои воқеӣ: предметҳо аломату хусусият, миқдор, амалу ҳолат мебошанд ё барои ишора хизмат мекунанд.

Калимаҳои маънодор (мустақилмаъно). Калимаҳое, ки маънои мустақили луғавӣ дошта, ном (китоб, тифл), сифат (хуб, чӯбин), шумора (сад, дусад), амалу ҳолат (рафтан, хуфтан), муносибат ва ё чигунагии предметҳои ҳаёти воқеиро фаҳмонда ба вазифаи аъзоҳои ҷумла (мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда, ҳол) меоянд.

Калимаҳои модалӣ. Гурӯҳи калимаҳои хусусияти луғавию грамматикӣ доштае, ки тавассути онҳо гӯянда муносибатҳои гуногуни ба ҳақиқати мавҷуда доштаи худро баён мекунад ва маънои муайяну мушаххаси луғавӣ надоранд. Чунин калимаҳо муносибатҳои мантиқии фикр (бегуфтугӯ, дар ҳақиқат, бешубҳа), ифодаи имконпазирӣ, эҳтимолӣ, тахмину гумон (шояд, мумкин, аҷабне, раваду)-ро мефаҳмонанд. Калимаҳои модалӣ, аъзои ҷумла намешаванд, аммо вазифаҳои муайяни синтаксисиро иҷро мекунанд: 1. Ба сифат: калима-ҷумла бештар дар нутқи диологӣ кор фармуда мешаванд: – Шумо он касро мешиносед? – Албатта (Ҷ.И.). 2. Дар таркиби ҷумла ҳамчун калимаҳои иловагию эзоҳӣ (аъзоҳои истисноии ҷумла) меоянд: – Шумо, мумкин, аз кори онҳо хеле барвақт хабардор шудаед? – Раваду бехабар шуда бошам-чӣ? (С.У.).

Калимаҳои муаллиф. Калимаҳое, ки одатан аз феълҳо иборат буда, (розӣ шудан, тасдиқ кардан, эътироф кардан) дар таркиби нутқи диалогӣ (муколама) ҳиссиёту эҳсосот, қаҳру ғазаб, чигунагӣ, хислату хусусиятҳои воқеъшавии амалу ҳолатро мефаҳмонад. Бар замми ин, ибораю ифодаҳое, ки объекти тасвирро шарҳу эзоҳ медиҳанд (овози ҷонхарош баровардан, ҷавоби ҳақ додан, қатъиян розӣ нашудан ва амсоли инҳо) дохил мешаванд.

Калимаҳои муқобилмаъно (ниг.: **антонимҳо)**.

Калимаҳои мураккаб. Аз рӯи маънои дохилиашон ду калима ба як калима пайваст гардида, калимаи мураккаб пайдо мешавад. Калимаҳои мураккаб аз ду калимаи сода а) ҷавонмард, саркор, модаркалон, ширбиринҷ, дусад; б) аз калимаи сохтаю сода: оҳангархона, тоҷикписар,

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

тахтасанг; в) аз калимаи содаю сохта: гулдаста, сарчашма, мурғобӣ, сафарнома, гандумпоя; г) аз калимаи мураккабу сода: сарбоз+хона, сартарош+хона, наълбанд+писар; ғ) аз калимаю асос: ошпаз, гандумнамо, роҳрав, мӯзадӯз; д) аз ду асос: пухтупаз, шустушӯ, харидуфурӯш, ҷустуҷӯ, додугирифт сохта мешаванд.

Калимаҳои мураккаби пасванддор. Калимаҳои мураккабе, ки аз ду ё зиёда решаю асосҳо сохта шудаанд ва танҳо решаи охирин пасванд қабул кардааст: оташгирак, нонхӯрак, пахтакорӣ.

Калимаҳои нав (ниг.: **неологизмҳо)**.

Калимаҳои ҳамреша. Калимаҳои гуногуне, ки аз як реша сохта шудаанд. Чунин калимаҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунем: а) калимаҳои сохтаи ҳамреша: беаввалу охир, беазобу машаққат, бедарду алам, бедолу дарахт, бозавқу ҳавас, боазму субот, ҳамфикру ақида; б) калимаҳои мураккаби ҳамреша: бадаслу насаб, пурайшу тараб, пурнақшу нигор, хушбоду ҳаво, пурсабру тоқат.

Калимаҳои оморфӣ (юн. amorthos аз а. – бе+morphē - шакл) – забонҳои бешакл, решагӣ. Забонҳое, ки пешванду пасвандҳои дорои маънои грамматикӣ (ҳолат, шумора, шахс, замон ва ғ. надоранд. Дар ин гуна забонҳо маъноҳои грамматикӣ ё бо роҳи ҳамроҳшавии калимаҳо, ё бо ёрии калимаҳои ёридиҳанда ифода меёбанд. Забони чинӣ (хитоӣ) намунаи забонҳои оморфист. Дар забони тоҷикӣ баъзе калимаҳо аз ҷумла калимаи **боз** чунин хусусият дорад: Чӣ, ин қадар менолӣ, боз мардак! Чаро прогул кардӣ, боз аълочӣ! Баъзе калимаҳои ёридиҳанда ва ҳиссачаҳо шакли грамматикӣ надоранд: аз, ба, то, кӣ, -мӣ, -дия, -ҳа, -не.

Калимаҳои сермаҳсул ва каммаҳсул. Гурӯҳи муайяни калимаҳо бо мурури замон маънои нав мегиранд, баъзеи дигар аз маъноҳои ҷудогонаи худ маҳрум мешаванд, ё баръакс маъноҳои нави иловагӣ мегиранд. Дар натиҷа калимаҳо аз ҷиҳати истеъмол хусусияти замонавӣ пайдо мекунанд, яъне дар марҳалаи муайяни инкишофи забон ё серистеъмол мешаванд ё камистеъмол. Аммо калимаҳои камистеъмол якбора аз байн намераванд. Онҳо дар забон мавҷудияти худро тамоман аз даст надода, бо калимаҳои

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

серистеъмол дар як қатор муддате боқӣ мемонанд. Калимаҳои серистеъмол, ки дар гуфтугӯи мардум ҳамеша ва ҳаррӯза истифода мешаванд, то андозае оммафаҳманд, калимаҳои камистеъмол, ки кӯҳна буданашон аён мешаванд, гурӯҳи ғайри фаъоли таркиби луғавии забонро ташкил медиҳанд. Ба ин гурӯҳ лексикаи таърихан маҳдудшуда хатти барот, вақфи авлод, ҳуҷраи ориятӣ… дохил мешаванд.

Калимаҳои сода калимаест, ки ба ҷузъҳои маънодор – морфемаҳо ҷудо намешавад: хона, даст, шаҳр, ҷавон, дур, ду, се, ман, мо, зуд, тез. Ин гуна калимаҳо дар шаклҳои дигар низ дучор мешаванд: хона, хонаҳо, хонагӣ, хонабон, хонавода, хонавор, яъне ба калимаҳои сода морфемаҳои калимасозу (хонагӣ) шаклсоз (хонача) васл мешаванд.

Калимаҳои сохта. Калимаҳои сохта бо ёрии пешванду пасвандҳо аз калимаҳои содаю асосҳои феълӣ сохта мешаванд: боғбон, галабон, хирадманд, санглох, но-дон, дар-омадан, фур-овардан, дон+иш+манд, оҳан-гар-ӣ, ҳам-кор-ӣ.

Калимаҳои умумиистеъмол. Маҷмӯи чунин калимаҳои забони адабӣ, ки дар ҳама мавриди нутқ, чи нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ, чи услуби баланд ва чи услуби паст ба кор бурда мешавад, луғати умумиистеъмолро ташкил медиҳад. Калимаҳои умумиистеъмоли забони адабии тоҷик бо категорияи калимаҳои аслӣ ва вожаҳои фонди асосии луғавии он қаробату умумият доранд. Бештарини чунин калимаҳо вожаҳои қадимаи решагиро ташкил дода, дар ифодаи мафҳумҳои ҳаётан муҳим ба кор бурда мешаванд. Чунончи, калима ва маъноҳои зайл аз ҳамин қабиланд: сар «узви бадан, ки дар қисми болои тан ҷой гирифтааст», кор «амал, шуғл», нон «хӯрдание, ки аз орди хамиршудаи ғалладона дар танӯр пухта мешавад», об, замин, сурх, китоб, хондан, давидан. Ҳамаи вожаҳои ифодагари **сифатҳо**: сафед, сиёҳ, ширин, талх, дароз; **шумораҳо**: як, даҳ, бист, сад, ҳазор; **ҷонишинҳо**: ман, ту, вай, ин, он, ҳеҷ, ҳар; **зарфҳо**: зуд, оҳиста, берун, поён, боло, дина, имрӯз; **феълҳо**: хӯрдан, гуфтан, дидан, рафтан, шинохтан ва амсоли инҳо калимаҳои умумиистеъмолианд. Нишонаю аломатҳои калимаҳои умумиистеъмолӣ инҳоянд: а) чунин

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

калимаҳо ба ҷумлаи вожаҳои фаъоли забон дохил мешавад; б) аз бобати ифодаи эҳсосот ва майлҳои иродавӣ бештар якранганд, ки ин хусусият бо муродифҳои луғавии онҳо дар қабатҳои дигари истеъмолӣ зоҳир мешавад: асал-ангубин, ватан-меҳан, гунг-лол, дил-қалб, мурдан-фавтидан; в) калимаҳои умумиистеъмол хосияти кӯҳнашавӣ ва аз истеъмол баромадаро надоранд; г) чунин вожаҳо бо калимаҳои дигари забон дараҷаи баланди ҳамнишинӣ доранд.

Калимаҳои услуби баланд. Вобаста ба нишон додани имкониятҳои забонии нутқ, ки ба амалиёти беисти шуури соҳибзабонон вобастагӣ дорад, калимаҳои услуби баланд ва пастро фарқ мекунанд. Ин унсурҳо дар як маврид дар шакли оҳангҳои ниҳоят баланд ва муаддаб, дар мавриди дигар дар сурати тобишҳои паст, ноҳинҷор зоҳир мешаванд. Вобаста ба он ки дар мундариҷаи калима баробари ифодаи маъноҳои луғавӣ, грамматикӣ, мансубиятҳои услубӣ боз то кадом андоза ҷилваҳои баланд ё пасти эҳсосӣ, иродавӣ ва ифоданокӣ таҷассум ёфтаанд, онҳоро мансуби услуби баланд ва ё пасти нигориш ва гуфтор ҳисобидан мумкин аст. Ба ҷумлаи луғати услуби баланд, ки дар онҳо оҳангу ҷилваҳои мусбати эҳсосиву иродавӣ ифода шудаанд, лиризмҳо, поэтизмҳо, архаизмҳо, неологизмҳо (наввожаҳо) ва як гурӯҳ экзитизмҳо дохил мешаванд. Қисмати зиёди ин гурӯҳи калимаҳо мансуби забони назм, ба хусус, мансуби ҳиссаи лирикии он аст. Дар лиризмҳо эҳсосоти баланди саршор аз меҳру муҳаббати бепоён нисбат ба зебоӣ ифода шудааст. Бештарини чунин калимаҳо маҳз дар назм, дар лирикаи он ба кор мераванд. Чунончи, калимаҳои равон «ҷон», накҳат «бӯйи хуш»: накҳати гул; бадр «моҳи пурра», ҳилол «моҳи серӯза», «мушкин» муаттар; анбарин «хушбӯ», «наргисин», «монанди гули наргис», шакарин «ширин».

Ба ду чашми наргисинат, ба ду зулфи анбаринат,
Ба ду лаъли шакаринат, ки касоди шакар омад (Румӣ).

Калимаҳои услуби паст. Дар таркиби луғавии забонамон як гурӯҳ калимаҳои ифодагари муносибатҳои пасту ноҳинҷори байни одамон низ маҳфузанд. Чунин калимаҳо анвои гуногуни унсурҳои ҷудогонаи шуури

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

инсониро дар таровиши эҳсосоту майлҳои иродавии бетакаллуфӣ, бепардагӯйӣ, нописандӣ, дуруштӣ, таҳқир, истеҳзо ва м.и. ифода кардаанд. Ба мафҳуми калимаҳои услуби паст вожаҳои дар доираи забони адабӣ мустаъмал дар назар дошта шудаанд. Калимаҳои ифодагари эҳсосоту майлҳои иродавии манфии доираи забони адабиро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: Калимаҳои ифодакунандаи бепардагӯйӣ, дашномҳои раво (вулгаризмҳо) ва вожаҳои барбарӣ (варваризмҳо). **Калимаҳои ифодагари бепардагӯйӣ** ҷилоҳои гуногуни бетакаллуфӣ, худнамоӣ, беэътиноӣ, нописандӣ, таъна ва монанди инҳоро дар бар гирифтаанд: кампир «зан, занак» (дар забони шавҳар), пиракӣ «мард, мардак» (дар забони зан), бева «зани шаттоҳ», дала «касе, ки занеро ба марди бегона ошно мекунад», линг «пой», кала «каси кундфаҳм». Оҳангҳои нописандиву таъна дар гурӯҳи дигари калимаҳои услуби паст бо ҷилоҳои нисбатан сахттари пастзаниву наҳзаниҳо якҷо садо медиҳанд: мулонамо «шахси зоҳиран ба таҳсилкарда монанд, вале ботинан ҷоҳил», бекорхӯҷа «танбал», сиёҳкор «тӯҳматчӣ». Як гурӯҳи калимаҳои услуби пастро вожаҳои ифодагари эҳсосоту майлҳои иродавии дағал, дашном, суханҳои носазо ташкил медиҳанд. Чунин калимаҳо бо номи вулгаризмҳо низ маъруфанд: ҳаромхӯр «касе, ки аз меҳнати дигарон муфт истифода мебарад», хумкалла «одами кундфаҳм». **Калимаҳои барбарӣ**. Ба ҷумлаи калимаҳои услуби паст ҳамчунин як силсила варваризмҳо низ дохил мешаванд. Калимаҳои барбарӣ аз доираи меъёрҳои забони адабӣ берун мемонанд: марҷон «зан, завҷа», кизинка «духтар», карапчук «дуздӣ», пиёнастика «майзада» ва монанди инҳо.

Калимаҳои хулосакунанда. Калимаҳое, ки дар ҷумла пеш ё пас аз аъзои чида омада, онҳоро ба таври хулоса ифода мекунанд. Ба вазифаи калимаҳои хулосакунанда бештар ҷонишинҳои таъинӣ (ҳама, тамоми), таркибҳои гуногун бо ҷонишинҳо (тамоми омӯзгорон), исмҳое, ки ифодаи ҷамъ ё ҷомеъ доранд (мардум, ашё, таомҳои гуногун), шумораю исм (шаш писар, чор китоб), ибораҳои ҷонишинӣ (ҳамаи онҳо, ҳамаи мо), баъзе

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

феълҳои таркибии номӣ (хизмат кардан, кор кардан) омада метавонанд: Ба дидани ӯ ёру бародаронаш: Умарҷон ва Амонҷон омада буданд (Р.Ҷ.).

Калимаҳои шевагӣ. Таркиби луғавии шеваҳо гуногун мебошад. Дар ҳар шева калимаҳои зиёдеро пайдо кардан мумкин аст, ки онро бо шеваи дигар муқобил мегузоранд. Бар замми ин, ҳар шева миқдори зиёди калимаҳоеро низ дорост, ки онро шеваҳои дигар умумият медиҳанд. Таркиби луғавии шеваеро аз ҷиҳати муносибати он ба забони умумихалқӣ ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: а) калимаҳои умумихалқӣ; б) калимаҳои лаҳҷавӣ. Калимаҳои шевагӣ дар ин ё он ҳудуди муайяни ҷуғрофӣ истеъмол мешаванд ва боиси тафриқа ва ҷудоии микросистемаҳои як системаи калон – макросистема мегарданд. Шеваҳое, ки дар ташаккули забони адабии миллӣ чандон нақшу саҳми асосӣ набозидаанд, дар таркиби луғавии худ калимаҳои хоси зиёде доранд. Шеваҳое, ки ба забони адабии миллӣ нисбатан наздиктаранд, баръакси гурӯҳи аввал дар хазинаи луғавии худ дорои унсурҳои хосанд. Масалан, дар «луғати шеваи ҷанубӣ» вобаста ба ҳудуди ҷуғрофӣ чанд навъи калимаҳои шевагӣ гирд оварда шудаанд: 1. Воҳидҳои луғавие, ки ба як қисм ва тамоми лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ хосанд ва дар забони адабӣ ва шеваҳои гурӯҳи дигар дучор намеоянд: <u>угам</u> (ба маънии баъд, сонӣ), <u>ҷиғаридан</u> (афтондан, вайрон шудан, гаштани девор). 2. Калимаҳои шевагие, ки дар байни худи шеваҳо, аз як тараф ва дар байни шеваҳои забони адабӣ, аз тарафи дигар, шаклан муштарак буда, аз ҷиҳати маъно фарқ доранд. Масалан, калимаи <u>навохтан</u> дар баъзе лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ ба маънии «ҳақорат додан» мустаъмал аст ва дар забони адабӣ ва шеваҳои дигар марбути мусиқист.

Калимаҳои якҳиҷоӣ. Калимаҳое, ки аз як ҳиҷо иборатанд. Исмҳо (рег, барф, даст, дил, пой), сифатҳо (хуб, нек, тар, тунд, нек, бад), шумора (як, ду, се, сад), ҷонишин (ман, ту, ӯ, ин, он), асосҳои феълӣ (гӯй-гуфт, рав-рафт), зарфҳо (кам, беш, баъд), пайвандакҳо (ва, ҳам, ки, чун, то), пешояндҳо (аз, ба, дар, то, бе, ҷуз, бо, бар, бо) чунин хусусият доранд. Қолабҳои овозии калимаҳои якҳиҷоӣ инҳоянд V (ӯ), VC (аз), CV (ду), CVC

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

(дуд), VCC (ашк), CVCC (даст). Дар калимаҳои иқтибосии русию аврупоӣ қолабҳои CCVC (трак-тор), CVCCC (пункт) низ истифода мешаванд.

Калкаҳои луғавӣ (иқтибосӣ маъноӣ). Калима ва маъноҳои ҷудогонаи вожаҳои забонҳои дигар, ки ба тоҷикӣ нуқта ба нуқта нусхабардорӣ карда шудаанд, калка (аз фр. col que «нусха», «назира») номида мешаванд. Калимаи азхудкунӣ ба маъноҳои: 1. «ҳазмкунӣ». 2. «ободгардонӣ» (рус освоение); зериобӣ «аз зери об ҳаракаткунанда»: **киштии зериобӣ** (ар. таҳтулбаҳрӣ), **вакил** «намояндаи халқ» дар мақомоти олии қонунбарории мамлакат (рус. депутат). Маҳз ҳамон маъноҳои калимаҳои забонҳои бегона ба вожаҳои забони тоҷикӣ зам шуда метавонанд, ки дар низоми маъноии онҳо заминаи мусоид пайдо карда тавонанд. Калимаи **осмонхарош** ба маънои «ниҳоят баланд»: биноҳои осмонхарош (рус. небоскрёб) маҳз барои он тарҷума шуда гузаштааст, ки дар таркиби луғавии забонамон калимаҳои амсоли **осмонбӯс**, **осмонрас**, **осмонгир**, **осмонкаф** ва монанди инҳоро дорад. Калкаҳои луғавиро аз рӯйи тарзи тарҷума ба гурӯҳҳои калкаҳои маъноӣ ва калкаҳои сирф луғавӣ ҷудо кардан мумкин аст: а) **калкаҳои маъноӣ**. Дар муошират соҳибзабононе, ки бо забонҳои дигар шиносанд, маъноҳои калимаҳои он забонҳо мисли маъноҳои калимаҳои худӣ истифода мешаванд, ки боиси ба вуҷуд омадани маънои нави калимаи худӣ мегардад. Вожаи **ситора** ба маънои «ҳунарманди ниҳоят маъруф»: ситораи синамо; **тахта** ба маънои «лавҳа»: **тахтаи фахрӣ** (рус. доска); **боғча** ба маънои «ҷойи бозиву истироҳат»: **боғчаи бачагон** (рус. детсад); б) **калкаҳои луғавӣ** бо сохтори сарфии худ низ нусхабардорӣ шудаанд. Калимаи **фағфур** ба маъноҳои «Хоқони Чин» ва «чиниворӣ» аз ибораи рехтаи форсии қадим baqha puthra «писари худо» ба вуҷуд омадааст. калкаҳои луғавии забони тоҷикиро ба пурраю нопурра ҷудо кардан мумкин аст. Калкаҳои пурра гурӯҳи калимаҳои айнан нусхабардоришударо ташкил медиҳанд: **омӯзишгоҳ** «мактаби миёнаи махсус» (рус. училище), **якшанбегӣ** «кори хайрия дар рӯзи истироҳат» (рус. воскресеник). Калимаҳои забонҳои бегона дар шакли калкаҳои нопурра қисман тарҷума шудаанд:

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

мошинасозӣ (рус. машинастроение), **саринженер** (рус.: главный инжинер). Калкаҳои сохта ҳамчун нусхаҳои аслии онҳо аз решаҳою вандҳои калимасоз таркиб ёфтаанд. Дар чунин калкаҳо маъмулан ҳиссаи маънодор ба решаи нусхаи асл баробар буда, пасванди калимасози он тоҷикист: **бетончӣ** (рус. тракторист), **туманот** (рус. туманность). Ба тавассути забони русӣ калимаҳои гуногуни аврупоӣ ба тоҷикӣ тарҷума шудаанд: **озодфикр** рус. волнодумец, **ҷаҳонбинӣ** рус. мировоззрение; в) **калкаи синтаксисӣ**. Қолиби синтаксисие, ки дар заминаи қолаби забони дигар пайдо шудааст: мудофиаи граждани, аскари сурх, роҳи ҳавоӣ. **Калкаи фразеологӣ**. Айнан тарҷума кардани ибораҳои маҷозӣ ё таъбирҳо: Дом отдыха – хонаи истироҳатӣ, живой язык – забони зинда.

Касра (ниг.: **зер)**.

Категория – мақулаи забонӣ (аз юн. hatēgoria) ба маънои васеаш – ҳама гуна унсурҳои забонӣ, ки дар асоси хосиятҳои умумиашон ҷудо карда мешавад; ба маънои риояти дақиқ ин ё он аломате (бузургӣ – параметр), ки дар асоси маҷмӯи воҳидҳои забонии ҳамҷинс қарор дошта, унсурҳояшон маънои ягонаю мушаххас доранд: «категорияи ҳолат», «категорияи ҷондору бечон», «категорияи камдод». Баъзан тавассути истилоҳи «категория» яке аз маъноҳои аломат (параметр) дар назар дошта мешавад: «категорияи ҷинсияти мардона», «категорияи намуди мутлақ», «категорияи дараҷаи қиёсии сифат». Маҷмӯи чунин аломатҳо аз воҳидҳои ҳамҷинсу ҳамгун иборат буда метавонад: «категорияи ҳамсадоҳои зич», «категорияи ҳамсадоҳои ҷарангдору бечаранг», маҷмӯи категорияҳои муайян аз воҳидҳои дучонибаро низ ифода мекунанд: **калима, ибора, ҷумла**. Дар ин маврид сухан дар бораи категорияҳои грамматикӣ, синтаксисӣ, морфологӣ, луғавию маъноӣ, калимасозӣ… меравад. Аломатҳои категориявиро ба аломатҳои фарқкунанда ва таснифотӣ ҷудо мекунанд. Ҳамин тавр, истилоҳи **категория** ду маъноро ифода мекунад: 1. Маъноҳои ба гурӯҳи калимаҳои ҳамҷинсу ҳамсинф хос шудае, ки берун аз ифодаи луғавии онҳо фаҳмида мешаванд ва маъмулан он категорияи грамматикӣ хос аст. 2. Гурӯҳҳои луғавию дастурии калимаҳо, ки аз ҷиҳати

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

хусусияти маъноҳои умумии маъноӣ (семантикӣ) ва морфологию синтаксисӣ муттаҳид мешаванд: категорияи исм, категорияи зарф, категорияи феъл.

Категорияи баҳои субъективона. Категорияи маъноию наҳвӣ, ки тавассути корбурди наҳвии ҳиссаҳои гуногуни нутқ ифода меёбад. Гӯянда нисбат ба предмет ё хусусияти он, ба амалу ҳолат, ба аломати предмет ё аломати аломатҳо баҳои субъективона – маъноҳои иловагӣ (дӯстдорӣ, навозиш, хурдӣ, таҳқиру таҳдид, талху пичинг, киноя ва ғ.) медиҳад. Воситаи муҳимтарини баҳои субъективона пасвандҳои шаклсоз мебошад. Масалан, агар исмҳо маънои табиатан калон (асп, гов, кӯҳ)-ро фаҳмонанд, бо иловаи пасвандҳои шаклсози **-ча, -ак** (духтарча, писарча, духтарак, писарак) маънои нописандӣ, хурдию таҳқирро ифода мекунанд: Дар ин сол монанди порсола дарси дарсхонагии ҷамоаи мо дар пеши домулло Икромча аз «Шарҳи Мулло» бо қоригии Ғафурҷон Махдум бояд мешуд (С.А.). – Балота гирам, Мукаррамча (Ҷ.И.); Кали Қурбон духтараки нотавонро чун гунҷишкак бардошту ба доду фарёди ӯ аҳамият надода, ба даҳлез бароварда (Ҷ.И.). Маънои навозиш ба воситаи калимаи **ҷон** низ ифода меёбад: – Инту нагӯед, бибиҷон! – гуфт миёнарав (Ҷ.И.). Барои ифодаи навозиш калимаи ҷон бо исмҳои хос низ меояд: Аммо чӣ кор кунам, ки Фирӯзаҷони ман кас надорад (Ҷ.И.).

Категорияи ғайрисинтаксисӣ. Категорияи лингвистие, ки ифодаи шаклии он дар гуфтори муайян аз шаклҳои дигар вобаста нест: шумораи исм; дараҷаҳои сифат; дараҷаи зарф; намуд, тарз дар феъл.

Категорияи грамматикӣ. Мафҳумҳои умумие, ки якчанд маънои грамматикии ҳамнисбатро муттаҳид менамоянду бо шаклҳои грамматикӣ ифода меёбанд. Дар калимаҳои мехонам, мехонӣ, мехонад маънои шахси I, II, III бо ёрии бандакҳои феълии **-ам, -ӣ, -ад** ифода гардидааст ва ҳамаи онҳо зери мафҳуми категорияи шахсу шумораи феъл муттаҳид мешаванд. Исму феъл дорои категорияи шумораанд, вале маъно ва шакли ифодаи онҳо гуногун аст: танҳо – дафтар, ҷамъ – дафтарҳо, танҳо – медавад, ҷамъ – медаванд. Аз шаклҳои ифодаи хусусию ҷудогонаи он мо сарфи назар

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

карда, дар грамматика онҳоро бо маънои умумӣ – категорияи шумора ном мебарем. Категорияҳои грамматикӣ ду тарзи ифода доранд: 1) бе ҳеҷ восита бо решаю асоси калимаҳо (рафт, гуфт, хонд) – категорияи сиға, категорияи намуд, категорияи тарз, категорияи шахс, категорияи шумора; 2) ба воситаҳои морфемаҳои ҷудогона (пасвандҳои ҷамъбандӣ, артикли номуайянии **-е**, бандакҳои феълию хабарӣ) ифода меёбад.

Категорияи замон (ниг.: **замон)**.

Категорияи луғавию маъноӣ. Маҷмӯи аломатҳои маъноии (семантикии) калима ҳамчун воҳиди таркиби луғавӣ, ки дар заминаи онҳо ба гурӯҳҳои маъноӣ муттаҳид мешаванд.

Категорияи матн. Масъалаи категория дар матн аз мавзӯоти мубрам ва мураккаби забоншиносии матн муаррифӣ мешавад. Бале, **к**атегорияи матн мафҳуми мураккаб ва пурпечутоб аст, зеро матн худ чи аз нигоҳи моҳият, чи аз нигоҳи корбурд ва чи аз нигоҳи мазмуну мундариҷа мураккабу печида аст, табиати матн аз масъалаҳои басо пурпечутоби илми забоншиносӣ ва ҳамчунин улуми дигари бо матн сарукордошта қарор гирифтааст. Бинобар ин масъалаи матн ҳамчун воҳиди мураккаб ва печидаву пургиреҳ то ҳанӯз ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст. Доир ба категорияҳои матн муҳаққиқон, аз қабили И.Р. Галперин, Н.С. Валгина, З.Я. Тураева, Т. ван Дейк, Г.Я. Солганик, Т.М. Николаева андешаҳои худро ба ҳадди имкон баён намудаанд, аммо то ба имрӯз назари ягона ва таснифоту гурӯҳбандии илмии ин гурӯҳи муҳими мафҳумҳои забоншиносии матн матраҳ нашудааст. Бо назардошти манобеи гуногуни илмии дар забоншиносии муосир бамиёномада тамоми категорияҳои матнро маъмулан ба ҳафт ҷуфти категорияҳо ҷудо кардан мумкин аст:

1. Категорияи замон – категорияи макон.
2. Категорияи мақсад – категорияи модалият.
3. Категорияи муаллиф – категорияи мухотаб (хонанда).
4. Категорияи ҳамоҳангӣ – категорияи мукаммалсозӣ.
5. Категорияи алоқамандӣ – категорияи таҷзия.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

6. Категорияи ретроспексия – категорияи проспексия.
7. Категорияи иттилоъдиҳӣ – категорияи маърифатпазирӣ.

Категорияи мафҳум (категорияи ғайризабонӣ). Маънии ғайримушаххасу умумие, ки дар забон дорои ин ё он ифода мебошад: категорияи муҷаррад, категорияи моддӣ (шайъӣ), категорияи шахс, категорияи ҷомеъ, категорияи модалӣ, категорияи предметӣ, категорияи хурдӣ ё камӣ, категорияи тарз (фоилию мафъулӣ).

Категорияи миқдории садонокҳо. Тафовути дарозию кӯтоҳии садонокҳо, ки дар баъзе забонҳо дорои 4 дараҷа аст.

Категорияи морфологӣ. Ифодаи умумии морфологии падидаю равандҳое, ки грамматика ва лексикаи (луғати) ин ё он забонро муаррифӣ мекунад. Гурӯҳи калонтарини калимаҳо дар ифодаи маъноҳои грамматикӣ шаклҳои якхела доранд: Категорияи исм, ки ҳамчун ҳиссаи нутқ ҷамъабандии ба худ хос дорад, феъл (ҳамчун ҳиссаи нутқ) хусусияти тасрифӣ дорад, аз рӯйи шахсу шумора тасриф мешавад. Хусусияти умумии гурӯҳи луғавию дастурии калимаҳо (категорияҳои грамматикӣ) дар муқобилгузории маъноҳои грамматикии калимаҳои ҷудогона равшан мешавад: категорияҳои шумора, шахс, замон, сиға, тарзу намуд ва м.и., ки ҳар як гурӯҳ воситаҳои ифодаи хос доранд, аз ҷумла пасвандҳои ба худ хос.

Категорияи намуд (ниг.: **намуди феъл)**.

Категорияи нутқ (гуфтор). Яке аз категорияҳои наҳвӣ ва маъноӣ-наҳвӣ, ки мазмуну муҳтавои умумимодалӣ ва умумипредикативиро муайян мекунад ва дорои ифодаҳои гуногуни созанда ва просодӣ (қувва, фосилаи як мавҷ, баландии лаҳн, тамдид) мебошад. Категорияи калима ва ифодаҳои туфайлӣ, категорияи пурсиш (савол), категорияи хитоб, категорияи тасдиқу инкор.

Категорияи предикативии феъл. Категорияҳои феълие, ки дорои ифодаи предикативист: Категорияи шахсу шумора, категорияи замон, категорияи намуд, сиға.

Категорияи сиға (ниг.: **сиға)**.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Категорияи синтаксисӣ. Категорияи синтаксисие, ки вобастагии як калимаро аз калимаҳои дигар ифода менамояд. Масалан: бандакҷонишинҳо дар исм (китоб <-ам-ат-аш), шахсу шумора дар феъл (гуфтем – мо гуфтем), бандакҷонишинҳо дар феъл (гуфтамаш – ба ӯ гуфтам):

Гашт маълумам, ки меҳмон омадаст,

Меҳмон аз мулки Афғон омадаст (М.Т.).

Категорияи ҳиссаҳои нутқ (ниг.: **категорияи морфологӣ)**.

Категорияи ҳолат (падеж). 1. Категорияи грамматики ном, ки муносибати ифодашавандаи як предметро ба предметҳои дигар амалҳо, аломатҳо ифода мекунад. 2. Шакли исм, ки робитаи онро ба калимаҳои дигари иборау ҷумла ифода мекунад. Категорияи ҳолат (яъне тасрифи калимаҳо) дар системаи забони порси қадим хеле густурда ва мураккаб буда, аз аҳди қадим то ба оғози даврони миёна тадриҷан маҳдуд гардида, пас аз он аз байн рафт. Дар забони порсии қадим аввалан 8 падеж вуҷуд дошт, ки баъдҳо падежи dativ бо Genetiv ҳамвазифа шуда, падежи Genetiv боқӣ монд. (аз саҳ. 34-и «Таърихи забони тоҷикӣ»)-и З.Мухторов. Дар забони муосири тоҷикӣ категорияи падеж (ҳолат) нест. Миқдори ин категория дар забонҳои ҷудогона яксон нест: дар забони арабӣ 3, дар забони эскимосӣ, русӣ – 6, дар забони финӣ – 15, эстонӣ – 14, номӣ-зирянӣ – 11, комӣ-пермӣ – 17. Дар тадқиқоти эроншиносон номи падежҳои юнонӣ ва инчунин лотинию юнонӣ мустаъмал аст: Nominativ, Accuzativ, Genetiv, Ablativ, Dativ, Unstrumentaliv. Маънои луғавию грамматикии гурӯҳи калимаҳое, ки ҳолатро мефаҳмонанд: а) ифодаҳои модалӣ ва баҳои субъективона: ором, карахт, ҳушёр; б) баъзе зарфҳои замон ва тарзи амал: оҳиста, дартоз, барвақт, фавран; в) калима ва ифодаҳое, ки дар ҷумлаҳои нопурра вазифаи хабарро иҷро мекунанд: Ҳама ҷо ором. Дар забони тоҷикӣ категорияи ҳолат дар заминаи маънои луғавии калима, ба воситаи пасвандҳои зарфсоз (оташвор, мастона) ифода меёбад. Баъзе исмҳои маънӣ низ дорои маънои ҳолатанд: оромӣ, хомӯшӣ.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Категорияи ҷинсият. Ҷинсият ҳамчун категория хоси ҳиссаҳои гуногуни нутқ аст, ки калима ё шаклҳои калимаҳоро ба ду ё се гурӯҳ ҷудо мекунад, ки бо аломати ҷинсият ё набудани он иртибот дорад; ин гурӯҳи калимаҳоро бо истилоҳҳои ҷинси мардона, ҷинси занона, ҷинси миёна ифода мекунанд. Танҳо дар гурӯҳи муайян исмҳо инъикоси тафовутҳои ҷинсиро мушоҳида мекунем (номи одамон ва баъзе ҳайвонот, муқ. «брат» – «сестра», «волк» – «волчина» дар забони русӣ «бародар» – «хоҳар», «падар» – «модар», «духтар» – «писар» дар забони тоҷикӣ). Категорияи ҷинсият хоси сохтори грамматикии бештарини забонҳои ҳиндуаврупоист. Забонҳои бостон (авастоӣ, санскрит, юнонӣ, лотинӣ) дорои ҷинсияти сегонаанд, аммо дар забони хетӣ ду ҷинсият: умумӣ (ҷондор) ва миёна. Дар забонҳои эронӣ низ ҷинсият ба тағйиротҳои ҷиддӣ рӯбарӯ шудааст ва ҳатто дар баъзеашон аз байн рафтааст, аз ҷумла дар забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ). Вазифаи тафовути ҷинсият бештар аз флексия ба артикл мегузарад: дар забони олмонӣ (der, die, das), забони франсавӣ (un-une, le-la). Дар забонҳои славянӣ низоми седараҷагии ҷинсият бо категорияи исмҳои ҷондору бечон вобаста шудааст. Дар забони тоҷикӣ ҷинсияти грамматикии исмҳо вуҷуд надорад. Тафовут танҳо дар маънои ҷинсияти биологии одамону ҳайвонот аст. Ифодаи ҷинсияти биологӣ бештар дар исмҳои номи одамон ифода мегардад ва он аз маънои калима бармеояд: 1. Мард, писар, додар, бародар, падар. 2. Зан, духтар, хоҳар, ҳамшира, модар. 3. Падар, амак, таға, бобо, ҷӯра.4. Оча (модар), амма, холла, момо, дугона. Калимасозӣ роҳи дигари ифодаи ҷинсият аст. Дар ин маврид барои ифодаи тафовути ҷинсият бо ёрии калимаҳои мард, зан, писар, духтар, бача калимаҳои мураккаб сохта мешавад: пирамард, ҷавонмард, тоҷикписар, холабача; пиразан, ҷавонзан, холадухтар, бойдухтар. Ҷинсияти исмҳои занона бо ёрии калимаҳои гул, моҳ,бибӣ ифода меёбад:Раҷабмоҳ, Раҷабгул, Гулсанам, Бибираҷаб. Роҳи дигари ифодаи ҷинсият дар ду шакли ҷинсият (занонаю мардона) иқтибос аз забони арабист: шоир-шоира, адиб-адиба, котиб-котиба, раққос-раққоса.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Категорияи ҷуфт. Маънои умумии 2 предмет ё предмети дугона (предмети иборат аз 2 ҷузъ), ки аз ҷиҳати пайдоиш бо шумораи дугона алоқаманд аст: □ Русии глаза, колени, штани, брюки, ложжи. Дар забони тоҷикӣ баъзе исмҳо дар шакли танҳо маънои дугона – ҷуфтро низ ифода мекунанд: мӯза, шим, маҳсӣ, калӯш, даст, пой, абрӯ.

Категорияи шахс (ниг.: **шахс дар феъл)**.

Категорияи шумора дар исм. Категорияи шумораи исм аломати барҷастаи грамматикист, ки онро аз дигар ҳиссаҳои нутқ фарқ мекунонад. Исмҳо ду шумора доранд: шумораи танҳо ва шумораи ҷамъ. Шумораи танҳо якто будани предметро далолат мекунад. Баъзан исмҳо дар шакли танҳо маънои бисёриро ифода мекунанд, зеро номи исмҳои ғайришахс номи умумии предметҳои ҳамҷинсанд: Говон алаф мехӯрданд. Барги дарахтон хазон шуда буд. Шумораи ҷамъи исмҳо ба предмети бештар аз ду предмети ҳамҷинс далолат мекунад. Пасвандҳои ҷамъбандӣ морфемаи аз исм алоҳидае мебошанд, ки бо ёрии онҳо шумораи (шакли) ҷамъи исмҳо шакл мегирад: сангҳо, ҷӯйҳо, говон, аспон. Исмҳои забони тоҷикӣ бо ёрии пасвандҳои **-ҳо, -он** ва гунаҳояш (**-ён, -вон, -гон**) ҷамъ баста мешаванд. Бо ёрии пасванди **-ҳо** ҳамаи исмҳо ҷамъ баста мешаванд: шаҳрҳо, дарёҳо, одамҳо, кишварҳо, ангуштҳо. Доира ва ҳудуди вазифаи грамматикии пасванди **-он** (**-ён, -вон, -гон**) дар қиёси пасванди **-ҳо** маҳдудтар аст. Ин пасванд бештар исмҳои шахсро ҷамъ мебандад: ғуломон, ятимон, батракон ва безаминони пештара… бо зану бачагонашон ба он ҷо кӯчида баромада буданд (С.А.). Ин пасванд дар таркиби калимаҳои амсоли бомдодон, саҳаргоҳон, пагоҳон, баҳорон, чароғон вазифаи калимасозиро адо намудааст. Бо ёрии пасванди **-ён** исмҳое, ки бо садонокҳои о, у, и тамом мешаванд, шакли ҷамъ мегиранд: ҳиндуён, бобоён, Сомониён. Бо ёрии пасванди **-гон** исмҳои шахсу ҷондоре, ки бо садоноки **а** тамом шудаанд, ҷамъ баста мешаванд: Ба ман аз бачагон дида барраагон ва бузғолагони навзод ҳунармандтар намуданд… (С.А.). Бо ёрии пасванди **-вон** танҳо якчанд калимае, ки бо садоноки **у** тамом мешавад, ҷамъ баста мешаванд: бозувон, абрӯвон, гесӯвон, оҳувон. Баъзе исмҳои бо пасванди -

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

он ҷамъ басташуда ба исми хос гузаштаанд: Оҳангарон (дар Ӯзбекистон), Қубодиён, Мехчагарон, Намодгарон (дар Бухоро).

Категорияи ягонагӣ (категорияи танҳо). Маънои вандҳои калимасоз, амсоли пасвандҳои русии **-ин** (армянин, грузин), **-ёнок** (ципленок), ки ба ин далолат мекунад, ки предмет и бо ин ё он калима ифодашаванда ҳамчун воҳиди ягона тасаввур карда мешавад.

Категорияҳои ғайрипредикативии феъл. Категорияҳои намуд (мутлақу давомдор), тарз (фоилӣ ва мафъулӣ).

Кириллитса – яке аз ду алифбои қадимтарини славянӣ, ки бо номи Кирилл алоқаманд аст ва бунёди асоси алифбоии муасирро ташкил медиҳад. Ҳарфҳои кириллитса нисбат ба **глаголитса** оддитар буда, дақиқу равшантаранд. Хати славянии қадим дар сарзамини Рус асрҳои X-XI паҳн мешавад ва то асри XVI истифода гардида, пас аз нашри китоби аввалин ба тағйирот дучор мешавад. Баъд аз реформаи Петри 1 дар заминаи кириллитса алифбои шаҳрвандӣ ба вуҷуд оварда мешавад, ки он барои алифбоҳои сербӣ, булғорӣ, украинӣ ва белорусӣ низ замина мегузорад.

Клише (фр. Cliché – нақш). 1. Нақши нутқ, ки чун воситаи намунаю нусхаи зуд дарҷшавандаи матн истифода бурда мешавад. Он хоси матбуоти даврӣ буда, дар порчаҳои ҷудогона фулузӣ аз рӯи акси мавҷуда омода карда мешавад. 2. Мӯҳр; ифода ва таъбирҳои кӯҳнаи забонзад, ки дар нутқ ғайриихтиёр роҳ меёбанд: чор тарафат қибла…, асп барин бардам…, як себи дукафон.

Ком. Дар холигии даҳон узви аз ҳама мутаҳарриктари забон аст. Марзи болоии холигии даҳон ком аст. Комро дар фонетика шартан ба ду қисм ҷудо мекунанд: а) коми сахт ва б) коми нарм. Коми сахт аз милкҳои дандонҳо сар шуда, баробари дандонҳои курсии охирин тамом мешавад. Коми нарм пас аз коми сахт сар шуда бо забонча ба охир мерасад.

Коммуникатсия (лот. Communication – алоқа, муносибат). Тавассути забон хабар расондан, ба ҳамсӯҳбати худ баён кардани фикру мулоҳиза.

Конверсия (лот. Conversion – тағйирёбӣ, табдилёбӣ). Бидуни тағйироти фонетикию морфологӣ аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи дигари нутқ

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

гузаштани калима. Масалан, дар забони тоҷикӣ бештар сифату шумора, асосҳои феъл ба исм гузаштаанд: Хурду калон ва пиру ҷавони гузари Ҳоҷи-махдум… равон шуданд (С.А.). Донишмандон ба ду гурӯҳ тақсим шуданд (Ф.М.). Даромади имоматӣ бозёфти барзиёд (С.А.).

Коннотатсия (лот. Cum-cjn якҷоя бо + nature – зикр, ифода, қайд кардан). 1. Маънои иловагӣ, тобишҳои иловагии маъноӣ ё услубие, ки ба маънои асосии калима зам шуда, барои ифодаи ҷилоҳои эҳсосию экспрессивӣ истифода мешаванд. 2. Маъно ҳамчун инвариант бар хилофи денотатсия.

Консонантизм (лот. con sonans – ҳамсадо). Низоми (системаи) ҳамсадоҳои ин ё он забон. Аз consonant – овозе, ки қобилияти ҳиҷосозӣ надорад.

Конструксия. Воҳидҳои яклухти синтаксисие, ки мутаносибан дар асоси хосиятҳои муайяни грамматикӣ ба ҳамдигар пайвасту алоқаманд мешаванд.

Конструксияи мураккаби синтаксисӣ. 1. **Ҷумлаҳои мураккаби омехта**: ҷумлаҳои мураккабе, ки дар байни ҷузъҳои онҳо алоқаи тобею пайваст ҳаст. 2. **Ҷумлаҳои мураккаби сертаркиба**. 3. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасту тобее, ки пайравҳои бе пайвандак ва бо пайвандак тобеъшуда доранд. Одатан ҳар вақт дар он роҳ ҳаракати мошинҳо ва аспу аробаҳо бошад ҳам, имрӯз вай бинобар бориши ҳавои тирамоҳ камтараддуд аст, фақат гоҳ-гоҳе оби кӯлмакҳоро шатарросзанон мошини сабукраве ё боркаши брезентпӯше мегузарад ё ки аробаи чорчархае тарақ-туруққунон пайдо шуда, боз дар қаъри туман ғоиб мешавад (С.У.).

Конструксияи синтаксисӣ. Ифодаи томи синтаксисие, ки дорои воҳидҳои забонии устуворгаштаанд: конструксияи феъли ҳол (ибораи феъли ҳол); конструксияи сифати феълӣ (ибораи сифати феълӣ); конструксияи масдарӣ (ибораи масдарӣ).

Контаминатсия (аз лот. contamination – омезиш) – муттаҳид (якҷоя) кардани (омезиши) унсурҳои сохтории ду воҳиди забонӣ дар заминаи шабоҳату умумияти қаробати функционалӣ ё маънои онҳо. Дар натиҷаи

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

вази унсурҳо ба вуҷуд меояд: алифу лайл – ҳазор (ва як) шаб (гуфтугӯй) ба ҷои ар. Алфа лайли ва лайлатун; анзур: пиёзи анзур. Ба ҷойи «ансул» («пиёзи ансул»); афзояд. Ба ҷойи «афзояд». Зери таъсири «афзун» ва шакли масдарии «афзудан»:

Касе ки ҳамроҳи соқӣ-ст, кай бувад ҳушёр,

Чаро шароб нагирад, чаро наяфзуяд (Ҷ.Р.).

Падидаи омезиши калимаҳо дар гуфтори кӯдакон низ мушоҳида мешавад, аз ҷумла дар натиҷаи омезиши асосҳои феълӣ: шикандам ба ҷойи шикастам, биндам ба ҷойи дидам. Дар осори классикӣ низ чунин омезиш ба назар мерасад: Дар «Бӯстон»-и Саъдӣ ба ҷойи махуси шакли махуфӣ истифода шудааст:

Нигаҳ кард шӯрида аз хоб гуфт:

«Маро фитна хонию гӯӣ: махуфт».

Контекст (аз лот. contextus – пайваст, алоқа). 1. Порча, фикраи матн, ки барои таҳлили воҳиде, ки ҷиҳати муайян кардани маънои ин воҳид зарур аст. Контекст порчаи матне, ки аз воҳиди таҳлилӣ хурд аст. 2. Имконияту вазъи истифодаи воҳиди забонӣ дар нутқ (матн). Муқаррар кардани маънои калима аз рӯйи матн.

Конфикс. (аз лот. con – пешванде, ки маънои муштарак буданро дорад ва fixus – маҳкам, устувор кардан).

Коррелятсия (аз лотинии correlation – таносуб) – таносуб ва робитаи мутақобилаи унсурҳои забонӣ. Чунин робитае, ки дар заминаи таносуби умумият ва тафовути хосиятҳои моддӣ ё функсионалии унсурҳои забон ба вуҷуд омадааст ва воситаи асосии муттаҳид кардани система мебошад. Мафҳуми «коррелятсия»-ро забоншиносон А.Мартине ва Р.Д.Якобсон ҷорӣ намудаанд. Коррелятсияи системаи тазоди фонологӣ, ки бо аломати умумии фарқкунанда алоқаманд аст, коррелятивист. Фонемаҳои садоноки забони тоҷикӣ дар сатҳи фонетикӣ аз ҳамдигар бо чор хусусияти худ: қатор, бардошт, кори лабҳо ва тамдид фарқ мекунанд, аммо дар сатҳи фонологӣ ин хусусиятҳо саҳму арзиши гуногун доранд. Дар сатҳи фонология барои аз ҳамдигар фарқ кардани садонокҳо ду хусусияти аввал

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

(қатор ва бардошт) аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Ин ду нишона шаш фонемаи садонокҳоро аз ҳамдигар ҷудо карда, яклухтии системаи садонокҳоро таъмин менамояд.

Криптограмма (юн. kriptos) – махфӣ, пӯшида ва gramma – хат, мактуб. Хат ё ҳуҷҷате, ки бо тарзи махсуси махфӣ-криптография навишта шудааст.

Криптография (юн. kriptos – махфӣ, пӯшида ва grapho – менависам). Мактуб, хатҳои гуногуни махфӣ, ки бо алифбои рамзӣ (шифр) навишта шудааст.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Қ

Қавоиди муколама - ҳамчунин онро қавоиди сухангӯӣ ё сӯҳбат кардан мегӯянд ва инчунин қавоиди муштарак байни гурӯҳе аз мардум. Он қавоиде, ки бар гуфтугӯи шифоҳии онҳо ҳоким аст. Масалан мумкин аст қавоиди муколама ба танзиму тартиб кардан мавориде аз ин қабил бипардозад, ки дар муколама чӣ мавқеъ бояд сӯҳбат кард ва чӣмавқеъ набояд сӯҳбат кард. Дар як мавқеияти хос чӣ чизҳое бояд гуфт, муколамаро чӣ гуна шурӯъ кунем ва чӣ гуна поён диҳем. Ин қавоид натанҳо дар забонҳои мухталиф мутафовутанд (фарқ мекунанд), балки гурӯҳҳои иҷтимоии мухталиф ҳам, ки ба забони воҳид сӯҳбат мекунанд, низ мутафовутанд.

Қавс ё қавсайн вазифаҳои маъноӣ ва услубии гуногун дорад. 1. Дар нутқи хаттӣ ҳамчун аломати луғати тафсирӣ хизмат мекунад. Калимаю ибораҳои номашҳур, таърихию матрук, шевагӣ ва маҷозӣ дар қавс шарҳ дода мешаванд: – Бирав, ана дар он ҷо шин, – гуфта ба тарафи собот (бостурма) фиристод (С.У.). 2. Ҳудуди калимаю ибора ва ҷумлаҳоро ҷудо мекунад, ки бо ҷумлаи асосӣ алоқаи грамматикӣ надоранд: Соҳиби ҳуҷра гӯшту сабзиро ба ман фармуда (одатан биринҷу равған дар ҳуҷра тайёр буд) худ ба дарсаш мерафт (С.А.). 3. Шарҳу эзоҳи калима ва ҷумлаҳои забонҳои бегонаро, ки баъзан дар сурати ҷумла воқеъ мешаванд, ҷудо мекунад: Дигаре ба сухани ӯ илова кард: “Наузу биллоҳ (ба Худо паноҳ мебарам), ки ин худобехабар як кофир шуда намондааст” (С.У.).

Қайд - нишондоди қомуснигорӣ, ки баъд аз тафсир ё тарҷумаи калимаю таркибҳои ҷудогона вобаста ба хусусиятҳои луғавӣ, грамматикӣ ва ё услубӣ дода мешавад: а) калимаи аслан арабӣ; таър. (калима хусусияти таърихӣ дорад); Ниг.: (нигаред); адш. (адабиётшиносӣ); муқ. (муқоиса карда шавад); мас. (масалан); гуфт. (гуфтугӯӣ).

Қисми асосии ҷумлаи сода. Қисми ҷумлаи сода, ки бо хориҷ кардани аъзоҳои туфайлӣ, истисноӣ,нидоҳо ва ҷумлаҳои иловагӣ-эзоҳӣ боқӣ мемонад.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Қисми пайравбуда. 1. Ҷумлаи пайрав. 2. Таркиб ё иборае,ки ба ҷумлаи пайрав наздик буда, дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ воҳиди предикативӣ шуда наметавонад (Мас., **Ибораи масдарӣ. Ибораи сифати феълӣ. Ибораи қиёсӣ**: Акнун ду кор монда буд: Яке аз инҳо – саҳми ҳар касро ҷудо карда, ба дасти худаш додан, дуюм, – барои кас бозори ҷудогона таъмин намудан (С.А.).

Қисми предикативии ҷумлаи мураккаб. Қисме, ки аз рӯи сохт ҷумлаи сода буда, ба қисми дигар, ки шаклан сода аст, якҷоя воҳиди пурраи синтаксисӣ – ҷумлаи мураккаберо ташкил медиҳад.

Қисми фаъоли луғат. Вожаҳои фонди луғавӣе,ки ба аксари соҳибони забон фаҳмо буда, дар ҳамаи услубҳои гуфтор истифода мешаванд.

Қоида. 1. Тартиб, низом ё таърифи ҳамеша амалкунандае, ки ин ё он хусусияту падидаи забониро ифода мекунад. 2. Пешниҳод ё тавсияе, ки барои истифодаи хусусиятҳои меъёрии воситаҳои забонӣ дода мешавад.Ниг.: **қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ**. **қоидаҳои орфоэпӣ**.

Қоидаҳои грамматикӣ. Таъриф ё тавзеҳе, кихусусиятҳои грамматикии воҳидҳои забонро мефаҳмонанд: **Таърифи исм**. **Таърифи феъл**. **Таърифи ибора**. **Таърифи ҷумла**.

Қоидаҳои имло. Пешниҳод ва тавсияҳое,ки тартиб ва номи ҳарфҳои имло, имлои садонокҳо, имлои ҳамсадоҳо, аз сатр ба сатр гузаронидани ҳиҷои калима ва имлои ҳиссаҳои нуткро (исм, сифат, шумора...)-ро ифода мекунанд.

Қонунҳои дохилии инкишофи забон. Қонунҳое, ки ҷараёни инкишофи забонро ҳамчун падидаи махсуси ҷамъиятии ба ин ё он забон хос ифода мекунанд. Қонунҳои умумие ҳастанд, ки хоси ҳамаи забонҳоянд: қонуни инкишофи тадриҷии унсурҳои нав ва аз байн рафтани унсурҳои кӯҳна; Қонуни инкишофи нобаробари сохтори забон – зуд тағйир ёфтани таркиби луғавӣ ва суст тағйир ёфтани низому сохти грамматикӣ. Қонунҳои дохилии инкишофи забонҳои ҷудогона – васеъшавии таркиби луғавӣ, таҳаввулоти низоми овозӣ ва сохти грамматикӣ мебошанд.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Қонунҳои фонетикӣ (қонунҳои овозӣ) – қонунҳои амалкард ва инкишофи воҳидҳои ҷиҳати овозии забон: фонема, ҳиҷо, зада, оҳанг. Тағйиротҳои фонетикӣ дар заминаи конуниятҳои мавҷудаи ин ё он забон ба вуҷуд меоянд. Қонуниятҳои фонетикӣ мунтазамии муносибатҳои фонетикӣ, тартиби муайян доштани низому робитаи фонемаҳо ва тағйироти фонетикӣ: монандшавӣ, бадалшавӣ, тахфиф ва афзоиши овозҳои нуткро дар бар мегирад.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Л

Лабӣ (лабиҳо). Лабҳо узви дуюмӣ мебошанд, ки дар тавлиди садонокҳои тоҷикӣ фаъолона иштирок мекунанд. Онҳо дар тавлиди баъзе садонокҳо доиравор гирдшуда, ба дараҷаи кам ё зиёд ба пеш ҳаракат мекунанд. Вобаста ба иштироки лабҳо садонокҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: 1. Садонокҳои лабӣ – ӯ, ӯ, о. 2. Садонокҳои ғайрилабӣ – и, э, а. Хуссуияти лабӣ дар системаи садонокҳои тоҷикӣ зиёдатист, зеро система ба он эҳтиёҷ надорад: нишона – аломати лабӣ фонемаҳоеро фарқ мекунад, ки онҳо ба воситаи нишонаҳои дигар (қатор (ҳаракати амудии забон) ва бардошт) (ҳаракати уфуқии забон) фарқ кунонида шудаанд.

Лабудандонӣ. Ҳамсадоҳои лабиро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: а) лабулабӣ (б, п, м) ва б) лабудандонӣ (в, ф). Ин таснифот мувофиқи кори узвҳои фаъол ва ғайрифаъол сурат мегирад.

Лаконизм (юн. lakonizmos) маҳорати мухтасар баён карда тавонистани фикр, ғоя, амал; рехтагӯӣ, мӯҷазбаёнӣ.

Лақаб (ар. лақабун) – номи дуюме, ки ба тариқи ифтихор, мадҳ ё ҳаҷву мазаммат ба номи аслии касе илова карда мешавад ё ҷойи аслии ӯро мегирад. Лақабро ба одам мегузоранд. Дар ин маънӣ лақаб аз тахаллус, ки онро худи шоир ё нависанда интихоб мекунад, фарқ дорад. Дар лақабгузорӣ, одатан, хусусиятҳои ботинӣ ва зоҳирии инсон ба ҳисоб гирифта мешавад. Мас.: «Ва номи он подшоҳ Қароҷурин – турк буд ва онро аз ҷиҳати бузургӣ ба Ёву лақаб карда буданд» (Таърихи Наршахӣ). Ё ин ки: Аҳмади Дониш –Аҳмади Калла; Темур – Темури ланг. Адибони тоҷик низ аз лақаб васеъ истифода кардаанд. Чунончи: Қорӣ Шикамба, Аҳмади девбанд, Ҳамдам-фӯрма (С.А.); Муҳаррами Ғарҷ, Оймуллои танбӯр (Ҷ. И.).

Ларзанда (ҳамсадои ларзанда). Ҳамсадоҳои тоҷикӣ аз ҳамдигар бо шавшуви хоси худ низ фарқ мекунанд. Шавшуви ҳамадоҳоро монеаҳое, ки дар дами ҳаво дар ягон ҷойи дастгоҳи овозсозӣ воқеъ мегардад, ба вуҷуд меорад. Ин монеаҳо дар натиҷаи се тарзи ҳамкории узвҳои овозсоз пайдо мешаванд: а) дар натиҷаи ба ҳамдигар расидан; б) дар сурати ба ҳамдигар

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

наздик шудан ва в) ҳангоми ларзидани онҳо. Дар забони тоҷикӣ ҳамсадоҳои ларзанда яктост: Р. Ҳамсадои пешизабонии лаҳнии ларзандаи Р дар натиҷаи афзоиши замони талаффуз ва теъдоди ларзиши нӯги забон дароз талаффуз шуда, такрор меёбад: ар: а (арра), бур: о (бурро), зар: а (зарра).

Лаҳҷа. Забоншиносӣ як силсила соҳаҳои мустақили илмҳоро фаро мегирад, ки ҳар кадоми ин соҳаҳо мабҳас ва усули тадқиқотии худро дороянд. Лаҳҷашиносӣ (шевашиносӣ) низ як соҳаи доманфарохи забоншиносӣ мебошад. Муодили байналхалқии ин истилоҳи илмӣ диалектология буда, аз ҷузъҳои dialektos – шева, лаҳҷа ва logos – илм, таълимот гирифта шудааст. Ин соҳаи забоншиносӣ дар бораи лаҳҷаю шеваҳо баҳс мекунад ва хусусиятҳои савтию дастурӣ ва луғавию лаҳҷаҳоро меомӯзад.

Лаҳн. а) Тағйирёбии тафовути тавсифи баландию навои садопардаҳо ҳангоми талаффузи воҳидҳои забонӣ; б) овози баландии муайяндошта, овози мусиқавӣ, ки аз шавшув фарқ мекунад; в) тобиши нутқ. Аз нигоҳи фонологӣ лаҳн яке аз воситаҳоест,ки барои фарқ кардани маънои луғавию грамматикӣ истифода мешавад: чинии **шӣ** «гум кардан» – **шӣ** «даҳ», **шӣ** «кор», **шӣ** «таърих». Лаҳн воситаи асосии ташаккулу ҷудо кардани ҳиҷоои заданоки забони тоҷикист, зеро ҳиҷои заданок маъмулан нисбат ба ҳиҷоҳои безада бо лаҳннокии бештар гуфта мешавад. Задаи тоҷикӣ лаҳнест, ки дар таърифи он низ ба назар мерасад: **Бо лаҳни зиёд фарқ карда шудани ҳиҷои заданок хусусияти асосии аксентуатсияи забони адабии тоҷикист**. Лаҳн ба маънои савт ва оҳанг низ кор фармуда мешавад.

Лексема (аз юн. Léxus – калима, ифода) – калима, ки ҳамчун воҳиди таркиби луғавии забон дар маҷмӯи шаклҳои мушаххаси грамматикӣ баррасӣ мешавад ва флексия ва гунаҳои маъноии онҳоро ифода мекунад.

Лексика (аз юн. Lexikos – мансуби калима) – маҷмӯи калимаҳои забон, таркиби луғавии забон. Ин истилоҳ қабатҳои ҷудогонаи таркиби луғавӣ (лексикаи маишӣ, коргузорӣ, шоирона) ва барои ифодаи кулли калимаҳои осори адиб низ истифода мешавад (луғати осори С.Айнӣ).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Лексика мавзӯи омӯзиши лексикология (вожашиносӣ), семасиология ва ономасиология мебошад. Лексика мустақиму ғайримустақим воқеиятро инъикос менамояд. Таркиби луғавии забони тоҷикӣ бо таърихи халқи тоҷик, бо шароити зиндагии вай, қатъи назар аз он ки маънои мушаххас ё муҷаррад, якмаъноанд ё вожаҳои умумианд ё маҳдудистеъмол, истилоҳанд ё вожаҳои муассир, кӯҳнашуда ё наввожа ба таркиби луғавии он дохил мешаванд. Қисми устувори лексикаи забон фонди асосии луғавиро ташкил медиҳад. Манбаи фонди асосии луғавӣ аз калимаҳои решагӣ иборат аст. Калимаҳои решагӣ барои сохтани калимаҳои нав, барои тавлиди калимаю маъноҳои муштақ сарчашмаи асосианд. Сар, чашм, пой, даст, лаб, забон, санг, замин, осмон, нон, орд, асп, кор, роҳ, сафед, сиёҳ,сурх,калон, рафт, омад, дарав, шудгор, кам, пеш, пур, пок ва м.и. вожаҳоеанд, ки дар хазинаи фонди асосии забони умумихалқии тоҷикӣ муддати тӯлонӣ дар истеъмол буда, устувору барқарор мондаанд ва барои сохтани воҳидҳои луғавии нав истифода шудаанд: Чунончи, аз калимаи сар калимаҳои зиёди сохтаю мураккабу таркибӣ сохта шудаанд: сарак, ҳамсар, сарафроз, сарафшон, сарахбор, сарбаланд (-она, -ӣ),сарбоз, сарнагун, саргаранг, саргардон, саргарм, саргум, сардаст, сардевор, сардор, саркарда, саркаш, саркор, саркотиб, саркӯб, сарлашкар, сарлуч, сармаст, сармуҳаррир, сарнагун, сарозер, сарпаноҳ, сарпараст, сарпой, сарпӯш, сарсабз, сарсахт, сарсӯзан, сартарош, сархам, сархор, сархуш, сархӯр, саршор, саршумор, сарҳон,сарҷилав, сарҷунбон(-ӣ).

Лексикализатсия. Ба калимаҳои мустақилмаънои устувор табдил ёфтани ибораҳое, ки дар забон чун муодили калима истифода мешаванд: маргимуш (як нав дору), мардикор, Ҳуснигул, Бедаки Боло (номи деҳа); рӯзи меҳнат, Майдони Сурх, Майдони Ғалаба.

Лексикография (ниг.: **луғатнигорӣ)**.

Лесикология. (ниг.: **вожашиносӣ)**.

Лимноним – навъи гидронимҳо буда, номи кӯл ва ҳавзҳоро ифода мекунад: Кӯли комсомол, Кӯли Сарез, Искандаркӯл, Шӯркӯл, Кӯли

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Ҷавонон. Аз юнонии limon «ҳавз», «кӯл» ва onim – номи ҳавзу кӯлҳо таркиб ёфтааст. Кӯли Сарез, Ҳавзи Боҳасан (Панҷакент).

Луғат (фарҳанг, қомус). 1. Маҷмӯи калимаҳои ин ё он забон, диалекти минтақавӣ ё иҷтимоӣ; ҳамон қисми таркиби луғавии забон, ки забони ин ё он нависандаро фарқ мекунонад. 2. Китобе, ки тасвири мураттабу муназзами луғатро дарбар мегирад. **Луғати академӣ**. **Луғати идиомаҳо**. **Луғати калимаҳои хориҷӣ**. **Луғати бисёрзабона**. **Луғати меъёрӣ**. **Луғати имло**. **Луғати орфоэпӣ**. **Луғати соҳавӣ**. **Луғати синонимҳо**. **Луғати терминологӣ**. **Луғати забони нависанда**. **Луғати дузабона**. Луғати тарҷумавӣ, ки дузабонро муқоиса мекунад. **Луғати шевагӣ**. Луғати тафсирие, ки калимаҳои хоси ин ё он шеваро шарҳу эзоҳ медиҳад. **Луғати якзабона**. Луғате, ки тамоми иттилоотро тавассути воситаҳои ин ё он забон шарҳ медиҳад. **Луғати паремиологӣ**. Луғати зарбулмасалу мақолҳо. **Луғати тарҷумавӣ** (луғати бисёрзабона). Луғате, ки дар он маводи ду ва зиёда забонро муқоиса карда мешавад. **Луғати тафсирӣ**. Луғати якзабонае, ки дар он системаи маъноҳои имрӯз мустаъмали калимаҳо бо мавқеи истеъмол ва доираи ҳамнишиниҳояшон шарҳ дода мешавад. **Луғати филологӣ**. Луғате, ки ҳадафаш дар тафовут аз луғати энсиклопедӣ шарҳу тафсири миқдори муайяни калимаҳост. Луғатҳои тарҷумавӣ, шевагӣ, этимологӣ, таълимӣ, синонимҳо, омонимҳо, антонимҳо, имло, фразеологӣ, мактабӣ ва м.и. луғатҳои филологианд.

Луғати антонимҳо. Калимаҳои зидмаъно (антонимӣ) дар ин гуна луғатҳо мувофиқи меъёри забони адабӣ ва меъёри ягонаи луғатнависӣ оварда мешаванд. Калимаҳои антонимиро аз рӯйи тартиби алифбо меоранд. Дар чунин ҷуфтҳои антонимӣ маъмулан калимаҳои дорои маънои мусбатро дар аввал меоранд: дароз-кӯтоҳ, доно-нодон, гарм-хунук, дӯст-душман, рост-дурӯғ. Дар забоншиносии тоҷик луғати нахустини антонимҳоро соли 2011 Ҳ.Талбакова таҳия ва чоп намудааст.

Луғати басомад (чандомад) – луғатест, ки басомади воҳидҳои луғавии ин ё он забонро дар сарчашмаи муайян ва ё дар марҳалаҳои муайяни таърихи дар шакли микдори истифодаи ҳар як воҳиди луғавӣ дар

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

манбаъ нишон медиҳад. Дар забони тоҷики луғати басомади калимаҳои русӣ-интернатсионалии С.Юлдошев таҳия ва чоп шудааст. Дар чунин луғатҳо калимаҳо аз рӯйи чандомади истеъмоли онҳо ҷой дода шудаанд: Османов М. Частотный словарь А.Унсурӣ. – М.: Наука, 1970. – 326 с. Луғати басомади мазкур дар асоси маҷмӯи калимаҳои «Девон»-и шоири классикии форсу тоҷик Абулқосим Унсурӣ мураттаб шудааст. Луғат аз 2 қисм иборат аст. Дар қисми асосии луғат калимаҳо аз рӯйи чандомад – басомади истеъмоли онҳо ҷой дода шудаанд. Дар қисми дуюми он, ки калимаҳо аз рӯйи тартиби алифбоӣ оварда мешаванд, саҳифаҳои истифодаи ҳар як калимаи дар луғат овардашуда сабт ёфтаанд.

Луғати имло. Луғате, ки тарзи навишти ба меъёри забони адабӣ даромадаи калимаҳои мавҷудаи забонро нишон медиҳад: «Луғати орфографӣ» (с. 1959), «Луғати имлои забони адабии тоҷик» (с.1974)-и Я.И.Калонтаров. Луғати охирини имло соли 1991 тартиб дода шудааст. Мураттибони он Маниёзов А., Мирзоев А. Он қариб 30 ҳазор калима, таркиб ва ибораҳои забони тоҷикиро дар бар мегирад. Мураттибон дар мавридҳои ҷудогона гунаҳои гуногуни мустаъмал (чор//чаҳор, гунаҳ//гуноҳ), шаклҳои гуногуни талаффузи як калимаро низ овардаанд. Гоҳо дар қавсайн маъноҳои ҷудогонаи калимаҳо низ зикр ёфтаанд,ки ба вазифаи луғати имло намедароянд.

Луғати калимаҳои ихтисоршуда (ихтисораҳо). Луғате,ки калимаҳои мураккаби кӯтоҳкардашудаи амсоли СММ (Созмони милали муттаҳид), ДМТ (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро дар бар мегирад. «Словарь русских и таджикских сокращений» (мураттиб С.Д.Холматова, 1979).

Луғати калимасозӣ. Луғате, ки сохтори калимасозии калимаҳои серистеъмоли ин ё он забонро нишон медиҳад. Забони адабии тоҷикӣ роҳҳои анъанавии таърихан ташаккулёфтаи калимасозӣ дорад ва ин тарзу усулҳои калимасозӣ дар тӯли чандин садсолаҳо сайқал ёфта, устувор гардидаанд. Қолабҳои калимасозӣ баробари забони адабӣ инкишоф ёфтаанд ва ба ҳукми қонун даромадаанд: калимаҳои сода (решагӣ) бо воситаҳои калимасоз (пешванду пасвандҳо) калимаҳои сохта, калимаҳои

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

сода бо ҳам омада, навъи мураккабро ба вуҷуд меоранд. Луғатҳои калимасозӣ аз ҷиҳати сохтори калимаҳо 3 навъанд: а) луғати калимаҳои сохта; б) луғати калимаҳои мураккаб; луғати калимаҳои ҷуфтистеъмол (хушбоду ҳаво, сермурчу қаламфур). Луғати мухтасари калимасозии забони адабии тоҷик «ду навъи аввали луғатҳоро омезиш додаст ва онро луғати калимасозии сохтаю мураккаб номидан мумкин аст (ниг.: Ш.Бобомуродов, А.Мӯминов. Луғати мухтасари калимасозии забони адабии тоҷик. – Душанбе, 1983. – 116 саҳ.). Дар боби «Калимаҳои сохта» номгӯи калимаҳои содае, ки хусусияти калимасозии сохта доранд, оварда шуда, пас аз онҳо пешванду пасвандҳо зикр гардидаанд. Масалан, пас аз калимаи ақл дар қавсайн пасванду пешвандҳои ба-, бо-, бе-, -нок, -ӣ; бе -ӣ, бо -она, бо -и дода шудааст, ки калимаи ақл бо онҳо имкони калимаҳои нав сохтан дорад (баақл, боақл, беақл; ақлнок, ақлнокӣ; беақлӣ, беақлона, боақлӣ). Дар боби дуюми ин луғат, ки калимаҳои мураккаб бо имконияти қабул кардани вандҳо фароҳам омадаанд: пешрав(-ӣ), хушбахт(она, -ӣ). Луғатҳои калимасозӣ барои баланд гардидани савияи забондонии толибилмон аҳамияту арзише доранд. Роҷеъ ба забонҳои ҷудогонаи эронӣ ва ё маҷмӯи забонҳои эронӣ чунин луғатҳо мураттаб шудаанд: 1. **Абаев В.И. Историко-этимологический словарь осетинского языка**. – Т. 1. – М. – Л., 1958. – 655 с.; Т. 2. – Л., 1973. – 448 с.; Т. 3. – Л., 1979. – 358 с.; Т. 4., 1989. – 352 с. (Луғати таърихию этимологии забони осетинӣ). 2. **Расторгуева В.С. Эдельман Д.И. Этимологический словарь иранских языков**. – Т. 1. – М., 2000. – 327 с. (Луғати этимологии забонҳои эронӣ). 3. **Ҷӯраев Р. Этимологияи сад калима**. – Душанбе, 1985. – 28с.

Луғати омонимҳо. Луғати омонимҳо калимаҳои таркиби овозиашон якхелаю маъноҳои гуногун дошта ва ба як ҳиссаи нутқ мансуббударо бо овардани мисолҳо аз осори бадеӣ тафсир медиҳад. Аз ҷиҳати тарзи тафсири маънои калима луғатҳои омонимӣ ба луғатҳои тафсирӣ шабоҳат доранд. Аз ин рӯ, иддае аз калимаҳои омонимӣ дар луғатҳои тафсирию тарҷумавӣ низ ҷой дода, онҳоро барои фарқ кардан бо аломатҳои махсус (бештар бо рақамҳои румӣ) ишора мекунанд. Дар луғатҳои омонимӣ ба

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ғайр аз шарҳу эзоҳи маънои калима зикри маълумотҳои зайл ҷиҳати илмии онро тақвият мебахшад: а) сабаби омоним гардидани калимаҳо; б) маълумоти дастурӣ роҷеъ ба калимаҳо; в) хусусиятҳои услубии калимаҳои омонимӣ. Нахустин луғати омонимҳоро дар забоншиносии тоҷик Ш.Кабиров бо номи «Луғати омонимҳои забони тоҷикӣ» дар асоси маводи «Фарҳанги забони тоҷикӣ» таҳия намудааст (– Душанбе, 1992). Ин луғат инчунин маводи калимаҳои ҳамовози форсии классикиро низ дар бар гирифтааст. Аз ин рӯ, дар он чунин ҷуфтҳо, сегонаҳо ва чоргонаҳои омонимӣ низ ҷой дода шудаанд, ки дар забони адабии муосири тоҷикӣ дар истеъмол нестанд.

Луғати орфоэпӣ. Луғати орфоэпӣ қоидаҳо ва тарзи талаффузи дурусту эътирофшудаи калимаҳо ва шаклҳои дастурии онҳоро мураттаб ва пешниҳод менамояд. Вазифаи ин қабил луғатҳо тарзи саҳеҳ қироат кардан ва қолабҳою ҷойи задаи калимаҳоро муқаррару муайян кардан аст. Унсурҳои луғати орфоэпӣ дар луғатҳои имло ва тарҷумавӣ мушоҳида шаванд ҳам, то имрӯз луғати орфоэпии забони тоҷикӣ омода нагардидааст.

Луғати осори адибон. Луғати осори адибон калимаю ибораҳои дар эҷодиёти ин ё он адиб истифодагардидаро дарбар мегирад ва онҳоро шарҳ медиҳад. Дар тафсир воҳидҳои луғавӣ одатан маъноҳое зикр мегардад, ки дар асари адиб бакор рафта бошад. Луғатҳои осори адибон аз рӯи маводи тафсир ду навъ аст: ***1. Луғати асари ҷудогонаи адиб. 2. Луғати эҷодиёти адиб.*** «Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома» аз ҷумлаи луғати асари ҷудогона буда, мураттибони он бешаз 5 ҳазор калимаю ибораҳои «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсиро шарҳу эзоҳ додаанд. Дар таҳияи ин гуна луғатҳо хидмати Амон Нуров бузург аст. Ӯ осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ваАбдураҳмони Ҷомиро таълиф ва бо номи «Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ» ва «Фарҳанги осори Ҷомӣ омодаи чоп намудааст. Дар луғатҳои мавҷудаи луғатнигории муосир мутаносибан калимаҳои душворфаҳму ибораҳои хоси осори адибон тафсир ёфтаанд, ки шарҳҳо барои муайян намудани паҳлуҳо ва нозукиҳои забонӣ ва услубии он ёрӣ мерасонанд. Дар ин қабил

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

луғатҳо ду усули тафсири маънои калимаҳои осори адибон мушоҳида мешавад: а) дар моддаҳои луғат танҳо маънои истеъмолии хоси як муаллиф оварда шуда, ба маънои аслӣ бо истилоҳи «1. маъруф» ишора гардидааст ва маъноҳои дигар паиҳам бо мисолҳо эзоҳ ёфтаанд: Мард 1. маъруф; 2. одам, шахс; 3. ҳамрадиф, шоиста; ҳариф; 4. сарбоз, сипоҳӣ, ҷанговар. (А.Нуров. Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ); б) мақолаҳои луғат ҳамаи маъноҳои калимаро дар бар гирифтаанд: Гизоф 1. беҳуда, бефоида; 2. ғалат, хато. Донистан 1. огоҳ будан, бохабар будан; 2. фаҳмидан; 3. донандаи чизе будан; 4. бовар ҳосил кардан, эътимод кардан; 5. фарқ карда тавонистан; 6. хулоса баровардан; 7. яқин кардан; 8. аз худ кардан, ёд гирифтан; 9. майлу хоҳиш ба дарки чизе кардан; 10. тавонистан, қудрат доштан; 11. ҳисоб кардан, шумурдан; 12. ҳис кардан, эҳсос намудан (А.Нуров. Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ. – Душанбе, 1990, саҳ. 73, 100). Луғатшиносони тоҷик соли 1978 «Луғатнома»-и осори С.Айнӣ»-ро таҳия намуданд, ки 24 ҳазор калимаҳои осори адибро (бидуни ҷилдҳои 12, 13-и Куллиёт) дар бар мегирад ва калимаҳо ягон шарҳу эзоҳ надоранд. Маълумотҳои мақолаҳои луғатҳои осори адибон имкон медиҳанд, ки воситаҳои нави тасвир, санъатҳои марғубу барҷастаи сухани ноби тоҷикӣ кашф шуда, усули нигориши фардии шоир ё нависанда муайян гардад.

Луғати паронимҳо. Дар чунин луғатҳо калимаҳои ҳамрешаи аз ҷиҳати тарзи талаффуз ё қолаби заданокӣ, оҳанг наздик, ки дар ифодаи маъно қисман мувофиқат мекунанд ё бо ҳам қаробат доранд, шарҳ дода мешаванд: мақсад-мақсуд, мафҳум-мавҳум, нуфуз-нуфус.

Луғати синонимҳо. Луғате, ки бо ҳамдигар синоним (муродиф) шудани калимаҳоро нишон дода, маъно ва мавқеи истеъмоли онҳоро низ шарҳ медиҳад. Дар луғати синонимҳо силсилаи синонимҳо аз рӯи тартиби алифбо оварда мешавад ва меъёри асосӣ дар силсила калимаи сарсила (доминант) ва дараҷаи ифодаи мафҳум аст. Чунончи, аз силсилаи синонимии бардошт, тамкин, сабр, тоқат, таҳаммул, худдорӣ, тобоварӣ, шикебоӣ, калимаи сабр сарсилсила буда, ҳангоми паиҳам зикр намудани маводи луғат калимаи сабр дар ҷои аввал гузошта мешавад, сипас

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

калимаҳои синонимии дигар вобаста ба қаробати маъно ба мафҳуми умумӣ (тоқат, бардошт, тамкин, тобоварӣ…) бо назардошти дараҷаи истеъмоли онҳо пасиҳам ҷой дода мешаванд. «Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ»,-и маънидоди беш аз 380 силсилаи синонимии калимаҳои тоҷикиро дар бар гирифтааст. Ин луғат бори аввал соли 1975 нашр шуда буд. «Луғати мухтасари русӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-русии синонимҳо»-ро Капранов В.А., Николаев И.Л., Халилов А. нашр намудаанд, ки дар он мавқеи услубии аксари ҳалқаҳои силсилаҳои муродифҳои русию тоҷикӣ бо ишораҳо нишон дода шуда, барои собит намудани маъно ва мавқеъҳои истеъмолии ҳалқаҳои ҷудогонаи синонимии ҳар ду забон мисолҳои тасдиққунанда оварда мешаванд (Душанбе, 1985).

Луғатҳои соҳавӣ. Дар луғатнигории тоҷик луғатҳои соҳавии зиёде нашр шудаанд. Аз ҷумла луғатҳои тиббӣ таърихи беш аз ҳазорсола дорад. Луғатҳои соҳавии истилоҳоти адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, географӣ, философӣ, соҳаи пахтакорӣ, физика, химия, геология ва амсоли инҳо нашр шудаанд: 1. **Ҳусейнов Х., Шукурова К. Луғати терминҳои забоншиносӣ**. – Душанбе: Маориф, 1989. – 255 с. Ин луғат бори нахуст системаи истилоҳоти мавҷудаи забоншиносии тоҷикро муқаррар ва онро то андозае ба пуррагӣ шарҳу эзоҳ дода, дар мавридҳои зарурӣ этимологияи онҳоро низ шарҳ медиҳад. Дар луғат барои муайян намудани моҳияти ҳаволаҳо, вариантҳо, ихтисорот системаи муайяни ишораҳои шартӣ ба кор бурда шудаанд. 2. **Калонтаров Я.К., Капранов В.А. луғати мухтасари русӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-русии терминҳои забоншиносӣ**. – Душанбе: Дониш, 1974. – 95 с. Дар ин луғати ҳаҷман хурд истилоҳоти забоншиносие оварда шудаанд, ки дар китобҳои дарсию осори илмии марбути забоншиносии тоҷик истифода шудаанд. Дар қисми аввали луғат истилоҳоти забоншиносии русӣ бо мувозиҳои тоҷикиашон, дар қисми дуюм истилоҳоти тоҷикӣ бо мувозиҳои русиашон бидуни тафсиру эзоҳдиҳӣ ҷой дода шудаанд. 3. **Рустамов М. Таджикская грамматическая терминология**. – Душанбе. Дониш, 1972. – 124 с. Ин луғат 1375 истилоҳи

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

грамматикии тоҷикии дар китобҳои дарсии мактабҳои миёна ва олӣ истифодашударо дар тарҷума бо муодилҳои русиашон дарбар мегирад.

Луғати тарҷумавӣ. Луғати тарҷумавӣ калимаю ибораҳои як забонро аз ҷиҳати маъно ба забони дигар бармегардонад. Барои хубтар аз худ кардани забони тарҷумашаванда тарзи талаффузи калимаҳо дар шакли транскрипсия (овонавишт) бо аломате ишора кардани қолаби заданокии калима оварда мешавад. Илова бар ин, роҷеъ ба калимаи тарҷумашаванда маълумоти зарурии дастурӣ ва услубӣ низ зикр мегардад. Маъмултарин тартиби ҷойгиршавии калимаҳо аз рӯи тартиби алифбо овардани калимаҳост. Калимаҳои сермаъною омонимҳо аз рӯйи талаботи луғатҳои тафсирӣ шарҳ дода мешаванд. Агар калима сермаъно бошад, то ҳадди имкон ҳамаи маъноҳо бо калимаҳои муодили забони тарҷумакунанда муайян карда мешаванд; Меҳрубон – добрый, ласковый, нежный, любящий; милосердный; модари меҳрубон – ласковая мать; дӯсти меҳрубон – любящий друг («Луғати русӣ-тоҷикӣ», минбаъд ЛРТ; фиғон – рыдание, плач; крик, вопль, стон; фиғон бардоштан (баровардан, кардан, намудан, кашидан) – ридать, плакать, стонать; издавать вокли). Ҳар як луғати ба тозагӣ таҳияшуда шакли такмилёфтаи луғати пешина аст. Агар луғати нави русӣ-тоҷикии нашри соли 1985-ро бо нашри соли 1949 муқоиса намоем, тавсиаи ҳаҷми луғат ва аз ҷиҳати мазмун такмил ёфтани моддаҳои (мақолаҳои) луғатро бараъло мушоҳида мекунем. Калимаҳои тарҷумашаванда маъмулан дар шакли муфрад, бидуни бандакҳои феълию хабарӣ, бандакҷонишинҳо ва бандаки изофӣ (яъне дар шакли луғатиашон) ҷой дода мешаванд. «Фарҳанги русӣ ба форсии калимаҳои умумиистеъмолии шеваҳои кишвари Туркистон» (мураттиб В.Н.Наливкин, соли 1889) ва «**Луғати русӣ-тоҷикӣ**»-и (чопхонаи Бухорои Нав, 1889) Шоҳҳайдар Ҳотамбоевро чун нахустин луғатҳои тарҷумавӣ ном бурдан мумкин аст. «**Луғати русӣ-тоҷикӣ**»-и нашри соли 1985 мукаммалтарин луғати тарҷумавӣ ба шумор меравад,ки дар он 72 ҳазор воҳиди луғавӣ ба тоҷикӣ баргардонида шудааст. Луғатҳои мухтасар низ мавҷуданд,ки хусусияти таълимӣ дошта, барои хонандагони мактабҳои

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

таҳсилоти умумӣ ва донишҷӯёни мактабҳои олӣ пешбинӣ шудаанд. Масалан, «Луғати мухтасари тоҷикӣ-русӣ» (мураттиб Я.И.Калонтаров, - М., 1955), «**Луғати мухтасари тоҷикӣ-англисӣ**» (мураттиб Г.Б.Баракаева, Душанбе, 1968). Одатан дар луғати тарҷумавӣ ҳамчун асос мундариҷаи калимаҳои забони тарҷумашаванда ба эътибор гирифта шуда, системаи маъноии забони дуюм онро ба қадри имкон акс мекунад. Аксар маънои асосии калимаҳои забони тарҷумашаванда бо ҳамин гуна маънои муодили забони дуюм баробар меояд. Масалан, калимаи русии вода дорои маъноҳои зайл аст: 1. «моеи табии беранги нӯшиданӣ»: питьевая вода. 2. «чашмаҳои шифо»: минеральные воды. 3. «дарё»: ехать по воде. 4. «обхонаҳо»: леса и воды. 5. «ҳарза, беҳудагӯӣ»: в докладе много воды. **Луғати тоҷикӣ ба англисӣ**. «Луғати мухтасари тоҷикӣ-англисӣ», ки мураттиби он М.Б.Баракаева аст, дар ду ҷилд (Душанбе, 1968) ба табъ расидааст. Ин луғат 10 ҳазор воҳиди луғавии тоҷикиро ба англисӣ шарҳ медиҳад. Муҳаррири он А.Е. Бертелс аст. **Луғати англисӣ ба тоҷикӣ**. Муаллифи чунин маълумотнома, ки «Луғати хурди англисӣ-тоҷикӣ» ном дорад, М.Б. Шаҳобова аст (Душанбе, 1972). **Луғати франсавӣ ба тоҷикӣ**, ки он ҳамагӣ 8 ҳазор калимаи забони франсавиро ба тоҷикӣ шарҳ медиҳад. Баъд аз роҳандозии технологияи компютери луғатҳои электрони маъмулу мустаъмал гардидаанд, ки таваҷҷуҳи мутахассисону ниёзмандон ба чунин лугатҳои хеле афзудааст.

Луғати тафсирӣ. Дар луғатҳои тафсирӣ захираи пурғановати калимаҳои таркиби луғавии забонҳои миллӣ гирд оварда мешаванд. Луғати тафсирӣ маънои калима ва баъзан таркибу ибораҳоро шарҳ медиҳад ва тобишу ҷилоҳои маъноии онҳоро нишон дода, мавқеъ ва мавридҳои истифодаашонро бо санадҳо – мисолҳо аз осори адибон тақвият мебахшад. Луғатҳои бузургҳаҷми муосир тақрибан сад – садупанҷоҳ ҳазор калимаҳоро дарбар гирифтаанд. Масалан, «Луғати тафсирии забони зиндаи рус»-и Владимир Дал зиёда аз 200 ҳазор, «Луғати бузурги англисӣ» бошад, бештар аз 400 ҳазор калимаҳоро ҷой додаанд. Дар луғатҳои тафсирӣ чун анъана баъд аз сабти маъноҳои асосию

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

иловагии луғавӣ, ки бо мисолҳои мӯътамад асоснок карда мешаванд, фразеологияи калимаи тафсиршаванда низ ба маънои хеле васеи он оварда мешавад. Масалан, баъзе маъноҳои калимаи дам танҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ маҳфуз мондаанд: 1. «гап, овоз»: дам задан, дам набаровардан. 2. «истироҳат»: дам гирифтан, дам додан. 3. «хӯрок»: дами гарм. Дар забони адабии муосири тоҷик луғатҳои зерини тафсирӣ мураттаб шудаанд: Айнӣ С. Луғати нимтафсилаи тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик // С.Айнӣ. Куллиёт. – Ҷилди 12. Душанбе: Ирфон, 1976. – С. 5–563. Ин асар нахустин луғати тафсирии забони адабии муосири тоҷикист,ки соли 1938 мураттаб шуда буд ва танҳо дар солҳои 70-уми асри гузашта ба табъ расидааст, ки 11400 калимаро дарбар мегирад. **Фарҳанги забони тоҷикӣ**. / Мураттибон Т.Н.Зеҳнӣ, В.А.Капранов, И.А.Ализода, С.Ҷ.Арзуманов, Ҳ.А.Рауфов ва дигарон. – Зери таҳрири М.М.Шукуров, В.А.Капранов, Раҳим Ҳошим ва Н.А.Маъсумӣ. – Дар ду ҷилд. – М., 1969. – Ҷ. 1. – Ҳарфҳои А–Д. – 951 с.; - Ҷ. 2. – Ҳарфҳои П–Ҷ. – 948с. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» тақрибан 45 000 калима ва ибораҳои осори классикони адабиёти асрҳои Х то ибтидои асри ХХ-и тоҷик маънидод шудаанд. То имрӯз луғати мукаммали тафсирии мӯътамади забони адабии муосири тоҷикӣ ба вуҷуд наомадааст. Аҳли қалами Ҷумҳурии Тоҷикистон ба луғати тафсирии шабеҳи «Словарь русского языка»-и С.И.Ожегов, ки тақрибан 57 000 калимаро дарбар гирифтааст ва даҳҳо маротиба ба табъ расидаасту луғати беҳамтост, ниёз дорад.

Луғати чаппа. Луғате, ки дар он тартиби алифбоии мавод нигоҳ дошта мешавад, аммо аз рӯи аввал не, балки интиҳои калима. Соли 1958 дар Берлин луғати чаппаи забони муосири русӣ зери таҳрири Г.Бильфельдт нашр гардид, ки 80 ҳазор калимаро дарбар мегирифт. Луғати чаппаи мукаммал зери таҳрири М.Фасмер дар шаш нашр (1957-1959) чоп шуд. Соли 1974 дар Москва «Луғати чаппаи забони русӣ» нашр шуд, ки 125 ҳазор калимаро дарбар мегирад. Дар асари Р.Х.Додихудоев «памирская микротопонимия» (1975) доир ба микротопонимҳои Помир ин гуна луғат истифода шудааст.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Луғати шева. Луғате, ки таркиби луғавии шеваҳо ва шарҳи маъноии онҳоро дарбар мегирад. Луғати шева калимаю ибораҳоеро дар бар мегирад, ки хоси як шева ё махсуси шеваҳои ба ҳам наздик буда, дар шеваҳои дигар ва забони адабӣ мушоҳида намешаванд. Вазифаи асосии луғати шева тафсири маъноӣ ва шарҳи тарзи талаффузи калимаҳо (қолабҳои овозӣ) дар ин ё он шеваю гӯиш аст. Унсурҳои сабти луғати шева дар қомусу фарҳангҳои қадим ба назар мерасанд, ки маънидоди калима ва маҳалли мавзеи истифодаи онҳо ишораҳо мавҷуданд: Парранишин – мардуми сарҳаднишин, ки дар таҳти фармони сипаҳсолорон бошанд ва ин луғати Гелон аст (аз «Баҳори Аҷам»); гиҳон (گهان) мухтасари геҳон (گیهان) ва ин забони шерозӣ аст («Кашф-ул-луғот»). Аввалин асаре,ки дар шакли луғати шева нашр гардидааст «Таджикско-русский диалектный словарь», (1963) мебошад. Мураттиби ин луғат В.С.Расторгуева маводи онро аз гурӯҳи лаҳҷаҳои Варзоб гирд овардааст. Ин луғат барои таҳияи луғатҳои шеваҳои дигари забони тоҷикӣ намунаи хубе гардид. Бо кӯшиши кормандони шӯъбаи шевашиносии АИ Тоҷикистон соли 1971 намунаи «Луғати шеваҳои ҷанубӣ» (макети ҳарфи «Д») ва минбаъд ба шакли пурра нашр шуд. Соли 1982 аз рӯи маводи шеваҳои ғарбу шарқи Тоҷикистон луғати А.З.Розенфельд «Таджикско-русский диалектных словарь» нашр гардид, ки дар он маънои 6000 калимаи лаҳҷаҳои кӯҳистон (Бадахшон, Ванҷ, Дарвоз, Қаротегин, Кӯлоб) ба забони русӣ тарҷума гардидаанд: nišona (nišuna) 1) знак; 2) метка мастера на изделии; 3) В. (Ванҷ) земледельческий календарь. Луғатҳои шева аз ҷиҳати ҳаҷми мавод ва тарзи интихоби воҳиди луғавии шева ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1. Луғатҳои махсуси шева (дифференсиалӣ). 2. Луғатҳои мукаммали шева (системанок). «Луғати шеваҳои ҷанубӣ» дар асоси қоидаҳои умумии луғати шевагии махсус омода шудааст,ки тобишҳои маъноии калимаҳои шеваро бештар ба инобат гирифтаанд. Намуна: Далда, ДАЛИДА (Ял.) ДАЛЙА (Ез.) 1. Далда, таъоме, ки аз гандуми кӯфта бо омехтаи нахӯд, наск, лӯбиё ва ғайра тайёр мекунанд: санги ръжди насворшакли қати дилда-ра мешакиву гандъм-ша шира менӣ (Қаҳ.); пешта далида мепъхтан

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

(Ял.). 2. (Дах., Зир., КРЗ.) маҷ. ҳамакора: и далда-ай (Крз.)Ниг.: Маҳмудов М., Ҷӯраев Ғ. Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ. (Лаҳҷаҳои ҷанубӣ). – Қисми 1. – Душанбе, 1997, саҳ. 113).

Луғатнигорӣ (лексикография – юн. Lexikos – марбути калима ва grapho – менависам), як қисми забоншиносӣ,ки масаоили назария ва амалияи таҳия ва тартиб додани луғатҳоро меомӯзад. Луғатнигории амалӣ вазифаю функсияи муҳими ҷамъиятиро иҷро мекунад: 1. Таълими забонҳои модарӣ ва забонҳои дигар. 2. Тасвир ва меъёррезии забони модарӣ. 3. Муошират байнизабонӣ (луғатҳои дузабона, сӯҳбатнома). 4. Таҳқиқу омӯзиши илмии луғати забон (луғатҳои этимологию таърихӣ). Луғатнигории назариявӣ проблемаҳои зеринро фаро мегирад: 1. Тарҳрезӣ ва таҳияи типологияи умумии луғатҳо ва луғатҳои аз ҷиҳати сохтор нав. 2. Баррасии макроструктураи луғатҳо (интихоби калимаҳо, тартиби ҷой додани калимаҳо дар моддаи луғат, ҷудо кардани омонимҳо, дар замимаи луғатҳо маводи ғайри лексикографӣ: мақолаҳои грамматикӣ ва намунаю тасвирҳо. 3. Тадвину таҳияи сохтори луғат (шарҳи грамматикию фонетикии калима, ҷудо кардан ва таснифи маъноҳо, аломатҳо, тафсири ибораҳои фразеологӣ. Луғатнигории муосир муҳимияти вазифаи иҷтимоии луғатҳоро таъкид менамояд, ки маҷмӯи дониши як давраи муайянро муайян мекунад. Луғатнигории якзабона (аз ҷумла луғатҳои тафсирӣ), дузабона (тарҷумавӣ); таълимӣ, соҳавиро ҷудо мекунанд. Воҳидҳои луғавии забонро аз рӯи талаботу қонунияти луғатнигории имрӯза гирд оварда шуда, вобаста ба навъи луғат калима аз ҷиҳатҳои гуногун шарҳ меёбанд. Чунин ҷиҳатҳои тафсири калимаҳоро ба инобат гирифта, луғатҳоро ба ду гурӯҳи калон ҷудо мекунанд. I. Луғатҳои энсиклопедӣ. II. Луғатҳои филологӣ.

Луғатҳои филологӣ. Луғатҳои филологӣ маъмулан бо калима (воҳидҳои луғавӣ) иртибот дошта, дар таҳкиму омӯзиши низоми луғавӣ ва дастурии забон мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Чунин луғатҳо роҷеъ ба калима ва таркибу ибораҳо аз ҷиҳати маъно, шаклу сохт, имлою тарзи талаффуз, муродифҳо, омонимҳо, антонимҳо, гунаҳо (тағйиротҳои

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

шаклию сохтории воҳидҳои забон), услубҳои забон, этимологияи калимаҳо маълумот медиҳанд. Луғатҳои филологӣ забони адабиро танзим намуда, маънию мақоми онро устувор менамоянд. Дар луғатҳои филологӣ калимаю таъбирҳои тафсиршаванда дар тарафи чап (луғатҳои ба хати имрӯза (сирилик) номбаршуда) бо ҳуруфи калони равшан ва шарҳу тафсири онҳо дар қисмати рости саҳифаҳои луғат ҷой дода мешаванд ва калимаҳои тафсиршаванда дар шакли асосии грамматикӣ (мас., исмҳо дар шумораи танҳо, сифатҳо дар дараҷаи одӣ, феълҳо дар шакли масдар…) меоянд. Луғатҳои филологиро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: луғатҳои умумии филологӣ, луғатҳои махсуси филологӣ. Доираи истифодаи луғати умумӣ васеъ буда, аз ҷиҳати синну сол, дараҷаи маърифат, касбу кор гуногунанд. Луғатҳои умумӣ аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ба навъҳои зерин ҷудо мешаванд: 1. Тафсирӣ. 2. Тарҷумавӣ. 3. Этимологӣ. 4. Шева. 5. Шарҳҳои осори адибон. 6. Луғати осори адибони ҷудогона. 7. Луғати калимаҳои иқтибосӣ, луғати муҳовара. Гурӯҳи луғатҳои махсуси филологӣ инҳоянд: 1. Луғати муродифҳо. 2. Луғати антонимҳо. 3. Луғати омонимҳо. 4. Луғати паронимҳо. 5. Луғати воҳидҳои фразеологӣ. 6. Луғати калимаҳои сермаъно. 7. Луғати имло. 8. Луғати орфоэпӣ. 9. Луғати чаппа (қофия). 10. Луғати гунаҳо. 11. Луғати калимаҳои омехта ва 12. Луғати калимаҳои мураккаб,луғати калимасозӣ.

Луғатҳои энсиклопедӣ. Калимаи энсиклопедия (аз юнонии encyklopedia) маънои маълумоти мухтасар аз боби ҳар илмро дорад. Энсиклопедия дастури илмии роҳнамоест, ки аз хусуси мафҳумҳо, истилоҳот, ҳодисаҳову падидаҳои муҳим ба таври фишурда маълумот дода мешавад. Мавод, яъне мақолаи энсиклопедӣ дар ин луғатҳо мувофиқи алифбо ё аз рӯи мавзӯъҳо (соҳаҳои гуногуни илму фан) ҷойгир мешавад. Калимаю истилоҳоти ташреҳӣ аз рӯи тартиби алифбо ҷойгир гардида, бо хати сиёҳи равшан оварда мешаванд.Дар интиҳои ҳар як шарҳи энсиклопедӣ феҳристи адабиёт пешниҳод мегардад. Дар луғатҳои энсиклопедӣ вобаста ба мавзӯи мақола тасвирҳо, нақшаю харита ва ҷадвалҳо ҷой дода мешаванд. Таҳияи луғати энсиклопедӣ заҳмати

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

дастачамъии олимону ноширон ва намояндагони соҳаҳои гуногунро тақозо мекунад. Масалан, дар мураттаб ва таҳияи «Энсиклопедияи советии тоҷик», ки аз 8 ҷилд иборат аст, олимон, адибон, мутахассисони соҳаҳои гуногун саҳм гузоштаанд. Дар танзиму таҳияи энсиклопедияи соҳавӣ низ иштироки мутахасисони зиёди луғатдон зарур аст. Чунончи, дар омода намудани «Лингвистический энциклопедический словарь» (Москва «Советская энциклопедия», 1990. – 683 стр.) зиёда аз 300 нафар олимони машҳури забоншинос (амсоли Л.И. Абалкин, В.А.Амбарсумян, Н.Н.Боголюбов) ширкат варзидаанд. Луғатҳои энсиклопедӣ аз рӯи мавзӯъ, мазмуну мундариҷаи калимаю истилоҳоти тафсирёбанда ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1. Энсиклопедияи умумӣ (мас., «Энсиклопедияи советии тоҷик»); соҳавӣ (мас., «Энсиклопедияи адабиёт ва санъат») ва минтақавӣ (регионалӣ). Дар таърихи қомуснигории тоҷик унсурҳои энсиклопедияҳои соҳавӣ доир ба таърих, ҷуғрофия, тиб, кайҳоншиносӣ, дин, мантиқ, арӯз, иқтисодиёт, кишоварзӣ мавҷуд буданд. Асарҳои «Таърихи Табарӣ» ва «Равзат-ус-сафо»-ро бинобар маълумоти муҳими таърихӣ доштан оид ба мамолики Шарқ, Осиёи Миёнаю Афғонистон ва Эрон энсиклопедияи соҳавӣ номидаанд. Дар тамаддуни башарӣ энсиклопедияҳои умумии «Энсиклопедияи калони шӯравӣ», Энсиклопедияи Британия (ИМА ва Британияи Кабир), «Брокгаузи бузург (РФГ)», «Ларусси бузург» (Фаронса), «Энсиклопедияи италиявии илм, адабиёт ва санъат», «Энсиклопедияи бачагона» (Иттиҳоди Шӯравӣ) аз луғатҳои пурғановат ҳисобида шуда, дар таҳаввулу инкишофи илми ҷаҳонӣ мавқеъ ва мақоми бузург доранд.

Луғатҳои этимологӣ. Дар луғатҳои этимологӣ калимаҳои забони муосир бо шаклҳои хеле бостониашон ва мувозиҳо ва муодилҳои дар забонҳои хеш ва наздик доштааш муқоиса карда шуда, қолаби овозӣ ва маънои қадимтарини онҳо дар ҳамин асос барқарор карда мешаванд. Ба гуфти Антуан Мейс – яке аз асосгузорони методи тадқиқи муқоисавию таърихӣ «муқоиса барои ба даст овардани ду мақсади мухталиф – ошкор намудани қонуниятҳои умумӣ ва ба даст овардани маълумоти таърихӣ

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

анҷом дода мешавад». Тадқиқу ташхиси этимологияи илмии калима татбиқи ҳатмии мувофиқату мутобиқати қонуниятҳои савтиро дар назар дорад. Масалан, таркиби овозии садоноку ҳамсадои «л» баъд аз садоноки лабӣ дар гузаштаи бостон ба таркиби овозии *rd баробар будааст: сол < форсии миёна sāl, дар форсии қадим θard; пул < pul < *prdu ба маънои «ало було». Роҷеъ ба забонҳои ҷудогонаи эронӣ чунин луғатҳои этимологӣ мураттаб шудаанд: **Абаев В.И. Историко-этимологический словарь осетинского языка**. – Т. 1. – М. – Л., 1958. – 655 с.; Т. 2. – Л., 1973. – 448 с.; Т. 3. – Л.- М., 1979. – 358 с.; Т. 4. – Л., 1989. – 352 с. (Луғати таърихиву этимологии забони осетинӣ). **Расторгуева В.С., Эдельман Д.И. Этимологический словарь иранских языков**. – Т. 1. – М., 2000. – 327 с. (Луғати этимологии забонҳои эронӣ). **Ҷӯраев Р. Этимологияи сад калима**. – душанбе, 1985. – 28 с. Ин ягона луғатест, ки дар он этимологияи калимаҳои забони адабии муосири тоҷик маънидод мешавад. Дар луғатнигории тоҷик луғати нисбатан мукаммали этимологӣ (решашиносӣ) вуҷуд надошта бошад ҳам, аз ҷумла забони тоҷикӣ ва шевашиносӣ дар заминаи рисолаҳои тадқиқотӣ маводи зиёде ҷамъ оварда шудааст, аз ҷумла дастурҳои: Р.Х.Додихудоев. Дастури мухтасари таърихи забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1978; А.Каримов. Таҳлили лексикӣ-грамматикии матнҳои қадим, УДТ, Душанбе, 1986; Х.Додихудоев, Л.Г.Герценберг. Таърихи забони тоҷикӣ, Душанбе, 1989; Р.Ҷӯраев. Дастур оид ба дарсҳои амалии таърихи забони тоҷикӣ, Кӯлоб, 1976; З.Мухторов. Таърихи забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2003. – 151 саҳ. Боби замимаи дастури А.Каримов «Хрестоматияи забони паҳлавӣ» хусусияти луғати этимологӣ дошта, этимологияи зиёда аз 400 калима шарҳ дода шудааст. Барои намуна шарҳи ду калимаро меорем: – xānah- хона, ҳавлӣ, истиқоматгоҳ. Ҳорн онро аз масдари авестоии kan (феъли хондан) маънидод мекунад. В.И.Абаев ин нуқтаи назарро давом дода, менависад, ки kan дар бисёр забонҳои эронӣ васеъ истеъмол меёбад – «кандан, кофтан, хок тепа кардан». Дар ҳиндии қадим khan – «кандан, koftan», авестоӣ xan – «чашма, чоҳ».

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

М

Мавзуният, такрори муназзами воҳидҳои мушобеҳ ва қобили қиёси нутқ, ки вазифаи (функцияи) сохторӣ, матнсозӣ ва эҳсосию муасириро иҷро мекунад. Мавзунияти нутқ яке аз зуҳуроти қонунияти бунёдии табиат мебошад. Мавзуният дар матнҳои шеърӣ бештар ва дар нутқи муколамавӣ камтар дида мешавад. Воҳиди мавзунияти наср синтагма ва воҳиди мавзунияти каломи мавзун (шеър) овоз, ҳиҷо, сатр (мисраъ), банд (қитъа) аст. Ин воҳидҳо системаи дараҷанокиро ташкил медиҳанд. Воҳиди асосии мавзуният-гурӯҳи мавзун аз як ҳиҷои заданок ва якчанд ҳиҷои безада иборат аст. Дар ташаккули мавзуният ҳама гуна воситаҳои забонӣ: овозӣ, оҳангӣ, наҳвӣ, луғавию маъноӣ, аз ҷумла такрори гуногуни мувозинат иштирок мекунанд.

Маданияти нутқ (ҳусни сухан). 1. Донистани меъёрҳои забони адабии шифоҳӣ ва хаттӣ (қоидаҳои талаффуз, зада, истифодаи калимаҳо, грамматика, услубшиносӣ), инчунин истифодаи воситаҳои ифоданоки забон дар ҳолатҳои гуногуни муошират мутобиқи ҳадафу мазмуни нутқ. 2. Як бахши забоншиносӣ, ки масъалаҳои меъёррезиро таҳқиқ мекунад. Мавҳуми маданияти нутқ (ба маънои якумаш) ду дараҷаи донистани забони адабиро дарбар мегирад: дурустии нутқ, яъне риояи меъёрҳои забони адабӣ,ки гӯяндагону нависандагон ба сифати «идеал» ё намунаи маҳорати забондонӣ эътироф мекунанд. Мафҳуми асосии назарияи маданияти нутқ меъёри забон аст. Ба маънои дуюмаш вазифаи асосии маданияти нутқ омӯзиши меъёрҳои объективии забонист (дар ҳамаи сатҳҳои забон). Луғатнигорӣ дар ташаккули меъёррезии забони адабӣ ва инкишофи назарияи маданияти нутқ, аз ҷумла луғатҳои меъёрии имло, талаффузи адабӣ, таълимию дастурӣ, саҳми назаррас дорад.

Мадд - аломатест аз аломатҳои ҳаракат ва одатан дар аввали калима болои ҳарфи алиф мегузоранд ва онро о мехонанд. Ба ин шакл аст: ~: آرام - ором, آداب – одоб, آدم – одам, آگاه – огоҳ, آرزو – орзу.

Мазидилайҳ - пешояндҳои таркибиро мазидилайҳ меномиданд. Ба ғайр аз, бағуз, ба тарафи, дар зери, роҷеъ ба.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Мазмун - маҷмӯи маъноҳое, ки ба як фикри тамомшуда далолат мекунад. Калима маъно дораду ҷумла мазмун. Мазмун маънои васеъ дорад: мазмуни қисса; мазмуни ҳикоя; мазмуни роман.

Макролингвистика. 1. Забоншиносӣ ҳамчун илми ҷомеъ ва ягона, ки ба микролингвистика ва металингвистика ҷудо мешавад. 2. Як соҳаи забоншиносӣ, ки забонро дар сатҳи микробофт меомӯзад, яъне ба таври васеъ тавассути методҳои оморӣ.

Макросегмент. Номи умумӣ барои ҳиҷои фонологӣ ва калимаи фонемагӣ.

Макросистемаи истилоҳот. Маҷмӯи истилоҳоте, ки бо ҳамдигар дар сатҳҳои мафҳумӣ, луғавию маъноӣ, калимасозӣ ва дастурӣ (грамматикӣ) алоқаманданд: «Грамматика», «маънои грамматикӣ», «шакли грамматикӣ», «категорияи модалият» ва м.и.

Макротопоним – номи мавзеи калони табиӣ-ҷуғрофӣ, ки майдони васеи истифода дошта, маълуму машҳур аст: Африқо, Уқёнуси Ҳинд, Осиёи Марказӣ, Аврупо, Австралиё, Иёлоти муттаҳидаи Араб, Иёлоти муттаҳидаи Амрико ва м.и.

Мактаби Александрия – суннати таҳқиқи забон, ки дар яке аз марказҳои мадании антиқа – Александрия, маркази Мисри қадим дар охири асри 4-и пеш аз эраи мо. Намояндаи барҷастаи ин мактаб Зенодот аз Эфеса, Ликофрон, Александр Этолийский ва дигарон. Танҳои таълифоти начандон зиёди филологҳои Александрия боқӣ мондааст. Дар анъанаи мактаби Александрия филология ва грамматика ҳамчун як соҳаи филология ташаккул ёфтааст. Принсипҳои тасвири забон, ки дар мактаби Александрия тарҳрезӣ шудааст, дар адабиёти илмӣ ҳамчун «системаи грамматикаи александрӣ» машҳур аст. Ин мактаб предмети грамматикаро аз соҳаҳои дигари забон ҷудо намуда, дар он бахшхои гуногунро ҷудо намуд, ки намунаи фонетика, морфология ва синтаксиси ҳозира мебошад. Мактаби Александрия таълимот дар бораи забонро дар ҳамаи қабатҳои он, аз «унсурҳо», ё «ҳарфхо» оғоз намудааст. Аз рӯйи аломатҳои акустикию талаффузиашон садонокҳо, ҳамсадохо ва

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

нимсадонокҳоро ҷудо намудаанд. Инчунин ҳиҷо ва тағйиротҳои гуногуни овозӣ: – ҷойивазкунӣ, элизия ва м.и.-ро низ омӯхтаанд. Калимаро ҳамчун кисми хурдтарини нутқи алоқаманд донистаанд. Филологҳои Александрия 8 ҳиссаи нутқро муқаррар намудаанд: исм, феъл, сифати феълӣ, аъзо, ҷонишин, пешоянд, зарф, пайвандак (Дионисий Фракийский). Дар мактаби Александрия луғатнигорӣ ба вуҷуд омад, ки ин анъана ба фаъолияти луғатсозию луғатнигории асрҳои миёнаи Аврупо таъсири зиёд расонд. Ин мактаб намунаҳои таҳияи синтаксисиро ҳамчун ҷузъи грамматика ба вуҷуд овард. Апполония Дискол истилоҳи «синтаксис»-ро ба маънои васеаш барои ифодаи муносибатҳои алоқаи унсурҳои нутқ истифода бурдааст.

Мактаби Виноградов дар забоншиносӣ. Яке аз мактабҳои забоншиносии шӯравӣ, ки солҳои 40-50-и асри 20 ба вуҷуд омада, ҳамфикрон ва пайравони роҷеъ ба масоили табиати забон ва методологияи умумии омӯзишу таҳқиқи онро муттаҳид намуда буд. В.В.Виноградов яке аз созмондиҳандагони барҷастаи илмҳои филологии замони шӯравӣ буд. Ба фаъолияти ӯ таъсири ғояҳои А.А.Мехматов ва Л.В.Щерба мушоҳида мешавад. Аз Шахматов методикаи таҳлили муқоисавию таърихӣ ва тавсифи амиқу муназзами забонро пазируфт, аз Щерба майлону рағбати зиёд ба забон ҳамчун системаи фаъол ва танзимкунандаи меъёрҳои забонӣ. Виноградов забонро ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ баррасӣ намуда, дар он натанҳо эволютсияи система, балки анвои нутқ ва шаклҳои нутқро медид. Дар назарияи Виноградов дар маркази омӯзиши забон, аз як ҷониб, калима ҳамчун воҳиди марказии системаи забонӣ, аз ҷониби дигар, - матн бо ҳама мураккабиҳояш, дар равобити мутақобили забон ва нутқ баррасӣ мешавад. Виноградов табақабандии нави ҳиссаҳои нутқро пешниҳод намуд. Ба системаи ҳиссаҳои нутқ «ҳиссачаҳои нутқ», калимаҳои модалӣ ва категорияи ҳолатро ворид намуд. Ғояҳои Виноградов дар назарияи вожашиносӣ – тарҳрезии анвои маъниҳои луғавии калима, амиқтар кардани мафҳуми «лексема» ва барқарории назарияи гуна-вариантҳои услубӣ, грамматикӣ

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ва маъноии калима, таълимот роҷеъ ба фразеология ҳамчун бахши махсуси забоншиносӣ, танзими навъҳои воҳидҳои фразеологии забони русӣ барои инкишофи минбаъдаи вожашиносии русӣ ва луғатнигории умумӣ шароити мусоид фароҳам оварданд.

Мактаби забоншиносии Араб. Дар асрҳои VII–VIII давлати бузурги арабҳо – Хилофат Араб таъсис меёбад. Дар давлати гуногунзабон ва гуногунфарҳанг забони давлатӣ забони арабӣ ва дин дини ислом буд. Мактаби забоншиносии Басра соли 636 ва Куфа соли 638 таъсис меёбад. Забоншиносони басрагӣ ба таври қатъӣ риоя кардани меъёрҳои забони классикии арабӣ, хусусан китоби муқаддаси Қуръон ва назми классикиро тасвиб мекарданд. Забоншиносони мактаби Куфа бештар ба ҷиҳати амалӣ таваҷҷӯҳ доштанд. Аксари муҳаққиқон Абуласвод ад-Дуалиро асосгузори илми забоншиносии араб мешуморад. Забоншиносони араб дар се марказ фаъолият доштанд. Бо таъсири афкори грамматикии Юнони бостон ад-Дуалӣ ҳиссаҳои нутқи забони арабиро ба се қисм: исм, феъл ва ҳарф гурӯҳбандӣ намудааст. Илми арабшиносии Араб аввалин бор пас аз он ки Абуласвод ад-Дуалӣ ба ҳаракот асос гузошт, дар Басра шакл гирифт. Аввалин наҳвиёни мактаби Басра Ибн Абӯисҳоқ ал-Хоразмӣ, Исо ибн Умар, Абӯамр ибн ал-Ало, Юнус ибн Ҳабиб ва дигарҳо мебошанд. Халил ибн Аҳмад намояндаи барҷастаи ҳамин мактаб буда, аввалин забоншиносе буд, ки дар «Китоб-ал-айн» ном асараш ҳарфҳои забони арабиро аз рӯи махраҷашон гурӯҳбандӣ намуд. Асар аз ҳарфи айн ع шурӯъ мешавад. Тақсимот ба тариқи зайл аст: ҳамсадоҳои ҳалқӣ, забончагӣ, забонӣ, каноризабонӣ, комузабонӣ, забонукомӣ, нӯгизабонудандонӣ, нӯгизабонукомӣ ва лабӣ. Асари Халил ибни Аҳмади Басрӣ «Китоб-ал-ъайн» то замони мо нарасидааст, вале аз рӯйи асари «Ал-китоб»-и Сибавайҳ, ки аслан эронитабор буд, маълум мешавад, ки Аҳмади Басрӣ бунёдгузори арӯзи арабӣ буда, сохтори калимаҳои арабӣ, овозҳои ҳамсадо, садонокҳои кӯтоҳ, хусусиятҳои сифатию миқдории онҳоро нишон додаст. Тадқиқи системанок ва мукаммали грамматикаи забони арабӣ дар китоби Сибавайҳ – «Ал-китоб» дода шудааст. Муаллиф

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

маълумотҳои парокандаи марбути забони арабиро ба як низоми муайян дароварда, меъёри забони адабӣ ва истилоҳоти марбути забоншиносиро ҳам муқаррар намуда, ба низом даровардааст. «Ал-китоб» аз 568 фасл иборат буда, роҷеъ ба бисёр масъалаҳои забони арабӣ маълумот медиҳад. Муаллиф 39 ҳарфи арабиро нишон дода, аз рӯйи тарзи тавлид ба 26 навъ ҷудо кардааст. Овозҳо – фонемаҳоро аз рӯйи тарзи талаффузашон ба чор гурӯҳ: ором талаффузшаванда, ба монеаҳо дучоршаванда, пӯшидаталаффуз ва кушодталаффуз ҷудо кардааст. Сибавайҳ ҳиссаҳои нутқро мисли забоншиносони дигари араб ба се гурӯҳ ҷудо кардааст: исм, феъл ва ҳуруф. Исмро ба муайяну номуайян, хосу ҷинс, ошкору (исмҳои аслӣ) ниҳон (ҷонишинҳои шахсӣ), умумӣ (ҷонишинҳои ишоративу нисбӣ) ҷудо намудааст. Забоншиносони араб грамматикаи забон: наҳв, сарф ва ҳуруфро дохил намудаанд. Дар мактабҳои забоншиносии Басра, Куфа, Бағдод забоншиносони зиёда аз кишварҳои тобеи Хилофат ҷамъ омада буданд. Мактаби грамматикии Басра ишороти фориқ (аломатҳое, ки барои фарқи овозҳои гуногуни бо як ҳарф ифодашаванда, ки аз поён ё аз болои ҳарф гузошта мешавад) ва аломатгузории эъроби калимаро насиби мактаби грамматикии Куфа гардонид. Дар таълифоти забоншиносони Басраю Куфа истилоҳоти зиёди грамматикиро истифода бурдаанд, ки муодили онҳо дар забоншиносии тоҷик инҳоянд: ишораҷонишин, ҷонишини ишоратӣ, тарзи фоилии сифати феълӣ, ҷонишин, пуркунанда, зарф, масдари мутлақ, бадал, алоқаи ҳамроҳӣ, тамйиз (фарққунанда, маҳдудкунанда), ҳиссачаҳои инкорӣ, тасрифшаванда, ҳиссачаҳои таъкидӣ. Дар рушду нумӯи забоншиносии араб саҳми донишмандони мактаби грамматикии Бағдод (Ибн Кайсон, Аз-Зуҷоҷӣ, Абулаӣ ал-форисӣ, Ибн Ҷиннӣ), мактаби грамматикии Андалус (Ал-Аълам аш-Шантамарӣ, Ибн ас-Саййид, Ибн-ал-Бозиш), мактаби грамматикии Миср (Валлод ибн Муҳаммад ат-Тамимӣ, Муҳаммад ибн Валлод, Ал-Ҳуфт) низ зиёд аст.

Мактаби лингвистии Женева – яке аз мактабҳои тамоюли сотсиологӣ дар забоншиносӣ, ки ба ғояҳои «Курси забоншиносии

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

умумӣ»-и Ф. де Соссюр такя мекунад. Насли якуми забоншиносони мактаби Женеваро шогирдони Соссюр Ш.Балли ва А.Сеше, С.О.Карцевский, насли дуюмро – А.Фрай, Р.Гёдель ва дигарон муаррифӣ менамоянд. Дар маркази таваҷҷӯҳи мактаби Женева – проблемаҳои забоншиносии умумӣ,ки аз рӯйи маводи забонҳои гуногун, пеш аз ҳама, забони фаронсавӣ ҳаллу фасл шудаанд, таносуби фардӣ ва сотсиалӣ дар падидаҳои забонӣ ва нутқ, робитаи забон ва тафаккур, проблемаи семиология, семантика ва синтаксис қарор гирифтаанд. Асари Соссюр «Хотира роҷеъ ба нахустсистемаи садонокҳо дар забонҳои ҳиндуаврупоӣ» ба муаллиф шӯҳрати умумиҷаҳонӣ овард, чунки дар он дар илми забоншиносӣ принсипи нави таҷдиди системаи фонологии нахустзабон аз рӯйи маводи морфология ворид карда шуда буд. Дар асарҳои ба задаи литовӣ (аксентология) оид (1894–96) Соссюр (ҳамзамон бо Ф.Ф.Фортунатов), аммо мустақим хосияти (характер) зада ва оҳанги калимаро дар забонҳои балтикӣ муайян намуд (конуни Фортунатов – Соссюр. Соли 1916 «Курси забоншиносии умумӣ» нашр гардид, ки шогирдони ӯ Балли ва Сеше аз рӯйи курси шунидаашон мураттаб намуда буданд. Дар ин асар ақидаҳо ба забон ташреҳ гардида буд, ки ба забоншиносии асри XX таъсири бузурге гузошта буд, аз ҷумла дар инкишофи забоншиносии сохторӣ, зеро аввалин бор дар забоншиносӣ забон ҳамчун система (структура-сохтор) баррасӣ гардид. Соссюр дар зуҳуроти гуногуни фаъолияти гуфтор ҷудо карда буд: забон – системаи аломатҳо, падидаи сотсиалию рӯҳӣ, ки гӯяндагон аз худ мекунанд – онро лингвистикаи забон меомӯзад; нутқ падидаи фардию психофизиологист. Лингвистикаро Соссюр ҳамчун як қисми илми нав, ки ҳаёти аломатҳоро дар дохили ҷамъият меомӯзад шарҳ додаст. Онро семиология номид. Аломати лингвистӣ (калима ва ҳиссаи маънодори он) моҳияти дуҷониба аст, ягонагии ифодашаванда (мафҳум) ва ифодакунанда (образи акустикӣ) буда, аз рӯйи принсипи озодона амал мекунад. Хосияти дуюми аломати лингвистӣ – пайиҳам омадани ифодашаванда дар амали гуфтор (нутқ). Аз солҳои 70-и асри 20 Соссюрро ҳамчун намояндаи фалсафаи забон

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

муаррифӣ мекунанд, зеро ӯ проблемаи онтологияи забонро чун системаи семиотикӣ ворид намуд.

Мактаби лингвистии Қазон. Дар охирҳои асри XIX дар Россия ду мактаби забоншиносӣ вуҷуд дошт, ки яке аз он мактаби лингвистии Қазон буд. Ин мактаб бо номи забоншиноси машҳур Бодуэн де Куртене (1845-1929) сахт алоқаманд мебошад. Ақидаҳои ӯ дар асарҳои «Баъзе мулоҳизаҳои умумӣ роҷеъ ба забоншиносӣ ва забон» (1871), «Таҷрибаи назариявии ҷойивазкунии фонетикӣ» (1895), «Лингвистика асри XIX» (1901), «Қоидаҳои лингвистӣ ва афоризмҳо» (1903), «Муқаддимаи забоншиносӣ» (1917) инъикос ёфтаанд. Бодуэн де Куртене дар забоншиносӣ истилоҳҳои амсоли фонема, морфема, морфологизатсия, семасиологизатсия, синтагма, лексема, графемаро ворид намуд. Муҳимтарин ақидаҳои ӯ ба тариқи зайл аст: а) тафовути овозу ҳарфро тақозо менамуд; б) бартарии маводи забонҳои зиндаро нисбат ба далелҳои забонҳои қадимаи хаттӣ таъкид менамуд; в) фарқ кардани синхрония (ҳамзамонӣ) ва диахрония (дарзамонӣ) замонро талаб мекард. Ин масъала баъдтар асоси консепсияи Соссюр мегардад; г) бар хилофи ақидаи Шлейхер организм набудани забонро таъкид намуда, зикр намудааст, ки забон организм нест. Аз ин рӯ, онро аз инсон набояд ҷудо омӯхт. Ӯ дар таълифоташ ҷиҳати равонию иҷтимоии забонро ба эътибор мегирифт. Д) Бодуэн забонро чун системаи муайян медонист. Ӯ нахустин забоншиносест, ки овозу фонемаро ҳамчун падидаи физикаи функсионалӣ фарқ мекард.

Мактаби лингвистии Москва. Филипп Федорович Фортунатов (1848-1914) асосгузори мактаби лингвистии Москва буд. Доираи тадқиқоти ин забоншиноси маъруф хеле васеъ буд. Ӯ дар баррасии масъалаҳои марбути фонетика ва морфологияи забонҳои ҳиндуаврупоӣ ҳамчун мутахассиси варзида эътироф шудааст. Мактаби забоншиносии Москва бо сарварии ин олим дар сарҳади ду аср дар миқёси забоншиносии ҷаҳон ва рус мавқеи пешоҳангиро ишғол мекард. Забоншиносони шинохта Шахматов А.А., Поржезинский В.К., Ушаков Д.Н., Пешковский

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

А.М., олмониҳо Сольмсен Ф. ва Бернектер Э. ва дигарон худро шогирдони Фортунатов Ф.Ф. мушумориданд. Саҳми Фортунатов дар тадқиқу омӯзиши масоили забоншиносии умумӣ ва грамматикаи муқоисавии забонҳои ҳиндуаврупоӣ ниҳоят калон аст. Ӯ асарҳои зиёде таълиф намудааст, амсоли «Зада дар забонҳои балтикӣ» (1895), «Лексияҳо оид ба фонетикаи забони қадимаи славянӣ» (1895), «Очерки мухтасари фонетикаи муқоисавии забонҳои ҳиндуаврупоӣ» (1922) ва амсоли ин. Дар таълифоти ӯ чунин омехтагиҳоро мебинем: а) ба ҷои ҳиссаҳои нутқ калимаҳоро аз рӯйи як аломаташон ба гурӯҳҳо ҷудо мекард; б) система аз рӯйи далелҳо не, балки далелҳо аз рӯйи система ба гурӯҳҳо ҷудо мешуданд. Фортунатов баръакси Бодуэну Соссюр ба мавзӯи баҳси забоншиносӣ танҳо таърихи забонро дохил менамуд.

Мактаби лингвистии Прага – шуруъ аз оғози солҳои 20-уми садаи XX мактаби лингвистии Прага ташаккул ёфта дар солҳои минбаъда рушд кард. Мактаби лингвистии Прага аз бузургтарин марказҳои забоншиносии структуралӣ (сохторӣ) ба шумор меравад. Асосгузори мактаби мазкур забоншиноси маъруфи чех Аилям Метезиус ба шумор меравад. Дар рушди мактаби лингвистии Прага саҳми ҳамсафон, муҳаққиқон ва махсусан шогирдони В. Метезиус хеле назаррас ва бузург аст, ки С.О.Картсевский (1884–1955), Б. Трнка (1895–1984), Б.Гавранек (1893–1978), Й.Коржинек (1899–1945), Я.Мукаржовский (1891–1975) ва Р.Якобсон ва дигар забоншиносонро дар ин симат зикр кардан мумкин аст. Насли нисбатан нави ин мактаб, ки ба солҳои минбаъда андешаҳои пешиниёнро идома доданд В.Скаличка, Й.Вахек, Ф.Данеш, Я.Фирбас, П.Сгалл ба шумор мераванд. Дар рушди таълимоти збоншиносии мактаби лингвистии Прага саҳми муҳаққиқони дигар аз қабили Н.Трубетской, ки он вақт дар Вена зиндагӣ мекард, Г.О.Винокур ва Е.Д.Поливанов зиёд мебошанд. Афкори забоншиносии ин мактаб ба таълимоти мактаби фонологии Москав таъсири азаррас дорад. Дар марҳалаҳои минбаъда мактаби лингвистии Прага асоси таълимоти худро бо ду ҷанбаи муҳими

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

забоншиносӣ устувор сохт, ки ин вижагиҳои структуралӣ (сохторӣ) ва вижагиҳои функционалӣ (корбурдӣ) дар забон ба шумор мерафт. Ба назари мактаби мазкур забон бо назардошти ин ду вижагӣ метавонад ба таври мукаллма таҳқиқ ва омӯхта шавад. Солҳои ахир саҳми забоншиносии Прага дар рушди забоншиносии компютерӣ ва забоншиносии пайкаравӣ (корпускалӣ) мақоми беназирро касб намууд, ки ҳоло муҳаққиқони ин самти пажӯҳиш аз тамоми кишварҳои пешрафта дар асоси фарзияҳои илмии онҳо пажӯҳишҳои худро пеш бурда истодаанд.

Мактаби сотсиологии фаронсавӣ – ҷараёну равияи дар забоншиносии фаронсавӣ, ки забонро, пеш аз ҳама ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ шарҳ медиҳад. Чунин муносибат ба забон дар ақидаҳои Д.Дидро, Ж.Ж.Руссо, М.Бреал ба назар мерасад. Ин мактаб дар оғози асри XX дар Париж ба вуҷуд омад, ки шогирдони Антуан Мейеро муттаҳид менамуд.

Мактаби фонологии Ленинград – самти илмии таҳқиқи сатҳи овозии забон. Асосгузори ин мактаб Л.В.Щерба (пайрави И.А.Бодуэн де Куртенэ, шогирдони ӯ чун С.И. Бернштейн, Л.Р. Зиндер, М.И. Матусевич. Соли 1912 Щерба фонемаро ҳамчун воҳиде, ки қобилияти фарк кардани калима ва шаклҳои онро дорад, таъриф намуд. Ӯ вобастагии таҷзияи ҷараёни нутқро ба овозҳои ҷудогона ва таҷзияи морфологиро таъкид намуд (дар калимаҳои «бы-л», «засну-л», «он-а», «был-а» фонемаҳои дар интиҳои калима омада (л, а) ба туфайли марзаи морфологӣ ҷудо карда мешаванд. Аз рӯйи маводи забони тоҷикӣ низ ин гуна таҷзияро мушоҳида кардан мумкин аст: китоб-**и** ман, панҷ-**а**, даст-**а**, пой-**а**. Дар ин маврид мавҷудияти робитаи морфема ва фонема ба мушоҳида мерасад. Дар нимаи дуюми асри XX дар заминаи мактаби фонологии Ленинград (МФЛ) проблемаҳои амсоли таҷзия (сегментатсия) ва муттаҳид кардани тобишҳои як фонема, муайян намудани таркиби фонологии калима, тафсири фонологии падидаҳои овозӣ дар забонҳои сохти ҳиҷоӣ, мақоми забоншиносӣ ва вобастагию робитаи тарафайни аломатҳои фарққунанда фонемаҳо.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Малфуз а. ملفوظ грам. 1. Талаффузшаванда; 2. Талаффузшуда, талаффуз кардашуда; ғайри малфуз талаффуз нашаванда (оид ба ҳарф).

Матлингвистика - як соҳаи математика, ки вазифаи он тарҳрезӣ ва таҳияи усули шаклие, ки барои тасвири сохтори забонҳои табиӣ ва баъзе забонҳои сунъӣ истифода мешавад. Зарурати дақиқтар ошкор намудани мафҳумҳои асосии забоншиносӣ дар солҳои 50-и асри XX ин соҳаи математикаро ба вуҷуд овард. Усулу методҳои забоншиносии математикӣ ба методҳои мантиқи математикӣ шабоҳат дорад. Тасвири математики забон ба таълимоти Ф. де Соссюр: забон механизмест, ки вазифаи он дар фаъолияти нутқии соҳибонаш инъикос меёбад; натиҷаи он «матнҳои дуруст» – пайдарҳамии воҳидҳои нутқ аст,ки тобеи қонуниятҳои муайян буда, бештарини онҳо тасвири математикиро тақозо мекунанд. Таҳия ва омӯзиши тарзҳои тасвири математикии матнҳои дуруст (пеш аз ҳамон ҷумла) мундариҷаи яке аз бахшҳои забоншиносии математикӣ – назарияи воситаҳои тасвири сохтори синтаксисӣ мебошад. Аз рӯйи таъиноти худ забоншиносии математикӣ, пеш аз ҳама, олати забоншиносии назариявист. Ҳамзамон аз методҳои он дар тадқиқотҳои забоншиносии амалӣ, коркарди автоматии матн, тарҷумаи автоматӣ низ истифода мекунанд. Дар таҳияи луғатҳои чандомад (басомад), аз ҷумла дар таҳияи «Луғати чандомади девони Унсурӣ»-и Османов аз дастовардҳои забоншиносии математикӣ истифода шудааст.

Матн – текст – лот. texus – матоъ, ба ҳам пайвастан, пайванд. Пайвастаи комили забон, ки вижагии алоқамандӣ ва яклухтиро доро буда, тавассути алоқаҳои сохторию маъноии воҳидҳои аломат ташаккул ёфта, воҳиди асосию мукаммали мухобирот ба шумор меравад. Дар семиотика дар зери мафҳуми матн пайдарҳамии ҳама гуна аломатҳо, ҳама гуна шакли алоқаю робита фаҳмида мешавад: рақс, расму оин, маросим. Дар забоншиносӣ матн пайдарҳамии аломатҳои забонист. Таҳқиқи матн дар кишварҳои гуногун бо номҳои мухталиф: лингвистикаи матн, сохтори матн, грамматикаи матн сурат мегирад. Дар адабиётшиносӣ матн

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

навиштаи аслии муаллиф, сухани аслии нависанда, ки дар шакли дастнавис ё чоп арзи вуҷуд дорад.

Мафҳум. Ифода, маънои тасаввуркардашуда, ки дар асоси хаёлот, андеша ба вуҷуд омадааст; маънои амиқи предметӣ надошта; ифодаи хаёлӣ, тасаввурӣ аст. Мафҳум ҳамчунин нуктаи куллӣ ё маъное, ки як калима ё намод дар зеҳни шахс дорад. Мафҳумҳо ҳамон маъниҳои интизоӣ ҳастанд,ки калимаҳо ва дигар воҳидҳои забон нишон медиҳанд. Забоншиносон мӯътақиданд, ки тамоми забонҳо метавонанд мафҳумҳои яксонро баён намоянд. Агарчи баъзе забонҳо барои баъзе мафҳумҳо, ки дар забонҳои дигар ҳаст, номҳои камтаре доранд. Тамоизе,ки забонҳо байни мафҳумҳои гуногун мегузоранд, низ мумкин аст мутафовут бошанд.

Маҷоз. Маҷоз суханро ба маънии аслӣ (ҳақиқӣ) не, ба маънои ғайриҳақиқӣ-кӯчида кор фармудан аст. Чунончи, агар «дастам ба шохи баланди дарахт намерасад» гӯем, ҳамаи калимаҳо ба маънои аслии худ омадаанд, вале агар бигӯем, ки:

Дастам намерасад ба гиребони орзу,

Зоғон хӯранд меваи шохи баландро.

Ҳамаи калимаҳо дар мисраи якум ба маънои маҷозӣ омадаанд, зеро даст, ки ҷисмонӣ аст, ба орзу, ки исми маънист, намерасад ва орзу гиребон надорад. Дар мисраи дуюм, ки зоҳиран ғайри маҷозист, зеро дар ҳақиқат меваи шохи баландро, ки дастнорас аст, паррандагон мехӯранд, аммо зоғи сиёҳ маънои маҷозӣ дорад, зеро меваи шохи баландро натанҳо зоғон, ҳамаи паррандагон мехӯранд. Ин ҷо мурод аз зоғ сияҳтинатист, ки аз неъматҳои моддӣ ва маънавӣ баҳрамандаанд, вале одамони нек аз он маҳруманд.

Маъно – маънӣ, мафҳум: маънии калима, ба маънии маҷозӣ, ба маънии васеъ, аз лиҳози маънӣ. 1. Маънӣ, он чи ки предмети муайянро ифода мекунад (калима, аломат, ишора: маънои калимаро муайян кардан – инъикоси бевосита ё бавоситаи предмет ва падидаҳои ҳаёти воқеӣ дар

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

шуури одамон, ки бо қиёфаи овозии калима ифода карда мешавад, маъно ном дорад).

Маънои вобастаи фразеологии калима ҷудонопазир аст ва бо маънои ҷузъҳои дигари ифодаи рехта омезиш ёфта, ба маънои яклухт мубаддал шудааст: баланд бардоштан «тараққӣ додан»; пасту баланд «номураттабӣ», аз даст додан «гум кардан, бой додан».

Маънои грамматикии калима. Ҳар як калимаи забон, махсусан ҳиссаҳои мустақили нутқ маънои луғавию грамматикӣ доранд. Калима ҳамчун воҳиди луғавӣ дорои ин ё он маънои мушаххаси луғавист ва бо ёрии шаклҳои грамматикиаш муносибатҳои гуногунро ифода мекунад. Масалан, «меравем» на танҳо амалу ҳаракати муайянро мефаҳмонад, балки инчунин ба ҳаракате далолат мекунад, ки он дар замони ҳозира-ояндаи сиғаи хабарӣ иҷро мешавад ва онро якчанд кас иҷро мекунанд. Ҳамон маъноҳои умумие, ки ба маънои луғавии калима бевосита алоқа надоранд (зеро дар калимаҳои дигар низ (**мехонем, мегӯем, месозем**) маънои грамматикист. Маънои грамматикӣ дар морфология маънои умумии калимаҳо ҳамчун ҳиссаҳои нутқ (масалан, маънои шаъйӣ-предмети исм). Инчунин маъноҳои ҷузъии калимашакл ва калимаҳо, ки дар ифодаи категорияҳои грамматикӣ муқобили ҳамдигар қарор доранд (масалан, маънои ин ё он замон, шахсу шумора, шумора, ҷинсият). Синтаксис дорои маънои мухобиротӣ-хабарист.

Маънои ишоратии калима. Маънои ишоратӣ шайъ ё хулосаеро зикр мекунад, ё онро фақат номбар мекунад. Чунончи, бо ҷонишинҳои ишоратии **ин, он, ҳамин, ҳамон** ва шахсии **ман, мо,** исмҳои хоси **Назар, Баҳром, Манижа, Варзоб, Самарқанд, Ому, Ванил** танҳо ном ифода мешавад. Ин гуна калимаҳо дар забони тоҷикӣ танҳо ҳамчун воситаи ишорат-ном ифода мешаванд.

Маънои луғавӣ. Калимаҳо бо қиёфаи овозии доимию устувори худ ба системаи маъноҳои гуногун далолат мекунанд. Маъноҳои луғавии калимаҳо инъикоси бевоситаи ашё, ҳодисаҳо, воқеаҳои ҳаёти объективӣ ва муносибатҳои гуногуни байни онҳост. Маъноҳои луғавӣ чун образҳои

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

муҷаррад робитаи қиёфаи овозии калимаҳоро бо предмету ҳодисаҳо алоқаманд мекунанд. Маъноҳои луғавии калимаҳоро ба озоду устувор ҷудо мекунанд. Дар маънои озод калима имконияти бештари зоҳиршавӣ дошта, бо калимаҳои дигар ҳамнишин мешавад. Маъноҳои мафҳумӣ, эҳсосотӣ, модалӣ ва ишоратӣ аз ҷумлаи маъноҳои озоди луғавианд. Дар маъноҳои мафҳумии калима мавридҳои истеъмолии он сабт шудааст. Чунончи, дар калимаҳои посбон, дидбон, муҳофиз маъноҳои ифодашуда бошад ҳам, калимаи аввал (посбон) умумиистеъмолӣ буда, дуюмӣ гуфтугӯӣ ва сеюмӣ хоси услуби хаттист. Маъноъҳои луғавии эҳсосотӣ бидуни олоиши унсури мафҳумӣ низ зоҳир мешавад. Дар калимаҳои амсоли **аҳсан, ҳайф, ҳайҳот, сабил, зормонда, шайтон, хаппак** ифодагари маъноҳои эҳсосоианд. Маъноҳои луғавии модалӣ аз ифодаҳои гуногуни грамматикӣ фарқ карда, ба тариқи холис низ зоҳир мегарданд: **кошкӣ, илоҳӣ, мабодо, эҳтимол, шояд, бояд, канӣ, охир, оқибадар, осӣ** ва м.и.

Маъноҳои вобастаи фразеологӣ. Ин гуна маъноҳо бо доираи маҳдуди истеъмоли худ фарқ мекунанд. Чунончи, калимаи шӯр ба маънои «олудаи намаки минералӣ» дар ибораи изофии замини шӯр; курсӣ ба маънои «паҳлуӣ» дар ибораи дандони курсӣ аз ҷумлаи чунин маъноҳоянд.

Метод (аз юн. méthadas – тариқи таҳқиқ) дар забоншиносӣ – маҷмӯи нишондоду дастурҳои назариявӣ, усулу тарзи таҳқиқи забон, ки бо назарияи мушаххаси забоншиносӣ ва методологияи умумӣ алоқаманданд. Ҳар як метод дар ин ё он соҳаи забоншиносӣ истифода мешавад. Чунончи, ҷиҳати таърихии забон дар забоншиносии **муқоисавию таърихӣ**, ҷиҳати сохтории забон дар забоншиносии сохторӣ, механизмҳои пуртаҳрик дар грамматикаҳо. Ба ин маънӣ усулу методи таҳқиқро мавзӯю предмети омӯзиш муайян мекунад.

Методи муқоисавию таърихӣ нахустметоди забоншиносист, ки дар оғози асри 19 дар заминаи асарҳои Р.К.Раск, Ф.Бопп, Я.Гримм, А.Х.Востоков ҳамчун методи ҷомеъ ба вуҷуд омад. Ин метод ба назарияи забоншиносии муқоисавию таърихӣ мутобиқат дорад. Муқаррароти методи муқоисавию таърихӣ: ҳар як забон бо хосиятҳои

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

такрорнашавандааш фарқ мекунад, ки танҳо дар муқоиса бо дигар забонҳо ошкор мегардад; а) муқоиса дар баъзе забонҳо хешигарӣ – аз як сарчашма пайдо шуданро муқаррар менамояд (забони мавҷуда ё аз байн рафта). Дар асоси ин забонҳоро ба гурӯҳҳо, ба оилаи забонҳо, чунони, забонҳои славянӣ, романӣ, германӣ, балтикӣ, эронӣ ҷудо мекунанд; б) тафовути хешигарии забонҳоро танҳо тавассути инкишофи пайдарпайи онҳо шарҳ додан мумкин аст, ки хосияти муҳимтарини забон аст; в) дар ҷараёни инкишоф овозҳои нутқ, дар қиёси унсурҳои дигари забон бештару тезтар ба тағйирот дучор мешаванд. Дигаргунию забонҳои ҳинду аврупоӣ таҳаввули овозҳои нутқ дар доираи як оилаи забонҳо мутобиқи қонун аст ва онҳоро дар шакли қонунҳои фонетикӣ ташреҳбандӣ кардан мумкин аст. Решаи калимаҳо ва флексия (бо назардошти қонунҳои овозӣ) одатан дар тӯли ҳазорсолаҳо устувор аст, ки барои муқаррар намудани архетипҳои ин унсурҳои забон имкон медиҳад. Методи муқоисавию таърихӣ инкишофу такмил меёбад ва тадриҷан ба ҷуз фонетика ва морфология тадриҷан синтаксису семантикаро низ дар бар мегирад.

Методи тасвирӣ. Ин метод яке аз қадимтарин ва ҳамзамон методи муосири забоншиносӣ мебошад. Грамматикаҳои бостонии хитоӣ, ҳиндӣ ва юнонӣ дар асоси ҳамин метод таҳия гардидаанд. Системаи тарзу усулҳое, ки ин ё он ҳодисаи ҳозираи забонро муайян мекунад, методи тасвирист. Вобаста ба мавзӯи тадқиқ калима ва ҷумлаҳои ҷудогона аз матн ҷудо карда мешаванд. Сипас калима ва ҷумлаҳои интихобшуда мувофиқи мавзӯю мундариҷаашон тасниф карда мешаванд. Дар марҳилаи сеюм маводи ҷудокардашуда мавриди таҳлил қарор мегирад. Ду навъи таҳлил мавриди баҳрабардорӣ қарор мегирад: категориявӣ (якҷоякунӣ) ва дискретӣ (ҷудокунӣ). Ба намуди аввал унсурҳои мавриди тадқиқ бояд мансуби як категорияи забонӣ бошанд. Масалан, фонемаҳои а, и, э, о, у, ӯ аз ҷиҳати тавлидию физикӣ (акустикӣ) аз ҳамдигар фарқ мекунанд, аммо аз ҷиҳати тарзи талаффуз (ба монеа дучор намудан) ба як гурӯҳ – садонокҳо дохил мешаванд. Ё ки пасвандҳои зор-, -истон, -гоҳ, -шан калимаҳои гуногун месозанд, аммо ба як гурӯҳ дохил мешаванд, зеро

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ҳамаи онҳо исмҳои макон месозанд. Воҳидҳои нисбатан калонтар ба гурӯҳ ва зергурӯҳҳои хурдтар ҷудо карда мешаванд. Ҳиссаҳои номии нутқ ба исму сифату шумораю ҷонишин ҷудо мешаванд. Ҷумлаҳои мураккаб ба пайвасту тобеъ, ҷумлаҳои содаи яктаркиба ба феълию номӣ ва ҷумлаҳои содаи яктаркибаи феълӣ ба муайяншахсу умумишахсу бешахс ҷудо карда мешаванд. Ду намуди методи тасвириро фарқ мекунанд: **усули шарҳи беруна** ва **усули иҷтимоӣ (сотсиологӣ)**.

Методикаи дистрибутивӣ. Воҳидҳои забон дар матн паиҳам ҷой мегиранд. Бо ёрии методикаи дистрибутивӣ доираи воҳидҳои забонӣ ва матни онҳо омӯхта мешавад. Яке аз усулҳои методикаи дистрибутивӣ бо ҳам алоқамандона истифода шудани (омадани) калимаҳост. Дар ин маврид муносибати калимаи асосию тобеъ ба эътибор гирифта мешавад. Доираи воҳидҳои забонӣ ва матни онҳо омӯхта мешавад. Бо ҳам алоқамандона омадани калимаҳо яке аз усулҳои методикаи дистрибутивӣ мебошад. Дар ин маврид муносибати калимаи асосию тобеъ ба назар гирифта мешавад. Масалан, феъли омадан бо калимаҳои имрӯз (омад), тез (омад), аспакӣ (омад) ва таркибҳои бо рафиқ (бо рафиқаш омад), ба хона (омад) алоқаманд шуда метавонад, вале бо калима шакли китобро омада наметавонад, чунки феъли монда аст. Намуду анвои матн низ ба воҳидҳои забон таъсир мерасонад. Масалан, ибораи рехтаи «дандон ба дандон мондан»-ро дар ҳама гуна матн овардан мумкин нест. Ҳамин тавр, яке аз роҳҳои ифодаи методикаи дистрибутивӣ иҳотаи воҳидҳои забон нисбат ба якдигар аст. Имконияту дараҷаи алоқамандии ин ё он калима бо калимаҳои дигар вобаста ба васеъ будани маънои калима ва ҷумла мебошад.

Методҳои ономастикӣ – восита ва усулҳои дарк ва таҳқиқи зуҳуроту падидаҳо дар соҳаи ономастика. Дар ономастика методҳои лингвистӣ ё усулҳои забоншиносӣ истифода мешаванд. Баъзан шартан хусусиятҳои мавод ва ҷараёнҳоро ба эътибор гирифта, махсусгардонии ин методҳоро мушоҳида намудан мумкин аст. Ҳамчунин методҳои ҷанбаи умумиилмӣ дошта низ истифода мегардад: таҳлил, таҷзия, муқоиса, таълим. Илова

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

бар ин, дар тадқиқи маводи ономастикӣ аз роҳу воситаҳои гуногун истифода мешаванд. Усули ҳудудӣ (ареалӣ) – таъин ва муқаррарнамои ҳудуди падидаи ономастики мазкур ҷиҳати таҳлили муқоисавӣ одатан дар ин маврид аз нақшагирии ин падида ва ё хусусияти ономастикӣ истифода шуда, харитаи топонимӣ ё навъи дигари харита сохта мешаванд. Аз ҷумла, аз усулҳои генетикӣ, тасвирӣ (дискриптивӣ) – тасвири тадриҷии исми хос ва падидаҳои ономастики минтақа, ҳудуд ва ё ёдгории хаттии тадқиқ мебошад. Усулҳои нақшагирӣ, чиннигорӣ (стратиграфӣ), типологӣ ва усули этимологӣ.

Методҳои сохторӣ (структурӣ). Ин метод дар инкишофи забоншиносии солҳои XX-и асри XIX дигаргунии куллӣ ба вуҷуд овард, ки бо осори Ф. де Сосюр ва И.А.Бодуэн де Куртенэ алоқаманд аст. Муқаррароти методҳои сохторӣ: 1) воқеияти воқеъбинона на фактҳои ҷудогонаи (морфема, овоз, ҷумла…) ин ё он забон, балки забон ҳамчун система мебошад; система аз унсурҳо иборат нест, баръакс, онҳоро муайян мекунад: ҳар як унсур ба эътибори муносибати он ба унсурҳои дигар дар таркиби система вуҷуд дорад. 2) асосу бандубасти системаро муносибатҳои ғайризамонӣ ба вуҷуд меоранд, муносибат аз таърихи система бартарӣ дорад. Муносибати тазоди унсурҳои берун аз матн асосист ва муносибати тартиби ҳамдигарӣ, дистрибутсияи унсурҳова дар матн низ ҳамчунин. 3) Баъзе системаҳои дигар мисли забон созмон ёфтаанд: эҷодиёти шифоҳии халқ (фольклор), расму одат, маросимҳо ва муносибатҳои хешутаборӣ. Забоншиносӣ омӯзиши онҳо ва забонро дар семиотика ба ҳам мепайвандад. Методҳои сохторӣ дар мактабҳои гуногуни структурализм дар се ҷараён инкишоф ёфтааст. Структурализми шарқию аврупоӣ (Мактаби забоншиносии Прага) мафҳуми оппозитсия (тазод)-ро аввал дар фонология, баъдтар дар соҳаҳои дигари забон, бештар дар морфология семантика ҷорӣ намуд. Маҳфили забоншиносии Копенгаген таълимоти муносибатҳои алгебраивиро дар забон тарҳрезӣ намуд. Забоншиносии дескрипивӣ мафҳуми дистребутсияро ҷорӣ намуд

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ва дар заминаи он методи тасвирии фонология, морфология ва таҳлили сатҳӣ-элементариро ба вуҷуд овард.

Меъёрҳои забонӣ. Аломатҳои нутқи фасеҳ: нутқи дуруст, нутқи дақиқ, нутқи бамантиқ, нутқи муассир ва нутқи муносибу бамаврид аз меъёрҳои забонӣ ва услубӣ сарчашма мегиранд ва ба ин ҷиҳат, онҳо ба қоидаҳои талаффуз (орфоэпия), қоидаҳои корбурди калимот, сарфу наҳв, имло ва аломатҳои китобат, ки писанди умуми аҳли савод буда, дар луғатномаҳо ва дастурҳои забон сабт ёфтаанд, вобастагии қавӣ доранд. Аз ин рӯ, риояи меъёрҳои забони адабӣ ва услубиёти он муҳимтарин шарти нутқи дуруст, нутқи беғалат ба шумор меравад. Дар системаи меъёри адабӣ ду ҷиҳати муҳим дар ҳолати мухолифи ҳам амал мекунад. Аз як сӯ, ҳифзи анъана ва вайронпазирии муошират забонии аҳли ҷомеъ тақозо менамояд, ки меъёр то ҳадди имкон бардавом ва побарҷо бошад, забони адабии тоҷикӣ меъёрҳои қадими худро бо каме тағйир аз асрҳои IX–X то кунун нигаҳ медорад. Бо ин ҳама меъёри адабӣ падидаи абадӣ ва тағйирнопазир нест. Забон рӯйдоди ҷамъиятист ва аз ин рӯ, бо оҳистагӣ ҳам бошад, вобаста ба пешрафти ҷамъият беист такмил меёбад ва ҳамеша моили он аст, ки бо ривоҷи муттасили ҷамъият мусоидат намояд. Меъёри забонӣ маҷмӯи амалӣ сохтани системаи забонии ба таври устувор ташаккулёфтааст, ки дар ҷараёни алоқаю робитаи ҷамъиятӣ устувор гардидааст. Меъёр хосияти ҷудонопазир дар ҳамаи марҳалаҳои инкишофи забон мебошад. Меъёр ҳамзамон категорияи лингвистию иҷтимоист. Ҷиҳати иҷтимоии меъёри забонӣ на танҳо дар интихобу муқаррар намудани падидаҳои забонӣ, балки дар системаи баҳодиҳии онҳо низ зоҳир мешавад («бамаврид» - «бемаврид», «дуруст» - «нодуруст»). Хосияти меъёрии забон дорои ду тарзи зоҳиршавист. Меъёр ҳамчун маҷмӯи лексемаҳо, калимашаклҳо, қолабҳои забонӣ ва меъёр ҳамчун маҷмӯи тамоюли интихоб ва қоидаҳои истифодаи воситаҳои забонӣ. Мафҳуми собитии меъёр дорои аломатҳои зайл аст: имкони маҳдуд кардани баъзе ноустуворӣ ва гунаҳо; якрангии нисбии территориявии меъёр. Меъёри адабӣ дар баъзе мавридҳо гунанокии

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

воҳидҳои забонӣ (чор//чаҳор, растанӣ//рустанӣ, испед//сафед) ва тарзҳои синонимии ифодаҳоро низ дар назар дорад (истиқбол гирифтан//пешвоз гирифтан). Маъмулан дар таърихи забонҳои адабӣ меъёрҳои забони хаттӣ дар қиёси забони овозӣ пештар ташаккул меёбад. Барои бештарини забонҳои адабии муосир тамоюли наздикшавии забони адабии хаттӣ бо меъёрҳои нутқи гуфтугӯӣ мушоҳида мешавад. Мафҳуми меъёр, ки дар амалияи забонӣ ва амалияи меъёррезӣ танҳо дар забоншиносии асри 20 аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шуд ва дар забоншиносии умумию маданияти нутқ, дар назария ва таърихи забонҳои адабӣ мавриди баррасию омӯзиш қарор гирифт.

Микротопоним – номи мавзеи хурди табииву ҷуғрофӣ ва ё аз ҷониби инсон сохташудае мебошад, ки соҳаи маҳдуди истифодаро молик аст. Дар ҳудуди хурд истифода шуда, ба гурӯҳи маҳдуди одамон маълум аст, ки дар наздикии ҳамон мавзеъ маскунанд, аз ҷумла микротопоним, микроойконим, микрооороним, номи саҳрою даштҳои хурд, пулҳо, айлоқҳо. Ба микротопонимҳо бештар номҳои мавзеъҳои хурди ҷуғрофӣ ва ё нисбатан маҳдуди ҷуғрофиро мансуб медонанд, аз қабили рӯд, наҳр, дарёча, ботлоқзорҳо, марғзор, саҳро, майдону дашт, деҳаи хурд, кӯча.

Муайянкунанда. Аъзои пайраве, ки шахс ё ашёи муайяншавандаро аз ҷиҳати аломатҳои зоҳириву ботинӣ ва соҳибият эзоҳ медиҳад, муайянкунанда номида мешавад. Муайянкунанда бо тарзу воситаҳои гуногун ба муайяншаванда алоқаманд мегардад. Алоқаи тобеи изофӣ муҳимтарини алоқаи наҳвии муайянкунанда бо муайяншаванда мебошад, ки воситаи асосии грамматикии ифодаи он бандаки изофӣ (-и). Муайянкунандаҳоро аз ҷиҳати тарзу воситаҳои алоқаи грамматикӣ ба изофию беизофа ҷудо мекунанд: Ин лолазори <u>гулчӯш</u> Сурхида то баногӯш… (Бозор Собир); Аз дӯсти <u>нодон</u> душмани <u>доно</u> беҳ (Зарбулмасал). Дар ибораҳои **роҳати ҷон, дӯсти нодон, душмани доно** – исми <u>ҷон</u> ва сифатҳои <u>доно</u> ва <u>нодон</u> ба вазифаи муайянкунандаҳои изофӣ; **дар ҳазор дӯст, як душман, нимта нон** шумораҳои <u>ҳазор</u>, <u>як</u>, <u>нимта</u> дар вазифаи муайянкунандаҳои беизофа омадаанд. Муайянкунандаҳои

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

изофаро аз лиҳози муносибати маъноии муайянкунанда бо муайяншаванда ба гурӯҳҳои муайянкунандаи изофии аломат ва соҳибият ҷудо менамоянд. Муайянкунандаҳои изофии аломат муайяншавандаро аз ҷиҳати аломату хусусият эзоҳ дода, бо саволҳои **Чӣ гуна?, Чӣ хел?, Кадом?, Чандум?** ҷавоб мешавад, муайянкунандаҳои изофии соҳибият маъноҳои соҳибӣ, мансубиятро фаҳмонда, ба саволҳои Кӣ (киҳо)? ва Чӣ (чиҳо) ҷавб мешавад: Як дам ҳавои борон, Як дам чароғи тобон, Обу ҳавои найсон Феъли занона дорад (Бозор Собир). Дар ибораҳои **дашти васеъ, одами зирак, духтари куртаиатласпӯш, асри бисту якум** сифатҳои **васеъ, зирак, куртаиатласпӯш** ва шумораи тартибии **бисту якум** ба саволҳои Чӣ гуна?, Кадом? Ва Чандум? ҷавоб мешаванд ва ба вазифаи муайянкунандаи аломату чигунагӣ омадаанд. Муайянкунандаи аломат бо сифат (ҳавои гарм), сифати феълӣ (роҳи тайшуда, ҳар каси ҷӯянда, меҳмонони меомадагӣ, суханони шуниданӣ), шумораи тартибӣ (фарзанди сеюм) ва баъзе исмҳо (нони гандум, ситораи тилло, деги мис, куртаи атлас) ифода мешаванд. Муайянкунандаи изофии соҳибият бо исм, ҷонишинҳои ифодакунандаи мафҳумҳои шахс ва ашё, масдар ва ҳиссаҳои дигари исмгардида ифода мешавад: китоби донишҷӯ, барги гул, дӯсти мо, сухани ҳар кӣ, орзуи дидан, саволи хонанда. Муайянкунандаи аломат бо алоқаҳои ҳамроҳӣ ва вобастагӣ калимаи дигареро ба худ тобеъ мекунад (манзараҳои басо дилфиреб, кори ба гуфтан осон, чеҳраи гул барин зебо. Муайянкунандаи соҳибӣ бо алоқаи изофӣ ҳам муайянкунандаи дигарро ба худ тобеъ карда метавонад – бӯйи гули садбарг – бӯйи гули садбарги сурх. Муайянкунандаҳои соҳибӣ, аломат дар шакли ҷамъ низ омада метавонанд: меҳнати талаба – меҳнати талабагон; раҳбари ҷавон – раҳбари ҷавонон. Муайянкунандаҳои изофии аломат аз ҷиҳати маъно, вазифа, тарзи ифода ба се навъ: муайянкунандаҳои аломати тавсифӣ, нисбӣ ва сифати феълӣ ҷудо мешаванд. Муайянкунандаҳои тавсифӣ аломату хусусияти аслии ашёро (ранг, бӯй, таъм, ҳаҷм ва м.и.) фаҳмонда бо сифатҳои аслӣ ифода мешаванд: абри сиёҳ, анори ширин, роҳи дур, марди шуҷоъ. Муайянкунандаҳои нисбӣ аломати муайяншавандаро

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

бевосита ифода накарда, ба ашёи дигаре, ки аз он сохта ё дӯхта шудааст (кати чӯбин, нони ҷавин), ба макон (бузи кӯҳӣ, вазифаи хонагӣ), ба замон (кишти баҳорӣ, таътили тобистона), таъинот (либоси занона, деги маъракa) нисбат медиҳад. Муайянкунандаҳои нисбӣ ба сифатҳои нисбӣ (дарвозаи оҳанин), шумораи тартибӣ (қадами якум) ва баъзе исмҳо (нони гандум, рӯймоли фаранг) ифода мегарданд. Муайянкунандаҳои сифати феълӣ аломатро пайваста ба амалу ҳолат ифода мекунанд. Онҳо ба замон далолат мекунанд: мусофирони рафта (-гӣ) – замони гузашта, … мерафтагӣ – ҳозира-оянда, … рафтаистода (-гӣ) – ҳозираи давомдор. Ба тарзҳои фоилу мафъул, намудҳои мутлақу давомдор далолат мекунанд: донишҷӯйи ҷӯянда, либоси дӯхтагӣ (дӯхташуда); гулҳои шукуфта – … шукуфтаистода. Муайянкуандаҳои соҳибӣ муносибатҳои маъноии зеринро ифода мекунанд: 1. Соҳибият: либоси падарам, Рахши Рустам. 2. Мансубият: талабаи мактаб, аъзои ҳизб. 3. Дорӣ: пиёлаи чой, сатили об, деги ош. 4. Муносибати хешутаборӣ: модари Сӯҳроб, бародари модарам. 5. Муносибати ҷузъ ва кулл: заводи хишт, корди ош. 6. Таъинот: корди ош, заводи хишт, хонаи хоб. 7. Муносибати замон: ташвиши зимистон. Кори шаб – хандаи рӯз (Зарб). 8. Муносибати макон: кори саҳро, сайри гулзор, нони Самарқанд. 9. Муносибати фоилӣ (субъект): насиҳати падар, чаҳ-чаҳи булбул. 10. Муносибати мафъулӣ (объект): мутолиаи китоб, дидани дидор. Муайянкунандаҳои беизофа бо алоқаи ҳамроҳӣ ба муайяншаванда тобеъ гардида, пеш аз он меоянд. Онҳо бештар бо шумораҳои миқдорӣ, зарфҳои миқдор, ҷонишинҳои ишоратӣ, таъинӣ, номуайянӣ ифода меёбанд: ду бародар, даҳ нафар донишҷӯ, чил гектар замин, чунин зиндагӣ, ин гуна одам, ҳама коргарон, ким-кадом чӯпон.

Мубтадо - яке аз араъзоҳои ҷумла буда, ба чунин предмет далолат мекунад, ки амал, ҳолат ва аломати хабар бо тобишҳои гуногуни модалӣ дар замону шахси муайян ба он нисбат дода мешавад. Маънои мубтадо бо ду роҳ эзоҳ меёбад: бевосита (бештар хабар ва муайянкунанда) ва бо ёрии аъзои дигаре (бештар хабар): Дар ҷумлаи «дандонҳояш садаф барин» аломат бевосита ба соҳиби аломат нисбат дода мешавад, «Дандонҳояш

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

садаф барин сафед» гӯем, аломати «садаф барин» ба воситаи аломати дигаре (сафед) ба мубтадо муносибати маъноӣ пайдо мекунад. Аломатҳои грамматикии мубтадо инҳоянд: а) аз рӯйи шаху шумора хабар ба он мувофиқат мекунад; б) бо пешоянду пасояндҳо таркиб намеёбад. Мубтадои номӣ низ ду тарзи ифода дорад. Калимаҳои ҷудогона, ки ба ҳиссаҳои номии нутқ тааллуқ доранд, ба вазифаи мубтадо меоянд. Бо ибора ифода ёфтани мубтадои номӣ низ дар забони тоҷикӣ мушоҳида мешавад: а) дар ифодаи муносибати ҷузъиёт таркибҳои «яке аз…», «кадоме аз…», «чанде аз» бо исми ҷамъ омада, дар якҷоягӣ вазифаи мубтадоро иҷро мекунанд: Яке аз чӯпонбачагон ба пирамард наздик шуд (С.А.); Касе аз байни мо ба дасти соҳиби боғ афтад, ҳар илоҷе карда ӯро ман халос карда мегирифтам (Ҳ.К.); б) дар ифодаи ҷамъ шумора, зарфҳои миқдору дараҷа, ҷонишинҳои таъинӣ бо исм ва калимаҳои дигари мафҳуми предметдошта омада, мубтадо мешаванд: Дар маҳаллаи мо якчанд ҳавлии вайрона буд; Гандум, ҷав, арзон, ҷувориро аксари деҳқонон дар тоқиҳо баркашида мекоранд (С.У.); в) дар ифодаи камӣ ё зиёдӣ таркибҳои **бештар аз…**, **камтар аз…** бо ибораи исмӣ омада, вазифаи мубтадоро адо мекунанд: Бештар аз сад нафар саворон саф ороста буданд; г) ҷонишинҳои таъинии ҳар бо шумораҳои миқдорӣ як таркибро ташкил намуда, дар ифодаи маънои ҳамроҳӣ мубтадо шуда меояд: Ҳар дуямон аз хона баромадем (С.У.); д) бо воҳидҳои фразеологӣ ифода ёфтани мубтадо низ дида мешавад. Мубтадо аз ҷиҳати сохт сода, таркибӣ ва тафсилӣ мешавад: а) **мубтадои сода** маъмулан бо як калимаи мустақилмаъно ифода меёбад: Мардум айб мекунанд (Ҷ.О.). Модараш ба ӯ бо табассуми маҳзунона менигарист (Ҷ.О); б) **мубтадои таркибӣ** - ду калимаи ҷудогона як мафҳумро ифода намуда, ба вазифаи мубтадо ояд, мубтадои таркибист: Муддате ҳар ду хомӯш монданд (Ф.М.). Ҳар кас бо кори худ машғул шуд. (Ҷ.О.); в) **мубтадои тафсилӣ** аз ду ва зиёда калимаҳои мустақилмаъно таркиб ёфтааст. Ба вазифаи мубтадо ибораҳои изофӣ, беизофа ва ё омехта омада метавонанд. Дар таркиби ин гуна мубтадоҳо муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол ҷой дошта метавонад: Равандаи танҳогард ва

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

кӯҳнаварди мо тахминан панҷсад қадам боло рафт (С.А.). Бориши барф ба охир мерасид (Ф.М.); г) **мубтадои чида**. Дар ҷумлаи сода ду ва ё зиёда мубтадо бо ҳам алоқаи пайваст дошта, ба як хабар алоқаи синтаксисӣ дошта бошад, мубтадои чида меноманд: Камзаминҳо ва безаминҳо чоряккорӣ, ятимӣ ва ё ба ягон касби дигар машғулӣ менамуданд (С.А.); Хурду калон, пиру барно, тоҷику ӯзбеку рус мерафтанд (Ҷ.И.). Мубтадо бештар дар аввали ҷумла меояд: Тӯда бо шунидани ин фармон қадами худро тезтар карда рафтан гирифт (С.А.); Онҳо ба ошёнаи якум фуромада, аз толори васеъ гузаштанд (Ф.М.). Дар ҷумлаҳои бисёраъзо мубтадо пеш аз хабар низ ҷой мегирад: Дар берун ҳанӯз шитир-шитир борон меборид. Яке аз сабабҳои дар мобайни ҷумла ҷой гирифтани мубтадо дар ҷумла ҷой доштани ҳоли замон аст: Рӯзи дуюму сеюм бачаҳо ба ӯ дигар унс гирифтанд (Ф.М.). Мубтадо дар охири ҷумла низ омада метавонад (бештар дар назм). Дар наср низ дар охири ҷумла меояд. Дар ин ҳолат задаи мантиқӣ ба мубтадо меафтад ва он таъкид мегардад: Ҳамин тавр ё тақрибан ҳамин тавр гуфтугӯ доштанд он бегоҳ модару писар (С.У.).

Мунҳариф منحرف. Ин истилоҳ барои тавсифи ҳар навъ талаффуз, вожа ё сохтори ҷумла,ки бо هنجارهای забон انطباق надошта бошад, бакор меравад. Ҳанҷор метавонад гунаи истондорд (ё меъёри) забон бошад ва метавонад бар мабнои забони гуфтугӯӣ як гурӯҳи иҷтимоӣ дорои мавқеияти боло бошад. Намунаи ҷумлае, ки дар муқоиса бо инглисии истондорд (меъёр) мунҳариф ба ҳисоб меравад I sen him мебошад, ки ба ҷойи I saw him бакор рафтааст. Манбаъ барои мутолиа: Bailey – Gorlach 1982.

Мухотаб. Мухотаб калимаи арабӣ буда, маънояш шахси муроҷиатшуда аст. Мухотаб чун воҳиди иловагии ҷумла бо сараъзою аъзоҳои пайрави ҷумла муносибати синтаксисӣ надорад. Мухотаб ба тамоми ҷумла ва ё ягон аъзои он муносибати мантиқӣ дорад. Мухотаб бо калима ё ибораҳое, ки шахс ва сифатҳои неку бади ӯро ифода мекунанд, бо нидоҳои муроҷиат ва даъват ё бидуни онҳо ифода меёбад: – Эй некрой, ин чӣ амали қабеҳ буд, ки аз ту дар вуҷуд омад? (Чор дарвеш). – Эй модар!

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Ин корро ман маҳз барои халосии падарам кардам (Чор дарвеш). Ҳангоми муроҷиат ё хитоб гӯянда одатан пеш аз баёни матлаб мусоҳибро ном мегирад ва бо ин васила ӯро ҳушдор медиҳад, ки пурсиш, нақлу ривоят ё амру хоҳиш ба вай тааллуқ дорад: – Муҳаббатҷон, ақаллан ту навиштани фамилияамонро ёд гир (Ҳ.К.). Мухотаб дар байн ё интиҳои ҷумла омада бошад, ягон ғараз ё эҳсосоти ниҳонии гӯяндаро ифода мекунад: – Не, падар, беҳуда зӯр назанед (Ҳ.К.). Мухотаб дар аввали ҷумла омада, бо эҳсосот хитобан гуфта шуда бошад, аломати хитоб, дар мавридҳои дигар ҳамеша аз аъзоҳои дигари ҷумла бо аломати вергул ҷудо карда мешавад: – Эй шермардон ва эй камарбастагони Шоҳимардон! Чӣ шавад, ки агар карам намоеду пештар оед, ки якчанд сухан дорем (Восифӣ). – Оча, акнун парво накунед, ба тухми босмачиҳо оташ задем (Ҳ.К.); Бишнав овози маро, мурғи саҳар, То ки аз рози дилам ёбӣ хабар (М.Т.). Мухотаб яке аз воситаҳои муҳими услубист, ки барои ифоданоку образнок, ифода намудани нутқ саҳми зиёд дорад; – Бачаҷонам, модарат гардад, ҷим шин. Эҳ, Олга, Олечка! Имрӯз ман чунон шод, чунон сарбаланд ҳастам, ки тасаввур карда наметавонӣ! (Р.Ҷ.). Дар ифодаи тобишҳои гуногуни маъно ба мухотаб нидо низ ёрӣ мерасонад. Ӯй мардум, нашунидам нагӯед, босмачиҳо бо тадбири оқилонаи ман тамоман гурехтанд (С.А.). Мухотаб содаю тафсилӣ мешавад: – Оча, номатон чист? – Бибироҳила (Р.Ҷ.). Фаҳмо, рафиқ лейтенанти калон! – даст ба чака бурд Бузургхон (Ҷ.О.). Мухотаб дар аввал, мобайн ва охири ҷумла омада метавонад. Дар аввали ҷумла: – Писарҷон, аз ту якчизро пурсам, хафа намешавӣ? (Ҷ.О.). Дар мобайни ҷумла: Дар ин кӯҳ, Пӯлод Қодирович, ин гуна хазинаҳо кам нестанд (Р.Ҷ.). Дар охири ҷумла: Ту ба ин фикри ман чӣ мегӯӣ, Гул? (С.У.).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Н

Наввожаҳо. Наввожаҳо чунин калимаҳое мебошанд, ки то як давраи муайян нав будани худро нигоҳ медоранд, баъд онҳо дар забон ё ҳал шуда умумиистеъмол мегарданд, ё дар забон мавқеи хос пайдо накарда, ҷои худро ба луғати ҳаммаънои дигари ба нормаи забон мутобиқ дода, худ батамом аз истеъмол хориҷ мешаванд. Омилҳои пайдо шудани луғати тозаро дар забон, пеш аз ҳама, дар болоравии шуури инсон ва вобаста ба он тараққиёти илму техника, ҳаёти маданӣ, хусусиятҳои ҷамъиятии мавҷудияти инсон ва дар дигар табаддулоти ҷамъиятию табиӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Наввожаҳоро аз лиҳози мансубияташон ба қабатҳои услубии забон ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: наввожаҳои умумизабонӣ ва услубӣ-фардӣ. Наввожаҳои забонӣ дар навбати худ низ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: **луғавӣ** ва **маъноӣ**. Калимаҳои дар забон ба тозагӣ пайдошударо **наввожаҳои луғавӣ** меноманд. Онҳо дар натиҷаи рушду такомули илму фарҳанг, пешравии техника ва навгониҳои ҳаёти ҷомеаи инсонӣ ба вуҷуд омадаанд. Калимаи нав ҳаргиз бо роҳи сунъӣ сохта намешавад, балки дар асоси қонуниятҳои мавҷудаи забон ба вуҷуд меояд. Чунончи, калимаҳои **арҷгузорӣ** «эҳтиром овардан, қадршиносӣ», **баррасӣ** «таҳлил, таҳқиқ, тадқиқ», **бунбаст** «сарбаста, тупик; мушкилӣ», **бунёдгароӣ** «ҷараёни динӣ, ки тарафдорони он ба танқиди аҳкоми дин ва шак овардан ба он муқобиланд, фундаменталистӣ», **вожа** «калима, луғат», **гумрукхона** «хона ё бино аст барои боҷу андозгирӣ аз моли воридоту содиротӣ дар сарҳад», **коршинос** «мутахассиси хуби ягон соҳа, эксперт», **овозхон** «ҳунарманде, ки суруд мехонад, сароянда», **раъйпурсӣ** «пурсиши фикри халқ дар бораи воридкунии тағйирот ба Сарқонун ё дигар масъалаҳои муҳими давлати, референдум» ва луғати зиёди дигар солҳои 90-уми асри XX дар забони тоҷикӣ пайдо гардидаанд. Наввожаҳои маъноӣ гуфта калимаҳои дар забон мавҷудбудаеро мегӯянд, ки онҳо маънои нави иловагиро касб кардаанд ва ё маънои пешинаашонро аз даст дода, ба маънои нав соҳиб шудаанд. Маъноҳо низ метавонанд калка шаванд, яъне ҳодисаи тарҷумашавии маъноҳо низ дар забони тоҷикӣ ба

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

назар мерасад. Аз ин лиҳоз маъноҳои нави дар забон падидомадаро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан ба мақсад мувофиқ аст: а) **Маъноҳои нав дар калимаҳои кӯҳнаи тоҷикӣ** ва б) **Маъноҳои нав ҳамчун калкаи маъноӣ**. Масалан, калимаи **барқ**ро бигирем, ки аслан арабӣ буда дар фарҳангҳо ба маънои 1. «ҳодисаи табиат (оташак, озарахш)» ва 2. *маҷ.* «дурахш, нур ва ҷило» тафсир шудааст. Ҳоло он маънои нави «электрик»-ро гирифта, ба калимаи сермаъно табдил ёфтааст. **Борик** – вожаи аслан тоҷикист. Он дар луғатҳо ба тарики зер шарҳ ёфтааст: 1. «камбар». 2. «*маҷ.* нозук, мушкилфаҳм». 3. «наҳиф, лоғар». 4. «камқутр, *муқ.* Ғафс». 5. «баланд, тез (оид ба овоз)» (148, Ҷ. 1, 204; 147, Ҷ. 1, 231). Ба маънои «бодиққат, боназокат» он аз калима русии тонко (муқ. тонко глядеть, *айн*. борик назар кардан) калкаи маъноӣ мебошад. Таҳти мафҳуми **наввожаҳои услубӣ-фардӣ** чунин калимаҳое дар назар дошта мешаванд, ки онҳо ба тавассути нависанда ва ё шоире ба забони адабии тоҷикӣ дохил карда шудаанд. Чунин вожаҳо ғолибан аз қабатҳои гуфтугӯйӣ, касбӣ ва монанди инҳо гирифта мешаванд, ё адиб онро дар қолаби маъмулии калимаи забони тоҷикӣ сохта, ба қабати луғати адабии забон ворид мекунад. Ба таври дигар, доираи истеъмоли чунин вожаҳо аз доираи осори муаллифашон берун баромада, мумкин аст, серистеъмол шаванд ва хоси забони адабӣ гарданд. Дар ин раванд чунин наввожаҳое низ ҳастанд, ки соҳибмуаллифанд. Онҳо низ бо ҳамон роҳе, ки наввожаҳои услубӣ сохта мешаванд, зуҳур мекунанд, лекин доираи истеъмолашон танҳо дар ҳудуди асари муаллиф боқӣ мемонад. Забоншиноси маъруфи тоҷик, профессор Ш.Рустамов забони ашъори Лоиқ Шералиро таҳлил намуда, калимаҳои сохтаи шоирро ба ду гурӯҳ ҷудо кардааст: 1) вожаҳое, ки ба аксарият ошноянд ва имкони ба вожаи умумихалқӣ табдил ёфтанро доранд (наввожаҳои услубӣ) ва 2) луғати хос ва шарҳталаби эҷодиёти худи Лоиқ (наввожаҳои услубӣ-фардӣ). Ба гурӯҳи аввал – наввожаҳои услубӣ вожаҳои *кӯрмаҳтоб, намакҳаром, шеърборон, русто, ворун, чағона* ва мисли инҳоро номбар мекунад:

Тирборон кардани мо кӯшиши беҳуда аст,

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Ҳар кӣ моро мекушад, бо шеърборон зинда бод.

Ба гурӯҳи наввожаҳои услубии фардӣ калимаҳои *филборон, одамистон, рӯзохун, аҷамбошон, қонунгар* ва ғайраҳо мисол оварда шудаанд:

Шабохун мезанад шабҳову рӯзохун тамоми рӯз,

Ба ҷони ман дар ин дунё ҳуҷуми ишқи дилбар беҳ.

Наво. Наво ё пасту баландшавии лаҳни гуфтор ҳангоми талаффузи ин ё он фраза (ҷумла) – муҳимтарин унсури оҳанг аст. Наво дар забонҳои ғайрилаҳнӣ (ғайритонӣ), ки забони тоҷикӣ аз ҷумлаи онҳост, барои фарқ кунонидани воҳидҳои занҷирӣ (фонемаҳо) кам истифода мешавад. Ба туфайли имкониятҳои фаровонаш наво дар забон вазифаҳои зиёдеро адо мекунад. 1. Дар якҷоягӣ бо танфис яке аз воситаҳои асосии таҷзияи ҷараёни нутқ аст. Марзаи синтагмаҳо ба воситаи шикасти тарҳи умумии нав муайян карда мешавад. Дар сурати мавҷуд набудани танфис наво дар алоҳидагӣ сарҳади синтагмаҳоро муайян мекунад: маҷлис//ба охир расид. 2. Наво яке аз воситаҳои асосии алоқаманд кардани қисматҳои гуногуни нутқ (фраза ва синтагмаҳо) мебошад. Мас., баландшавии наво дар интиҳои ин ё он синтагма (ё фраза) шоҳиди нотамомӣ ва алоқамандии ин синтагма (ё фраза) бо синтагма-фразаи баъдина низ мебошад: Анҷоми кор – соати шаш. Китоб манбаи дониш аст. 3. Наво воситаи асосии фарқ кунонидани типҳои асосии мухобиротии ҷумла мебошад. Ҷумлаҳои: Китобро хонд. Китобро хондӣ? китобро хон! таркиби якхелаи дастурию луғавӣ доранд (ба истиснои бандакҳои феълӣ), аммо ба туфайли гуногунии наво онҳо маъноҳои ахбор, пурсиш ва амрро ифода мекунанд. 4. Наво дар якҷоягӣ бо унсурҳои дигари оҳанг барои ифодаи муносибатҳои мантиқии ҷумла фарқ кунонидани хабари маълум ва ташкили маркази маъноию оҳангии ҷумла истифода мешавад: Падарам дирӯз омад. Падарам дирӯз омад. Падарам дирӯз омад.

Назализатсия (аз фаронсавии nasal – димоғӣ, лот. Nasus – бинӣ) талаффузи овозҳои нутқ (бештар овозҳои садонок), ки дар натиҷаи пеши роҳи даҳонро гирифтани пардаи ком ва аз холигии даҳону димоғ хориҷ

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

шудани қабати ҳаво ба вуҷуд меояд. Чунин тарзи талаффуз ба баъзе садонокҳою ҳамсадоҳо тобиши димоғӣ мебахшад. Дар баъзе забонҳо овозхои димоғӣ ҳамчун аломати фарқкунанда низ истифода мешаванд. Мас., садонокҳои димоғӣ дар забонҳои фаронсавӣ, лаҳистонӣ, португалӣ фонемаҳои мустақиланд. Нишонаи фарқкунандаи тобиши димоғӣ дар забони тоҷикӣ яке аз унсурҳои системаи фонологии забони тоҷикист. Вобаста ба доро будан ё набуданашон бо ин нишона ҳамсадоҳои тоҷикӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: димоғӣ (м, н) ва ғайридимоғӣ (ҳамаи ҳамсадоҳои дигар). Нишонаи фарқкунандаи тобиши димоғӣ тазоди димоғӣ-ғайридимоғиро ба вуҷуд меорад, ки дар он танҳо ҳамсадоҳои зич иштирок мекунанд. Тазоди димоғӣ-ғайридимоғӣ аз ҳамсадоҳои лабӣ дар байни фонемаҳои м, б (мум: бум) ва дар гурӯҳи пешизабониҳо дар байни н: д (нон-дон) мушоҳида мешавад. Дар баъзе шеваҳои забони тоҷикӣ (Мастчоҳ, Ғарм) пеш аз ҳамсадоҳои димоғии **м, н** садоноки **о** чун фонемаи **у** талаффуз мешавад: нун (ба ҷойи нон), нум (ба ҷойи ном), хуна (ба ҷойи хона).

Назарияи имою ишоратӣ. Мувофиқи ин назария забон дар асосу заминаи имою ишорат кардан ба предмет, ҳодисаю воқеа пайдо шудааст. Ин назария хоси «нутқи» кару гунгҳо буда, бо забони овозӣ робитае надорад.

Назарияи нидоӣ. Назарияи қадимтарин роҷеъ ба пайдоиши забон. Мутобиқи ин назария забон дар асоси фарёдҳои бешуурона ба вуҷуд омадааст. Ҷонибдорони ин назария эпикурҳои Юнони қадим ва баъдтар Я.Гримм, Г.Штейнтал, Жан Жак Руссо, Дарвин ва дигаронанд. Онҳо даъво доранд, ки забони аввалин дар натиҷаи ҳаяҷони ботинии одамони ибтидоӣ ба вуҷуд омада, дарду хурсандӣ, тарсу гуруснагиро ифода намудааст. Рӯҳия ва ҳаяҷони ашхоси ҷудогона не, балки талаботу тақозои иҷтимоии ҷамъият забонро ба вуҷуд овардааст.

Назарияи равонӣ (ниг.: **ҷараёни психологӣ)**.

Назарияи садоҳои меҳнатӣ. Ин назария дар асри XIX дар асарҳои материалистони вулгарӣ (Л.Нуаре, К.Бюхер) доир ба назарияи пайдоиши

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

забон зикр ёфтааст. Мутобиқи ин назария забон дар асоси садоҳои меҳнатии амсоли ҳа, ҳо, э, о, ӯ, оҳ ба вуҷуд омадааст. Ин назария низ асосу бунёди илмӣ надорад, зеро чунин садоҳо ягон маънои муайяну мушаххас, ҳиссиёти аниқеро ифода карда наметавонанд.

Назарияи тақлиди овозӣ. Яке аз қадимтарин назария дар бораи пайдоиши забон буда, дар Юнони бостон ба вуҷуд омадааст. Ҷонибдорони ин назария (Лейбниц, Гердер, Гумболдт) бар ин ақидаанд, ки калимаҳои нахустин дар натиҷаи тақлид ба овозҳою садоҳои табиат – садои паррандагон, ҳайвонҳо, обу бод ба вуҷуд омадаанд. Ҷонибдорони ин назария онро ба асос гирифтаанд, ки дар аксари забонҳо калимаҳои тақлиди овозӣ амсоли мияв-мияви гурба, аккоси саг, ку-куи парранда, шав-шуви об ва ғайра ҷой доранд. Нодурустӣ ва ғайриилмӣ будани ин назарияро омилҳои зайл тасдиқ мекунанд: дар бисёр забонҳо калимаҳои тақлиди овозӣ, мисли калимаҳои нидоӣ ниҳоят каманд. Барои ин ки инсон ба овозҳои табиат, ҳайвоноту паррандагон тақлид кунад, бояд дастгоҳи нутқи инкишофёфта дошта бошад, вагарна тақлидкунӣ ҳеҷ гоҳ муяссар намешавад.

Намуд дар феъл. Феълҳои забони тоҷикӣ аз ҷиҳати лаҳзаи замонии иҷро, анҷом ва ё ҷараёни ҳаракату ҳолат аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, дар ҷумлаи: Баъд аз соате дубора дари обхона кушода шуд, боз касеро монанди буз хаво доданд ва дарро баста рафтанд (С.А.) феълҳои кушода шуд, хаво доданд, рафтанд лаҳзаҳои ҷудогонаи амал ва анҷоми онро мефаҳмонанд. Дар ин гуна феълҳо баробари хотима ёфтани вақти амал натиҷаи он ҳам маълум аст. Феълҳо ва таркибҳои феълие низ ҳастанд, ки вобаста ба сохту маънии худ иҷрои мӯлкаратӣ ва ё давомнокии амалро мефаҳмонанд: мешунидам, таҳлил дорад, омада истодааст, гуфтан гирифт, навиштан мегиранд. **Намуди феъл** дар лаҳзаву ҳудуди муайяни воқеъ шудани амал, ба анҷом расидани он ва ё дар ҳолати мӯлкаратӣ ва давомнокӣ воқеъ гардидани кору ҳолатеро ифода мекунад. Вобаста ба ин феълҳо ба ду гурӯҳи намудӣ ҷудо мешаванд: феълҳои намуди мутлақ ва феълҳои намуди давомнок. Мазмун ва тобишҳои

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

маъноии намудҳои феъл бо шаклҳои хоси феъл, ба воситаи вандҳо ва феълхои ёридиҳанда ифода меёбанд. Феълҳое, ки дар лаҳза ва ҳудуди муайяни вақт воқеъ шудан ва ба анҷом расидани амалу ҳолати яккаратиро мефаҳмонанд, феълҳои намуди мутлақанд. Намуди мутлақи феълҳои забони тоҷикӣ бештар ба шаклҳои замони гузаштаи феъл тааллуқ дорад. Шаклу воситаҳои ифодаи намуди мутлақи феълҳо як хел нестанд. 1. Намуди мутлақ бо шаклҳои холиси феъл, бисёрии воситаҳои иловагии дастурӣ ифода меёбад. Аз ҷумла феълҳои замони гузаштаи наздик ва нақлӣ: **рафтам, фиристодӣ, омаданд, баромад, шунидааст, рафтаанд** ва ғ.: Мошин ба рӯи суфакӯҳи Данғара баромад (Ф.М.), лекин ба хона даромада дид, ки мӯйсафед хобидааст (Ҷ.И.). 2. Феълҳои таркибии номӣ ба эътибори шакли замони гузаштаи наздик буданашон, ҳамчунин шаклҳои замони гузаштаи дур чун ифодагари амали яккаратаи қатъшуда ба гурӯҳи намуди мутлақ дохил мешаванд: такя кардам, ҳозир шуд, гуфта буд, гирифта буданд: Бибиоиша ҳамон ҷавоби сохтаеро, ки Одина дар вақти рафтанаш ба ӯ омӯхта буд, ба ёд овард ва гуфт (С.А.). Шаклҳои замони гузаштаи наздик, гузаштаи нақлӣ ва гузаштаи дури ин гуна феълҳо низ ба гурӯҳи феълҳои намуди мутлақ дохил мешаванд: чақ-чақ кардем, сӯҳбат кардааст, ҳикоя карда буд, саросема шудем, овора шуда буданд, давом кард ва м.и.

Намуди давомнок давомнокӣ ва ё такрори мӯлкаратаи амалро мефаҳмонанд. Давомнокӣ маънии ҷараёни бардавому нотамоми амалро дар шаклҳои феълии замони гузашта, ҳозира ва оянда ифода мекунад. Мӯлкаратӣ бошад, дар баробари ифода намудани такрори амал маънои давомнокии амалро низ дарбар мегирад. Мас., феълҳои рафтан гирад, омада истодааст, кор карда гаштаанд, итоат мекардаанд бештар ҷараёни амал – давомнокӣ, аммо феълҳои хӯронда истод, омада мерафтанд амали давомноки мӯлкаратиро мефаҳмонад: Агар шумо пеш нигоҳ карда рафтан гиред, ба ногоҳ ин оби дурахшон монанди моҳи тобоне, ки дар паси абр медарояд ба зери санге даромада, аз назаратон пинҳон мешавад (С.А.). Намуди давомноки феъл бештар бо пешванди **ме-**, ки маънои замонӣ ва

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

намудӣ дорад, ифода меёбад. Феълҳои давомнок бо пешванди **ме-** аз ду асоси феълӣ сохта мешаванд: пас аз ин падараш ба ҳар куҷое, ки мерафтааст, аввал ҳасрати мӯзаи писарашро **баён мекардааст** (Ҳ.К.). Феълҳои зерин дар таркибҳои феълӣ ҳамчун ёридиҳанда омада, барои ифодаи нотамомӣ, мӯлкаратӣ ва давомнокии амал хизмат мекунанд: **истодан, мондан, гаштан (гардидан), гирифтан, омадан, нишастан, хобидан** ва ғ. Аз ҷумлаи деҳқононе, ки аз он ҷой ба отпуска омада меистанд, ақаллан як кас ҳам дар ин хусус шикоят намекунад-ку! (Ҳ.К.); Охир, тез-тез хат карда ист, – гуфта будед-ку? (С.У.); Мисли одамони дуппадуруст кор карда мегаштам, ҳатто ба шумо мӯйсафедон ёрӣ ҳам расонда меистодам (Ҳ.К.); Ғулғула наздик шудан гирифт (С.А.); Остонақул-қӯрбошӣ дар яке аз ғорҳои кӯҳи Сарсарак бо йигитҳои худ «дам» гирифта мехобид (Ҳ.К.). Намудҳо ё шаклҳои ҷуфти феълҳое, ки дар феълҳои мутлақ ва давомдор вобаста ба маъноҳои яксони луғавию семантикӣ ба вуҷуд меоянд. Шаклҳои ҷуфт бо роҳҳои зерин сохта мешаванд: 1. Бо пасвандҳо: афтидан-афтодан, фиристодан-фиристонидан, овардан-оваронидан. 2. Бо пешвандҳо: мондан-бозмондан, гузоштан-вогузоштан, расидан-даррасидан, рабудан-даррабудан, бархестан-бархостан. 3. Бо асосҳои гуногун, ки ҷуфтҳои синонимианд: сӯхтор-даргирифтан, афтидан-ғалтидан, паррондан-андохтан, ҷаҳидан-ҷастан, рӯидан-рустан. 4. Бо феълҳои ёридиҳанда: кор карда истодан-кор карда нишастан.

Намудҳо ё шаклҳои ҷуфти феъл – шаклҳое, ки дар феълҳои мутлақ ва давомдор вобаста ба маъниҳои якхелаи луғавию маънӣ ба вуҷуд меоянд. Шаклҳои ҷуфт сохта мешаванд: 1. Бо пасвандҳо: афтидан-афтодан, фиристодан-фиристонидан, овардан-оваронидан. 2. Бо пешвандҳо: мондан-бозмондан, гузоштан-вогузоштан, расидан-даррасидан, рабудан-даррабудан; бархестан-бархостан; 3. Бо асосҳои гуногуне, ки ҷуфтҳои синонимианд: доштан-қапидан, паррондан-андохтан; ҷаҳидан-ҷастан, рӯидан-рустан, ҷаҳидан-ҷастан. 4. Бо ёридиҳандаҳои феълӣ: кор карда истодан – кор карда нишастан. Чунин тарзи ифода ҳамчун синонимҳои грамматикии феълҳо дар назар дошта

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

мешавад. Таҳқиқу баррасии проблемаи забон ва нутқ бо номи Ф. де Соссюр (асосгузори мактаби забоншиносии Женева) алоқаманд аст. Нутқ гуногун аст: 1. **Нутқи овозӣ**. Ин намуди нутқро шифоҳӣ ва зоҳирӣ низ меноманд. 2. **Нутқи ботинӣ** – хаёлотест, ки изҳор нашудааст. 3. **Нутқи диалогӣ** – гуфтугӯи ду ё зиёда ҳамсӯҳбатон. 4. **Нутқи хаттӣ** – нутқе, ки дар коғаз сабт ёфтааст. 5. Нутқи кинетикӣ (юн. Kinetikos – ба ҳаракат тааллуқдошта), мубодилаи фикр тавассути имою ишора.

Нейролингвистика. Як соҳаи забоншиносӣ, ки дар васлгоҳи неврология ва забоншиносӣ ба вуҷуд омада, алоқаю робитаи системаи забонро дар таносиби мабдаи рафтори забонӣ муайян мекунанд.

Некроним – яке аз навъҳои топонимҳо буда, номи оромгоҳҳо (мадфан, қабристон, маноқиб)-ро ифода мекунад. Ин истилоҳи топонимӣ аз забони юнонӣ гирифта шуда, аз ҷузъҳои necro – мадфан ва onim – ном таркиб ёфтааст.

Нидо (ар. ندا – бонг, фарёд, хитоб), яке аз ҳиссаҳои нутқ аст,ки ҳаяҷон, ҳиссиёти гуногун ва изҳори иродаро ифода мекунад. Масалан: Эй!, Вой!, Ҳой!, Офарин! Ва ғ. Нидо аз ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқ бо он фарқ мекунад, ки вазифаи номинативӣ (номгузорӣ) надорад, танҳо аломату ишораи нутқ буда, барои ифодаи таассуроти одам нисбат ба ҳодисаҳо воқеоти муҳити атроф ва ё барои ифодаи талаб, нияту хоҳиш, амру фармон хизмат мекунад; Аъзои ҷумла шуда наметавонад ва аз ҷиҳати синтаксисӣ бо аъзоҳои ҷумла алоқаи грамматикӣ надорад. Нидо аз калимаҳои ёридиҳанда бо он фарқ мекунад, ки муносибати байни калимаҳои ҷумларо ифода наменамояд ва ҳамчун воситаи алоқаи байни онҳо хизмат намекунад. Нидоҳо аз рӯйи маъно ҳиссиётӣ (эмотсионалӣ): ифодакунандаи ҳиссиёту ҳаяҷон ва императивӣ (ифодакунандаи изҳори ирода), аз рӯи сохт аслӣ (сода) ва муштақ (сохта) мешаванд. Нидоҳои аслӣ аз як ё ду-се овоз иборатанд, шакли такрор доранд: Э, а, о, эҳ, оҳ, вой, бай-бай, паҳ-паҳ ва ғ. Нидоҳои муштақ аз ҳиссаҳои мустақили нутқ ба вуҷуд меоянд: Афсӯс! Диққат! Хомӯш. Калимаҳои даъватӣ ба ҳайвонот, паррандагон (ай, чу, бош, киш, ту-ту ва ғ.) низ ба гурӯҳи нидоҳо дохил

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

мешаванд. Нидоҳо аз ҷиҳати баромади худ ду хел мешаванд: 1. **Нидоҳои аслӣ**. Чунин нидоҳо аз як, ду ё се овоз иборат буда, дар шакли такрор низ меоянд: **Э!, О!, А!, Оҳ! – оҳ! Бай-бай!, Маҳ-маҳ-маҳ!** 2. **Нидоҳои сохта** (муштақ): Нидоҳое, ки аз калимаҳои мустақилмаъно дар натиҷаи суст ё гум шудани маънои номинативии онҳо ба вуҷуд омада, ҳоло чун воситаи ҳиссиёти эҳсосию муассирии нутқ кор фармуда мешаванд: **Хомӯш! Ором! Ҷим! Диққат! Лаббай! Ташаккур! Раҳмат!** Нидоҳо аз ҷиҳати ифодаи ҳиссиёту ҳаяҷон низ ду хел мешаванд: 1. **Нидоҳои императивӣ** (амрӣ). Нидоҳое, ки амру фармон, огоҳкунӣ, даъват, мулоқот, хайру маъзур, шакку шубҳа, табрику таҳниятро ифода мекунанд: **Ҳой! Ӯй! Хайр! Салом! Лаббай!** 2. **Нидоҳои эҳсосӣ**. Нидоҳое, ки ҳиссиёти гуногун: хурсандӣ, ғазаб, таҳқир ва писхандро ифода мекунанд: **Э! О! И! Эҳ, Уф, Тфу! Оббо, Бай-бай!**

Низоми забон. Маҷмӯи унсурҳои забонии ҳама гуна забони табиӣ, ки дар алоқаю робитаи ҳамдигарианд ва ягонагию яклухтии муайянро ба вуҷуд меоранд. Ҳар як унсури низоми забон дар муқобилгузории унсурҳои дигар қарор дорад. Масалан, дар забони русӣ шумораи ҷамъ, ки дорои ҷамъи дугона нест, дар қиёси шумораи ҷамъи забони славянӣ, ки дорои ҷамъи дугона мебошад, арзишу аҳамияти дигаре дорад. Тасаввуроти ҳозираи низоми забон баъзе мафҳумҳои ба ҳам алоқамандро фаро мегирад: сохтори забон, воҳидҳои забон, муносибатҳои парадигматию синтагматикӣ, аломатнокии забон, шакл ва функсия, сохтор ва аслу ҷавҳар, робитаи берунаю дохилӣ дар забон, ҳамзамонию дарзамонӣ, таҳлилу таркиб, муназзамӣ ва номуназзамӣ. Мафҳуми назму тартиб хосияти дараҷабандӣ дорад, яъне истифодаи дараҷаҳои гуногуни системанокиро мумкин мешуморад. Дар системаҳои хуб муташаккилёфта (мас., дар фонетика) дар қиёси (вожашиносӣ) тағйироти муҳими як унсур боиси тағйироти нуқтаи дигари система мегардад. Дар таълимоти Ф. де Соссюр низоми забон ҳамчун низоми аломатҳо баррасӣ мешавад, ки дар мавриди таҳқиқи он сохтори дохилии онро аз корбурди зоҳириаш фарқ бояд кард. Низоми забон аз якчанд низомҳои сода – низоми фонемаҳо,

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

морфемаҳо, лексемаҳо ва ҷумлаҳо таркиб ёфтааст. Фонема, морфема, лексема ё калима, ҷумла воҳидҳои ин низом мебошанд. Байни воҳидҳои низоми забон ду навъи алоқа: тазод ва такмили ҳамдигар вуҷуд дорад. Навъи якуми алоқа ба воҳидҳои як низом хос аст. Масалан, аз ҷиҳати шабоҳату монандӣ ва зиддият (тазод) фонемаҳои гуногунро ба ҳамдигар муқобил гузоштан мумкин аст. Навъи дуюми алоқа ба воҳидҳои низоми гуногун хос аст. Масалан, морфема аз воҳидҳои хурдтар – фонемаҳо, калима дар навбати худ аз морфемаҳо, ҷумла аз калимаҳо таркиб меёбанд. Воҳидҳои забон байни ҳамдигар алоқаи вобастагӣ доранд. Аз ин рӯ тағйирёбии як воҳиди забонӣ боиси тағйирёбии воҳидҳои забонии дар радифи дигар воқеъгардида мешавад. Назарияи аз низоми ягона иборат будани забонро аввалин бор Ф. де Соссюр ба миён гузоштааст.

Низоми ҳамсадоҳои тоҷикӣ. Дар забони адабии муосири тоҷикӣ бисту чор фонемаи ҳамсадо мавҷуд аст: б, п, м, в, ф, д, т, з, с, ж, ш, н, л, р, ҷ, ч, й, г, к, ғ, х, қ, ъ. Ин фонемаҳо байни худ робитаи муайян доранд ва аз рӯи низоми муайян амал мекунанд. Барои ошкор сохтани низоми ҳамсадоҳои забони адабии тоҷик ба эътибор гирифтани нишонаҳои зерин муҳим аст: а) махраҷи тавлид; б) тарзи тавлид; в) иштироки ризонаторҳо; г) иштироки лаҳн ва шавшув. Туфайли ин нишонаҳо ҳамсадоҳо дар тазодҳои гуногун иштирок намуда, шабоҳат ва тафовути худро зоҳир менамоянд. Масалан, нишонаи фарққунандаи **махраҷ** моҳияти ҳамсадоҳоро ҳамчун овозҳои махраҷдор муайян мекунад. Ин нишона ҳамсадоҳои тоҷикиро ба чор гурӯҳ ҷудо мекунад: 1) лабӣ (б, п, в, ф, м), 2) забонӣ, ки ба зергурӯҳҳои: а) пешизабонӣ (д, т, з, с, ҷ, ч, м, ш, л, р, н), байнизабонӣ (й) ва в) пасизабонӣ (г, к) тақсим мешаванд, 3) забончагӣ (ғ, х, қ) ва 4) ҳалқӣ (ъ, ҳ). Муносибати фонемаҳоро дар ин гурӯҳҳо тазодҳои зерин нишон медиҳанд: 1) Тазоди лабӣ-забонӣ даҳ фонемаи ҳамсадоро аз ҳамдигар фарқ мекунад. Ба воситаи ин тазод дар гурӯҳи бечарангҳо фонемаҳои п:т (пар:тар), ф-с (фол-сол), дар гурӯҳи ҷарангдорҳо б:д (бод:дод), в:з (вора:зора) ва дар гурӯҳи сонориҳои (лаҳниҳои) м:н (мон:нон) фарқ мекунанд. Ҳамсадоҳои ж, ш, ҷ, ч, р, л дар ин тазод

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

иштирок намекунанд, зеро дар гурӯҳи лабиҳо ҷуфти мувофиқ надоранд. Ҳамин тавр, тазодҳои забонӣ-забончагӣ, забончагӣ-ҳалқӣ, пешизабонӣ-байнизабонӣ, пешизабонӣ-пасизабонӣ низ шомили тазоди лабӣ-забонӣ буда, аз рӯйи нишонаи махраҷ тавсиф мешаванд.

Низоми садонокҳои тоҷикӣ. Дар забони адабии тоҷик шаш фонемаи садонок муқаррар шудааст: и, э, а, ӯ, у, о. Ин садонокҳо дар якҷоягӣ низоми садонокҳои (вококализм) тоҷикиро ташкил медиҳанд. Низоми фонемаҳои садонокро хусусияти системанокии онҳо таъмин менамояд, ки тавассути нишонаҳои тафриқии онҳо муайян карда мешавад. Фонемаҳои садоноки забони тоҷикӣ дар сатҳи фонетикӣ аз ҳамдигар бо 4 хусусияти худ: қатор, бардошт, кори лабҳо ва тамдид фарқ мекунанд. Аммо дар сатҳи фонология барои аз якдигар фарқ кардани садонокҳо хусусиятҳои қатор ва бардошт басо муҳиманд. Ин ду нишона ҳамаи шаш фонемаи садонокро аз якдигар ҷудо карда, яклухтии низоми садонокҳоро таъмин менамоянд. Хусусияти лабӣ дар низоми садонокҳои тоҷикӣ зиёдатист. Хусусияти устуворӣ ва ноустувории (тамдид) садонокҳо, ки дар марҳилаҳои пешинаи инкишофи забони тоҷикӣ ба сифати дигар: дарозӣ ва кӯтоҳӣ воқеъ гардида, барои фарқ кардани фонемаҳои кӯтоҳ аз дароз: **а** аз **а**:, **у** аз **у**:, **и** аз **и**: истифода мешудааст, дар ҳолати имрӯзаи забони тоҷикӣ ҳамчун воситаи фонемафарққунӣ истифода намешаванд. Садонокҳои забони адабии тоҷикиро дар низоми (система) ду нишонаи тафриқӣ: бардошт ва қатор муттаҳид месозад. Ду нишонаи тафриқии садонокҳо тазодҳои гуногуни низоми вокализмро ба вуҷуд меорад. Нишонаҳои фарққунандаи садонокҳои тоҷикӣ чунин аст:

қатор / бардошт	пеш	омехта	қафо
боло	и		у
миёна	э	ӯ	о
поён		а	

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Нишонаи қатор (ҳаракати уфуқии забон) тазодҳои зеринро ба вуҷуд меорад, ки ба воситаи онҳо садонокҳои тоҷикӣ ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1. Садонокҳои қатори пеш: и, э.
2. Қафо: у, о.
3. Омехта: ӯ, а.

Тазоди пеш-қафо дар байни чор фонема: и, у (дид-дуд) – дар бардошти боло, э, о (бед-бад) – дар бардошти миёна ба назар мерасад.

Тазоди омехта – ғайриомехта танҳо хоси садонокҳои бардошти миёна аст: о-э (зӯр - зер).

Нишонаи фарқкунандаи бардошт (ҳаракати амудии забон) садонокҳои тоҷикиро ба се гурӯҳи миқдоран нобаробар тақсим мекунад:

1. Садонокҳои бардошти боло: у, и.
2. Бардошти миёна: э, ӯ, о.
3. Бардошти поён: а.

Садонокҳои бардошти боло бо садонокҳои бардошти миёна ва садонокҳои бардошти миёна бо садоноки бардошти поён муносибати тазодӣ доранд: и-э (шир-шер), у-о (бум: бом), ӯ-а (кӯр-кар).

Нимсадо. 1. Овозе, ки хосияти фонетикиаш ба садонок қаробат дораду вазифаи ҳиҷосозӣ надорад, мисли сонанти миёнизабонии русии [й] дар интиҳои калима, ки пас аз садонок меояд: май, лей. 2. (Глайд) садоноке, ки унсури дифтонг буда, қобилияти ҳиҷосозӣ надорад.

Нимтире (дефис) аломати имлоист. Ин аломат дар чунин мавридҳо истифода мешавад: 1. Дар байни исмҳои таркибие, ки ҷузъи дуюмашон ба такрор дар ҳамон қолаб меоянд ва маънои мустақил надоранд: нон-пон, қанд-панд, чой-пой… 2. Дар байни калимаҳои тақлиди овозӣ, ки бо роҳи такрор ифода мешаванд: чак-чаки борон, тақ-тақи дарвоза, шилдир-шилдири об. 3. Дар байни сифатҳои таъкидӣ: каб-кабуд, суп-сурх, сап-сафед, наппа-нав, каппа-калон. 4. Дар байни калимаҳои такрор: гурӯҳ-гурӯҳ, доман-доман, даста-даста, оҳиста-оҳиста… 5. Дар байни сифатҳои таркибии нисбӣ: адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, афкори адабӣ-эстетикӣ, луғати русӣ-тоҷикӣ… 6. Пеш аз калимаҳои сифатии ададӣ, ки бо рақам навишта

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

шудаанд: рухсатии 15-рӯза, кӯдаки 9-моҳа, марди 95-сола. 7. Дар байни шумораҳои миқдории тахминӣ: се-чор савора, чор-панҷ китоб, сӣ-чил донишҷӯ… 8. Пеш аз пасванди -ум (-юм) ва нумеративҳои -та, -то, ки бо шумораҳои миқдорӣ ё тахминӣ меоянд: а) пеш аз пасванд: 6-ум, 30-юм, ду-юм; б) пешаз шумораҳои миқдорӣ ва дар байни шумораҳои миқдории тахминӣ: 2-то, 7-то, панҷ-шаш, даҳ-понздаҳ, сад-саду бист… 9. Дар байни ҷонишинҳои номуайянии ким-кӣ, ким-чӣ, ким-кадом, ким-чӣ хел… 10. Дар байни зарфҳои такрор: кам-кам, тез-тез, оҳиста-оҳиста, доман-доман, аҳён-аҳён… 11. Дар назм дар байни пешоянду пайвандакҳои кӯтоҳшуда: к-ин, к-он, з-ин, з-он, бад-ин, бад-он… 12. Пеш аз ҳиссачаҳои -чӣ, -ку, -а, -дия… 13. Дар байни нидоҳои такрор: баҳ-баҳ, ҳай-ҳай, ваҳ-ваҳ, бай-бай…

Ном – калима ва ё пайвасти калимаҳое, ки предмет ё инсонро номбар мекунанд. Аломати фарқкунандаи ном ҳамчун як навъи калимаҳо бо амали номгузорӣ низ алоқаманд аст. Дар забонҳои дорои морфологияи инкишофёфта ном бо шаклҳои тасрифиаш фарқ мекунад. Тавассути аломатҳои ғайризабонӣ ва дохилизабонӣ номро аз навъҳои дигари калимаҳо фарқ мекунанд. Асоси ғайризабонӣ дар он зоҳир мешавад, ки ном предметро ифода мекунад. феъл бошад, аломат ё муносибатро ифода мекунад. Асоси дохилизабонӣ дар он зоҳир мешавад, ки танҳо ном ба объекти ғайризабонӣ муносибати номгузориро ифода карда метавонад. Масалан, феълҳо ва калимаҳои предикативӣ бидуни номбар кардани чунин муносибатҳо муносибатҳои байни предметҳоро ифода мекунанд. Пайвандакҳо робитаи мантиқии байни унсурҳои фикру андешаро «ифода» намуда, ягон обйекти ғайризабониро ифода намекунанд. Нидоҳо низ бидуни номбаркунӣ эҳсосоту ҳиссиётро «ифода мекунанд». Дар таркиби ҷумла ном дар таркиби предикат ба сифати субйекту обйект ва пуркунанда омада метавонад.

Ному насаб - бо роҳҳои зерин ифода меёбад. Бо бандаки изофӣ: Масъуди Саъди Салмон, Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Бо пасвандҳои -ӣ, -зода (-зод), -иён, -пур, -духт: Сомонӣ, Асрорӣ, Мирзозода, Афсаҳзод, Неъматиён, Нодирпур, Зафардухт. Пасванди –ӣ

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

тахаллус низ месозад: Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҷомӣ, Шукӯҳӣ. Калимаҳои ибн, бинт, валад дар байни ном ва номи падар бо ҳарфи хурд ва ҷудо навишта мешаванд: Ибни Сино, Ибни Рушд, Ибни Ямин. Номи вазифа, мансаб, унвон, рутбаҳои давлатӣ ва ҳарбӣ, дараҷаҳои илмӣ бо ҳарфи хурд навишта мешаванд: вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерали артиши миллӣ, доктори илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ.

Нохунак. Аломати ҷуфти китобатӣ, ки барои ҷудо кардани нутқи айнан нақлшуда, иқтибос, номи асарҳои бадеӣ, рӯзномаю маҷалла, созмонҳои ҷамъиятӣ ба кор меравад. Нохунак ду навъ дорад: («–»); (“–”). Ин аломат дар чанд маврид гузошта мешавад: 1. Барои ҷудо кардани нутқи айнан нақлшуда аз сухани муаллиф: Писарак чанд лаҳза лангон-лангон қадам ниҳода, хоку чанги либосҳояшро афтонда, боз тозону сурудхонон идома дод. «Афтодану хестан ҳам ба мард мезебад…» – боҳавас ба ӯ нигариста гуфтам дар дил (Абдулҳамид Самад). 2. Сухани шахси дигар чун санад дар нохунак меояд: … бо ҳамаи ин шавқи хонданро ҳеҷ аз ёд набаровардан: «мо худ нарасидем, ту шояд бирасӣ» гӯён тағоият – Мулло Деҳқонро, ки ҳарфшинос буд, дарсҳои ибтидоӣ хондам… (С.А.). 3. Зарбулмасалу мақол ва панду андарзи бузургон низ дар нохунак гирифта мешавад: Мардон ба вай бо чашми ҳавас менигаристанд, ҷавонон гап мепартофтанд, аммо Наниманча аз ҷумлаи духтароне буд, ки мақоли «Даст расону ба бало мон» дар ҳаққи онҳо гуфта шудааст (С.У.). 4. Калима ё и бораҳои бегона, ки ба меъёри забон мувофиқ нестанд, дар нохунак гирифта мешаванд: Аз каромати пири мо чӣ аҷаб? Гурбаро диду «кор ёғдӣ» – гуфт (Ф.М.). 5. Номи ширкату муассиса, корхона, китоб, рӯзномаю маҷалла дар нохунак гирифта мешавад: Ширкати хайрияи «Сарпараст» дар чопи китоби дарсӣ саҳм гузошт. Достони «Сиёвуш» ҷолибтарин достони «Шоҳнома» аст.

Нуқта. Нуқта аз аломатҳои маъмули хати тоҷикист ва дар чанд маврид гузошта мешавад: 1. Дар интиҳои ҷумла, ки ба анҷом расидани фикрро мефаҳмонад: Меҳрубон падарашро аз хоб хезонда натавонист

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

(Карорматуллоҳи Мирзо). 2. Дар интиҳои ҷумлаҳои амрие, ки ба тариқи хоҳиш, орзу, илтимос гуфта шудаанд: Канӣ, ба ош марҳамат кунанд (П.Т.). 3. Пас аз ихтисораҳо: ш. Самарқанд, Б.Ғафуров, саҳ. 220, ҷ. II. 4. Ҳангоми тартиб додани феҳрасти адабиёт чунин мавридҳои гузоштани нуқта муқаррар шудааст: Айнӣ С. Куллиёт. – Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1969 – Ҷ. II. – с. 26-27. – 268 с. 5. Нуқта гузошта намешавад: а) дар интиҳои унвони матн ё сарлавҳа; б) дар интиҳои ному насаби муаллиф, унвони китобҳои бадеӣ, илмӣ ва дарсӣ; в) дар интиҳои номи ҳуҷҷат, ки чун унвони матн кор фармуда мешавад (ариза, забонхат, зиндагинома, фармон); г) дар интиҳои таркибҳои кӯтоҳшуда: СММ (Созмони Милали Муттаҳид). АИ ҶТ (Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон); ғ) дар интиҳои калимаҳои баёнгари мафҳуми ченаки вазн, масофа ва амсоли ин: грамм, сантиметр, метр, километр (250 г қанд, 50 кг биринҷ, 20 м чит, 10 га замин).

Нуқтавергул – аломати китобатиест, ки нуқтаро дар болои вергул гузошта мешавад. Мавридҳои гузоштани ин аломат дар байни аъзои чидаи тафсилӣ, ки бо ҳарф ё рақам гурӯҳбандӣ шудаанд. Мисол: «Низомии Арӯзӣ дар «Чаҳор мақола»-и худ танҳо дар байти охирини шеъри «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён» ҳафт санъати шеъриро зикр намудааст: мутобиқ (офарину мадҳ); мутазод (суду зиён); мураддаф – такрор; баёни мусовот – офарину мадҳ бо ганҷ; азубат (хушмаза, гуворо); фасоҳат; ҷазолат (устуворӣ, хубӣ, бузургӣ)».

Нумератив. Калимаҳое, ки дар байни шумора ва предмети шумурда омада, маънои мустақили луғавӣ надоранд. Нумеративҳои **-та, -то** нумеративҳои аслию умумианд ва бо шумораҳо ҳамроҳ меоянд: дуто нон, сето қалам, даҳто китоб: Ҳар як гӯсфандам… аз даҳто кампири ту азизтаранд (С.А.). Ҳар як гурӯҳи маъноии исмҳо бо калимаҳои нумеративии муайян меояд. Калимаҳои мансуби шахс баъди шумора бо нумеративҳои нафар, тан меоянд: ақаллан си-чил тан ангиштканҳои рафтаро мегардондӣ (Р.Ҷ). Калимаи сар барои шумори ҳайвонот меояд. Бо ҳамаи ин як ҳазору шашсад сар гӯсфандамон дар як сол ду ҳазору ду сар шуд (С.А.). Нумеративҳоро аз рӯи семантика – маъноягон ба хелҳои

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

зерин ҷудо мекунанд: а) нумеративҳои ададу дона: **-то (-та)**, нафар, тан, сар, бех, дона, нусха, адад, тана (ду нафар шогирд, 5 нусха китоб, ду бех зардолу); б) нумеративҳои андозаи дарозӣ ё масофа: миллиметр, детсиметр, метр, километр, газ, фарсанг (як газ карбос, 5 км роҳ); в) нумеративҳои андозаи вазн: миллиграмм, килограмм, пуд, тонна, мисқол, қадоқ, ман, сер (ду килло биринҷ, 10 ман ҷав); г) нумеративҳои андозаи масоҳат, метрии мураббаъ (м^2), таноб, гектар; (4 метри мураббаъ, як гектар замин); ғ) нумеративҳои нарху баҳо: тин, сӯм, сомонӣ, танга, динор, дирҳам; д) нумеративҳои андозаи ҳаҷм: детсиметри мукааб, лӯнда, дарза, қабза, мушт (як лӯнда ҳалво, як қабза беда); е) нумеративҳои андозаи замон: сония, дақиқа, соат; ж) нумеративҳои гунҷоиш: ҷувол, халта, арроба, вагон (як халта орд, чор ароба бор, се танӯр нон).

Нутқ – гуфтугӯи мушаххасе, ки дар замони муайян дар шакли овозӣ ё хаттӣ сурат мегирад. Мафҳуми нутқ ҳам ҷараёни гуфтугӯ (фаъолияти нутқӣ) ва ҳам натиҷаи онро – тавлиди нутқиро, ки дар хотира ё тариқи хат сурат мегирад, дар бар мегирад. Тавсифу тасвири нутқ маъмулан тавассути муқобилгузории он ба забон (рамз) дода мешавад, ки ҳамчун системаи ба таври объективӣ вуҷуддошта аз ҷиҳати иҷтимоӣ бо аломатҳо мутобиқ буда маҷмӯи системаи қоидаҳои истифода ва ҳамнишинии онҳо фаҳмида мешавад. Нутқ ва забон (рамз) фенемени ягонаи забони инсонӣ ва ҳар як забони ҷудогона аст. Нутқ таҷассум ва амалӣ гардидани забон (рамз) аст,ки танҳо тавассути он вазифаи мухобиротии худро иҷро менамояд. Агар забон аслиҳаҳои муомилот бошад, нутқ як намуди муомилаест,ки тавассути ҳамин аслиҳа ба вуҷуд оварда мешавад. Нутқ забонро ба қарина (контекст) ворид мекунад. Нутқ амали мушаххас ва такрорнашаванда буда, забон баръакси он дорои хусусияти муҷаррадӣ ва бозтавлидӣ мебошад. Нутқ моддист ва аз аломатҳои талаффузшаванда иборат аст, ки тавассути эҳсосот (узви шунавоию биноӣ ва қувваи ломиса) дарк карда мешавад. «Забон нутқро ба вуҷуд меорад ва ҳамзамон худаш офаранда мебошад. Забон ҳамзамон ҳам аслиҳа ва ҳам маҳсули нутқ мебошад» (Ф. де Соссюр).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда. Агар гӯянда воқеа ё ҳодисаи аз забони касе шунида ё аз ҷое хондаашро ба каси дигар гӯяд, чунин тарзи баёнро нақл мегӯянд. Нақл муҳокимаи ботинӣ, фикру хаёлот ва орзуи ногуфтаро низ дар бар мегирад. Нақл ҳаҷман гуногун мешавад: Котиб бо як вазъияти дилгирона,ки гӯё мегуфт: «Намонед-дия» дарро бозкард; Рафиқи ҷавониам – Маҳмудро дар хонааш ёфтам: «Ту маро шинохтӣ?» Бечора ларзида «ҳа» гуфт (Ҳ.К.). Дар нақл ду унсур вуҷуд дорад: нутқи каси дигар ё худи гӯянда, ки ба тариқи нақли айнан оварда мешавад ва суханони нақлкунанда (ровӣ). Агар сухани шахси дигар бе тағйирот оварда шавад, **нутқи айнан нақлшуда** ном дорад. Нутқи айнан нақлшуда дар нохунак оварда мешавад. Сухани нақлкунанда дар паҳлуи нутқи айнан нақлшуда меояд ва одатан ба ки тааллуқ доштани онро низ ишора мекунад. Агар нутқи айнан нақлшуда дар аввал ояд, баъди он аломати вергул, тире гузошта мешавад: «Дониста монед,ки тозагӣ гарави саломатист», – таъкид кард муаллима. Нақл се навъ сурат мегирад: айнан, мазмунан ва дар тақлиди суханони касе баён кардан. Дар нутқи айнан нақлшуда унсурҳои луғавии забони зинда (калимаҳои гуфтугӯӣ, омиёна, таъбирҳои касбу ҳунар, алфози шевагӣ, таъбирҳои рехта ва ғайра) истифода мешаванд. Мазмуни гуфтаҳои касе мухтасар аз забони худ ба шунаванда (хонанда) нақл карда шавад, чунин тарзи баёнро нутқи мазмунан нақлшуда меноманд. Дар чунин тарзи баёни фикр матлаб дар қолабҳои маъмули забон ба тарзи мӯътадил ифода меёбад: Аноргул ба ӯ мегуфт, ки бо падар ва модараш дар бом мехобад ва шабҳо таронаи Восеъро мешунавад (С.У.). Дар сухани мазмунан нақлшуда майлҳои иродавӣ (амру фармон, супориш, хоҳишу илтимос, зорию тавалло) равшану барҷаста ифода намешавад: – Ту олуи ба замин рехтаро ягон дона ҳам намонда чида, ба қуттӣ андохтан гир! – гӯён ба писараш амр дод (С.А.).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

О

Овоз. 1. Падидаи физикие, ки натиҷаи лапиши мавҷноки ҳаво мебошад. Суръати овоз. Овози мусиқӣ. 2. Унсури равшани нутқи талаффузшавандаи инсонист. Овозҳои нутқи мо мисли овозҳои дигари табиат ҳодисаи физикианд. Овозҳо дар натиҷаи ҳаракати ин ё он ҷисм падид меоянд ва тавассути ҳавои атроф паҳн мешаванд. Овозҳо дар натиҷаи ду навъи ҳаракати лапишӣ ба вуҷуд меоянд: лапишҳое,ки давомнокии якхела доранд (лапишҳои мудаввар ё муназзам) ва лапишҳое, ки давомнокии гуногун доранд (лапишҳои ғайримудаввар ё номуназзам). Овозҳое, ки дар натиҷаи лапишҳои мудаввар пайдо мешаванд, лаҳнҳои мусиқӣ ё лаҳн ва овозҳое, ки аз лапишҳои номуназзам падид меоянд, шавшув номида мешаванд. Дар забон ҳар ду навъи овоз дида мешавад. Лаҳнҳо садонокҳо ва шавшувҳо ҳамсадоҳоро ба вуҷуд меоранд. Манбаи пайдоиши лаҳнҳо (садоҳо) садопардаҳо мебошанд, ки ба таври муназзаму мудаввар ҳаракат мекунанд. Шавшуви барои ҳамсадоҳо хосро монеае ба амал меорад, ки тавассути ягон узви мутаҳаррик (лабҳо, забон…) дар роҳи маҷрои ҳаво ба вуҷуд оварда мешаванд.

Овозҳои забони тоҷикӣ (ниг.: **садонок ва ҳамсадоҳои забони тоҷикӣ**).

Овозҳои нутқ. Воҳидҳои минималии (хурдтарини) занҷири нутқ, ки натиҷаи фаъолияти мураккаби артикулятсионии инсон аст. Овозҳои нутқ воҳидҳои занҷирии фонетикианд. Овоз қисми ҳиҷост, ки муодили фонема буда, тақсимнопазир аст. Овозҳое, ки мо талаффуз мекунем ва мешунавем дар натиҷаи ҳаракати ҷисмҳо – узвҳои инсон ҳосил мешаванд. Кори якҷояи узвҳои дастгоҳи гуфтор дар ҷараёни овозсозӣ **тавлиди овоз** ё мухтасар **тавлид** номида мешавад. Вобаста ба саҳмашон дар овозсозӣ узвҳои нутқро ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: а) узвҳое, ки дар овозсозӣ иштироки бевосита доранд ва б) узвҳое, ки барои овозсозӣ масолеҳ медиҳанд. Овозҳои нутқ маъмулан, дар таркиби воҳидҳои гуногуни маънодори забонӣ: морфема, калима, ҷумла дар матн истифода

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

мешаванд. Овозҳои нутқ дар таркиби воҳидҳои маънодор ду вазифаро адо мекунанд: калимасозӣ ва калимафарққунӣ (ё калимашиносӣ).

Оилаи забонҳо. Маҷмӯи забонҳои хеш, ки аз як забони мабдаъ ба вуҷуд омадаанд. Масалан, забонҳои славянӣ, балтӣ, ҳиндӣ, эронӣ, олмонӣ, романӣ, арманӣ ва ғ. забонҳои хеш буда, оилаи забонҳои ҳиндуаврупоиро ташкил медиҳанд. Миқдори оилаи забонҳо дар адабиёти илмӣ ҳар хел (20 ва аз он зиёдтар) қайд шудааст. Забонҳои ҳиндуаврупоӣ, сомию ҳомӣ, кавказӣ, финну угорӣ, туркӣ, малаю полинезӣ ва ғ. оилаҳои забонҳои калони дунё мебошанд. Маъмулан, оилаи забонҳо ба гурӯҳҳои нисбатан хурд – шохаҳои забонӣ ҷудо мешаванд. Масалан, забонҳои эронӣ, славянӣ, олмонӣ, ҳиндӣ ва ғ. Гурӯҳҳои оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ, забонҳои матруки мисрии қадим, қубтӣ, куштӣ, чадӣ. Гурӯҳҳои оилаи забонҳои сомию ҳомиро ташкил медиҳанд. Ҳар як гурӯҳи забонӣ, чун қоида аз якчанд забонҳои ба ҳам наздик иборат мебошад. Чунончи, ба гурӯҳи забонҳои эронии оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ гурӯҳи забонҳои шарқӣ ва ғарбии эронӣ шомиланд. Аммо забонҳои ҷудогонае низ ҳастанд,ки як гурӯҳи мустақили оилаи забонҳоро ташкил мекунанд (гурӯҳҳои албанӣ ва армании оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ). Забонҳое, ки дар гузаштаи наздик аз забони мабдаъ ҷудо шудаанд, (мас., бисёр забонҳои малаю полинезӣ, агарчи аз ҳам дар масофаи хеле дур ҷойгир шуда бошанд ҳам, мубодилаи афкор дар байни намояндагони ин забонҳо ба осонӣ муяссар мегардад. Олимон дар асоси муқоисаи забонҳои мабдаи оилаи забонҳои гуногун фарзияи замони хеле қадим аз як забони мабдаъ (фарзияи «забонҳои ностратӣ» – «забонҳои хеш») пайдо шудани якчанд оилаи забонҳои калонро ба миён гузаштаанд. Ба ҳамдигар наздик будан ё тафовути зиёд пайдо кардани забону лаҳҷаҳои оилаи забонҳо ба муҳити ҷуғрофӣ, сарнавишти таърихии соҳибони забон, дараҷаи таъсири мутақобили онҳо, сохти давлатдорӣ ва ғ. вобаста аст. Зиёд будани тафовути байни забонҳои ба ҳам хеш нишон медиҳад, ки ба шохаю гурӯҳҳо ҷудо шудани забони мабдаъ дар замони хеле қадим ба вуқӯъ пайвастааст.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Оилаи забонҳои ҳиндуурупоӣ аз ҷиҳати сарфу наҳв аз ҳам дур шуда бошанд ҳам ҳоло дар таркибии луғавии онҳо калимаҳое ҳастанд, ки то ҳол асолатро нигоҳ доштаанд ва ба тағйироти овозиву маъноӣ комилан ба таври фарқкунанда табдил нашудаанд. Умуман, оилаи забонҳои ҳиндуурупоӣ ҳам аз ҷиҳати макон ва ҳам аз ҷиҳати замон фазо ва имтидоди басо фароху густурда доранд ва онҳо аз гурӯҳҳои зерини забонӣ ҷудо мешаванд: 1. Гурӯҳи забонҳои ҳиндуӣ давраҳои гуногуни таърихиро тай карда, ба онҳо ҳам забонҳои матрук (санскрит, пракрит, забони Веда ва пали) ва ҳам забонҳои зиндаи то даврони муосир омада расида (ҳиндӣ, урду, панҷобӣ, синҳалезӣ, банғолӣ, маратҳи) шомиланд. 2.Гурӯҳи забонҳои эронӣ, гурӯҳи нисбатан инкишофёфта, паҳншуда ва дорои таърихи амиқтаре аст, ки ба ин гурӯҳ низ забонҳои матрук ва зинда шомиланд, ки дар вақти зарурӣ ба таври муфассал сари ин масъала бармегардем. 3. Забони арманӣ бо хусусиятҳои луғавӣ ва сарфиву наҳвӣ гурӯҳи ҷудогонаро ташкил медиҳад. Мавриди қайд аст, ки забони арманӣ ба радду бадалҳо ва ковишу коҳишҳо нигоҳ накарда, асолати таърихии худро нисбат ба дигар забонҳо устувор нигоҳ доштааст. 4. Гурӯҳи забонҳои славянӣ низ аз гурӯҳи забонҳои басо густурда ва рушдкардаи оилаи забонҳои ҳиндуурупоист, ки ин гурӯҳ низ бо гузашти даврахои таърихӣ тағйиротҳои назаррасро аз сар гузаронидааст. Гурӯҳи забонҳои славянӣ ба се гурӯҳ ҷудо мешавад. Ба гурӯҳи аввал забонҳои славянии шарқӣ, яъне забонҳои украинӣ, белорусӣ, русӣ шомил буда, ба гурӯҳи забонҳои славянии ғарбӣ забонҳои полянӣ, чехӣ, словакӣ шомиланд ва ба гурӯҳи сеюм бошад гурӯҳи забонҳои славянии ҷанубӣ, яъне забонҳои сербӣ, хорватӣ, словенӣ, македонӣ ва булғорӣ мансубанд. 5. Гурӯҳи дардӣ низ дар Ҳиндустон густариши бештаре доранд ва ба онҳо забонҳои кати, ашкунӣ, войгелӣ, прасун, чатрорӣ ва кашмирӣ шомиланд. 6.Гурӯҳи балтӣ забонҳои литвагӣ, латишӣ ва забони қадимаи прусиро дар бар мегирад. 7. Гурӯҳи забонҳои итолявии романӣ забони муосири франсавӣ, португалӣ, испанӣ, итолявӣ, румонӣ, молдавӣ ва испаниро дар бар мегирад, ки онҳоро имрӯз маъмулан забонҳои романӣ меноманд. Забони қадимаи ин

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

гурӯҳи забонҳо лотинии қадим аст, ки ҳоло матрук аст. 8. Забони юнонӣ ба ягон гурӯҳи дигари забонҳои оилаи ҳиндуаврупоӣ шомил нест ва он забони матрук буда, дар баробари гурӯҳҳои забонӣ мустақилона мавқудият дошт. Хусусиятҳои сарфиву наҳвии забони юнонӣ тавассути осори хаттии то ба замони мо омада расида таҳқиқу баррасӣ шудааст. 9. Забони албанӣ низ чун забонҳои арманӣ ва юнонӣ ба ягон гурӯҳи муайяни оилаи забонҳои ҳиндуурупоӣ шомил нест. Забони албанӣ хусусиятҳои ду забони матруки даврони гузашта - иллерӣ ва фракиро таҳассум мекунад. 10. Гурӯҳи забонҳои германӣ ба се шоха - шарқӣ, ғарбӣ ва шимолӣ ҷудо мешавад. Ба шохаи шарқӣ забони хат шомил аст, ки он матрук аст. Ба шохаи шимолии ин гурӯҳи забонҳо забони даниягӣ скандинавӣ ва гӯишҳои он шомил мешаванд. Забонҳои англисӣ, нидерландӣ, немисӣ шохаи забонҳои ғарбиро ташкил медиҳанд. 11. Дар даврони пешин гурӯҳи бештар дар Урупо густурдаи забонҳои ҳиндуурупоӣ гурӯҳи забонҳоии келтӣ будааст. Ҳоло аз ин гурӯҳи забонҳо дар сарзамини Британиёи Кабир забонҳои гелӣ ва валӣ дар истеъмоланд. Як забони дигар дар территорияи Франсия паҳн шудааст, ки он гурӯҳи забони британӣ аст. Забони ирландӣ низ ба ҳамин гурӯҳ шомил аст. 12. Гурӯҳи забонҳои тохарӣ, ки дар Туркистони Чин густариш ёфта буданд, ҳоло ин забонҳо мустаъмал нестанд ва матруканд. 13. Гурӯҳи забонҳои анатолӣ дар даврони қадим дар сарзамини Осиёи Хурд густариш ёфта буданд. Ба ин гурӯҳ забонҳои ликӣ ва лидӣ шомил буданд, ки имрӯз ин забонҳо матруканд.

Омезиши калима. Фаромӯш шудани маънои ибтидоии калима боиси маънидодҳои нав ба нави пайдоиши он мешавад. Дар мавридҳои асоси илмӣ надоштани баромаду пайдоиши калимаҳо этимологияи халқӣ ва ё маънидоди ғалати пайдоиши калима ба вуҷуд меояд. Масалан, **Исфараро** аз ибораи исто фаро, **Помирро** аз пойи мир маънидод кардан дуруст нест. Дар маънидоди мардумии пайдоиши калима бисёр вақт образи тозае ба калима нисбат дода мешавад, ки дар асл мумкин аст, калима соҳиби он набошад. Масалан, ба рӯзғор табдил дода шудани калимаи рӯзгор ба

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

маънои «олам, зиндагӣ, маишат». Усули дигари омезиши калимаҳои тоҷикӣ ихтилоти ду ва зиёда калимаҳои мустаъмал ва тавлиди калимаи сеюм аст. Чунончи, калимаҳои бозургон, тамоил, фасона бо ҳамин усул ба вуҷуд омадаанд. Калимаи бозургон, ки маънои «савдогар, тоҷир»-ро касб кардааст, аз омезиши бозаргон ва шакли ҷамъи калимаи бузург, яъне бузургон ба вуҷуд омадааст.

Омографҳо – калимаҳое, ки аз ҷиҳати навишту имло ба ҳамдигар монанд буда, бо ягон унсури талаффузашон аз ҳам фарқ мекунанд: гарон ба маънои «қимматбаҳо» ва гарон «агар он» («гар он»), атлас «шоҳӣ» ва атлас «маҷмӯи харитаҳои ҷуғрофӣ». Бештарини омографҳо бо мавқеи задаи луғавии худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд: сурӯд «тарона» – сӯруд «шакли замони гузаштаи феъли сурудан», киштӣ «сафина» ва киштӣ «қадаҳе, ки ба сурати киштӣ бошад». Калимаҳои гуногунталаффузи гарон ба маънои «қимматбаҳо» ва гарон «агар он», атлас «шоҳӣ» ва атлас «маҷмӯи харитаҳои ҷуғрофӣ», чаро «поидани чорпоён» ва чаро «барои чӣ».

Омоморфемаҳо – пасвандҳои шаклан якхелаю аз ҷиҳати маъно фарқкунандаро омоморфема, вале пасвандҳои шаклан гуногуну аз ҷиҳати маъно якхеларо синоморфема меноманд. Вандҳо (аффиксҳо) бар хилофи асосҳо дар алоҳидагӣ ҳеҷ чизро ифода намекунанд. Маънои онҳо маҳз ҳангоми бо исмҳо ҳамроҳ омаданашон зоҳир мешавад. Морфемае,ки бо маънои дар таркиби калима доштааш мустақилона истифода мешавад, аффикс (ванд) ба шумор намеравад. Чунончи, дар таркиби калимаҳои субҳгоҳ, гузаргоҳ, унсури **-гоҳ** мушоҳида мешавад, ки яке ба маънои замон (субҳгоҳ) ва дигаре ба маънии макон (гузаргоҳ) истифода шудааст. Азбаски якумӣ берун аз таркиб алоҳида низ истифода мешавад ва дар забон вазифаҳои гуногунро адо мекунад, вай пасванди калимасоз башумор намеравад. Аммо дуюмӣ танҳо дар таркиби калима мушоҳида мешавад. Аз ин рӯ, вай пасванди калимасоз аст ва маънои маконiаш маҳз дар таркиби калима ошкор мегардад. Омоморфемаҳо ва омографҳо дар натиҷаи тасодуфан мувофиқ омадани таркиби овозӣ, тағйироти

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

фонетикии воҳидҳои забон ва воҳидҳои иқтибосӣ низ ба вуҷуд меоянд. Морфемаи сермаъно дар доираи як ҳиссаи нутқ маҳдуд мешавад, омоморфемаҳо бошад, калимаҳои аз ҷиҳати маъно наздик намесозад, инчунин дар доираи ду ва ё зиёда ҳиссаҳои нутқ мушоҳида мешавад, яъне ҳамон як морфема дар калимасозии ҳиссаҳои гуногуни нутқ иштирок менамояд.

Омонимияи воҳидҳои фразеологӣ. Ду ва ё зиёда воҳидҳои фразеологии аз ҷиҳати шакл ва талаффуз ба ҳам монанд, вале аз бобати маъно гуногун. Омонимҳои фразеологӣ ба гурӯҳи ифодаҳои рехтаи мустақили захираи фразеологии забон дохил шуда, аз ҷиҳати маъно ба якдигар умумият надоранд. Масалан, ибораҳои «шамол хӯрдан» – зуком шудан ва «шамол хӯрдан» – сайру гашт кардан; «ба қиём омадан» – рост, боло шудан (-и офтоб) ва «ба қиём омадан» – исён бардоштан; «занг задан» – зангор бастан (-и филизот) ва «занг задан» – зангӯла задан. Омонимҳои фразеологӣ дар заминаи воҳидҳои фразеологии полисемӣ ҳам ба вуҷуд омада метавонанд. Чунончи, ибораи сермаънои «сар задан» бо маъниҳои: 1) ибтидо ёфтан (мунозира сар зад), 2) баромадан, баланд шудан (офтоб сар зад) ва 3) ба вуҷуд омадан (ин кор аз ғофилӣ сар зад) маъруф аст.

Омонимҳо (калимаҳои ҳамовоз) (аз юн. homos – якхела ва onyma – ном) калимаҳое, ки бо сохти овозии худ бо ҳам баробаранд ё қаробат доранд. Масалан, калимаи доира ба маънои «ҳар чизи мудаввар» ва доира «навъе аз асбобҳои мусиқӣ»; осиё «дастгоҳи ордкунии ғаллаҷот» ва Осиё «яке аз қитъаҳои олам». Вобаста ба он ки ин ё он силсилаи маъноӣ бо як шакли (қолаби) овозӣ ифода мешавад, ё ин ки маъноҳои ҷудогонаи он ҳар яке қиёфаи овозии хос доранд, дар хусуси калимаҳои сермаъно ва ё ин ки омонимӣ муҳокима рондан мумкин аст. Омонимҳоро аз ҷиҳати ифода ба пурраю нопурра ҷудо мекунанд. Омонимҳои пурра шаклҳои асосии калимаҳое мебошанд, ки ба як гурӯҳи луғавию дастурӣ мансуб буда, бо системаи парадигмавии маъноӣ, морфологӣ, синтаксисӣ ва ҳамнишинии луғавиашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, ҷуфтҳои

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

муштаракталаффузи пул «купрук», пул «нақдина»; расм «сурат», расм «одат» ба гурӯҳи омонимҳои пурра дохил мешаванд:

Гарчи пулдорист дар олам маноти эътибор,
Ғам махӯр аз бепулӣ, Бепул, ки дарё бепул аст (А.С.).

Омонимҳои нопурра ҳатман ба гурӯҳҳои гуногуни луғавию дастурӣ дохил шуда, системаи парадигмавии гуногун доранд. Масалан, калимаи без ба маънои «ғадуд», ки исм аст, бо шакли фармоишии феъли бехтан – без омоним мешавад. Омонимияи шаклҳои гуногуни калимаҳо (омофермаҳо) ва омографҳо мебошанд. Омонимҳо баръакси ҳодисаи полисемия (сермаъноӣ), ки ба системаи маъноии вожаҳои забон алоқаманд аст, ба сохтори фонетикии онҳо вобастагӣ дорад. Шарти асосии калимаҳои бо ҳам омоним набудани робитаҳои мантиқию шайъии маъноҳои онҳост.

Омофонҳо. Ба ҳам монанд шудан ва ё наздик шудани талаффузи овозҳои ҷудогонаи калимаҳо дар мавқеъҳои муайяни фонетикӣ омофонҳоро ба вуҷуд меоваранд: қарз ба маънои «насия, ба орият гирифтан» ва қарс «рӯймол, сарандоз»; зод «шакли мухаффафи замони гузашта аз феъли «зоидан» ва зот «ҷинс», нуфуз «афзоиш» ва нуфус «аҳолӣ». Яъне омофонҳо калимаҳои талаффузашон якхела, вале навишташон гуногун аст: тӯп-тӯб.

Омоформаҳо. Ба ҳам монандшавии қиёфаи овозии шаклҳои грамматикии калимаҳои ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва ё калимаҳои мансуби як ҳиссаи нутқ омоформаанд: сарой ба маънои «қаср, кох», сарой асоси замони ҳозираи феъли «сурудан», зан «ҷинси муқобили мард», зан асоси замони ҳозираи феъли «задан».

Оним (онома, исми хос) – калима, ибора ё ҷумлае, ки объекти номгузоришударо аз дигар объектҳо барои ҷудо намудан хизмат мекунад (антропоним, топоним, зооним, астроним, космоним, теоним, хрематоним).

Ономастика (юн. onomastikos – номгузорӣ ё номшиносӣ) – бахши забоншиносиро гӯянд, ки ба омӯзишу таҳқиқи ҳамаи анвоъ ва шаклҳои

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

исмҳои хос машғул аст. Аз рӯи ҷанбаи ифодаи мавзеъҳо онома (ном) ба антропонимҳо (юн. antro – «одам») – номи одамҳо, топонимҳо (юн. topos – ҷой, мавзеъ, макон) – номи мавзеъҳои ҷуғрофӣ, зоонимҳо (юн. zoo – ҳайвон) – ном (лақаб)-и ҳайвонот, астронимҳо (лот. astro «ситора») – номи ҷирмҳои осмонӣ, астротопонимҳо – номи мавзеъҳои худоҳо, олиҳаҳо ва фариштаҳои гуногун, этнонимҳо (юн. etnos – ҷамъият) – қабила, халқият, халқ, анвои гуногуни тахаллус ва лақаби аҳолии ин ё он ҳудуди ҷуғрофӣ ҷудо мешаванд. Ономастика маҳсули тафаккури даврaҳои гуногуни инкишофи ҷамъият, боигарии маънавӣ, ганҷинаи боэътимоди таъриху маданият ва як ҳиссаи муҳими фонди луғавии забон буда, барои тадқиқи масъалаҳои этимология (решашиносӣ), фонетика, калимасозӣ, шевашиносии таърихию муосир ёрӣ мерасонад. Ономастика ҷиҳатҳои фонетикӣ, морфологӣ, калимасозӣ, семантикӣ (маъноӣ) ва этимологии исмҳои хосро таҳқиқ мекунад. Ономастика бо ин мақсад аз методҳои гуногуни забоншиносӣ: муқоисавию таърихӣ, сохторӣ, генетикӣ, ареалӣ, методи харитакашӣ истифода мебарад. Ономастика бо илмҳои таърих, этнография (мардумшиносӣ), археология, насабшиносӣ, илми нуҷум, матншиносӣ алоқаю робита дорад. Ономастикаи амалӣ бо масоили овознависӣ ва ҳарфнависии номҳои хориҷӣ машғул мешавад. Бо вуҷуди он ки исмҳои хос аз даврaҳои хеле қадим таваҷҷӯҳи донишмандонро дар Ғарбу Шарқ ҷалб карда бошад ҳам, вай мақоми илмиро танҳо дар солҳои 30-юми асри XX дар конгресси якуми номшиносон (с. 1930) дарёфт намуд. Баъзе паҳлуҳои ономастикаи тоҷик, аз ҷумла, масъалаҳои топонимия аз ҷониби Р.Х. Додихудоев, С.И. Климчитский, Л.И. Розова, А.В. Розенфельд, О.М. Смирнова, А.Л. Хромов, антропонимия аз тарафи Я.Н. Калонтаров, О.Ғ. Ғафуров, Р.О. Ортиқов мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Ономастикон. – 1. Луғат ва ё феҳрасту номгӯйи ҳар гуна исмҳои хос, ки маъмулан ба таври алоҳида барои категорияҳои гуногуни онимҳо (аз ҷумла антропонимкон, топонимикон) ба шарҳу тавзеҳоти лингвистӣ ва

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

экстралингвистӣ тартиб дода шудааст. 2. Феҳристи исмҳои хоси этноси муайян, гурӯҳ ва замону макони алоҳида мебошад.

Ономизатсия – гузариши аппелятив ва ё ибораи аппелятив тавассути тағйири вазифа ба исми хос ва инкишофи он дар гурӯҳи онимҳо. Масалан, садбарг (гул) – Садбарг (номи зан), ҳисор (қалъа) – Ҳисор (ноҳия). Ономизатсия ду навъ мешавад: ономизатсияи грамматикӣ ва ономизатсияи семантикӣ. Ономизатсияи грамматикӣ – ҷараёне, ки тавассути морфемаҳои ёвар (вандҳо, морфемаҳои решагӣ (мураккабшавӣ), роҳи синтаксисӣ (ташаккули ном – ибораҳо, ном – фразаҳо) сурат мегирад.

Оронимика – яке аз бахшҳои топонимика буда, оронимҳоро меомӯзад ва бештар ба муайян кардани қонуниятҳои ташаккул, инкишоф ва вазифаю амалкарди онҳо нигаронида шудааст. Ин истилоҳи топонимӣ юнонӣ буда, аз ҷузъҳои oros – кӯҳ ва onim – ном таркиб ёфта, мавзеи дар сатҳи замин қарордошта, амсоли кӯҳ, тепа, дашт, саҳро, ағба, дара, жарф ва монанди инҳоро меомӯзад.

Оҳанг - тағйири (баланду пастшавии) наво, қувва, тамдид ва танини овозҳо ҳангоми талаффузи гуфтор оҳанг номида мешавад. Оҳанг аз ҷумлаи воҳидҳои забарзанҷираи фонетика аст. Оҳанг хусусияти пайдарпаӣ надорад ва гӯё ба болои воҳидҳои тайёр – ҷумлаҳо «илова» шуда, онҳоро аз ҷиҳати фонетикаю мухобиротӣ муташаккил месозад. Чунин «иловашавӣ» ҳатмист, зеро мавҷудияти ҷумла ҳамчун воҳиди томи мухобира ба оҳанг вобаста аст. Оҳанг дар ҳар ду шакли мавҷудияти гуфтор (шифоҳӣ ва хаттӣ) зоҳир мешавад. Дар нутқи шифоҳӣ ба туфайли шакли овозиаш оҳанг равшантар зоҳир мешавад. Дар нутқи хаттӣ оҳанг ба воситаи аломатҳои китобат (нуқта, вергул, аломатҳои пурсиш, амр, ахбор ва ғ.) ифода меёбад. Оҳанг ҳамчун ҳодисаи овозии забон ду ҷиҳати омӯзиш дорад: а) ҷиҳати мухобиротӣ (коммуникативӣ) ва б) ҷиҳати эҳсосӣ. Агар дар ҷиҳати мухобиротӣ саҳм ва имкониятҳои оҳанг дар ифодаи маъноҳои гуногуни мухобира (хабар, пурсиш, амр) ва воситаҳои фонетики ташкили онҳо таҳқиқ шавад, дар ҷиҳати эҳсосӣ имконияти ба

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

воситаи оҳанг ифода шудани эҳсосоти рӯҳии гӯянда (қаҳр, ғазаб, хурсандӣ) омӯхта мешавад.

Оҳанги ангезиш. Оҳанги ангезиш ё амр барои фразаҳое хос мебошад, ки гӯянда ба воситаи онҳо шунавандаро тавассути навъҳои гуногуни амр (амр, фармон, илтимос, хоҳиш, маслиҳат, огоҳӣ ва ғ.) ба иҷрои коре бармеангезонад, водор мекунад. Дар забони тоҷикӣ оҳанги ангезиш дар се навъи асосии ҷумлаҳо равшантар зоҳир мешавад: 1. Ҷумлаҳои амрие, ки хабари онҳо бо шакли сиғаи амрии феъл ифода меёбад: Бандед ӯро! Китобро хонед! 2. Ҷумлаи амрие, ки дар онҳо барои ифодаи амр ҳиссачаҳо, феълҳои ифодагари маъноҳои иродавӣ ба кор бурда мешаванд: канӣ, тезтар сар кунед! Бигузор, ӯ аз ин ҷо равад! 3. Ҷумлаҳои нопурраи амрие, ки дар онҳо хабар истифода намешавад, вале дар назар дошта мешавад: Тезтар! Хомӯш! Бас! Ҷумлаҳои амрӣ ба туфайли семантикаи хосашон дар нутқ моили талаффузи ифоданоку эҳсосӣ мебошанд: Тез дасташро бандед! – фармон дод сардор.

Оҳанги ахбор - навъҳои гуногуни хабар: хабари соф, нақл, шикоят, гузориш ва ғайраро дарбар мегирад. Оҳанги ахбор вобаста ба овози паст ё баланди гӯянда метавонад аз сатҳи дуюм ё сеюм оғоз ёбад ва дар тӯли талаффузи фраза (ҷумла) ба тағйироти бешу кам дучор гардад, аммо вай ҳамеша майли пастшавӣ дорад. Гуфтори ахборӣ ду навъи асосӣ дорад: яктаркиба ва дутаркиба, ки ҳар кадоми онҳо дорои шаклҳои тасдиқию инкорианд. Фразаи яктаркибаи ахборӣ ин ё он падидаи ҳаётро зикр мекунад ва бештар ҳангоми тавсифи ин ё он воқеа, эълонҳо, дар хондан истифода мешавад. Тарҳи умумии оҳанги фразаи дутаркиба болорави пастшав аст. Фразаи дутаркибаи ахбории тоҷикӣ аз ду қисми оҳангӣ иборат аст: болорав ва пастшав қисматҳои болораву пастшави фразаи ахбории дутаркиба метавонанд як ё якчанд синтагмаро дар бар гиранд, вале онҳо тобеи як тарҳи умумии оҳанг мебошанд. Оҳанги ахбор вобаста ба овози гӯянда (овози паст ё баланд) метавонад аз сатҳи дуюм ё сеюм сар шавад ва дар тӯли талаффузи фраза (ҷумла) ба тағйироти бешу кам дучор гардад, вале вай ҳамеша майли пастшавӣ дорад. Гуфтори ахборӣ ду навъи

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

асосӣ дорад: яктаркиба ва дутаркиба, ки ҳар кадоми онҳо дорои шаклҳои тасдиқӣ ва инкорӣ мебошанд. Дар фразаи яктаркибаи ахборӣ факти ҳаёти моддӣ тасдиқ ё инкор карда мешавад. Фразаи яктаркибаи ахборӣ ин ё он ҳодисаи ҳаётро зикр мекунад. Ин навъи фразаҳо навои нисбатан ҳамвор ва тарҳи яклухти оҳангӣ доранд (болоравӣ, пастшавӣ).

Оҳанги мурочиат (мухотаб) – калима ва ибораҳое, ки адресати (ба кӣ равона карда шудани) нуткро ифода мекунанд, аз сохти оҳангии қисмҳои дигари ҷумла фарқ мекунад. вай бештар ба оҳанги калима ва ибораҳои иловагии ҷумла шабоҳат дорад. Агар мухотаб бо калимаҳои ифодакунандаи муносибатҳои хешутаборӣ, дӯстона ҳамроҳ ояд, ин калимаҳо ба синтагмаҳои гуногун ҷудо намешаванд, балки дар якҷоягӣ бо калимаҳои асосӣ як синтагмаро ташкил медиҳанд: Додарам Салимҷон, шумо аз ин кор хабар надоред? Акои Мирзо, ба шумо чӣ шуд? Агар мухотаб чида шавад, оҳанги он аз аъзои якум тадриҷан боло меравад ва дар ҳиҷои заданоки аъзои охир ба авҷ мерасад: Азизам, ҷонакам, ширинакам, ту гуноҳҳои маро бубахш!

Оҳанги номбарӣ (номбаркунӣ) - ҳангоми бо тартиб номбар кардани предметҳо, ҳодисаҳо, воқеаҳо ва ғ. истифода мешавад. Масалан, ҳангоми ҳисоб бо тартиб номбар кардани ададҳо (як, ду, се, чор…) ё ҷавобан ба саволе (мас., ҷавобан ба пурсиши: Дар рӯи миз чист?) номбар кардани предметҳо (ашёи рӯйи миз: коғаз, қалам, китоб…) мо оҳанги номбариро мушоҳида мекунем. Дар синтаксис дар зери мафҳуми номбарӣ (чидашавӣ) такроран омадани аъзоҳои ҷумла (мубтадо, хабар, ҳол ва ғ.) фаҳмида мешавад. Аъзоҳои чидаи ҷумларо оҳанг ва пайвандакҳои пайвасткунанда муттаҳид мекунанд. Мо бо оҳанги номбарӣ дар мавридҳое сарукор дорем, ки предмету аломатҳои онҳо дорои алоқаи пайваст буда, ба тартиб ва паи ҳам номбар мешаванд: Дӯсти ман одами хуб, доно, ростқавл, некандеш ва фурӯтан аст. Хусусияти ҳамаи ин воҳидҳои номбаркунӣ ин аст, ки: 1) аъзоҳои силсилаи номбаркунӣ дар як синтагма талаффуз мешаванд; 2) синтагмаҳо вобаста ба ҷояшон дар тарҳи оҳанг ҳавои нотамом ё том

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

дошта метавонанд; 3) дар байни аъзоҳои чида (синтагмаҳо) ҳамеша танфис мавҷуд аст ва тамдиди он ба ифоданокии гуфтор вобаста аст.

Оҳанги пурсиш - гуфтори пурсиш дар забони тоҷикӣ қолаби махсуси синтаксисӣ надорад ва оҳанги пурсиши тоҷикӣ дорои тарҳи ягонаи доимӣ нест. Тарҳи умумии оҳанги пурсишро навъ ва мақсади пурсиш, иштироки воситаҳои луғавию дастурӣ дар созмони пурсиш, дараҷаи заданокӣ муайян менамояд. Воситаи асосии созмони пурсиш оҳанг мебошад. Пурсиш аз ҷиҳати қолабу сохти синтаксисӣ навъҳои гуногун дорад: **Пурсиши умумӣ** бидуни иштироки воситаҳои луғавӣ ташкил мешавад ва ҷавоби тасдиқӣ («ҳа») ё инкорӣ («не»)-ро талаб мекунад. Ин навъи пурсиш ду хел аст: а) бо тартиби маъмулии калимаҳо: Падару модар дорӣ, – пурсид Олег Иванович (Ю.А.); Давлат Сафоев туӣ? (Ф.Н.); б) бо тартиби чаппаи калимаҳо: Сар кунем маҷлисро? Бас кунам хонданро? Дар пурсишҳои умумӣ оҳанги болорави соф дар мавридҳое ба амал меояд, ки ба пурсиш тобиши маънои иловагии ҳавасмандӣ илова шавад: Сардор омад? (пурсиши холис). **Пурсиши хусусӣ** бо иштироки воситаҳои ёрирасони грамматикӣ (бештар бо ёрии ҷонишинҳои саволӣ ва зарфҳои ҷонишинӣ ташкил шуда, ҷавоби муфассалро талаб мекунанд). Дар ташкилу ифодаи пурсишҳои хусусӣ ҷонишинҳои саволиро зарфҳои ҷонишинии: чӣ, куҷо, аз (ба) куҷо, кай, то кай, боз, барои кӣ, барои чӣ, чанд, чӣ қадар, чӣ хел, кадом истифода мешаванд. Ин калимаҳо дар созмони фразаи пурсишӣ ҷойи муайян надоранд. Вобаста ба ҷои калимаҳои пурсишӣ се нави тарҳи оҳанги пурсиши хусусӣ ба вуҷуд меояд: Агар калимаи саволӣ дар аввал ояд, фраза бо оҳанги пастшав талаффуз мешавад: – Чӣ гуфтӣ? Ҳоло ту маро саг гуфтӣ?! – таҳдидомез шӯрид доруға (С.У.). Агар калимаи саволӣ дар мобайн ояд, фраза бо оҳанги болорави пастшав талаффуз мешавад: Ту аз кай дар Тоҷикистон кор мекунӣ? Дар ташкили гуфторҳои саволӣ ду ё зиёда калимаҳои пурсишӣ низ истифода мешаванд: Ӯ аз кӣ чӣ харидааст ва ба кӣ чӣ фурӯхтааст (С.А.). **Пурсиши муқоисавӣ** ба воситаи муқоисаи ин ё он предмет,амалу аломат ва ҳолати номаълум сохта мешавад: Парвиз ҳамаи имтиҳонҳоро бомуваффақият

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

супорид. Аммо Шоҳин? (Шоҳин? ё Шоҳин-чӣ?). **Пурсиши хилофӣ** ба воситаи муқобилгузории ду ё зиёда предмет амалу ҳолати бо ҳам зид ташкил мешавад ва аз ду ҷавоби мухолифи якдигар якеро талаб мекунад: Шумо гармиро дӯст медоред ё сардиро? (С.У.). Садум ё саду якум? (Ю.А). **Пурсиши такрорӣ** ба воситаи такрори пурсиш ё бо ёрии калимаи саволӣ ё бидуни он метавонад сохта шавад: Шумо чандсолаед? Ман чандсолаам? – Чилсола. Ин асари кист? – Асари Аҳмади Дониш. Пурсишҳои такрорие, ки бе калимаи саволӣ сохта мешаванд, низ бо ҳамин хел оҳанг талаффуз мешаванд: Доруро ёфтед? – Доруро ёфтам? – Не, наёфтам. Операи нав маъқул шуд? – Операи нав маъқул шуд? – Ҳа, операи хуб!

Орфоэпия (юн. orphoépeia аз orthos – дуруст ва epos – нутқ, сухан), маҷмӯи қоидаҳои талаффузи адабии ин ё он забони миллӣ, ки ягонагии сохти овозии онро таъмин мекунад. Қоидаҳои талаффузи забони адабӣ якҷоя бо меъёрҳои луғавӣ, дастурӣ, фонетикӣ, услубӣ, имлоӣ ва ғ. мубодилаи афкорро байни намояндагони шеваҳои гуногун осонтар мекунад. Қоидаҳои талаффузи адабӣ дар заминаи маводи фонетикӣ муқаррар мешаванд. Агар фонетика ба талаффуз такя намуда, низоми овозии забонро тавсиф ва қонуниятҳои онро ошкор созад, орфоэпия натиҷаи тадқиқоти фонетикиро истифода карда, қоидаҳои талаффузи забони адабиро баён ва меъёрҳои талаффузро пешниҳод мекунад. Мавзӯи баҳси орфоэпия талаффузи дурусти фонемаҳо – овозҳои нутқ (садонок ва ҳамсадоҳо) дар ҳолатҳои гуногуни фонетикӣ, ҳамнишинии онҳо дар ҳолатҳои гуногуни фонетикӣ, калимаҳо ва шаклҳои гуногуни дастурии онҳо, меъёрҳои талаффузи воҳидҳои забарзанҷирӣ (зада, оҳанг) ташкил медиҳанд. Орфоэпия категорияи таърихист. Вай ҳамзамон бо ташаккул ёфтани забони адабӣ ба миён меояд, вале меъёрҳои он алоқамандона бо пайдоиши шаклҳои гуногуни нутқи шифоҳӣ шакл гирифта, тадриҷан суфта мешавад. Мафҳуми талаффузи дуруст шартист. Маъмулан талаффузи дуруст тарзи талаффузи лаҳҷае дониста мешавад, ки асоси забони адабӣ қарор ёфтааст. Бунёду асоси меъёрҳои талаффузи адабии тоҷикӣ дар асрҳои 9–10 дар заминаи лаҳҷаи (тарзи гуфтори) зиёиёни

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Самарқанду Бухоро – ду маркази тамаддуни тоҷикон шакл гирифта, интишор ёфтааст. Дар натиҷаи дигаргуниҳои куллие, ки дар ҳаёти моддию маънавии халқи тоҷик пас Инқилоби Октябр ва махсусан табдили марказҳои адабию маданӣ ва ба забони мардум то андозае наздик шудани забони адабӣ дар меъёри талаффуз баъзе тағйирот ба вуҷуд омаданд. Масалан, дар системаи вокализм меъёри орфоэпии забони муосири тоҷикӣ ба ҷои 8 фонемаи садоноки пешина имрӯз 6 фонемаро пешниҳод менамояд: а, и, о, у, э, ӯ. Инкишофи нутқи шифоҳӣ дар театр, синамо, театр, радиотелевизион, макотиби миёнаю олӣ, муассисаҳои илмию фарҳангӣ ин ҷараёнро метезонд. Тамоюли асосӣ ба навишт наздик шудани талаффуз мебошад. Агар фонетика ба талаффуз такя намуда системаи овозии забонро тавсиф ва қонуниятҳои онро ошкор созад, орфоэпия натиҷаи тадқиқоти фонетикиро истифода карда, қоидаҳои талаффузи адабиро баён ва меъёрҳои талаффузро пешниҳод мекунад. мавзӯи омӯзиши орфоэпияро талаффузи дурусти фонемаҳои забон (садонокҳо ва ҳамсадоҳо) дар ҳолатҳои гуногуни фонетикӣ, ҳамнишиниҳои онҳо, меъёрҳои талаффузи воҳидҳои забарзанҷирӣ (зада, оҳанг) ташкил медиҳанд. Маъмулан талаффузи дуруст тарзи талаффузи лаҳҷае дониста мешавад, ки асоси забони адабӣ қарор ёфтааст. Асосу бунёди меъёрҳои талаффузи адабию тоҷикӣ ҳанӯз дар асрҳои IX-X дар заминаи лаҳҷаи зиёиёни Самарқанд ва Бухоро – ду маркази тамаддуни тоҷикон шакл гирифта, ба воситаи онҳо дар миёни табақаи саводноки аҳолии маҳалҳои дигар паҳн шудаанд. Орфоэпия моил ба тағйирот аст. Тамоюли асосӣ ба навишт наздик шудани талаффуз мебошад.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

П

Пайвандакҳо. Пайвандакҳо робитаи байни унсурҳои фикру андешаро «ифода» намуда, ягон объекти ғайризабониро ифода намекунанд. Пайвандакҳо маъмулан дар ибораву ҷумла чун воситаи ёвари грамматикӣ истифода мешаванд ва ҷузъҳои таркибии ибораву ҷумлаҳоро бо ҳам дар таркиби як воҳиди синтаксисӣ муттаҳид мекунанд. Пайвандакҳо дар забон дар қиёси калимаҳои дигар чандон зиёд набошанд ҳам, дар алоқаи грамматикии калимаю ибораҳои таркиби ҷумлаҳо вазифаҳои басо муҳимро адо мекунанд. Дар баробари ин гурӯҳи дигари пайвандакҳо шакли таркибӣ доранд: то ки, то он ки, вақте ки, замоне ки, то даме ки, аз бозе ки, ҳамин ки, пеш аз он ки, баробари ин ки, дар ҳолате ки, ба тавре ки, ба тарзе ки, дар ҳолате ки, бе он ки, бе ин ки. Дар забоншиносии пешин истилоҳи «атф» пайвандакҳоро ифода мекард ва он хамроҳи пешоянду пасояндҳо, ҳиссачаву нидо, бандакҳо ва пешвандҳо ҷузъи адот дониста мешуд. Пайвандакҳои забони тоҷикӣ аз нигоҳи сохт ва таркиби морфологӣ сода, мураккаб ва таркибӣ мешаванд. Аз нигоҳи сохтор пайвандакҳои содда ба калимаҳои якҳиҷоӣ мансуб мешаванд: ва, ҳам, ки, чун, то, баъзе аз онҳо дуҳиҷоӣ низ мешаванд: аммо, вале, лекин, агар. Пайвандакҳои мураккаб он қадар зиёд нестанд ва дар баробари сохти мураккаб доштан ба ҷузъҳо ҷудо намешаванд: азбаски, ҳарчанд, агарчанд, гарчи. Пайвандакҳои таркибӣ аз ду ва ё зиёда калимаҳо иборат буда як маънои томи грамматикиро ифода мекунанд ва аз нигоҳи таркиб онҳо хеле гуногун мебошанд: вақте ки, ҳарчанд ки, ҳангоме ки, чи қадаре ки, ҳар чи қадар ки, ба андозае ки, то дараҷае ки. Пайвандакҳо ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: пайвандакҳои пайвасткунанда; пайвандакҳои тобеъкунанда. Пайвандакҳои пайвасткунанда дар ибораҳо, ҷумлаҳои сода ва ҷумлаҳои мураккаби пайваст истифода мешаванд. Пайвандакҳои тобеъкунанда бошанд дар ҷумлаҳои мураккаби типи тобеъ истифода мешаванд. Аз рӯи иштирок дар таркиби ҷумлаҳо онҳоро боз дар баробари ин ба зергурӯҳҳо ҷудо мекунанд. Пайвандакҳои пайвасткунандаро ба пайвандакҳои паиҳам: ман ва ту – ман ҳам ту – ману

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ту; пайвандакҳои хилофӣ: аммо, вале, лекин; пайвандакҳои ҷудоӣ: ё, ё ин ки, ё ки. Ҳам пайвандакҳои пайвасткунанда ва ҳам пайвандакҳои тобеъкунанда дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ воситаи муҳимтарини алоқаи ҷузъҳо ба шумор мераванд. Чунончи ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои пайвасти хилофӣ бо ёрии пайвандакҳои аммо, вале, лекин, валекин, балки, вагарна, ҳол он ки алоқаманд мешаванд. Дар ифодаи муносибати хилофӣ ва муқобилгузорӣ пайвандакҳои аммо, лекин, вале бо ҳамдигар ҳаммаъно буда, чун муродиф ҳамдигарро иваз карда метавонанд ва танҳо услубан фарқ мекунанд. Ҷузъи таркибии ҷумлаҳои мураккаби пайвасти ҷудоӣ бо пайвандакҳои ё, ё ки, ва ё, ё ин ки, ё… ё бо ҳам тобеъ мешаванд. Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҷумлаи пайрав бо сарҷумла бо пайвандакҳои гуногун пайваст мешаванд. Масалан, ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа бештар бо пайвандакҳои чи қадаре ки, ҳар чи қадар(е) ки, ба андозае ки, то дараҷае ки, то андозае ки, ба қадре ки ба сарҷумла тобеъ мешавад. Ҷумлаи пайрави монандиро пайвандакҳои мисли ин (он) ки, монанди ин ки, ба тавре ки, чунон ки, ба тарзе ки, чи навъе ки, чи тарзе ки ба сарҷумла алоқаманд мекунанд. Пайвандакҳои маъмули ҷумлаи пайрави тарзи амал: дар ҳолате ки, ба тавре ки, ба тарзе ки, дар ҳолате ки, бе он ки, бе ин ки мебошад. Пайвандакҳои тобеъкунандаи амсоли ки, чун, то, то ки, то он ки, вақте ки, замоне ки, то даме ки, аз бозе ки, ҳамин ки, пеш аз он ки, баробари ин ки яке аз воситаҳои асосии алоқаи ҷумлаи пайрави замон мебошад. Ҷумлаи пайрави макон ба сарҷумла ба воситаи пайвандакҳои ки, ҷое ки, дар ҷое ки, ба (то) ҷое ки, аз ҷое ки, дар куҷое ки алоқаманд мешавад. Ҷумлаи пайрави шарт ба сарҷумла ба воситаи пайвандакҳои ки, агар (гар, ар), агар ки, ба шарте ки, дар сурате ки, то, вақте ки, модоме ки, чун тобеъ мегардад. Ҷумлаи пайраве, ки мазмуни он хилофи мазмуни сарҷумларо ифода мекунад ва бо сарҷумла ба воситаи пайвандакҳои тобеъкунандаи хилофии бо вуҷуди он ки, ҳарчанд, ҳарчанд ки, агарчи, бо вуҷуди он ки, ҳарчанд, ҳарчанд ки, агарчи, гарчи, ба ҷои он ки тобеъ шуда меояд. Пайвандакҳои тобеъкунандаро дар навбати худ ба ду гурӯҳ ҷудо

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

мекунанд: пайвандакҳои семантикӣ ва ё худ маънодор (замоне ки, то даме ки, аз бозе ки, ҳамин ки, пеш аз он ки, баробари ин ки) ва прайвандакҳои синтаксисӣ (ки, то, чун).

Пайвандакҳои ҷуфт. Пайвандакҳои хилофие, ки дар ду қисми як ҷумла омада, якеро ба муқобили дигаре мегузоранд. Бо пайвандаки аввал (**гарчи…, лекин, агарчи…, вале, ҳарчанд…, аммо, бо вуҷуди он ки… лекин**) баландшавии оҳанги қисми аввали нутқ оғоз ёбад, бо пайвандаки дуюм нисбатан пасттар талаффуз шудани қисми дуюми нутқ сар мешавад: Ӯ ҳарчанд ки дар айёми бачагӣ аз шунидани ин афсонаҳо метарсид, вале аз вақти дар синфи панҷум хонданаш дар сар хаёли фатҳ кардани ин кӯҳпораи осмонхароши пурасроррро мепарварид (Р.Ҷ.). Агар пайвандакҳои «**ҳам…, лекин, ҳам…, аммо**» ба ҳамин вазифа оянд, ба пайвандаки дуюм нисбат ба якум баландшавии овоз сар мешавад: Аслан одами нармдил ва хушфеъл бошад ҳам, лекин ба андак гап ҷаҳлаш меомад (С.У.).

Пайдарҳам тобеъшавӣ. Тобеъшавие, ки дар он воҳидҳои синтаксисӣ (таркиб, ибора, ҷумла) ба якдигар занҷиршакл тобеъ шуда меоянд: як воҳиди синтаксисӣ ба дуюмӣ, дуюмӣ ба сеюмӣ ва амсоли ин вобастагӣ пайдо мекунанд: Абдулло хабари хуше овард. Дар ин ҷумла калимаи овард ба калимаи Абдулло, калимаи хабар ба калимаи овард, калимаи хуше ба калимаи хабар вобастагии синтаксисӣ доранд.

Палатализатсия (аз лот. palatum – ном.Ниг.: **комишавӣ)**.

Палеография (аз юн. Palios – қадимӣ ва grápho – менависам) – соҳаи таърихию филологие, ки фароҳам овардани хат ва инкишофи он; палеографияи назариявӣ қонуниятҳои тағйиротҳои таърихан ташаккулёбии хусусиятҳои хатро муқаррар менамояд, ба тариқи амалию тасвирӣ махусиятҳои фардии хаттотон (хушнависон) ва дастнависҳои ҷудогонаро бо мақсади таъмини замону макони ин чун дастнависҳо тадқиқ менамояд. Палеография аломатҳои хат, аз ҷумла ҳарфҳо ва унсурҳои онҳо, инчунин, аломатҳои болоисатрӣ ва фосилро тадқиқ мекунад. палеографҳо ба ғайр аз муқаррар намудани замону макони

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

пайдоиши сарчашма инчунин ба ошкор кардани кору фаъолияти хаттотони гуногун таваҷҷӯҳи махсус зоҳир менамоянд.

Палиндром (юн. pahindromeo – ақиб, пас давидан, гаштан). Калима, ибора ё шеъре, ки аз чап ба рост ё аз рост ба чап хонда шавад ҳам, як хел маъно медиҳад: каллак (дар таркиби каллак каллак кардан), Азиза.

Парадигма (аз юн. parádigma – намуна, мисол), системаи шаклҳои гуногуни як калима, ки шакливазкунии онро аз рӯи категорияҳои грамматикии ба он хос (аз рӯи ҷинс, шумора, ҳолат (падеж) тағйир ёфтани исмҳо; шахсу шумора дар феълҳо) ифода менамояд; нақши (сурати) тағйирёбии калима мувофиқи категорияҳои грамматикӣ – тасрифи исмҳо, тасрифи феълҳои шаклҳои воҳидҳои забон ва маънои онҳо дар парадигма зоҳир мешавад. Маънои грамматикӣ бошад тавассути ҷузъи ҷудогонаи парадигма ифода меёбад. Масалан, категорияҳои номуайянию шумора дар исм (хона-хонае, хона-хонаҳо), дараҷа дар сифат (хуб-хубтар-хубтарин), шахсу шумора дар феъл (мехонам, -ӣ, -ад; -ем, -ед, -анд). Ба парадигма ягонагӣ ва айнияти асосҳо хос аст. Дар забоншиносӣ онро шакли ҷадвали анҷомҳо ифода мекунанд. Масалан, парадигмаи калимаи хона чунин аст: хона – хонаҳо, хонае, хонаи, хонаеро, хонаам (-ат, -аш, -амон, -атон, -ашон). Парадигма ва муносибатҳои парадигматикӣ дар ҳамаи қисматҳои забон: фонетика, морфология, синтаксис, инчунин семасиология, лексика, калимасозӣ ва амсоли ин дида мешавад. **Парадигмаи фонема** – маҷмӯи тобишҳои қонунии фонема, ки ба ҳолатҳои гуногуни фонетикӣ: мавқеи зада, сохти ҳиҷо ва амсоли ин вобаста аст. Масалан, фонемаи и дорои гунаҳои кушод (дарозӣ), пӯшида (сиёҳ), ақибизабонӣ (хирман), ноустувор (шитоб), устувор (тира) ва амсоли ин мебошад. **Парадигмаи морфема**: роҳбар-раҳбар, медиҳам-дех. **Парадигмаи луғавӣ**: тифл – кӯдак – наврас - ҷавон. **Парадигмаи семантикӣ**: мактаби миёна - мактаби маҳорат - мактаби забоншиносӣ. **Парадигмаи калимасозӣ**: подабон – колхозчӣ – оҳангар - омӯзгор. **Парадигмаи морфологӣ**: гӯям – гӯӣ – гӯяд – гӯем – гӯед – гӯянд. **Парадигмаи синтаксисӣ**: Аҳмад хонд – Аҳмад хонда истодааст – Аҳмад мехонад. Интихоб ва

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

истифодаи ҷузъҳо ва унсурҳои парадигма (аз ҷониби гӯянда ё нависанда) ба шароити нутқ ва мақсади мухобире марбут аст. Дар забоншиносии муосир баррасии парадигма, парадигматика ва синтагматика мақоми махсусе доранд. Он ба таълимоти Фердинанд де Соссюр оид ба муносибатҳои парадигматикии байни воҳидҳои забон (дар хотири одамон) ва синтагматикӣ – паиҳамӣ (дар ҷараёни гуфтор) асос ёфтааст.

Парадигматика (аз юн. paradigma – мисол, намуна) – ба ду маънӣ муаррифӣ мешавад: 1) яке аз ду ҷиҳати омӯзиши системавии забон, ки ду навъи таҷзия ва муқобилгузории ду тарзи муносибати байни унсурҳои воҳидҳои забон – парадигматикӣ ва синтагматикиро як фасли забоншиносӣ, ки муносибатҳои парадигматикӣ, таснифоти онҳоро муайян менамояд ва муқобили синтагматика аз рӯйи омӯзиши муносибатҳо ва гурӯҳбандиҳо; 2) ба маънои васеаш – системаи забонӣ ҳамчун гурӯҳҳои лингвистӣ – парадигмаҳо. Масалан, шаклҳои падежи як калимаи тасрифшаванда ва ё шахс дар як феъл. Як реша дар иҳотаи вандҳои гуногун.

Паралингвистика (аз юн. parά – назди, канори ва лингвистика) – 1) як соҳаи забоншиносӣ, ки воситаҳои ғайризабониашро меомӯзад, ки шомили иттилооти гуфтор буда, бо воситаҳои забонӣ иттилооти маъноиро ифода менамоянд; 2) маҷмӯи воситаҳои ғайризабоние, ки дар иртибототи нутқӣ иштирок мекунанд. Дар илми муосир 3 навъи воситаҳои ғайризабониро фарқ мекунанд: фонатсионӣ, канстикӣ ва графикӣ. Тембр (сифати овоз), суръати нутқ, баландии садо, анвои танфис («э-э», «м-м»), падидаҳои навоӣ ва махсусиятҳои талаффузи овозҳои нутқ воситаҳои фонатсионианд. Имою ишорат, ҳаракати чеҳра воситаҳои кинетикӣ ва унсурҳои ҳарф ва аломатҳои китобат воситаҳои графикианд.

Параллелизм (юн. parallelos – баробар раванда). Аз ҷиҳати синтаксисӣ як хел тартиб додани қисмҳои нутқ, яъне баробар ҷобаҷо кардани аъзоҳои ҷумлаи ба якдигар монанд ё ҷумлаҳои ба ҳам наздик: Аввал бубин ҷои худ, баъд бимон пои худ (Зарб.). Параллелизм бештар хоси назм аст:

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Бурд дилу ҷони ман, дилбари ҷонони ман,

Дилбари ҷонони ман, бурд дилу ҷони ман (Ҳофиз).

Паратаксис (юн. parataxis – ба ҳамдигар баробар гузоштан). Ҳамчун ҷумлаҳои мураккаби пайваст: Ман омадам ба дилхушӣ, аз пеш баромад ғӯзакашӣ (Зарбулмасал). Паратаксис хилофи гипотаксис (ҷумлаҳои мураккаби тобеъ) аст.

Паронимия (юн. para – назди + onyma - ном). Калимаҳои ҳамрешае, ки аз ҷиҳати тарзи талаффуз ё оҳанг ба ҳамдигар наздиканд ва дар ифодаи маъно қисман мувофиқат мекунанд ё бо ҳам шабеҳу қаробат доранд: алафдор – алафзор; нимрӯзӣ – нимрӯза, мақсад- мақсуд. Истилоҳи паронимро Арасту ба маънии калимаи сохта пешниҳод намудааст.

Паронимҳо (юн. para – наздик + onyma – ном). Ду ва зиёда калимаҳои аз бобати таркиби овозӣ ба ҳам наздик, вале аз ҷиҳати ифодаи маъно ба куллӣ фарқкунанда. Масалан, ҷуфтҳои аз бобати овозӣ ба ҳам наздики рӯҳ-руҳ, мӯъмин-мумин, аъдо-адо, барқ-барг. Дар нутқ паронимҳо (калимаҳои наздиковоз) огоҳона ва баъзан беихтиёр ба кор бурда шуда, боиси гуногунрангии нутқ мегарданд:

Мард он бошад, ки бахшад симу зар дар зиндагӣ,

Симу зар суде надорад он замон, ки мард мурд.

Соқиё, дармон надорад хушкреши рӯзгор,

Бода дардеҳ, то фурӯ резам ба рӯйи дард дурд (Ибни Ямин).

Калимаҳои паронимии (наздиковози) таркиби луғавии забони тоҷикӣ сабабҳои гуногуни пайдоиш доранд. Сабаби асосии падидаҳои омонимҳо, гунаҳо ва паронимҳои луғавӣ маҳдудии овозҳои нутқ аст. Паронимҳо мумкин аст бо як унсури овозии худ тафовут дошта бошанд: **аъзо-азо, гӯл-гул, мавҳум-мафҳум**. Паронимҳо дар ташаккули нутқи ифоданок низ иштирок мекунанд, истифодаи паронимҳо дар қолаби ибораҳои изофии фразеологӣ низ асари намоёне дорад: матонати матин, навъи нав, ҷавонии ҷаҳон, қобили қабул.

Парономазия (юн. paranomasio аз paro – наздик ва onomaso - мегӯям). Шаклҳои гуногуни калимаҳое, ки аз ҷиҳати таркиби овозӣ ва

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

талаффуз ба якдигар қаробат дошта, маъноҳои гуногунро ифода мекунанд ва дар осори адибон бо мақсади услубӣ истифода мешаванд: мафҳум – мавҳум, қадр – ғадр, шӯх – шух, сабр – савр, тааммул – таҳаммул, шавқат – шафқат, хилол – ҳилол, нуфуз – нуфус.

Парселлятсия (аз фаронсавии parcella – мувофиқат мекунад; лот. partikula – ҳисса, ҳиссача). Чунин тарзи ба ҳиссаҳо ҷудокунии ҷумлаҳост, ки ҷумла дар шакли ягона не, балки дар ду ё се ҳиссае, ки паси ҳамдигар омада, аз ҷиҳати ифодаи маъною оҳанг ба ҳам алоқаманд шудааст, оварда мешавад: Мард акси ӯ буд. Ғами ниҳонӣ мехӯрд. Мудом рӯҳаш пажмурда буд. Азоби виҷдонӣ мекашид. Рози дилашро ба касе намегуфт. Ҳамаи ин бесабаб набуд. Вай ғами шарикаш – Саодатро мехӯрд (Ҳ.К.).

Парселлятсия ҳамчунин тарзи тақтеъ – ба ҳиссаҳо ҷудокунии фразаҳое, ки дар шакли ягона не, балки ба ду ё се порча-ҳиссае, ки паси ҳамдигар омада, аз ҷиҳати ифодаи маъною оҳанги ба ҳам алоқаманду марбут оварда мешавад: Хурд будӣ, навозишат карданд. Хандидӣ. Завқидӣ. Қоҳ-қоҳ задӣ. Кӯдакона ноз кардӣ (Ҳ.К.).

Пасояндҳо – калимаҳои ёридиҳандае мебошанд, ки пас аз калимаҳои мустақилмаъно омада, муносибатҳои синтаксисии онҳоро бо дигар калимаҳо нишон медиҳанд. Пасояндҳо мисли пешояндҳо барои робитаи аъзоҳои ҷумла ва аниқ намудани вазифаҳои синтаксисии феъл ва ҳиссаҳои номии нутқ хизмат мекунанд. Пасояндҳои забони тоҷикиро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: а) пасояндҳои аслӣ, ки маъноящон ниҳоят грамматиконида шуда, аз маънои луғавӣ тамоман маҳруманд. Пасоянди **-ро** чунин хусусият дорад; б) пасояндҳои номӣ, ки ба вазифаи калимаҳои мустақилмаъно кор фармуда мешаванд. Пасояндҳои <u>қатӣ</u>, <u>боз</u>, <u>барин</u> пасояндҳои номианд. Бо пасоянди **-ро** мафҳумҳои зерин ифода карда мешаванд: 1. Ба предмети муайян бевосита гузаштани амал, ки бо феълҳои гузаранда ифода шудааст: Гулрӯ <u>кӯзаро</u> гирифта, ба ҳавлӣ даромад (Р.Ҷ.). Исмҳои хос, ҷонишинҳои шахсӣ, нафсӣ чун объекти бевосита бештар бо пасоянди **-ро** меоянд: Писаратон <u>маро</u> масхара карданд (С.У.). 2. Пасоянди **-ро** дар ифодаи объекти бевоситаи амал низ меояд: Бадзабонӣ

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

туро намезебад (М.Т.). Пасоянди **-ро** дар ифодаи объекти бевосита бо пешояндҳои **ба, аз, дар, дар бораи, барои** хусусияти синонимӣ пайдо мекунад. Пасоянд – пасоянди катӣ (қатӣ) маъноҳои зеринро ифода мекунад: а) ҳамроҳӣ дар иҷрои амал: Ман бародарам катӣ омадам; б) восита ва тарзи иҷрои амал: Гоҳо як дасташ катӣ чашмони хок пур шудагиашро молида пок мекард (А.Д.). Пасоянди **барин** дар ифодаи монандкунӣ меоянд: Ман шумо барин боғайрат шуданро мехоҳам (С.А.). Пасоянди **боз** муносибати замониро ифода менамояд: Ба хонаи як бародархондам меравам, ки дер боз надидаам (Р.Ҷ.).

Пауза (ниг.: **танфис)**.

Перфект (лот. peerfectum – воқеъгардида). Шакли феълие, ки дар забонҳои ҳиндуаврупоӣ амалу ҳолати дар гузашта воқеъгардида ба охир расидаро ифода мекунад. Дар забони тоҷикӣ ҳамаи шаклҳои нақлии феъл перфектанд: хондаам (хондаем), мехондаам (мехондаем), хонда шудаам (хонда шудаам), хонда будаам (хонда будаем), хонда истода будаам (хонда истода будаем).

Пешоянд. Калимаҳои ёридиҳандае мебошанд, ки бо исмҳо, ҷонишинҳо ва калимаҳои исмшудаи нутқ омада, муносибатҳои синтаксисии онҳоро бо дигар калимаҳои таркиби ибора ё ҷумла ифода мекунанд. Пешояндҳо муносибатҳои масоҳатӣ (Қорӣ Исматро аз хона баровардand (С.А.); ба хона даровардand; дар суфа нишастand), замонӣ аз пагоҳ то бегоҳ пахта чидан, дар нисфи рӯз дам гирифтан), объекти (бо китоб омадан, бе каланд кор кардан), сабабу мақсад (аз беборишӣ алаф нарӯидан; барои хабаргирӣ омадан), воситаи иҷро (бо қалам навиштан), тарзи иҷрои амал (ба хубӣ иҷро кардан), монандӣ-муқоисавӣ (мисли шер ғурридан), хилофӣ (бар хилофи серҳаракатӣ кам кор кардан) мефаҳмонанд. Аз рӯи таркиби морфологиашон пешояндҳои забони тоҷикӣ ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд: 1) пешояндҳои аслии сода: **аз, ба, бар, бо, дар, то, бе, ҷуз**; 2) пешояндҳои аслии таркибӣ: **то ба, ҷуз аз, ба ҷуз, барои**; 3) пешояндҳои содаи номӣ ва изофӣ: **пеши…, назди…, рӯи…, баъди…, ғайри…**; 4) пешояндҳои номии изофии таркибӣ: **ба пеши…, дар**

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

назди…, аз рӯи…, дар бораи…, дар ҳаққи; 5) пешояндҳои номии изофии такрор: **пеш-пеши…, таг-таги…**; 6) пешояндҳои таркибии ғайриизофӣ: **пеш аз, пас аз, ғайр аз, назар ба, нисбат ба, оид ба, роҷеъ ба**. Дар ҳар як пешоянди аслӣ маънои асосӣ дида мешавад, ки дигар тобишҳои маъно аз он инкишоф ёфтаанд. Чунончи, пешоянди «аз» бештар барои ифодаи муносибатҳои масоҳавӣ ва замонӣ меояд ва дар мавридҳои зерин ба кор бурда мешавад: 1. Мавқеи баромади амал аз предмет, аз дохили предмет: Аз Ворух ба Самарқанд меравам (Р.Ҷ). 2. Барои нишон додани гузаргоҳи чизе: Вақт аз ними шаб гузашта буд (С.А.). 3. Замони сар шудани амал ё ҳодиса: Устухонам гашта сахт аз кӯдакӣ бо шири ту (А.Д.). 4. Дар ифодаи куллу ҷузъ: Яке аз дӯстонам ба ман бо роҳи маслиҳат гуфт (С.А.). 5. Дар ифодаи соҳибият:

Навбати ояндаи тӯй аз вай аст,

Шодии ҳар як дару кӯй аз вай аст (М.Т.).

6. Сарчашмаи амал ва ҳолат: Аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан (Зарбулмасал). 7. Объекти муҳокима ва фикр:

Сӯҳбат аз ҳикмати забон мерафт,

Аз фазои ситорагон мерафт (М.Т.).

Пиктограмма (лот. pictus – расм, нақш + gramma – аломатҳои хат, хат). Аломат ва ё унсурҳои хати питографӣ, ки мафҳумеро ба воситаи рамз ё нақше ифода менамояд.

Пиктография (лот. pictus – расм, grapho – менависам). Хати пиктографӣ, ки қадимӣ буда,фикру андеша тавассути нақшу суратҳо ифода карда мешавад.

Полисемия (юн. poly sema – ишора, маъно.Ниг.: **сермаъноӣ)**.

Потамоним – навъе аз топонимҳо. Номи дарёҳо: Ёхсу, Сурхоб, Сирдарё, Зарафшон, Вахш.

Предикат (аз лотинии praedikatum – гуфташуда) – истилоҳи соҳаи мантиқ ва забоншиносӣ. 1. Хабари мантиқӣ – муҳокимае,ки дар бораи субъект гуфта шудааст. 2. Хабари грамматикӣ: Мо мехонем. Мо хондем.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Предикативӣ. Бо воситаҳои забонӣ ифода шудани муносибатҳои мазмуни фикри гуфташуда вобаста ба ҳақиқати воқеӣ ҳамчун бунёду асоси ҷумла. Воситаҳои дастурии ифодаи предиативӣ инҳоянд: 1. Категорияи замон; 2. Категорияи шахс; 3. Категорияи модалӣ.

Просодия (аз юн. prosōdia – зада (просодика) 1) системаи воситаҳои фонетикӣ (қуввагӣ, баландӣ, замонӣ), ки дар ҳамаи сатҳҳои унсурҳои нутқ (ҳиҷо, калима, ибора, синтагма, фразе, матн) иштирок дошта, нақшу вазифаи маънофарқкунӣ доранд. Ба ин маънӣ истилоҳи просодия муодили оҳанг аст; 2) номи умумии воҳидҳои забарзанҷирии нутқ дар сатҳи дарк (баландии лаҳн, сахтии овоз, тамдид) ва ҳам дар сатҳи физикӣ (басомади лаҳни асосӣ, шиддатнокӣ, замон). Ба ин маънӣ просодия хилофи оҳанг аст, ки барои ифодаи категорияҳои функсионалӣ истифода мешавад.

Протеза (ниг.: **афзоиш)**.

Пуркунанда. Пуркунанда мафъули (объекти) амал, ҳолат ва аломатро ифода мекунад. Пуркунандаҳо аз ҷиҳати сохт содаю тафсилӣ мешаванд. Пуркунандаи сода бо калима ва таркиб ифода меёбад: мактуб навиштан, заминро шудгор кардан, дар хусуси хондан маслиҳат кардан. Пуркунандаҳо бо алоқаи изофӣ ё ҳамроҳӣ аъзоҳои дигари ҷумларо ба худ тобеъ намуда, тафсил меёбанд: бо коргарони корхона сӯҳбат кардан. Пуркунандаҳо аз ҷиҳати маъно ва аломатҳои дастуриашон ба бавоситаю бевосита гурӯҳбандӣ мешаванд. Пуркунандаҳои бевосита объекти (мафъули) хабарро,ки бо феълҳои гузаранда ифода ёфтааст, мефаҳмонад. Пуркунандаҳои бавосита объекти (мафъули) бавоситаро ифода намуда, ба феълҳои гузаранда, монда ва хабарҳои номӣ тобеъ мешаванд: аз муаллим пурсидан, бо дӯстон сӯҳбат кардан, дар кор намуна будан. Пуркунандаи бавосита танҳо бо як тарзи алоқаи наҳвӣ (вобастагии пешояндӣ) ва пуркунандаи бевосита бо ду тарзи алоқа (вобастагӣ ва ҳамроҳӣ) ба хабар тобеъ мешавад.

Пуркунандаи бевосита мафъулеро мефаҳмонанд, ки амали гузарандаи хабарҳои феълӣ ба он равона карда шудааст. Дар ҷумлаҳои

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

«Деҳқон корид», «Донишҷӯ навишт» феълҳои корид, навишт дар мавридҳои зарурӣ бо пуркунандаҳои бевосита тафсил меёбад: Деҳқон гандум корид. Пуркунандаҳои бевосита бо исмҳо, ҷонишинҳои ифодагари мафҳумҳои шахсу ашё, масдар ва ҳиссаҳои исмгардида ифода меёбад ва бо пасоянди **-ро** ба хабару аъзоҳои дигари ҷумла тобеъ мешаванд. Пуркунандаҳои бевоситаи суратнаёфта мафъули ғайри мушаххасу умумиро мефаҳмонанд ва ба саволҳои Чӣ? (Чиҳо?) ҷавоб шуда, бо исмҳои ғайришахс ифода меёбанд: Дониш талабу бузургӣ омӯз. Пуркунандаҳои суратнаёфта ба маънои феъле ҳам таъсир мерасонанд: дарсро тайёр кардан – дарс тайёр кардан.

Пуркунандаи бавосита мафъулеро мефаҳмонад, ки амал, ҳолат ва аломати хабарҳои феълию номӣ ба он нигаронида шудааст. Ҳама гуна исмҳо, ҷонишинҳои предметӣ, масдар ба вазифаи пуркунанда ба восита омада метавонанд. Дар ифодаи муносибатҳои маъноӣ ва дастурии ин гуна пуркунандаҳо бо хабар пешояндҳои аслии **аз, ба, бо, бе, барои, дар** ва пешояндҳои таркибии **дар бораи, роҷеъ ба, оид ба, дар хусуси, дар ҳаққи, назар ба** ва ғ. истифода мешаванд:

Гули хушбӯй дар ҳаммом рӯзе,
Расид аз дасти маҳбубе ба дастам.
Бад-ӯ гуфтам, ки мушкӣ ё абирӣ,
Ки аз бӯйи диловези ту мастам (Саъдӣ).

Подшоҳе бо ғуломе аҷамӣ дар киштӣ нишаст (Саъдӣ).

Пуркунандаи тафсилӣ. Пуркунандае, ки бо муайянкунанда тафсил ёфтааст, яъне шарҳу эзоҳ дода шудааст: Фақат дарсҳои навро гӯш мекард (Ҷ.И.); Дирӯз дар кӯчаи марказӣ ошнои деринаам – Ҷӯра Холдоровро дида мондам (Ҳ.К.).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Р

Равияи лингвистикаи матн. Равияест, ки объекти он қоидаҳои созмони матни алоқаманд ва категорияҳои маъноист,ки мутобиқи чунин қоидаҳо ифода меёбанд. Дар марҳалаи нахустини инкишофи худ тарзҳои маҳфуз доштани алоқамандӣ, фаҳмою возеҳ будани матн, методҳои ифодаи шахсу предмет (сохторҳои анафорӣ – такрори айни як калима, силсилаи намуду замонӣ), тақсимбандии тема ва рема, таҷзияи актуалии ҷумларо таҳқиқ менамуданд. Ба инкишофи ин гуна таҳқиқ баррасии масъалаҳои марбути сохторҳо, тартиби калима, қоидаҳои интихоби актуализатсия ҳангоми гузариш аз забон ба нутқ мусоидат намуданд. Ин равия бо прагматика (омӯзиши ҷанбаи корбурди аломатҳои забонӣ дар нутқ), психолингвистика, сотсиолингвистика, дискурс, суханварӣ (риторика),услубшиносӣ робитаи ногусастанӣ дорад.

Равияи мантиқӣ маҷмӯи ҷараёнҳо ва назарияҳои ҷудогонае,ки муносибати забонро бо тафаккур, дониш дар мактабҳои гуногуни забоншиносӣ, мантиқ ва фалсафа меомӯзад.Барои равияи мантиқӣ баррасии масоили зайл хос аст: 1) таҳқиқи проблемаҳои генесология (назарияи шинохт); 2) тамоюли ошкор намудани хусусиятҳои ҷомеъи забон; 3) таҳияи принсипҳои ягонаи таҳлили забон, ки аз шаклҳои воқеии забонӣ вобаста нестанд (тасаввуроти умумӣ роҷеъ ба сохтори ҷумла, системаи ҳиссаҳои нутқ ва м.и.); 4) авлотар шумурдани таҳлили синхронии (ҳамзамонии) аз таҳлили диахронӣ (дарзамонӣ), грамматикаи тасвирӣ аз грамматикаҳои таърихӣ ва муқоисавию таърихӣ; 5) афзалияти таҳқиқи синтаксис (назарияи ҷумла) ва семантика; 6) ташхиси категорияҳои грамматикӣ аз рӯйи муносибати онҳо ба категорияҳои универсалии мантиқ: калима – ба мафҳум, ҳиссаҳои нутқ ба функсияҳои мантиқии онҳо, ҷумла ба муҳокима, ҷумлаи мураккаб ба натиҷаю хулосабарорӣ.

Равияи психологӣ – маҷмӯи ҷараёнҳо, мактабҳо ва консепсияҳои ҷудогона, ки забонро ҳамчун фономени ҳолати психологӣ (равоншиносӣ) ва фаъолияти инсон ё халқ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Дар

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

марҳалаҳои гуногуни таърихи забоншиносӣ намояндагони равияи психологӣ мафҳумҳои аслӣ, предмет ва вазифаҳои таҳқиқро ба тариқи гуногун тафсир мекарданд. Системаи назарияҳо ба табиати психологии забон ба таври куллӣ тағйир ёфт. Ин боиси ба вуҷуд омадани равияҳои гуногуни психологӣ, мактабҳо ва назарияҳо гардид: 1) равияи мантиқӣ ва мактабҳои шаклӣ дар забоншиносӣ; 2) тамоюл ба психология ҳамчун бунёди методологӣ; 3) кӯшиши таҳқиқу омӯзиши забон дар ҳолати воқеии фаъолият кардан. Равияи психологӣ дар заминаи дар солҳои 50-ум асри XIX зери таъсири фалсафаи забони В. Фон Гумболдт ба вуҷуд омад. Асосгузори равияи психологӣ Х.Штейнтал мебошад. Дар Русия А.А.Потебня намояндаи барҷастаи он буд. Психологизми забоншиносӣ ба этнолингвистика, сотсиолингвистикаи муосир, сотсиопсихолингвистика, аз ҷумла ба грамматикаи тавлидӣ (генеративӣ) таъсири назаррас намудааст. Дар нимаи аввали асри XX ба ивази забоншиносии психологӣ равияҳои сотсиологӣ ва равияҳои шаклӣ (формалӣ), пеш аз ҳама, забоншиносии сохторӣ (структуравӣ) ба вуҷуд омаданд, ки бештар ба ҷиҳати оморӣ ва забоншиносии ҳамзамонӣ (синхронӣ) таваҷҷӯҳ зоҳир менамуданд. Марҳалаи нави сифатии инкишофи равияи психологии забоншиносӣ психолингвистика мебошад, ки ҷиҳатҳои пурқуввати равияи психологияро ба меросӣ гирифта, ғояҳои сифатан нав, вусъати амиқи предмети таҳқиқ, фаҳмиши амиқу бештари табиати иҷтимоии забон ва коркарди усули озмоиширо ба миён гузошт. Психологизми забоншиносӣ дар зери таъсири психология инкишоф ёфта, ҳамзамон ба неогумболдтчигӣ (неогумбольдтианство), этнолингвистика, забоншиносии иҷтимоӣ, сотсиопсихолингвистика, аз ҷумла ба грамматикаи муосири тавлидӣ (генеративӣ) таъсири бузурге гузошт.

Равияи услубӣ. Равияе, ки дар он инкишофи ин ё он падидаи забонӣ аз назари вижагии услуб мавриди омӯзиш қарор мегирад. Равияи мӯъҷазбаёнӣ. Равияи ихтисоршавии калима. Равияи ба ҳиҷои аввал гузаронидани ҳиҷои охири калима; Ояд ҳаме – ҳамеояд, раваме – меравам, намеравам – менаравам.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Редуксия (лот. reduction – баргардонидан, баргаштан, кутоҳ кардан). Дар зери мафҳуми редуксия (тахфиф)тағйироти овозие фаҳмида мешавад, ки дар муҳити безадагӣ воқеъ мегардад. Ин падида бештар хоси садонокҳост. Вобаста ба навъи тағйирот ду навъи редуксия – сифатӣ ва миқдорӣ фарқ карда мешавад. Дар редуксияи миқдорӣ вақте, ки барои тавлиди садонок лозим аст, кам мешавад. Масалан, садоноки а дар ҳолати заданокӣ дар калимаи дар бо тамдиди лозим талаффуз мешавад. Аммо дар ҳолати заъиф (сафед) тамдиди худро хеле кам мекунад, яъне тахфиф меёбад.

Редупликатсия (лот. reduplication – дуто шудан, ҷуфт шудан). Реша ё асоси калима дар калимасозӣ такроран омада, калимаи мураккаб месозад: **гуногун, даводав, рангоранг, гурезогурез, чирчирак, чақ-чақ кардан**.

Резонатор (лот. re – пешванде, ки «нав шудан»-ро ифода мекунад + construction – сохтан, тартиб додан). Барои ба вуҷуд омадани овоз кори садопардаҳо кофӣ нест, зеро ларзиши онҳо овози бисёр заъифро ба вуҷуд меорад. Овоз дар холигии (резонатори) болои ҳалқ тақвият пайдо карда, танини хоси худро меёбад. Холигиҳо – резонаторҳои аз ҳалқ болотар инҳоянд: а) холигии гулӯ; б) холигии даҳон ва в) холигии димоғ. Ин се холигӣ вобаста ба шаклу ҳаҷмашон ба овоз на танҳо тобишҳои гуногун мебахшанд ва онро тақвият медиҳанд, балки овозҳои алоҳидаи нутқи моро месозанд.

Реконструксия (аз лот. re – пешванд ва construction – сохтан) – дар забоншиносии муқоисавию таърихӣ маҷмӯи усулҳои барқарор намудани ҳолатҳои забонии аз байнрафтаи падидаҳои забонӣ ва шаклҳо тавассути муқоисаи таърихии воҳидҳои ҷудогонаи забон, забони ҷудогона, гурӯҳ ё оилаи забонҳо.

Рема. Дар тақзияи актуалии ҷумла ҷавҳари (ядрои) нутқ аст, ки гӯянда дар бораи тема ифода мекунад. Рема, одатан, пас аз тема меояд.

Реша. Ҳиссаи маънидор, қисми асосии калима, ки ба дигар ҳисаҳои (морфемаҳои) мафҳуми мустақилдошта тақсим намешавад. Дар калимаҳои бехона, ҳамхона, хонавода, хонавор, хонаги, хонадон,

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

бехонагӣ, ҳамхонагӣ калимаи «хона» реша мебошад. Дар калимаҳои пеш, пешакӣ, пешин, пешина, пешона, пештар, пештарак калимаи «пеш» реша аст.

Решагӣ. Ҳамаи калимаҳои маънидоре, ки тақсимнопазир буда, ба дигар ҳиссаҳои маънои мустақилдошта ҷудо намешаванд, калимаҳои решагӣ ба ҳисоб мераванд: об, замин, даст, замон, кӯҳ, дарахт, ном, нон, даст, пой, чой, мард, зан.

Риторика (юн. rhētorike – санъати суханварӣ, санъати наттоқӣ). Суханварӣ бо каломи зебо ва лаҳни шево баён кардани мақсад, ҷалб намудани таваҷҷӯҳи шунавандагон ва ҳунари сухан гуфтанро меомӯзонад.Сухан дар қолаби калима, ибора ва ҷумлаҳои дилнишин бо ёрии фикру андеша ифода меёбад. Ҳадафи асосии суханварӣ фаҳмиш ва баёни мавзӯи хосса ба шунаванда аст. Баёни суханвар бояд тавре сурат бигирад, ки тавонад бахше ва ё кулли шунавандагонро тасхир созад ва дар қалби онҳо ҳиссиётҳои гуногун: чун кин, ғам, шодӣ ва амсоли инро барангезад. Дар аксар мамолики Шарқи бостон суханварон хатибон буданд. Мардум ба онҳо эътиқоди қавӣ дошта, ононро аз нерӯи илоҳӣ шуморида чун паёмбарон эътироф мекарданд. Хоҷа Ҳофиз ба суханони гарму саршор аз сафову имону ҳаяҷон ва омӯзанда дилбастагие дошта чунин сурудааст:

Ғуломи он калимотам, ки оташ афрӯзад,
На оби сард занад аз сухан бар оташ низ.

Кӯҳнатарин осори суханварӣ дар мағрибзамин ба Юнони бостонӣ ва ба қарни панҷуми қабл аз милод иртибот дорад. Мулки Машриқзамин низ дар тӯли таърих суханварони забардастеро ба майдон оварда, машҳури олам гардонид. Суханварӣ дар Шарқ бо ислом пайванди ногусастанӣ дошта, бо номҳои «Хатиб», «Воиз», «Қиссахон», «Ровӣ» зуҳур кардааст. Суханварони араб ба монанди хатиби Розӣ, хатиби Мисрӣ, хатиби Димишқӣ дар олами ислом ҳамчун суханварон машҳуранд.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Романистика – маҷмӯи илмҳои филологие, ки тамаддуни моддӣ ва маънавии халқҳое, ки ба забонҳои романӣ муошират мекунанд; як соҳа-фасли забоншиносӣ, ки таърихи пайдоиш ва инкишофи забонҳои романиро меомӯзад.

Русистика – ҳамчун истилоҳи филологӣ дорои ду маъност. Ба маънои васеаш русистика як соҳаи филология буда, забон, адабиёт ва эҷодиёти шифоҳии русро меомӯзад. Ба маънои маҳдудаш русистика илмест, ки таъриху ҳолати имрӯзаи забони русиро меомӯзад. Асосгузори забоншиносии рус М.В.Ломоносов аст.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

С

Сабкҳои фонетикӣ. Тафовути замонии талаффузи воҳидҳои овозӣ (тез ё суст гап задан), ки дар муҳитҳои гуногуни мухобирот падид меояд. Фарқ кардани сабкҳои гуфтор дар таҳқиқи масъалаҳои фонетика ва орфоэпия аҳамияти амалию назариявӣ дорад. Л.В.Щерба зарурати ҷудо кардани ду сабк, сабки возеҳ (ё комил) ва гуфтугӯиро таъкид мекард. Сабки возеҳ ё комили нутқ маъмулан дар нутқи оммавӣ, ки дар он бинобар муҳити хосаш воҳидҳои забонӣ ба таври равшану возеҳ талаффуз меёбанд, воқеъ мегардад. Сабки возеҳ ҳангоми ба воситаи радио ва телевизион хондани ахбори муҳим, дар суханрониҳои расмӣ ва гузоришҳои илмию ҳисоботӣ воқеъ мегардад. Ин сабк инчунин ҳангоми сӯҳбати телефонӣ ё дар сурати мавҷуд будани фосилаи калон дар байни ҳамсӯҳбатон зоҳир мегардад. Дар зери мафҳуми «сабки возеҳ» талаффузи ҳарф ба ҳарфро фаҳмидан раво нест, зеро сабки возеҳ тарзи талаффузест, ки мувофиқи меъёри забони адабӣ воқеъ мегардад. Дар зери мафҳуми сабки гуфтугӯӣ талаффузи воҳидҳои овозии забон, ки нисбат ба сабки возеҳ босуръаттар сурат мегирад, фаҳмида мешавад. Хусусияти муҳимтарини сабки гуфтугӯӣ суръати нутқ аст. Дар сабки гуфтугӯӣ ҳодисаҳои гуногуни фонетикӣ: тахфифи садонокҳо (махсусан, садонокҳои ноустувори и, а, у) ва афтидани овозҳои алоҳида, ҳиҷоҳо, монандшавӣ ва ҷойивазкунии овозҳо бештар воқеъ мегарданд. Бештарини соҳибони забон дар кори ҳаррӯзаи худ маъмулан сабки гуфтугӯиро истифода мебаранд. Масалан, калимаи мéгӯям дар сабки возеҳ ҳамаи овозҳои таркибашро нигоҳ медорад, аммо дар сабки гуфтугӯӣ тахфиф меёбад ва яке аз ҳиҷоҳои он [йа], ки садоноки ноустувори а дорад, меафтад: мéгӯм. Ин тарзи талаффузро дар калимаҳои меравам//мерам, наметавонам//наметонам ва ғ. мушоҳида кардан мумкин аст.

Сабти садо - агар калимаи сода бо ду ҳамсадо тамомшуда (қаҳр, санг), ҳисаи дуюми калимаи мураккаб сода бо ҳамсадо шурӯъ гардад, се ҳамсадо метавонад пасиҳам воқеъ шавад: санглох, барзгар, дардманд, ангишткан. Дар аввали калимаҳои аслан тоҷикӣ танҳо як ҳамсадо омада

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

метавонад: дард, наҳр, панд. Мо ин ҳолатро танҳо дар воҳидҳои луғавии иқтибосӣ (трактор, спорт) мушоҳида мекунем. Корбасти паҳлу ба паҳлуи ду овози садонок барои забони тоҷикӣ чандон хос нест. Аҳамияти услубии пайвасти овозҳо танҳо бо таъмини мавзунӣ ва хушоҳангии нутқ маҳдуд намешавад. Онҳо гоҳо вазифаи муайяни услубиро низ адо мекунанд. Ин хусусият дар соҳаи **сабти садо** хеле барҷаста зоҳир мегардад. Истилоҳи сабти садо, ки махсуси соҳаи мусиқӣ буда, ба нота (дафтар) даровардани осори мусиқиро низ мефаҳмонад, дар услубшиносӣ ин истилоҳ усулҳои гуногуни воситаҳои услубии савтиро фаро мегирад, ки барои тақвияти муассирии садои нутқ корбаст мешавад. Сабти садо дар адабиёти бадеӣ марбут аст ба тарзи махсуси интихобу истеъмоли калимаҳое, ки бо садои хоса боиси образнок ва таъсирбахш ифода ёфтани фикр хоҳанд шуд. Барои тасдиқи матлаб аз шеъри «Ман Ватанро беш аз ҳаррӯза дорам дӯсттар»-и Ҳабиб Юсуфӣ порчаи зеринро метавон нишон дод, ки дар он ҳамсадои лаҳнии **р** ҳам алоҳида ва ҳам ба сурати такрор маҷмӯан 14 маротиба ба кор рафтааст. Баъзеи онҳо услубан мӯътадил бошанд ҳам, қисми зиёдашон сарбории махсуси услубӣ доранд:

Вақти он аст,
эй қалам!
Буррандатар гардӣ зи теғ!
Вақти он аст,
эй сухан!
Ғуррандатар гардӣ зи барқ!
То ба душман ҳамла орам,
решааш буррӣ зи бех,
То расӣ,
манҳус анҷарро кунӣ бешоху барг.

Садонокҳои лабӣ – аввалан бояд зикр намуд, ки лабҳо низ дар тавлиди садонокҳои тоҷикӣ фаъолона иштирок мекунанд. Вобаста ба иштироки лабҳо садонокҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1. Садонокҳои лабӣ – у, ӯ, о.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

2. Садонокҳои ғайрилабӣ – и, э, а.

Тамдид, ки дар давраҳои пешинаи инкишофи забони тоҷикӣ арзиши фонематикӣ дошта, барои фарқ кардани калима ва шаклҳои он истифода мешуд, имрӯз ин саҳми худро аз даст додаст. Имрӯз тамдид дар забони адабӣ ҳамчун нишонаи иловагӣ сифати нав пайдо кардааст ва барои фарқ кунонидани як гурӯҳи садонокҳо аз дастаи дигари онҳо истифода бурда мешавад. Имрӯз садонокҳоро ба дарозу кӯтоҳ не, балки ба устувору ноустувор ҷудо мекунанд:

1. Садонокҳои устувор: э, ӯ, о.
2. Садонокҳои ноустувор: и, а, у.

Садонокҳои ноустувор бештар дар як муҳити фонетикӣ – дар ҳиҷои кушодаи пеш аз ҳиҷои заданок омада, хусусан пеш аз ҳамсадоҳои бечаранг (ҷигар, сафед, чуқур) тахфиф меёбанд ва маҳз дар ҳамин муҳити фонетикӣ ба садонокҳои устувор муқобил меистанд.

Системаи садонокҳо (ниг.: **низоми садонокҳо)**.

Системаи ҳамсадоҳо. (ниг.: **низоми ҳамсадоҳо)**.

Садопардаҳо. Қисми асосии халқ, ки дар овозсозӣ (садосозӣ) саҳми муҳим дорад. Ҳар кадоми садопардаҳои асосӣ аз ду мушак иборат аст, ки якеи онҳо аз лаби поёнии тағояки аҳромӣ, дигаре аз гӯшаи тағояки сипарак сар шуда, дар охир бо ҳамдигар пайваст мешаванд. Холигие, ки дар байни садопардаҳо дар натиҷаи ҳаракати тағояки аҳромӣ ба вуҷуд меояд, **сӯрохии садо** ном дорад.

Садопардаҳо қодиранд,ки дар як сония тахминан 40–1700 бор ларзанд, вале дар нутқи маъмулӣ лапиши онҳо ба 85–200 (дар нутқи мардон) ё 160–340 (дар нутқи занон) ларза дар як сония баробар аст. Садо дар натиҷаи ларзиши мураттабу муназзами садопардаҳо ба вуҷуд меояд. Забони гимнҳои динии қадимаи ҳиндуҳо – Вед ва махсусан Ригведа, ки 1500 сол пеш аз милод пайдо шуда, бо забони хеле бой ва мукаммали санскрит навишта шуда буд, дар асрҳои V пеш аз милод аз забони гуфтугӯии ҳамонвақтаи ҳиндӣ – пракрит хеле фарқ мекард.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Сараъзои ҷумлаи яктаркиба. Маркази грамматикӣ дар сохтори ҷумлаҳои яктаркиба.

Сараъзоҳои ҷумла. Мубтадо ва хабарро сараъзоҳои ҷумла меноманд, зеро онҳо ду пояи бунёдии ҷумларо ташкил медиҳанд. Аъзоҳои пайрав бештар бар эзоҳи сараъзоҳо меоянд. Маънои грамматикии ҷумла – далолат намудан ба воқеият, тасдиқ ё инкор намудан (муносибати предикативӣ) бо ёрии хабар ифода меёбад. Аз ин рӯ, имконоти ҳамаҷониба шарҳу эзоҳ ёфтан ва ба худ тобеъ намудани аъзоҳои пайрав дар хабар бештар аст. Мубтадо сараъзоест, ки сараъзои дигар – хабарро ва аъзоҳои пайравро ба худ тобеъ намуда, худ ба ягон аъзои дигар тобеъ намешавад.

Сарлавҳа. Калима, таркиб ё ибораест, ки дар аввали матн меояд ва мазмуну мундариҷаи он дар матни ба он алоқаманд инъикос меёбад.

Сархат (абзатс) - ҷойи холие, ки аз аввали сатр (ба миқдори гунҷоиши се ё чор ҳарф) боқӣ гузошта мешавад. Ҷойи холӣ вобаста ба мундариҷаи нави матне, ки дар варақ сабт меёбад, гузошта мешавад. Ҳар як сархат фикре ё чандин фикри (ҷумла) ба якдигар алоқамандро дар бар мегирад, ки марбути як мавзӯъ ё мазмуни нав мебошад.

Мавридҳои истифодаи сархат:

1. Дар асарҳои илмию бадеӣ пас аз сарлавҳа ва оғози фикри нав:

Деҳқононе,ки аз кор баргашта омаданд, ба гап задан ҳам ҳавсала надоштанд; ҳамаашон дар лаби ҷӯй, бар рӯйи рости баланди регин қатор шуда дароз кашиданд. Ҳанӯз онҳо чашмҳояшонро нопӯшида буданд,ки аз дур як савор намудор шуд; ин савор лаб-лаби ҷӯйи Тезгузар ба тарафи сари ҷӯй нигоҳ карда меомад (С.А.).

2. Дар муколама ҳангоми гуфтугӯи ду шахс:

– Барои обронӣ омадагист, – гуфт аз ҷояш наҷунбида Самад.

– Расида ояд-чӣ! – гуфт Нормурод, – очашро нишон медиҳам. Мондагии рӯзномаамон бас набуд, ки ба касофати онҳо шаби дароз дар даруни об гашта ба кор кардан маҷбур шудем… (С.А.).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

3. Дар ҳуҷҷатҳои коргузории расмӣ (ариза, забонхат…) ҳамеша мақсади асосӣ аз сархат шуруъ мегардад.

Масалан, дар аризаи донишҷӯ ба ректори донишгоҳ:

Аз Шумо хоҳиш менамоям, ки бо сабаби дар шаҳр ҷойи истиқомат надоштанам маро бо хобгоҳ таъмин намоед.

Сегментатсия (аз лот. segmentum – пора, қисмат). Таҷзияи гуфтор ба воҳидҳое, ки дар забон дорои функсияҳои гуногунанд. Маъмулан ду навъи сегментро ҷудо мекунанд. Сегмент дар сатҳи овозӣ ва дар сатҳи воҳидҳои маънодори забон: морфема, калима, ибора, ҷумла. Воҳиди хурдтарини паиҳамояндаи забон фонема мебошад. Таҷзияи фонемагӣ дар асоси меъёрҳои морфологӣ сурат мегирад. Таҷзияи ҳиҷоӣ дар заминаи истифодаи маҷмӯи муайяни қоидаҳо (масалан, қоидаҳои Р.Аванесов барои забони русӣ, қоидаҳои Ф. де Соссюр барои забони франсузӣ). Муқаррар намудани ҳудуди ҳиҷоӣ аз рӯи аломатҳои фонетикӣ: Аломатҳои сарҳади калима оғоз ё интиҳои овозии он аст.

Семантика (франс. semantique, аз юн. sémantikós – ифодакунанда, séma – аломат), **дар забоншиносӣ** 1) яке аз ҷиҳатҳои омӯзиши аломатҳо дар семантика; 2) дар таърихи забоншиносӣ бо семасиология як аст; 3) маънои воҳидҳои забон; 4) як қисми илми забоншиносӣ, ки маънои воҳидҳои забон, пеш аз ҳама, калимаро меомӯзад. Калимаҳо дар забон ба гурӯҳҳои сермаъно (полисемантикӣ) ва якмаъно (моносемантикӣ) ҷудо мешаванд. Ба гурӯҳи калимаҳои якмаъно истилоҳоти илмҳои гуногун (мас., забоншиносӣ – фонетика, морфология, грамматика, исм, сифат) тааллуқ доранд. Омонимия, синонимия ва ба маънои маҷозӣ омадани калимаҳо асоси системаи семантика мебошанд. Масалан, дар забони тоҷикӣ калимаи **гул** аз ҷиҳати семантика хусусиятҳои гуногун дорад: гул – ғунчаи вошуда, гул – бенуқсон, гул – як навъи гиёҳ, гул – холи сафед (гули чашм), гул- номи касалӣ, гул – фатилаи шамъ, гул – рӯй, рухсорва ғ.

Семантика (франс. Sémantique, аз юн. sémantikos – ифодакунанда, séma – аломат), дар забоншиносӣ 1) яке аз ҷиҳатҳои омӯзиши аломатҳо дар семантика, 2) дар таърихи забоншиносӣ бо семасиология як аст, 3)

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

маънои воҳидҳои забон, 4) як қисми илми забоншиносӣ,ки маънои воҳидҳои забон, пеш аз ҳама, калимаро меомӯзад. Калимаҳо дар забон ба гурӯҳҳои сермаъно (полисемантикӣ) ва якмаъно (моносемантикӣ) ҷудо мешаванд. Ба гурӯҳи калимаҳои якмаъно истилоҳоти исмҳои гуногун (масалан, забоншиносӣ – фонетика, морфология, грамматика, исм, сифат…) шомиланд. Омонимия, синонимия ва ба маънои маҷозӣ омадани калимаҳо асоси системаи семантика мебошанд. Масалан, дар забони тоҷикӣ калимаи гул аз ҷиҳати семантика хусусиятҳои гуногун дорад: гул – ғунчаи вошуда, гул – бенуқсон, гул – як навъи гиёҳ, гул – холи сафед (гули чашм), гул – номи касалӣ, гул – фатилаи шамъ, гул – рӯй, рухсор. Яке аз қонуниятҳои умумии семантикӣ наздикшавии калимаҳои маъмул бо мафҳуми умумии онҳост.

Семасиология (аз юн. semasia – маъно ва logos - илм) як қисми асосии вожашиносӣ (лексикология), ки маънои калимаҳоро меомӯзад. Вазифаи семасиология таҳқиқи тамоми маъноҳои калима (сермаъноӣ, омонимҳо, синонимҳо ва антонимҳо) ва муайян кардани тобишҳои маъноии онҳо дар забон аст. Калима ягон предмет ё ҳодисаро номбар намуда, ба ин восита маънои умумии онро ифода мекунад. Масалан, калимаи **луғат**, ба ҷуз маънои умумӣ (умуман луғат) боз ба маънои забон, гуфтор, калима низ омада, бо калимаҳои зиёди дигар умумияти маъноӣ пайдо мекунад. Семасиология бо семантика ва дигар илмҳо (таърих, мантиқ, равоншиносӣ, фалсафа) ва қисмҳои дигари забоншиносӣ (фонетика, грамматика) робитаи қавӣ дорад.

Семасиология (аз юн. semasia –маъно ва … логия - илм). Як қисми (бахши) асосии вожашиносӣ, ки маънои калимаҳоро меомӯзад. Вазифаи семасиология омӯхтани тамоми маъноҳои (сермаъноӣ, омоним, синоним ва антоним) ва муайян кардани тобишҳои маъноии он дар забон аст. Калима ягон предмет ё ҳодисаро номбар карда, ба ин восита маънои умумии онро ифода мекунад. Масалан, калимаи луғат ба ҷуз маънои умумӣ (умуман луғат), боз ба маъноҳои забон, гуфтор, калима низ омада, бо калимаҳои зиёди дигар умумияти маъноӣ пайдо мекунад. Маънои

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

калима бо калимаи ҷудогона не, балки бо қонуниятҳои умумии ашёву ҳодисаҳо алоқаманд аст. Семасиология бо семантика, дигар илмҳо (таърих, мантиқ, психология, фалсафа) ва бахшу қисмҳои дигари забоншиносӣ (савтиёт, грамматика) робитаи қавӣ дорад.

Семиотика (юн. semeion – аломат, нишона) илмест, ки маҷмӯи хосиятҳои аломатҳо ва системаи онҳо (асосан забонҳои маснӯъ ватабиро меомӯзад. Семиотика таърихи тӯлонӣ дошта, вобаста ба масъалаҳои мантиқ ташаккул ёфтааст. Баъзе унсурҳои семиотика дар системаи мантиқии Арасту, Абӯалӣ ибни Сино, Умари Хайём, Дунс Скотт, Гоббс, Лейбнис, Ҷон Милл вуҷуд доштанд. Аммо ҳамчун соҳаи мустақили дониши илмӣ дар охири асри 19 ва ибтидои асри 20 пайдо шудааст. Семиотикаро ба прагматика, синтактика ва семантика гурӯҳбандӣ намудаанд. Соҳаи семиотика, ки муносибати аломатҳо ва ифодаи забониро меомӯзад, прагматика ном дорад.

Сиғаи амр. Сиғаи амр изҳори хоҳишу супориш, фармону таъкид ва водор кардан ба амалеро,ки нисбат ба шахси дуюм гуфта шудааст, мефаҳмонад. Дар забони тоҷикӣ шакли асосии сиғаи амр феъли фармоиш мебошад. Феъли фармоиш фақат як шахс – шахси дуюми танҳо ва ҷамъ дорад. Шахси дуюми танҳои он бо асоси феълии замони ҳозира баробар аст: рав, биёр, хон, омода соз, дам гир. Шахси дуюми ҷамъ бо роҳи ба асос ҳамроҳ кардани бандаки феълии **-ед** ифода меёбад: равед, оед, гиред: Ту худдорӣ карда аз роҳҳои пинҳонӣ поёнтар фуро, агар дидӣ,ки ясавул духтаратро дастгир карда бурданӣ аст, бо ғелонидани санге ба мо хабар деҳ (С.А.). Шакли сиғаи амр ҳам монанди аорист пешванди би-(бу-) қабул мекунад: Ҳамшираи меҳрубон, биё, одамон, биёед, дар паҳлуи ӯ бишинед, вай нақл кунад, шумо бишнавед! (Ҳ.К.). Сиғаи амр шакли бавосита ҳам дорад, ки он тавассути фоили дигар шудан ё нашудани амалро мефаҳмонад: хон-хонон, хонед-хононед.

Сиғаи феъл. Сиға яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи феъл аст. Гӯянда вуқӯъ ва анҷоми амалро баён карда, муносибати ба воқеият доштаи онро муайян менамояд. Муносибати амал ба воқеият **сиға** номида мешавад.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Сиғаҳо бо шаклу таркибҳои тасрифии замонҳои феъл ва баъзан бо ёрии воситаҳои синтаксисӣ ифода меёбанд. Масдар сиға надорад. Агар вай дар таркиби феълҳо ҳамчун ҷузъи асосӣ омада бошад, он таркибҳо ба туфайли шаклҳои тасрифии феълҳои ёридиҳанда майлу тобиши сиғавӣ пайдо мекунанд: **хоҳам рафт**, **омадан гирифт, рафтан гир**. Феъли забони тоҷикӣ дорои чор сиғаанд ва ҳамаи шаклҳои замонии феълҳо аз рӯи маънӣ ва хусусиятҳои ҷудогонаашон ба ин сиғаҳо мансубанд: **сиғаи хабарӣ, сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ, сиғаи амр, сиғаи эҳтимолӣ**.

Сиғаи хабарӣ. Сиғаи хабарӣ воқеъ шудан ё нашудан,тасдиқ ё инкор ва ё қайд карда шудани факти амалро мефаҳмонад. Ба ин сиға чунин шаклҳои шуҳудӣ ва нақлии феълҳои замони гузашта, инчунин баъзе шаклҳои замони ҳозира ва ояндаи феълҳо мансубанд: Замони гузаштаи наздик (гуфтам, хондам, сӯҳбат кардам, хондан гирифтам); гузаштаи дур (омада будам, қироат карда будам); гузаштаи давомдор (хонда истодам, гуфта истод); гузаштаи дури давомдор (омада истода будам, хонда истода буд); гузаштаи ҳикоягӣ (мехондам, гӯш менадохтам); гузаштаи давомдори ҳикоягӣ (рафта меистодам); гузаштаи нақлӣ (хондам, хондаӣ, хондааст); гузаштаи нақлии ҳикоягӣ (мехондааст, меовардааст). Замони ҳозираи давомдор (рафта истодам, хонда истодаам); ҳозира-оянда (мехонам, пешвоз мегирам); ояндаи дур (хоҳам хонд, хоҳам рафт).

Сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ. Феълҳои сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ амалеро ифода мекунанд,ки гӯянда воқеъ гардидани онро раво, имконпазир ва ё вобаста ба шарте медонад. Яке аз шаклҳои асосӣ ва аломати сиғавии феълҳои шартӣ-хоҳишмандӣ аорист буда, вобаста ба он ва сохти ҷузъи асосии феълҳои таркибӣ тобишҳои замонӣ ва маъноӣ ифода меёбанд. Дар феълҳои таркибии сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ феъли ёридиҳандаи **будан** ҳамеша ба шакли аорист меояд. Сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ бо шакли аористи феъл (равам, кор кунам), шакли замони гузашта бо аористи **будан** (хонда бошам, маслиҳат карда бошам), шакли гузаштаи ҳикоягӣ (мехондам ва бо аористи **будан** – мехонда бошам), шакли замони ҳозираи давомдор (хонда истода бошам) ва шаклу

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

таркибҳои дигари феълӣ ифода мешавад. Калимаҳои модалӣ ва ҳиссачаҳои мон//монед, биё//биёед, бигзор//бигузор, бояд,мебоист, ақаллан, кош//кошки, наход ки, канӣ барои ифодаи ҷилоҳои маъноии хоҳишу орзу, таъкиду супориш, қатъият ва розигӣ хизмат мекунанд: Мон, ки бидонанд: аспбози асил як пояш ба лаби гӯр расад ҳам, аз қатор намебарояд (Ф.М.); Кошки кудурат аз миён бардошта мешуд (Ҷ.И.).

Сиғаи эҳтимолӣ. Сиғаи эҳтимолии феъл дар бораи воқеъ шудан ё нашудани амалу ҳолат аз рӯи тахмин, эҳтимол, гумон ва шубҳа сухан кардани гӯяндаро мефаҳмонад. Маънои замонии ин гуна шаклҳои феълӣ ҳам вобаста ба сохту таркиби онҳо, сохти ҷумла ва оҳанги сухан ифода меёбад. Шакли маъмулу серистеъмоли сиғаи эҳтимолӣ аз сифати феълӣ сохта мешавад, ки он ду тарзи ифода дорад: шакли пурра ва шакли мухтасар. Таркиби шакли пурраи сиғаи эҳтимолӣ аз сифати феълии замони гузашта бо пасванди **-гӣ**, ба шакли ихтисори ст ба он васл ёфтани ҳаст ва иловаи бандакҳои хабарӣ сохта мешавад. Шахси сеюми танҳо ҳамчун асос бе бандак меояд. Тасрифи феъли хондан ба тарзи пурраи сиғаи эҳтимолӣ чунин аст:

	Танҳо	Ҷамъ
1.	хондагистам	хондагистем
2.	хондагистӣ	хондагистед
3.	хондагист	хондагистанд

Шакли мухтасари чунин феълҳои эҳтимолӣ аз шакли пурраш як андоза тафовут дорад: шакли ихтисори калимаи ҳаст (ст) танҳо дар шахси сеюми танҳост:

	Танҳо	Ҷамъ
1.	Хондагиям	Хондагием
2.	Хондагиӣ	Хондагиед
3.	хондагист	хондагиянд

Дар забони гуфтугӯӣ ва лаҳҷаҳо шаклҳои дигари ин сиға низ дида мешавад: Бечора, балки ин мазор доштагист, ки вай ҳам ман барин

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

муштипар ва барҷомонда будагист (Ҳ.К.). Шаклҳои аористи феъл,аз ҷумла шаклҳое, ки бо аористи будан таркиб меёбанд, бо калимаи мумкин ва таркиби мумкин аст маънии сиғаи эҳтимолиро мефаҳмонанд ва муродифи шаклҳои эҳтимолии феъланд: эҳтимол биёяд//меомадагист; бояд омада бошад//омадагист; шояд омада монад: Саид Амон нақлҳои одамонро ба ёд оварда, аз дил гузаронид,ки як қисми дарахтони Мунавваршоҳ шинонида эҳтимол ҳаминҳо бошанд (Ф.М.).

Силлабема (аз юн. syllable – ҳиҷо). Як навъи хат, ки аломатҳои он овозҳои паиҳамомадаи забон, бештар ҳиҷоҳоро ифода мекунанд. Қадимтарин аломатҳои ҳиҷоӣ дар хати шумерӣ ба вуҷуд омадаанд (ибтидои ҳазорсолаи III ва нимаи ҳазорсолаи II пеш аз милод). Хати ҳиҷоии кротӣ низ бо роҳи ба аломатҳои ҳиҷоӣ бадалшавии логограмаҳо инкишоф ёфт (ҳазорсолаи III пеш аз милод). Хати мехии форсии бостон низ ҳиҷоист, яъне як аломат ба як ҳамсадо ва як садонок (мисли б+а, д+а, ф+а) баробар аст.

Силлабография (хати ҳиҷоӣ), ки аломати он баробари ҳиҷост, дар ҳазораи 2-1 то милод ба вуҷуд омадааст. Ин хат се навъ дорад. Ба навъи аввал **хати мехӣ, хати майя, хати кореягӣ** дохил мешаванд, ки дар онҳо аломатҳои ҳиҷоҳои гуногун – садоноки ҷудогона, ҳамсадою садонокро ифода мекунанд. Ба навъи дуюм халқҳои критӣ, ҳипрӣ, ҳабашӣ, японӣ шомиланд, ки як аломати онҳо садоноки ҷудогона, ҳамсадою садонокро ифода мекард. **Хати форсии қадим**, ки аломатҳои он ҳиҷои иборат аз ҳамсадою садонокро ифода мекард, ба навъи дуюм мансуб аст. Навъи сеюм системаҳои хатҳои ҳиндиро дар бар мегирад.

Сингармонизм (аз юн. syn – ҳамроҳ ва harmonia – мавзунӣ, ҳамоҳанг) – падидаи морфологие, ки як навъи махсуси овозҳои садонокҳост. Дар забонҳои туркӣ агар дар решаи калима садоноки қатори пеш мавҷуд бошад, пасванду пешвандҳои ба он реша ҳамроҳшуда низ бо садоноки қатори пеш (и, э) омада, ҳамоҳангӣ пайдо мекунанд: бизники (аз они мо), сизники (аз они шумо), билимли (донишманд). Агар дар решаи калима садонокҳои қатори мобайн (ӯ, а) ё қатори қафо (у, о), дар вандҳои пас аз

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

он калима омада низ ҳамон хел (навъ) садонок меояд: оталар (падарон), оналар (модарон), болалар (бачагон).

Сингулятив (лот. singularia tántum – шумораи танҳо). Гурӯҳи исмҳое, ки маъмулан танҳо дар шумораи танҳо кор фармуда мешаванд. Масалан, дар забони русӣ: штанина < штаны.

Синекдоха. Синекдоха ё маҷози мурсал ба истиораи луғавӣ шабоҳат дорад. Маъное, ки бо ин усул ба вуҷуд омадааст, ба ҷойи мафҳуми ҷузъ кулл ва ё баръакс ба ҷойи мафҳуми кулл ҷузъро ифода мекунад. Масалан, калимаи **ош** ба маънои «палов» синекдоха аст ва дар он ба ҷойи мафҳуми кулл мафҳуми ҷузъ ифода шудааст. Синекдохаи луғавиро ба ду навъ ҷудо мекунанд: Синекдоха аз рӯйи ифодаи мафҳуми кулл. Масалан, калимаи **хат** ба маънои «савод»; хатусавод; **дил** ба маънои «муҳаббат», **ношикаста** ба маънои «шахси оҷиз, зан», **оҳанпора** дар ифодаи «пораи ҳама гуна филизот», **нон** киноя аз «ризқу рӯзӣ».

Ноне, ки бувад ҳосили ранҷи дигарон,

Гар ҷон биравад, аз ӯ намебояд хӯрд (А.Л.)

Синекдоха аз рӯйи ифодаи мафҳуми кулл ба ҷойи мафҳуми ҷузъ. Калимаи **мол** ба маънои «чорвои хонагӣ», **хат** ба маънои «мактуб, нома», **мурғ** дар ифодаи «як навъ паррандаи хонагӣ», **хонадор шудан** бо мафҳуми «зан гирифтан» аз ҷумлаи ҳамин навъи синекдохаанд.

Синкопа (лот. sinkopa – афтидан). Моҳиятан ин падида шабеҳи падидаи фонетикии коҳиш аст, ки бештар дар гурӯҳи ҳамсадоҳо – овозҳои махрақдор дучор мегардад, ки хоси ҳамнишиниҳои мобайнист: хиш(т)гар, кор(д)ча. Дар интиҳои калима низ фурӯгузар афзудани овоз, бештар дар услуби гуфтугӯӣ мушоҳида мешавад: хез [хе], дех [те], карданд [кардан].

Синология (лот. sina – Хитой (Чин) + logos – илм, мафҳум).Маҷмӯи илмҳое,ки таърих иқтисодиёт, сиёсат, фалсафа, адабиёт ва фарҳангу тамаддуни Хитойро меомӯзад; ба маънои маҳдудаш – як фасли забоншиносӣ, ки забон ва хати хитоиро меомӯзад.

Синонимия (юн. sinonimos – ҳамном, якмаъно) - дар ифодаи маънои асосӣ ба ҳамдигар мувофиқ омадани морфема, калима, қолабҳои

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

синтаксисӣ ва воҳидҳои фразеологӣ. 1. **Синонимияи пешвандҳо** мавҷуд будани умумияти маъноӣ ё грамматикӣ: боақл-баақл, бафаҳм-бофаҳм, беист-ноист; мекӯш-бикӯш, фуромад-фаромад. 2. **Синонимияи пасвандҳо**: талабагон-талабаҳо; кӯҳсор-кӯҳистон, хонача-хонаяк, ғамнок-ғамгин; баркҳсон-баркҳвор. 3. **Синонимияи грамматикӣ** (синонимияи категорияҳои ҳиссаҳои нутқ). Шумораи ҷамъ ва танҳо дар исмҳои ҷамъ (одамон – мардум ҷамъ шуданд), дараҷаи олии сифат (бузургтарин – ниҳоят бузург), ҷонишинҳои шахсӣ ва бандакҷонишинҳо (китоби ман – китобам – китоби худам), замони гузаштаи ҳикоягии сиғаи хабарӣ ва аорист (агар равад, медид – агар мерафт, медид). **Синонимияи луғавӣ**Ниг.: **Синоним**. 5. **Синонимияи пешояндҳо** а) оид ба муносибати хабарӣ, баёнот: сӯҳбат дар бораи саёҳат – сӯҳбат дар хусуси саёҳат – сӯҳбат оид ба саёҳат, дар хусуси саёҳат. 6. **Синонимияи пайвандакҳо**: а) пайвандакҳои паиҳам: ман ва ту – ман ҳам ту – ману ту; пайвандакҳои хилофӣ: мехост, аммо шарм дошт – мехост, вале (лекин) шарм дошт; в) пайвандакҳои тобеъкунанда: вақте ки омад… - баъд аз он ки омад… пас аз он ки омад… – ҳангоме ки омад. 7. **Синонимияи фразеологӣ**. Мавҷуд будани ифодаи умумӣ дар фразеологизмҳо: як ба як – чашм ба чашм, танҳо ба танҳо – рӯ ба рӯ (дучор омадан); аз асп фуромада аз узангу нафуромадан, аз барф манораву аз лой ҳалво сохтан.

Синонимҳо (аз юн. synónymos – ҳамном), муродифҳо – калимаҳоеанд, ки ба як ҳиссаи нутқ тааллуқ дошта, аз ҷиҳати маъно ба ҳам наздиканд. Синонимҳо бо тобишҳои маъноӣ, бо мавқеъ ва дараҷаи истеъмолашон фарқ мекунанд. Синонимҳое, ки аз ҷиҳати маъно ба ҳам хеле наздиканд, **синонимҳои комил** ва синонимҳое, ки бо тобишҳои иловагии маъноӣ ва мавқеи истеъмолашон аз ҳам фарқ мекунанд, **синонимҳои услубӣ** ном доранд. Гурӯҳи калимаҳои синонимиро силсилаи синонимҳо меноманд ва калимаеро, ки маънои умумикунанда дорад, сарсилсила мегӯянд. Умумияти маъноӣ ва фарқи силсилаи синонимҳо дар муқоисаи байни онҳо муайян мешавад. Масалан, калимаҳои чашм ва дида синониманд. Чашм хусусияти умумиистеъмолӣ дошта, ба маъноҳои зиёди

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

маҷозӣ омада метавонад. Калимаи дида чун чашм аз ҷиҳати маъно бою сермаҳсул нест ва бештар дар забони адабӣ истеъмол мешавад. Дар забон бисёр будани калимаҳои синонимӣ яке аз нишонаҳои бой ва мукаммал будани таркиби луғавии он аст. Синонимҳо барои равшан ва фасеҳ баён намудани фикр заруранд. Истеъмоли онҳо дар забон танҳо барои иваз намудани калима набуда, балки барои муайян кардани муносибати гӯянда нисбат ба фикри гуфташуда мебошад. Синонимҳо ба шакли ҷуфт низ истеъмол мешаванд: орзую ҳавас, зебу зинат, тунду тез, ақлу хирад, раҳму шавқат, фикру андеша.

Синонимҳои луғавӣ (юн. synōnymia – ҳамномӣ). Ду ва зиёда калимаҳои бо яке аз маъноҳои луғавии худ ба ҳам наздик ва баъзан баробар, ки мансуби як гурӯҳи луғавию дастурӣ буда, аз ҳам бо тобишҳои дигари маъноӣ, мавридҳои истеъмол ва рангубори гуногуни эҳсосотии худ фарқ мекунанд. Калимаҳо бо маънои асосии луғавии худ бо ҳам синоним мешаванд. Дар ин маврид маъноҳои иловагии онҳо, тобишҳои гуногуни истеъмолию эҳсосотиашон, ки дар ҳар як калимаи занҷири синонимӣ ба ҳар ранг буда метавонанд, аз эътибор соқит мемонанд. Масалан, дар калимаҳои ҳаммаънои ресмон – банд, расан, таноб; тан – бадан, пайкар, ҷисм, ҷасад; инқилоб – исён, ошӯб, балво маъноҳои асосии онҳо ба ҳам наздиканд, бо вуҷуди он ки ҳар яке аз онҳо бо тобишҳои иловагии маъноӣ, доираи истеъмол ва ифодаи рангубори гуногун аз ҳам фарқ мекунанд. Дар байни калимаҳои бо ҳам синоним тафовутҳои муайян низ мушоҳида мешаванд. Пеш аз ҳама, онҳо аз ҳамдигар бо мавқеъҳои истеъмолии худ фарқ мекунанд. Калимаи калон, ки бо вожаҳои бузург, азим, барзангӣ, лумб муносибати синонимӣ дорад, калимаи умумиистеъмолист. Аз ин ҷиҳат онро дар ҳамаи мавридҳо ба кор бурдан мумкин аст. Баръакси он калимаҳои кабир, азим, муаззам ба услуби китобӣ мансубанд. Калимаҳои барзангӣ, лумб, ноҳинҷор, бесулуқай, даванг бо ҳамон маънои умумии «калон» дар гуфтугӯ мустаъмаланд. Маҷмӯи калимаҳои бо ҳам ҳамаъноро силсилаи синонимӣ меноманд. Дар чунин силсилаи синонимҳо, одатан, калимаҳо бо яке аз маъноҳои луғавии

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

худ бо ҳам алоқаманд шуда, бо арзишҳои хоссаи худ аз ҳам тафовут доранд. Аз ин рӯ, дар ин ё он силсилаи синонимӣ калимаҳои зиёди бо доираи истеъмолу рангубор фарқкунанда гирд омадаанд: рӯшноӣ – нур, партав, шӯъла, зиё; оҳанг – мақом, савт, намо, нағма, ҳаво.

Синонимҳои мафҳумӣ (идеографӣ). Синонимҳое, ки маъноҳои якхела ва ё ба ҳам наздикро ифода карда, ба як мафҳуми умумӣ далолат мекунанд. Масалан, калимаҳои ҳаммаънои моҳона –музд, ҳақ, подош; касалхона – беморхона, шифохона; бахт – саодат, иқбол; ҳилла – макр, найранг; ризқ – рӯзӣ, насиба аз ҳамин қабиланд

Синонимҳои услубӣ. Синонимҳое, ки аз рӯйи нишонаҳои ба услубҳои гуногуни истеъмолии забон хос буданашон фарқ мекунанд. Чунончи, ин тафовут, яъне мансуби услуби умумии муошират, китобӣ, гуфтугӯӣ будан дар сегонаҳои посбон – муҳофиз, қаровул; касал – ранҷур, бетоб; пешона – ҷабин, пича; майда – кӯчак, хурд ифода ёфтаанд. Синонимҳои услубӣ аз рӯи дараҷаю андозаи истеъмол ва обуранги гуногунашон низ аз ҳам фарқ мекунанд. Дар бештарини мавридҳо яке аз калимаҳои синонимӣ сеистеъмол бошад, синонимҳои дигарашон аз истеъмол баромадаанд: ситора – кавкаб, наҷм, ахтар; сарвазир – қушбегӣ, садриаъзам; қаср – кӯшк.

Синтагма (юн. sýntagma – ба ҳам васлшуда, бо ҳам омада), ба маънои васеаш – пайдарпаии воҳидҳои забонист, ки дар ҷараёни нутқ сурат гирифтаанд. Синтагма аз ду ё зиёда морфема, калима, ибора ва ҷумла ба вуҷуд меояд, ки паи ҳам омада, воҳиди яклухтеро ташкил медиҳад. Масалан, калимаҳои даста, панҷа, даҳа, димоға аз ду морфема – даст-а, панҷ-а, даҳ-а, димоғ-а, калимаи мардикор аз ду калима, ки байни худ робитаи атрибутивӣ доранд,сохта шудаанд. Ҷумла силсилаи синтагмаҳост. Синтагма дар ҷараёни нутқ ба вуҷуд ояд ҳам, падидаи забонист, зеро унсурҳои таркиби он мувофиқи қоидаҳои забон бо ҳам пайванд мешаванд. Ба маънои тангаш синтагма пораи яклухти овозию маъноист дар ҷараёни нутқ. Синтагма метавонад аз як ё якчанд калимаи алоқаи маъноидошта, ё ҷумла иборат шавад. Баръакси ибораҳои рехта, ки

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

дар забон ба шакли тайёр мавҷуданд, синтагма мисли ибораҳои озод вобаста ба ҷараёни нутқ ҳар лаҳза аз нав сохта мешавад. Яклухтии синтагма дар он ифода меёбад, ки дар матн якмаънои пурра, як мафҳуми мураккабро ифода карда бошад: Фардо // коргарони корхонаи мо // таътил доранд. Яке аз аломатҳои асосии синтагма яклухтии маъност. Дар синтаксис синтагма ҳамеша пораҳои дуруст тақтеъшудаи синтаксисист. Дар фонетика синтагма пораи нутқи овозиест, ки тартиби фонетикӣ, зада, мавзуният ва оҳанги хос дорад. Ҳар синтагма дорои задаи хосест, ки задаҳои заиф ва ҳиҷоҳои безадаро ба тартиб андохта, ба дигар аъзоҳои синтагма яклухтӣ мебахшад.

Синтагматика (ҳамнишинӣ), яке аз ҷиҳати омӯзиши забон (баробари парадигматика), ки маҷмӯи қоида ва қонунҳои истеъмоли пайдарҳами хаттии воҳидҳои забонро дар ҷараёни нутқи хаттӣ ё шифоҳӣ меомӯзад. Тафовути ду ҷиҳати омӯзиши забон ба ду тарзи муносибати воҳидҳои забон – муносибатҳои парадигматикӣ (мавҷудияти воҳидҳои забон ҳамчун воҳиди луғавӣ) ва муносибатҳои синтагматикӣ (қонуну қоидаҳои истеъмоли воҳидҳои забон дар нутқ) вобаста аст. Масалан, дар ҷумлаи «Ман омадам» байни калимаҳои ман, омад ва морфемаи (бандаки феълии) -ам муносибати синтагматикӣ мавҷуд аст; калимаи аввал мубтадо, калимаи дуюм хабар аст. Дар байни калимаи ман ва морфемаи -ам низ чунин муносибат мавҷуд аст. Ҳамзамон ин се унсур бо калима ва морфемаҳои дигар муносибати парадигматикӣ доранд: ба ҷои калимаи **ман** калимаҳои ту, вай, касе, шахсе, ба ҷои **омад** ой ё о, ба ҷои **-ам** бандакҳои -ӣ, -ем, -ед, -анд истифода шуда метавонанд. Муносибатҳои синтагматикӣ ва парадигматикӣ аз чанд ҷиҳат фарқ мекунанд: а) дар синтагматика воҳидҳои забон тобеи принсипи «пеш ё қафо», «якум ё дуюм», «аввал ё охир» мебошанд, аммо дар парадигматика қоидаи ё ин – ё он ҷорист; б) барои зоҳир шудани муносибатҳои синтагматикӣ замон ва макон (дар хат) лозим аст. Дар парадигматика ду порчаи нутқ (масалан, овозҳои б ва п)-ро дар як лаҳза муқоиса карда метавонем; в) муносибатҳои синтагматикӣ дар ҳиҷо, морфема, калима, ҷумла, банд,матн ҳамеша зоҳир

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

мешаванд, лекин муносибатҳои парадигматикӣ дар майнаи соҳибони забон ба шакли парадигма маҳфузанд. Синтагматика як шӯъбаи синтаксис низ дониста мешавад, ки вазифаи он омӯзиши ибораҳо (синтагмаҳо) мебошад. Синтагматика, яке аз ду ҷиҳати омӯзиши забон (баробари парадигматика), ки маҷмӯи қоида ва қонунҳои истеъмоли пайдарҳами хаттии воҳидҳои забонро дар ҷараёни нутқи хаттӣ ё шифоҳӣ меомӯзад. Фарқи ду ҷиҳати омӯзиши забон ба ду тарзи муносибати воҳидҳои забон – муносибатҳои парадигматикӣ (мавҷудияти воҳидҳои забон ҳамчун воҳиди луғавӣ) ва муносибатҳои синтагматикӣ (қонуну қоидаҳои истеъмоли воҳидҳои забон дар нутқ) вобаста аст. Масалан, дар ҷумлаи «Ман омадам» байни калимаҳои ман, омад ва морфемаи **-ам** муносибати синтагматикӣ мавҷуд аст.

Синтаксис (юн. syntaxis – сохт, тартиб), наҳв, як боби грамматикаро гӯянд, ки таркиби ҷумла ва хусусияту аломатҳои умумии онро меомӯзад. Дар синтакис системава тарзҳои гуногуни ифодаи фикр омӯхта мешавад. Навъу хелҳои асосии ҷумла ва ибора аз рӯи сохт системаи синтаксисии забонанд. Тартиби калимаҳо дар ибора ва ҷумла, инчунин маъно, вазифа ва муносибати онҳо тарзҳои ифодаи фикрианд. Ибора ва ҷумла воҳидҳои нисбатан мустақили синтаксисанд. Онҳо маъно ва сохтори махсус доранд. Ибора монанди калима хусусияти номинатвӣ дорад ва мафҳуми томро ифода мекунад, аммо ҷиҳати маъноии ҷумла дар муносибати сараъзоҳои он зоҳир мегардад. Ҷумла бо муносибати предикативӣ ва вазифаи мухобиротии худ аз ибора фарқ мекунад. Синтаксис, пеш аз ҳама, нутқи алоқамандро меомӯзад. Ҷумла воҳиди асосии он аст. Дар синтаксис байни калима ва ҷумлаҳо ду навъ алоқаи грамматикӣ дида мешавад: алоқаи пайваст ва алоқаи тобеъ. Таълимот дар бораи аъзоҳои ҷумла ва хелҳои ҷумлаҳои мураккаб низ ба синтаксис дохил мешавад. Синтаксис се масъалаи асосӣ: чӣ сохтан, аз чӣ сохтан ва чӣ тариқа сохтанро меомӯзад. Синтаксис қисмати муҳимми забон буда, ҳама гуна фикр бо ёрии воҳидҳои он: ибора, ҷумлаҳои сода, ҷумлаҳои мураккаб ифода мегардад. Синтаксис сохту таркиби ин воҳидҳо, алоқаи маъноӣ ва грамматикии

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ҷузъҳои онҳо, воситаҳои грамматикии муносибати байни ҷузъҳо ва анвои ибораву ҷумлаҳоро меомӯзад. Аксари забоншиносон (Виноградов В.В., Шведова Н.Ю., Белошапкова В.А.) ва ҳамаи забоншиносони тоҷик ба предмети асосии синтаксис ҳам ҷумла ва ҳам ибораро дохил мекунанд.

Синтез (юн. synthez – ҳамроҳшавӣ, ташкилёбӣ. Амалиёте, ки хилофи анализ (таҳлил) аст. Дар заминаи синтез (таркиб) якшавии унсурҳои ин ё он падидаи забонӣ дар назар дошта мешавад.

Синфи грамматикӣ. Категорияҳои грамматикӣ дар морфологияи баъзе забонҳои Кафказ ва забонҳои дигар, ки мутобиқи онҳо ҳиссаҳои номии нутқ (исм, сифат, шумора, ҷонишин),махсусан исмҳо бо аломатҳои хосашон гурӯҳбандӣ мешаванд: гурӯҳи исмҳое, ки мардонро ифода мекунанд; гурӯҳи исмҳое, ки занонро ифода мекунанд; гурӯҳи исмҳое, ки ҳайвонотро ифода мекунанд, гурӯҳи исмҳои мансуби олами растаниҳоанд.

Синхрония (ҳамзамонӣ) – 1) вазъу ҳолати забон дар замони муайяни инкишофи он ҳамчун системаи ҳамзамон вуҷуддоштаи унсурҳои ба ҳам алоқаманд ва бо ҳам робита дошта; маҷмӯи ҳақиқати забонӣ ҳамчун воқеияти ягона ва аслию воқеӣ (ниг.: **системаи забонӣ**); маҷмӯи фактҳои забонӣ ҳамчун воқеияти ягона ва аслӣ, ки ба гӯянда дода шудааст (Ф. де. Соссюр); 2) омӯзиши забон дар ҳолати муайян, яъне ҳамчун системаи муносибатҳои муайян, ки берун аз вақту замон ва тағйиротҳои забонӣ қарор дорад.

Системаи забонӣ (аз юн. systēma – пурра, яклухт, иборат аз қисмҳо; пайвастшавӣ) – маҷмӯи унсурҳои забонии ҳама гуна забони табиӣ,ки дар муносибат ва робитаю алоқа қарор доранд, ки ягонагии муайян ва яклухтро ба вуҷуд меорад. Ҳар як унсури системаи забон ба таври ҷудогона вуҷуд надорад, балки дар муқобилгузории дигар унсурҳои система вуҷуд дорад. Масалан, дар забони русӣ, ки ҷинсияти дугона надорад, арзиши дигар дорад. Дар қиёси шумораи ҷамъи забони словен,ки шумораи дугонаро дорост. Мафҳуми системаи забонии муосир якчанд мафҳумҳои ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад – сатҳҳои забон,

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

воҳидҳои забон, муносибатҳои парадигматию синтагматикӣ, аломатнокии забон, шакл ва функсия, сохтор ва субстансия, робитаҳои беруна ва дохилӣ дар забон, ҳамзамонию дарзамонӣ, мунтазамию номунтазамӣ. Забоншиносон дер боз системаи овозҳо, таркиби луғавӣ ва сохти грамматикии забонро фарқ мекунанд. Ҳар яке аз қабатҳои забон воҳидҳои худ, категорияҳо ва сохтори дохилии худро доранд, ки бо ҳам алоқаи зич доранд. Бешак системаи фонологии забон аз лексика ва лексика аз грамматика ба куллӣ фарқ мекунад, вале ҳам аз ҷиҳати сохтори забон ва ҳам аз ҷиҳати функсияи худ онҳо бо ҳам сахт алоқаманданд.

Сифат, ҳиссаи мустақилмаъно ва номии нутқ буда, аломат, хусусият ва хосияти шахсу предметро бевосита ва ё аз рӯи муносибати ба предметҳои дигар доштааш мефаҳмонад. Хусусиятҳои зерин хоси сифат аст: 1. Семантикаи махсус дорад ва ба исм робитаю алоқаи зич дорад, зеро исм номи предметро ифода кунад, сифат аломат, хосияти шахсу предметро мефаҳмонад: деҳаи обод, сарзамини ҳамешабаҳор, гиёҳҳои шифобахш, ҷавони хушбахт. 2. Сифат дорои дараҷаи қиёсӣ (муқоисавию олӣ) ва ғайриқиёсӣ (камию зиёдии аломат) мебошад: кӯчаи калонтар, хиёбони калонтарин, чашмони кабудча, мӯйҳои сип-сиёҳ. 3. Сифат воситаҳои гуногуни калимасозию шаклсозӣ дорад,ки тавассути онҳо калимаҳои нав ва шаклҳои гуногун сохта мешаванд: деҳқони давлатманд, шамъдони нуқрагин, қомати базеб, ҷавони лоғаракак. 4. Сифат дар ҷумла ба вазифаҳои муайянкунанда, хабари номӣ ва ҳоли тарзиамал меояд. Сифат аз ҷиҳати маъно ва вазифаи дастуриаш аслию нисбӣ мешавад. Сифати аслӣ аломати предметро бевосита ифода менамояд: ҳавои гарм, ҷавони зебо. Сифати нисбӣ аломати предметро ба воситаи муносибати ба предмети дигар доштааш нишон медиҳад: забони модарӣ, дарвозаи оҳанин, шӯъбаи ғоибона, гандуми тирамоҳӣ. Сифатҳои аслӣ дараҷа, шакли сода, ҷуфтҳои антонимӣ (нек-бад, гарм-хунук) ва синонимӣ (хуб, наҳз, хуш, авло) дошта, ба воситаи пасванди **-ӣ** исми маънӣ месозанд: ором-оромӣ, хушбахт-хушбахтӣ. Сифатҳои аслӣ дорои категорияи дараҷа мебошанд. Сифат ба ҷуз дараҷаи оддӣ дараҷаи қиёсӣ ва олӣ дорад.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Дараҷаи қиёсӣ нисбат ба аломати аслӣ ё предмети дигар кам ё зиёд будани аломати ягон предметро мефаҳмонад (хурдтар, ширинтар). Дараҷаи олӣ дараҷаи баланди аломати якпредметро нисбат ба маҷмӯи предметҳои якхела нишон медиҳад (беҳтарин, аз ҳама калон). Дар забони тоҷикӣ сифат роҳҳои зерини калимасозӣ дорад: 1) морфологӣ (ба воситаи пешванду пасвандҳо: зани бамаънӣ, умри бардавом, кори илмӣ, устои ҳунарманд; сифатҳои мураккаби пайваст: риши тор-тор, гулҳои рангоранг; мураккаби тобеъ – боғи дилкушо, пири корозмуда; 2) морфологию синтаксисӣ (бавазифаи сифат омадани исм, асоси замони ҳозираи феъл, сифати феълӣ: ҳалқаи тилло, дари кушод; 3) луғавию наҳвӣ: абрешими ранг ба ранг; 4) луғавию маъноӣ (дар натиҷаи маъно ё тобиши нав гирифтани калимаҳо. Масалан, калимаи савдоӣ чунин тобишҳои маъноӣ дорад: тиҷоратӣ, девонаавзоъ, асабӣ, ошиқ.

Сифатҳои аслӣ - сифатҳои аслӣ хосият ва чигунагии предметро мефаҳмонад. Сифатҳои аслӣ ранг, бӯй, маза, хусусият, ҳарорат, устуворӣ ва дигар хусусиятҳои предметҳоро ифода менамоянд: Ман аз ҷой хеста берун баромадам, ҳаво соф ва ором буд, боди сабук мевазид (С.А.).

Сифатҳои нисбӣ. Сифатҳои нисбӣ чигунагӣ ва аломатро аз ҷиҳати нисбат доштани он ба предмету ҳодисаҳо нишон медиҳанд: а) нисбат ба одамон: меҳри падарӣ, забони модарӣ; б) нисбат ба предметҳо: дарвозаи оҳанин, мурғи хонагӣ; в) исбат ба мафҳумҳои абстракт: меҳнати фикрӣ, мақолаи илмӣ; г) нисбат ба макон: тоқии чустӣ, тути балхӣ; д) нисбат ба замон: кишти баҳорӣ, шӯъбаи шабона;) нисбат ба амал: узви шунавоӣ, бози шикорӣ. Аз ҷиҳати сохти морфологӣ ва қолаби калимасозиашон сифатҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мекунанд: 1. Сифатҳои сода (решагӣ): одами шӯх, қомати баланд. 2. Сифатҳои сохта, ки бо пешванду пасвандҳои сифатсоз сохта мешаванд: духтари ноком, олими баркамол. 3. Сифатҳои мураккаб: а) мураккаби пайваст: гулҳои рангоранг, роҳҳои пурпечутоб; б) мураккаби тобеъ: аспи бодпо, шоири оташзабон. 4. Сифатҳои таркибӣ: комёбиҳои нав ба нав, роҳҳои печ дар печ.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Соза - мафҳумҳое, ки мустақиман мушоҳида намешавад, балки бар асоси падидаҳои қобили мушоҳида истинбот мешавад ва метавонад ба таҷзия ва таҳлил ва дарки падидаҳо ва итифоқот кӯмак кунад. Намунаи созаҳое,ки дар мутолиа ва баррасии забон ба кор мераванд, ROLE ва STATUS ҳастанд.

Сохт. Занҷирае аз ду ё чанд сурат,ки воҳиди дастуриро дар забон ба вуҷуд меоваранд. Монанди гурӯҳ ё ҷумлавора.

Сохти феъл - феъли забони тоҷикӣ маъмулан аз рӯи сохт ба се гурӯҳи калон ҷудо мешавад: сода, сохта, таркибӣ. Феълҳои сода. Феълҳое, ки аз ҷиҳати сохти морфологӣ ба шакли холис (бе пасванду пешванди калимасоз) воқеъ шудаанд: **афтидан, бурдан, гаштан, гуфтан, дидан, дӯхтан, зистан, мондан, задан, истодан**. **Феълҳои сохта**. Феълҳое, ки ба воситаи пешванд ва пасвандҳои калимасози феъл сохта шудаанд: **бардоштан, даромадан, бозгаштан, вохӯрдан, хонондан**. Воситаҳои калимасози феъл инҳоянд: пешвандҳои феълсоз: **бар-, дар-, фур-, боз-**; пасвандҳои феълсоз: **-ид, -он**. **Феълҳои таркибӣ**. Феълҳое, ки аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва феълҳои ёридиҳанда таркиб ёфта, ҳамчун воҳиди ҷудогонаи луғати (лексикаи) феълӣ маъниҳои алоҳида ва баъзе тобишҳои грамматикию услубиро ифода мекунанд. Қариб ҳамаи феълҳои таркибӣ, қатъи назар аз таркиби морфологиашон, шакли масдарӣ доранд ва ҳамчун воҳиди луғавӣ воқеъ мешаванд: **кор кардан, тайёр шудан, ба эътибор гирифтан, гуфта додан, навишта гирифтан, чашида дидан**. Аз ин рӯ, феълҳои таркибӣ аз шаклҳои таркибии **намуд, сиға** ва **замонҳои феъл** фарқ мекунанд. Азбаски шаклҳои таркибии категорияҳои номбурда маънию мафҳумҳои грамматикӣ доранд, масдари онҳо одатан пас аз шакли пурраи таркиби феълӣ, балки аз ҷузъи асосии он ташкил меёбад. Масалан, масдари феъли **хоҳам рафт – рафтан; хонда истодам, хонда истода будам – хондам; гирифта истода бошам – гирифтан**. Феълҳои таркибӣ ба эътибори таркиби морфологиашон ба ду гурӯҳ: **феълҳои таркибии номӣ** ва **феълҳои таркибии феълӣ** ҷудо мешаванд. **Феълҳои таркибии номӣ**, феълҳое, ки таркибашон аз ҳиссаҳои номии нутқ ва

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

феълҳои ёридиҳанда иборат аст. Ҳар як феъли таркибии номӣ як воҳиди луғавӣ, ҳиссаи нутқ ва як аъзои ҷумла мебошад. Байни ҷузъҳои феъли таркибии феълӣ таносуби маъноӣ ва мувофиқати морфологӣ мавҷуд аст. Аз ин рӯ, байни тоза чидам ва тоза кардам фарқи куллӣ дида мешавад: дар байни ҷузъҳои таркибии аввал алоқаи синтаксисии ду ҳиссаи нутқ (зарф ва феъл) ё ду аъзои ҷумла (ҳол ва хабар) мавҷуд аст. Дар байни ҷузъҳои таркибии тоза кардам мувофиқати шаклию маъноии ифодакунандаи маънии як воҳиди луғавӣ дида мешавад. Таркиби феълҳои таркибии номӣ аз ду ҷузъ иборат аст: **ҷузъи номӣ** ва **ҷузъи феълӣ**. Ҷузъи номӣ ҷузъи асосӣ ва соҳибмаънои феъли таркибии номӣ буда, маънои феълро муқаррар ва муайян мекунад. исм ва сифат ҳиссаи сермаҳсули чунин феълҳои таркибианд: Мо барои бохт, барои саодати худамон ва насли ояндаамон кор мекунем (Ҳ.К.); Ин пешбиниҳои онон рост баромад (Ҳ.К.). Ҷузъи дуюми феълҳои таркибии номӣ аз феъл иборат аст. Ба истиснои феълҳои ёридиҳандаи **кардан, шудан, намудан, гардидан**, ки маънои луғавиашон аз байн рафтааст, дар феълсозӣ боз як гурӯҳ феълҳои содаи аслан мустақил ҳамчун феъли ёридиҳанда меоянд: **гирифтан, дидан, доштан, ёфтан, задан, хӯрдан, сохтан.**

Сполеоним – топонимҳои зеризаминӣ. Номи дилхоҳ, мавзеи табиию ҷуғрофӣ, ки поёнтар аз сатҳи замин ҷойгир шуда, ба сатҳи замин баромадгоҳ дорад, аз ҷумла ғорҳо, дараҳо, ҳавзҳо, дарёҳо ва чашмаҳои зеризаминӣ, чоҳҳо.

Субстантиватсия (аз лот. subtantivum – исм), исмшавии ҳиссаҳои дигари нутқ. Дар забони тоҷикӣ бештар сифат ва сифати феълӣ ба исм гузаштаанд: Бо бадон бад бошу бо некон накӯ (Саъдӣ). Аз навиштаҳои ӯ фоидае нест (С.Айнӣ). Дар растаҳо ояндагон ва равандагон ҳам кам буданд (С.Айнӣ). Шумора, феъл ва дигар ҳиссаҳои дигар низ бо роҳи субстантиватсия ба исм мегузаранд: даромади корхона, якеро сад магӯ, садро яке гӯй. Субстантиватсия 3 хел мешавад: ин ё он калима аз ҳиссаҳои дигари нутқ пурра ба исм гузашта, танҳо ҳамчун исм истифода мешавад (беқасаб, шоҳӣ, ришта, парранда), нопурра – калима аз ҳисаи дигари нутқ

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

пурра ба исм нагузашта, ҳамчун исм истифода шавад ҳам, гоҳо ба вазифаи асосии худ меояд (гадо, камбағал, ронанда, намоянда). Баъзе шумораҳои аслӣ, тартибӣ ва касрӣ ба исм мегузаранд: Яке ба ман чойи гарми хуштаъм дароз мекард, дуввум яхоб (Ф.М.). Пас аз бисту чил …масъалаи таракаи мерос ба миён омад (Ҷ.И.). Асоси замони гузаштаи феълҳо бо тағйири ҷои зада ба исм мегузарад: кӯфти роҳ, даромади корхона, дӯхти либос. Масдарҳо низ бо ду роҳ бевосита ба исм мегузаранд ё морфемаҳои категорияи морфологии исмро қабул намуда, ба исм мегузаранд:

Ман аз беқадрии хори сари девор донистам,
Ки нокас кас намегардад аз ин боло давиданҳо. (Ҳасрат).

Чуноне ки ба ҳамагон маълум аст, дар таркиби луғавӣ забон баъзе калимаҳое мавҷуданд, ки дар илми забоншиносӣ дар истифода ба касе нисбат додани онҳо баҳсбарангез аст. Масалан, калимаи ҳидоят. Маънои луғавии калимаи ҳидоят дар фарҳанги забони тоҷикӣ чунин шарҳ дода шудааст. Ҳидоят – роҳнамоӣ, роҳи рост нишон додан, роҳбарӣ. Истифодабарии ин калима дар байни омма он қадар маъмул нест. Калимаи ҳидоят дар ВАО-и кишвар яке аз калимаҳои камистеъмолтарин ба ҳисоб меравад, аммо ба ҷойи роҳбарӣ ва роҳнамоӣ истифода бурда мешавад. Дар ВАО-и кишвари мо бахусус дар телевизион ва радио, қабл аз маросимҳои динӣ, аз қабили идҳои Қурбон ва рамазон истилоҳи ҳидоят ба назар мерасад. Ин мафҳуми дӯстдоштаи рӯҳониён аст. Онҳо бештар ҳидоятро аз ҷониби Худованд медонанд, на аз ҷониби Сардори давлат ва ё ягон нафари саховатманд. Вале дар ВАО гоҳҳо журналистон ибораҳоеро монанди «бо ҳидояту дастгирии Президенти кишвар», «ниёзмандонро ҳидояту дастгирӣ намуданд» кор мефармоянд. Бояд гуфт, ки дар дини ислом ҳидоят ду навъ мешавад: таквинӣ ва иршодӣ.

Субстрат (аз лот. substratum – асос), осори забони аслии мардуми маҳаллист, ки дар забони нави онҳо бо сабабҳои гуногуни таърихӣ роҳ ёфтаанд. Масалан, субстрати келтӣ дар забони франсавӣ, субстрати дакӣ дар забони руминӣ, субстрати эронӣ дар баъзе шеваҳои ӯзбекӣ. Субстрат натиҷаи дузабонӣ ва таъсири мутақобили онҳост. Дар натиҷаи кӯҳнаву

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

нав шудан аз таъсири мутақобили забонҳо як забон истиқлол пайдо карда, забони дигарро ба таъсири худ мегирад, аммо баъзе хусусиятҳои он забонро нигоҳ медорад. Унсурҳои субстрат аз қонуниятҳои аслии инкишофи дохилии забони мустақил истисност. Аломатҳои онро бо роҳи тадқиқи эътимодноки муқоисавии таърихӣ муайян кардан мумкин аст. Таъсири субстратро дар фонетика ва лексика мушоҳида кардан мумкин аст.

Сувари забони олам - маҷмӯи тасаввурот дар бораи ҳастӣ, ки дар тӯли таърихи ҷомеаи муайян ташаккул ёфта, ҳамчун воситаи маърифати воқеият истифода мешавад. Сувари забонии олам аз афкори забоншиноси маъруф Вилҳелм фон Ҳумболдт ва пайравони ӯ сарчашма мегирад. Дар даврaҳои баъдӣ андешаи В. Фон Ҳумболдт дар *назарияи нисбияти забон*, ки аз тарафи муҳаққиқон Сепир ва Уорф пешниҳод гардид, густариш ёфт. Чунин восита ва тарзи маърифат аз як тараф вижагии универсалӣ ва аз тарафи дигар вижагии миллӣ ва ё қавмӣ дорад. Зеро тасаввуроти инсон дар бораи ҳастӣ дар муҳити шуруъ аз хонавода то ба муҳити ҷамоа ва фаротар аз он дар муҳити равобити ҷамоаҳои гуногун ва ниҳоят ҷомеаи ҷаҳон ташаккул меёбад. Мавриди зикр аст, ки ҳар як забони ҷудогона барои ифодаи мафҳуму воқеаҳо, раванду робитаҳо воситаҳои ба худ хос дорад чун низоми овоӣ, вожагон, сохтори ибороту ҷумлаҳо ва ҳатто сохтори матн имконоту восита ва роҳҳои ҷудогона дорад. Дар баробари ин умумияте, ки дар тамоми забонҳои олам мебинем ин аст, ки ҳамоно забони башар воситаи асосии посдорӣ ва интиқоли иттилоот ва фарҳангу маърифат аст ва ҳамакнун дар канори забон дигар воситаи комилтареро барои мухобироти башар наметавон дарёфт. Дар атрофи масъалаи мазкур баҳсу мунозираҳои зиёде то ба имрӯз мавҷуд аст, ва назарҳои гуногун то ҳол ба як андешаи умум нарасидаанд. Ҳатто тавзеҳотеро дар ин росто метавон дарёфт, ки агар инсон ҳар қадар воҳидҳои забонии зиёдеро мусаллат бошад, ҷаҳонбинии ӯ ҳамон қадар густардатар аст ва ин ба мисоли он ки агар як фард даҳ ҳазор вожагонро бидонад пас ӯ ба донистани ҳамин қадар мафҳум ва бештар аз ин равобит қудрат дорад ва

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

фарди дигаре агар аз ҳазор воҳиди забон ва ё вожагон кор бурдан тавонад пасон маърифату имконоти зеҳнӣ ва ҷаҳонбинии ӯ дар ҳамин маҳдудият қарор дорад.

Суханварӣ - бо каломи зебо ва лаҳни шево баён кардани мақсад, ҷалб намудани таваҷҷӯҳи шунавандагон ва ҳунари сухан гуфтанро меомӯзонад. Сухан дар қолаби калима, ибора ва ҷумлаҳои дилнишин бо ёрии фикру андеша ифода меёбад. Ҳадафи асосии суханварӣ фаҳмиш ва баёни мавзӯи хосса ба шунаванда аст. Баёни суханвар бояд тавре сурат бигирад, ки тавонад бахше ва ё кулли шунавандагонро тасхир созад ва дар дили онҳо ҳиссиёти мухталиф: чун кин, ғам, шодӣ ва амсоли инро барангезад. Ин амал ба воситаи чашму гӯш, шодӣ ва кӯмаки лутфу эҳсос ва андешаҳои пуртуғёни инсонӣ падидор мегардад. Мутаассир намудани шунаванда зимни баён ҷавҳари асосии маҳорати суханварист. Нутқ ва каломи зебо дар ҳақиқат қудрате доранд,ки ташнагони суханро сероб гардонад ва дар онон шӯру туғёне барангезад. Шайх Аттор фармуда:

То тавонӣ ташнаро сероб кун,

Дар маҷолис хидмати асҳоб кун.

Яке аз шартҳои зарурии фанни суханварӣ ин аст, ки он чи суханвар эрод мекунад, бояд бо мақсаде ва ҳадафи муайяне ҷараён ёбад. Ба қавли Афлотун гуфтор бояд мавҷудияти зиндае бошад. Яъне сари ҳар мавзӯе сухан гуфта шавад, қисматҳои зерин вуҷуд дошта бошад: оғоз, миёна (равиш), анҷом. Ин ҳикматҳо ба ҳам дар робитае ва таносуб бошанд. Чунонки гуфтаанд:

Суханро сар аст, эй хирадманду бун,

Маёвар сухан дармиёни «сухун».

Агар суханвар маҳорати хубе дошта бошад, шунавандагонро бо маслиҳату сӯҳбатҳои судманди худ аз саҳву хато бозмедорад, аз осебу зиён дур месозад ва ба роҳи рост ҳидоят мекунад. Абушакури Балхӣ дар боби қадру қимати сухан чунин оварда:

Шунидам, ки бошад забони сухан,

Чу алмоси буррову теғи куҳан.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Сухан бифганад минбару дорро,

Зи сӯрох берун кашад морро.

Кӯҳнатарин осори суханварӣ дар мағрибзамин ба Юнони бостонӣ ба қарни панҷуми қабл аз милод иртибот дорад. Мулки машриқзамин низ дар тӯли таърих суханварони забардастеро ба майдон оварда, машҳури олам гардонид. Суханварӣ дар Шарқ бо ислом пайванди ногусастанӣ дошта, бо номҳои хатиб, қиссахон, ровӣ ва амсоли он дар ин ҷомеа зуҳур кардаанд.

Сухансанҷии тақобулӣ, маонии байнитақобулӣ, сухансанҷии муқобилаӣ. Мутолиаи шабоҳатҳо ва тафовутҳои байни нависандагӣ ба забони аввал ва забони дувум ё байни ду забон баманзури пай бурдан ба мизони таъсири қарордодҳои нависандагии як забон ба нависандагии фард дар забони дигар. Тасаввур барин аст, ки нависандагӣ ба забони дувум то ҳудуде таҳти таъсири қарордодҳои забонӣ ва фарҳангии забони аввали нависанда қарор мегирад. Ва ин амр метавонад бар чигунагии созмондиҳии каломи мактуб навъи тарҳ ё матн, ки нависанда бакор мегирад ва низ омилҳои нозири мавзӯъ, мухотаб, созмондиҳии банд ва гузиниши вожагон ё сиёқи сухан таъсир бигзорад.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Т

Табу (аз забони полинезӣ), калима, ифода ё ибораҳое, ки гуфтанашон манъ аст ва ё дар заминаи таъсири хурофот, урфу одатҳои динӣ маҳдуд карда шудааст. Падидаи табу бо вазифаи таъсиррасонии забон ба олами гирду атроф иртиботи қавӣ дорад. Ин падида бештар хоси забони халқҳое мебошад, ки тамаддуни антиқа доранд (Африқо, Австралия, Океания, мардумони Шимол). Табу махсусан ба номи инсон, ки гуфтанаш барои атрофиён ва бегонагон манъ аст, аз ҷумла номи фавтидагон номҳои худоҳо хос аст.

Тавтология (юн. tauto – айни ҳамон ва logos – калима). 1. Такрори чизи гуфташуда бо калима ё ибораи дигар, ки маънои наве илова намекунад: Сухани муаллиф – нутқи нависанда, бори накав – ин бори барзиёд. 2. Такрори калимаҳои ҳамрешаю ҳаммаъно дар ҷумла: ба қатори камбудиҳо норасоиҳои зеринро номбар кардан мумкин.

Тавтология дар мантиқ, як навъ иштибоҳеро гӯянд, ки як маънӣ бо чанд калимаи ҳаммаъно ифода мешавад. Масалан: «Одами диндор шахсест, ки эътиқоди динӣ дорад». Ин қабил иштибоҳ дар забони гуфтугӯӣ (ба мисли «гӯшти лаҳм», «равғани равғанин» бисёр мушоҳида мешавад.)

Такрор. Такрори пурра ё ҷузъии калимаи решагӣ ё сохта, ё ягон ҷузъи он, ки ҳамчун воситаи калимасоз ё шаклсоз, ё ҳамчун воҳиди фразеологӣ истифода мешавад: кам-кам, андак-андак, базӯр-базӯр, рӯ ба рӯ, дам ба дам, рӯз аз рӯз, худи худаш, калони калон. Такрор инчунин воситаи аз як ҳиссаи нутқ ба ҳисаи дигари нутқ гузаштани калимаҳои ҷудогона мебошад. Исмшавии ҷонишин (манманӣ) ё феъл: омад-омадат гардам, қадду қоматат гардам (фолклор); таъкиди аломатҳои предметҳо: харбузаҳои калон-калон. Дар ифодаи таъкид такрор шудани як ҷузъи сифатҳои аслӣ, ки ба дараҷаи олӣ баробар аст: мӯйи сип-сиёҳ, куртаи суп-сурх, харбузаи заб-зард. Шумора дар шакли такрор ба зарф мегузарад: Як ба як омӯхтан, ду ба ду истодан; ба маънои давомнокии ҳолат омадани феъли ҳол: нишаста-нишаста баромада рафтан; такрори зарфҳо: оҳиста-

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

оҳиста қадам мондан, бад-бад нигоҳ кардан; такрори нидоҳо: оҳ-оҳ, вой-вой, бай-бай.

Такрори овозҳо. Дар адабиёти бадеӣ барои тақвияти ҷанбаи муассирии савтиёти нутқ усулҳои гуногун истифода мешавад. Шоиру нависандагон тавассути интихоб ва корбасти калимаҳое, ки айни як овоз ё овозҳои ҳамҷинс, ҳатто чанд овози ҳамранг дар онҳо такрор меёбад, кӯшиш мекунанд монанди овозии луғавиро таъмин намоянд. Дар назм такрори овозҳо дар бисёр маврид чун воситаи барҷастаи услубӣ воқеъ мегардад.

Такрори ҳамсадоҳо, ки дар забоншиносии умумӣ онро аллитератония меноманд, яке аз навъҳои услубии овозҳо буда, тавассути такрори ҳамсадои якхела дар чанд калимаи матни муайяни манзуму мансур сурат мегирад. Масалан, дар байти зерини Ҳофизи шерозӣ дар мисраи дуюми он се калима: **кай, кӣ, кунӣ** пай дар пай бо ҳамсадои /к/ ибтидо гирифтааст: Такрори ин овоз бо калимаҳои мазкур гӯшнавозӣ ва тарабангезии мисраъро афзуда, имконияте тавлид намудааст, ки он якҷо бо санъати суол ба хонанда ҳаяҷони хоси бадеӣ бахшад:

Корвон рафту ту дар хобу биёбон дар пеш,
Кай равӣ? Раҳ зи кӣ пурсӣ. Чӣ кунӣ? Чун бошӣ?

Дар мисраи дуюми байти поён, ки аз шеъри «Тара-чандри»-и Мирзо Турсунзода аст, чаҳор калима бо ҳамсадои **“с”** сар мешавад. Шоир ба ин васила сифатҳои алоҳидаи персонажро махсус таъкид намуда, оҳанги байт ва қувваи таъсиргузории калимаҳои таъкидшавандаи дохили онро ба дараҷот афзудааст:

Ту, эй фарзанди маҳбуби диёру кишвари бебахт,
Сияҳчашму сияҳабрӯ, сияҳмӯ, духтари сарахт.

Такрори садонокҳоро чун падидаи услубӣ дар забоншиносии умумӣ ассонанс мегӯянд. Такрори садонокҳо низ бо нияти махсуси услубӣ-таъмини хушоҳангӣ ва мусиқияти сухан ва тақвияти ҷанбаи эҳсосии он ба вуқӯъ меояд. Чунончи, истифодаи садоноки **э** дар байти поён чунин

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

имконият ба вуҷуд овардааст, ки калимаҳо дар натиҷаи такрори садои якнавохт оҳанги гӯшнавозу тарабангези мусиқӣ касб намоянд:

Дилу ҷонро фидо кард ӯ:
Барои чашми ҷодӯйе,
Ба зулфони суманбӯйе,
Ба холу хатти ҳиндуйе.

Такрори услубӣ. Такрори айни як калима ё иборае,ки дар ифодаи тобишҳои маъноии сухани гӯянда чун воситаи муассири услубӣ хизмат мекунад: Инак, бикаи калонӣ, ки аз ҳама болотар нишастааст… дар дил мегӯяд, ки ин ҳама сару корро вай кардааст, на каси дигар! Бо иродаи вай одамҳо механданд, бо иродаи вай созандаҳо бозӣ мекунанд, бо иродаи вай Оймулло месарояд, саломнома мехонад (Ҷ.И.).

Таҷзияи актуалии ҷумла. Ба ҷузъҳои асосӣ ҷудо кардани ҷумла. Дар таҷзияи актуалӣ таҳлили мушаххаси мазмуни ҷумла дар назар дошта мешавад. Асосгузори ин назария забоншиноси чех В.Матезиус таҷзияи актуалии ҷумларо чунин маънидод кардааст: «Таҷзияи актуалии ҷумла хилофи таҷзияи шаклист. Агар таҷзияи шаклӣ таркиби ҷумларо ба унсурҳои грамматикӣ ҷудо кунад, таҷзияи актуалӣ тарзи ба матни реалӣ – предметӣ дохил шудани ҷумларо муайян мекунад. Унсурҳои нахустин ва асосии таҷзияи шакли ҷумла субъект ва предикати грамматикӣ мебошад. Ҳамин тариқ, таҷзияи актуалии ҷумла ба вуҷуд омадани ифодаи маълуму равшан, аз ифодаи маълум ба номаълум гузаштани фикрро ба эътибор мегирад. Ифодаи маълум, одатан, дар қисми аввали ҷумла оварда шавад, ифодаи номаълум (нав) дар қисми дуюми ҷумла оварда мешавад.

Таҷзияи ҷараёни нутқ. Мутолиаи озмоишгоҳию лингвистии ҷараёни нутқ нишон медиҳад, ки нутқи овозиро аз нуқтаи назари акустикӣ ва аз рӯи вазъият ва кори узвҳои нутқ таҷзия кардан мумкин нест. Ҳангоми ҷудо кардани овозҳо мо бо воҳидҳое сару корд орем, ки аз маъно маҳруманд. Бо вуҷуди ин овозҳо ҳам аз ҳамдигар маҳз ба воситаи маъно ва марзи морфологӣ ҷудо мешаванд, зеро овозҳо қобилияти ба маъно алоқаманд шудан доранд. Чунин алоқамандии овозҳо дар мавридҳои ба

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

сифати воҳидҳои маънодори забон – морфема,калима ва ҷумла истифода шудани онҳо воқеъ мегардад. Масалан, ба туфайли он, ки садонокҳои тоҷикии **а, у, о, и** ба сифати морфемаҳо (даста, китобу, дафтар, даво, дав, гули сурх) истифода мешаванд, мо ба воситаи маъно ва марзи ин морфемаҳо онҳоро аз фонемаҳои (морфемаҳои) дигар ҷудо мекунем: даст-а, китоб-у, дав-о-дав, гул-и. Ҳангоми ҷудо кардани ҳамсадоҳо низ ба мо сарҳади морфологӣ ёрӣ мерасонад. Ҳамин тариқ, тақтеи фонетикӣ бо роҳи морфологӣ ҳал мешавад ва натиҷаи таҷзияи морфологӣ мебошад.

Таҷзияи морфологии калима. Ҷудо кардани морфемаҳои калима,ки вай аз онҳо сохта шудааст. Масалан, ҷудо ё муайян кардани бандак, асос, пешванду пасванд ва решаи калима.

Таҷзияи шаклии ҷумла. Ба унсурҳои грамматикӣ таҷзия кардани калимаҳои таркиби ҷумла. Дар ин маврид танҳо ба мубтадо (субъект) ва хабар (предикат) ҷудо кардани ҷузъҳо дар назар дошта мешавад.

Танин - яке аз тобишҳои овозист, ки нуткро ягон навъ ҷилои эҳсосию муассирӣ мебахшад. Ин унсури оҳанг дар адабиёти бадеӣ барои зуҳури ҳолати рӯҳии персонажҳо – намоён сохтани хурсандӣ, ғаму ғусса, таънаву маломат, таҳдид, шӯру ғавғо, таҳсин, нафрат, шавқ ва амсоли инҳо истифода мешавад. Нависандагон тавассути таъкид вазъи персонажҳоро ҳангоми сухан ёдрас мешаванд. Сотим Улуғзода дар намоишномаи «Қисмати шоир» барои он ки ҳолати рӯҳии персонажҳои худро дар шароити мухталиф тибқи пиндори худ ҳаққонӣ ба ҷилва орад, пас аз тасвири гуфтор ё амалиёти онҳо воситаҳои таъкидиеро аз қабили калимаю таркибҳои **таҳдидомез, бо киноя, хушҳолона, саросема, ҳаросона, дар ҳайрат, нохушнуд, бо тавозуъ, таънаомез, бо алам қариб фарёд зада, ноилоҷ, хандида** ва ғайра ба кор бурдааст. Инак намунае:

Рӯдакӣ: Мехоҳи ҳаёти маро аз ман бигирӣ? (хандаи боистеҳзо). Дер мондӣ. Саҳл ғафлат кардӣ! Ҳаёти ман кайҳо ба ашъорам, ба китобҳоям рафтааст, ту аз ман чӣ мегирӣ? Ҳаёти шоир, қисмати шоирро подшоҳон ҳам наметавонанд ба ҳукми худ тобеъ кунанд, то ба монанди ту ҷаллоди хунолуда чӣ расад!

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Саҳл (дар хашм). Гиред ӯро!

Рӯдакӣ (бо дард). Чашмони сарамро рабуданд, худоё, чашми диламро боз кун! Моҳияти фонетикии танин дар он аст, ки вай барои фарқ кардани овозҳои алоҳидаи нутқ истифода мешавад. Аз нигоҳи оҳанг танин хоси нутқи эмотсионалист. Дар ин маврид танин яке аз воситаҳои муҳими фарқ кардани оҳанги эҳсосотӣ аз оҳанги мухобиротӣ мебошад.

Танофури ҳуруф «Танофур» дар луғат «аз якдигар дурӣ ҷустан, нафрат кардан» ва истилоҳи «танофури ҳуруф» дар илми адабиётшиносӣ «овардани чанд овозе, ки махраҷи онҳо ба якдигар наздик буда, талаффузашон душвор аст ва ба гӯш сахт мерасад» тафсир шудааст. Ғараз аз танофури ҳуруф аслан ҳамнишинии овозҳоест, ки ба душворӣ талаффуз мегарданд. Чунин калимаҳо дар байни истилоҳоти илмӣ, ки дар заминаи калимасозии забон ба вуҷуд омадаанд ё аз забонҳои дигар иқтибос шудаанд, гоҳе дар байни луғатҳои аз истеъмол баромада ба назар мерасанд: **жароғанг** (регистон), **жожхор** (беҳудагӯй), **фархоҷ** (зишт). Калимаҳои душворталаффуз одатан камистеъмол шуда, аз байн мераванд, ё ба тағйироти овозӣ дучор шуда осонталаффуз шудаанд: китф-кифт, қуфл-қулф. Бештарини топонимҳо низ калимаҳои қадимаанд ё аз забонҳои дигар иқтибос шудаанд, ё дар шакли аслӣ, ки талаффузашон мушкил аст, мондаанд, ё ба тағйиротҳои овозӣ дучор шуда, осонталаффуз шудаанд: Даҳанакиик, Тутқавул.

Танфис (вақфа) - фосилае, ки дар ҷараёни нутқ ба амал меояд. Дар услубшиносӣ ду вазифаи танфис ҷолиби таваҷҷӯҳ аст. 1. Вай воситаест, ки нутқро ба воҳидҳои оҳангию маънои синтагма ва ифода (ҷумла ва бандҳо) ҷудо ва алоқаи маъноии онҳоро таъмин менамояд. Масалан, дар талаффузи ҷумлаи поён нафақат дар байни сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, балки миёни аъзои ҳар ҷумлаи сода низ таваққуфи муайяне ба амал меояд: дашти ҳамвори бедолу дарахти канорҳои дарёи Аму//манзараи як биёбони мурдаро мемонд//, фақат боди афғонӣ, ки аз тарафи ҷануб ғуррос зада мевазид,// ин биёбони бечоро//ба ҳаракати ҷонканона оварда буд (С.А.). Танфис ҳамеша аз зарурати нафасгирӣ ва нафасбарорӣ дар ҷараёни нутқ

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ба амал омада, бо маънӣ алоқаи зич дорад. Риояи он бо низоми муайян барои тамоми аҳли забон амри воҷиб аст. 2. Вазифа дуюми танфис ҷудо ва фарқ кардани намуди калима ё синтагма аз рӯи маънӣ ва хосияти эҳсосист. Дар ин вазифа байни калима ва синтагмаҳое воқеъ мегардад, ки маънан хилофи якдигаранд ё ба таври чида сурат мегиранд. Таваққуф дар талаффузи чунин воҳидҳои нутқ оҳанги махсусеро ба вуҷуд оварда, таъсири оҳанги суханро яке бар чанд меафзояд. Дар назм ин ду ҳолатро баъзан бо роҳи тақсими синтагмаҳо ба зинаҳои алоҳида менависанд:

Зи ҷабру зулми Искандар,
Зи хунхории Чингизхон,
Аз он савдогарони шаҳр – қаллобону ҳаннотон…,
Зи дасти сарнавишти хеш – аз тақдири пешона
Паноҳ овардӣ дар кӯҳсор, эй марди кӯҳистон (Л.Ш.).

Танфис ду навъ аст: ҳатмӣ ва имконпазир. Танфиси ҳатмӣ аз зарурати ташкили фонетикии воҳидҳои нисбатан мустақил: синтагма, фраза, бандҳо пайдо шуда, ду вазифаи ба ҳам алоқамандро адо мекунад: а) ҷараёни нутқро ба порчаҳои нисбатан мустақил ҷудо мекунад; б) ин порчаҳоро бо ҳам алоқаманд мекунад. Масалан, дар ҷумлаи мураккаби тобеъ танфиси байни сарҷумла ва ҷумлаи пайрав нисбат ба танфиси байни ду ҷумлаи мустақил кӯтоҳтар аст: Агар ту намеомадӣ, ман мерафтам. Танфиси имконпазир алоқамандона бо сабабҳои гуногун: лаҳзаи нутқ, сабку ифодаи тобишҳои гуногуни маъно падид меояд.

Таҳлил. Ба ҷузъҳо ҷудо кардани воҳидҳои томи забонӣ, ки аз унсурҳои ҷудогона иборатанд. **Таҳлили калимасозӣ**. Аз назари низоми калимасозии ҳозира муайян кардани сохти калима (сода, сохта, мураккаб, таркибӣ). Ҷудо кардани асосҳои сода ва сохтаи калима, яъне нишон додани пешванд, пасванд, миёнванд, реша, асос, тарзи сохта шудани калима (хусусан таркиби морфологии калимаҳои мураккаб). **Таҳлили морфологӣ**: мансубияти ин ё он калима ба ҳиссаҳои нутқ, хусусиятҳои морфологӣ ва шакли грамматикии калимаҳо. Масалан, дар исмҳо

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

аломатҳои зерин муайян карда мешаванд: исми шахс ё ғайришахс, хосу ҷинс, моддию ғайри моддӣ, танҳо ё ҷамъ, муайян ё номуайян, сода, сохта, мураккаб ё таркибӣ. Дар сифатҳо аслию нисбӣ будан; агар аслӣ бошад, дараҷаи одӣ, қиёсӣ ё олӣ доштан, агар нисбӣ бошад, ба кадом аломату хусусият молик будани он (ба шахс, предмет, замон, макон, мансубият ва м.и.).

Таҳлили луғавӣ (лексикӣ). Муайян намудани маънои калимаю доираи истеъмоли он, муносибати калима бо категорияҳои дигари луғавӣ, обуранги бадеии калима, сайри таърихии он аҳамияти назариявию амалӣ дорад. Дар таҳлили луғавӣ танҳо вожаҳои маънои муайяни луғавидошта таҳлил карда мешаванд. Ба гурӯҳи калимаҳои маънои луғавӣ дошта аз ҳиссаҳои нутқ: исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл ва зарф шомиланд. Дар таҳлили луғавӣ вожаҳо аз рӯи чунин вижагиҳояшон таҳлил карда мешаванд: 1. Маъно. Масалан, вожаи об дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин маънидод карда шудааст: Об моеъи шаффофи беранг, ки ҳолати софӣ аз омезиши кимиёвии ҳидроген ва оксиген иборат аст. 2. Дараҷаи истеъмоли калима. Вожаи об дар забони тоҷикӣ сеистеъмол ва оммафаҳм аст. 3. Муносибати калима бо категорияҳои дигари луғавӣ: а) вожаи об сермаънност: об гирифтан (амал); об гирифтан (сабзидан); об додан (ба касе; чизеро об додан); об гарм кардан (хӯрок – таоми ночизе пухтан); ба даст об рехтан – шустан; б) антоним дорад ё не. Антоними вожаи об оташ аст:

Акси он лабҳои майгун дар шароб афтодааст,

Ҳайрате дорам, ки чун оташ дар об афтодааст (Ҳилолӣ).

в) омонимии калимаи об номи дарёи Об аст; г) муродиф (ҳаммаъно) надорад; д) дар сохтани воҳидҳои фразеологӣ зиёд истифода мешавад: ба даҳон об гирифтан (хомӯш истодан); гапи касеро об додан (ҳамфикр будан), об шудан (таркиби фразеологӣ) ба маънои мафтун шудан. 4. Аз ҷиҳати обуранги бадеӣ мӯътадилмаънност.

Таҳлили ҷумлаҳои мураккаб. Ҷумлаҳои мураккаб қолаби нисбатан мукаммал ва пурраи фикранд.Таҳлили ҷумлаҳои мураккаби пайваст аз

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ҷудо кардани ҷумлаҳо, зикри тобишҳои маъноӣ, пайвандакҳо ва махсусан сараъзоҳо иборат аст. Меъёри фарқкунандаи онҳо пайдо кардани сараъзоҳост. Ҷумлаҳои содаи мустақили баробарҳуқукро дар нақша бо аломати чоркунҷа (□) ишора намуда, алоқаи пайвасти байни ҷумлаҳоро бо аломати баробарӣ (=) нишон медиҳанд. Нақшаи □=□, □=□=□ маънии аз ду ва се ҷумла иборат будани ҷумлаи мураккаби пайвастро мефаҳмонад: Аз ҳама пеш омада будам, дар мактаб ҳеҷ кас набуд (С.У.).

Таҳлили ҷумлаҳои мураккаби тобеъ. Дар чунин навъи таҳлил вазифаи аввалиндараҷа ҷумларо хонда, сохти онро муайян кардан аст. Сипас сарҷумларо ва баъд ҷумлаи пайравро муайян мекунанд. Масалан, дар ҷумлаи: Манзарае, ки Меҳрмоҳ дида буд, дар ҳақиқат бимнок буд (С.А.) ҷумлаи пайрави (ки Меҳрмоҳ дида буд) исми таркиби сарҷумларо (манзарае) эзоҳ додааст, аз ин рӯ он ҷумлаи пайрави муайянкунанда мебошад.

Тарз, категорияи грамматикии феъл, ки муносибати ба фоилу мафъул (субъекту объект) доштаи амалро ифода мекунад.Хелҳои тарз ва воситаҳои грамматикии он дар забонҳо гуногунанд. Дар забони тоҷикӣ ду тарз – фоилӣ ва мафъулӣ вуҷуд дорад. Гузаранда ва монда будани феълҳои забони тоҷикӣ баифодаи тарз алоқаманд аст. Дар тарзи фоилӣ амале ифода мешавад, ки он ба объект (мафъул) равона шудааст: Сангин мактубро навишт. Тарзи мафъулӣ амалеро мефаҳмонад, ки объекти он мубтадои ҷумла аст: Меваҳо чида шуданд. Ин тарз бо феълҳои гузаранда ва феъли ёридиҳандаи шудан ифода меёбад. Шакли тарзи мафъулӣ объекти бевосита гирифта наметавонад. Субъекти амал одатан ҳамчун пуркунандаи бавосита меояд: Мактуб аз тарафи Сангин навишта шуда буд. Феъли ёридиҳандаи шудан воситаи грамматикии ин тарз мебошад. Феълҳои ёридиҳандаи кардан ё намудан тарзи фоилиро мефаҳмонанд: иҷро кардан, иҷро намудан; феълҳои ёридиҳандаи шудан, гаштан, ёфтан ифодагари тарзи мафъулии феъланд: иҷро шудан, бартараф гардидан, қабул ёфтан. Тарзҳои феъл ба синтаксис ва таркибҳои фаъолу нофаъоли ҷумла робитаи қавӣ доранд.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Тарзи мафъулӣ. Тарзи мафъулӣ муносибати мураккаби байни фоил (мубтадо), мафъул (пуркунанда) ва феъл (амал ё ҳолат)-ро ифода мекунад. Дар тарзи мафъулии феъл фоили аслӣ (иҷрокунандаи амал) ҳамчун мафъул (пуркунандаи бавосита), мафъули аслӣ бошад, ба вазифаи фоил (мубтадо) меояд: Муҳаббат ва самимияти ин пирони хушбахт беҳтарин мукофотест, ки ба вай аз тарафи халқ изҳор карда мешавад (Ҷ.И.). – Тарзи фоилии ин ҷумла: халқ ба вай изҳор мекунад. Тарзи мафъулӣ низ вобаста ба шакл ва тобишҳои маънои феълҳо ду хел мешавад: бевосита ва бавосита. **Тарзи мафъулии бевосита** аз феълҳои гузаранда бо ёрии феъли **шудан** сохта мешавад: Аз дур садои моторҳо, гулдуроси ба санг хӯрдани оҳанҳо шунида шуд (Ҳ.К.). **Тарзи мафъулии бавосита** аз тарафи фоилии бавосита бо феъли ёридиҳандаи **шудан** сохта мешавад ва амали бо ягон восита иҷрошударо мефаҳмонад: Аммо бо кӯшиши сахт ва ҳарбиёнаи совден ва аскарони революцсионии Россия онҳо аз доми амир халос карда шуданд (С.А.).

Тарзи фоилӣ ва мафъулии феъл. Тарзи феълӣ, категорияи грамматикӣ, муносибати дар феъл ифодаёфтаи байни фоил ва мафъули амалро ифода мекунад.

Тарзи фоилӣ. Тарзи фоилӣ вобаста ба шаклу маънои феълҳо ҳаминро мефаҳмонад, ки иҷрокунандаи амал худи мубтадо (субъект) мебошад: Дар яке аз қишлоқҳои калон ман бо калтакдорони сурх маҷлис гузаронидам (Ҳ.К.). Дар ин мисол мубтадои грамматикӣ (ман) ҳамзамон соҳиби амал таъсиру ҳолат (гузаронидам) мебошад. Тарзи фоилӣ аз рӯйи маъно ва шакли ифодаи феъл, яъне вобаста ба хусусияти феълҳои гузаранда ду хел мешавад: тарзи фоилии бевосита ва тарзи фоилии бавосита. **Тарзи фоилии бевосита** нишон медиҳад, ки фоил (иҷрокунандаи амал) бевосита мубтадо шуда омадааст: Шарикон дар он маҷлис маблағи мазкурро сарф намуда, барои худ ва меҳмонони худ зиёфати миёнаҳолонае тартиб доданд (С.А.). **Тарзи фоилии бавосита**, ки аслан бо хусусияти феъли гузарандаи бавосита баробар аст, ба воситае иҷро

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

шудани амали фоилро мефаҳмонад: Ҳоло ту рафта аз дӯкони баққолӣ нону ангур гирифта, ба бачаҳо бурда хӯрон (Ҷ.И.).

Тарзҳои феъл. Ба туфайли гуногунии хел ва шаклу тарзи ифода табиат ва хусусияти робитаҳои грамматикии феълҳо, муносибати феъл бо фоилу мафъул муайян мегардад. Феълҳои монда ва гузаранда, бевосита ва бавосита, тарзи фоилӣ ва мафъулӣ ҳамин қисмати феълро ташкил медиҳанд.

Таркиби луғавии забон, маҷмӯи калимаҳо (лексика)-и ин ё он забон, аз ҷумла неологизмҳо (наввожаҳо), лексикаи шевагӣ, жаргонизмҳо, истилоҳот ва ғайраро гӯянд. Таркиби луғавии забон системаи муташаккиле буда, дар он калимаҳо аз ҷиҳатҳои гуногун ба якдигар марбутанд (синонимҳо, омонимҳо, антонимҳо ва ғ.). Калимаҳои таркиби луғавии забон аз ҷиҳати дараҷаи истифодаву истеъмол ба ду гурӯҳ – фаъол ва ғайрифаъол ҷудо мешаванд. Луғати фаъол калимаҳоеанд, ки ба ҳамаи соҳибони забон фаҳмоанд ва дар гуфтугӯи мардум ҳамеша озодона истифода мешаванд. Калимаҳои таърихии маҳфузшуда, архаизмҳо, калимаҳои нави истеъмолашон умумӣ нагардида, истилоҳоти илмӣ, калимаҳои мансуби пешаю ҳунар, ки дар доираи маҳдуди соҳибони забон истифода мешаванд, ба гурӯҳи луғатҳои ғайрифаъол дохиланд. Дар инкишофи таърихи забон гузариш аз гурӯҳи фаъол ба нимафаъол ва баръакс ҳодисаи муқаррарист. Таркиби луғавии забон дар ҷараёни пешрафти ҳаёти иҷтимоӣ аз ҳисоби қонуниятҳои дохилии забон, махсусан калимасозӣ ва калимаҳои иқтибосии забонҳои дигар бой мешавад ва такмил меёбад.

Таснифоти генеалогӣ (аз юн. genalogia – насаб, шаҷара) вобаста ба умумияти пайдоиш ва дараҷаи хешӣ ба гурӯҳҳо ҷудо кардани забонҳост. Забонҳои хеш умумияти зиёде доранд.Масалан, дар забонҳои гурӯҳи эронӣ номи узвҳои бадан, фаслҳои сол, муҳимтарин феълҳо, ҷонишинҳо, баъзе шумораҳо ва аффиксҳо ба ҳам монанданд. Барои муқаррар намудани таъриху пайдоиши дараҷаи хешии забонҳо маводи фонетикаи муқоисавии таърихӣ истифода мешавад,ки он мувофиқати ҳамешагии

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

овозии оилаи забонҳо ва вазъи ибтидоии фонемаҳоро барқарор мекунад. Мувофиқи тадқиқоти забоншиносон имрӯз дар Евроосиё оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ, уралӣ, шохаҳои фину угорӣ ва самодӣ, туркӣ, картвелӣ, муғулӣ, тунгусию манҷурӣ, сомию ҳомӣ, дравадӣ ва ғ. маъмуланд.

Таснифоти забонҳо, омӯзишу табақабандии забонҳо аз рӯи аломату хусусиятҳои асосии онҳо. Ду тарзи таснифи забонҳо маълум аст: генеалогӣ ва типологӣ. 1. Таснифоти генеалогӣ (аз юн. genealogia – насаб, шаҷара) вобаста ба умумияти пайдоиш ва дараҷаи хешӣ ба гурӯҳҳо ҷудо кардани забонҳост. Забонҳои хеш умумияти зиёде доранд. Масалан, дар забонҳои гурӯҳи эронӣ номи узвҳои бадан, мафҳумҳои хешу таборӣ, фаслҳои сол, муҳимтарин феълҳо, ҷонишинҳо, баъзе шумораҳо ва пешванду пасвандҳо монанданд. Барои муқаррар намудани таърихи пайдоишу дараҷаи хешии забонҳо маводи фонетикаи муқоисавии таърихӣ истифода мешавад, ки он мувофиқати ҳамешагии овозии оилаи забонҳо ва вазъи ибтидоии фонемаҳоро барқарор мекунад. Масалан, ба ин восита собит шудааст, ки калимаҳои тоҷикии padar, pisar, noy ва осетнии fida, furd, fad аз калимаҳои умумиэронии pita, puθra, pada ба вуҷуд омадаанд. Мувофиқи тадқиқоти забоншиносон имрӯз дар Евроосиё оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ, уралӣ, шохаҳои фину угорӣ ва самодӣ, туркӣ, картвелӣ, муғулӣ, тунгусию манҷурӣ, сомию ҳомӣ, дравидӣ ва ғ. маъмуланд. Ба кадом оила тааллуқ доштани бисёр забонҳо (баскӣ, бурушаскӣ, японӣ, кореягӣ ва баъзе забонҳои матрук: шумерӣ, касситӣ, хеттӣ равшан нашудааст. Якчанд оилаи забонҳо – туркию муғулӣ, тунгусию манҷурӣ ва ҳатто кореягию японӣ ба як оилаи калон – олтоӣ нисбат дода шудаанд. 2. Таснифоти типологӣ ё морфологӣ усули аз рӯи сохт ба гурӯҳҳо ҷудо кардани забонҳост. Аз рӯи ин усул забонҳои дунё ба се типи асосӣ ҷудо мешаванд: 1) Забонҳои аморфӣ ё ғайритасрифӣ (хитоӣ, таӣ, бирмагӣ ветнамӣ, йоруба ва ғ.). Дар ин забонҳо калимаҳо ба тағйирот дучор намешаванд. Алоқаи синтаксисии байни онҳо дар ҷумла аз рӯи ҷояшон муқаррар мешавад. Ин забонҳо вандҳои шаклсоз надоранд. Калима дар ин забонҳо ба асос (реша) баробар аст. Аз ин рӯ онҳоро забонҳои решагӣ

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

низ мемоманд; 2) Забонҳои агглютинативӣ (финну угорӣ, туркӣ, муғулӣ, банту, дравидӣ ва ғ.) дорои системаи мураккаби вандҳои калимасозу шаклсоз мебошад. Ҳудуди байни морфемаҳо хеле равшан зоҳир мешавад; 3) Забонҳои флективӣ (ҳиндуаврупоӣ ва сомию ҳомӣ), вандҳои зиёд доранд, ки онҳо сермаъно буда, ҳар яки онҳо якчанд маънои грамматикиро ифода карда метавонад.

Таснифоти типологӣ ё морфологӣ усули аз рӯи сохт ба гурӯҳҳо ҷудо кардани забонҳост. Аз рӯи ин усул забонҳои олам басе типи асосӣ ҷудо мешаванд: 1) Забонҳои оморфӣ ё ғайритаснифӣ (хитоӣ, таӣ, бирмагӣ,ветнамӣ, йоруба ва ғ.). Дар ин забонҳо калимаҳо ба тағйирот дучор намешаванд. Алоқаи синтаксисии байни онҳо дар ҷумла аз рӯи ҷояшон муқаррар мешавад. Ин забонҳо аффиксҳои шаклсоз надоранд; 2) Забонҳои агглютинативӣ (финну угорӣ, туркӣ,муғулӣ, банту, дравидӣ ва ғ.) дорои системаи мураккаби аффиксҳои калимасозу шаклсоз мебошанд. Ҳудуди байни морфемаҳо хеле равшан зоҳир мешавад; 3) Забонҳои флективӣ (ҳиндуаврупоӣ ва ҳомию сомӣ) аффиксҳои зиёд доранд. Аммо ин аффиксҳо сермаъно буда, ҳар яки онҳо якчанд маънои грамматикиро ифода карда метавонад.

Тасриф, вобаста ба шахс, шумора ва замон тағйирёбии феълҳоро гӯянд. Тасриф бо бандакҳои феълию хабарӣ ифода шуда, ба замону сиғаҳо низ вобастагӣ дорад. Шаклҳои феълии забони тоҷикӣ се навъанд. Шаклҳое, ки аз асоси замони ҳозира сохта шудаанд, ба тасрифи якум мансубанд. Дар сиғаи хабарӣ шаклҳои замони ҳозира-оянда (мехонам) ва феъли ёридиҳандаи замони оянда ҳамин тавр тасриф мешаванд (ме-хон-ам, мехон-ӣ, мехон-ад, -ем, -ед, -анд; хоҳам хонд, хоҳӣ хонд, хоҳед хонд, -ем, -ед, -анд). Ҳамаи шаклҳои сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ низ ҳамин тавр тасриф меёбанд (хон-ам, хон-ӣ, хон-ад; -ем, -ед, -анд; хонда бошам, хонда бошӣ, хонда бошад, -ем, -ед, -анд; мехонда бош-ам, мехонда бош-ӣ, мехонда бош-ад, -ем, -ед, -анд; хонда истода бош-ам, хонда истода бош-ӣ, хонда истода бош-ад; -ем, -ед, -анд). Шаклҳои сиғаи амрӣ ҳам ҳамин тарз тасриф мешаванд (хон-хонед). Шаклҳои феълие, ки аз асоси замони

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

гузашта сохта шудаанд, ба тасрифи навъи дуюм тааллуқ доранд. Дар сиғаи хабарӣ замони гузаштаи сода (хондам), замони гузаштаи ҳикоягӣ (мехондам), замони гузаштаи дур (хонда будам) бо ҳамин тасриф тағйир меёбанд. Аз ин шаклҳо шахси сеюми танҳо бандак надорад ва бо асоси замони гузашта (хонд) баробар аст: хонд-ам, хонд-ӣ, хонд, -ем, -ед, -анд; мехонд-ам, мехонд-ӣ, мехонд, -ем, -ед, -анд; хонда буд-ам, хонда буд-ӣ, хонда буд-ем, -ед, -анд. Шаклҳои тасрифии феълие, ки аз сифатҳои феълӣ сохта шудаанд, ба тасрифи сеюм тааллуқ доранд.

Тахфиф, тағйироти овозие, ки дар муҳити безадагӣ воқеъ мегардад. Тахфиф бештар хоси садонокҳост, зеро онҳо воситаҳои ҳиҷосоз мебошанд. Вобаста ба навъи тағйирот ду навъи тахфиф – сифатӣ ва миқдорӣ фарқ карда мешавад. Дар тахфифи миқдорӣ вақте ки барои тавлиди садонок лозим аст, кам мешавад. Масалан, садоноки [а] дар ҳолати заданок (қавӣ) дар калимаи дар бо тамдиди лозим талаффуз мешавад, аммо дар ҳолати заъиф (сафед) тамфиди худро хеле кам мекунад, тахфиф меёбад. Тахфиф яке аз хусусиятҳои вокализми безадаи забони адабии тоҷикист, вале он хоси ҳамаи садонокҳо нест. Садонокҳои тоҷикиро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: а) садонокҳои устувор: (э, ӯ, о) ва садонокҳои ноустувор (и, а, у). Ин гурӯҳҳои садонокҳо дар ҳиҷои кушода моқабли ҳиҷои заданок равшантар маълум мешавад. Дар ин ҳолат садонокҳои ноустувор аз ҷиҳати миқдору сифат сахт тағйир меёбанд, вале садонокҳои устувор тамдиду сифати худро нигоҳ медоранд.

Ташдид. Маънои истилоҳии калимаи ташдид аломати расми хат (ّ), ки шиддатнок кардани овоз, ду бор талаффуз кардани онро нишон медиҳад. Дар забони арабӣ ташдидро ба маънои дуюмаш «шадда» ва калимаҳои шаддадорро мушаддат низ мегӯянд. Мавҷуд будани ташдид, яъне ҳамсадоҳои такрор хоси забонҳоест, ки дар онҳо дар ҷараёни гуфтор ба 100 фонемаи садонок аз 110 то 150 фонемаи ҳамсадо рост меояд. Ба ин гурӯҳ забонҳои туркӣ, кореягӣ, финӣ, арабӣ, итолиёвӣ, ирландӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд. Аз ҷиҳати баромад калимаҳои ташдиддорро ба калимаҳои аслии тоҷикӣ (акка, арра, бутта, дабба, дакка, пурра, тилло,

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

хуррам, малла) ва иқтибосӣ ҷудо мекунанд. Аксари калимаҳое, ки ташдид доранд, арабиасланд: аббос, аввал, аммо, аттор, баққол, вассоф ва м.ин. Калимаҳои мушаддати арабӣ ба ин ё он қолабу вазни калимасозӣ ё навъи грамматикӣ мутааллиқанд. Барои намуна чанде аз ин қолабу вазнҳоро меорем: **муфаъъал**: муарраб, муаттар, мубаддал, мудаввар; **муфаъъил**: муалим, муаллиф, муаррих, муассир; **мутафаъъил**: муташаккил, мутафаккир, мутахассис; **тафаъъул** (масдари боби панҷум): тааҷҷуб, такаббур, таваллуд; **фаъол**: вассоф, наққош, баққол, рассом, ҷаллод, ҷарроҳ; **талаффуз** – маҷмӯи вижагӣ ва хусусиятҳои артикулятсияи тазодҳои нутқ дар забонҳои ҷудогона. Талаффузи дурусти адабӣ талаффузест, ки мутобиқи меъёрҳои орфоэпии ин ё он забон сурат мегирад. Талаффузи адабӣ мутобиқи низоми фонологии забон, яъне аз маҷмӯи фонемаҳо, қоидаҳои корбасти онҳо, бадалшавӣ, ҳамнишинӣ ва сарбории онҳо вобастагӣ дорад. Дурустию нодурустии талаффуз (меъёрҳои орфоэпӣ) категорияи таърихист.

Таърихи забон, як соҳаи илми забоншиносист, ки масъалаҳои гуногуни пайдоиш, ташаккул ва инкишофи забонро меомӯзад. Забон чун «муҳимтарин воситаи алоқаи муошрата воҳиди ягонаи пойдору мутаҳаррик, устувору тағйирёбанда дорои зиддиятҳои қонунии равнақу инкишоф мебошад. Дар ҳар давраи инкишофи забон дар ҷамъият майлони ба сода намудани забон вуҷуд дорад. Аҳли илму адаб дар осори худ дигаргуниҳоеро ба системаи забон ворид мекунанд,ки онҳо бо мурури замон хусусиятҳои нави забонро пайдо мекунанд. Чунин тағйиротҳо, пеш аз ҳама, дар таркиби луғавӣ, овозӣ ва воҳиди грамматикии забон пайдо мешаванд. Дар таърихи забон ҳамин гуна тағйироту дигаргуниҳои сохту системаи забон мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Аз ин рӯ, масъалаҳои таърихи забон вобаста ба воқеаҳои муҳимтарини таърихи халқ омӯхта мешавад. Ҳар як забон марҳалаҳои гуногуни инкишофро аз сар мегузаронад. Масалан, таърихи забонҳои эронӣ, ки забони тоҷикӣ яке аз онҳост, се марҳила дорад: 1) давраи қадими эронӣ (аз давраҳои қадимитарин то асрҳои 4-3 то милод); 2) давраи миёнаи забонҳои эронӣ

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

(асрҳои 4-3то милод – асрҳои 7–8); 3) давраи нави эронӣ (аз асрҳои 8–9 то замони мо). Забонҳои қадими эронӣ ба забонҳои қадими Ҳинд хеле наздиканд ва аз як забони мабдаъ пайдо шудаанд. Ин забони мабдаъро муҳаққиқон забони ориёнӣ меноманд, ки байни ду давра – ҳиндуаврупоӣ ва эронии қадим – марҳалаи таърихиеро ташкил медиҳад.

Текст (ниг.: **матн**).

Тема. Дар таҷзияи актуалии ҷумла ҷузъест,ки дар он ягон чизи маълуму ба гӯянда шинос ифода ёфтааст ва манбаи пайдоиши ин ё он ифодаи номаълум – нав (ҷавҳар – ядрои сухан ё рема) мебошад. Тема маъмулан дар аввал пеш аз рема меояд.

Термин (ниг.: **истилоҳ)**.

Тилда (исп. tilde – аломати болоиҳарфиест, ки тарзи нарму мулоим талаффуз кардани ин ё он овозро ифода мекунад. Тилда аломати диакритикӣ буда, ба шакли хати мавҷнок дар луғатҳо ба ивази (ҷои) калимаҳои такрор ва ё такрори ягон ҷузъи он кор фармуда мешавад).

Тире (–) вазифаи маъноиву грамматикӣ дорад ва мавридҳои истифодаи он инҳоянд:

1. Дар байни мубтадо ва хабарҳои номие гузошта мешавад, ки бандакҳои хабарӣ ва феълҳои ёридиҳандааш тахфиф шудаанд: Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ – асосгузори адабиёти классикии форсу тоҷик. Ман – донишҷӯ.

2. Ҳудуди баёншаванда ва баёнияро ҷудо мекунад: Корҳои ҳуҷраро – пухтупаз, шустушӯй ва рӯбучинро пурра акаам мекард (С.А.).

3. Дар муколама пеш аз сухани ҳар як гӯянда гузашта мешавад:

– Момо!

– Ҷони момо.

– Бобом тарсид? – овози писарак маҳзун баромад.

– Аз кӣ, бачаҷон?

– Аз ҳамон паҳлавон... (А.С.).

4. Аломати тире пеш аз калимаи хулосакунандае гузошта мешавад, ки пас аз аъзои чида омадааст:

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Қад-қади роҳ, сар-сари бому деворҳо, домани дашту саҳро – ҳама ва ҳама ҷо аз гулҳои лолаи худрӯй сурхӣ дошт (аз рӯзнома).

Тобеӣ. Муносибати байни калимаҳои мустақилмаъно дар ибораю ҷумла, инчунин байни қисмҳои предикативии ҷумлаи мураккаб, ки баробарҳуқуқ нестанд: муносибати байни онҳо табдилнаёбанда буда, нишондиҳандаи ин муносибат танҳо дар таркиби яке аз онҳо, ки тобеъкунанда аст, ба воситаи як калима (калимаи нисбӣ) ифода меёбад: Хислати хубаш ҳамин аст, ки ҳамеша дар гирду атрофии худ ҷавононро ғун карда, ба онҳо насиҳатҳои падарона мекард (Р.А.). Намудҳои асосии тобеӣ дар ибора ва ҷумла инҳоянд: алоқаи вобастагӣ, алоқаи ҳамроҳӣ.

Тобиши маъноӣ. Тобиши маъноӣ дар заминаи аз маънои аслӣ дур ва ба маънои нисбатан дигар кор фармуда шудани калимаҳо ба вуҷуд меояд: Ҷомаи танг – чашми танг; биринҷфурӯш – гапфурӯш. Тобишҳои маъноӣ бештар дар ифодаҳои маҷозӣ дида мешаванд.

Топоним (номи ҷуғрофӣ, номи мавзеи ҷуғрофӣ) – гурӯҳе аз онимҳо. Номи мавзеи табиию ҷуғрофӣ ва ё аз ҷониби инсон дар сайёраи замин сохташуда, ки дар минтақаҳои алоҳида (шаҳр, деҳа, қитъа, замин) мушаххасан ба қайд гирифта шудааст, аз ҷумла гидроним, айконим, ороним, спелеоним, хороним, урбаноним, инсулоним, некроним.

Топонимика (аз юн. tópos – маҳал, макон ва onyma – ном), як ҷузъи ономастика, ки таъриху пайдоиш, инкишоф, маъною мундариҷа ва макони интишори номҳои ҷуғрофӣ (топонимҳо)-ро меомӯзад. Барои шумораи номи маҳалҳои калон истилоҳи «макротопоним», барои номи маҳалҳои хурд «микротопоним»-ро истифода мебаранд. Топонимика ба ҷузъҳои дигар – гидронимика (илмест оид ба номи объектҳои табиӣ ва сунъии об), космонимика (илмест оид ба номи ҷирмҳои осмонӣ), ойконимика (илмест оид ба номи маҳалҳои аҳолинишин), оронимика (илмест оид ба номи унсурҳои рельефи рӯи замин). Топонимика бо илмҳои таърих, география алоқаманд аст. Дар забони тоҷикӣ истилоҳот ва лексикаи зерини марбут ба топонимика мустаъмал аст: антропоним, асоси топонимӣ, калимасозии топонимӣ, майдони топонимӣ, минтақаи

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

топонимӣ, низоми топонимӣ, омӯзиши топонимӣ, субстрати топонимӣ, топонимизатсия, топонимшинос, топонимии сатҳизаминӣ, топонимии хотиравӣ, топонимияи ривоятӣ. Топонимика маҷмӯи номҳои ҷуғрофиро ба 3 гурӯҳи алоҳида: топонимия, микротопонимия ва макротопонимия гурӯҳбандӣ менамояд. Топонимика бо ҷуғрофия, генеология, матншиносӣ, адабиётшиносӣ, геология, демография ва кишваршиносӣ робитаи зич дорад. Дар таҳқиқу омӯзиши назария ва амалияи топонимияи забонҳои эронӣ, аз ҷумла забони тоҷикӣ муҳаққиқони ватанию хориҷӣ саҳми зиёд доранд: Дж.И.Эделман, В.С.Расторгуева, А.З.Розенфелд, И.М.Стеблин Каменский, В.В.Бартолд, М.Н.Боголюбов, Р.Х.Додихудоев, Ҷ.Алимӣ, О.Ғафуров, Д. Ҳомидов, Ш.Ҳайдаров, А.Абдунабиев, Н.Офаридаев, Ш.Исмоилов, М.Шодиев.

Транскрипсия (аз лот. transcription – рӯнавис кардан), **овонавишт**, таҷдиди хаттии овоз, калимаҳою матнҳо тавассути ягон системаи алифбо. Се навъи транскрипсия – фонетикӣ, фонематикӣ ва амалӣ вуҷуд дорад. Дар транскрипсияи фонетикӣ нутқ (ҷиҳати овозии забон) бо тамоми хусусиятҳою тобишҳои овозиаш инъикос меёбад. Масалан, калимаҳои **асбоб, ресмон, чашмбанд**ро дар асоси алифбои имрӯзаи тоҷикӣ ва алифбои лотинӣ чунин овонавишт кардан мумкин аст: аспо́б, ресмо́н, чашмбанд. Ин навъи овонавишт дар луғатҳои дузабона, китобҳои дарсӣ, дастурҳо барои омӯзиши забони бегона, дар таҳқиқи лаҳҷаҳои номаълум ё камомӯхташуда истифода мешавад. Дар овонавишти фонетикӣ (фонологӣ) ҳар як фонема ба як аломати муайян мувофиқат мекунад: < асбоб >, < ресмон >, < чашмбанд >. Овонавишти фонетикиро дар қавсайни мураббаъ [ ] ва овонавишти фонематикиро дар қавсайни уреб ( ) ё шикаста < >мегиранд. Одатан барои ҳар ду навъи овонавиштӣ алифбои лотиниро бо иловаи ҳарфҳои юнонӣ ва аломатҳои зиёдӣ диакритикӣ истифода мебаранд. Дар таҳқиқу омӯзиши забонҳои эронӣ транскрипсияи байналхалқии эронӣ (ТБЭ) истифода мешавад, ки дар заминаи алифбои лотинӣ бо иловаи баъзе аломату ҳарфҳо аз алифбоҳои юнонию чехӣ мураттаб шудааст. Транскрипсияи амалӣ як навъи транскрипсия буда,

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

навиштани калимаҳои тарҷуманопазири забони бегона (хориҷӣ) ба ягон алифбои миллат навишти исмҳои хоси хориҷӣ, ному насабҳо, номҳои ҷуғрофиёӣ. Талаботи асосии чунин транскрипсия ба талаффузи аслии калимаҳои хориҷӣ наздик шудан аст. Транскрипсияи амалӣ дар матбуот, харитаҳои географӣ, адабиёти махсуси илмӣ истифода мешавад.

Транслитератсия (аз лот. trans – байни, ба воситаи ва litera – ҳарф), **ҳарфнавишт** – аз як алифбо ба алифбои дигар (масалан, аз алифбои арабӣ ба тоҷикӣ) баргардонидани матнро гӯянд. Масалан, калимаҳои ҳуруфоти арабии شكل ،دانش ،در др, донш, шкл транскрипсия мешаванд. Дар транслитератсия бағайр аз аломатҳои ин ё он алифбои миллӣ, аломатҳои махсуси диакритикӣ истифода мешаванд. Транскрипсия вобаста ба хусусиятҳои ҷудогонаи забонҳо баъзе душвориҳо дорад. Масалан, баъзе калимаҳоро аз алифбое ба алифбое (масалан, транслитератсияи калимаҳои Садриддин, Одина, Москва бо ҳарфҳои лотинӣ Sadriddin, Odina, Moskva) гардондан чандон душвор нест, вале транскрипсияи калимаҳои Дохунда, Исҳоқӣ (Dokhunda, Ishoqi) душвортар аст. Аз ин рӯ, ҷое, ки татбиқи транслитератсия имкон надорад, ё ғараз аз баргардонидани калима инъикоси тарзи талаффузи он бошад, аз транскрипсияи амалӣ истифода мекунанд. Дар транслитератсия ба ғайр аз аломатҳои ин ё он забон алифбои миллӣ, аломатҳои махсуси диакритикӣ низ истифода мешаванд.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

У

Унсурҳои оҳанг. Маҷмӯи воситаҳои фонетикие, ки дар ташкили оҳанги навъҳои асосии гуфтор (ахбор, амр, ангезиш ва хитоб) ширкат варзида, онҳоро аз ҳамдигар фарқ мекунонанд. Аксарияти забоншиносон дар ташкили оҳанги навъҳои асосии мухобира иштироки панҷ унсури зерро қайд мекунанд: а) **наво** – зудии лаппиши садопардаҳо ё ҳаракати (пасту баландшавии) лаҳни асосии овоз ҳангоми талаффузи ин ё он ҷумла (унсури савтӣ ё лаҳнӣ); б) **суръат** ё **тамдид** – вақте, ки дар талаффузи ин ё он порчаи овозӣ сарф мешавад (унсури суръат); в) **танфис** – қатъ гардидани талаффуз бинобар эҳтиёҷоти физиологӣ (нафасгирӣ); г) **қувва** – тавоне, ки дар талаффузи овозҳо сарф мешавад (унсури қуввагӣ ё динамикӣ) ва ғ) **танин** – сифати талаффузи овозҳо (унсури сифатӣ). Воситаҳои зикршуда унсурҳои фонетикии оҳанганд. Ҳамаи онҳо барои адои як вазифа – ташкили оҳанги нутқ хизмат мекунанд. Оҳанги навъҳои асосии мухобира дар натиҷаи ҳамкории бисёр мураккаби ҳамаи унсурҳои оҳанг (ғайр аз танфис) ҳамеша дар мухобира иштирок мекунанд, зеро талаффузи ҳаряк порчаи овозӣ бе танину наво ва қувваю вақти муайян имконнопазир аст. Тағйироти муҳимтарини тарҳи оҳанг одатан дар ҳиҷои заданоки фраза (ё синтагма) ба амал меояд, вале ин ҳиҷоро дар бештари мавридҳо навои баланд ҳамроҳӣ мекунад.

Услуби бадеӣ. Услубе, ки хоси адабиёти бадеист. Воситаҳои забон дар он ҳама якҷоя барои эҷод ва офаридани образи бадеӣ хизмат мекунанд. Ду ҷиҳати муҳимми забон – ҷиҳати иртиботӣ ва эстетикӣ дар услуби бадеӣ бо ҳам дар ҳамбастагии зич амал кунанд ҳам, вале ҷанбаи эстетикӣ доимо ҷанбаи асосӣ буда, бар ҷиҳати иртиботӣ имтиёз дорад. Тасвиру баёни мавзӯъҳои басе гуногун дар адабиёти бадеӣ боиси он мешаванд, ки дар ин услуби забон унсури услубҳои дигар фаровон ба кор равад. Фарқи услуби бадеӣ аз шохаҳои дигари услубӣ ин аст,ки дар он ба замми воситаҳои меъёрӣ унсурҳои ғайримеъёрӣ,аз қабили калима ва шаклу воситаҳои грамматикии омиёна, архаистӣ, маҳаллӣ ва ғайра фаровон истифода мешаванд. Забони адабиёти бадеӣ аз ҷумлаи

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

муҳимтарин омилҳои тағйир ва такмили меъёрҳои адабист. Унсурҳои забони умумихалқӣ бештар тавассути заҳмати арбобони адаб сайқал ёфта, ранги адабӣ касб мекунанд. Адабиёт санъати суханварист. Бе забони хуб асари хуб офаридан мумкин нест. Услуби бадеӣ дар забони тоҷикӣ таърихи қадими оламшумул ва пуршӯхрате дорад. Сухансароёни сершумори тоҷику форс таи бештар аз даҳ аср сарват бар сарват ва фасоҳат бар фасоҳати ин шохаи услуби забонамон афзуда, онро ба мақоми олии инкишоф бардоштаанд.

Услуби гуфтугӯӣ. Услубе, ки дар алоқаю робитаи шифоҳӣ, ғайрихаттии аҳли ҷамъият кор фармуда мешавад. Воситаҳои забонӣ дар ин услуб бе омодагии махсус, дар рафти сӯҳбат, ки байни шахси гӯянда ва шунаванда мустақиман сурат мегирад, озодона истифода мешаванд. Шакли маъмули услуби гуфтугӯӣ муколама (гуфтугӯйи миёни ду кас ё ашхоси зиёд) мебошад. Дар муколама (диалог) табдили фикр одатан ба тарзи мустақим сурат мегирад. Чунин хусусиятро муҳимтарин хусусияти забони услуби гуфтугӯӣ таъмин менамояд, ки иборат аз инҳост: саволу ҷавоб, кутоҳбаёнӣ, ҷумлаҳои мухтасару нопурра, озодии ҷойи аъзоҳои ҷумла, фарвонии калима ва воҳидҳои луғавии гуфтугӯӣ, иштироки воситаҳои ғайризабонӣ, аз қабили ҳаракати чашму абрӯ, имову ишорат ва м.и.

Услуби идорӣ. Услубе, ки дар се соҳа истифода мешавад: а) қонунгузорӣ; б) коргузории идорӣ; в) муносибати дипломатӣ. Ин ҷиҳат боиси пайдо шудани шаклҳои алоҳида дар дохили услуби мазкур шудааст, ки услуби нигориши қонун, ойиннома, раҳнамо, шартнома, фармон, ваколатнома, акт, ариза ва ғ. аз ҷумлаи онҳост. Услуби идорӣ низ дорои хусусиятҳои махсуси забонист, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд: а) тарзи ифодаи содаю мӯҷаз, ҳаддалимкон сарфа намудани воситаҳои забонӣ; б) истифодаи воситаҳои гуногуни якшаклу ҳамранги қолабӣ; в) бештарини ҳуҷҷатҳои идорӣ қолабҳои якрангу умумӣ доранд. Ба ин мақсад одатан варақаҳои тайёр низ истифода мешаванд. Тарҳрезии шиноснома, шаҳодатнома, гувоҳнома, лифофа ва амсоли ин аз рӯйи ҳамин талаби

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

услуби идорӣ омода шудаанд; г) ҳар се шохаи услуби расмии коргузорӣ дорои истилоҳоти хоси худ аст, ки дар навиштаҳои онҳо сахт риоя мешаванд; д) ифодаи равшани маънӣ, ҳифзи алоқаи байни ҷумлаҳои мураккаб дар услуби идорӣ талаб мекунанд,ки дар он пешояндҳои номии таркибии амсоли **дар бораи, дар хусуси, дар боби, оид ба, роҷеъ ба, ба сабаби, ба мақсади** ва ғ., пайвандакҳои таркибии амсоли аз сабаби он ки, бинобар ин ки ва таркибҳои гуногуни устувори синтаксисӣ амсоли **бинобар ин, ба ин сабаб, ба ин тариқ** фаровон истифода шаванд.

Услуби илмӣ. Услубе, ки яке аз муҳимтарин шохаҳои услуби китобӣ (хаттӣ) ба шумор рафта, дар таълифи мақола, рисола, китобҳои дарсӣ ва ғайра оид ба илму техника истифода мешавад. Таълифоти илмӣ аз рӯи хусусиятҳои умумиашон шабеҳи ҳамдигаранд. Дар услуби илмӣ бо роҳи истифодаи фаровони далел ва рақамҳо қонуниятҳои гуногуни илмӣ кашф ва маънидод мешаванд. Ин боиси он мегардад, ки воситаҳои забонӣ дар услуби илмӣ хусусияти муҷаррад ва умумӣ, ҷамъиятӣ касб намоянд. Масалан, агар гӯем, ки **грамматика тағйири калимаҳо ва бо ҳам пайваст шудани онҳоро дар ҷумла меомӯзад**, воҳидҳои луғавии грамматика, калима, ҷумла дар он на мафҳуми мушаххас (конкрет), балки мафҳуми умумӣ ва номушаххасро ифода менамоянд. Услуби илмӣ ба ду шохаи калон – шохаи марбут ба илмҳои табиию дақиқ ва илмҳои иҷтимоӣ ҷудо мешавад. Хусусиятҳои умумии ҳарду шоха дар бобати истифодаи воситаҳои забон инҳоянд: 1. Истифодаи фаровони истилоҳоти илмӣ ва калимаҳое, ки мафҳумҳои муҷаррадро ифода менамоянд: садонок, ҳамсадо, реша, асос, бандак, калима, ибора, ҷумла, матн, ҳол ва ғ. дар забоншиносӣ; ғазал, қасида, қофия, радиф, вазни арӯз, матлаъ дар адабиётшиносӣ; тарҳ, ҷамъ, сурат, махраҷ, қимат, дараҷа, адад дар соҳаи ҳисоб. 2. Дар услуби илмӣ таъбирҳои фразеологии дорои обуранги бадеию эҳсосӣ (идиомаҳо, мақолу зарбулмасалҳо ва ғ. аҳёнан истифода мешаванд. Истилоҳи таркибии амсоли **қафаси сина, сандуқи дил, рӯдаи дувоздаҳангушта, ҳамраҳи сунъии замин (радифи маснуи замин)** ва баъзе таркибу ибораҳои устувор низ кор фармуда мешаванд. Дар услуби илмӣ

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ҷонишини шахси якуми ҷамъи мо дар ифодаи хоксорию фурӯтанӣ (ба фикри мо, ин ақида чандон дуруст нест) ба кор бурда мешавад. Шакли замони ҳозира-ояндаи феъл гоҳо ба маънои амали бардавом истифода мешавад: Баъд аз ин гулҳоро ба халтаҳои коғазии махсус печонида, то пагоҳии рӯзи дигар нигоҳ медоранд. Дар услуби илмӣ калима, таркиб, ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ зиёд истифода мешаванд: хулоса, пас, ба ин тариқ, аввалан, сониян, мувофиқи нишондоди…: Назар ба қавли Бедил баъд аз давраи ширхорагиаш падараш вафот карда, ӯ ятим мондааст (С.А.). Дар услуби илмӣ ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бисёр истифода мешаванд, ки бо хелҳои гуногуни ҷумлаҳои пайрав воқеъ мегарданд. Алоқаи байни қисмҳои матнҳои илмӣ ба туфайли воситаҳои синтаксисии **пас, хулоса, бинобар ин, аз ин рӯ** воқеъ мегардад.

Услуби публитсистӣ. Услубе, ки дар таълифоту навиштаҳои иҷтимоию сиёсӣ, дар матбуот (рӯзнома ва маҷаллаҳо), гуфтори шифоҳии арбобони сиёсию давлат ва илму адаб истифода мешавад. Воситаҳои забонӣ дар ин услуби нутқ ду вазифаи муҳимро, ки бо ҳам алоқаи мустаҳкам дорад, адо мекунанд. Аз як тараф, онҳо ба вазифаи иттилоъ (хабаррасонӣ) воқеъ гашта, оммаро аз рӯйдодҳои зиндагӣ огоҳ созанд, аз тарафи дигар, вазифаи тарғибу ташвиқотро ба ӯҳда гирифта, мардумро барои иҷрои ҳарчи зудтари қарору дастурҳои ҳукумат, ҳизбҳои сиёсӣ раҳнамун месозанд. Ин услуб бояд ба забони сода, ҳамафаҳм ва муассиру таъсирбахш воқеъ гардад. Рӯзнома ба оммаи васеъ нигаронида мешавад. Ин ҳама талаб мекунад, ки забони рӯзномаҳо содаю оммафаҳм бошад. Хусусияти тарғиботии услуби публисистӣ, аз ҷумла рӯзномаю маҷалла тақозо дорад, ки дар он воситаҳои муассири сухан – маҷоз, тавсиф, ташбеҳ, ташхис фаровон истифода шаванд. Аз ин рӯ, дар ин услуби нутқ воситаҳои ақлӣ (интеллектуалӣ) ва бадеӣ (эҳсосӣ) якҷоя воқеъ мегарданд. Сарфаи воситаҳои забонӣ, истифодаи калима ва таъбирҳое,ки барои омма фаҳмо ва дастрасанд, фаровонии калима ва ибораҳои фразеологии сиёсию иҷтимоии мамлакатҳои мутараққӣ, шартномаи сулҳ, сафари расмӣ, интихоби Раиси ҷумҳур, зиддияти ҳарбӣ, сиёсати ҳамзистӣ ва ғ., омезиши

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

аломатҳои услубҳои дигар бо аломатҳои услуби публисистӣ муҳимтарин аломатҳои забони рӯзномаанд.

Услубиёти аъзоҳои чидаи ҷумла. Аъзоҳои чидаи ҷумла барои пурратар тасвир намудани ашёҳо, ҳодисаю воқеаҳо, қувват додани ҷиҳати эмотсионалӣ ва ифоданокии нутқ кӯмак мерасонанд. Дар ҷумла аъзоҳои чида бо калимаҳои ҳамҷинс ифода ёфта, бо интонатсия ва ё пайвандакҳои пайвасткунанда алоқаманд мешаванд. Дар матни асари бадеӣ аъзоҳои чида бо ҳамдигар ҳамоҳангӣ пайдо карда, барои суфта ва равон ифода кардани фикр ёрӣ медиҳанд: Ман рӯйи туро, мӯи туро, бӯи туро дӯст медорам, ман чашми туро, чашми бехашми туро, суми чун яшми туро дӯст медорам (С.А.). Аъзоҳои чида интонатсияи хос доранд ва бо танфиси кӯтоҳ ҷудо карда мешаванд. Дар сурати паиҳам омадани калимаҳои ҳамоҳанг интонатсияи нутқ ҳам пай дар пай баландтар гардида, ба ҳадди охирин мерасад. Дар натиҷа фикр пурҳаячон ва таъсирбахш ифода мешавад. Хусусан дар мавриди ба ҷумлаҳои содаи мустақил табдил ёфтани мубтадоҳои чида хусусияти ифоданокии нутқ барҷастатар аён мегардад: Дузд касест, ки бе боис ба хонаи мазлумони бекас пахш карда медарояд, дузд касест, ки бечораи беяроқро ба даст дароварда, ба сараш шамшер мекашад ва ба синааш милтиқ мениҳад; дузд касест, ки мардумони бечораи ба кори худ машғулро бесабаб мебандад, мебарад, мезанад, мекушад; дузд касест, ки на танҳо моли фақиронро мегирад, балки зан, фарзанд, номус ва обрӯи бечорагонро ҳам помол мекунад. агар ҳанӯз ҳам кӣ будани дуздро надониста бошӣ, шунида мон, ки худи ту дузд, амлокдорат дузд, ҳокимат дузд, амират дузд, вазират дузд, қозию раисат дузд! Шунидӣ (С.А.).

Услубиёти воҳидҳои фразеологӣ. Муҳимтарин хусусияти воҳидҳои фразеологӣ он аст, ки ба монанди ибора ва ҷумлаҳои синтаксисӣ дар ҷараёни нутқ ташкил намеёбанд, балки чун воситаи тайёри забонӣ дар қолаби рехтаи маъмул истифода мешаванд. Масалан, таъбири «каждуми таги бӯрё»-ро мегирем. Маънои асосии ин бора дар қолаби озоди синтаксисӣ равшан аст: вай ҳашароти захрдори маълумест, ки зери бӯрё

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ҷо гирифтааст. Ин ибора дар байни халқ ба маънои маҷозӣ низ машҳур аст: шахсеро, ки пинҳонӣ ба касе ё ҷамоае зарар мерасонад, бо кароҳат тавассути ҳамин таъбир мазаммат мекунанд. Воҳидҳои фразеологӣ мисли калимаҳо услубан аз якдигар фарқ мекунанд. Онҳоро аз рӯйи соҳаи истеъмол ва хосияти таъсирбахшию эҳсосӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: а) воҳидҳои фразеологие, ки тобиши муассир ва эҳсосӣ надоранд. Яъне онҳо аз хосияти образнокӣ ва баҳодиҳӣ маҳруманд ва дар ҳамаи услубҳои нутқ истифода мешаванд: **даст мондан** (имзо кардан), **роҳи оҳан, қафаси сина**; б) воҳидҳои фразеологие, ки дорои хусусияти муассир ва эҳсосианд. Ин навъи фразеологизмҳо аз муодилҳои калимагии худ бо образнокӣ фарқ мекунанд: гурехтан – думро хода кардан, хӯрдан – ба таги бинӣ задан, хушомад кардан – патаку пайтоба шудан.

Услубиёти ибораҳо. Ибораҳо воҳиди муҳимми синтаксисӣ буда, аз калимаҳои мустақилмаъно таркиб меёбанд ва дар забон барои пурра ва мукаммалтар ифода кардани фикр хизмат мекунанд. Аз ҷиҳати сохт, тарзу воситаҳои алоқаи калимаҳо, аз рӯи муносибатҳои маъноию грамматикии ҷузъҳо дар забон навъҳои гуногуни ибора мавҷуданд, ки баъзеи онҳо дар ифодаи баъзе мафҳумҳо хусусияти синонимӣ зоҳир мекунанд. Чунончи: 1. Ду сол подабонии қишлоқро кардан, мардикории дусола дар Кӯлоб ва се сол дар дари як бой панҷяккорӣ карда истодан ба ӯ аз китоби қомуси зиндагӣ хуб сабақ дода буд. 2. Ду сол подабонӣ дар қишлоқ, мардикории дусола дар Кӯлоб ва се сол панҷяккорӣ дар дари бо ба ӯ аз қомуси зиндагӣ хуб сабақ дода буд (Ҳ.К.). Дар мисолҳои боло ибораҳои «ду сол подабонии қишлоқро кардан» ва «ду сол подабонӣ дар қишлоқ» як мафҳумро бо ду роҳ: ибораи масдарӣ ва ибораи номӣ ифода кардаанд. Дар натиҷаи тағйир додани ҷои компонентҳои ибора тарзҳои гуногуни ифода ба миён меояд: аскари сурхро надидагӣ одам – одами аскари сурхро надидагӣ. Ибораҳо бо тарзҳои дигари ифода низ хусусияти ҳаммаъноӣ пайдо карда метавонанд: Гулбибиро мо намегӯем, ки аз дебо қабо, аз катон пироҳан, аз зарбофт камзӯл, аз махмал калтача, аз фарангӣ сарбанд, аз дурру марворид овеза ва гарданбанд, аз зари холис дастпона ва аз алмос

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ангуштарин дошт (С.А.). Дар ин ҷо мафҳумҳои «аз дебо қабо, аз катон пироҳан, аз зарбофт камзӯл, аз махмал калтача, аз фарангӣ сарбанд, аз дурру марворид овеза ва гарданбанд, аз зари холис дастпона ва аз алмос ангуштарин»-ро бо ибораҳои номии «камзӯли зарбофӣ», «сарбанди фарангӣ», «овеза ва гарданбанди дурру марворид» ҳам ифода кардан мумкин аст.

Услубиёти ифодаҳои маҷозӣ. Ифодаҳои маҷозӣ яке аз воситаҳои таъсирбахши забон ба шумор мераванд. Дар матн калимае аз доираи муқаррарии истеъмолаш баромада, бо калимаҳои дигаре таносуби маъноӣ пайдо мекунад, дар натиҷа ифодаи маҷозӣ пайдо мешавад. Чунончи, калимаи **даст** дар таркиби ибораҳои **дасти падарам, дасти бақувват, дасти нозук** бо калимаҳои **падарам**, **бақувват** ва **нозук** таносуби маъноӣ дорад, аммо дар таркиби **дасти аҷал** маҷозан кор фармуда шудааст. Ифодаҳои маҷозӣ дар забони тоҷикӣ дар асоси монандии зоҳирӣ ё ботинӣ, зинда тасвир намудани ашёҳо, бо ёрии санъатҳои ташбеҳ, истиора, ташхис, муболиға ва ғ. ба вуҷуд меоянд. Дар ташаккули ифодаҳои маҷозӣ баъзе аломатҳои морфологии ҳиссаҳои ҷудогонаи нутқ нақши муҳим доранд. Дар натиҷаи ба исмҳои ҷондор, узвҳои бадани инсон алоқаманд намудани исмҳои беҷон (гули ҳаётам – фарзанд) ва бо ҳам пайвастани исмҳои конкрету абстракт (чанголи марг, аспи ҷаҳл) ифодаҳои маҷозии исм ба вуҷуд меоянд. Ифодаҳои маҷозии сифат дар натиҷаи ба предметҳои беҷон нисбат додани аломат, хислат, характер ва сифатҳои маънавии шахс (мавҷҳои сармаст, наҳри девона) ва ё ба исмҳои маънӣ нисбат додани аломати предметҳои конкрет (ҳақиқати талх, толеи сиёҳ) ба вуҷуд меоянд. Дар ифодаи маҷозии феъл, ҳолат, вазъият, рафтор, кирдор ва амалиёти гуногуни инсон ба предметҳои беҷон ва ё исмҳои маънӣ нисбат дода мешаванд: Бориш ноз мекард; Ситораи субҳ мезавқид; Чароғ зихна буд; Як бех офтобпарасти худрӯй… Қоматашро рост намуда, осмонро бӯсиданӣ мешуд (Ҳ.К.).

Услубиёти калимаҳои шевагӣ. Калимаҳои шевагӣ на дар ҳамаи шохаҳои услубиёти забони адабӣ истифода мешаванд. Онҳо хоси услуби

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

бадеиянд. Чунин калимаҳо дар адабиёти бадеӣ барои тасвири воқеии зиндагӣ ба кор бурда мешаванд. Вазифаи услубии онҳо иборат аз инҳост: кӯмак мекунанд, ки обуранг ва хусусияти маҳал зинда ва табиӣ ба тасвир ояд, нутқи персонажҳо фардӣ шавад, сухан ранги муассир бигирад. Дар романи «Восеъ»-и Сотим Улуғзода ба мисли **сарҳӯй** (бесар, бепарастор), **адирӣ** (бехонумон, оворагард), **иста** (таҳрифшудаи ин тавр), **почакӣ** (оташдони муваққатии сангин), **пуча** (кулӯла) ва ғ.чунин хусусият доранд. Як идда калимаҳои хоси лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ истифода шудаанд. Нависанда калимаҳои шевагиро дар нутқи персонажҳо ва гоҳо дар сухани тасвирии худ оварда, кӯшиш кардааст, ки дар асар обуранги маҳаллӣ пурра ба ҷилва ояд: Ака, биист, охӣ! Чӣ шуд, ки даррав қаҳр кадӣ, хайр нагуфта рафтӣ? Хок бикашад ин домоди дилозори тура! Биё, биравем ба хона, ман барои ту қурутов пухта истода будам, қурутова хӯрда ика дам мегирию меравӣ. Дар адабиёти бадеӣ калимаҳои шевагӣ ба ду тарз истифода мешаванд: Якум, чун унсури «бегона», унсуре, ки дар матн ба сифати ҳиссаи услуби дигар воқеъ мегардад, дуюм, чун калимаи адабӣ, калимае, ки бо унсурҳои адабӣ баробарҳуқуқ буда, услубан бо онҳо омезиш меёбанд.

Услубиёти морфологӣ. Калимаҳои таркиби луғавии забон ба ин ё он ҳиссаи нутқ тааллуқ доранд ва дар байни фикр бо шаклҳои гуногун истифода мегарданд: исм дар шаклҳои танҳою ҷамъ, сифат бо дараҷаҳои одӣ, муқоисавӣ ва олӣ, феълҳо дар шахсу шумораҳо ва сиғаву замонҳои гуногун воқеъ мешаванд. Калимаҳо дар шаклҳои гуногун падид омада, хусусияти услубӣ зоҳир мекунанд. Чунончи исм дар шаклҳои **меҳмон, меҳмонҳо, меҳмонон** ба вазифаи мубтадо бо хусусияти услубӣ аз ҳамдигар фарқ мекунад: меҳмон омад – тарзи баёни одӣ; меҳмонҳо омаданд – услуби гуфтугӯи адабӣ; меҳмонон омаданд – услуби китобӣ. Пасвандҳои шаклсози –ҳо, -он (-ён, -вон, -гон) барои ҷамъбандии исм дар баёни шифоҳӣ ва хаттии фикр баробар истифода намешаванд; агар ҷамъбандӣ бо пасванди –ҳо хусусияти умумиистеъмолӣ дошта бошад, бо пасванди –он (-ён, -вон, -гон) дар услуби китобӣ маъмул аст. Сифат ғайр аз ифодаи

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

мафҳумҳои аломату хусусият барои баёни эҳсосоти шахс баҳои мусбат ва манфии вай бачизе ё ҳодисае кӯмак мерасонад. Ҷонишинҳо одатан ба ҷои калимаҳо меоянд, ки пештар зикр шудаанд. Дар ин ҳол онҳо барои худдорӣ аз такрори якранг аҳамияти хосаи услубӣ касб мекунанд. Калимаҳои мансуби шумора чандин хусусияти барҷастаи услубӣ надоранд. Танҳо бо мавҷуд будани баъзе қаринаи (гуна, вариант) шумораҳо (чор//чаҳор, чил//чиҳил, дуюм//дувум, сеюм//саввум); ё ҳолатҳои синонимии амсоли наваду ҳашт – дукам сад, ҳазору ҳаштсад – ҳаждаҳ сад ё дусад кам ду ҳазор ҷиҳатҳои услубӣ зоҳир менамоянд. Ифодаи фикр бе феъл дар бисёр ҳолатҳо урёну хушк ва бетаъсир хоҳад буд (китобхонаи мактаб. Хонандагон дар паси мизҳо. Ҳама ғарқи мутолиа). Дар ҷумла феъл тасвирро зинда сохта, ба предмети тасвир айёният ва обуранги бадеӣ мебахшад. Обуранги бадеӣ бо синонимии феълҳо, сермаъноии шаклҳои онҳо, ҳаммаъноии замонҳои феъл ифода меёбад. Чунончи, истифодаи феъли ёвари **рафтан** дар ҷумлаҳои поён имкон додааст, ки амали шахси мубтадо пурра бо нозуктарин ҷилоҳои маънӣ ифода ёбад: Чор пои асп ба чор тараф лағжида рафт. Қорӣ-шикамба аз зин фуромада рафт (С.А.). Ба воситаҳои ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ низ мақсаду мароми гӯянда ё нависанда мувофиқи хости ӯ ба ҳар сурат ва тобишҳои услубӣ ҷилвагар хоҳад шуд: пешоянду пасоянд ва пайвандак барои шакл гирифтани ибора ва ҷумлаҳо унсурҳои заруранд.

Услубиёти пешояндҳо. Пешояндҳо дар ифодаи муносибатҳои маъноию дастурии калимаҳо дар ҷумла нақши зиёд доранд. Баъзе пешояндҳои аслӣ аз ҷиҳати маъною вазифаашон ба ҳамдигар хеле наздик шуда, хусусияти синонимӣ пайдо кардаанд: Бо ин андеша дар атроф чашм меандохтам (С.А.). Гулрӯро ба шаҳр монда омадӣ (Р.Ҷ.). Вай ба зин кардани асп рафт (С.А.). Эҳтимол ба хотири хонандагон гузарад… (С.А.). Дар мисоли аввал пешоянди дар ба вазифаи ба ва дар мисоли дуюм баръакс омадааст. Дар ҷумлаи сеюм ба ҷои пешоянди ба – барои ва дар мисоли охирин пешоянди аз-ро кор фармудан мумкин аст. Пешояндҳо аз рӯи мавқеъ ва дар кадом услуби забон истеъмол шуданашон ҳам фарқ

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

мекунанд. Пешояндҳои таркибии **ба сӯи, дар бобати, ба туфайли** бештар дар услуби хаттӣ, пешояндҳои **худи, кати//қати** дар гуфтугӯ маъмуланд. Дар забони тоҷикӣ пешояндҳои ҷуфти ҳаммаъно мавҷуданд, ки яке хоси услуби китобӣ буда, дигаре хоси забони зинда ва ё хусусияти умумиистеъмолӣ доранд: **ҷуз, ба ҷуз, ғайри, ғайр аз, баҳри – барои, қабл аз – пеш аз**. Дар аъзоҳои чидаи ҷумла барои таъкиди фикр пешоянд ё пасояндҳо такроран оварда мешаванд: Ин бозӣ ҳам ба Шодӣ, ҳам ба Соро ва ҳам ба худи бузғола бисёр хуш омад; Ман рӯи туро, мӯи туро, бӯи туро дӯст медорам, ман чашми туро, чашми бехашми туро, суми чун яшми туро дӯст медорам (С.А.).

Услубиёти синонимҳо. Калимаҳои ҳаммаъно аз ҷиҳати таносуби услубӣ фарқ дошта, аммо дар мавридҳои дигар шабеҳи якдигаранд. Чунончи, **аср, қарн, сада; нағз, хуб, нек; хеле, басо, бағоят** ва амсоли инҳо. Дар байни қисме аз калимаҳои синонимии наздикмаъно тафовути бештар, дар миёни ҳиссаи дигари онҳо фарқи андаке мушоҳида мешавад. Феълҳои гирифтан, ситонидан, рабудан ҳарчанд аз лиҳози маънои умуми **ахз кардан**, ба даст даровардани чизе ба ҳам монанданд, дар баёни ҷузъиёти ин маънӣ миёни онҳо тафовути нозуке ҷо дорад: гирифтан маънои мазкурро ба тариқи муқаррарӣ ифода менамояд. Аммо ситонидан на гирифтани одӣ, балки зӯран гирифтан, кашида гирифтан ва рабудан, зуд, чолокона гирифтанро мефаҳмонад: Алимардонбек андеша мекард,ки ба чӣ андоза корчаллони ҳунарманд будани худро чӣ гуна ва ба чӣ роҳ пеши хӯҷаин исбот кунад, то барои хизмате, ки баъд аз ин ба хӯҷаин карданист, хизматонаи дуруст ситонида тавонад. Одами қозӣ аз пушти ин шахс расида, бо як чанг задан таппончаро аз дасташ рабуд (С.А.).

Услубиёти тартиби калима дар ҷумла. Дар забони тоҷикӣ ҷои аъзоҳои ҷумла нисбатан муқаррар аст. Бо вуҷуди ин тартиби калима вазифаи муайяни грамматикӣ, ё услубиро адо мекунад. Агар бо тағйири ҷои аъзоҳо вазифаи синтаксисиашон ҳам тағйир ёбад, вазифаи грамматикии тартиби калима шуморида мешавад: Меҳмон – шумо, мизбон – ман. Шумо – меҳмон, ман – мизбон. Дар ҷумлаи аввал «меҳмон»

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ва «мизбон» мубтадо буда, «шумо», ва «ман» хабар аст, вале дар ҷумлаи дуюм баръакс. Вазифаи услубии тартиби калима он аст, ки бо иваз шудани ҷои аъзоҳо вазифаашон ҳам дигар намешавад, танҳо тобишҳои маъноӣ ва ҷиҳатҳои эмотсионалии онҳо тағйир меёбад. Дар нутқ ин ё он аъзои ҷумла таъкид ёфта, мавқеи муҳим пайдо мекунад ва бо ин васила диққати шунаванда ё хонандаро ба худ ҷалб мекунад. Ин хатро ба ту модарат, модари меҳрубонат… менависад (Ҳ.К.). – Гум кунед ин расму одатҳои сабилмондаатонро! (А.Д.). Дар нутқ тағйири ҷои аъзоҳои ҷумла на ҳамеша мувофиқи меъёри забони адабӣ воқеъ мегардад. Бинобар ин вайрон кардани тартиби калима дар дохили ҷумла вазифаи услубӣ надошта бошад, ё ба қоида ва меъёри забон мувофиқат накунад, боиси норавшанӣ ё духӯрагии мазмуни ҷумла мешавад. Дар ин мисол, аз рӯи тартиби калимаҳо «як» маънои номуайяниро (рӯзе) ифода мекунад. Ҳол он ки мақсади нависанда чанд рӯз давом кардани ҷанг аст. Бинобар ин «як рӯз»-ро пас аз калимаи ҷанг оварда, ҷумларо ба тарзи «Ҷанг як рӯз давом кард»… сар кардан лозим аст.

Услубиёти феъл. Феълҳо дар забони тоҷикӣ аз ҷиҳати боигарии маъно ва шаклу категорияҳои морфологӣ як системаи мураккабу мукаммалеро ташкил медиҳанд. Феълҳои забони тоҷикӣ мафҳуми амал, ҳаракат ва ҳолатро аксар образнок, муболиғаомез ва пуробуранг ифода мекунанд: Фасли хазон буд. Аммо имсол бориш ноз мекард… Ин наҳри девона монанди одами сил базӯр роҳ мепаймуд. Мор барин борик шуда, маствор худро ба ҳар тараф зада, калавида, шаттаи сангҳоро хӯрда, базӯр нафас кашида мехазид (Ҳ.К.). Дар ифодаи баъзе мафҳумҳои амалу ҳолат дар забони тоҷикӣ шаклҳои гуногуни феълҳо истифода бурда мешавад. Чунончи, дар баробари феълҳои содаи **завқидан, номидан, хандидан, рақсидан** феълҳои таркибии **завқ кардан, нола кардан, ханда кардан, рақс кардан** вуҷуд доранд, ки чун вариант – гунаи ҳамдигар кор фармуда мешаванд. Феъли **завқидан** дар забони адабӣ-китобӣ маъмул бошад, **завқ кардан** бештар дар гуфтугӯ истифода мешавад. Дар сохти феълҳо намудҳои гуногун мушоҳида карда мешавад: мебардорам-бармедорам,

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

менагирам-намегирам, барнаёмад-набаромад. Феълҳои сохтаи **барчидан, баркандан, дардодан, даргузаштан…** бештар дар услуби забони хаттӣ дучор меоянд. Ба воситаи пасвандҳои **-идан, -ондан** сохтани феълҳо низ дар забони муосири тоҷикӣ чандон маъмул нест. Аз ин рӯ феълҳои **гаравидан, палавидан, мураббидан, эътирофидан, софидан** (Савдо), **шалҳидан** (Айнӣ), **хамидан, шиноваридан** (Ҳ.Карим) танҳо дар забони асарҳои онҳо истифода шудаанд.

Услубиёти фонетикӣ. Услубиёте, ки ҳусн ва назокати овозҳои нутқро меомӯзад. Ин шохаи услубиёт зимни таҳлили сохтори овозҳои нутқ муқаррар менамояд, ки ифодаи овозии фикр чӣ тавр равон, муносиб ва таъсирбахш воқеъ мегардад ва чӣ падидаҳое ҳастанд,ки барои тазоҳури он халал мерасонанд. Нутқи овозӣ шакли асосии мавҷудияти забон буда, ҳатто замоне ки матн бидуни талаффуз қироат мешавад, аз ҳар калима, ҳар ибора ва ҳар ҷумла савти муайяне эҳсос мешавад. Тобишу ҷилоҳои оҳанги нутқ хоса дар услуби бадеӣ хеле равшан ва ҳамаҷониба падид меояд. Аз ин рӯ, шакли ифодаи овозии нутқ на фақат дар гуфтор, балки дар навиштор низ барои таъмини ҳусни калом дорои аҳамияти азимест. Воситаҳои фонетики нутқ (овозҳо, ҳиҷо, зада, оҳанг) ҳам монанди унсурҳои дигар баробари воқеъ шудан ба тариқи мӯътадил, яъне таъмини иртиботи муқаррарӣ, дар мавридҳои ҷудогона вазифаҳои гуногуни услубиро адо мекунанд. Услубиёти п**айвасти овозҳо**. Дар забони тоҷикӣ ва дигар забонҳо ду навъи овоз мавҷуд аст: садонокҳо ва ҳамсадоҳо. Услубиёти фонетикӣ маҳз пайвасти ин овозҳоро ҳангоми алоқамандии калимаҳо дар ҷумла омӯхта, тақозо менамояд, ки онҳо бояд тарзе бо ҳам пайваст гарданд, ки дар қироат ва талаффуз монеа ё гароние пеш наояд. Пайвасти овозҳо ба дарки ҳусни онҳо, ки дорои қоидаҳои анъанавист, марбут аст. Дар забони тоҷикӣ оҳанги асилу табиӣ дар нутқ аз табдили овозҳои ҳамсадо ва садонок, ки бештар ҳампаҳлу воқеъ мегарданд, шакл мегирад: **доно, тоза, тозарӯ, тозанажод, печон, пешин, пеша**. Паиҳам омадани ду ҳамсадо дар аввали калима, ки дар баъзе забонҳо (русӣ, англисӣ, фаронсавӣ) мушоҳида мешавад, барои забони тоҷикӣ бегона аст.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Пайвасти ҳамсадоҳо дар забони тоҷикӣ (дар интиҳо (санг, панд) ва дар васлгоҳи ҷузъҳои калимаҳои сохтаю мураккаб (сохтмон, сангпушт)падид меояд. Дар забони тоҷикӣ муносибатҳои нисбат ба амал доштаи гӯянда ба воситаи сиғаҳои хабарӣ, амрӣ,шартӣ-хоҳишмандӣ, эҳтимолӣ ва нақлӣ ифода мегардад. Феълҳои забони тоҷикӣ ба давомнокӣ ва мутлақияти амал низ далолат мекунанд. Дар забони китобӣ бо пешванди **би-** ифода гардидани намуди мутлақ ва бо пешванди **ме-** ва феъли ёридиҳандаи **истодан** ифода шудани амали давомнок характернок бошад, дар услуби гуфтугӯӣ бештар бо феълҳои ёридиҳандаи **мондан, рафтан, баромадан, гирифтан, додан, фиристодан, гаштан** намуди давомнок ифода меёбад.

Услубиёти ҷонишин. Ҷонишинҳо ба ҷои калима, таркиб, ибора ва ҳатто порчаҳои яклухти нутқ омада, баёни фикр ва дарки матлабро осон мекунанд, гӯяндаро аз такрори калимаю ифодаҳо бозмедоранд ва дар забон чун воситаи саҳеҳу мӯҷаз ифода кардани фикр хизмат мекунанд. Ҷонишини **ман** дар нутқ такроран омада, худписандӣ, манманӣ барин хислати бади шахсро ошкор менамояд: Шумо маро буздил, аблаҳ гумон накунед, ифлосҳо! Ман хӯҷаин, ман амалдор, ман жандарм, ман политсия, ман поп, ман эшону мулло ҳам мебошам! Пул ҳамаи мушкилҳоро осон, ҳамаи душманонро мағлуб, ҳамаи муроду мақсадро ҳосил мекунад. Ман пул дорам, аҳмақҳо, пул: Ман метавонам ҳамаатонро бадарға кунонам (Р.Ҷ.). Ҷонишинҳо вазифаҳои зиёди услубиро адо мекунанд,ки бештар дар забони зиндаи гуфтугӯӣ равшантар зоҳир мегардад.

Услубиёти ҷумлаҳои мураккаб. Ҷумлаҳои мураккаб дар ифодаи мукаммали фикр, ҳарҷониба кушода додани моҳияти воқеаю ҳодисаҳои печ дар печи ҳаёт омили муҳимтарини забон ба шумор мераванд. Забони тоҷикӣ дорои қолабҳои гуногуни синтаксисист, ки нависанда ё гӯянда аз рӯи тақозою талаботи фикру услуби забон яке аз онҳоро интихоб мекунад. Чунин қолабҳо як фикрро ифода намуда, аз ҷиҳати тобиши маъноӣ ва вижагию хусусиятҳои услубиашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Чунончи, бо ёрии тағйири ҷои аъзо ва тарзи алоқаи ҷумлаҳо як мазмунро бо роҳҳои зерин ифода кардан мумкин аст: Додобой саркор ба колхоз омаду кишту

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

кори пахта беҳтар шуд. Додобой саркор ба колхоз омада буд, ки кишту кори пахта беҳтар шуд. Додобой саркор ки ба колхоз омад, киштукори пахта беҳтар шуд. Киштукори пахта беҳтар шуд, чунки Додобой саркор ба колхоз омад. Қисми зиёди ҷумлаҳои пайравро ба ибораҳои масдарӣ ё сифати феълӣ баргардонида, фикрро дар қолаби ҷумлаҳои сода ҳам ифода кардан мумкин аст: Додобой саркор ба колхоз омадан замон киштукори пахта беҳтар шуд. Дараҷаи кор фармудани ҷумлаҳои мураккаб дар услубҳои гуногуни забон як хел нест. Дар услуби гуфтугӯӣ ҷумлаҳои мураккаб камтар истифода мешаванд. Дар забони зинда баъзе ҷузъҳои ҷумлаи мураккаб ихтисор шуда, хеле кӯтоҳу мӯҷаз мегарданд: Имшаб то вақти азон дар ҳамон ҷо мешаванд. Хоҳед, меравем (Ҳ.К.). Ҷумлаи дуюм ҷумлаи мураккаби тобеъ буда, шакли пурраш «Агар шумо хоҳед, ҳозир ҳамроҳ меравем» аст. Дар услуби илмӣ ҳамаи навъҳои ҷумлаҳои мураккаб истифода мешаванд. Дар услуби бадеӣ дараҷаи кор фармудани ҷумлаҳои мураккаб ба талаботи жанрҳои гуногуни адабиёт низ вобаста аст. Дар кор фармудани ҷумлаҳои мураккаб баъзан ба ғалатҳои услубӣ роҳ дода мешавад. Чунончи, дар натиҷаи аз ҳад зиёд тафсил додани таркиби ҷумлаҳои мураккаб фикр норавшан ва муғлақ ифода меёбад. Як фикрро дар ду қолаби синтаксисӣ: ҷумлаи содаву мураккаб ифода кардан яке аз хусусиятҳои муҳими услуби бадеист: Шаби баҳор буд. Осмонро чодири абрин гирифта буд. Шаби баҳор бошад ҳам, осмон чодири абрин гирифта буд.

Услубиёти ҷумлаҳои сода. Аз рӯи ифодаи муносибати гӯянда нисбат ба амал ва воқеият чунин қолабҳои ба ҳам наздики ҷумлаҳои содаро дидан мумкин аст: 1. Дар забони имрӯзаи тоҷик чунин ҷумлаҳои сода дучор меоянд, ки фикр дар онҳо ба тарзи инкор ифода ёфта бошад ҳам, асли мақсад тасдиқи амалу ҳолат ва аломат дар ҷумла зикр ёфта аст: Бале, ман имрӯз ба қишлоқ, пеши модарам нарафта наметавонам. – Бале, ман бояд имрӯз ба қишлоқ, пеши модарам биравам (Ҳ.К.). Дар ҳар ду ҷумла ҳам мақсад ифода шудааст. Дар ҷумлаи аввал дар шакли манфӣ овардани феъл «нарафта натавонистан» ба он далолат мекунад, ки амал бояд ичро

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

шавад. Дар ҷумлаи дуюм ҳам зарурияти иҷрои амал қайд карда мешавад, вале тафовут дар ин ҷост, ки ҳамон зарурат дар ҷумлаи дуюм қатъитар аст. 2. Дар ҷумлаи содаи боло инкори инкор маънои тасдиқи фикрро додаст. Аммо дар забони тоҷикӣ худи шакли инкор ҳам барои тасдиқи фикр омада метавонад: Гӯри ин давлати баттол нашавад (Р.Ҷ.). 3. Агар дар ҷумлаҳои сода фикр бо оҳанги пурсиш ифода гардида, ҷавоби шунаванда талаб карда нашавад, дар ин сурат, агарчи хабари ҷумла амал ё аломатеро тасдиқ кунад ҳам, асли матлаб инкори фикри дар ҷумла зикршуда мебошад: Хола чӣ кунад? Ба хонаи духтараш биравад ва дастнигари домодаш бишавад? (Ҳ.К.). 4. Дар натиҷаи иваз кардани мавқеи субъект ду қолаби синтаксисӣ ба миён меоянд, ки барои ифодаи як фикр хизмат мекунад. Чунин ҷумлаҳои содаи синонимӣ бо баъзе хусусиятҳои услубиашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд: Ин аҳволи ӯ ҳамаро дар тааҷҷуб мононд (Ҳ.К.). – Аз ин аҳволи ӯ ҳама дар тааҷҷуб монданд (Ҳ.К.).

Услубиёти сифат. Сифат мафҳуми аломату хусусиятро ифода намуда, бо обуранги эмотсионалии худ чун воситаи таъсирбахши забон ва санъати сухан аҳамияти услубӣ пайдо мекунад. Муқоисаи аломати предмете бо предмети дигар, то чӣ андоза зоҳир гардидани аломат дар забони тоҷикӣ бо роҳҳои гуногун сурат мегирад: ба воситаи пешванду пасвандҳо ва бо ёрии пешоянду таркиби ҷонишину пешоянд. Дар услуби забони гуфтугӯӣ барои ифодаи дараҷаи олӣ тарзи такрори сифат ба кор бурда мешавад: хунуки хунук – хунуктарин. Дар сифатҳои забони тоҷикӣ камию зиёдии аломат низ ифода мегардад. Чунин сифатҳо бештар мафҳуми рангро ифода мекунанд: **суп-сурх, сурхина, кабудча, сиёҳтоб**. Сифатҳои навъи **каппа-калон, дуппа-дуруст** бештар дар матн хусусияти экспрессивӣ пайдо мекунанд: – Хабаратон ҳаст, дина вақти говгум дар пеши чашми мардум одамҳои дузди Исҳоқ дар кӯчаи каппа-калон аз дасти писарчаи Содиқсобунгар гӯсфанди соли дароз мурда-мурда хоридаю молида фарбеҳ кардаашро кашида гирифтаанду бурдаанд (Р.Ҷ.). Баъзе воситаҳои калимасози забони тоҷикӣ аз рӯи маъно ва вазифаашон ба

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ҳамдигар хеле наздик шуда, хусусияти синонимӣ пайдо мекунанд: пешвандҳои **бо-, ба-**: боақл-баақл, боинсоф-баинсоф; пешвандҳои **бе- ва но-**: бетоб-нотоб, беором-ноором; пешванҳои **бо-, ба-** ва пасванди **-манд**: бохирад-хирадманд, бадавлат-давлатманд.

Услубшиносӣ, як шохаи филология, ки системаи услубҳои забон ва қонунияти истифодаи воситаҳои баёнро меомӯзад. Услубшиносӣ бо грамматикаи нормативӣ, вожашиносӣ, фразеология, орфоэпия робитаи қавӣ дорад, вале аз ҷиҳати вазифа ва услуби тадқиқ аз онҳо фарқ мекунад. Услубшиносӣ аҳамияти амалӣ дорад: вай маҳорати суханвариро омӯзонда, ба забон оқилона муносибат кардани аҳли ҷамъиятро талқин менамояд. Мавзӯи баҳси услубшиносӣ забон ва нутқ буда, ба масъалаи «забон ва ҷамъият» ва проблемаи сотсиолингвистика (забоншиносии иҷтимоӣ) бештар тамоюл дорад. Таҳқиқи меъёрҳои услубии забони адабӣ дар давраҳои гуногуни инкишофи таърихии он вазифаи услубшиносии таърихист. Дар он таърихи системаи услубҳо, ташаккул ва инкишофи услубҳои гуногуни забон ва таърихи таҳхири мутақобили онҳо муайян мешавад. Услубшиносӣ ба се шохаи ба ҳам наздик – **услуби забон, услуби нутқ ва услуби адабиёти бадеӣ** тақсим мешавад. Услуби забон услубҳои функционалӣ – услуби гуфтугӯӣ, илмӣ, расмии коргузорӣ, публисистиро дар бар мегирад.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Ф

Факки изофат, аз ибораҳои исмии изофӣ афтидани изофатро гӯянд, ки ба ин васила калимаҳои мураккаб сохта мешаванд. Масалан, падари арӯс – падарарӯс, сари чашма – сарчашма, соҳиби ҳунар – соҳибҳунар. Калимаҳои мураккабе,ки бо усули факки изофат сохта шудаанд, аз рӯи тааллуқи ҷузъҳояшон ба ин ё он ҳиссаи нутқ ба ду гурӯҳ – исму исм (сарлашкар, шарикдарс) ва исму сифат (модаркалон, мурғобӣ) ҷудо мешаванд.

Факултативӣ (лот. facultas – facultatis - имконпазир). Овозҳое, ки ҳатмӣ набуда, дар ифодаи маънои калима нақше намебозанд: бозингар. Дар ин калима бозӣ решаи калима, -гар пасванд ва ҳамсадои н факултативист. Муқ.: сездаҳ-сенздаҳ. Ин падидаро дар пасвандҳои шаклсоз низ мушоҳида мекунем: -он (-йон, -вон, -гон) дар исмҳои ҷамъ: дӯстон, моҳи(й)он, оҳу(в)он, бача(г)он.

Фарҳанг, луғат, китобест, ки дар он воҳидҳои забонӣ (калимаҳо, морфемаҳо ва ғ.) бо тартиби муайян омада, асли баромад, мавридҳои истифода, тарҷумаи онҳо ба забони дигар дода мешавад. Фарҳанг дар даврaҳои хеле қадим ба вуҷуд омада, баробари ташаккули забони адабӣ тараққӣ кардааст. Ду гурӯҳи фарҳанг вуҷуд дорад: **энсиклопедӣ**, ки исми одамони машҳури таърихию асотирӣ, номҳои ҷуғрофӣ, истилоҳоти илму техника, воқеаҳои бузурги таърихиро шарҳ медиҳад; фарҳанги **филологӣ** ё **лингвистӣ**, ки дар он калимаҳо, ибораҳо ва хусусиятҳои грамматикию услубии онҳо тафсир мешавад. Фарҳанги лингвистӣ ба умумӣ ва махсус ҷудо шуда, яке калимаю истилоҳоти серистеъмол ва дигаре як ҳиссаи калимот, масалан, калимаҳои иқтибосӣ, фразеология (Фарҳанги фразеологӣ), синонимҳо (Фарҳанги синонимҳо), калимаҳои нав (Фарҳанги калима ва ибораҳои нав)-ро дар бар мегирад. Фарҳангро инчунин ба тафсирии якзабона ва дузабона ё тарҷума (масалан, Фарҳанги русӣ-англисӣ, тоҷикӣ-русӣ) тақсим мекунанд.

Фасоҳат (ар. فصاحت – равонии сухан, хушгӯӣ) дар илми бадеъ аз заъфи таълиф фориғ будани каломро гӯянд. Фасоҳат асосан ба таркиби

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

лафз, яъне ба шакл иртибот дорад, аз ин рӯ дар муқобили маънии бадеъ лафзи фасеҳро ҳам ба кор бурдаанд. Гӯянда бо санъати фасоҳат ба суханаш рангубор ва тароват медиҳад. Равонию нафосати суханро фасоҳати калом ва қобилияти каломи фасеҳ доштанро фасоҳати мутакаллимин гуфтаанд.

Фаъолияти нутқ – 1) Яке аз ҷиҳатҳои сегонаи забон ҳамзамон бо муташаккилии нутқ ва «низоми забон» ва «маводи забонӣ», ки маҷмӯи амалҳои гуфтору даркро дар бар мегирад».

Феъл. Ҳиссаи мустақили нутқест, ки амал ва ҳолату вазъиятро ҳамчун амал муфаҳмонад ва дорои категорияҳои хоси худ мебошад. Масалан, чунин феълҳо **амал**, кору ҳаракатро ифода мекунанд: кор кардан, давидан, омадан, рафтан, хондан: Духтарҳо ӯро дида, аз ҷо бархостанд (Ҷ.И.). Ифодаи **ҳолат**: истодан, хобидан, сукут кардан, пинак рафтан: Ман ташна мондам, амакҷон, камтар об ёфта диҳед (Р.Ҷ.). Ифодаи **вазъият** ва **тағйири аломат**: сабзидан, дигар шудан; тағйир ёфтан: Ҳамаи ин гуфтугӯҳо ба Мирак сахт мерасид (Ҷ.И.). Ифодаи **муносибат** (ба касе ё чизе): дӯст доштан, иззат кардан, бад дидан: Ҳама ба ҳамин қарор розӣ шуданд (Ҷ.И.). Амал, ҳолат, вазъият ва муносибат бо категорияҳои грамматики шахс, шумора, намуд, замон, сиға, тарз ифода меёбад.

Феъли ҳол. Шакли феълие, ки амал ва ҳолатеро ҳамчун аломати феъли асосӣ ифода менамояд. Феъли ҳол ҳамчун феъл аломатҳои зерин дорад: гузаранда ва монда, намуди давомнокиро ифода карда метавонад. Маънои замонро ифода намудани шаклҳои феъли ҳол бо намуди феъл вобаста аст: Дам бадам поездҳо дуру дароз ҳуштакзанон, гумбурросзанон мегузаштанд (А.Д.). Феъли ҳол хусусияти вобастакунӣ дорад. Вай калимаҳои дигарро ҳамчун феъл вобаста карда метавонад: Яке аз дарбориён ба сӯи ҳамён ишоракунон пичиррос зад (С.У.).

Феъли фармоиш. Феъли фармоиш замони ояндаро ифода мекунад ва фақат шахси дуюми танҳою ҷамъ дорад, ки шахси танҳои он асоси замони ҳозира ҳисоб меёбад: **паз-пазед, рав-равед**. Ин шакли феъл бо пешванди шаклсози **би-** омада метавонад: **бирав, бигир**:

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд (Рӯдакӣ).

Тобишҳои маъноии феъли фармоиш дар матн зоҳир мешаванд.

Феълҳои бевосита ва бавосита. Феълҳо аз ҷиҳати воситаи иҷрои амал ва муносибати бо он доштаи фоилу мафъул бевосита ва бавосита мешаванд. Феълҳои бевосита аз тарафи фоил (субъект) барои худи фоил воқеъ шудани амалро мефаҳмонанд. Ба ин гурӯҳ ҳам феълҳои монда ва ҳам феълҳои гузаранда дохил мешаванд: Акбар дар суфачаи дарвозахона нишаст (Р.Ҷ.); Аҳмадбек ба қафо нигарист (Ф.М.). **Феълҳои бавосита** ё барои мафъул воқеъ гардидани амал ё ба воситае иҷро шудани амалро мефаҳмонанд. Ҳамаи феълҳои бавосита феълҳои гузарандаанд. Чунин феълҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд. **Гурӯҳи якуми феълҳои бавосита** аз феълҳои монда сохта мешаванд: рафтан-равондан, ҷунбидан-ҷунбондан: Муҳаммадмурод охирин ғолиби майдонро афтонид (Ф.М.). **Гурӯҳи дуюми феълҳои бавосита** аз асоси замони ҳозираи феъли гузаранда бо иловаи пасванди **-он (-ён)** сохта мешавад. Ин гуна феълҳои бавосита тавассути каси дигар иҷро шудани амали фоилро мефаҳмонанд: хондан-хонондан, омӯхтан-омӯзондан, рехтан-резондан: … имсол деҳқонон он ҷоро кор фармуда ҳамон заминҳоро гандум ва шолӣ корондам (С.А.); Ба котиб гуфтам, ки идораро шӯёнад (Ҷ.И.).

Феълҳои бешахс. Феъле, ки амалу ҳолати худ аз худ воқеъшаванда (бештар ҳодисаю воқеаҳои табииро) мефаҳмонад: **торик шуд, рӯз шуд, шаб шуд**. Дар забони тоҷикӣ феълҳои бешахс бештар дар ҷумлаҳои бешахс бо ёридиҳандаҳо, феълҳои модалии **бояд, мебояд, набояд, намебояд** сохта мешаванд:

Камбағалҳои ҷаҳонро муттаҳид бояд намуд,
Ҷанг бо ӯрдуи истисмор мебоист кард (А.Л.).

Феълҳои дубаҳра. Феълҳое, ки вобаста ба матн гузаранда ё монда мешаванд: зардолу пухт (монда), ошро пухт (гузаранда).

Феълҳои модалӣ. Феълҳое, ки бо маънои луғавӣ ва моҳияти грамматикии худ муносибати ба воқеият доштаи мазмуни суханро ифода

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

мекунанд ва дорои тобишҳои сиғавианд: **тавонистан, хостан, боистан, шоистан**. Хусусияти фарқкунандаи ин феълҳои ёридиҳанда дар феълсозӣ ва ифодаи синтаксисии онҳо зоҳир мешавад. Феълҳои **тавонистан**, **хостан** дорои шаклҳои аорист (тавонам, хоҳам), замони ҳозира-оянда (метавонам) ва шаклҳои асосии замони гузашта буда, шаклҳои тарз надоранд. Феълҳои **боистан**, **шоистан** таърихан ба тағйироте дучор шудаанд ва имрӯз танҳо шаклҳои ҷудогонаи онҳо истеъмол мешавад.

Феълҳои мустақил ва ёридиҳанда. Феълҳо аз рӯи вазифаи грамматикӣ, тарзи истеъмол ва хусусияти маъноияшон ба ду гурӯҳи калон: мустақилу ёридиҳанда ҷудо мешаванд. Феълҳое, ки вазифаи грамматикӣ ва маъноияшон дар ҷумла бевосита, бе ёрии ҳиссаҳои дигар анҷом меёбад, **феълҳои мустақиланд**: баромадан, рафтан, ёфтан, кандан, оростан, пухтан, рафтан, сохтан, сӯхтан: Албатта, маърӯзаи ӯро мешунавем ва чораи корашро меандешем (Ҷ.И.). Маълум шуд, ки маро намешинохтаед? (Ҳ.К.). Феълҳое,ки дар сохтани шаклу таркибҳои феълӣ иштирок намуда, барои ифодаю ташкили категорияҳои феълу таркибҳои феълӣ хизмат мекунанд, **феълҳои ёридиҳандаанд**. Адади феълҳои ёридиҳанда аз ҳисоби феълҳои мустақил, ки дар сохтани шаклу таркибҳои феълӣ ҳамчун ёридиҳанда хизмат мекунанд, хеле меафзояд. Масалан, феълҳои таркибии масдарӣ бо ёрии **гирифтан** сохта мешаванд (хондан гир, рафтан гир, омадан гирифт, рафтан мегирад) давомнокии амал ва таъсиру ҳолатро ифода мекунанд: Ба ҷои ин аз чашмонаш ашкҳо рехтан гирифтанд (Ҳ.К.). Шакли таркибии феълҳо хеле инкишоф ёфтааст ва чунин шаклҳои феълӣ қисми муҳимми феълро ташкил медиҳанд. Феълҳои таркибӣ ва таркибҳои феълӣ аз ду ҷузъ: **ҷузъи асосӣ** (соҳибмаъно) ва **қисми ёридиҳанда**, ки барои ифодаи вазифаҳои грамматикӣ ва тобишҳои маънӣ хизмат мекунад. Феълҳои **кардан, намудан, шудан, гардидан (гаштан), сохтан** ҳамчун ёридиҳанда феълҳои таркибии номӣ месозанд: сӯҳбат кардан, амал кардан, омода намудан, озод шудан, намудор гаштан, муҳайё сохтан: Тилмоч ин суханҳоро тарҷима намуда, илова кард,ки роҳи ягонаи аз ин азобу уқубат халос шудан ҳамаи айбро ба гардани сарбоз бор

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

кардан аст (Р.Ҷ.). Феълҳои ёридиҳандаи **будан, истодан, гаштан, шудан** дар таркибҳои гуногуни феълӣ омада, барои ташкили шакл ва ифодаи категорияҳои грамматикии феъл (тарзи мафъул, намуди давомдор, замони гузаштаи дур хизмат мекунанд: Офтоби оламтоб ҳам… дар қабати абрҳо пинҳон шуда буд. Боз диққати ҳама ба тарафи хат кашида шуд (Ҳ.К.).

Феълҳои ҳаракат. Феълҳое, ки аз як сӯ ба сӯи дигар, маъмулан, аз назди гӯянда ба ҷониби дигар ё баръакс, аз дигар сӯ ба ҷониби гӯянда омадан ё рафтани предметро мефаҳмонанд. Чунин феълҳо дар ду шакл (бевосита: давидан, бавосита: давондан) ифода меёбанд: гаштан-гардондан, паридан-парронданн, кашидан-кашондан, омадан-овардан, тохтан-тозондан, гурехтан-гурезондан.

Феълҳои таркибии феълӣ. Феълҳое, ки ҷузъҳои таркибиашон аз шаклҳои гуногуни феълӣ иборат буда, ҳамчун як воҳиди луғавӣ ё грамматикианд. Яке аз ҷавонҳои мо аз кифташ сахт лат хӯрда, маъюб шуд, чанд моҳ дар табобатхона хоб карда баромад (Ф.М.); Осуда бошед, баъд аз ду ҳафта, тамоман сиҳат шуда меравед (Ҳ.К.).

Феълҳои тасрифӣ ва ғайритасрифӣ. Феълҳои тасрифӣ бо бандакҳои шахсии феълӣ ва хабарӣ тасриф мешаванд. Чунин феълҳо дорои категорияҳои шахсу шумора, тарз, намуд, замон ва сиғаанд, ки дар ҷумла маъмулан ба вазифаи хабар меоянд. **Масдар, сифати феълӣ** ва **феъли ҳол** шаклҳои тасрифнашавандаи феъланд. Ин гурӯҳ дорои аломатҳои феълӣ ва хусусиятҳои ҳиссаҳои номии нутқ мебошад.

Феълҳои шуҳудӣ ва нақлӣ. Феълҳоро аз рӯи муносибати фоил ба маънои иҷрои амал ва ҳолату вазъият ба ду гурӯҳи калон ҷудо мекунанд: 1. **Феълҳои шуҳудӣ**. Феълҳое, ки дар иҷрои амал ва оғозу анҷоми он ҳамчун шоҳиди кору ҳол муносибат доштани фоил – гӯяндаро мефаҳмонанд, феълҳои шуҳудианд. Бештарини шаклҳои замони гузашта, замони ҳозира ва оянда, ки маънои чун шоҳиди амал сухан кардани фоилро ифода мекунанд, феълҳои шуҳудианд: **баргаштам, наомад, фаро гирифтанд, мехондем, идора мекард, рафта истода буд, меравем, хоҳанд**

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

гуфт: Ҳайдарқулро соати чори саҳар омада ҷеғ зада буданд (Ҷ.И.); Одамон ба қишлоқи якдигар арӯс медоданд, арӯс мегирифтанд (Ф.М.). 2. **Феълҳои нақлӣ**. Феъли нақлӣ амалеро мефаҳмонад, ки фоилаш дар бораи вуқӯи он на ҳамчун шоҳиди бевосита, балки аз рӯи шунида ва сарчашмаҳои дигар сухан мекунад: **дидааст, омадаанд, гуфта будааст, мехондааст, гуфта мегаштааст**. Ҳамаи феълҳои нақлӣ ба шаклу замони гузашта сохта шуда бошанд ҳам, маънии замонии онҳо маҳдуд нест. Маънии нақлии замони гузашта, ҳозира ва ояндаи феъл дар ҷумла бо худи шакли феълӣ ифода шуда метавонад: Ҳеҷ чиз нашудааст, танҳо аз ҳамон ясавули шумқадам андак тарс хӯрдааст (С.А.); Бузкашӣ ҳам мешудааст (Ф.М.).

Филология (юн. philologia – сухандӯст, донишдӯст), маҷмӯи илмҳои забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, таърих ва ғ., ки ба воситаи таҳлили забон ва услуби осори хаттӣ (матн) таърихи маданияту фарҳанги инсониятро омӯхта, моҳияти онро ошкор месозанд. Бунёду асоси таҳқиқи филологияро матн ташкил менамояд ва чунин таҳқиқ ду ҷанба дорад: ҷанбаи маҳдуд, ки ба омӯзиши ҷиҳатҳои шаклӣ ва зоҳирии матн, дигаре ҷанбаи васеъ, ки ба мазмуну мундариҷаи матн алоқаманд аст. Аввалин намунаҳои филология дар Ҳиндустон (донишманди Палини ва Патанҷали) ба зуҳур омадааст. Анъанаҳои филологияи Ҳиндустон ва Юнон дар мамлакатҳои гуногуни Шарқу Ғарб идома ёфтанд. Давраи инкишофи баъдинаи филология дар Аврупо ба аҳди эҳё марбут аст. Дар асрҳои 17–18 филология тадриҷан ҳамчун илм ташаккул ёфта, омӯзиши ҳамаҷонибаи тамаддуни бостонӣ мавзӯи асосии он қарор гирифт. Филологияи тоҷик низ таърихи деринае дорад. Муҳаққиқон таърихи пайдоиш ва ташаккули филологияи тоҷик ва халқҳои дигари эронинажодро ба асрҳои 3–6, давраи тарҷума ва тафсири Авесто нисбат медиҳанд. Дар ҳамин давра баробари асарҳои бадеӣ, динӣ, фалсафӣ, ҷуғрофӣ ва ғ. ду фарҳанги муҳим («Фарҳанги паҳлавӣ» ва «Фарҳанги оим-евак») ба миён омаданд.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Флексия (лот. flexio – гузаштан). 1. Тағйири шакли калима ва бандак. Ҷузъи калима ё морфемае, ки дар интиҳои калима омада, барои алоқаманд кардани калимаҳои дигар хизмат мекунад: **бандакҳои феълӣ, бандакҳои хабарӣ, бандакҷонишинҳо**: омадам, омадӣ, омад; омадем, омадед, омаданд; ҷавонам, ҷавонӣ, ҷавон аст; ҷавонем, ҷавонед, ҷавонанд; китобам, китобат, китобаш, китобамон, китобатон, китобашон. **Флексияи дохилӣ**. Яке аз роҳҳои ифодаи маънои грамматикӣ, ки дар натиҷаи тағйир ёфтани овозҳои калимаи решагӣ воқеъ мешавад: тараф (танҳо) – атроф (ҷамъ), мавҷ-амвоҷ, шеър-ашъор. Ин хусусият дар забонҳои русӣ (ухо-уши), олмонӣ (Bruder-Briider – бародар-бародарон), англисӣ (foot-feet – пой-пойҳо) низ дида мешавад.

Фонди асосии луғавии забон, қисми асосӣ ва устувори **таркиби луғавии забон**ро гӯянд, ки калимаҳои аслию мабдаии забонро дар бар мегирад. Ба фонди асосӣ, пеш аз ҳама, калимаҳое тааллуқ доранд, ки номҳои муҳиму зарурӣ ва мустаъмали ҳодисаву воқеоти марбути зиндагӣ ва ҳаёти воқеиро ифода менамоянд. Масалан, номи ашё ва ҳодисоти табиат: замин, хок, кӯҳ, санг, бод, жола, об ва ғ.; номҳои марбути олами ҳайвонот: гов, асп, гург, рӯбоҳ, гунҷишк; номи узвҳои бадан: сар, пой, даст, чашм; номи наботот: гандум, ҷав, себ; номи олоти меҳнат: дос, табар, теша; истилоҳоти ҳаёти маишӣ: хона, бом, дар; номи хӯрокҳо: нон, гӯшт, равған; истилоҳоти хешовандӣ: падар, модар, бародар, хоҳар; номи сифату аломатҳо: сафед, сурх, дароз; Ба фонди асосии луғавӣ ҷонишинҳо, шумораҳо, пешоянду пасояндҳо низ дохил мешаванд.

Фонема (аз юн. phonema – овоз), хурдтарин воҳиди овозии забон аст, ки ба ҷузъҳои паи ҳам ҷудо намешавад ва метавонад ба сифати симои овозии воҳидҳои маънодор: морфема, калима истифода гардад. Мафҳуми фонема дар забоншиносӣ бо мақсади аз хусусиятҳои тавлидию акустикии овозҳои нутқ ҷудо кардани вазифаҳои онҳо – имконияти ба воситаи овозҳо фарқ кунонидани калима ва шаклҳои он (вазифаи маънофарққунӣ) истифода мешавад. Гоҳо дар як муҳити фонетикӣ фонема дар шакли ду овози баробарҳуқуқе, ки ба тағйири маънои калима якдигарро иваз карда

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

метавонанд, зоҳир мешавад (масалан, ҳамсадоҳои **ч, ж** дар забони тоҷикӣ: ҷола-жола, каҷдум-каждум). Ин овозҳо тобишҳои озод (факултативӣ) доранд. Фонема ду нишона дорад: нишонаи фонемагӣ (диференсиалӣ), ки барои фарқ кардани фонемаҳои ин ё он забон истифода мешаванд ва тобишӣ (интегралӣ). Мисоли нишонаҳои фонемагӣ даҳонӣ будани тарзи талаффузи фонемаҳои **б, д** шуда метавонад, зеро ин нишона овозҳои мазкурро аз ҳамсадоҳои димоғии **м, н** фарқ мекунонад. Барои нишонаҳои тобишӣ бечарангии ҳамсадои **қ**-и тоҷикиро мисол овардан мумкин аст. Ин ҳамсадо дар забони тоҷикӣ ҷуфти ҷарангнок надорад. Аз ин рӯ, нишонаи ҷарангию бечарангӣ барои ҳамсадои **қ** арзиши фонологӣ надорад.

Фонетика (юн. phōnetikos аз phōnē – овоз), як соҳаи илми забоншиносист, ки сохти овозии забонро меомӯзад. Сохти овозии забон ду ҷиҳати омӯзиш дорад: тавлидию акустикӣ ва функсионалию забонӣ. Ин ҷиҳатҳои нутқи овозиро ду соҳаи илми забоншиносӣ: фонетика ва фонология меомӯзад. Фонетика на танҳо вазифаҳои забонии падидаҳои овозӣ, балки ҷараёни овозсозӣ ва хусусиятҳои акустикии нутқи овозиро таҳқиқ мекунад. Ду навъи фонетика – умумӣ ва хусусӣ вуҷуд дорад. Фонетикаи умумӣ дар асоси имкониятҳои овозсозии дастгоҳи гуфтори инсон вазъи умумии ташкилу тавлиди овозҳои нутқ ва хусусиятҳои акустикии онҳоро меомӯзад ва дар асоси ин гурӯҳбандии умумии садонокҳо ва ҳамсадоҳоро пешниҳод мекунад. Илова бар ин, масъалаҳои ба ҳамтаъсиррасонии овозҳо дар ҷараёни нутқ – ҳодисаҳои ҳамтавлидӣ, мувофиқату мутобиқат, табдилу монандшавии овозҳо низ мавзӯи баҳси фонетикаи умумӣ мебошанд. Фонетикаи умумӣ табиату моҳияти воҳиди хурдтарини талаффуз – ҳиҷоро омӯхта, омилҳои ҳиҷоҷудокуниро муайян мекунад. Таҳқиқи воситаҳои ташкили муттаҳиди ягонагии калима, навъҳои гуногуни зада (қуввагӣ, лаҳнӣ ё мусиқавӣ) ва сингармонизм аз вазифаҳои фонетикаи умумӣ мебошад. Фонетикаи умумӣ оҳангро низ, ки гоҳо ҳамчун яке аз воситаҳои ташкили ҷумла (ё гуфтор) буда, фонетикаи синтаксисӣ номида мешавад, баррасӣ менамояд. Фонетикаи хусусӣ ҳамаи

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ҳодисаҳои зикршударо дар якҷоягӣ бо вазифаҳояшон дар заминаи масолеҳи забони муайян таҳқиқ менамояд. Фонетикаи хусусӣ метавонад сохти овозии забонро дар давраи ҳозираи таърихи инкишофи он (фонетикаи тавсифӣ ё синхронӣ) ва ё дар замони тӯлонитар (фонетикаи таърихӣ ё диахронӣ) мавриди омӯзиш қарор диҳад. Аҳамияти амалии фонетика дар беҳтар кардани хату алифбо, таълими талаффузи адабӣ, ислоҳи нуқсонҳои нутқ (логопедия ва сурдопедагогика), тарҳрезӣ ва ихтирои дастгоҳҳои фаҳмиши мошинии нутқ бағоят калон аст.

Фонограмма (юн. phōnē – овоз, овоздиҳӣ + gramma – навишта). Аломати графикие, ки барои ифодаи фонемаҳои алоҳида (бештар дар овознависӣ (транскрипсия) ва ҳарфнависӣ (транслитератсия) ё ҳиҷоҳои ҷудогона (**я, ю, ё**) ба кор бурда мешавад.

Фонография (хати овозӣ), ки ҳарфҳояш овозҳо ё фонемаҳои ҷудогонаи нутқро ифода мекунанд (хатҳои финиқӣ, юнонӣ, лотинӣ, русӣ, арабӣ ва ғ.). Дар Шарқ аз хати финиқӣ хати оромӣ пайдо шуд, ки қариб ҳамаи хатҳои ҳарфии овозӣ ва баъзе системаҳои ҳиҷоии Осиё аз он сар заданд (аз ҷумла хати паҳлавӣ, хатҳои суғдӣ, монавӣ, хати Авесто, хати хоразмӣ, хати портӣ).

Фонография (хати овозӣ). Ҳарфҳои ин навъи хат овозҳо ё фонемаҳои ҷудогонаи нутқро ифода мекунанд (хатҳои финиқӣ, юнонӣ, лотинӣ, русӣ, арабӣ). Системаҳои ҳарфии овозӣ ду навъанд: 1) овозии ҳамсадоӣ (финиқӣ, угаритӣ, ибронӣ, оромӣ, арабӣ), ки дар онҳо аломатҳои асосии хаттӣ (ҳарфҳо) танҳо овозҳои ҳамсадоро ифода мекунанд; 2) садоии овозӣ (юнонӣ, лотинӣ, русӣ ва ғ.), ки аломатҳои хаттии онҳо овозҳои ҳамсадо ва садонокро баробар ифода мекунанд. Ҳамаи хатҳои ҳарфии овозӣ аз хати финиқӣ ибтидо гирифта, ба ду самти асосӣ густариш ёфтаанд. Дар Шарқ аз хати финиқӣ хати оромӣ пайдо шуд, ки қариб ҳамаи хатҳои ҳарфии овозӣ аз он сар задаанд (аз ҷумла, хати паҳлавӣ, хати суғдӣ, хати монавӣ, хати Авесто, хати хоразмӣ, хати портӣ). Дар Ғарб аз хати финиқӣ хати юнонӣ ба вуҷуд омад, ки асоси ҳамаи системаи хатҳои аврупоиён гардид.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Дар Ғарб бошад, ҳамаи системаҳои хат бо роҳи вокалии овоз инкишоф ёфтанд.

Фонография (юн. phōnē – овоз, садодиҳӣ + grafio – менависам). Яке аз намудҳои хат, ки дар он тавассути ҳарфҳои ҷудогона (аломатҳо) ҳиҷоҳои ҷудогона ё овозҳои ҷудогона ифода карда мешавад. Дар фонография ду системаи хат: ҳиҷоӣ (силлабӣ) ва овозӣ (хати фонетикӣ) ба эътибор гирифта мешавад.

Фонология (аз юн. phōnē – овоз), як соҳаи илми забоншиносист, ки сохт ва амали воҳидҳои хурдтарини аз маъно маҳрумбудаи забон (фонемаҳо, ҳиҷоҳо) ва вазифаи онҳоро дар нутқ ҳамчун ҷузъҳои воҳидҳои мураккаби маънодор (морфемаҳо,калимаҳо) меомӯзад. Фонология бо ҳамин хусусияташ аз фонетика фарқ мекунад. Фонология омилҳои таҷзияи ҷараёни нутқ ва ҷудо кардани фонемаро ошкор месозад (тафриди ҳамнишинии фонема); масъалаи вариантнокии фонемаро омӯхта, сабабҳои дар ҷараёни нутқ ба шакли аллофонҳо (бо истилоҳи дигар – тобишҳо, вариантҳо) зоҳир шудани онро муайян менамояд. Ба фонология ҳамчун таълимот дар бораи фонема забоншиноси рус ва поляк И.А.Бодуэн де Куртенэ (1845–1929) асос гузошт.

Фраза - порчаҳои аз ҷиҳати маъною оҳанг тому муташаккили ҷараёни нутқ. Фраза воҳиди мухобироти амалигардида аст, ки сохти грамматикӣ надорад, вале дорои сохтмони ба худ хоси фонетикӣ, дорои оҳанги худ аст. Маҳз оҳанг фразаро ба вуҷуд меорад. Маркази маъною оҳанги фраза ба унсури аз ҷиҳати маъно ва оҳанг муҳим – ба калимае,ки задаи қавитари фразаро қабул кардааст, рост меояд. Калимае, ки ҳамчун маркази оҳанг задаи фразаро қабул мекунад, дар аксар мавридҳо навои баландтар, қувватнокию кашиши бештар дорад. Ҳудуди фразаҳоро танфисҳои байнифразагӣ ва тағйири тарҳи умумии оҳанг муайян мекунад. маркази маъною оҳанги фраза ҷои доимии устувор надорад. Дар фразаҳои ахборӣ, ки бо тартиби маъмули сараъзоҳо омадаанд, мавқеи асосиро хабар (феъл) ишғол мекунад: Донишҷӯён имтиҳонотро тамом карданд. Фразаҳо аз як ё якчанд синтагма иборат мешаванд. Ду навъи

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

фраза: яксинтагмагӣ ва чандсинтагмагӣ (ё мураккаб)-ро фарқ мекунанд. Талаффуз ва оҳанги яктаркибаю дутаркибаи фраза ба муҳити нутқу мароми гӯянда вобаста аст. Масалан, фразаи «Дӯсти ман//ҷарроҳи хуб аст» дутаркиба буда, аз гурӯҳи мубтадо (дӯсти ман) ва хабар (ҷарроҳи хуб аст) ташкил шудааст. Дар фразаҳои саволӣ ва амрӣ муайян кардани ҷои фраза душвор нест, зеро худи тарзи гуфтор ҷои онро муайян мекунад: Шумо аз кор кай омадед? Ман аз кор соати шаш омадам. Дари берунро кушоед!

Фразеография (навъи хат.Ниг.: **хат**).

Фразеология (аз юн. phrásis – ибора, ифода ва логия), як қисми забоншиносист, ки маҷмӯи таркиб,ибора, ҷумлаҳои рехтаю устувор, қонуниятҳои инкишоф ва категорияҳои лингвистии онҳоро меомӯзад. Чунин ифодаҳои рехтаю устувори забонро воҳидҳои фразеологӣ (фразеологизмҳо) меноманд. Ба воҳидҳои фразеологии забон ду ва ё зиёда калимаҳои мустақилмаъно (масалан, гурги борондида – шахси доно; маккор; салмаи сақат – чизи зиёдатӣ; аз олам гузаштан – фавтидан, чашмаш равшан шуд – таваллуд кард ва ғ.) дохил мешаванд. Воҳидҳои фразеологӣ сохти устувор дошта, унсурҳои таркибии онҳоро тағйир додан мумкин нест. Воҳидҳои фразеологие ҳам ҳастанд, ки ҷузъҳояшон тағйир меёбанд. Масалан, ба ҷои ифодаи **аз дилу ҷон** баъзан бо дилу ҷон, бо ҷону дил ҳам мегӯянд. Бештарини воҳидҳои фразеологӣ дорои тобишу ҷилои хоси миллӣ буда, тарҷумаашон ба дигар забонҳо душвор аст. Фразеология ҳамчун илми мустақил дар забоншиносии муосир солҳои 40 ва 50 ба вуҷуд омад. Фразеологияи тоҷик таърихи дурру дарозе дорад. Дар аввалин луғатҳо («Луғати фурс», «Фарҳанги сурурӣ», «Фарҳанги ҷаҳонгирӣ», «Бурҳони қотеъ», «Фарҳанги Рашидӣ», «Баҳори Аҷам» ва ғ.) воҳидҳои фразеологӣ низ тафсир ёфтаанд.

Фузия (фр. fusion – ҳамроҳшавӣ, муттаҳидшавӣ). Муттаҳидшавии морфологии решаи калима ҳангоми тағйирёбии фонемаҳо. Ин ҳолат бештар ҳангоми ба калимаҳои решагии тағйирёбанда ҳамроҳ шудани аффиксҳои аз қолаб беруни сермаъно, ки ҳудуди морфемаҳоро вайрон

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

мекунад, рӯй медиҳад. Масалан, дар забони русӣ: 1. Ҳангоми як шудани пешванд ва реша, ки дар натиҷа як овоз ба ҳар ду морфема мансуб мегардад: **приду** (муқ. **при-иду**). 2. Ҳангоми якшавии овози аввали пасванд: **расти** (муқ. **раст-ти**); якшавии ҷузъҳои калимаи мураккаб, ки дар натиҷаи фурӯгузор шудани яке аз ду ҳиҷои якхела воқеъ мегардад: **минералогия** (муқ. **минерал-ология**).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Х

Хабар. Хабар яке аз сараъзоҳои ҷумла буда, амал, ҳолат ва аломати предметро дар шахсу шумора ва замони муайян ифода мекунад. хабар сараъзои ҷумлаи дутаркибаест, ки аз ҷиҳати грамматикӣ ба мубтадо тобеъ буда, вазифаи предикативӣ ва бо ёрии воситаҳои шаклӣ маъноҳои грамматикии сиғаю замонро ифода мекунад. мубтадо сараъзои эзоҳшаванда ва хабар эзоҳдиҳанда аст. Чунин тобеият бо ёрии бандакҳои феълию хабарӣ, тартиби калима, калимаҳои ёридиҳанда ва оҳанг сурат мегирад. Мувофиқи таҷзияи актуалии ҷумла хабар ва таркиби он ба қисми асосии ҷумла – рема дохил шуда, мақсади гӯяндаву нависанда ва ё андешаю маънои нав бо он ифода меёбад. Хабар ба саволҳои предмет чӣ кор мекунед?, чӣ шуд?, чӣ буд?, кист?, чист? Ҷавоб мешавад. Хабарҳо вобаста ба муносибати он бо мубтадо ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешавад: хабарҳои феълӣ ва хабарҳои номӣ.

Хабарҳои номӣ. Хабарҳое, ки бо ҳиссаҳои номии нутқ, масдару сифати феълӣ ва баъзан бо зарф ифода гардида, аломати предмети сухан – мубтадоро вобаста ба замон ва шахсу шумора нишон медиҳанд. Хабарҳои феълӣ амалу ҳолати предмети суханро, вале хабарҳои номӣ аломати предметро ифода мекунанд. Ҷузъи номии чунин хабарҳо дорои маънои луғавӣ буда, ҷузъи ёрирасон (феълҳои ёридиҳанда ва бандакҳои хабарӣ) дар ифодаи маънои грамматикии замон ва шахсу шумора ёрӣ мерасонад. Дар ин ҳолат исм ё ҷонишини аввал вазифаи мубтадоро, исм ё ҷонишини дуюм вазифаи хабари ҷумларо адо мекунад. Ин гуна хабарҳо ба замони ҳозира далолат мекунанд: Ман – меҳмон, шумо – соҳибхона (Ф.М.). Вай – ҷарроҳи машҳур (Толис). **Ифодаи хабар бо исм**: Амина – ҳамсараш (С.Т.); Чаро ин парӣ, вай дев (Ҷ.И.). Исм дар шакли холис ва ё қабули бандакҳои хабарию феълҳои ёридиҳанда ин вазифаро адо мекунанд: а) дар шакли холис: Амина – ҳамсараш (С.Турсун); б) бо бандакҳои хабарӣ: Бозори ин шаҳрҳо ҳаёту зиндагии онҳост (Ҷ.И.); в) бо ёрии феълҳои ёридиҳанда: Ин дастҳо дасти нозуки нармини Гулнор буд (С.А.). **Ифодаи хабари номӣ бо сифат**. Сифат одатан ба эзоҳи предмет

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

омада, онро аз ягон ҷиҳат шарҳу эзоҳ медиҳад: а) дар шакли холис: Дилатон мувофиқи дили ман соф, беғубор, Гулрӯҷон (Р.Ҷалил); б) бо ёрии бандакҳои хабарӣ: Магар душман ҳамин қадар нодон аст (Ҷ.И.); в) бо ёрии феълҳои ёридиҳанда: Ҳаво нарм, офтобӣ ва бисёр соф буд (С.Т.). Хабарҳои номӣ бо шумора, ҷонишин, сифати феълӣ, масдар ва зарф низ ифода меёбанд.

Хабарҳои феълӣ. Хабарҳое, ки амал ва ҳолатро мефаҳмонанд. Чунин хабарҳо бештар ба амалу ҳолати предмети сухан, яъне мубтадо далолат мекунанд. Хабари феълӣ амалу ҳолати предметро вобаста ба замон ва шахсу шумора ифода мекунад. хабар, пеш аз ҳама, бо феъл ифода мешавад. Хабарҳои феълӣ ҳамзамон ҳам маънои луғавӣ ва ҳам грамматикиро ифода мекунанд. Хабарҳои феълӣ ин маъниҳоро бо усули синтаксисӣ ва аналитикӣ ифода мекунанд. Дар усули синтетикӣ як калима ҳам маънои луғавӣ ва ҳам маънои грамматикиро ифода мекунад. Чунин хабарҳо бо ҳамаи сиғаҳо ифода меёбанд: Ёдгор говро оварда бадасти Гулнор супурд (С.А.). Ин байтро дар ҳавои «ушшоқ» батакрор мехонданд (С.А.). Ҳозир баъд аз як-ду дақиқа меомадагист (Р.Ҷ.). Шаклҳои ғайритасрифии феъл низ ҳангоми амалу ҳолатро ифода намудан ба вазифаи хабари феълӣ омада метавонанд:

Абр гирёну лолаҳо хандон,
Бод ларзону сабзаҳо рақсон (М.Т.).

Дар хабарҳои феълии усули аналитикӣ маънои луғавӣ бо ёрии феълҳои тасрифнашаванда ва ҳиссаҳои номии нутқ (исм, сифат, шумора, ҷонишин) ифода гардида, маънои грамматикӣ бо ёрии феълҳои ёридиҳанда ифода мешавад. Ифодаи хабарӣ будану модалият низ ба воситаи феълҳои ёридиҳанда сурат мегирад: Дигар бандиён ҳам ҷулу ҷиҳози худро ғундошта гирифтанд (С.А.). Донишҷӯён ҳам баякдигар маънидор нигоҳ афканда баромада рафтанд (Ф.М.). Хабарҳои феълӣ аз ҷиҳати сохт сода, таркибӣ ва пайваст мешаванд. **Хабарҳои феълии сода**. Хабарҳои сода бо феълҳои тасрифшаванда ифода мегарданд. Хабари содаи феълӣ бо ҳамаи сиғаҳо ифода мешавад: Алҳол аз нӯги кор як ҷувол

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

оварда гандум бар (С.А.); Акнун камтар арзи маро шунавед (Ҷ.И.). **Хабарҳои феълии таркибӣ**. Чунин хабарҳо ҳатман ду ё бисёр ҷузъа мешаванд. Ҷузъи ёридиҳанда феъл аст. Ҷузъи ёрирасон (феъл) ба ҷузъи асосӣ хусусияти предикативӣ дода, ба замон ва шахсу шумораи субъект далолат мекунад. Ба вазифаи ҷузъи асосӣ исм, сифат ва феълҳои тасрифнашаванда омада метавонанд: Ҳунармандон боз ба кор машғул шуданд (С.А.); Падарам дар андеша монд (С.У.). Калимаҳои модалии **тавонистан, хостан, боистан, даркор, лозим, зарур, мумкин** чун ҷузъи ёридиҳанда бо масдар дар шакли пурраю кӯтоҳ омада хабарҳои феълии таркибӣ месозанд: Лекин ман чандон дур рафта натавонистам (Ҷ.И.); Вай акнун на фақат кӯҳнапарастонро шармсор кардан мехоҳад (Р.Ҷ.). **Хабарҳои феълии пайваст**. Хабарҳое, ки бештар аз ду ҷузъ таркиб меёбанд. Дар ифодаи маънои луғавии амал ҳар ду ҷузъ саҳм дорад: як ҷузъ барои ифодаи мафҳуми луғавию ҷузъи дигар барои ифодаи маънои грамматикӣ истифода намешавад. Чунин хабарҳо бештар ба феълҳои ифодагари мафҳумҳои ҳаракат ва сӯй далолат мекунанд. Дар шаклгирии чунин хабарҳо феълҳои омадан, рафтан зиёд истифода мешаванд: Худи Шокирҷон ҳам қоҳ-қоҳ зада хандида фиристод (Ҳ.К.); Фирӯза ба чашмаш об гирифта, воқеаи ҳавлиро ва фармони Мағфиратро гуфта дод (Ҷ.И.).

Хабарҳои чида. **Хабарҳои феълии чида**. Ду ва зиёда хабарҳои мустақили аз рӯйи шахсу шумора бо ҳам дар алоқаи пайваст омада, ки ба як мубтадо нигаронида шудаанд: Ӯ дар пеши оина саллаи кабудеро пайваста мебасту мекушод (Ҳ.И.). **Хабарҳои номии чида**. Хабарҳое, ки ҳам дар шакли холис ва ҳам бо ёрии бандакҳои хабарию феълҳои ёридиҳанда чида шуда меоянд: Дилатон мувофиқи дили ман соф, беғубор, Гулрӯҷон (Р.Ҷ.).

Хат, системаи аломатҳоест, ки тавассути нақшу тасвирҳо робитаи одамонро таъмин менамояд ва хабареро ба фосилаи муайян мерасонад. Хатро бапанҷ навъи асосӣ гурӯҳбандӣ кардаанд: **Фразеография,** хати фикрагӣ, таърихан хати ибтидоӣ буда, тасвирҳо ё аломатҳои он (фразограммаҳо) ахбори томро бидуни тақсим ба калимаҳои алоҳида

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ифода менамоянд. Ба фразография воситаҳои предметӣ ё ғайрихаттии додани хабар, аломатҳои шартӣ ва хати тасвирӣ (пиктография) дохил мешаванд. Аломатҳои шартӣ нишонаҳои авлоду қабила, аломатҳои моликияти авлод, қабила, шахс (масалан, тамға, доғ), мӯҳри устоҳо мебошанд. Ин аломатҳо ба ҳайвоноти хонаги, силоҳ, маснуоти сафолӣ ва ҳатто ба асирон гузошта мешуданд. Аломатҳои шартиро бисёр халқҳои имрӯза, ки дар дараҷаи сохти авлодӣ қарор доранд, то ҳол истифода мебаранд.

Хати Авесто, дин-дабира, хати Занд хатест, ки тақрибан дар асрҳои 3–4 дар асоси хати паҳлавӣ ихтироъ гардида, барои сабти Авесто истифода шудааст. Мувофиқи ривоятҳо ва анъанаи дини зардуштӣ Авесто пеш аз ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ бо хати зарин рӯи 12000 пӯсти гов навишта шуда будааст. Вале маълум нест, ки Авесто ба кадом навъ хат китобат шуда буд. Фақат баъзе порчаҳо аз Авесто ва калимаҳои авестоӣ (мас., аз Пули дарунтаи наздикии ш.Кобул с. 1938 сангнавиште марбут ба номи шоҳи ҳинду Ашока дастрас шудааст) бо хати оромӣ маъмуланд. Барқарор кардан ва таҳрирҳои нави авесто дар замони шоҳи портӣ Валахши 1 (ҳукмр. 51–78) эҳтимол ба хати портӣ, ки ба хати оромӣ асос ёфта буд, сурат гирифтааст. Хате, ки барои сабти Авесто дар асрҳои 3–4 ихтироъ карда шуд, нисбат ба хати портӣ ва хати паҳлавӣ мукаммалтар мебошад. Дар он 48 ҳарф ва 3 лигатура (ҳарфҳои васлшуда) мавҷуданд. Чунон ки маълум аст, дар он давра забони Авесто матрук буд ва агар матнҳои Авесто ба хати паҳлавӣ сабт мегардид, хондани он басе душвориҳо пеш меовард. Ин хат барои дурусту беғалат хондани авесто ихтироъ кардашуд. Хати Авсето дар замони Сосониён «дин-дабира», яъне хат барои сабти матнҳои динӣ ном гирифтааст. Дар бобати бо «дин-дабира» навишта шудани Авесто Ибни Муқаффаъ ва муаррихи араб Масъудӣ (миқдори ҳарфҳои Хати Авесторо 60-то гуфтааст) дар асарҳои худ иттилоъ додаанд. Қадимтарин нусхаи маълуми дастнависи Авесто обо ин хат соли 1325 китобат шудааст. Транслитерацияи байналхалқии аломатҳои хати Авесто ба талаффузи порсҳо мувофиқат мекунад.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Хати арманӣ, хати овозиест, ки сарроҳиб Месроп Маштоци (361–440) тақрибан солҳои 405–406 дар асоси хати юнонӣ (византиягӣ) ва оромии шимолӣ ихтироъ карда буд. Алифбои ин хат 36 ҳарфро дар бар мегирифт. Тартиби ҷойгирии ҳарфҳо ба алифбои юнонӣ мувофиқат мекард. Дар асри 12 ба хати арманӣ боз ду ҳарфи нав илова карда шуд. Хати арманӣ а.-и ҳозира аз 39 ҳарф иборат аст.

Хати бохтарӣ, хатест, ки аз он барои сабти осори забони бохтарӣ истифода шудааст. Дар асоси хати юнонӣ ба вуҷуд омадааст. 25 аломат дорад. Барои ифодаи овозҳои дар забони юнонӣ вуҷуд надошта дар асоси ҳарфҳои юнонӣ баъзе аломатҳои дигар ихтироъ шуданд. Ду шакли хати бохтарӣ – ороста ва шикаста маълум аст. Дар хати бохтарии ороста ҳарфҳо аз якдигар ҷудо, равшан, ба шакли қиррадор ё мудаввар навишта мешуданд. Дар хати бохтарии шикаста ҳарфҳои васлшуда (лигатураҳо) зиёданд, ки ин ҳолат хондани матнро мушкил мегардонад. Хати бохтарӣ хати расмии давлатии Кушониён низ буд. Дар асри 4 хати бохтариро ҳайтолиён қабул карданд. Осори хати бохтарӣ навиштаҷоти аз Сурхкӯтал, Қаротеппа, сиккаҳо, сафолпораҳо, катибаҳои аз Урузгана ва води Гочӣ ёфташуда мебошанд.

Хати гирехҳо, дар астрономия, хати ростест,ки гирехҳои мадори осмониро ба ҳам мепайвандад; ҳамвории мадор ва эклиптика ин хати ростро бурида мегузаранд.

Хати гурҷӣ, хатест, ки аз он барои сабти осори забони гурҷӣ истифода мешавад. Мувофиқи анъанаи халқӣ он дар замони ҳукмронии Фарнавоз (а. 3 то м.) ба вуҷуд омадааст. Бо яке аз навъҳои хати оромии шарқӣ (ниг.: **хатти оромӣ**), алоқаманд буд. Пас аз ҷорӣ гардидани дини насронӣ унсурҳои оромии хати гурҷӣ дар таъсири хати юнонӣ тағйир ёфт, аз забони юнонӣ якчанд аломат барои ишораи садонокҳо қабул гардиданд. Қадимтарин осори хати гурҷӣ катибаҳои Биёбони Яҳуди Фаластин, Болниси (а. 5), Ҷвари (а-ҳои 6-7), катибаҳои дар пӯст навишташуда (а-ҳои 5-7), дастнависи аз дайри Екатеринаи олиҳа дар нимҷазираи Синай ёфтшуда (а. 9) мебошанд. Хати гурҷӣ се давраи

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

инкишоф дорад ва дар ин давраҳо шаклҳои гуногун дошт. Хати нави гурҷӣ дар асоси хати нусхури (пайдоишаш а-ҳои 9-11) инкишоф ёфта, пас аз маъмул гардидани чопи китоб (1709) такмил ёфт. Хати муосири гурҷӣ фонологӣ буда, аз 33 аломат (5-то барои садонокҳо ва 28-то барои ҳамсадоҳо) иборат аст. Дар матнҳои чопӣ ҳарфҳои калон истифода намешаванд.

Хати ибронӣ, хати яҳудиёни қадим ва ҳозираи ба забони ибронӣ (иврит), идиш, ладино (ибронӣ – испанӣ) гуфтугӯкунандаро гӯянд. Мувофиқи маълумоти таврот ин хат дар а. 11 то м. вуҷуд доштааст. Осори қадимтарини хати ибронӣ Тақвими гезерист, ки ба а. 10 то м. мансуб аст. Ин тақвим ба алифбои канъонӣ (ба хати финиқӣ қаробат дошт) мураттаб шудааст. Дар миёнаи а. 5 то м. гузариш ба хати оромӣ (мураббаъ) оғоз ёфт. Ва ин хат бо баъзе тағйирот ҳоло ҳам дар истифода аст. Хати ибронӣ аз рост ба чап навишта мешавад. Номи ҳуруфи ибронӣ ба забони ибронии имрӯза чунин аст: алеф, бет, гимал, далет, ҳе, вов, зайн, ҳет, тет, йот, коф, ломед, мем, нун, самех, айн, пе, цаде, қоф, реш, шин ва син, тав. Ин номҳо аз алифбои қадимтарини сомии ғарбӣ, ки хатҳои угаритӣ, финиқӣ, юнонӣ ва ғ. аз он ба миён омадаанд, гирифта шудаанд. Ҳангоми истифодаи хати ибронӣ дар забонҳои сомӣ садонокҳо дар хат истеъмол намешаванд. Дар забонҳои ғайрисомӣ – иди шазабони романии ладино, забони қароимӣ (туркӣ), ки аз хати ибронӣ истифода мебаранд, садонокҳо вуҷуд доранд. Ғайр аз хати мураббаъ, анвои дигари хати ибронӣ аз қабили хати Рашӣ (хати тафсири Таврот ва талмуд, хати райч ё «занона») хати чопии идиши а-ҳои 15–19 хати сефарди (яҳудиёни испания истифода мекарданд), хатҳои Марокашӣ, италиявӣ ва ғ. маълуманд. Дар матнҳои динӣ барои талаффузи дурустро риоя кардан системаи мураккаби аломатҳои китобатӣ, дар хати ибронӣ асосан аломатҳои китобатии европоӣ маъмуланд.

Хати идеографӣ (юн. idea – ғоя, фикр ва графия), навъи хат, ки аломатҳои он ба мисли хати овозӣ ва ҳиҷоӣ на овозҳо ва ҳиҷоҳо, балки калимаҳои яклухт ё қисмҳои маънодори калимаро ифода мекунанд. Хати

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

шумерӣ ва хитоӣ намунаи хати идеографӣ мебошад. Шаклҳои қадимаи хати идеографӣ дар асоси хати тасвирӣ ба вуҷуд омаданд ва аввалҳо зоҳиран аз он фарқе надоштанд. Дар хати тасвирӣ тасвир танҳо предмети конкретиро мефаҳмонад (чашм, пой, хорпушт), дар хати идеографӣ бошад мафҳумҳои муҷаррадро ифода мекунад (чашм – «зиракӣ», «ҳушёрӣ», ду пой – «рафтан», «гардиш», хорпушт – «хасисӣ»). Дар хати ҳозира баъзе ҷузъҳои хати идеографӣ боқист (рақамҳо, формулаҳои математикӣ ва химиявӣ, аломатҳои китобатӣ).

Хати майя, хати яке аз халқҳои сокини Америка (қисми Мексика, Гондурас, Гватемала),ки ҳазораи 1 то м. то а. 16 маданияти боеро ба вуҷуд овардааст. 3 навиштаҷоти калон (ба а-ҳои 12-15 дахл доранд) ва навиштаҷоти зиёде дар рӯи сангҳо ба хати майя боқӣ мондааст. Рамзкушоии хати майя дар оғози солҳои 50 аз тарафи олими советӣ Ю.В.Кнорозов шурӯъ шудааст (с. 1977 вай барои ин кор сазовори Мукофоти давлатии СССР гардид). Вай исбот намуд, ки хати майя иероглифӣ (ниг.: **иероглиф**) мебошад. Он дорои 350 аломат аст, ки чанде аз онҳо калимаҳову морфемаҳо (баъзеашон овозҳои ҷудогона) ва таркибҳои овозиро ифода мекунанд. Барои таъини маънии баъзе аломатҳои хати майя детерминатҳо (аломатҳои таъини маъно) истифода мешаванд.

Хати мехӣ, хаттест, ки ба роҳи дар тахтачаҳои гилин кашидани хатчаҳои мехмонанд ба вуҷуд омада, дар Осиёи Пеш (давлати Шумер) маъмул буд. Он дар асоси хати тасвирӣ (пиктография) пайдо шудааст. Дар натиҷаи инкишофи минбаъдаи хати мехӣ аломатҳо (тасвирҳо) барои ифодаи ҳиҷоҳо истифода мешуданд ва дар ҳамин асос хатҳои ҳиҷоиву калимаӣ (ниг.: **хат**) бамиён омаданд. Самти хати мехӣ дар оғози пайдоишаш амудӣ, аз рост ба чап буд, баъдтар сатр ба сатр (уфуқӣ) аз чап ба рост шуд. Аккадҳо (бобулиён ва ошуриён) дар миёнаи ҳазораи 3 то м. хати мехиро ба забони худ мутобиқ сохта, шумораи аломатҳои онро ба 300 расониданд. Системаи аккадии хати мехӣ берун аз ҳудуди Байнаннаҳрайн интишор ёфт ва ба забонҳои эламӣ, хурритӣ, хеттӣ,

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

урартӣ мутобиқ карда шуд. Ёдгориҳои хати мехӣ дар зарфу ашёи чоркунҷа, панҷкунҷа, тахтасангҳо аз ҳама бештар, тахтачаҳои гилин дар мавзӯъҳои таърихӣ, адабӣ ва ғ. боқӣ мондаанд. Ба хати мехӣ ҳуҷҷатҳо, асарҳои таърихӣ, ҳамосаҳо, луғатҳо, рисолаҳои математикӣ, матнҳои динӣ ва ғ. навишта шудаанд. Навъҳои машҳури хати мехӣ угаритӣ ва эронӣ (форсии қадим) мебошанд. Пас аз рамзкушоии хати мехии форсии қадим солҳои 50 а. 19 хати мехи аккадӣ рамзкушоӣ карда шуд.

Хати мисрӣ, яке аз қадимтарин хатҳои дунёст, ки шаклҳои иероглафӣ, мератикӣ (динӣ, муқаддас) ва демотикӣ дошт. Шакли асосӣ ва қадимтарини хати мехӣ иероглифҳо – аломатҳои тасвири одамон, ҳайвонот, рустаниҳо, биноҳо ва ашёи дигар буданд. Аксар иероглифҳо маҷмӯи ду ё се ҳамсадо – фонограммаҳоро ифода мекарданд. Садонокҳо дар хати иероглифӣ ифода намешуданд. Баробари фонограммаҳо дар хати иероглафӣ идеограммаҳо – аломатҳои ифодакунандаи калимаҳои алоҳида ва мафҳумҳо вуҷуд доштанд. Аз иероглифҳои зиёди хати мехӣ танҳо 700-тоашон серистеъмол буданд. Матнҳои қадимтарини иероглифӣ ба а. 32 то м. навтаринашон ба а. 3 мансубанд. Аз хати иероглифӣ баъдан курсив (хати бо шитоб навишташуда) иератика (хати иератикӣ) ба миён омад. Асрҳои 8-7 то м. зуднавис (курсив)-и нав – демотика пайдо шуд.

Хати монавӣ, хатест, аз он барои сабти осори Монӣ ва пайравони ӯ истифода бурданд. Хатти монавӣ дар асоси хатӣ пальмирии хати оромӣ ба вуҷуд омада, 22 ҳарфи асосӣ ва иловагиро дар бар мегирифт.

Хати паҳлавӣ, як навъи хат, ки дар асоси яке аз шохаҳои хати оромӣ тақрибан дар а. 3 сохта шуда, дар забони форсии миёна (паҳлавӣ), сабти катибаҳо, осори хаттии ин забон истифода мегардид. Хати паҳлавӣ дар аввал дорои 22 аломат буд. Вале баъдтар дар хати зуднавис (курсив) шакли ҳарфҳо ба якдигар монанд шуд ва шумораи онҳо ба 14–15 расид. Дар хати паҳлавӣ инчунин фарқияти байни аломатҳои катибаҳо ва осори хаттии китобӣ ба назар мерасад, ки инро аз ҷадвал мушоҳида намудан мумкин аст. Дар хати паҳлавӣ танҳо садонокҳои дароз ишора мешуданд.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Самти хати паҳлавӣ аз рост ба чап буд. Дар хати паҳлавӣ лигатураҳо (ҳарфҳои васлшуда) ва ҳузвориш ба кор бурда мешуданд.

Хати портӣ, хатест, ки аз он барои сабти осори забони портӣ истифода бурда мешуд. Алифбои портӣ тамоми 22 ҳарфи хати оромиро бо баъзе тағйирот дар бар мегирифт. Шакли ҳарфҳо дар катибаҳои сафолпораҳо,ки аз Нисо, Камис ва Қӯшатеппа ба даст омадаанд, ба хати «империягии оромӣ» (хате, ки давлати Ҳахоманишиён истифода мебурданд, асрҳои 6-3 то м.) монанд мебошанд. Бисёр ҳарфҳо дар навишт шаклҳои гуногун доранд. Хати портӣ ду навъ аст: қадим ва нав. Дар хати порти нав барои фарқи ҳарфҳои d ва r, ки тарзи навишташон як хел аст, дар зери d аломати диакритикӣ мегузоштанд. Дар хати портӣ ҳузворишҳо фаровонанд, ки ба калимасозии хати «империягии оромӣ» дар дабирхонаҳои Ҳахоманишиён мансубанд. Аз давраҳои қадимтар (то Сосониён) осори кам боқӣ мондааст. Навиштаҷоти асосии портӣ дар давраи Сосониён ба миён омадаанд (Катибаи Пайкулӣ, Катибаҳои Шопури 1).

Хати рост, як мафҳуми асосии геометрияро гӯянд. Ҳангоми аз нуқтаи назари геометрия баён кардани ягон ҳодиса хати рост чун як мафҳуми ибтидоӣ истифода мешавад.

Хати суғдӣ, хатест, ки аз он барои сабти осори забони суғдӣ истифода шудааст. Дар асоси хати оромӣ ҳазораи 1 то м. дар Суғди Қадим ихтироъ шуда, 23 аломатро дар бар мегирифт. Нахустин осори он ба а. 1 то м. мансуб аст. Аломатҳои хати суғдиро нахустин бор олими франсавӣ Р.Готьо транслитератсия кардааст. Дар хати суғдӣ аввалҳо ҳарфҳои ба якдигар васлшуда (лигатураҳо) кам буданд, ҳар як ҳарф тарзи навишти ҷудогона дошт ва онҳоро аз якдигар ба осонӣ фарқ кардан мумкин буд. Дар авали садаи 6 «хати сутра» - хати шикастаи номукаммали суғдӣ ташаккул ёфт, ки то а. 10 маъмул буд. Ба ин хат осори дини буддоӣ навишта шудааст. Хати шикастаи мукаммал тақрибан миёнаи асри 8 ба вуҷуд омадааст. Ба он ҳуҷҷатҳои кӯҳи Муғ, катибаҳо аз Афросиёб, Панҷакент, осори динҳои буддоӣ ва насронӣ навишта шудаанд. Дар хати

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

шикаста ҳарфҳои восила зиёдтар истифода гардида, аломатҳоро аз якдигар фарқ кардан мушкилтар аст. Шикастаи мутааххири хати суғдӣ,ки баъзан онро «суғдии уйғурӣ» ва ё «уйгурӣ» мегӯянд, асрҳои 9–11 ташаккул ёфтааст. Дар шикастаи мукаммал ва хати «суғдии уйғурӣ» барои аз якдигар фарқ кардани ҳарфҳо аломатҳои диакритикӣ (нуқтаҳову аломатҳо дар зеру болои ҳарфҳо) маъмул гардидаанд. Истифодаи аломатҳои диакритикӣ ба ихтиёри котибон буд. Ба ғайр аз хати умумисуғдӣ боз ду навъи хати суғдӣ (хатҳои маҳаллӣ) маъмул буд, ки яке аз онҳоро бухоройӣ (навиштаҷоти расмии давлатӣ) ва дигарашро истаравшанӣ (катибаҳои рӯи зарфе аз Мунҷоқтеппа ёфтшуда) номидан мумкин аст. Дар ин ду маҳал ба ғайр аз хатҳои зикршуда хати умумисуғдӣ истеъмол мешуд. Осори маълуму машҳури хати суғдӣ сиккаҳои а. 1 то м., «Номаҳои бостон», порчаи афсона дар бораи рустам, асари буддоии «Весантра-ҷатака», Ҳуҷҷатҳои қалъаи Муғ, катибаҳои Афросиёб, Панҷакент мебошанд.

Хати суриёнӣ, хатест, ки барои сабти осори забони суриёнӣ истифода мегардид. Дар заминаи хати оромӣ пайдо шуда, ба монанди он 22 ҳарфи ҳамсадоро дар бар мегирифт. Дар осори хаттии мансуб ба асрҳои 1-2 ҳарфҳо аз якдигар ҷудо ва равшану хоно навишта шудаанд. Вале баъдтар ҳарфҳои ба якдигар васлшуда зиёдтар гардиданд. Ин тарзи хат махсусан дар дастнависҳо бештар ба назар мерасад. Машҳуртарин шакли хати суриёнӣ эстрангело ё эстрангела мебошад, ки миёнаи ҳазораи 1 маъмул буд. Баъдтар (такр. с. 489) забон ва хати суриёнӣ ба ду шоха – настурӣ ва яъқубӣ (серто) тақсим гардид. Шохаи настурии хати суриёнӣ дар ш.Нисибияи тобеи давлати Форс, шохаи яъқубӣ дар ш.Эдесса мавриди истифода қарор ёфта буданд. Катибаи қадимтарини хати суриёнӣ (рӯи санги мазор) ба с. 73, дастнавис (китоб)-и қадимтарини хати суриёнӣ ба с. 411 мансуб аст. Ба хати суриёнӣ аксар матнҳои суғдии насронӣ (Аҳди ҷадид, дуоҳо, сурудҳои мутантан) ва матнҳои насронии ба забони форсии нав навишташуда боқӣ мондаанд.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Хати тасвирӣ, пиктография, хатест, ки дар он матлабу мақсад дар шакли тасвир ифода мешавад. Аз рӯи аломатҳои хати тасвирӣ, ки аз аксҳои гуногун иборатанд, забонеро надониста, хати онро хондан мумкин аст. Дар хати тасвирӣ аломатҳои шартӣ, рамзӣ мустаъмаланд: тасвири ду дили ба ҳам пайваст – «ишқ», чоркунҷаи дохили доира – «манъи гузар» (дар аломатҳои роҳ) ва ғ. Хати тасвирӣ аз даврaҳои қадим (тақрибан ҳазораҳои 8–6 то м.) маъмул буд. Имрӯз хати тасвирӣ чун воситаи ёрирасони мубодила дар аломатҳои роҳ, лавҳаҳои дӯконҳо, сартарошхонаҳо, устохонаҳо ва ғ. ба назар мерасад.

Хати финиқӣ, як навъ хатест, ки финиқиҳо, карфагенҳо, яҳудиёни қадим ва дигарон дар давлатҳои қадимии Финиқия, Сурия, Фаластин, қисман дар Миср, ҷазираи Кипр Киликия (вилояте дар Осиёи Хурд). Осори хати финиқӣ ба нимаи дуюми ҳазораи 2 то м. – а. 4 то м. мутааллиқанд. Сарчашмаҳои пайдоиши хати финиқӣ пурра таъин нагардидаанд. Ақидаи мӯътабартарин ин аст, ки хати финиқӣ аз хати ҳиҷоӣ ва ё ҳамсадоии канъонии қадим (манбаи бисёр хатҳои Мисри Қадим) пайдо шудааст. Дар хати финиқӣ 22 ҳарфи ҳамсадо вуҷуд дошт. Баъдтар аломатҳо барои ишораи садонокҳои дароз пайдо шуданд. Қариб ҳамаи системаи хатҳои ҳарфию овозӣ, аз ҷумла ду шохаи калони хатҳо – хати юнонӣ ва хати оромӣ, ки манбаи бисёр хатҳои ғарбӣ ва шарқӣ мебошанд, аз хати финиқӣ ибтидо гирифтаанд. Масалан, алифбои арабӣ, ки манбааш хати оромист, аз рӯи ному маънии ҳарфҳо ва қисман аз рӯи шакли онҳо ба хати финиқӣ мутобиқ аст.

Хати форсии қадим, системаи хати ҳиҷоии мехист (ниг.: **хати мехӣ**), ки аз он барои сабти осори забони форсии қадим истифода шудааст. Манбаъҳои пайдоиши хати форсии қадим аниқ муайян нагардидаанд. Ҷиҳати асосие, ки ин хатро ба хатҳои мехии эламӣ ва аккадӣ қаробат додаст, истифода шудани аломати мехмонанд чун унсури хат мебошаду бас. Шоҳ Дорои 1 дар яке аз катибаҳо худро ихтироъкори хати форсии қадим номидааст. Эҳтимоли қавӣ он аст, ки бо фармони Доро дабиронаш

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ин хатро ихтироъ кардаанд. Хати форсии қадим 36 аломат дошт ва аз чап барост навишта мешуд.

Хати шикаста. Ҳамчунин онро хати маъмулӣ мегӯянд. Навъи хат, ки ҳуруфи калимоти он ба ҳам муттасил мешаванд. Дар муқоиса бо дастнавишта, ки ҳуруфи калимоти он аз ҳам ҷудо ҳастанд, мисли хати маъмули дар чоп.

Хаттотӣ, хушнависӣ, санъати хати шевою зебо. Таърихи хушнависӣ таҳаввули хат ва олати асосии китобат қалам (найқалам) сахт марбут аст. Ғар аз аз хушу хуб навиштан ба эҳтирос овардани завқи хонанда, малеҳ ва бадеъ кардани хат буд. Хушнависӣ дар байни баъзе халқҳои Шарқи Наздик дар асоси хати арабӣ интишор ёфтааст. Навъҳои маъмултарини хати гузашта усули шашгона ва ё усули сита: сулс, насх, муҳаққаъ, райҳон, тавқеъ ва рикоъ ҳисоб меёбад, ки асоси ҳамаи он хати кӯфист. Минбаъд аз махлут шудани хатҳои зикршуда хелҳои дигар, аз ҷумла, таълик, настаълиқ, шикаста ва ғ. пайдо шудаанд. Услуби хушнависӣ ба хелҳои хат вобаста аст. Хушнависӣ чун арӯз, бадеъ, қофия ва илмҳои дигари асрҳои миёна қонунҳои махсус, назария ва амалияи худро дошт. Маҷмӯи қоидаҳоеро, ки дар хушнависӣ ҷорӣ ва маъмул буд, қавоиди дувоздаҳгона меномиданд ва он **усул, таркиб, курсӣ, сууд, нузул, нисбат, давр, сатҳ, қувват, заъф, сафо ва нишон** аст.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Ҳ

Ҳамвор шудани гӯйишҳо. Ҳамвор шудани гӯйишҳо ва баробар шудани гӯйишҳо ба маънии муштарак шудан аст. Фароянди коҳиши тафовутҳои байни гӯйишҳо, масалан вақте сухангӯёни гӯйишҳои мутафовут ба ноҳияи ҷадид мераванд ва гӯйиши мавриди истифода дар он макон пас аз муддате ба сурати гӯйиши муштарактар ва роиҷтари онҳо медарояд, ки камтар дорои вижагиҳои хоси гӯйишҳои муҳоҷирин ба он макон аст. Баробар шудани гӯйишҳо фароянди умдаи ташкили гӯйишҳои мухталифи англисӣ назири гӯйишҳои англисии амрикоӣ ва Нюзеланд будааст.

Ҳамгароӣ аз қисматҳои зерин иборати аст: 1. Равандишабеҳ шудани ду ё чанд забон ё чанд гунаи забонӣ ба ҳамдигар. Масалан, агар як гунаи забонӣ эътибор пайдо кунад, дар он сурат гӯяндагони гунаҳои дигар мумкин аст талаффузи худро тағйир диҳанд, то ба гунаи мӯътабар шабоҳати бештаре пайдо кунад ва низ вожаҳо ва сохторҳои дастурии гунаи мӯътабарро бакор баранд. 2. Агар гӯяндагони ду гунаи забонӣ бо ҳам дар حشرو нашр қарор гиранд, масалан бо ҳам ба як минтақа муҳоҷират намоянд, мумкин аст ҳарду гуна тағйир кунанд ва ба ҳам шабоҳати бештаре пайдо кунанд.

Ҳамсадоҳо. Овозҳои ҳар як забонро ба садонокҳою ҳамсадоҳо ҷудо мекунанд. Забоншиносон, тафовути ду гурӯҳи овозҳоро дар се замина: ҳиҷосозӣ, тавлид ва акустикӣ нишон додаанд. Ҳамсадоҳо дар аксари забонҳо, аз ҷумла дар забони тоҷикӣ қобилияти ҳиҷосозӣ надоранд. Аз назари тавлид ҳангоми талаффузи ҳамсадоҳо дар натиҷаи ба ҳамдигар расидан ё наздик шудани узвҳои овозсоз дар ин ё он ҷои дастгоҳи овозсозӣ дар пеши маҷрои ҳаво монеа ба вуҷуд меояд ва ҷараёни ҳаво ба он молиш хӯрда, шавшуви ба ин ё он ҳамсадо хосро ҳосил мекунад. Муҳаққиқони савтшинос миқдори ҳамсадоҳои тоҷикиро иборат аз 24 фонема донистаанд: б, п, м, в, ф, д, т, з, с, ж, ш, ҷ, ч, л, р, н, й, г, қ, ғ, х, к, ҳ, ъ.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Аз рӯйи кори узви фаъол ҳамсадоҳоро ба 4 гурӯҳ ҷудо мекунанд: 1. **Ҳамсадоҳои лабӣ**: б, п, м (лабулабӣ), в, ф (лабудандонӣ). 2. **Ҳамсадоҳои забонӣ** 14 фонемаро дарбар мегиранд:

а) ҳамсадоҳои пешизабонӣ: д, м, з, с, ж, ш, ҷ, ч, р, л, н;

б) ҳамсадоҳои мобайнизабонӣ: й;

в) ҳамсадоҳои бехизабонӣ: г, к.

3. **Ҳамсадоҳои забончагӣ**: ғ, х, қ;

4. **Ҳамсадоҳои ҳалқӣ**: ъ, ҳ.

Аз рӯйи иштироки резонаторҳо ҳамсадоҳои тоҷикиро ба димоғию ғайридимоғӣ ҷудо мекунанд. Ҳамсадоҳои димоғӣ: м, н; ҳамсадоҳои ғайридимоғӣ: б, п, в, ф, д, т, з, с, ж, ш, ғ, х, й, ҷ, ч, л, р, г, к, қ, ҳ, ъ.

Вобаста ба иштироки лаҳн ва шавшув ҳамсадоҳои тоҷикӣ ба се гурӯҳ тақсим мешаванд: а) ҳамсадоҳои лаҳнӣ,ки дар таркиби худ шавшув надоранд: а) р, л, м, н, й; б) ҳамсадоҳои шавшувдор, ки аз лаҳн маҳруманд: п, ф, т, с, ш, ч, к, х, қ, ҳ; в) ҳамсадоҳое, ки аз омезиши шавшув ва лаҳн иборат мебошанд: б, в, д, з, ж, ҷ, г, ғ.

Ба туфайли иштироки шавшув ва лаҳн дар тавлиди ҳамсадоҳо 16 фонемаи ҳамсадои забони тоҷикӣ дар ҳашт ҷуфти фонетикӣ муттаҳид шудаанд: б-п, в-ф, д-т, з-с, ж-ш, ҷ-ч, г-к, ғ-х. Ҳамсадоҳои бечуфтии қ, ъ, х ва лаҳнии м, н, л, р, й ҷуфти мувофиқ надоранд.

Ҳарф. Аломати графикие, ки дар таркиби алифбои ин ё он забон барои ифодаи овозҳои нутқ (фонемаҳо) хизмат мекунад: ҳарфи садонок, ҳарфи ҳамсадо; ҳарфи хурд, ҳарфи калон.

Ҳарфи калон. Ҳарфе, ки аз ҷиҳати шакл, ҳаҷм нисбат ба ҳарфҳои муқаррарӣ фарқ мекунад. Калимаҳои аввали ҷумла, ҳама гуна исмҳои хос бо ҳарфи калон навишта мешаванд.

Ҳарфи мураккаб. Ҳарфе, ки аз як аломат иборат буда, ду овозро ифода мекунад: я (й+а), ё (й+о), ю (й+у).

Ҳарфи сода. Ҳарфе,ки танҳо аз як аломат иборат буда, як овозро ифода мекунад: а, б, в, ғ, д, ж, з.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Ҳарфи таркибӣ. Ҳарфе,ки як овозро ифода намояд ҳам, аз ду ё зиёда аломатҳо ташкил ёфтааст. Чунин ҳарф хоси алифбои баъзе забонҳои олмонӣ ва кавказист: олмонӣ – ch(х), sch(ш), tsh(ч).

Ҳарфи хурд. Ҳамаи ҳарфҳое, ки дорои ҳаҷму шакли ягона буда, пас аз ҳарфҳои калон навишта мешаванд.

Ҳиссаҳои нутқ. Калимаҳо бо маънои луғавии худ, бо категорияҳои грамматикӣ, бо тарзу қолабҳои калимасозии худ ба гурӯҳҳои луғавию грамматикӣ, яъне ба ҳиссаҳои нутқ ҷудо мешаванд. Ҳар як ҳиссаи нутқ дар забони адабии тоҷик маънои луғавии хос, категорияҳои муайяни морфологӣ ва қолабҳои калимасозӣ дошта, вазифаи мушаххаси синтаксисиро адо мекунад. Масалан, исм номи предметро ифода намуда, дорои категорияҳои морфологии шумора, номуайянӣ ва соҳибият мебошад ва дар ҷумла, пеш аз ҳама, ба вазифаи мубтадо ва пуркунанда меояд. Ҳиссаҳои нутқ дар асоси маъно ва вазифаашон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1. Ҳиссаҳои мустақили нутқ. 2. Ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ. Исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл, зарф ҳиссаҳои мустақили нутқ буда, пешоянду пасояндҳо ва пайвандакҳо ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқанд. **Ҳиссаҳои мустақили нутқ** маънои мустақили луғавӣ дошта,предмет, аломат, хосият, ҳолат ва амалро мефаҳмонанд: ҷаҳон, мард, шаҳр, хона, ҷавон, зебо, хом, ман, тез, вай (ӯ), даҳ, сад, панҷум, даҳум, омадан, дидан, омадан, дидан, фуромадан, имрӯз, фардо, оҳиста, қасдан. **Ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ** маънои мустақили луғавӣ надоранд ва муносибати байни падидаю ҳодисаҳои воқеиятро мефаҳмонанд: аз хона омадам, ба ту гуфтам, бародар ва хоҳарам пешвоз гирифтам. Пешоянду пасояндаҳо ва пайвандакҳо ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқанд. Ҳиссачаҳо аз рӯйи ифодаю вазифаашон ба калимаҳои модалӣ шабоҳат доранд ва аз ҷиҳати ифодаи маъною вазифаашон аз пешоянду пасояндҳо ва пайвандакҳо ба куллӣ фарқ мекунанд. Дар асри IV-и пеш аз эраи мо Арасту дар асри IV-и пеш аз милод ҳиссаҳои нутқро ба ном (исм), феъл, аъзо, пайвандак, овозҳои ҷудогона, ҳиҷо ва ҳолат (падеж) ҷудо намудааст. Панини (дар асри V-и пеш аз милод) дар забони санскрит 4 гурӯҳи калимаҳоро зикр намудааст:

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

феъл, пешванд-пешоянд, пайвандакҳо ва ҳиссаҳо. Дар «Ал-китоб», Сибавайҳ ҳиссаҳои нутқро ба исму феълу ҳуруф ҷудо намудааст.

Ҳиссаҳои номии нутқ. Исмҳо, ки номи предмет, шахсу воқеаю ҳодисаҳоянд, сифатҳо,ки номи аломату хусусият ва шумораҳо, ки миқдори предметҳоро бо ададҳо ифода мекунанд, ҳиссаҳои номии нутқанд. Ҷонишин низ ҳиссаи номии нутқ аст, зеро он ба ҷои ҳиссаҳои номии нутқ (исм, сифат, шумора) меояд.

Ҳиссачаҳо. Калимаҳое, ки ба фикру андешаи гуфтор муносибати субъективии гӯяндаро ифода мекунанд. Ҳиссачаҳо барои таъкиду ифодаи тобишҳои гуногуни маъноии калима, ибора ва ҷумла хизмат мекунанд. Онҳо маънои луғавӣ надоранд, вале ҳамчун воситаи луғавии ифодаи муносибатҳои субъективӣ бо воситаҳои грамматикию оҳанги гуфтор кор фармуда мешаванд: Инжинери об шудӣ? – Бале. (Р.Ҷ.); Ту худат хӯрок хӯрдӣ? – Не. (Ф.Н.). Ҳиссачаҳо ба якчанд гурӯҳ ҷудо мешаванд: **Ҳиссачаҳои ишоратӣ**. Ҳиссачаҳое, ки миқдоран кам буда, аз калимаҳои ана, мана, ҳу иборатанд: Ана ин гул, бачаам, «Анбаргул» ном дорад (Р.Ҷ.). Ҳу, дар ёд дорӣ, мо ба хонаи онҳо рафта будем (Ҷ.И.). **Ҳиссачаҳои маҳдудӣ**: фақат, танҳо. Ин ҳиссачаҳо ба калима, ибора ё ҷумла тобиши маҳдудӣ мебахшанд: Танҳо ба модарат гӯй, аммо ба дигар касс нафаҳмон (П.Т.). **Ҳиссачаҳои таъкидӣ**: ҳатто, ҳам, боз. Ин ҳиссачаҳо барои таъкид намудани маънои калима, ибора ё ҷумла ва пурқувват гардонидани таъсири гуфтор хизмат мекунанд: Дигар ба ҳамон хел харҳои муғамбир савор ҳам намешаваму… (Р.Ҷ.). **Ҳиссачаҳои тасдиқӣ**. Ҳиссачаҳои ҳа(ҳо), бале, оре, хуб, хайр маънои тасдиқ ва розигиро ифода менамоянд: – Ҳо, лекин мулк надид, обу замин надид, ки ман ин зӯру қувватамро дар онҳо кор фармоям… (С.У.); Оре, ин хел касон кам нестанд (Ф.Н.). **Ҳиссачаҳои саволӣ**. Ҳиссачаҳои саволӣ яке аз воситаҳои асосии ифодакунандаи пурсишанд: -мӣ, -чӣ, оё, -а, магар, наход, наход ки, на ин ки: Оё ҳамин гапҳо боиси ситеза кардан аст, духтарам? (Ф.Ниёзӣ); Шумо, магар ба ман кор доред? – гуфта пурсид (С.А.). **Ҳиссачаҳои модалӣ-иродавӣ**. Ҳиссачаҳои ин гурӯҳ ба гуфтор тобишҳои гуногуни модалӣ-иродавӣ медиҳанд. Онҳо

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ба иҷрои амал водор кардан, даъват намудан, хоҳишу розигӣ ва ғайраҳоро мефаҳмонанд: Канӣ, Юнусбобо, шумо сар шуда ба хараробa чор-панҷкасӣ шишта рафтан гиред (Ф.Н.); Дадо савғотии ба ман овардагиатон канӣ?... (С.У.).

Ҳиҷо. Дар таҳлили забоншиносӣ ҳадди охирин ва воҳиди хурдтарини таҷзия овози алоҳида фонема мебошад. Аммо дар талаффуз ҳадди охирини таҷзияи нутқи овозӣ ҳиҷост. Масалан, ҷумлаи «Падарам дирӯз омад» дар талаффуз ба порчаҳои овозии па-да-рам – ди-рӯз – о-мад ҷудо мешавад,ки ба воҳидҳои хурдтар тақсим кардани онҳо имконпазир аст. Ҳамин порчаҳои овозӣ ҳиҷо ном доранд. Бинобар ҳамин ҳиҷоро воҳиди хурдтарини талаффуз мегӯянд. Ҳиҷоҳо вобаста ба таркибу хусусиятҳои овозиашон якчанд хел мешаванд. Вобаста ба он, ки ҳиҷо бо садонок тамом мешавад ё бо ҳамсадо ҳиҷоҳоро ба кушодаю баста ҷудо мекунанд. Агар ҳиҷо босадонок тамом шуда бошад (бо-бо, зо-ну, са-да, то-за), онро ҳиҷои кушода ва агар бо ҳамсадо ба охир расад (бод-бон, шоҳ-мот, кор-гар) онро ҳиҷои баста меноманд. Ҳиҷоҳо вобаста ба заданокиашон низ ду навъ мешаванд: заданок ва безада (дор-бóз, до-ниш). Бештарини калимаҳои забони тоҷикӣ аз як ҳиҷои заданок ва аз як ё якчанд ҳиҷоҳои безада таркиб меёбанд: хо-нá, хо-на-ги, хо-на-во-дá. Ҳангоми омӯзиши ҳиҷо зарурати ҳалли ду масъалаи асосӣ пеш меояд: а) ҳиҷосозӣ дар ин ё он забон чӣ тавр сурат мегирад, яъне чӣ тавр ва ба кадом восита овозҳои гуногун дар таркибҳои муайян (масалан, хо-на, хон-дан) муттаҳид шуда, як воҳид-ҳиҷоро ба вуҷуд меоранд; б) ҳиҷоҷудокунӣ бо кадом роҳ амалӣ мегардад, яъне ҳудуди ҳиҷоро дар таркиби ин ё он калима чӣ тавр муайян кардан мумкин аст?

Ҳиҷосозӣ. Аксарияти забоншиносон садонокҳоро воситаи асосии ҳиҷосозӣ медонанд. Дар забони тоҷикӣ садонокҳо дар ҳудуди ҳиҷо истеъмоли озод доранд. Онҳо дар аввал (ор-зу, ар-ча), мобайн (под-шоҳ, сад-барг) ва охир (по-да, хо-на) бе маҳдудият истифода мешаванд.

Ҳиҷоҷудокунӣ. Агар таркиби овозии калима ва морфемаҳои якҳиҷоиро бодиққат аз назар гузаронем, хусусиятҳои зерини таркиби

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

овозии онҳоро ошкор мекунем: а) калима ва морфемаҳои якҳиҷоӣ дар таркиби худ аз як то чор овоз дошта метавонанд: ӯ, бо, бод, барг; б) калимаҳои якҳиҷоӣ аз як овоз иборат шуда метавонанд, вале ин овоз ҳатман садонок аст: ӯ (ҷонишин), о (асоси замони ҳозираи феъли омадан); в) дар калимаҳои якҳиҷоӣ мавҷудияти як овози садонок ҳатмист: ӯ, ба, сад, панд; г) агар калимаҳои якҳиҷоӣ бо ҳамсадо сар шаванд, бо як ҳамсадо оғоз меёбанд: буз, панҷ, дар, зӯр; е) агар калимаҳои якҳиҷоӣ бо ҳамсадо ба охир расанд, бо як ё ду ҳамсадо ба анҷом мепазиранд: сар, мард, дард. Қолабҳои ҳиҷои тоҷикӣ инҳоянд: v, cv, cvc, vcc, cvcc (v – садонокро ва c – ҳамсадоро ифода мекунад).

Ҳол. Ҳол аъзои пайравест, ки ҳолат, аломат, тарз, миқдор, андоза, замон, макон, сабаб, мақсад, шарт, хилоф ва мутобиқати воқеъ гардидани амал, ҳолат, аломати хабар ва гоҳе дигар аъзоҳои ҷумларо эзоҳ медиҳад. Ҳолро аз ҷиҳати маъною вазифааш ба ду хел ҷудо кардан мумкин аст: Ҳоли ифодагари муносибат ва аломат. Ҳоли муносибат замону макон, сабабу мақсад, шарту хилоф ва мутобиқати воқеъ шудан ё нашудани амал, ҳолат ва аломати хабарро ифода мекунад. Ҳоли аломат тарз, ҳолату вазъият, миқдору дараҷаи зоҳиршавии амалу аломати хабар ва аъзоҳои дигари ҷумларо мефаҳмонад. **Ҳоли замон**, ҳангом, ибтидою интиҳои замони воқеъ гардидани амалу ҳолати хабарро мефаҳмонанд ва бо ду навъи алоқа (ҳамроҳӣ, вобастагӣ) ба хабар тобеъ мешавад: Дина ӯ кариби шом бо пуштвораи ҳезум аз кӯҳ фуромада буд ва ҳоло аъзои баданаш зирик-зирик дард мекард (Ҷ.А.). Дар ифодаи муносибати замон пешояндҳои номии **ҳангоми, баъди, баробари, ҳини**, пешояндҳои таркибии **дар вақти, дар ҳангоми, баъд аз, пеш аз, қабл аз**, пасояндҳои **боз, замон** саҳми бештар мегузоранд: Дар вақти саёҳатҳо Аҳмад махдум ба китобат ва таълифот машғул намешуд (С.А.). **Ҳоли макон** ҷой, ибтидою интиҳо, сӯй ва роҳи ҳаракати амалу ҳолати субъектро ифода мекунад ва ба саволҳои **кӯҷо?, аз кӯҷо?, ба кӯҷо?, то кӯҷо?, дар кӯҷо?** Ҷавоб мешавад: Ҳар се бародар берун баромадем (Ф.М.); Насими Талх дар ҳамин қишлоқ зиндагӣ мекунад? (Ҷ.И.). **Ҳоли сабаб**. Ҳоли сабаб бо кадом сабаб воқеъ

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

шудан ё нашудани амалу ҳолати хабарро шарҳ медиҳад ва ба саволи **чаро?, барои чӣ?, аз чӣ сабаб?** ҷавоб мешавад. Ҳоли сабаб бештар бо исм, масдар, сифати феълӣ, ибораҳои исмӣ, масдарӣ ва сифати феълӣ ифода меёбад: Ман аз тарс дар ҷоям шах шуда монда будам (С.У.); Аммо сарам аз фикри бисёру бехобӣ сахт дард мекунад (А.Ш; Ҳ.А.). **Ҳоли мақсад**. Ҳоли мақсад мақсади воқеъ гардидани амалу ҳолатро фаҳмонда, ба саволҳои Барои чӣ?, Бо кадом мақсад? Ҷавоб мешавад. Ҳоли мақсад бештар бо алоқаи вобастагӣ ба хабар алоқаи маъноию грамматикӣ пайдо мекунад. Дар ифодаи он пешояндҳои **барои, ба, бо мақсади, ба умеди, бо нияти** ба кор бурда мешаванд: Ман ба мақсади алавдаргиронӣ зуд як қабза хасу хошок чида овардам (С.У.). **Ҳоли шарт**. Ҳоли шарт бо кадом шарт иҷро шудани амали хабарро мефаҳмонад ва ба саволҳои Ба шарти чӣ?, Бо кадом шарт? Ҷавоб мешавад. Ҳоли шарт бо исм, масдар, сифати феълӣ ифода меёбад: Мо бо иҷозати вай мазаи ангуру меваро мечашидем (С.У.). **Ҳоли хилоф**. Ҳоли хилоф амал, ҳолат ва аломатро ифода мекунад,ки ба содир шудани амалу ҳолат ё аломати хабар танҳо мамониат мекунад. Ҳоли хилоф ба саволҳои Бо вуҷуди чӣ?, Сарфи назар аз чӣ?, Қатъи назар аз чӣ? ҷавоб мешавад: Бо «ҳалво»гуфтан даҳон ширин намешавад (Зарб); Бо вуҷуди ин асп ба хубӣ давид; Азимшоҳ гум шудани ду гӯсфанди худро шунида ҳеҷ изҳори андӯҳ накард (С.А.). **Ҳоли мутобиқат**. Ҳоли мутобиқат бо чунин воситаҳои грамматикӣ ифода меёбад: пешояндҳои гуногуни аслӣ, номӣ, таркибии **бо, ба, мувофиқи, муносиби, дар асоси,** ҷуфти пешоянду пасоянди ба… нигоҳ карда: Аз рӯйи нишондоди роҳбар ҳар рӯз ба чанд майдони пахта… об медиҳам (С.А.). Ҳоли мутобиқат ба саволҳои **мутобиқи чӣ?, аз рӯйи чӣ?, бо чӣ?, назар ба чӣ?, вобаста ба чӣ**?: ҷавоб мешавад. Падарам мувофиқи фармоиши духтур аз як дору чанд қатра ба бинии ӯ чаконд (С.У.). **Ҳоли тарз**. Ҳоли тарз аломат, ҳолат, вазъият, тарзу тариқи воқеъ шудани амал, ҳолат ва аломати хабар ва дигар аъзоҳои ҷумларо мефаҳмонад: Падарам хурсандона ба пешвози ӯ шитофт (С.У.). Пиёда ба он ҷо расидан мумкин набуд (Ҳ.К.). **Ҳоли монандӣ**. Ҳоли монандӣ амал,

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ҳолат ва аломати хабарро ба амалу ҳолат ва ё аломати предмети дигар бо тарзи қиёс ё монандкунӣ эзоҳ медиҳад:

Бихандад лола бар саҳро
Ба сони чеҳраи Лайло.
Бигиряд абр бар гардун
Ба сони дидаи Маҷнун (Рӯдакӣ).

Ҳоли миқдор - ҳоли миқдор такрори амал, миқдори зоҳир шудани ҳолату аломат, фосилаи замон, андозаи масоҳа, ҳаҷм, вазн, арзишро ифода мекунад ва ба саволҳои **Чӣ қадар?, Чанд вақт?** ҷавоб мешавад. Чунончи, такрори амал: Алибатрак ин мурғи фӯлодинро дар Душанбе борҳо дида буд (Ҳ.К.). Фосилаи замон: Акбарамак … даме хомӯш монд (Ҳ.К.). Миқдори масофа: Асп як бист қадам ба дарё рафта буд ки, оби хунук ба пойи ман расид (С.У.). **Ҳоли дараҷа**. Ҳоли дараҷа ба кадом андоза зоҳир шудани амал, ҳолат ва аломатро мефаҳмонад: Вай дар вақти амир камагак зулм накардааст (С.А.). Ҳоли дараҷа бо зарфҳои **хеле, ниҳоят, бағоят, басе, беҳад, андак, қадре, кам, бисёр**, таркибҳои **як андоза, як қадар, то андозае**, шумораҳои **сад, ҳазорон**, сифатҳои **хуб, тоза** ифода меёбад: Садафмоҳ сад пушаймон, ки туро озурдааст (Ҷ.И.); Норбибӣ хориаш омада, хуб гиря кард (Ф.Н.).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Ч

«Чароғи ҳидоят» - фарҳанги мансуб ба донишманд ва фарҳангнависи маъруфи ҳиндӣ Сироҷиддин Алихони Орзу чун ёдгории мӯътабару пураразиши луғатнигории нимаи аввали асри XVIII-и Ҳиндустон аст. Муҳаққиқи тоҷик В.А.Капранов мавқеи ин луғати тафсириро чунин баҳо додааст: «Луғатҳои ифодаҳоро алоҳида қайд кардан лозим аст, ки «Чароғи ҳидоят» ва «Мусталаҳотушшуаро» - и Вораста (асри XVIII) аз ҳамин қабил мебошанд. Дар ин луғатҳо ифодаҳои ҷудогона, ҷумлаҳои мураккаб, ибораҳои маҷозӣ ва, ҳамчунин, калимаҳои ҷудогонае, ки маънои махсусе доранд, шарҳ дода мешаванд». «Чароғи ҳидоят» ҳаҷман хурд бошад ҳам, чун асари лексикографӣ арзиши баланди илмиро соҳиб аст ва ин луғатро баъзан дар таърихи луғатнигорӣ фарҳанги ибораҳои фразеологӣ мешуморанд, зеро дар он қариб 1751 воҳиди фразеологиву идиома ва ибораҳои рехтаи гуногун тавзеҳ ёфтаанд. «Чароғи ҳидоят» монанди «Луғати фурс» - и Асадии Тӯсӣ, «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Бурҳони қотеъ» ва «Баҳори Аҷам» фарҳанги умумии тафсирӣ набуда, фарҳанги калимаву ибораҳои рехтаи ашъори шоирони пешин ва замони луғатсоз (ибтидои асри XVIII) мебошад. «Чароғи ҳидоят» ҳамчун қисмати дуюми фарҳанги «Сироҷуллуғот»-и Орзу, соли 1734-и мелодӣ дар Ҳиндустон дар замони ҳукмравоии Муҳаммад Подшоҳ (солҳои 1720-1750-и мелодӣ) таълиф шудааст. Фарҳанги мазкур 433 ибораҳои озоди синтаксисиро тафсир менамояд, ки 235-то ин калимаҳо дар забони муосири тоҷикӣ корбаст мешаванд. Ҳамчунин дар луғат 127 калимаи мухталиф тафсир шудаанд, ки аксарашон аз истеъмол баромадаанд. Дар сохтани ин гуна калимаҳо пасвандҳои **–ӣ, -а, -ина, -ан, -бон, -гар, -гоҳ** ва пешвандҳои **бар-, бе-, но-, ҳам-** ба кор рафтаанд ва ин пасвандҳо дар калимасозии забони муосири тоҷикӣ истеъмол мешаванд.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Ҷ

Ҷойивазкунӣ (ё қалб – бо истилоҳи пешина). Падидаи овозие,ки туфайли он ду овози ҳамсоя ҷойи ҳамдигарро мегиранд. Ҷойивазкунии фонемаҳо низ дар натиҷаи ҳамнишинии фонемаҳо ба амал меояд ва ба содаву осон кардани талаффуз вобаста аст. Агар дар ҳамнишинии дугона талаффузи аъзои якум нисбат ба дуюм душвортар бошад, аввал фонемаи дуюм, ки талаффузаш осонтар аст, талаффуз мешавад, баъд фонемаи дуюм талаффуз мешавад. Масалан, дар ҳамнишинии бр, фҳ, фл, зр, фв барои осон кардани ҷараёни овозсозӣ аввал фонемаи (ҳамсадои) дуюм, баъд фонемаи якум талаффуз мешавад: тӯбра-тӯрба, сафҳа-саҳфа (ё саҳифа бо афзоиши садоноки и), қуфл-қулф, афв-авф. Ҷойивазкунии фонемаҳо ду навъ аст: таърихӣ ва муосир: а) ҷойивазкунии таърихӣ дар давраҳои пешинаи инкишофи забон сурат мегирад ва тадриҷан ба меъёри забон дохил мешавад ва шакли (талаффузи)аслии калимаро танг карда, ҷойи онро мегирад. Калимаҳои **қулф, кифт, сурфа, маҳсӣ, авф** дар асл дар шакли **қуфл, китф, суфра, масҳӣ, афв** будаанд, вале дар натиҷаи ҷойивазкунии фонемаҳои ҳамнишин тадриҷан мустақилият пайдо карда, шакли имрӯзаро гирифтаанд; б) дар ҷойивазкунии муосир падида ҳанӯз зинда аст ва хоси нутқи гуфтугӯист. Дар ин маврид ҳар ду навъи талаффуз ба таври мувозӣ вуҷуд дошта метавонад: ҳалво-ҳавло, дарё-дайро, ҷумъа-ҷуъма, ҷамъ-ҷаъм. Ҷойивазкунӣ дар забони тоҷикӣ хоси ҳамсадоҳост.

Ҷонишин. Ҷонишинҳо ҳамчун ҳиссаи мустақилмаънои нутқ ба предметҳо, аломату миқдори онҳо далолат намуда, бо исму сифату шумора чанд хусусияти якхелаи морфологӣ ва синтаксисӣ доранд: Пагоҳ ӯ, Саидбек мебоист ба Сочак мерафт… (Ф.М.). Ту хавотир нашав. Ба мо ҳеҷ гап намешавад (Р.Ҷ.). **Ҷонишинҳои ҳамнисбати исмҳо**. Калимаҳои маънои умумии предметӣ дошта: ҳамаи ҷонишинҳои шахсӣ (**ман, мо, ту, шумо, ӯ, вай, онҳо**), ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ (**худ, хештан, хеш**), ҷонишинҳои манфӣ (**ҳеҷ кӣ, ҳеҷ чӣ, ҳеҷ кас**), ҷонишинҳои таъинӣ (**ҳама, ҳар кӣ, ҳарчӣ, ҳар кас**), ҷонишинҳои саволӣ (**кӣ?, киҳо?, чиҳо?**). Дар ҷумла ҳамаи онҳо мисли исмҳо мубтадову пуркунанда ва муайянкунанда

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

мешаванд ва мисли исмҳо бо дигар калимаҳо робитаи синтаксисӣ пайдо мекунанд: Ман модарамро фақат як бор дидаам… (Ф.Н.). Кӣ омад? Вай чӣ овард. Ман онҳоро дидаам (С.А.). **Ҷонишинҳои ҳамнисбати сифатҳо**. Калимаҳое, ки дорои маънои умумии аломату сифатанд. Ба ин гурӯҳ ҷонишинҳои ишоратӣ (**ин гуна, ин хел, ҳамин гуна, ҳамин хел, он гуна, он хел, ҳамон хел**), ҷонишинҳои саволӣ (**чӣ гуна?, чӣ тавр?, чӣ хел?**), ҷонишинҳои манфӣ (**ҳеҷ гуна**), ҷонишинҳои таъинӣ (**ҳама гуна, ҳар гуна**) мансуб аст. Ин гуна ҷонишинҳо ба мисли сифатҳо дар ҷумла муайянкунандаи исм ё ҳоли ҷумла шуда меоянд: Аммо ҳеҷ кадоми ин гуна хабарҳо ба азму иродаи Темурмалик футур нарасонид (С.А.). **Ҷонишинҳои ҳамнисбати шумора**. Калимаҳои дорои маънои умумии миқдор: ҷонишинҳои саволӣ (**чанд?, чӣ қадар?**), ҷонишинҳои ишоратӣ (**ҳамон қадар, ҳамин қадар, чӣ қадар?, ин қадар, он қадар**),ҷонишинҳои номуайян (**чандин, якчанд**). Ҳамаи онҳо чун шумораҳо пеш аз исм омада, муайянкунандаи он мебошанд ва бо исм дар таркиби як ибораи ҷудонопазир, мубтадо, пуркунанда ё ҳол шуда меоянд: … Ҷалолиддин … ба муқобили муғулони бисёр чандин бор ҷангҳои мардонаи ғолибона карда душманро шикаст дод (С.А.). **Ҷонишинҳои шахсӣ**. Ҷонишинҳое, ки ба се шахс далолат мекунанд: **ман** – шахси гӯянда, **ту** ҳамсӯҳбати ӯ, **ӯ, онҳо (онон)**, ки дар сӯҳбат иштирок надоранд. Ҷонишинҳои шахсӣ аломатҳои мушаххаси морфологӣ доранд. Ҷонишинҳои **ман, ту** шакли ҷамъ надоранд. Аз ҷонишини шахсии **ман** ҳангоми бо пасоянди **-ро** омаданаш ҳамсадои **н** ҳазф мешавад:

Маро бисуду фурӯ рехт ҳар он чи дандон буд,
Набуд дандон, ло бал чароғи тобон буд (Рӯдакӣ).

Ҷонишини **ман** мисли исмҳо бо ёрии бандаки изофӣ бо сифату сифатҳои феълӣ робитаи синтаксисӣ пайдо намуда, соҳиби муайянкунанда мешавад: мани бечора (фақир, бенаво, бедармон, мӯйсафед): Ба мани шӯрбахт раҳм кунед (С.У.). Дили мани кӯдакро ба худ ҷалб намуд (Ҳ.К.). Баъзан ҷонишинҳои шахсӣ артикли номуайянии **-е**-ро мегиранд: Чунон мардеро пеши чун мане чаро дурӯғ бояд гуфт (У.К.). Дар

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

муколама **мо** ба ҷои **ман** ба кор меравад: Ҳеҷ касро шарик нагирам, туро шарик мегирам, охир мову ту ошнои дерина-ку (С.У.). Дар услуби илмӣ дар ифодаи фурӯтанӣ ба ҷои ҷонишини **ман** ҷонишини **мо**-ро ба кор мебаранд. Шакли ҷамъи ҷонишинҳои шахси сеюм аз шакли танҳо бо ёрии пасвандҳои шаклсози **-ҳо, -он** сохта мешавад: Аз маҳбусон ононе, ки ба ҷавонбухориён робита надоштанд, ба хонаи худ рафтанд. Дар миёни онҳо касоне буданд… (С.А.). Баъзан дар гуфтугӯ ва дар осори адибон калимаҳои фақир, камина, банда барои ифода ва риояи одобу эҳтиром, ба ҷои **ман** истифода мешавад: Мири қушбегӣ хостанд, ки фақир ба он кас наздик бошам (С.А.). Камина… ҳам он ҷо будам (Ф.М.). **Ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ**. Ҷонишинҳое, ки муносибати шахсро ба худаш мефаҳмонад. Чунин ҷонишинҳо бо бандакҷонишинҳои соҳибии шахсӣ низ омада метавонад: худ+ам(-он), худ+ам(-он), худ+ат(-он), худ+аш(-он). Мисол: Худам медонам. Аз паи вай худатон ҳам зудтар биёед (С.А.). Калимаҳои **хеш, хештан** муродифи ҷонишини **худ** мебошанд ва бештар дар назм истеъмол мешаванд:

Хешро мебинам акнун боз дар оғӯши ӯ,
Боз мехонам суруди тозае дар гӯши ӯ (М.Т.).

Ҷонишинҳои саволӣ. Ҷонишинҳое, ки барои пурсидани шахс (**ки?, киҳо?**), предметҳо (**чӣ?, чиҳо?**), аломати онҳо (**чӣ гуна?, чӣ хел?**), миқдору тартиби предметҳо (**чанд?, чӣ қадар?, чандум?**) ба кор бурда мешавад: Аз кӣ ва чӣ гуна сирро фаҳмидӣ (С.А.); Бигӯ, ки дар куҷоҳо будӣ, чӣ дидию чӣ шунидӣ (Р.Ҷ.). Ҷонишини **кӣ? киҳо?** танҳо барои пурсидани одамон ва ҷонишини **чӣ?, чиҳо?** барои пурсидани ҳамаи предметҳои дигар хизмат мекунанд: ***Кӣ киро дил дод, дил аз кӣ бурд? Кӣ чӣ сон бо кӣ хонаву дар кард? (М.Т.).*** Ҷонишинҳои **чӣ хел?, чӣ гуна?, чӣ тавр?** Баъзан ба маънои таҳсин ва аломати номуайян меоянд: Чӣ тавр нағз, чӣ тавр форам аст ин!... (Ҷ.И.). Ҷонишинҳои саволии **чӣ қадар?, чанд?, чандум?** барои пурсидани миқдори предметҳо ва тартиби онҳо ё дараҷаи аломат хизмат мекунанд: Чанд китоб харидед? Дар ошёнаи чандум зиндагӣ мекунед? Дар Тошканд чӣ қадар пул кор кардед? (С.У.). **Ҷонишинҳои ишоратӣ**. Ҷонишинҳое, ки ба

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

предметҳо (**ин, ҳамин, он, ҳамон**), ба аломати онҳо (**ин гуна, он гуна, ҳамин гуна, ин (ҳамин), он (ҳамон) хел**), миқдори предметҳо (**ин қадар, ҳамин қадар, он (ҳамон) қадар**) ишорат мекунанд: Ана, ҳаминҳо буданд гули сари сабади маҷлис (С.А.); Дар байни ин гуна махдумон… донишмандон кам ёфт мешуданд (Р.Ҷ.); Аз ҳамин қадар давлату ҳашамат магар ҳаққи ман ҳаминак мешавад? (С.А.). **Ҷонишинҳои таъинӣ**: **ҳама, ҳар** (**ҳар кӣ, ҳар чӣ, ҳар кадом, ҳар як**). Ҷонишини **ҳама** тамоми предмет ё ҳамаи ҳодисаро дар бар мегирад: Ҳамаашон омаданд. Ҳама дар андеша ва ҳама дар фикру мулоҳиза (С.А.). Ин ҷонишин дар осори хаттии пешинагон дар шакли **ҳамагон** низ дида мешавад: Ҳама чиз ҳамагон донанд ва ҳамагон ҳанӯз аз модар назодаанд (Унсурулмаолӣ). Ҷонишини **ҳар** бо исмҳои **гуна, хел, навъ** омада, гуногунии сифату аломати предметҳоро далолат мекунанд: … оби ин ҳар гуна иллатро барҳам медиҳад (С.А.). **Ҷонишинҳои номуайян**. Ҷонишинҳое, ба шахсу аломатҳои номуайян ва миқдори номуайяни предметҳо далолат мекунад: **фалон, фалонӣ, биҳмадон, бисмадонӣ, баъзе, ягон, кадом як, чанде, чандин, ким-чӣ, ким-кӣ**. Ҷонишинҳои **ким-кӣ, фалонӣ** шахси номуайянро далолат мекунанд. Ҷонишинҳои **баъзе, ягон, кадом як, фалон, ким-кадом** ҳам шахс ва ҳам предметҳои номуайянро далолат мекунанд: Фалонӣ аз фалон гузар (ё аз фалон деҳа) амри хайр доштааст… (С.А.)…. Аз ким-кадом анбор биринҷ ё мош гирифта меоварданд… (С.У.). Ҷонишинҳои **ким-чӣ гуна, ким-чӣ хел, ким-чӣ тавр** ба аломати номуайяни предмет далолат мекунанд: Нуралӣ ва Каримов баъд аз он ким-чӣ гуна мубоҳисае сар карданд (С.У.). Ҷонишинҳои **чанд, чанде, якчанд, чандин** ба миқдори номуайяни предмет далолат мекунанд: Чанде аз деҳқонбачагон ҳам шабҳо дар пеши мо хобиданд (С.А.). **Ҷонишинҳои муштарак**. Ҷонишинҳое, ки далолат мекунанд, ки амал ба ду тараф равона шудааст (**ҳамдигар, якдигар, ҳам**): Мо миёни ҳамдигарамонро маҳкам гирифта … баъзе касон бо ҳам пичиррос мезаданд… (С.У.).

Ҷонишиншавии ҳиссаҳои дигари нутқ. Дар забони тоҷикӣ бисёр калимаҳо, бештар сифатҳо (**банда, фақир, раҳматӣ, марҳум, мазкур**), баъзе

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

исмҳо (**домулло, камина, ҳазрат, ҷаноб, рафиқ**) ҳамчун ҷонишин ба ҷои исмҳо, сифатҳо кор фармуда мешаванд (рафиқи дерина, китоби мазкур); Раҳматӣ дар бозгашти сафари Ҳаҷ ба Кашмир ном шаҳр расида… (С.А.); Банда ба хотири ҷанобашон расонам, ки … (Ф.М.).

Ҷузъи номии хабари таркибӣ (аъзои предикативии ҷумла). Ҷузъе, ки маънои асосии хабари таркибиро ифода мекунад. дар ин вазифа ҳамаи ҳиссаҳои номии нутқ ва шаклҳои ғайритасрифии феъл, инчунин ибораҳои фразеологӣ омада метавонанд.Ниг.: **хабари номӣ**.

Ҷумла. Воҳиди муҳимтарини забон аст, ки фикрро ифода мекунад ва аз калимаю ибора ташкил меёбад. Калимаҳои мустақилмаъно дар сохтори ҷумла ва ифодаи фикр нақши бузург доранд, ки бо ҳамдигар алоқаманд шуда, ибора месозанд. Калимаҳо бо якдигар алоқаи маъноӣ ва грамматикӣ пайдо намуда, ибора ва ҷумла месозанд. Тафовути ҷумларо аз ибора академик В.В.Виноградов дар он мебинад, ки ибора воҳиди номинативии (номбаркунандаи) забон аст, аммо ҷумла,ки ба ифодаи фикр қодир аст, воҳиди иртиботӣ (коммуникативӣ) ба шумор меравад. Ҳиссаҳои ёвари нутқ аъзои ҷумла намешаванд, аммо дар ташаккули ҷумла саҳми калон мегузоранд. Пешоянду пасояндҳо ва пайвандакҳо дар забон дар қиёси калимаҳои дигар чандон зиёд набошанд ҳам, дар алоқаи грамматикии калимаю ибораҳои таркиби ҷумлаҳои сода вазифаҳои басо муҳимро адо мекунанд. Калимаҳои модалӣ, ҳиссача ва нидоҳо бештар дар ифодаи тобишҳои маъноӣ ва муносибатҳои субъективона, ҳисиёту эҳсосоти гӯянда истифода мешаванд. Ҷумла ҳамчун воҳиди асосии наҳвӣ дорои маъно ва шакли грамматикӣ аст. Маънои грамматикии ҷумла ифода муносибати предикативиест, ки ба воқеъ шудани амалу ҳолати ҷумла далолат менамояд. Вобастагии мундариҷаи ҷумларо ба воқеият, ки бо шаклҳои грамматикӣ ифода ёфтааст, муносибати предикативӣ меноманд, ки он ба василаи се категорияи грамматикӣ: модалият, замон ва шахс зуҳур мекунад. Категорияи модалият реалӣ ва ғайриреалӣ будани воқеияти мундариҷаи ҷумларо бо тобишҳои гуногуни имконпазирӣ ё имконнопазирӣ, эътимод ё нобоварӣ, зарурат ва ғайра ифода мекунад. Ин

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

категория бо воситаҳои грамматикии сиға ва шаклҳои замонии феъл, калимаҳои модалӣ, воҳидҳои туфайлии **шояд, шояд ки, эҳтимол, эҳтимол аст ки, аз эҳтимол дур нест, ки, бояд ки, лозим аст ки, зарур аст ки, мумкин аст ки, бешак** ва оҳанг ифода меёбад. Ҷумлаҳо маъно ва аломатҳои умумию фардӣ доранд. Ҷумла дорои ду унсур аст: унсурҳои доимӣ ва тағйирёбанда. Шаклҳои калима, бандакҳои изофӣ, феълӣ ва хабарӣ, пешоянду пасояндҳо, пайвандакҳо, калимаҳои модалӣ унсурҳои доимии ҷумлаанд. Калима, таркиб ва ибораҳое,ки ба вазифаи аъзоҳои ҷумла омада, мафҳумҳои ҷудогона ё мураккабро ифода намуда, мундариҷаи асосии фикрро дар бар мегиранд, унсурҳои тағйирёбанда ба шумор мераванд. Унсурҳои доимӣ, инчунин оҳанг ва таркиби калима шакли ҷумларо, муносибати предикативӣ мазмуни асосии онро ташкил медиҳад. Сохтори ҷумла маҳз дар заминаи ҳамин унсурҳои доимӣ пойдор мегардад.

Ҷумлаи амрӣ. Ҷумлае, ки майл, хоҳиш, ният, арзу водоркунӣ, фармон, илтимос ва амсоли инҳоро ифода намуда, бештар ба шунаванда – шахси дуюми танҳо ва ҷамъ нигаронида мешавад. Дар ҷумлаҳои амрӣ тобишҳои зерини маъноӣ ифода меёбанд: а) амру фармон: – Нагурезед, сабр кунед, – гуфт. – Хабар доред, ки тирпарронанда занак будааст? (Ҳ.К.); б) супориш: – Ту зуд ба қишлоқат рав, аз ҷамоат дар хусуси камбағалиат як справка биёр (Ҳ.К.); в) фармоиш: – Духтаракам, сандуқро кушода, бӯхчаи шолдорро гир, – гуфт (Ҳ.К.); г) хоҳиш, илтимос: – Аҳмад, ту падарам, ту модарам ҳастӣ. Ба ҳаққи парвардигор, ягон хӯроки дуруст карда те (Ҳ.К.); ғ) зорӣ, тавалло, илтиҷо: – Ӯй амак! Маро халос кунед, охир (С.А.). Дар ҷумлаҳои амрӣ воситаи асосии ифодаи ин маъноҳо сиғаи амрӣ ба шумор меравад. Хабари ҷумлаҳои амрӣ бештар бо ҳамин шакли феъл ифода меёбад. Баъзан шаклҳои гуногуни замонии сиғаҳои дигар низ ин вазифаро иҷро мекунанд: – Навбати рафиқ Маллаев, тайёр бошад рафиқ Паллаев (Ф.М.). Водор кардани мусоҳиб ба амале бо ёрии ҷумлаи саволии риторикӣ низ ифода меёбад: – Чӣ, охир, ҳамаатон якбора маро наҳ зада мондед? А? О, ба машинаи ман кори шумо чӣ? (Ҷ.А.).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Ҷумлаи ба аъзоҳо ҷудонашаванда. Ҷумлае, ки сараъзоҳояш бо ибораҳои фразеологӣ ифода ёфтааст. Чунин ҷумлаҳо ҳангоми таҳлили синтаксисӣ ба аъзоҳои ҷудогона тақсим намешаванд: Аз охури баланд ем хӯрда, дасташро ба оби хунук назадааст (Р.Ҷ.); Пеш аз тӯй нағора назан, Шодӣ (Ҷ.И.).

Ҷумлаи бехабар. Чунин ҷумлаҳо асосан ба ду навъ ҷудо мешаванд: 1. Ҷумлаи яктаркибае, ки хусусияти унвонӣ дошта, хабар надорад. 2. Ҷумлаи нопурра, ки хабари он вобаста ба шароити нутқ зикр наёфтааст: – Ҳа, Файзӣ? – Ба пахтачинӣ, – ҷавоб дод Ҷаббор (П.Т.).

Ҷумлаи бешахс. Ҷумлаи содаи яктаркибаи бемубтадое, ки ҷузъи асосии хабари он ба воситаи шахси сеюми танҳо ифода ёфта, феъли боистан (бояд) ҷузъи ёридиҳандаи онро ташкил медиҳад. Ин ҷумлаҳо амалеро мефаҳмонанд,ки иҷро шудани он зарур, лозим, мумкин, имконпазир ё баръакс, нодаркор, номумкин ва имконнопазир аст: Ба Фаттоҳ бо забони махсус гуфтугӯ бояд кард (Ф.М.). Баъд аз ғалладаравӣ,алафдаравӣ ҳам якчанд кас фиристодан зарур аст (А.Д.). Ба ҳар овози баланду ҷуссаи қавӣ бовар набояд кард (Зарб). Хабари ҷумлаи бешахс ҳамеша таркибӣ мешавад ва бо масдару феълҳои бешахси боистан, шоистан, тавонистан, шудан ва калимаҳои модалии лозим, зарур, даркор, мумкин ифода мегардад. Феъли **бояд** дар шаклҳои **набояд, намебояд, боист** низ меояд: Озмударо набояд озмуд (Зарб.). Ин нуктаро ҳам набояд фаромӯш кард (С.А.). Воқифи вақти хеш мебояд буд (Панд). Ҷумлаи бешахс дар қолаби саволӣ низ истифода мешавад: Пас, чӣ бояд кард? – пурсид Ҳайдарқул (Ҷ.И.). Ҷумлаҳои унвонӣ ба гурӯҳи ҷумлаҳои содаи яктаркибаи номӣ дохил мешаванд. Онҳо аз лиҳози мазмун, маъною шакли грамматикӣ, сохтори наҳвиашон аз ҷумлаҳои дигар фарқ мекунанд ва бештар хусусияти тасвирӣ доранд. Дар ифодаи **замон**: Аввалҳои зимистон. Декабр. Ҳаво на хунуки хунук, на гарми гарм (Ҳ.К.). Дар ифодаи **макон**: Чашмасор. Шумо гумон накунед, ки ҳар кадоми чашмаҳои дар ин чашмасор буда ба қадре сероб аст… (С.А.). Ифодаи **ҳодисаҳои табиат**: Лой. Шалп-шалпи садои пой шунида мешуд (Ҳ.К.). Ҷумлаҳои унвонӣ аз

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ҷиҳати сохтор хуллас ва тафсилӣ мешаванд. Дар ҷумлаҳои унвонии тафсилӣ исм ба вазифаи ҷузъи асосӣ омада, бо бандаки изофӣ муайянкунандаро ба худ тобеъ мекунад: Давраи ҷавонӣ, даштҳои васеи Украина, ҷангалзорҳо, оби дарёча, моҳидорӣ. Дар аввали ҷанги ҷаҳон мурдани падар, нолиши модар, гиряи ӯ ва бародари хурдаш, баъд батракӣ. Ибораҳои масдарӣ ҳам бо алоқаҳои изофию вобастагӣ калимаҳоро ба худ тобеъ намуда, дар матн ба вазифаи ҷумлаҳои унвонӣ омада метавонанд. Дар ташаккули ҷумлаҳои унвонӣ се омили асосӣ: ифодаи воқеият (ё муносибати предикативӣ), мақоми мустақил пайдо намудани исм ё масдар (ибораҳои исмию масдарӣ) ва дорои оҳанг ҷумла гардидани онҳо нақши муҳим мегузорад. Ҷумлаҳои бешахс дар маънои хабарҳое, ки танҳо ҳолатро мефаҳмонанд, низ ифода меёбанд: Торик буд. Равшан гашт. Сафед шуд. Ҷумлаҳои бешахс қатъияти иҷрои амалро ба таври умумӣ мефаҳмонанд:

Гуфт рассом: – Аз ту чун тасвир мебояд кашид?

Гуфтамаш: – Дар шӯъла як шамшер мебояд кашид (А.Л.).

Инчунин зарурати иҷрои амалро вобаста ба ҳолати объект ифода мекунанд: Беморро сиҳат кардан лозим (С.А.).

Ҷумлаи вокативӣ (Ҷумлаҳои муроҷиатӣ-мухотабӣ). Ҷумлаҳои якторкибае, ки дар онҳо аъзои асосӣ номи шахс буда, гӯянда ба он муроҷиат кардааст. Баробари номбар кардани номи шунаванда, гӯянда бо ёрии интонатсия маъноҳои гуногун ва ҳиссиёту эҳсосоти худро (водоркунӣ, тарс, нафрат, хурсандӣ, ҳаяҷон ва ғайра)-ро ифода мекунад: Намедонам. Не, ба ҷойи Пӯлод маро кушед! Маро кушед! Золимҳо! Хунхӯрҳо! (Ҳ.К.).

Ҷумлаи иловагӣ. Ҷумлаҳое, ки ба матни асосӣ чун воситаи ёрирасон барои равшан шудани мақсад илова карда мешавад. Чунин ҷумлаҳо хусусияти истисноӣ дошта, онҳоро аз матн фурӯгузор кардан ҳам мумкин аст: Дар тарафи ман додарам Сироҷиддин (дар соли 1918 аз тарафи амир кушта шуд) ва Мирзо Назрулло (ин дар соли 1917 дар қатори ман дастгир шуда, дар як хона бо ман ҳабс гардид ва бо ман дар як ҷо 75 чӯб зада шуд

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ва дар рӯзи саввум бо зарбаи ин чӯбҳо дар беморхона мурд) монданд (С.А.).

Ҷумлаи инкорӣ. Ҷумлаи яктаркибае, ки барои инкори фикри гуфташуда хизмат мекунад. Ин навъ ҷумлаҳо, одатан, ба воситаи ҳиссачаҳои инкории **не (на)**, ҳисачаи модалии **ҳаргиз** ифода мешаванд: Ту кистӣ, раис ҳастӣ? – пурсид шофёри калон. – Не. (С.У.); – Ту ӯро ягон бор дидаӣ? – Ҳаргиз! Ҷумлаҳои инкорӣ дар қолаби ҷумлаҳои нопурра ба воситаи ҷонишинҳои инкорӣ (**ҳеҷ, ҳеҷ кас, ҳеҷ чиз**); феъли инкории **нест** низ ифода меёбанд: – Ҳамсоя, мабодо-ку намак надоред? – Нест! (П.Т.); – Дар назди ту ҳоло кӣ буд? – Ҳеҷ кас! (С.А.). Фалонӣ имсол даҳ токӣ ғалла коштааст, бисмадонӣ понздаҳ токӣ… (С.У.); Ин ҳикоя аз фалону беҳмадон (Ф.М.).

Ҷумлаи масдарӣ. Ҷумлаи яктаркибае, ки сараъзои он бо масдар ифода ёфтааст. Ин навъ ҷумлаҳо бештар барои ифодаи маъноҳои яклухти амалу ҳолат ё водоркунӣ ва ё тааҷҷуб кор фармуда мешаванд. Бештарини мақолу зарбулмасалҳо дар қолаби ҷумлаҳои масдарӣ меоянд: Омадан бо иродат, рафтан бо иҷозат; аз хурдон гуноҳ кардан, аз калонон бахшидан; аз пир гуфтан, аз ҷавон шунидан.

Ҷумлаи муайяншахс. Ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахс ба гурӯҳи ҷумлаҳои яктаркибаи бемубтадо дохил мешаванд,вале аз онҳо фарқ мекунанд, зеро дар ин гурӯҳ ҷумлаҳо аз рӯйи хабари ҷумла иҷрокунандаи амалро пайдо кардан душвор нест. Хабари ҷумлаи содаи муайяншахс маъмулан ба шахси якуму дуюм далолат мекунад: Бо нишондоди падарам дар замин пору ва хокҳои пӯсида рехтам ва боз як бори дигар каландгардон карда поруҳоро ба хок омехтам (С.А.). Ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахс аз рӯйи хабари ҷумла ва ифодаи он муайян карда мешавад. Ба вазифаи хабари ҷумлаҳои яктаркибаи муайяншахс ҳамаи шаклу намудҳои сиғаи хабарӣ дар ҳамаи замонҳо омада метавонанд: Аспамро дар пушти Дарвоза баста даромадам (С.У.). Сиғаи амрӣ дар ифодаи хабари ҷумлаи яктаркибаи муайяншахс бештар меояд. Ин гуна ҷумлаҳо ба маънои амру фармон, орзую хоҳиш, таъкиду

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

муроҷиат меоянд: То омадани ман баногоҳ рафта намон (Р.Ҷ.). Бо сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ: – Ғами ин дунёро фаромӯш кунам? (Ф.Н.). Бо сиғаи эҳтимолӣ: Пешакӣ ягон номи аҷоибро ҳам ёфта мондагист? (Ф.М.). Ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахс аз ҷиҳати ифодаи марому мақсад ҳикоягӣ, саволӣ, амрӣ ва хитобӣ мешаванд: – Ба лаби дарёи Сир баромадам (Р.Ҷ.). – Инҳоро аз куҷо пайдо кардед? (Ф.Н.).Ана акнун корро аз мо бинед! – Хуб, тамошо мекунем (Ҷ.И.). Ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс дар шаклгирии ҷумлаҳои мураккаб, ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб ва омехта низ саҳм дорад: Дар берун муовин – мудири музей марҳаматбонуро дида мондам, ки бо ман шиноси кӯҳна буд (Ҷ.И.).

Ҷумлаи мураккаб. Ҷумлаи мураккаб дар ташаккул ва ифодаи фикру андеша саҳми муҳим дорад. Ҷумлаи мураккаб аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои сода ташкил ёфта, дорои ягонагии маъно, сохт ва оҳанг мебошад. Ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаб аз ҷиҳати иштироки сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрав, тартиби калимаҳо, алоқаю робитаи грамматикию маъноии ҷузъҳо, хусусияти предикативию модалӣ аз ҷумлаҳои ҷудогонаи мустақил фарқ намекунанд. Ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаб аз ҷиҳати маъно ва сохти грамматикӣ бо ҳам умумият доранд ва бо ёрии воситаҳои грамматикии пайвандакҳо, калимаҳои ҳамнисбат, воҳидҳои ишоратӣ, мутобиқати шаклҳои феълии хабари ҷумлаҳо, воситаҳои гуногуни луғавӣ ва оҳанги ягона сурат мегирад: 1. **Оҳанг**. Модар ва духтар дар поёни хона нишаста ғӯзакашӣ мекарданду Дилбар модарашро ба коре тарғиб менамуд (Ҷ.И.). 2. **Пайвандакҳо**. Тадбири андешаи ман ин аст, ки бо одамони худ аз ҳамон роҳ рафта, аз деҳаи Ширинӣён гузашта, аз пушти онҳо мебароям (С.А.). 3. **Калимаҳои ҳамнисбат**: Кори кардагиашон ҳамин шуд: ба гурехтан маҷбур шуданд (С.У.). 4. **Тартиби калима**: Қомати ин одам аз миён баландтар буда, баданаш чунин пуропур буд, ки ба назари кас кӯтоҳқад менамуд (С.А.). 5. **Таносубу муносибати замонии феълӣ-хабар**: Ӯ соли гузашта ба шаҳр фуромада, ба хонаи Пӯлод сар халонда буд, то ки ӯро бинад ва дар он ҷо одамон ба вай ёрӣ расонанд (Р.Ҷ.). Ҷумлаҳои мураккаб аз рӯйи сохт,

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

алоқаи грамматикӣ ва муносибати маъноии қисмҳояшон ба ду гурӯҳи калон: ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҷудо мешаванд.

Ҷумлаи мураккаби пайваст. Ҷумлаи мураккаби пайваст аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои содаи нисбатан мустақилмаъно бо ёрии воситаҳои грамматикии пайвасткунанда ташкил ёфта, муносибатҳои грамматикии замонӣ, хилофӣ, ҷудоӣ, шумур, сабабу натиҷа, қиёс ва эзоҳиро ифода мекунад. Муносибати грамматикӣ ва маъноии ҷумлаи содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст хусусияти нисбӣ дорад, зеро дар як ҳолат вобаста ба тарзу шакли ифода мустақилияти маъноии худро пурра маҳфуз доранд, дар ҳолати дигар аз нигоҳи сохту маъно ба ҳамдигар вобаста мебошанд. Ҷумлаҳои таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст бо ёрии воситаҳои гуногуни грамматикӣ ва луғавию фонетикӣ ба ҳамдигар муносибати синтаксисӣ доранд: пайвандакҳо, оҳанг,шаклҳои феълии хабарҳо, таркиби ҷумлаҳо, эллипсис, такрори калима ҷонишинҳои энклитикӣ, воҳидҳои нисбӣ ва воҳидҳои ёрирасон мансубанд. Ҷумлаи мураккабе, ки ҷузъҳои он ҳар кадом мустақил, баробарҳуқуқ буда, бо ҳамдигар ба воситаҳои пайвандакҳо ё оҳанги пайвасткунанда алоқаманд шудаанд: Вай маро ҷеғ зада фарёд кард, аммо ман ба қафоям нигоҳ накарда рафтан гирифтам (С.У.).

Ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандак. Ҷумлаҳои содаи таркиби ин ҷумлаҳо ба воситаи оҳанг, тартиби ҷумлаҳо ва воситаҳои дигари луғавию грамматикӣ ба ҳамдигар алоқаманд мешаванд: Тирамоҳ шуд, вақти сафари Дарвешобод расид (С.А.). Ин гуна ҷумлаҳо бештар ба панду ҳикмат ва зарбулмасалу мақолҳо хосанд: Замин сахт, осмон баланд (Панд). Аввал бубин ҷойи худ, баъд бимон пойи худ (Зарбулмасал).

Ҷумлаи мураккаби пайвасти паиҳам. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасте,ки дар онҳо ду ё зиёда ҷумлаҳои сода паиҳам омада, дар заминаи муносибатҳои гуногуни маъноӣ бо ҳам алоқаманд шуда, ҷумлаи мураккаби пайвасти пайиҳамро ташкил медиҳанд. Яке аз он муносибатҳои маъноӣ алоқамандии замонӣ аст: Талабагон дар ҳар як стул

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

дукасӣ менишастанд, инчунин токчаи тирезаҳо ҳам аз одам пур буд (С.У.) Ба ифодаи муносибатҳои маъноии замонӣ мутобиқати шаклҳои замонии феъл низ мусоидат мекунад. Хабарҳои **медурахшиданд, меларзиданд, мепариданд** бо шакли замони гузаштаи ҳикоягии сиғаи хабарӣ ифода гардидаанд: Чашмонаш аз оташи ғазаб медурахшиданд, лабонаш монанди вараҷагирифтагон меларзиданд, пӯстҳои рӯй ва атрофии чашмонаш мепариданд (С.А.). Ҷузъҳои ҷумлаҳои пайвасти пайиҳам, бе пайвандак, танҳо бо интонатсияи пайваст низ алоқаманд мешаванд: Падарам мурд, шумо ба ҷойи падари ман ҳастед. Ман ҳанӯз ҷавонам, шумо соябони ман ҳастед (Чор дарвеш). Мӯҷазбаёнӣ ва ихтисори хабар ё феълҳои ёвари таркиби хабар яке аз хусусиятҳои ҷумлабандии забони назм аст:

Ту меравӣ хиромон, ман бо ду чашми гирён,
Ошуфтаву парешон чун кокул аз қафоят (Мушфиқӣ).

Ҷумлаи мураккаби пайвасти пайвандакдор. Ин ҷумлаҳо бо пайвандакҳои пайвасти паиҳам, хилофӣ ва ҷудоӣ сохта мешаванд. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти паиҳам дар асоси алоқаи пайвасти паиҳам сохта мешаванд. Мафҳуми паиҳам ба тариқи чида қатор овардан ё гузошта шудани онҳоро дар назар дорад: Дар қишлоқи «Гулистон» маҷлиси таърихӣ барпо шуду он колхози «Ҳаёти нав»-ро ба вуҷуд овард (Ҷ.И.). Ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайвасти паиҳам бо ёрии пайвандакҳои ва, -у (-ю) ва калимаҳои такрори ҳам… ҳам, чи… чи, хоҳ… хоҳ алоқаманд мешаванд: Ҳавои фараҳафзои баҳр дили Ҳайдарқулро ба ҷӯш овард ва ӯ ҳам беихтиёр ба сурудхонӣ даромад (Ҷ.И.).

Ҷумлаи мураккаби тобеи бепайвандак. Ҷумлаи мураккаби тобее, ки ҷузъҳои он ба якдигар бепайвандак, танҳо ба воситаи интонатсия тобеъкунанда алоқаманд шудаанд. Бештар пайравҳои пуркунанда ва хабар ба сарҷумла бепайвандак тобеъ мешаванд. Агар хабари сарҷумла бо феъли гузаранда ифода ёбад, барои шарҳи он хабар пайрави пуркунанда, агар бо калимаҳои нисбӣ ва ёридиҳандаҳо ифода ёбад,

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

бештар пайрави хабар ба эътибор гирифта мешавад: Ӯ гумон кард: сари синааш дамида рафта истодааст (С.А.); Ман дар дили худ гуфтам: ин аҳволро ислоҳ кардан лозим аст (С.А.). **Муносибати хилоф**. Ҳар як ҷумлаи содаи таркиби ин гуна ҷумлаҳои мураккаби пайвасти сертаркиб нисбат ба ҷумлаи пеш муносибати хилоф доранд: – Ман ба чилу панҷ даромадам, – гуфт Рӯзӣ, – аммо маро умр пир накардааст, балки меҳнати сиёҳе риши маро сафед кардааст (С.А,). **Муносибати ҷудоӣ**: Шояд ӯ аз роҳи дур омада бошад, ё дилаш аз парвоз беҳузур гашт, ё сараш дард мекунад (Т.Нурмуҳаммад). **Муносибати сабабу натиҷа**: Тобистон шуд, роҳи пурбарфи миёни Ҳисор ва Самарқанд кушода гардид, вақти сафари Самарқанд даррасид (С.А.). **Муносибати замонӣ ва ҷудоӣ**: Онҳо аз ҷой хостанд, касе ба пеш гузашт, мо онҳоро дастгир мекунем ё онҳо худро ба об мепартоянд (Р.Ҷ.). **Муносибати хилоф ва сабабу натиҷа**: Раис паи ташкили ҷой рафта буд, вале дер буд аз вай дарак набуд, бинобар ин аксарияти таклифи Диловарро тарафдорӣ карданд.

Ҷумлаи мураккаби тобеи пайвандакдор. Ҷумлаи мураккаби тобее, ки пайраваш ба сарҷумла бо ёрии пайвандакҳои тобеъкунанда тобеъ мешавад: Ҳуррият ҳамин будааст, ки касе ба касе зулм карда наметавонистааст (С.А.); Дар вақте ки мо аз ағба мефуромадем, рӯз торик шуда буд (С.У.).

Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб. Ҷумлаҳое, ки аз се ва зиёда ҷумлаҳои сода таркиб ёфтаанд. Ин гуна ҷумлаҳоро ба се гурӯҳ – ҷумлаҳои мураккаби пайвасти сертаркиб, ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб ва омехта ҷудо мекунанд.

Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби ғайричида. Ҷумлаи сертаркибе ки дар он аз ду зиёда ҷумлаҳои пайрави гуногун ба як сарҷумла тобеъ шуда, онро аз ҷиҳатҳои гуногун шарҳ медиҳад ва ё дар он аз ду зиёда ҷумлаҳои пайрави якхела аъзоҳои гуногуни сарҷумларо эзоҳ медиҳанд:

Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт,
Наздики худованд бадӣ нест фаромушт (Рӯдакӣ).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб ҷумлаҳои пайрави якхела аъзоҳои гуногун ё сарҷумларо ба тарзҳои гуногун шарҳ дода бошанд, ғайричида мешаванд: Азбаски ин дасти рост аст, барои ту боз ҳам сахт аст, чунки акнун хат навишта наметавонӣ; Ту ки акнун ба кори деҳқонӣ даст мезанӣ, бояд каду корӣ, чунки ин як кишти шӯхи беор аст ва бисёр нигоҳубинро талаб намекунад (С.А.).

Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби дараҷагӣ. Дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ чанд ҷумлаи пайрав силсилавор бар эзоҳи ҷумлаи пешомада меоянд: Қориишкамба пиёда мерафт ва бо вуҷуди фарбеҳӣ қариб давида роҳ мерафт, ки пеш аз ба қишлоқ баромада рафтани ноиб ба ноибхонаи Галаосиё рафта бирасад, то ки кори худро бо ӯ дар хона пазонда, баъд аз он бо ҳамроҳ рафиқ кори худро дар ҳузури ӯ ба поён расонад (С.А.). Дар ин мисол ҷумлаи пайрави мақсади аввал бо пайвандаки **ки** ба сарҷумла ва ҷумлаи пайрави мақсади дуюм бо пайвандаки **то ки** ба ҷумлаи пайрави якум тобеъ шудааст.

Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби чида. Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиби ҳампайрав чида ва ғайричида мешаванд. Дар гурӯҳи аввал аз ду зиёда ҷумлаҳои пайрави якхела ба сарҷумла ё ягон аъзои он тобеъ шуда, онро аз як ҷиҳат эзоҳ медиҳанд: Соро бо ин садо ҳушёр шуда, чашм кушода дид, ки бой ӯро дашном медиҳад ва офтоб ҳам қади найза баланд шуда, нури худро ба олам паҳн кардааст (С.А.). Вақте ки наздиктар шинос шуданд мерган додари устодаш Ҷамолхон будани муаллимчаро фаҳмид, меҳраш дучандон афзуд (Ҷ.О.). Дар мисоли аввал ду ҷумлаи пайрави муайянкунанда, дар мисоли дуюм ду ҷумлаи пуркунанда ва дар мисоли сеюм ду ҷумлаи пайрави замон ба сарҷумлаҳо тобеъ шуда, ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби чида сохтаанд. Дар байни ҷузъҳои ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби чида ду навъи алоқаи наҳвӣ вуҷуд дорад: байни ҷумлаҳои пайраву сарҷумла алоқаи тобеӣ, вале байни худи ҷумлаҳои пайрав алоқаи пайваст (пайвандакдор ё бепайвандаки паиҳам, хилофӣ ва ҷудоӣ) вуҷуд дорад: Аммо он сол дар музофоти Бухоро аҳволе рӯй дод, ки на танҳо умеди падарам ва осоиши

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

мо барбод рафт, балки осудагӣ ва ҳаёти ҳама зеру забар шуд (С.А.). Дар ин мисол ду ҷумлаи пайрави муайянкунанда бо пайвандаки хилофии **на танҳо**…, **балки** пайваст гардида, бо пайвандаки **ки** ба сарҷумла тобеъ шудаанд ва мубтадои онро (аҳволе) шарҳ додаанд.

Ҷумлаи мураккаби тобеъ. Ҷумлаи мураккабе, ки дар он сарҷумла мустақилияти нисбӣ дорад, ҷумлаи пайрав ҳамеша ба он тобеъ буда, мундариҷаи он ё ягон аъзои онро эзоҳ дода, маънояшро равшан ва мукаммал мегардонад. Пайвандакҳои тобеъкунанда дар ҷумлаи мураккаби тобеъ воситаи муҳимтарини алоқаи ҷузъҳо ба шумор мераванд. Дар ҷумлаи мураккаби тобеъ яке аз ҷумлаҳои таркиби ҷумлаи мураккаб нисбатан мустақил буда, ҷумлаи дигар ва ё ҷумлаҳои дигар ба он тобеъ мебошад. Ҷумлаи содаи мустақилро сарҷумла ва ҷумлаи эзоҳдиҳандаро пайрав меноманд. Мустақиливу тобеият нисбӣ ва шакливу грамматикӣ буда, онро дар ифодаи маъно мушоҳида кардан мумкин нест, зеро баъзан сарҷумла маънии асосии фикрро ифода кунад, дар ҳолати дигар ҷумлаи пайрав ҳамин гуна хусусият пайдо мекунад. Инро дар мисоли сарҷумлаи ҷумлаи пайрави мубтадо ва хабар мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ин гурӯҳ ҷумлаҳо маънои асосиро ҷумлаҳои пайрав ифода мекунанд: Маълум буд, ки мунтазам фикр мекард, афкораш низ муносиби ҳолаш парешону ноором буданд (У.К.). Истилоҳи «пайрав» хусусияти нисбӣ дорад, зеро баъзан ҷумлаи пайрав нисбат ба ҷумлаи пайрави дигар вазифаи сарҷумларо адо мекунад. Ин дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиби дараҷагӣ хубтар ба мушоҳида мерасад: Ҳама хомӯш буд, чунки вазифаи ягонаи ҳамаи мо ин буд, ки ҳаракати душманро зери назорат гирем (Ф.Н.). Дар ин ҷумла сарҷумларо ҷумлаи пайрави сабаб ва ҷумлаи пайрави сабабро ҷумлаи пайрави хабар эзоҳ додаст.

Ҷумлаи номуайяншахс. Ҷумлаи содаи бемубтадое, ки хабараш ба шахси сеюми ҷамъ далолат мекунад ва аз рӯйи он шахсияти иҷрокунандаи амалро муайян карда намешавад: Имрӯз ҳар дуяшонро ҷеғ заданд (Р.Ҷ.). Дар ин гурӯҳ ҷумлаҳо гӯянда (нависанда) диққати асосиро ба амалу ҳолат дода, ба субъект эътибор намедиҳад. Хабари ҷумлаҳои яктаркибаи

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

номуайяншахс танҳо бо як шахсу шумора – шахси сеюми ҷамъ ифода мегардад: ва бо шаклҳои гуногуни замонии сиғаи хабарӣ ифода меёбад: Ӯро табобат мекунанд (Ю.А.). Осиёи ин ҷоро вайрон кардаанд, - гуфт Саидқул (С.Т.); Фақат садупанҷоҳ грамм нони сиёҳу ҳамин қадар нони сафед медоданд (Ф.М.). Ҷумлаҳои содаи яктаркибаи номуайяншахс аз ҷиҳати марому мақсад ҳикоягӣ, саволӣ ва хитобӣ мешаванд: Ду-сета навкору сарбозро ҳам зада маиб кардаанд (С.У.). Пас, чаро ӯро маҳбус кардаанд? (Ҷ.И.). Отаамро ба тӯҳмат мекушанд (С.У.).

Ҷумлаи пайрави замон. Ҷумлаи пайраве, ки замони воқеъ гардидани амали дар сарҷумла бавуқӯъомадаро эзоҳ медиҳад ва ба саволҳои кай?, кадом вақт?, аз кай?, то кай?, кай боз ва ғ. ҷавоб мешавад: Нуралӣ ҳаминки аз Шодигул ҷудо шуд, боз парешонии пештара ба хотираш роҳ ёфт (С.У.). Пайвандакҳои тобеъкунандаи амсоли **ки, чун, то, то ки, то он ки, вақте ки, замоне ки, то даме ки, аз бозе ки, ҳамин ки, пеш аз он ки, баробари ин ки** яке аз воситаҳои асосии алоқаи ҷумлаи пайрави замон мебошад. Дар ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави замон бо ёрии пайвандакҳои гуногун ва шаклҳои гуногуни феъл ифода меёбад. Амали ҷумлаи пайрави замон бо амали сарҷумла дар як вақт воқеъ мегардад: Вақте ки бойзанак аз хонаи Соро баромада мерафт, аз он ҷо танҳо овози гиряи писарча шунида мешуд (С.А.). Амали ҷумлаи пайрав пеш аз амали сарҷумла ба вуқуъ меояд: Вақте ки ба поезд нишастам, ман дар ин бора ба падарам савол додам (С.У.). Амали ҷумлаи пайрав пас аз амали сарҷумла воқеъ мегардад: Пётр пеш аз он ки равад, хотири ҳанӯз дуруст осуданагаштаи ятими бекасу кӯйро ҷамъ карданӣ шуд (Р.Ҷ.).

Ҷумлаи пайрави макон. Ҷумлаи пайраве,ки ҷой ва сӯйи амали сарҷумларо шарҳу эзоҳ медиҳад ва ба саволҳои куҷо?, аз куҷо?, то куҷо?, ба (дар) куҷо? ҷавоб мешавад: Дар ҷое ки ӯ бошад, ба гап ҳамроҳ намешуд. Ҷумлаи пайрави макон ба сарҷумла ба воситаи пайвандакҳои **ки, ҷое ки, дар ҷое ки, ба (то) ҷое ки, аз ҷое ки, дар куҷое ки** алоқаманд мешавад: Дар ҷое ки зулму ситам ҳаст, он ҷо хароб мешавад (С.А.). Ҷумлаи пайрави макон вобаста ба пайвандак ва вазифааш дар ҷумла пеш ва ё баъди

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

сарҷумла меояд: Сайёра моро ба ҷое овард, ки як гурӯҳ колхозчиҳо дар таги айвон гулханчае афрӯхта, ҳалқа гирифта менишастанд (Ф.М.). Ҷумлаи пайрави шарт. Ҷумлаи пайраве, ки иҷрои амали сарҷумларо ба ягон шарт вобаста мекунад ва ба саволҳои ба кадом шарт? ҷавоб мешавад: Агар филм аз ҷиҳати техникӣ ва бадеият сара барояд, монеае нахоҳад пайдо кард (Ф.М.). Ҷумлаи пайрави шарт ба сарҷумла ба воситаи пайвандакҳои **ки, агар (гар, ар), агар ки, ба шарте ки, дар сурате ки, то, вақте ки, модоме ки, чун** тобеъ мегардад. Ҷумлаи пайрави шарт бар эзоҳи калимаю таркибҳои ҳамнисбат меояд: Ҳукми ҳоким **ба шарте** равост, ки аз шариат берун набарояд (С.У.). Мутобиқати шаклҳои феълӣ – хабарҳои сарҷумлаю ҷумлаи пайрав чун воситаи грамматикӣ хизмат мекунад: Ҳа гуфта маълумоти тоза ба тозаро ҷой кардан гиред, якта-нимта камаҳамиятҳояшро аз шумо нопурсида оҳиста бароварда мепартояд (Ф.М.).

Ҷумлаи пайрави мақсад. Ҷумлаи пайраве, ки мақсади иҷро гардидани амали сарҷумларо шарҳ медиҳад ва ба саволҳои барои чӣ, ба кадом мақсад ҷавоб мешавад: Ман омадам, ки ба шумо дарди дил гӯям (Р.Ҷ.). Ҷумлаи пайрави мақсад бо ёрии пайвандакҳои тобеъкунандаи **ки, то, то ки, барои он (ин) ки, ки, барои он (ин) ки, бо мақсади ин (он) ки** ба сарҷумла тобеъ мегардад: Ман барои ин омада будам, ки Хайбарро ёфта, ӯро хору мол карда, ба ӯ гӯшт хӯронда, ӯро бо Мирзо оштӣ кунонам (С.А.). Ҷумлаи пайрави мақсад мисли дигар ҷумлаҳои пайрави ҳол бар эзоҳи тамоми сарҷумла меояд. Таркибҳои **барои ин (он), аз барои ин (он), барои ҳамин** дар таркиби сарҷумла омада, ҷумлаҳои пайравро ба худ тобеъ мекунонанд. Ана ман шуморо имрӯз маҳз барои ҳамин ба ин ҷо овардам,ки бо чашми худатон бинеду илоҷашро ёбед, ҷон бародар (Р.Ҷ.). Ҷумлаи пайрави мақсад бе пайвандак ҳам ба сарҷумла тобеъ шуда метавонад. Дар чунин ҷумлаҳо тартиби ҷумла вазифаи воситаи алоқаро адо менамояд. Яке аз аломати муҳими грамматикии ҷумлаи пайрави мақсад ин аст, ки хабари он бештар бо шакли аористи сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ ифода меёбад.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа. Ҷумлаи пайраве,ки миқдор ва дараҷаю андозаи аломати сарҷумларо шарҳ медиҳад ва ба саволҳои **чӣ қадар?, то чӣ андоза?, то кадом андоза?, то кадом дараҷа?** ҷавоб мешавад: Одамон ба қадри имкон худро канор кашида, роҳро ба қадре ки як савор гузашта метавонист, кушоданд (С.А.).

Ҷумлаи пайрави монандӣ. Ҷумлаи пайраве, ки сарҷумларо ба воситаи монандкунӣ ва муқоиса шарҳу эзоҳ медиҳад ва ба саволҳои **мисли чӣ? ба монанди чӣ?** ҷавоб мешавад. Ҷумлаи пайрави монандиро пайвандакҳои **мисли ин (он) ки, монанди ин ки, ба тавре ки, чунон ки, ба тарзе ки, чи навъе ки, чи тарзе ки** ба сарҷумла алоқаманд мекунанд: Аммо халифа монанди ин ки гавак кашад, ба сари оринҷ ва зонуҳояш хобида буд (С.А.). Ҷумлаи пайрави монандӣ ба калимаи ҳамнисбати таркиби сарҷумла, ки ба вазифаи ҳоли монандӣ омадааст, низ меояд:

Ҷумлаи пайрави муайянкунанда. Ҷумлаи пайраве,ки бо интонатсияи тобеъ, пайвандаки **ки** ва калимаҳои ҳамнисбат ба сарҷумла тобеъ шуда, аъзои ҷудогонаи ҷумларо, ки бо исм ва дигар калимаҳои ифодагари мафҳумҳои шахсу ашё ифода ёфтааст, аз ҷиҳати аломату хусусият эзоҳ медиҳад ва ҳамеша пас аз исми муайяншаванда ҷой мегирад: Ӯ монанди шере, ки дар ғазаб омада бошад, дандон мехойид ва меғуррид (С.А.). Ҷумлаи пайрави муайянкунанда ба мисли муайнкунандаи ҷумлаи сода бештар бар эзоҳи исм меояд. **Бар эзоҳи исм**: Халқе, ки фарҳангу забон дорад, намиранда бувад. **Бар эзоҳи ҷонишин**: Ман, ки баробари ӯ аз ҷо хеста, дар рӯ ба рӯяш рост истода будам, дастони ларзони худро ба гардани латифи атласи сафедмонанди ӯ андохтам (С.А.). **Бар эзоҳи масдар**: Баъд аз ин ман бо сухани ин одам аз ҷояш ҳеҷ намеҷунбидам, аз ин гуна беасос аз марг тарсида гурехтан, ки рӯзе чанд бор воқеъ мешавад, бо шамшери аскарони сурх кушта шудан ҳазор бор беҳтар аст (С.А.). Ҷумлаи пайрави муайянкунанда ба воситаи пайвандак, калимаҳои ҳамнисбат, артикли **-е** ва интонатсия ба муайяншавандаи худ тобеъ мешавад. Дар ифодаи муносибати синтаксисии ҷумлаи пайрави муайянкунанда бо сарҷумла саҳми калимаҳои ҳамнисбат: **ин, он, ҳамин,**

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ҳамон, чунин, чунон, ин (он) гуна, ин (он) хел, ҳамин (ҳамон) гунна зиёд аст: Он азобҳое,ки дар ҷанг, дар байни оташу хун дида буд, ин азоби сафари ноқулайро ба вай осон карда буданд (Ҷ.И.).

Ҷумлаи пайрави мутобиқат. Ҷумлаи пайраве, ки тавассути он ҳамон муносибати маъноии ҳоли мутобиқати ҷумлаи содаро дар қолаби ҷумлаи мураккаби тобеъ ба василаи муносибати маъноии ҷумлаи пайрави мутобиқат бо сарҷумла низ ифода кардан мумкин аст: Ман аз асли мақсад бехабар ба он макон расидам ва ба гуфтаи ӯ (марди фарангӣ) амал карда дидам, дар он хок ҷавоҳири зиёд хоб кардааст (Чор дарвеш) // Ман, чунон ки ӯ (марди фарангӣ) гуфта буд (маслиҳат дода, фармуда, тавсия карда буд) амал карда дидам… Ҷумлаи пайрави мутобиқат омадану наомадани амалу ҳолат, аломату хусусият, мусоидат кардан ё накардани мундариҷаи ҷумлаи пайравро ба амалу ҳолат ё мазмуни умумии сарҷумла мефаҳмонад. Дар ифодаи маънои аввал пайвандакҳои **чунон ки, ба тарзе ки, ба тавре ки, мувофиқи он ки** ва ғ. ба кор бурда мешавад. Маънои вобастагӣ бо ёрии пайвандаки **вобаста ба он (ин) ки, бо назардошти он ки** ифода мегардад: Чунон ки намояндаи Пентагон изҳор намуд, имрӯз эскадраи иборат аз шаш киштии ҳарбии Америка ба қисми ғарбии уқёнуси Ором равон мешавад.

Ҷумлаи пайрави натиҷа. Ҷумлаи пайраве, ки натиҷа ва ё хулосаи фикри дар сарҷумла ифодашударо нишон медиҳад ва ба саволҳои натиҷааш чӣ шуд?, натиҷааш чӣ мешавад? ҷавоб мешавад: Як табассуми латиф, бачагона ва маъсумона дар рӯйи ӯ шукуфт, ки ӯро боз ҳам зеботар гардонд (Р.Ҷ.). Дар чунин ҷумла амали сарҷумла ва ҷумлаи пайрави натиҷа бештар ба як замон далолат мекунад ва паиҳам ба вуқуъ меояд: Замона захми ҷонкоҳе ба ҷигаргоҳи ӯ зад, ки дигар тобу тавон дар пайкараш ва ақлу ҳуш дар сараш намонд (С.А.).

Ҷумлаи пайрави ҳол. Гурӯҳи махсуси ҷумлаҳои мураккаби тобее,ки бо хусусиятҳои маъноию грамматикии худ аз ҷумлаҳои пайрави дигар фарқ мекунанд. Воситаҳои грамматикии алоқа дар чунин ҷумлаҳо гуногун аст. Масалан, дар ҷумлаҳои пайрави сабабу хилоф саҳми пайвандакҳо

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

бештар бошад, мутобиқати шаклҳои феълӣ барои ҷумлаҳои пайрави сабабу мақсад ва шарт муҳим аст. Калимаҳои ҳамнисбат барои ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа муҳим бошад, ҷумлаҳои пайрави хилофу натиҷа ин гуна восита надоранд. Дар ҷумлаҳои пайрави замон саҳми пайвандакҳои тобеъкунандаи таркибӣ, калимаҳои ҳамнисбат ва мутобиқати шаклҳои феълӣ зиёд аст. Ҷумлаҳои пайрави тарз, миқдору дараҷа, монандӣ, сабабу мақсад, натиҷа, замону макон ва шарту хилоф ҷумлаҳои пайрави ҳолианд.

Ҷумлаи пайрави пуркунанда. Ҷумлаи пайраве, ки бар эзоҳи яке аз аъзоҳои сарҷумла, бештар хабари он, омада, маънои онро аз ҷиҳати объекти амал пурра мекунад. Вобаста ба эзоҳшавандааш ҷумлаи пайрави пуркунанда ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: ҷумлаи пайрави пуркунанда, ки бар эзоҳи хабари сарҷумла омадааст ва пайрави пуркунандае,ки бар эзоҳи пуркунандаи бо ҷонишинҳои ишоратӣ ифодаёфтаи таркиби сарҷумла омадааст: Акнун фаҳмидам, ки осиёби онҳо аз кадом ҷӯй об гирифтааст (Ҳасан Ирфон); Ман ҳаминро медонам, ки ҳақиқатан бемулоҳизагӣ кардам, пас фуромадам (Ҷ.И.). Ҷумлаи пайрави пурунанда бо ёрии пайвандакҳо, калимаҳои ҳамнисбат, мутобиқати шаклҳои феълӣ – хабари сарҷумлаю ҷумлаи пайрав, ҷойи ҷумлаҳо ва интонатсия ба сарҷумла алоқаманд мегардад. Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи бепайвандак саҳми интонатсия ва ҷойи ҷумлаҳо зиёд аст: Намедонам, зери хок чанд соат хобидаам (Ҳ. К.). Ҷумлаи пайрави пуркунанда бештар ба феълҳои таркибии ифодагари гуфтор, муомила, дарку эҳсос ва инчунин ҳисиёту ҳаяҷон тобеъ мегардад: Ман ҳеҷ бовар намекунам, ки шумо пул харҷ карда, дар хонаатон ош пазонда хӯред! (С.А.). Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа бештар бо пайвандакҳои **чи қадаре ки, ҳар чи қадар(е) ки, ба андозае ки, то дараҷае ки, то андозае ки, ба қадре ки** ба сарҷумла тобеъ мешавад: Колчакро чунон кӯфтанд,ки аз баҳри тахту тоҷ баромада, ба Сибир гурехт (Ф.М.). Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа он маъноро дар қолаби муқоиса низ ифода мекунад: Ба шумо росташро гӯям, ман ҳар қадар,ки зиёд фикр мекардам, ҳамон қадар ба худ хиҷолат мекашидам

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

(С.У.). Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа маънои иловагии мақсадро ҳам ифода мекунад: Ӯ ҷаву бедаро ба қадре талаб кард, ки дар як сол ба як асп расад (С.А.).

Ҷумлаи пайрави сабаб. Ҷумлаи пайраве, ки сабаби воқеъ шудан ва ё нашудани фикри дар сарҷумла ифодашударо шарҳ медиҳад ва ба саволҳои чаро?, барои чи?, ба кадом сабаб? ҷавоб мешавад: Овоз баровардани вай ба он ду гӯё фармони гурез буд, ки дар як чашм задан аз назар ғоиб шуданд (Ҷ.И.).

Ҷумлаи пайрави тарзи амал. Ҷумлаи пайраве, ки тарзу тариқи воқеъ гардидани амали сарҷумларо шарҳ медиҳад ва ба саволҳои чӣ тарз?, чӣ тариқ?, дар кадом ҳолат? Ҷавоб мешавад. Пайвандакҳои маъмули ҷумлаи пайрави тарзи амал: **дар ҳолате ки, ба тавре ки, ба тарзе ки, дар ҳолате ки, бе он ки, бе ин ки** мебошад: Хола аз роҳча қадам монда, бе он ки овоз барорад, рост ба таи айвон рафт (Ҷ.И.); Ба якдигар ба тарзе нигоҳ мекарданд, ки маънии он ба ҳар ду фаҳмо буд (Р.Ҷ.). Ҷумлаи пайрави тарзи амал маънои иловагии натиҷаро низ ифода менамояд: Шарофатхола бо қаҳру ғазаб фарёд карда духтарашро коҳиш кардан гирифт, ба тарзе ки бачаҳо бедор шуда гиря бардоштанд (С.У.).

Ҷумлаи пайрави хилофӣ. Ҷумлаи пайраве, ки мазмуни он хилофи мазмуни сарҷумларо ифода мекунад ва бо сарҷумла ба воситаи пайвандакҳои тобеъкунандаи хилофии **бо вуҷуди он ки, ҳарчанд, ҳарчанд ки, агарчи, бо вуҷуди он ки, ҳарчанд, ҳарчанд ки, агарчи, гарчи, ба ҷои он ки** ва ғ. тобеъ шуда меояд: Ба ҷои он ки баман дастёрӣ карда, ба хизмати ночизонаи худ қарзҳои маро адо кунад, вай гурехта рафт (С.А.). Ҷумлаи пайрави хилофӣ бештар пеш аз сарҷумла ва баъзан дар байни аъзоҳои он меояд: Ин дафъа ҳам Ҷамила вазифаи миёнраверо, ҳарчанд ки аз ӯ хоҳиш накарда буданд, ба ҷо овард (Р.Ҷ.).

Ҷумлаи пайрави чида. Ҷумлаи пайраве, ки дар байни аъзоҳои он танҳо як алоқа-–алоқаи пайваст мушоҳида мешавад, ки бо ёрии пайвандакҳои пайвасткунандаи паиҳам, хилофӣ, ҷудоӣ ва интонатсияи пайваст сурат мегирад: Майса ва сабзаҳо дар зери гарду ғубори рег монда

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

пажмурда шуда буданд (С.А.). Ман ҳам он вақтҳо кам-кам шеър мегуфтам, аммо шеъри худро ба касе нишон намедодам (С.А.). Дар ҷумлаҳои пайрави чидааъзо ду ва зиёда мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол бо алоқаи пайваст омада, бо аъзои дигар муносибати якхелаи маъноию грамматикӣ доранд: Аз оҳан, пӯлод, мису биринҷӣ чизи дилхоҳи худро сохтани падар муҳаббати писарро ба ин касб рӯз аз рӯз афзун менамуд (Р.Ҷ.). Дар чунин ҷумлаҳо пасванди ҷамъбандӣ, артикли номуайянӣ ва ё бандакҷонишинҳо бо як аъзо, бо аъзои охирин омада, ба ҳамаи аъзои чида баробар тааллуқ доранд: Дар ин ҷо як кас, ки риш, бурут, мӯйлаб, мӯйсар, абрӯ ва мижгонҳояш тамоман сӯхта буд, ҳаққосанон нафасҳои кӯтоҳ-кӯтоҳ кашида хобида буд (С.А.). «Мардуми луб-лучак» зоҳиран ба ҷумлаҳои унвонӣ шабоҳат доранд. Дар асл онҳо ҷумлаҳои унвонӣ нестанд, зеро дар онҳо ҷузъҳои асосӣ анор ва мардум мустақилияти сохторӣ надоранд. Вале дар мисолҳои зерин исм мақоми мустақил дорад, бинобар ин ҷумлаи яктаркибаи номӣ мешавад: Яке аз рӯзҳои ҷумъаи соли 1931 буд. Ҳангоми қиём. Дарахтон пар намезаданд (Ҳ.К.); Шаб. Осмони ситоразор. Баҳр ором. Чароғи хонаҳо хомӯш. Мардум масти хоб. Аз дур садои насосҳои нафткашӣ ба гӯш мерасад (М.Қ.). Калимаҳои ҷудогона ё ибораҳо дар ҳамон сурат ҷумлаҳои яктаркибаи номиро ташкил медиҳанд, ки дорои интонатсия бошанд. - Чӣ хел зани хушрӯй! (Ф.М.); Чӣ тавр нағз! (Ҷ.И.). Калимаҳои **аҷаб, аҷоиб, басо, бағоят** ва ғ. низ дар чунин ҷумлаҳо ҳиссиёти қаноатмандӣ, мамнунӣ, тааҷҷуб ва ҳайратро ифода мекунанд: Аҷаб ҷойи дилкушое! (Ф.М.). Нидоҳо низ алоҳида ё дар дохили ҷумла омада, тааҷҷуб, ҳайрат, норозигиро мефаҳмонанд: – Эҳа-а-а ёфтӣ ҷоята, дароз кардӣ поята! (Ф.М.). Калимаю таркибҳои ифодагари таҳсин: **аҳсант, офарин, боракалло, бале, қандата зан** ва ғ. дар ифодаи эҳсосоти қаноатмандӣ ва арзи сипос истифода мешаванд: – Ман ҳам дар ҳамин ақидаам. Боракалло!; «Э бале, Шер! Офарин, Шер!» (Ф.М.). Дар ҷумлаҳои ҳикоягӣ, саволӣ ва амрӣ фикрро бо ҳисиёту ҳаяҷон ва ё хитобан ифода шавад, онҳо

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

низ ба ҷумлаҳои хитобӣ табдил меёбанд: – Зуд бароед, аскарони сурх пахш кардаанд! (Ҳ.К.).

Ҷумлаи саволӣ. Ҷумлаҳое, ки дар онҳо фикр ва мақсади гӯянда ба тариқи пурсиш ифода меёбад. Дар ҷумлаҳои саволӣ фикре ифода мешавад, ки ба гӯянда маълум нест ё ягон нуктаи он чандон равшан нест ва бо ёрии савол онро донистан ё саҳеҳу равшан кардан мехоҳад. Дар ҷумлаҳои саволии аслӣ пурсиш бо мақсади донистан ё равшан кардани ҳодиса ё воқеаи номаълум ё носаҳеҳ воқеъ мегардад. Мисол: – Меравем? – пурсид аз ӯ Иванамак. - Ҳа, – гуфт духтур… (Ф.М.). Гоҳе дар ҷумла фикр бо оҳанги савол ифода ёбад ҳам, мақсади пурсанда чизеро донистан нест, балки бо ин восита фикри худро пуртаъсир ифода кардан аст. Чунин ҷумлаҳои саволиро ғайриаслӣ ё риторикӣ меноманд: Чӣ гӯям? Баромада таърифи ӯро кунам? Кӯдак буд, қаҳрамон буд, гӯям? Чӣ ҳоҷат? (Ҳ.К.). Пурсиш дар ҷумлаҳои саволӣ бо воситаҳои гуногуни забон ифода меёбад: а) дар забони тоҷикӣ интонатсияи саволӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини грамматикии ифодаи пурсиш ба шумор меравад: – Шумо дирӯз дар фурудгоҳи Душанбе меҳмононро <u>қабул кардед</u>? – Оре, <u>қабул кардам</u>. Б) задаи мантиқӣ барои равшан ифода кардани мақсади пурсанда ёрӣ мерасонад. Ҷонишинҳои саволии **кӣ, киҳо, чӣ, чиҳо, чӣ гуна, чӣ қадар, чандум, кадом**, зарфҳои **кай, куҷо, чанд, чаро** дар таркиби ҷумлаҳои саволӣ омада, мақсади пурсандаро равшан ифода мекунанд: Ман… фарёдкунон пурсидам: – Эй халқи Худо! Ман кистам ва шумо чӣ хел одамед? Ин ҷо куҷост? (Чор дарвеш). Пурсиш на танҳо бо ҷумлаҳои сода, балки бо ёрии ҷумлаҳои мураккаб низ ифода меёбад: Ҳамин қадар воқеаҳо шудаасту ба ман як даҳан нагуфтӣ-а? гилаомез гуфт Нигор ашки чашмонашро пок карда истода (Ҳ.С.).

Ҷумлаи сода. Ҷумлае, ки дар таркиби худ танҳо як воҳиди хабарӣ дорад. Ҷумлаи сода фикреро инъикос менамояд, ки шакли нисбатан мухтасари аввал, охир ё ояндаи амалу ҳодисаи баёншаванда мебошад. Ҷумлаи сода заминаи воқеии ҷумлаи мураккаб ба ҳисоб меравад. Вале дар таркиби ҳама гуна ҷумлаи мураккаб маънои озод ва заруриро ифода

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

карда наметавонад. Дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб ҷумлаҳои сода хусусияти такмилдиҳӣ, эзоҳдиҳию эзоҳёбиро мегиранд. Дар ҷумлаи мураккаби тобеъ ин хусусият бештару хубтар зоҳир мешавад. Масалан, дар таркиби ҷумлаи мураккаби Комил, пеш аз он ки бо ҷӯрааш Акрамча видоъ кунад, ба гӯши вай пичирросзанон чизе гуфт (А.Д.) Ҷумлаи содаи пеш аз он ки ба ҷӯрааш Акрамча видоъ кунад, чудо карда шавад, ноқису норавшан монда, хонанда маънову матлаби дилхоҳро пайдо намекунад. Вале ба мазмуну маънои ҷумлаҳои содаи зер, ки онҳо алоҳида зикр мешаванд, хонанда ё шунаванда ба хубӣ мефаҳмад, ки мақсад чист, сухан дар бораи кӣ ё чӣ меравад: Кампир дар айёми ҷавониаш бисёр хушрӯй будааст (Ҳ.К.). Дар муқаррар намудани маъно ва мафҳуми пурраи ҷумлаҳои сода сиғаҳои феълӣ, феълҳои ёридиҳанда, бандакҳои феълию хабарӣ ва оҳанги гуфтор нақши муҳим доранд. Масалан, сиғаи хабарӣ ва шаклҳои гуногуни замонии он бо иловаи оҳанги мӯътадил асосу бунёди ҷумлаи ҳикоягианд: Дар он зиёфат ошро ман мепухтам ва дигар хизматҳоро ҳам мекардам (С.А.).

Ҷумлаи умумишахс. Ҷумлаи содаи яктаркибае, ки иҷрокунандаи амал ба таври умумӣ ифода ёфта, хабар бо шакл ва шахсҳои гуногуни феъл ифода шуда, аз рӯйи он иҷрокунандаро аниқ муайян кардан имконпазир аст. Ин гуна ҷумлаҳо маъноеро ифода мекунанд, ки он дар натиҷаи таҷрибаи тӯлонии ҷамъиятӣ, хулосаю натиҷагирии одамон ба амал омадааст,ки онро ҳамаи аъзоёни ҷамъият онро як хел қабул мекунанд. Меъёри асосӣ ва ҳалкунанда дар муайян намудани ҷумлаи умумишахс ҷиҳати маъноии худи ҷумла мебошад. Ҷумлаҳои яктаркибаи умумишахс ба амале далолат мекунанд, ки он ба умум тааллуқ дорад: Аз душмани дӯстрӯ бипарҳез. Гап зану қандатро хӯр (Ю.А.). – Аз худат эҳтиёт бош, ҳамсояро дузд магир – мегӯяд мақоли халқ (Ф.М.). Дар чунин ҷумлаҳо бо шумораи танҳо ифода гардидани хабар серистеъмол аст. Чунин ҷумлаҳо ба зарбулмасалу мақолҳо хос аст: Сухани ростро аз бача шунав. Гап зану қандата хӯр (Ю.А.). Дар ҷумлаҳои умумишахс ба вазифаи хабар бештар шахси дуюми танҳои аорист меояд: Аз гунҷишк

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

тарсӣ, арзан накор (Б.Ф.). – Ба ҳар тараф нигоҳ кунӣ, аз дуру наздик дуд мебарояд (Ю.А.). Хабари ҷумлаҳои яктаркибаи умумишахс бо исм, сифат ва сифати феълӣ низ ифода меёбад:

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ. (Рӯдакӣ).

Ҷумлаи хабарӣ. Ҷумлае, ки дар он мутакаллим ё нигоранда аз ҳодиса ё воқеае хабар медиҳад, дар атрофии масъалае баҳс мекунад. Шаклҳои замонии сиғаҳои хабарӣ, шартӣ-хоҳишмандӣ, эҳтимолӣ ва шаклҳои замонии феълҳои нақлӣ ба вазифаи хабар меоянд. Дар ин гуна ҷумлаҳо гуфтор бо оҳанги паст оғоз ёфта, тадриҷан қувват мегирад, оҳанг дар интиҳои ҷумла паст мешавад: Айнӣ танҳо ва андешамандона қадам мезад. Вай аслан табиатдӯст ва дӯстдори ҳавои тозаву гулгаштҳо буд. Ҳар гоҳ дилгир шавад, маҳз ба тавассути сайру гашт занги дил тоза мекард. Вале дар ин субҳи пуртаҳлука ба ғами худ ғарқ гашта буд ва аз файзи баҳор баҳри дилаш кушода намешуд (Ӯ.К.). Ҷумлаҳои хабарӣ сохтори мураттаб ва таркиби мукаммал дошта, калимаҳо бо тартиби муқаррариашон ҷой мегиранд. Ҷумлаҳои хабарӣ аксар содаи дутаркиба ё яктаркибаи тафсилӣ ва мураккаби пайвасту тобеъ мешаванд: Субҳи рӯзи дигар ҳаво соф, мулойим ва ҳаловатбахш буд. Боди сабо аз даштҳо, аз боғот, киштзор ва полезҳо бӯйи баҳор меовард (Ӯ.К.).

Ҷумлаи хитобӣ. Ҷумлаҳое, ки дар онҳо баробари фикр, асли мақсад ҳиссиёту ҳаяҷони гуногуни шахс низ ифода меёбад. Аз ин ҷиҳат ҷумлаҳои содаро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: а) ҷумлаҳои содае, ки дар онҳо фикр мӯътадил, холисона, бидуни ҳиссиёту ҳаяҷон ифода мешавад. Ба ин гурӯҳ ҷумлаҳои хабарӣ, амрӣ ва саволӣ дохил мешаванд; б) ҷумлаҳое, ки дар онҳо бар замми хабар додан, фармоиш ё пурсиш эҳсосоти гуногуни гӯянда ифода меёбад. Ҷумлаҳои хитобиро аз ҷиҳати мазмун ва воситаҳои ифодаашон ба ҷумлаҳои хитобии аслӣ ва ҷумлаҳои ҳикоягӣ, амрӣ ва саволии ба хитобӣ табдилёфта ҷудо мекунанд. Хабари ҷумлаҳои хитобии аслӣ бо феълҳои содаи **зиҳӣ** ва таркибии **зинда бод, поянда бод, нест бод** ифода меёбанд. Дар таркиби ҷумлаҳои саволии риторикӣ

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

пурсишҷонишинҳои **чӣ, чӣ хел, чӣ гуна, чӣ қадар** ва ғ. омада, ҳисиётҳои гуногунро мефаҳмонад.

Ҷумлаи яктаркибаи номӣ. Ҷумлаҳое, ки дар онҳо фақат мубтадо (ё таркиби мубтадо) мавҷуд аст. Дар ин қабил ҷумлаҳо мубтадо асоси сохтории ҷумлаҳои яктаркибаи номиро ташкил медиҳад. Ҷумлаҳои яктаркибаи номӣ воқеияти амалро ифода мекунанд ва ин маънои грамматикии онҳо ҳисоб меёбад. Ҷумлаҳои яктаркибаи номӣ ҳамеша бо исм ифода мешаванд.Исм баробари ном бурдани ашё, ҳодисаю воқеа мавҷудият ва воқеияти онро низ ифода намуда, ба ҷумла табдил меёбад. Муносибати предикативӣ дар ҷумлаҳои яктаркибаи номӣ бо ёрии категорияҳои модалият ва замон ифода меёбад. Исм мақоми мустақил дошта бошад ва ба дигар калимаҳо вобастагӣ зоҳир накунад, ҷумлаҳои яктаркибаи номӣ мешавад: – Ману ту чӣ дорем? – Ҳеҷ чӣ. Суп-сурх анор. Мардуми луб-лучак.

Ҷумлаҳои истисноии туфайлӣ муносибати гӯяндаро ба мазмуну мундариҷаи ҷумлаи асосӣ ифода менамоянд. Онҳо ба сарчашма ва манбаи маълумот, ба хотир овардани фикр ҳодисаву воқеаҳо ишора мекунанд: Чунонки ба шумо гуфта будам, ман муллобача мебошам (С.А.).

Ҷумлаҳои истисноӣ. Ҷумлаҳое, ки барои тасреҳу ташреҳ, конкрету равшан ва барҷастаю аниқ баён гардидани фикр ба ҷумлаи асосӣ ёрӣ мерасонанд. Чунин ҷумлаҳо дар қиёси ҷумлаҳои таркиби ҷумлаи мураккаб мустақилияти бештари маъноӣ дорад: Он кас чӯби ғафси дарози сафедори самарқандиро (сафедореро, ки дар Самарқанд шамшод меноманд), рост арра карда, ҳар кадоми онҳоро ба шакли нова кофта, боз дуяшро бо ҳам бо елим ҷафс карда, ба тарзе ки дар ин най дидӣ, сохта буданд (С.А.). Ҷумлаи истисноии тасреҳӣ мазмуни тамоми ҷумлаи асосиро ҳам конкрет мекунад: падараш ба мо раҳмат нагуфта баромада рафт (ҳарчанд ки мо ҳамаи корҳои фармудаи ӯро сидқан иҷро кардем (маҷаллаи «Садои Шарқ»).

Ҷумлаҳои масдарӣ. Ҷумлаи яктаркибае, ки сараъзои он бо масдари мустақилвазифа ифода ёфтааст. Ин навъ ҷумлаҳо бештар барои ифодаи

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

маъноҳои яклухти амалу ҳолат, водркунӣ ё тааҷҷуб кор фармуда мешаванд. Дар бештарини ҷумлаҳои масдарӣ мақолу зарбулмасалҳо истифода мешаванд: Омадан бо иродат, рафтан бо иҷозат; аз хурдон гуноҳ кардан, аз калонон бахшидан; аз пир гуфтан, аз ҷавон шунидан.

Ҷумлаҳои муайяншахс. Ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахс ба гурӯҳи ҷумлаҳои яктаркибаи бемубтадо дохил мешаванд, вале аз онҳо фарқ мекунанд. Дар чунин ҷумлаҳо тавассути хабари ҷумла иҷрокунандаи амалро пайдо кардан душвор нест. Хабари чунин ҷумлаҳо маъмулан ба шахси якум ва дуюм далолат мекунад: Ду танки овозадори фашистҳоро сӯзонем (Ф.Н.); Ба ҳамаи хешу таборон ва ёру дӯстон аз ман салом мерасонед (Ҷ.И.). Ба вазифаи хабари чунин ҷумлаҳо ҳамаи шаклу намудҳои сиғаи хабарӣ дар ҳамаи замонҳо омада метавонанд: Аспамро дар пушти дарвоза баста даромадам (С.У.). Поятонро ба рӯи анна ҳамон коғаз мемонед (Р.Ҷ.). Сиғаи амрӣ дар ифодаи хабари ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс: Маро танҳо гузоред. Дарбораи худсарии лейтенант фармони сахт тайёр кунед (Ф.Н.). Ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс дар шаклгирии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва пайвасти сертаркиб, омехта низ саҳм дорад: Як рӯз пешаз рафтанаш ба ман гӯй, як танӯр нони обаш аз ширу равған пазам (Р.Ҷ.).

Ҷумлаҳои мураккаби ҳолӣ. Ин навъ ҷумлаҳо аз ҷиҳати сохт ва ифодаи хабарҳо аз ҷумлаҳои муқаррарӣ камее фарқ мекунанд: хабари ҷумлаи аввал бо феъли ғайритасрифӣ – сифати феълӣ ифода мегардад. Агар хабари ҷумлаи феълӣ бошад, бо сифати феълӣ ва агар номӣ бошад, феълҳои ёридиҳандаи будан, шудан дар шакли буда, шуда меоянд: Дар ҳамин вақт дари кӯча кушода шуда, Рустамамак даромада омад (Р.Ҷ.). Ин ҷумлаҳо маъниҳои шумор, сабабу натиҷа ва қиёсро низ ифода мекунанд: Ишқ ғалаба карда, ғурур мағлуб мешуд (А.Ш.).

Ҷумлаҳои мураккаби омехта. Ҷумлаи мураккаби омехта низ ба гурӯҳи ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб дохил мешавад, ки камаш аз се ҷумла таркиб меёбад. Дар чунин ҷумлаҳо ҳар ду навъи алоқа пайваст ва тобеъ баробар иштирок мекунад. Дар ин гурӯҳ ҷумлаҳо камаш ду ҷумлаи

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

содаи мустақил (баробарҳуқуқ) ва як ё якчанд ҷумлаҳои пайрав иштирок мекунанд. Ҷумлаи мураккаби омехта аз рӯи миқдори ҷумлаҳои таркиби худ ва вобастагии онҳо гуногун мешавад. Муносибати маъноии байни ҷумлаҳои мустақил мисли ҷумлаҳои мураккаби пайваст буда, алоқаю муносибати ҷумлаҳои пайрав нисбат ба сарҷумла мисли ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аст. Ҳамаи навъҳои ҷумлаҳои пайрав бар эзоҳи ҷумлаҳои мустақил омада метавонанд: 1. Ҷумлаи мураккаби омехтае, ки ҷумлаи пайрав ҷумлаи содаи мустақили дуюмро шарҳу эзоҳ медиҳад: Ман имрӯз бо ҳамроҳи муфаттиш ба пеши Барака рафта будам, дардаш хатарнок набошад ҳам, ҳоло мадор надорад (Ҷ.И.). 2. Ҷумлаи мураккаби омехтае, ки фақат ҷумлаи мустақили якум ҷумлаи пайрав гирифтааст: Вай,ки худаш танҳо зиндагӣ мекард, Гавҳарро фарзанди худаш барин дӯст медошт ва Гавҳар ҳам ӯро ба ҷойи бобои худ медонист (П.Т.). 3. Ҷумлаи мураккаби омехтае, ки ҳар ду ҷумлаи мустақил ҳам ҷумлаҳои пайрав доранд: Банда якчанд мадеҳаи шуморо, ки дар «Шоҳнома» ба султон гуфтаед, хондам, маълум шуд, ки шумо дар мадеҳа гуфтан сабки хосе доштаед, ки алҳақ устод будаед (С.У.). 4. Ҷумлаи мураккаби омехтае, ки як ҷумлаи пайрав ба ҳар ду ҷумлаи мустақил баробар тобеъ мебошад: Вақте ки табассум мекунӣ, дили ман фараҳ меёбад ва дунё равшан мешавад (Ҷ.И.). 5. Ҷумлаи мураккаби омехтае, ки ҷумлаи пайрави чида ба ҳар ду ҷумлаи мустақил баробар тааллуқ дорад: Баъд аз ин роҳи дунболагирии он шикор барои ман баста буд ё ин ки дунболагирӣ фоида надошт, ман ба пеши Қорӣ Ишкамба шарманда шуда будам, дурӯғ будани мурчхарии ман ба ӯ чун офтоб равшан шуда буд (С.А.). 6. Ҷумлаҳои мураккаби омехтае, ки аз се ҷумлаи мустақил ва ҷумлаҳои пайрав таркиб ёфтаанд:

Туро тасхир кард овози Тӯҳфа,
Туро ашъори Лоҳутӣ сафо дод,
Ба ҳар тӯят, ки Боқӣ буд соқӣ,
Ба дасти ошиқон ҷоми вафо дод. (Л.Ш.).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандаки паиҳам. Дар ин ҷумлаҳо ҳодисаю воқеаҳо пай дар пай рӯй медиҳанд. Дар онҳо тасвири манзараҳои табиату муҳити зист, муносибати гуногуни байни одамон. Ифода мегардад: Сари баъзеашон бо рӯймолҳои чиркин бастагӣ, куртаю ҷомаҳои аксарашон даридагӣ буд (С.У.). Амалу ҳолати хабарҳои таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак дар як вақт воқеъ мегарданд: Созандаҳо доира зада, хониш карда мерақсиданд, кайвониҳо дастурхон мепартофтанд (Ҷ.И.). Дар ин навъ ҷумлаҳо муносибатҳои паиҳамзамонӣ, сабабу натиҷа, қиёсию хилофӣ ва эзоҳӣ ифода меёбанд: Ӯ қади баланд, бадани лоғар, чеҳраи гандумгун,риши миёнаи на он қадар сафед ва абрӯҳои баланди дарозмӯ дошт (С.А.).

Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти ҷудоӣ. Дар чунин ҷумлаҳо аз ҳодисаю воқеаҳои ифодаёфта ба амал омадани яке имконпазир аст: Ин ҳол боз як-ду рӯзи дигар давом хоҳад кард, дар ин миён ё ман дар таги қин хоҳам мурд, ё аз гап гирифтан ноумед шуда маро хоҳанд кушт. Пайвандакҳои **ё, ё ки, ва ё, ё ин ки, ё… ё** нақши муҳим доранд: Ё Гулнор пеши он меояд ва ё ӯ пеши Гулнор меравад (С.А.). Калимаҳои **гоҳ, баъзан, як вақт, ҳоли, дам, як (яке)** дар ҳолати такрор шуда омадан чун воситаи луғавию грамматикии алоқамандкунандаи ҷумлаи мураккаби пайвасти ҷудоӣ хизмат мекунанд: Гоҳ Ҷобир ҳарифро ба тагаш зер мекард, гоҳ Восеъ ӯро (С.У.).

Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти сертаркиб. Ин гуна ҷумлаҳо аз се ва зиёда ҷумлаҳои содаи баробарҳуқуқ таркиб меёбанд. Дар байни ҷумлаҳои содаи ин гуна ҷумлаҳо чунин муносибатҳоро мушоҳида кардан мумкин аст: 1. Ҷумлаҳои содаи таркиби ин ҷумлаҳо муносибати шумур ё ки номбаркуниро доранд: Дар ин ҷо на об буд, на алаф, на деҳ буд, на дарахт (С.А.). Қавоқҳояш овезон, пеши чашмонаш ожангҳо афтода, сараш урён, аз афташ кулоҳаш дар идора мондааст, фаромӯш шудааст (К.Мирзоев). 2. Ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб бо ҳам дар муносибати замонианд. Ин муносибат ба тарзи ифодаи хабарҳои ҷумлаҳо, ба шаклҳои феълии хабарҳо вобаста мебошад. **Муносибати**

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

ҳамзамонӣ. Дар ин гурӯҳ ҷумлаҳо ҳодисаву воқеаҳои ҷумлаҳои сода дар як вақт рӯй додаанд, бинобар он баъзан ҷойи ҷумлаҳоро ҳам иваз кардан мумкин аст: Бандҳои дастони латифи ӯ ҳанӯз дар дастам буданд, дастони ман меларзиданд ва дастони нарм ва нозуки ӯ ҳам аз дастони ман камтар намеларзиданд (С.А.). **Муносибати паиҳамзамонӣ**. Дар ин навъ ҷумлаҳо воқеаву ҳодиса пасиҳам рӯй медиҳанд: Ба одати муқаррарӣ як рӯз пагоҳонӣ нахӯдшӯрбо овардам, хӯрдем ва ҷавону духтар маро ҳамроҳ гирифта буданд, баъд ҷавон аз ҷӯй гузашта даст боло кард, як машина омада истод (С.У.). Дар байни қисмҳои ҷумлаи мураккаби пайваст чунин муносибатҳо вуҷуд дошта метавонанд: 1. Пайдарҳамӣ. Амалу ҳолатҳои гуногуне,ки бо ҳамдигар муносибати ҳамзамонӣ, паиҳамзамонӣ, сабабу натиҷавӣ дошта метавонанд, дар як ҷумлаи мураккаб меоянд: Ман самоворро ба даст гирифтам ва Саидакбар як китоби худро бо нӯги остинаш олуфтаворона гирифт (С.А.). 2. Ҷудоӣ: Ё тир кафад, ё ҷувоз. 3. Хилофӣ: Боз маро рост карда шинонданӣ шуданд, лекин ба ман ёрои нишастан намонда буд (С.А.).

Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти сертаркиб. Ҷумлаҳое, ки аз се зиёда ҷумлаҳои содаро дар бар гирифта, тафсил меёбанд, яъне сертаркиб мешаванд: Ба ман шарбат рехта дод, худаш нӯшид ва нону гӯшт хӯрдем; Он шахс маро ба як асп шинонда, худаш ба аспи дигар нишаст ва чизе ногуфта ба як тараф тохтанд (Чор дарвеш).

Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофӣ. Ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои пайвасти хилофӣ бо ёрии пайвандакҳои **аммо, вале, лекин, валекин, балки, вагарна, ҳол он ки, бошад, набошад** ва воситаҳои калимаҳои модалӣ, туфайлӣ, оҳанг, ҳиссачаҳо, калимаҳои модалӣ, туфайлӣ алоқаманд мешаванд. Дар ифодаи муносибати хилофӣ ва муқобилгузорӣ пайвандакҳои **аммо, лекин, вале** бо ҳамдигар ҳаммаъно буда, чун муродиф ҳамдигарро иваз карда метавонанд ва танҳо услубан фарқ мекунанд. Масалан, пайвандаки **вале** хоси услуби китобист: Чароғи хона хомӯш шуда буду аммо аз дарун овози зан ба гӯш мерасид (Р.Ҷ.); Модарам моро намедид, лекин ман аз вай чашм намекандам (С.У.).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб. Ҷумлаҳое, ки аз се зиёда ҷузъҳоро дар бар гирифтаанд. Чунин ҷумлаҳо то ҳашт ҷузъ ва шояд аз онҳо ҳам зиёдтарро дар бар гиранд, вале дар ин сурат муносибати маъноии ҷумлаҳо хеле гуногун ва мураккабу мушкилфаҳм мегардад. Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркибро аз лиҳози сохту таркиб ва муносибати ҷумлаҳои пайрав ба сарҷумла ба ду гурӯҳ: ҳампайрав ва пай дар пай ё дараҷагӣ ҷудо мекунанд. Дар ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби зерин ба сарҷумла танҳо як ҷумлаи пайрав ва ҷумлаҳои пайрави дигар силсилавор ба ҷумлаи пайрави пешомада тобеъ шуда, ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби пайдарпай ё дараҷагӣ сохтаанд:

Қиссаи душвори худ пеши ту гуфтан мушкил аст:
Мушкиле дорам, намедонам, чӣ сон гӯям туро (Ҳилолӣ).

Дар ин мисол мисраи якум (қиссаи душвори худ пеши ту гуфтан мушкил аст) сарҷумла буда, ҷумлаи пайрави сабаби (Чаро?) мушкиле дорам ба сарҷумла, ҷумлаи пайрави муайянкунандаи (кадом мушкил?) намедонам ба ҷумлаи пайрави сабаб ва ҷумлаи пайрави пуркунандаи (Чиро?) чӣ сон гӯям туро ба ҷумлаи пайрави муайянкунанда алоқаманд шудааст.

Ҷумлаҳои мӯътариза. Ҷумлаҳое, ки ба мазмуни ҷумлаи асосӣ ва ё ягон аъзои он маълумоти иловагӣ медиҳад. Ин ҷумлаҳо нисбатан мустақил буда, бо қафсайн ва ё тире ҷудо карда мешаванд: Дар токчаи байни ду таҳмон даҳ-дувоздаҳ ҷилд китобҳои кӯҳнаи модарам ва як қуттии ӯ ҷой гирифта буданд (Модарам дар он қуттӣ ресмон ва коғазҳои худро нигоҳ медошт (С.У.). Вобаста ба воситаҳои алоқа ҷумлаҳои мӯътариза муносибати атрибутивӣ (Рӯзе аз рӯзҳои тобистон ман аз боғ ба қалъаҳавлиамон (хонаи дар қишлоқ будаи мо ҳамин тавр номида мешуд) барои аз модаркалонам хабар гирифтан омадам (С.У.) Муносибати сабабӣ. Махдуме, ки аввали ин ҳикояро нашунида буд (ӯ дар ошхона андармон буд), маро ба дубора нақл намудани ин воқеа маҷбур намуд (С.У.).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Ҷумлаҳои содаи дутаркиба. Ҷумлаи содае, ки дорои ҳар ду сараъзост (мубтадо ва хабар): Пешхизмат чолокона аз бом фуромада, пас аз як соат боз омад ва коғазеро ба дасти сардор дод (С.А.). Ҷумлаи содаи дутаркиба дар навбати худ ду хел мешавад: хуллас ва тафсилӣ. Ҷумлаи содаи хуллас танҳо аз сараъзо иборат аст: Ҳама хомӯш (Ф.М.). Роҳ дур буд (Р.Ҷ.). Ҷумлаи содаи тафсилӣ ба ғайр азсараъзо дорои ин ё он аъзои пайрав аст: Ҷалол Икромӣ китобҳои хушсифат навиштаанд (Ф.Н.).

Ҷумлаҳои содаи яктаркиба. Ҷумлаҳое, ки дар онҳо аз сараъзоҳо танҳо яке иштирок дорад. Ин гуна ҷумлаҳо дар шакли хулласу тафсилӣ истифода мешаванд. Ҷумлаҳои содаи яктаркиба ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:ҷумлаҳои яктаркибаи феълӣ ва номӣ. Ҷумлаҳои яктаркибаи феълӣ муайяншахс, номуайяншахс ва бешахс мешаванд. Ин ҷумлаҳо аз рӯйи ифодаи маъно, таркиб, иштироки аъзоҳои пайрав ва махсусан ифодаи хабари ҷумла аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахс ба мисли ҷумлаҳои содаи дутаркиба аз ҳисоби аъзоҳои пайрав тафсил ёбад, ин ҳолат дар ҷумлаҳои яктаркибаи бешахс камтар мушоҳида мешавад.

Ҷумлаҳои яктаркибаи феълӣ. Ҷумлаҳое, ки дар онҳо шахси соҳибамал ба тарзи гуногун зоҳир мегардад. Дар чунин ҷумлаҳо соҳиби амалу ҳолат дар мақоми мубтадо бо калима ё ибора ифода наёфта бошад ҳам, дар як маврид бо ёрии бандакҳои феълӣ ифода меёбад, вале шахси он гоҳе воқеист (муайяншахс), гоҳе ғайривоқеист (номуайяншахс ва умумишахс), дар мавриди дигар хабари ҷумла аз ин имконот тамоман маҳрум мемонад (бешахс). Бинобар ин ҷумлаҳои содаи яктаркибаи хабариро аз ҷиҳати муносибати амалу ҳолат ва аломат нисбат ба соҳиби он ва дараҷаи зоҳиршавии шахси соҳиби амалу ҳолат ба чор хел ҷудо мекунанд: муайяншахс, номуайяншахс, умумишахс ва бешахс.

Модарам суханҳои пеш аз ин даҳҳо бор гуфтаашро такрор мекард, аммо ҳар дафъа тавре такрор мекард, ки гӯё ба духтарча дар бораи модари вай аввалин бор гап зада истода бошад (С.У.).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Ш

Шакл дар забоншиносӣ – 1) ҷиҳати зоҳирии забон, ки бо дарки шунавоӣ (ё биноӣ) алоқаманд аст. Истилоҳи шакл мутобиқи истилоҳи «ифода»-и Ф. де Соссюр ё «тарҳи ифода»-и Л.Елмслев буда, воситаҳои моддаеро ифода мекунад,ки барои баёни ахбори забонӣ хизмат мекунанд.

Шакли атрибутивии феъл. Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл, ки дар ҷумла ба вазифаи муайянкунанда ва ҳол (ҳолитарзи амал) меоянд: сифати феълӣ ва феъли ҳол.

Шакли ғайрисинтаксисӣ. Калимаҳои наве, ки дар асоси морфологӣ бо пешванду пасвандҳо ба вуҷуд меоянд: а) бо пасвандҳо: панҷа, поя, сӯзанӣ, оҳангар, гулистон, соягӣ; б) бо пешвандҳо: ҳамсоя, боақл, фуромадан, торафт, дартоз, дархост, беист. Калимаҳои мураккаб низ шакли синтаксисианд: а) **бе пешванду пасванд**: пешқадам, модаркалон, додарарӯс; б) **бо миёнванд** (инфикс): гуфтугӯ, шустушӯ, даводав.

Шакли грамматикӣ. Восита ва тарзҳои ифодаи маъноии грамматикӣ. Масалан, шакли исмҳо бо ёрии пасвандҳои ҷамъбандии –ҳо, -он (-ён, -вон, -гон) ифода меёбад. Маъноҳои грамматикӣ бештар бо воҳидҳои грамматикӣ (пешванду пасвандҳо), шаклҳои грамматикӣ ва воҳидҳои луғавӣ ифода меёбанд. Масалан, феълҳои меравам, хоҳам рафт шаклҳои гуногуни замони ояндаи сиғаи хабарӣ мебошанд. Феъли рафтам шакли замони гузаштаи наздики сиғаи хабарӣ буда, феъли рафтааст шакли нақлии сиғаи хабарист. Ҳар як ҳиссаи мустақили нутқ шакли грамматикии ба худ хос дорад. Баъзе шаклҳои гуногуни грамматикӣ барои ифодаи як маънои грамматикӣ хизмат мекунанд. Масалан, кап-калон (ҷудо калон) барои таъкиди сифат, дав-давон (давида-давида) барои ифодаи давомдорӣ, такрори амал, бисёркаратии феъли ҳол кор фармуда мешаванд.

Шакли дохилии калима. Сохтори маъноии калима: таркиби морфологии калима, ки овозҳои он ба маънои мушаххасаш алоқаманд аст: таркиби овозии калима моҳияти семантикии онро ифода мекунад:

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

лойхӯрак, кирме, ки дар қабати лой вуҷуд дораду лой мехӯрад; сӯзанак – ҳашароте, ки ишками чун сӯзан борик дорад.

Шакли инкорӣ. Шакле, ки хоси феъл буда, ба воситаи пешванди шаклсози на- (ма-) ифода меёбад: нарав,марав. Шакли инкории сифатҳои феълӣ бо ёрии пешванди но- ифода меёбад: нохонда, нодида, ногуфта.

Шакли кӯтоҳшуда. Шакли ихтисоршудаи калима, таркиб ё ибораю ҷумла, **ҳаст** -аст: ӯ ин ҷо хонданӣ аст; ӯ ин ҷо хонданист, к-ин, в-ин (бештар дар шеър).

Шакли номии феъл. Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл,ки дар ифодаи онҳо амалу ҳолат предметонида мешавад (масдар) ва ё ҳолату хусусияти предметро ифода мекунанд (сифати феълӣ ва феъли ҳол).

Шакли предикативии феъл. Шаклҳои тасрифшавандаи феъл, ки дар ҷумла ба вазифаи хабар омада, ба шахсу шумора, замон ва сиға далолат мекунанд.

Шакли рехта. 1. Як роҳи ифодаи маънои грамматикӣ,ки хоси калимаҳои решагист: санг – исми ҷинс, танҳо, муайян; ақл – исми ҷинс, танҳо, абстракт. 2. Шакли аслии калима, ки ба ҳиссаҳои ҷудогонаи маънодор, яъне морфемаҳо тақсим намешавад.

Шакли синтетикӣ (юн. sunthetikos – ҳамроҳшавӣ, якшавӣ). Шакли содаи калима, ки бо ҳамроҳ шудани асос ва вандҳои шаклсоз сохта мешавад: шакли синтетикӣ (таркибии) сифати дараҷаи қиёсӣ: ҷавонтар; дараҷаи олӣ: ҷавонтарин. Шакли синтетики замони ояндаи феъл: меравам, мегӯям, мехонам.

Шакли тасрифнашавандаи феъл. Феълҳои тасрифнашавандае (масдар, сифати феълӣ ва феъли ҳол), ки аз асосҳои феълӣ ба вуҷуд омада, шахсу шумора надоранд.

Шакли флективӣ. Як навъи ифодаи маънои грамматикӣ, ки дар натиҷаи флексияи дохилии калима пайдо мешавад. Чунин тарзи ифода хоси забонҳои сомист: **мисолҳо** – амсол, **хурдҳо** – акрод, **мактабҳо** – макотиб.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Шаклҳои нутқ. 1. Намудҳои нутқ, ки аз ҷиҳати воситаҳои зоҳирии ифодаи мақсад фарқ мекунанд: шакли хатти нутқ (нутқе, ки бо хат ифода ёфтааст), шакли шифоҳии нутқ (нутқи шифоҳӣ). 2. Намудҳои гуногуни услубии нутқ,ки аз рӯйи риояи меъёри забони адабӣ фарқ мекунанд: нутқи хаттӣ (нутқе, ки дар он меъёрҳои забон ба таври қатъ ва комилан риоя карда мешаванд, нутқи шифоҳӣ (нутқе, ки ба меъёри забони адабӣ озодона муносибат дорад).

Шаклҳои сунплетивӣ. Шакли як маънои грамматикӣ (мас., категорияи шумораи исмҳо, дараҷаҳои сифат ё маъноҳои грамматикии феълҳо), ки дар реша ё асоси калимаҳои дигар дида мешавад: бача – писарон: кӯдак – бачагон; сифат: хуб-беҳ, феъл: бин-дид, пагоҳ-фардо, дина-дирӯз.

Шаклҳои феълӣ. Ҳамаи шаклҳои мавҷудаи феъл,ки вобаста ба сиғаҳо, замонҳо, мутлақу давомдорӣ, бавоситаю бевосита истифода мешаванд.

Шаклсозӣ – эҷоди шаклҳои грамматикии калима. Муқобили калимасозӣ ҳамчун таносубе, ки шаклҳои як калимаро («миз» – «мизро», «мегӯям» – «гуфт») алоқаманд мекунад.

Шарҳ. Асар ё рисолае, ки дар тафсиру эзоҳи ягон асари бадеӣ ё илмӣ эҷод мешавад. Шарҳнависӣ таърихи қадим дорад. Дар замони Сосониён Авесто тарҷума ва тафсир карда шуд, ки он Занд ном дошт. Шарҳҳои зиёде дар асрҳои 10-20 аз тарафи шахсони гуногун таълиф ёфтаанд. Масалан, Сироҷиддин Алихони Орзу (а. 18) ба «Искандарнома»-и Низомӣ бо номи «Шукуфаи роз», ба қасоиди Урфии Шерозӣ бо номи «Шарҳи қасоиди Урфӣ», ба «Гулистон»-и Саъдӣ бо номи «Хиёбони Гулистон» навишта шудаанд.

Шахс дар феъл. Категорияи грамматикии феъл, ки муносибати амалу ҳолат ва иҷрокунандаи онро нисбат ба гӯянда ифода мекунад. феъл дорои се шахс аст: шахси якум (гӯянда): гуфтам, шахси дуюм (шунаванда): гуфтӣ, шахси сеюм (ғоиб): гуфт. Шаклҳои танҳою ҷамъи феълҳо бо ёрии бандакҳои феълию хабарӣ тасриф мешаванд:

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

1. хондам хондем
2. хондӣ хонде̲д
3. хонд(о) хонда̲нд

Шеваҳои ҷанубӣ. Муҳаққиқон ин шеваҳоро аз рӯйи хусусиятҳои луғавӣ, дастурӣ ва савтӣ ба 4 гурӯҳ ҷудо намудаанд: лаҳҷаҳои қаротегинӣ, кӯлобӣ, роғӣ ва бадахшонӣ.

Шеваҳои ҷанубӣ-шарқӣ. Р.Л.Неменова гурӯҳҳои зерини онро тавсия мекунад: а) шеваи деҳаи Жорф; б) шеваи деҳаҳои Курговат, Пошхарв; в) шеваи деҳаҳои Умурак, Зинг; г) шеваи Сед (деҳаи Сангевидароз, Дуробак, Паткинов). Расторгуева В.С. соли 1960 чунин хусусиятҳои умумии ин шеваҳоро номбар кардааст: 1. Навъи махсуси садонокҳои қатори ақиб (ъ, у:, у). 2. Ҳамсадои ɛ ба овози ҳ иваз мешавад: соҳат, ҳилм. 3. Пешванди феълии **ме-** ба интиҳо ва ё аввали шакли замони ҳозира-оянда меояд: гардаме//мегарда.

Шеваҳои марказӣ (саргаҳи Зарафшон) чунин шеваҳоро дар бар мегирад: 1.Шеваи Мастчоҳ (Мастчоҳи Боло, Мастчоҳи Поён). Хусусиятҳои фарқкунандаи ин шеваҳо: 1) истеъмоли садонокҳои қатори миёнаи у, е, а, о, и, ӣ; 2) мавҷуд будани ҳамсадоҳои z, ɛ ; 3) камистеъмолии ибораҳои феълӣ ва таркибҳои сифати феълию масдарӣ; мавҷудияти пасоянди -ра//-а; истифодаи пешоянди **ба** ва пасоянди **-анда**. 2. Шеваи Фалғар (Урметан, Дардар, Рарз, Мадм). Баъзе хусусиятҳои ин шеваҳо ба шеваҳои Мастчоҳ қаробат доранд: 1) навъи марказии садонокҳо; 2) мавҷуд будани ҳамсадоҳои ҳалқии z, ɛ ; 3) истеъмоли пешоянди ба ва шакли архаистии сифати феълӣ (меравам-у дӯхт). Аз шеваҳои Мастчоҳ бо истеъмоли навъи шимолии системаи феъл фарқ мекунад (дар ин шева шакли эҳтимолии феъл вуҷуд дорад).

Шеваҳои шимолии забони тоҷикӣ. Гурӯҳи шеваҳое, ки натанҳо гӯйишҳои маҳаллии тоҷикии Тоҷикистонро,балки фарогири гӯйишҳоест, ки дар Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Қазоқистон густариш дорад. Оғозгоҳи ин гӯйиш мавзеъву минтақаҳои тоҷикнишини водии Фарғона буда,

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

интиҳои он дар ҷануби Тоҷикистон – ноҳияи Шаҳритус қарор дорад. Ин гурӯҳи шеваҳо дорои вижагиҳои овоӣ, луғавӣ, сарфию наҳвӣ мебошанд: истеъмоли навъи шимолии садонокҳо бо фарқ кардани садоноки **и** аз **и**: аз ҷиҳати дараҷаи устуворӣ; теъдоди ҳамсадоҳояш аз 23 фонема иборат буда овозҳои ҳо-и ҳуттӣ ва ɛ (айн) истеъмол намеёбанд; истеъмоли навъи шимолии системаи феъл (бо тафовути шаклу намуди самарқандӣ: мерафтуд, мерафтудас, мерафсодас; шакли замони гузаштаи нақлӣ дар шахси танҳо: рафтем < рафтаем, дар шахси сеюми ҷамъ: рафтем < рафтаанд; пасоянд шудани пешоянди **ба**; хусусиятҳои луғавии бивӣ дар Исфара, бува дар Хуҷанду Конибодом, бехӣ дар Хуҷанд, Конибодом ва исфара, ретинг ба маънои фиреб дар Конибодм… Вижагиҳои сарфӣ чунин аст, ки дар гурӯҳи шеваҳои шимолӣ ҷамъбандии исм ба воситаи пасвандҳои **-хо** ва **-о** ифода меёбанд; номуайянӣ ва ягонагӣ бо шумораи як ва аломати накараи **-е** ифода мегардад; дараҷаи олии сифат бештар бо роҳи луғавӣ (а ҳама, аз ҳама); кӯтоҳшавии феълҳои таркибӣ. Дар шеваҳои шимолӣ падидаҳои наҳвии хоси шевагӣ зиёд нестанд. Дар ин шеваҳо хелҳои гуногуни ҷумлаҳои содаи кӯтоҳ, ҷумлаҳои хуллас мавқеи муҳимро ишғол мекунанд.

Шевашиносии тасвирӣ хусусиятҳои луғавию савтӣ ва дастурии гӯйишҳои маҳаллӣ ё шеваю лаҳҷаро дар давраи муайяни таърихӣ мавриди тадқиқ қарор медиҳад. Шеваҳои ҳозираи забони тоҷикӣ маҳсули инкишофи таърихӣ ва тадриҷии даврaҳои дурударози забони тоҷикианд. Ташаккул ва аз ҳам ҷудо гардидани онҳо дар гузашта ба чор омили муҳим марбутанд: а) муҳити ҷуғрофӣ; б) аломатҳои забонӣ; в) ҷудошавии авлод, қабила ва халқҳо; г) таркиби этникӣ. Лаҳҷаю шеваҳои маҳаллии забони тоҷикӣ ҳудуди васею доманфарохро фаро гирифта, берун аз Тоҷикистон, яъне дар қаламрави ҷумҳуриҳои Осиёи марказӣ, Афғонистон, Эрон, туркистони Чин низ густариш ёфтааст. Доираи истеъмоли гӯйиши маҳаллӣ хеле маҳдуд буда, дар муомилаю муошират рӯзмарраи оилавӣ, дар байни намояндагони як ё якчанд деҳа, ҷомеа, ноҳия корбаст мегардад. Сохти дастурӣ ва таркиби луғавии лаҳҷаю шеваҳо аз забони адабӣ

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

тафовути ҷузъӣ дорад. Гӯйиши маҳаллиро аз рӯи мухобираи байни одамон, яъне вазифаи иҷтимоияшон ба се ҷузъи таркибӣ ҷудо намудан мумкин аст: а) шеваҳои маҳаллӣ; б) гӯйиши байнишевагӣ (бо гӯйиши вилоятӣ – шаҳрӣ, гӯйиши одии халқӣ ва шеваҳои мобайнӣ); в) гӯйиши гуфтугӯии умумӣ.

Шевашиносии таърихӣ дар бораи пайдоиш, тағйирот ва инкишофи шеваҳои ин ё он забон маълумот дода, хусусиятҳои савтӣ, луғавӣ ва дастурии лаҳҷаю шеваҳоро дар масири таърих меомӯзад, таъсиру муносибати забонҳои бегонаро дар ташкили шеваю лаҳҷаҳои забони алоҳида баррасӣ менамояд.

Шевашиносӣ (диалектология) илмест,ки дар бораи диалектҳои (лаҳҷа, шева) забони алоҳида баҳс мекунад ва хусусиятҳои савтию дастурӣ ва луғавии шеваҳоро меомӯзад. Шевашиносӣ намудҳои маҳаллии забон ё гӯйишҳои маҳаллиро меомӯзад ва ҳолати кунунии онҳоро муайян менамояд. Шевашиносиро аз рӯйи мабҳас ва усули тадқиқот ба шевашиносии таърихӣ ва тасвирӣ ҷудо мекунанд.

Шумора дар феъл. Феълҳо ду шумора доранд: шумораи танҳо ва шумораи ҷамъ. Воситаи ифодаи шумора дар феълҳо бандакҳои феълию хабарист. Бандакҳо ҳамзамон ҳам ба шахс ва ҳам ба шумора далолат мекунанд. Масалан, рафтам – шахси якуми танҳо; рафтем – шахси якуми ҷамъ.

Шумора. Ҳиссаи номии нутқ, ки миқдор ва тартиби предметҳоро бо адад ифода менамояд ва ададҳои беномро номбар мекунад; ду китоб, ду даста гул, бисту панҷ рӯзи меҳнат, соли чорум, синфи якум. Шумораҳо калимаҳои мустақилмаъноянд ва номи ададҳои ҷудогонаанд. Шумораҳои асосӣ дар забони муосири тоҷик зиёд нестанд. Ҳамаи шумораҳо – то миллиардро бо бисту як калимаи решагӣ ифода кардан мумкин аст: як, ду, се, чор//чаҳор, панҷ, шаш, ҳафт, ҳашт, нӯҳ, даҳ, бист, сӣ, чил//чиҳил, панҷоҳ, шаст, ҳафтод, ҳаштод, навад, ҳазор, миллион. Шумораҳо дар ҷумла вазифаи муайянкунандаро адо мекунанд: даҳ адад китоб, чор даста гул, соли якум, курси дуюм. Шумораҳо аз ҷиҳати сохт сода (як, чор, бист,

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

сад), сохта (якум, панҷум),мураккаб (сездаҳ, ҳабдаҳ, дусад) ва таркибӣ (сию як, чорсаду чилу чор) мешаванд. Шумораҳоро ба миқдорию тартибӣ ҷудо мекунанд. **Шумораҳои миқдорӣ**. Шумораҳое, ки миқдори предметҳоро номбар мекунанд: панҷ нафар донишҷӯ, ду миз, панҷ қалам. Ин гуна шумораҳо ба саволи чанд?, чӣ қадар? Ҷавоб мешаванд. Шумораҳои миқдорӣ ба аслию тахминию касрӣ ҷудо мешаванд. **Шумораҳои аслӣ**. Шумораҳое, ки пеш аз предметҳои шумурдашуда омада, миқдори предметҳоро бо ададҳои том ифода мекунанд. Дар поёни сандалӣ ду мӯйсафед менишаст (С.А.). Шумораҳои аслии аз як то даҳ калимаҳои содаю рехтаанд.Бештарини шумораҳои аслӣ бо мурури замон ба тағйиротҳои савтӣ дучор шудаанд: ҳабдаҳ < ҳафтдаҳ, ёздаҳ, понздаҳ ва м.и. **Шумораи тахминӣ**. Шумораҳое, ки миқдори предметро ба тариқи тахминӣ ифода мекунанд: Мӯйсафедҳо даҳ-дувоздаҳ нафар буданд (Ҷ.И.). **Шумораи касрӣ**. Шумораҳое, ки ададҳои касриро мефаҳмонанд: чоряк, аз се як, аз чор як: Локин машинаи рост ба ҷои шумо раванда <u>аз сад якто</u> наояд, дигар ҳамааш то нисфи роҳ меравад (Ф.Н.). Дар нутқ шумораҳои касрӣ одатан бо талаффузи пешоянди аз + махраҷ + сурат ба вуҷуд меояд. Бо шумораи касрӣ ҳам шумораҳои тахминӣ месозанд: <u>Ду-дуним</u> километр роҳ рафта буданд, ки аз пеши онҳо чор раҳ баромад (Ф.Н.). Шумораи тартибӣ. Шумораҳое,ки тартиби предметҳоро бо адад ифода мекунанд. Ин гуна шумораҳо аз шумораҳои аслӣ бо ҳамроҳ кардани пасванди -ум (-юм), -умин (-юмин)сохта мешаванд: Дар рӯзҳои панҷум, шашум ва ҳаштуми март дар даруни арк ҳам ҷои холӣ намонд (С.А.). Шумораҳои тартибӣ бо тарзҳои гуногун (пурра, нопурра бо -ум ва бидуни -ум)такрор ёфта, шумораҳои тартибии тахминӣ ва ё шумораҳои тартибии чида ба вуҷуд меоваранд: Ака ҳисоб кунед, аз солҳои 1927–1928, ки вай 7-8-сола буд, чанд сол гузаштааст (Ф.Н.). Аз шумораҳои тартибӣ, ки пасванди **-ин** доранд, гоҳо **и** ихтисор мешавад. Ба ҷои якумин – якумӣ, даҳумин – даҳумӣ, ба ҷои аввалин – аввалӣ низ мегӯянд: Ин ҳолро дида, ҳама ҷангарагон ягон-ягон ба тарафи кӯҳнадӯзҳо давида, аз сари кори онҳо <u>яке</u>

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

кӯба, дигаре болға, сеюмӣ анбӯр, чорумӣ шони мӯза ва маҳсиро кашида гирифта ҷангро давом доданд (С.А.).

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Э

Эвфемизм (юн. euphemismos, èu – хуб ва phēmi – мегӯям). Дилкашу нарм ифода кардани мафҳуми ин ё он предмет ё ҳодисаю воқеа: ифодаи ҷозибанок ба ивази ифодаи дурушту дағал: **дуҷон** (ба ҷойи ҳомила), **бандагӣ кардан** (ба ҷойи мурдан), **нобино** (ба ҷойи кӯр).

Эквивалент (муодил). Воҳиди нутқ, ки айнан вазифаи калимаи дигар – воҳиди дигари нутқро иҷро мекунад, яъне муодили он мебошад. **Эквиваленти (муоидили) калима**. Ифода ё иборае, ки бо калима ҳамвазифа буда, чун аъзои ҷумла вазифаи муштараки синтаксисӣ дорад: ба гап ҷома пӯшондан (дурӯғ гуфтан), як себи дукафон (монанд), ду пули сиёҳ қимат доштан (арзон).

Эквиваленти ҷумла. Ибораҳои феълие, ки вазифаи ҷумлаи пайравро иҷро мекунанд: ибораи масдарӣ, ибораи сифати феълӣ.

Экзотизмҳо (юн. exotikos – бегона, хориҷӣ, аҷнабӣ). Калима ва ибораҳое, ки аз забонҳои дигар дар гуфтори ин ё он маҳал иқтибос шудаанд: мадемуазел, сенор, фрау, ҷентелмен, мистер, лорд, сэр, шиллинг, стерлинг, франк, лир, браво.

Экскурсия (лот. Excursion – оғоз, саршавӣ). Барои талаффузи ин ё он овоз омода шудани узвҳои овозсоз, ки аз ҳолати аввалаи худ ба ҳолати талаффузи овозҳои ҷудогона мегузаранд.

Экспиратсия (ниг.: **задаи қуввагӣ**).

Экспрессивӣ (лот. expressio – ифода). Хусусияти ифоданокию ҷозибадории нутқ, ки тавассути воҳидҳои луғавӣ, воситаҳои калимасоз ё воситаҳои грамматикӣ ифода карда мешавад.

Экстралингвистӣ (лот. extra – linguistique - забонӣ). Вазъу шароити берунизабонӣ, ҳақиқати воқеӣ, ки дар он забон инкишоф меёбад ва вазифаи худро иҷро мекунад. Омилҳои сиёсию ҷамъиятӣ аз ҷумлаи заминаҳои экстралингвистианд.

Элатив (лот. elatus – аз ҳад зиёд таърифу ситоиш кардан). Шакли сифати дараҷаи олӣ дошта, ки аломату хусусиятро аз ҳад зиёд ифода мекунад: одами зӯртарини дунё. Ин тарзи ифода бештар хоси ибораҳои

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

устувор буда, дар гуфтори шифоию хаттӣ истифода мешавад: аз ҳама баландтарин қулла, аз ҳама зеботарин зан, гуноҳи бузургтарин, муҳлати ниҳоят кӯтоҳ.

Эллипсис (юн. ellipsis – афтидан, фурӯгузор шудан). Фурӯгузор шудани унсурҳои ҷудогонаи нутқ, ки онро вобаста ба мазмуну мундариҷаи умумии матн барқарор кардан мумкин аст: Дар куҷо мегардӣ ин қадар, ҷиянам? – Тамошо (П.Т.). Чунин тарзи гуфтор ҳамчун воситаи услубӣ барои ифодаи оҳанги нутқи зинда бисёр истифода мешавад: Ба палата се кас даромад. Пешопеш – генерал (Ф.М.). Гуфтам, – Замин – сахт, осмон – баланд (Р.Ҷ.).

Эмотсионалӣ. Сухану гуфторе, ки хоси ифодаи ҳиссиёт, ҳолати рӯҳия, баҳои шахсӣ (субъективона) мебошад.

Эмфаза (аз юн. emphasis – бурроӣ, фасеҳӣ, ифоданокӣ). Ҷудо кардани қисми аз ҷиҳати маъно муҳими гуфтор тавассути оҳанг, такрор, ки ба сухан ҷозибае медиҳад:

Бар шумо раҳмат, раҳмат,
Иззату ҳурмат, ҳурмат! (А.Л.)

Энклитикаҳо. Унсурҳои безада – калима ва морфемаҳое, ки баъд аз калимаи заданок истифода мешаванд. Дар забони муосири тоҷикӣ ба гурӯҳи энклитикаҳо морфемаҳои зерин мансуб мебошанд:

а) «е»-и ваҳдат: ма□рде, ша□хсе, гу□ле;

б) «ё»-и ишорат: Ма□рде, ки ин гапро мегуфт…;

в) «о»-и нидо: шои□ро, у□стодо;

г) бандаки изофӣ: ма□рди оқил, кито□би нодир;

ғ) бандакҷонишинҳо: -ам, -ат, -аш, -амон, -атон, -ашон;

д) бандакҳои хабарӣ: -ам, -ӣ, -аст, -ем, -ед, -анд: хондаам, хондаӣ, хондааст;

е) феълҳои ёридиҳандаи будан, шудан, намудан ва ғ., ки маънои луғавии худро аз даст додаанд: Он номаро дӯстам навишта буд;

ё) пасоянди -ро, барин, -боз, -катӣ: барф барин, хонаро, дер боз, дӯстам қатӣ.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Эпентеза (аз юн. epe□nthesis – илова кардан). Дар калима мувофиқи зарурати фонетикию морфологӣ ба вуҷуд омадан ё илова гардидани овозе, ки дар шакли ҳамон калима вуҷуд надошт: сабза(в)от, мева(ч)от; хонанда(г)он, салҷуқи(й)он, оҳу(в)он.

Эпиграф (юн. epi – баъд, боло + grapho – менависам). Ибора, ифодае, ки дар сарлавҳа ё пеш аз ягон қисмати матн ҳамчун ифодагари мундариҷаю хусусияти матн оварда мешавад.

Эргативӣ (юн. ergates – шахси амалкунанда) - сохтори махсуси ҷумла, ки дар он мубтадо бо феълҳои гузарандаю монда дар падеж – ҳолатҳои гуногун ифода мешавад. Ин хусусият бештар хоси баъзе забонҳои кавказӣ (аварӣ, лакӣ) ва палеосиёӣ мушоҳида мешавад. Дар забони аварӣ: ди-ца бere б-аrана (Ман гӯсоларо бурдам).

Эсперанто, яке аз машҳуртарин забонҳои байналхалқии сунъӣ.Соли 1987 табиби поляк Людвиг Заменгоф (тахаллусаш – Esperanto – умедвор) тартиб додааст. Дар эсперанто ба решаи калимаҳои забонҳои аврупоӣ якчанд пасванду пешванд ҳамроҳ намуда, калимаҳои нав сохтаанд. Чун забонҳои дигар эсперанто ҳиссаҳои нутқ, пешванду пасвандҳо ва ғ. дорад. Алифбои эсперанто дар асоси графикаи лотинӣ бо истифодаи баъзе аломатҳои диакритикӣ сохта шудааст. Низоми овозии ин забон аз 6 садоноку 22 ҳамсадо иборат аст. Тарзи навишту талаффузи калимаҳо дар ин забон тафовуте надорад. Зада дар ҳиҷои дуюм (аз охир) гузошта мешавад. Таркиби луғавӣ, қоидаҳои имлои ин забон дар ҳолати такомуланд. Ба эсперанто маҷаллаҳо, асарҳои илмӣ, осори бадеӣ, қарору ҳуҷҷатҳои байналхалқӣ ба табъ мерасанд. Баъзе асарҳои Вергилий У., Шекспир, Гёте, А.С.Пушкин, В.В.Маяковский ва дигарон тарҷума шудаанд.

Этимология (аз юн. e□tymon – маънои аслии калима ва логия), як соҳаи забоншиносӣ, ки таърихи пайдоиши калимаҳо, сохти мабдаӣ, ваҷҳи тасмия ва робитаи маъноии онҳоро меомӯзад. Ин истилоҳро файласуфони давраи антиқа тақрибан 2 ҳазор сол пеш ҷорӣ намудаанд. Этимология тавассути методи муқоисавӣ-таърихӣ алоқаҳои морфемаҳо ва калимаҳоро

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

муайян менамояд. Маънои дигари ин истилоҳ натиҷаи тадқиқот оид ба таърихи пайдоиши калима мебошад.Масалан, муайян кардани алоқаи калимаҳои бохтан ва бозидан, равзани тоҷикӣ ва ručok-и яғнобӣ алоқаи калима ва морфемаҳои **пи, пиҳ** (шир, равған, ғизо,озуқа) ва калимаҳои **пистон, пиёба, фарбеҳ**. Дар тадқиқоти этимологӣ (решашиносӣ) тағйироти фонетикӣ ва морфологии калимаҳо ба назар гирифта мешаванд. Ба воситаи этимология баромади решаи калимаҳоро муайян мекунанд. Масалан, калимаи **таппак, тапидан, тафта, тафсон, таб, това ва типить**-и русӣ аз як решаанд.

Этимон (юн. etymon) – нахустмаъно ва шакли калима. Муайян кардани этимон ҳадафи асосии таҳқиқи тимологист. Аз байн рафтани нахустмаъно натиҷаи деэтимологизатсия мебошад. Дар ин маврид шакл ё маънои аввалаи калима ба эътибор гирифта мешавад.

Этнонимика (юн. etnos – қабила, халқ + onoma – ном, исм).Як бахши вожашиносӣ, ки номи қавму қабилаҳо ва халқҳоро меомӯзад.

Этнолингвистика (аз юн. e□tnos – халқ, қабила ва лингвистика) – яке аз ҷараёнҳои забоншиносӣ, ки забон ва робитаи онро бо фарҳанг, омилҳои забонӣ, этнофарҳангӣ ва этнопсихологӣ таҳқиқ мекунад. Ба таъбири дигар, этнолингвистика ҳамчун як соҳаи гуногунҷабҳа тавассути методҳои забоншиносӣ фарҳанг, психология, мифология ва урфу одатҳои қавму халқҳои гуногунро меомӯзад. Этнолингвистика ҳамчун якравияи мустақил дар заминаи этнография дар ҳудуди асрҳои19-20 ба вуҷуд омад ва дар забоншиносии америкоӣ бо тақозои омӯзиши қавмҳои ҳиндӣ инкишоф ёфт.

Экстралингвистика. Як соҳаи забоншиносист, ки забонро ба сифати падидаи иҷтимоӣ баррасӣ менамояд ва ба сотсиолингвистика ва менталингвистика тақсим мешавад. Менталингвистика робитаи байни забон ва тафаккур, масоили назарияи маъноҳои забон, созмони онҳо, алоқаи забонро бо нутқ тадқиқ мекунад. Сотсиолингвистика вазоифи иҷтимоии забонро мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Эъроб. Категорияи грамматикии илм, ки муносибати предметро, ки исм номи он аст, ба предмет, амал ва аломатҳои дигар нишон медиҳад. Ин категория ба исм ва дар баъзе забонҳо ба сифат ҳам мансуб аст. Ин категория дар забонҳои семитӣ, туркӣ ва баъзе забонҳои ҳиндуаврупоӣ ба назар мерасад. Эъроб бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла флексияҳо (русӣ: дом, дома, дому, домом, доме; арабӣ: фаллаҳан (деҳқон), фаллаҳин, фаллаҳан), пешояндҳо ифода мешавад. Забонҳои гуногун бо миқдор ва номгӯи эъробҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, дар забони англисӣ – ду эъроб, арабӣ – се эъроб, русӣ – шаш эъроб, японӣ – ёздаҳ эъроб мавҷуд аст.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Я

Яккаратӣ. Маънои грамматикии феъл, ки ба воқеъшудан ё нашудани амал вобаста аст. Асоси замони гузаштаи феъл (**гуфт, рафт, хонд**) ҳамеша як бор воқеъ шудани амалро мефаҳмонад. Чунин тарзи ифода вобаста ба матн аст. Пешванди шаклсози **ме-** бисёркаратии амалро ифода мекунад. Аммо истифодаи калимаҳои ҷудогона онро то андозае маҳдуд мекунад: Ин тавр ҳолат дар Ойими Шаҳ нахустин бор рӯй медод (Ҷ.И.). Дар ифодаи яккаратии феъл пешванди шаклсози би- низ ёрӣ мерасонад. Пешванди **би-** ба шакли замони гузаштаи наздики сиғаи хабарӣ (бирафт, бихонд) ҳамроҳ шуда, ба анҷом расидан ва яккаратии амалро таъкид мекунад. Мард ҷои хоби Ёдгорро муайян карда, худ ба пеши зан ва духтараш омада бихобид (С.А.).

Якмаъноӣ. Танҳояк маънои муайяну мушаххасро ифода намудани калима. Бештарини истилоҳоти соҳаҳои гуногун як маъно доранд: садонок, ҳамсадо, ҳиҷо, фонема, муколама, морфология, синтаксис.

Якҳиҷоӣ. Калимаҳое, ки танҳо аз як ҳиҷо иборатанд. Дар забони тоҷикӣ теъдоди ҳиҷоҳои калима ба миқдори садонокҳо вобаста аст: асп, дил, пеш; дусад, дирӯз, хона; хонагӣ, соягӣ, гулистон. Қолабҳои калимаҳои якҳиҷоӣ инҳоянд: V (ӯ), CV (ду, ба), CVC (сад, дур, гул), VCC (орд, ишқ, абр), CVCC (даст, гуфт, хонд).

Якҷоя ё пайвастнависӣ. Мутобиқи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ калимаҳои сохта (ҳамдигар, гулистон, корзор, нохост) ва мураккаб (падарарӯс, дусад, хонадомод, забоншинос) пайваст навишта мешаванд. Ихтисораҳо (СММ – Созмони Милали Муттаҳид), ДМТ (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ё калимаҳои кӯтоҳкардашударо якҷоя навишта (комиҷроия) мешаванд.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Ихтисораҳои номи ашхос ва мафҳумҳои ҷудогона

А.Д. – Абдусалом Деҳотӣ
А.С. - Абдулҳамид Самадов
Л.Ш. – Лоиқ Шералӣ
Ҳ.К. – Ҳаким Карим
М.Т. – Мирзо Турсунзода
Р.Ҷ. - Раҳим Ҷалил
Ҷ.О. – Ҷумъа Одина
С.У. – Сотим Улуғзода
Ф.М. – Фазлиддин Муҳаммадиев
Ҷ.И. – Ҷалол Икромӣ
Ф.А. - Файзулло Ансорӣ
А.Л. - Абулқосим Лоҳутӣ
М.Ҳ. - Маҳрами Ҳиротӣ.
А.С. – Абдуқодирхоҷаи Савдо
Ю.А. – Юсуф Акобиров
Ф.Н. – Фотеҳ Ниёзӣ
У.К. - Урун Кӯҳзод
Ҳ.И. – Ҳасан Ирфон
П.Т. – Пӯлод Толис
Б.Ф. – Баҳром Фирӯз
С.Т. – Саттор Турсун
А.Ш. – Аминҷон Шукӯҳӣ

англ. – англисӣ
ар. – арабӣ
лот. – лотинӣ
рус. – русӣ
тур. – туркӣ
юн. – юнонӣ

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

Фехристи адабиёт

1. Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов. – М.: Советская энциклопедия, 1966.
2. Бердиева Т. Моделҳои истилоҳсозии забони тоҷикӣ// Мактаби советӣ. – 1980. - №11.- С.22-24.
3. Вахек И. Лингвистический словарь Пражской школы. – М., 1964.
4. Ғаффоров Р. Вазъи кунунии истилоҳоти забоншиносии тоҷик ва луҷуми такмили он// Ахбори АФ ССС Тоҷикистон серияи шарқшиносӣ, таърих, филология, 1992, №4 (24). – С. 16-21.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик: Дар 3 ҷилд.- Душанбе. 1985-1986.- Ҷилди 1. – 356 с.; Ҷ. 2. - 371с.; Ҷ. 3. – 324 с.
6. Жирков Л.И. Лингвистический словарь. - М., 1946.
7. Забони адабии ҳозираи тоҷик (Дар зери таҳрири Б. Ниёзмухаммадов), - Душанбе: Ирфон, 1973.-қ. 1,- 450с.
8. Забони адабии ҳозираи тоҷик қисми 1. Лексиология, фонетика ва морфология.- Душанбе: Ирфон,1987.-236с.
9. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. Дар зери таҳрири Ш. Рустамов.- Душанбе,1985.
10. Калонтаров Я.И. Капранов В.А. Луғати мухтасари русӣ-тоҷикӣ ва тоҷики-русии терминҳои забоншиносӣ.-Душанбе,1974. - 95 с.
11. Камолидиинов Б. Мушкилоти истилох// Дах соли конуни забон. – Душанбе: Ирфон, 1999. – С. 62 – 65.
12. Қосимова М.Н. Истилоҳоти қадимаи тоҷикӣ (маълумоти мухтасар). – Душанбе: Сино, 2007. – 172 с.
13. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик.-Душанбе,2003.-490 с.
14. Қурғонов З. Забоншиносии тоҷик (Фехристи мухтасари осори забоншиносии батабърасида).- Хуҷанд: Нури маърифат, 2004.
15. Қутбнамоёни илмии забоншиносӣ.-Хуҷанд: Нури маърифат, 2001.
16. Лингвистический энциклопедический словарь. - М., 1990.
17. Марузо Ж. Словарь лингвистических терминов. – М., 1960.
18. Мирзозода Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ. - Душанбе: Маориф, 1992. – 240 с.
19. Назарзода С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гаройиш ва дурнамо. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. - 371 с.
20. Нечаев Г.А. Краткий лингвистический словарь. – Ростов, 1976.
21. Норматов М., Абдураҳмонова М. Шасти камолот. –Душанбе: Матбуот, 2009.
22. Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик.-Душанбе, 1979.-180с.
23. Ҳодизода Р., Шукуров Т., Абдуҷабборов. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ. - Душанбе: Ирфон, 1966.
24. Ҳусейнов Х., Шукурова К. Луғати терминҳои забоншносӣ. – Душанбе: Маориф, 1983. – 255 с.

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.

25. Раҳматова С. Библиографияи забоншиносии тоҷик (солҳои 1861-1885). - Душанбе, 2003.- 623 саҳ.
26. Расторгуева В.С. Изучение таджикского языка за 50 лет. – М., 1962. - 117 с.
27. Розенталь Д.Э., Теленкова М.А. Справочник лингвистических терминов. – М., 1976.
28. Рустамов Ш. Терминсозӣ кори саҳл нест//Забон ва замон. – Душанбе: Ирфон, 1981. – С. 126 – 134.
29. Султон Мирзо Ҳасан. Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ. - Душанбе, 2008. – 334 с.
30. Хоҷаев Д. Ташаккул ва таҳаввули илми забоншиносии форсу тоҷик дар асрҳои миёна.- Душанбе, 1998.-152 с.
31. Хоҷаев Д. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва афкори забоншиносии ӯ.- Душанбе 2004.-112с.
32. Шамбезода Х. Краткий словарь-справочник лингвистических терминов. – Душанбе, 1989.
33. Шукуров М. Истилохот ва маданияти сухан//Забони мо хастии мост. – Душанбе: Маориф, 1991. – С. 199 – 218.
34. Шукуров М. Назарее ба таҳаввули принсипҳои истилоҳотии тоҷикӣ// Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон. Серияи шарқшиноси, таърих, филология. 1991-№1. -С. 3-10.
35. Энсиклопедияи советии тоҷик дар 8 ҷилд. – Душанбе, 1981.

28.03.2017

Дар мавриди истифодаи маводи фарҳанг ба манбаъ ишора шавад.